
НАЗАРИЯИ
ИҚТИСОДӢ
Равшанфикр
Отоҳӣ Озодӣ Ободӣ
www.ravshanfikr.tj
Конспекти лексияҳо

## Мундариҷа

ҚИСМИ I. МУҚАДДИМАИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ ....................................................10
МАВЗӮИ 1. ПАЙДОИШ ВА МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ. ....................................................................................................................11
1.1. ИНКИШОФИ АФКОРИ ИҚТИСОДӢ ТО МЕРКАНТИЛИЗМ ...............................11
1.2. САҲМИ МЕРКАНТИЛИСТОН ВА ФИЗИОКРАТҲО БА ИЛМИ ИҚТИСОДӢ....13
1.3. ИҚТИСОДИ СИЁСИИ КЛАССИКӢ .........................................................................18
1.4. ТАЪЛИМОТИ ИҚТИСОДИИ К.МАРКС...................................................................23
1.5. НАЗАРИЯҲОИ ИҚТИСОДИИ МУОСИР...................................................................25
МАВЗӮИ 2. МАЗМУН ВА УСУЛҲОИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ .................................33
2.1. ТАҲАВВУЛИ АФКОРҲО ОИД БА МАЗМУНИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ ...........34
2.2. МАЪНИДОДКУНИИ МУОСИРИ МАЗМУНИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ...........37
2.3. ВАЗИФАҲОИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДИИ МУОСИР. ..............................................38
2.4. УСУЛҲОИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ..........................................................................40
2.5. НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ ДАР НИЗОМИ ИЛМҲО. ..................................................43
ҚИСМИ II. ИҚТИСОДИ СИЁСӢ.........................................................................................47
МАВЗӮИ 3. МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ ИҚТИСОДИ СИЁСӢ. ....................................48
3.1. ҚОНУНҲО ВА КАТЕГОРИЯҲОИ ИНКИШОФИ ҶАМЪИЯТ .................................48
3.2. ТАҚСИМОТИ ҶАМЪИЯТИИ МЕҲНАТ – САРЧАШМАИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДӢ ..........................................................................................................................51
3.3. МАНФИАТҲОИ ИҚТИСОДӢ – ҚУВВАИ АСОСИИ ҲАРАКАТДИҲАНДАИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДИЁТ. .................................................................................................56
3.4. ИНСОН ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ. .........................................................60
3.5. МОЛИКИЯТ ВА МОДЕЛҲОИ ТАШКИЛИИ НИЗОМҲОИ ИҚТИСОДӢ. ............66
МАВЗӮИ 4. ИСТЕҲСОЛОТИ ҶАМЪИЯТӢ – АСОСИ ИНКИШОФИ ҶАМЪИЯТ. ....76
4.1. ИСТЕҲСОЛОТ ҲАМЧУН ҶАРАЁНИ МЕҲНАТИ ҶАМЪИЯТӢ. УНСУРҲОИ ОДДИИ ҶАРАЁНИ МЕҲНАТ.........................................................................................................77
4.2. ҚУВВАҲОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДА ВА МУНОСИБАТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ..........79
4.3. МУАММОИ МАҲДУДИЯТИ ЗАХИРАҲО ВА НОМАҲДУДИИ ЭҲТИЁҶОТҲО..81
4.4. ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ ........................................................................................83
4.5. МУАММОҲОИ КОМБИНАТСИЯҲО, ИВАЗШАВӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ. ......................................................................86
4.6. ҚОНУНИ КАМШАВАНДАИ ҲОСИЛНОКИИ (БОЗДЕҲИ) ИНТИҲОӢ ВА АФЗОИШИ ХАРОҶОТИ ИЛОВАГӢ.................................................................................90
4.7. МАҲСУЛИ ИСТЕҲСОЛОТ. ..........................................................................................91
МАВЗӮИ 5. ПОЙДОРШАВӢ ВА МОҲИЯТИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ. НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДИИ МОЛ, АРЗИШ ВА НАРХ. .................................................................................93

5.1. ШАРОИТҲОИ ПАЙДОИШ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ. НАҚШИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ ДАР ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИИ ҶАМЪИЯТ. ....93

5.2. ТАВСИФИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ....94

5.3. МОЛ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН....96

5.4. НАЗАРИЯҲОИ АРЗИШ, ФОИДАНОКӢ ВА ҚИМАТ....98

5.5. ИНКИШОФИ ШАКЛҲОИ АРЗИШ ВА ПАЙДОИШИ ПУЛ. ....103

МАВЗӮИ 6. МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ. МОҲИЯТ, ВАЗИФАҲО ВА СОХТОРИ БОЗОР. ....107

6.1. МУНОСИАТҲОИ БОЗОРӢ. ТАҲАВВУЛИ АФКОРҲО ОИД БА БОЗОР. ....108

6.2. СОХТОРИ БОЗОР. ВАЗИФАҲО ВА НАҚШИ БОЗОР ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ ҶАМЪИЯТӢ....114

6.3. ИНФРАСОХТОРИ БОЗОР. ....117

6.4. СУБЪЕКТОНИ АСОСИИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ....120

6.5. МОДЕЛҲОИ ИҚТИСОДӢ БОЗОРӢ. ....122

МАВЗӮИ 7. РАҚОБАТ ВА БОЗОР. ....126

7.1. МОҲИЯТИ РАҚОБАТ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ ИҚТИСОДӢ. ....126

7.2. ВАЗИФАҲОИ РАҚОБАТ....129

7.3. НАМУДҲОИ РАҚОБАТ. ....132

7.4. РАҚОБАТИ ДОХИЛИСОҲАВӢ ВА БАЙНИСОҲАВӢ....139

МАВЗӮИ 8. МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛКУНАНДАИ БОЗОР....142

8.1. МЕХАНИЗМИ БОЗОРӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА УНСУРҲОИ ҲАМКОРИИ ОНҲО. ....142

8.2. ТАЛАБОТ – УНСУРИ МЕХАНИЗМИ БОЗОРӢ....145

8.3. ПЕШНИҲОД – УНСУРИ МЕХАНИЗМИ БОЗОРӢ. ....155

8.4. НАРХИ МУВОЗИНАТӢ ВА МУВОЗИНАТИИ ҲАҶМИ ТАЛАБОТ ВА ПЕШНИҲОД. ....159

ҚИСМИ III. НАЗАРИЯИ МИКРОИҚТИСОД ....173

МАВЗӮИ 9. НАЗАРИЯИ РАФТОРИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА. ....174

9.1. МАРЖИНАЛИЗМ ВА НАЗАРИЯИ РАФТОРИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА. ....175

9.2. КАРДИНАЛИЗМ: ФОИДАНОКИИ ИНТИҲОИИ НЕЪМАТҲО ВА МУВОЗИНАТИИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА. ....177

9.3. ОРДИНАЛИЗМ: КАТЕГОРИЯИ АФЗАЛИЯТҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА.....183

МАВЗӮИ 10. БОЗОРИ ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ....189

10.1. МУАММОҲОИ УМУМИИ ТАЛАБОТ БА ЗАХИРАҲОИ ИҚТИСОДӢ. ....189

10.2. БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА МУЗДИ МЕҲНАТ....192

10.3. БОЗОРИ КАПИТАЛ ВА ФОИЗ. ....206

10.4. БОЗОРИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ВА РЕНТАИ ЗАМИН. ....225

МАВЗӮИ 11. СОҲИБКОРӢ ВА ФОИДА.....233
11.1. МОҲИЯТ ВА ШАКЛҲОИ СОҲИБКОРӢ.....233
11.2. ТАЪСИСЁБИИ КАПИТАЛИ СОҲИБКОРӢ ВА ГАРДИШИ ОН.....237
11.3. ФОИДА ВА ВАЗИФАҲОИ ОН.....240
11.4. ФОИДАИ МУҚАРРАРӢ ВА ИҚТИСОДӢ.....243
11.5. САРЧАШМАҲОИ ФОИДАИ ИҚТИСОДӢ.....244
МАВЗӮИ 12. ХАРОҶОТИ ИСТЕҲСОЛОТ, МОҲИЯТ ВА СОХТОРИ ОН.....248
12.1. ТАБИАТИ ХАРОҶОТ: МУҲОСИБОТӢ, АЛТЕРНАТИВӢ, АЙЁН ВА НОАЙЁН, ХАРОҶОТҲОИ ИҚТИСОДӢ.....249
12.2. ХАРОҶОТ ДАР ДАВРАИ КӮТОҲМУДДАТ.....255
12.3. ХАРОҶОТ ДАР ДАВРАИ ДАРОЗМУДДАТ.....262
12.4. НАЗАРИЯИ ХАРОҶОТ.....264
МАВЗӮИ 13. ФИРМА ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ.....267
13.1. ТАБИАТИ ФИРМА.....268
13.2. РАФТОРИ ФИРМА ДАР ШАРОИТИ РАҚОБАТИ МУКАММАЛ.....275
13.3. ФИРМА ДАР ШАРОИТИ РАҚОБАТИ НОМУКАММАЛ.....280
ҚИСМИ IV. НАЗАРИЯИ МАКРОИҚТИСОД.....291
МАВЗӮИ 14. НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ МАКРОИҚТИСОДӢ. НИЗОМИ ҲИСОБГИРИИ МИЛЛӢ (НҲМ).....292
14.1. МАФҲУМИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛОТИ ҶАМЪИЯТӢ.....292
14.2. ГИРДГАРДИШИ МАҲСУЛОТ, ДАРОМАДҲО ВА ХАРОҶОТҲО ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ.....299
14.3. НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА УСУЛҲОИ ҲИСОБ НАМУДАНИ ОНҲО.....305
14.4. МУД – НИШОНДИҲАНДАИ МАРКАЗИИ НҲМ.....311
МАВЗӮИ 15. МАҶМӮИ ТАЛАБОТ ВА МАҶМӮИ ПЕШНИҲОД.....323
15.1. МАҶМӮИ ТАЛАБОТ ВА ОМИЛҲОИ ОН.....323
15.2. МАҶМӮИ ПЕШНИҲОД ДАР МОДЕЛҲОИ КЛАССИКӢ ВА КЕЙНСӢ.....334
15.3. МАҶМӮИ ПЕШНИҲОД ДАР ДАВРАҲОИ КӮТОҲМУДДАТ ВА ДАРОЗМУДДАТ.....340
15.4. ШОКҲОИ МАҶМӮИ ТАЛАБОТ ВА МАҶМӮИ ПЕШНИҲОД.....344
МАВЗӮИ 16. ИСТЕЪМОЛОТ, ПАСАНДОЗ, ИНВЕСТИТСИЯҲО ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ҲАҶМИ МУД.....347
16.1. ИСТЕЪМОЛОТ ҲАМЧУН ҚИСМИ ТАРКИБИИ МАҶМӮИ ХАРОҶОТҲО.....347
16.2. ПАСАНДОЗҲО ҲАМЧУН ҚИСМИ ТАРКИБИИ ДАРОМАДҲО.....349
16.3. ИНВЕСТИТСИЯҲО ҲАМЧУН ҚИСМИ ТАРКИБИИ МАҶМӮИ ХАРОҶОТҲО.350
МАВЗӮИ 17. МУВОЗИНАТИИ МАКРОИҚТИСОДӢ.....353
17.1. МОҲИЯТИ МУВОЗИНАТИИ УМУМИИ МАКРОИҚТИСОДӢ.....354

17.2. МУВОЗИНАТИИ МАКРОИҚТИСОДӢ ДАР МОДЕЛИ AD – AS........................362
17.3. ТАҲЛИЛИ ИСТЕЪМОЛОТ, ПАСАНДОЗҲО ВА ИНВЕСТИТСИЯҲО. ..............365
17.4. НАЗАРИЯИ МУЛТИПЛИКАТОР..........................................................................372
17.5. МУВОЗИНАТИИ МАКРОИҚТИСОДӢ ДАР МОДЕЛИ IS – LM. .......................379
МАВЗӮИ 18. РУШДИ ИҚТИСОДӢ .........................................................................382
18.1. РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ ОН. .....................................382
18.2. ОМИЛҲО ВА НАМУДҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ, АҲАМИЯТ ВА ХАРОҶОТҲОИ ОН. ..........................................................................................................386
18.3. НАЗАРИЯҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ. .................................................................398
18.4. СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДӢ.....................................................409
МАВЗӮИ 19. ТАРАҚҚИЁТИ СИКЛИИ ИҚТИСОДИЁТ .........................................412
19.1. МОҲИЯТ ВА САБАБҲОИ СИКЛИ ИҚТИСОДӢ.....................................................413
19.2. ДАВРАҲОИ СИКЛИ ИҚТИСОДӢ. .......................................................................417
19.3. ШАКЛҲОИ АСОСИИ БӮҲРОНҲО. .......................................................................422
МАВЗӮИ 20. ШУҒЛ ВА БЕКОРӢ. НАЗАРИЯИ КАПИТАЛИ ИНСОНӢ....................423
20.1. АҲОЛИИ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ ВА ҚУВВАИ КОРӢ. ...............................................424
20.2. НАЗАРИЯҲОИ БЕКОРӢ.........................................................................................427
20.3. МАФҲУМ, НИШОНДИҲАНДАҲО ВА ШАКЛҲОИ БЕКОРӢ..............................430
20.4. ОҚИБАТҲОИ БЕКОРӢ.............................................................................................435
20.5. СИЁСАТИ ДАВЛАТӣ ДАР СОҲАИ ШУҒЛ. .............................................................439
20.6. НАЗАРИЯИ КАПИТАЛИ ИНСОНӢ. .......................................................................441
МАВЗӮИ 21. СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ ......................................................443
21.1. СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ: САРЧАШМАҲОИ ТАЪСИСЁБӢ.........................................443
21.2. КОНСЕПСИЯИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ ВА УНСУРҲОИ ТАРКИБИИ ОН. ..........................................................................................................447
21.3. НИЗОМИ МАҚСАДҲОИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ. ...................................................448
21.4. СИЁСАТИ ВАЗЪИЯТИИ ДАВЛАТ. ............................................................................452
МАВЗӮИ 22. НИЗОМИ ПУЛИЮ – ҚАРЗӢ ...................................................................456
22.1. КОНСЕПСИЯҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ – ҚАРЗӢ.........................................456
22.2. МАССАИ ПУЛӢ ВА УНСУРҲОИ (АГРЕГАТҲОИ) ПУЛӢ. ...........................................460
22.3. ПЕШНИҲОДИ ПУЛҲО ВА ТАЛАБОТ БА ПУЛҲО. ......................................................461
22.4. БОЗОРИ ПУЛӢ ВА МУВОЗИНАТИИ ОН.......................................................................463
22.5. ҚАРЗ: ЗАРУРИЯТ, МОҲИЯТ ВА ШАКЛҲО. ...................................................................465
22.6. НИЗОМИ БОНКӢ ВА СОХТОРИ ОН. ...........................................................................467
22.7. ФИШАНГҲОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ – ҚАРЗӢ...................................................................473
МАВЗӮИ 23. БОЗОРИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК .........................................................481
23.1. МОҲИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ БОЗОРИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК. ..............................481

23.2. ТАВСИФИ УМУМИИ НАМУДҲОИ АСОСИИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК........485
23.3. ТАНЗИМИ БОЗОРИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК.....................................................489
МАВЗӮИ 24. ТАВАРРУМ ВА ТАНЗИМИ ТАВАРРУМӢ.................................................490
24.1. ТАВАРРУМ ҲАМЧУН ОМИЛ ВА МОНЕАИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДӢ.......490
24.2. ШАКЛҲОИ ЗОҲИРГАРДӢ ВА САРЧАШМАҲОИ ТАВАРРУМ. .........................493
24.3. НИШОНДОДҲО ВА НАМУДҲОИ ТАВАРРУМ.....................................................496
24.4. ОҚИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ – ИҚТИСОДИИ ТАВАРРУМ. .......................................502
24.5. КАҶХАТТАИ ФИЛЛИПС ВА СТАГФЛЯТСИЯ. ......................................................506
24.6. СИЁСАТИ СИДДИТАВАРРУМӢ. ..........................................................................507
МАВЗӮИ 25. НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ВА ТАНЗИМИ МОЛИЯВӢ .................................509
25.1. НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН АСОСИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ. ....................510
25.2. БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ВА ФОНДҲОИ ҒАЙРИБУҶЕТӢ. ..........................................512
25.3. ДАРОМАДҲО ВА ХАРОҶОТҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ......................................516
25.4. КАСРАТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАРЗҲОИ МОЛИЯГУЗОРИИ ОН. .............518
25.5. ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ, НАМУДҲОИ ОН ВА ОҚИБАТҲО. .........................................521
25.6. АНДОЗҲО ҲАМЧУН БАЗАИ ИҚТИСОДӢ ВА ФИШАНГИ СИЁСАТИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТ. ..........................................................................................................524
25.7. СИЁСАТИ ФИСКАЛИИ ДАВЛАТ. ..........................................................................531
МАВЗӮИ 26. ДАРОМАДИ УМУМИИ АҲОЛӢ ВА СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ538
26.1. МАФҲУМ, НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ.............................538
26.2. ТАҚСИМОТИ ДАРОМАДҲО ВА ҲИСОБ НАМУДАНИ ДАРАҶАИ НОБАРОБАРИИ ОНҲО. ..........................................................................................................542
26.3. МУАММОҲОИ КАМБИЗОАТӢ ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОН..545
26.4. СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ. .................................546
МАВЗӮИ 27. СИЁСАТИ МАКРОИҚТИСОДӢ: МУНОСИБАТҲОИ АЛТЕРНАТИВӢ.548
27.1. МОДЕЛҲОИ КЕЙНСӢ ВА НЕОКЛАССИКИ МУВОЗИНАТИИ УМУМИИ ИҚТИСОДӢ (МУИ). ..........................................................................................................549
27.2. БАҲОДИҲИИ НАҚШИ ПУЛҲО ДАР МОДЕЛҲОИ НЕОКЛАССИКӢ ВА КЕЙНСӢ..........................................................................................................553
27.3. СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ФАЪОЛ ВА ҒАЙРИФАЪОЛ ДАР МОДЕЛҲОИ АЛТЕРНАТИВИИ МУВОЗИНАТИИ УМУМИИ ИҚТИСОДӢ. ...................................557
27.4. КЕЙНСЧИЁН ВА НЕОКЛАССИКОН ОИД БА АФЗАЛИЯТҲО ВА НАТИҶАҲОИ СИЁСАТИ АНДОЗӢ–БУҶЕТӢ ВА ПУЛИЮ ҚАРЗӢ. .........................558
27.5. КЕЙНСЧИЁН ВА НЕОКЛАССИКОН ОИД БА МУАММОҲОИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ДИСКРЕТСИОНӢ ВА АВТОМАТӢ.........................................................559
27.6. ОМЕЗИШИ (СИНТЕЗИ) НЕОКЛАССИКӢ. ...........................................................560
27.7. НАЗАРИЯИ ИНТИЗОРИҲОИ ОҚИЛОНА. МАКРОИҚТИСОДИ НАВИ КЛАССИКӢ (КЛАССИКОНИ НАВ).....................................................................................562

27.8. НАЗАРИЯИ СИКЛИ ИҚТИСОДИИ АСЛӢ. ..........................................................564
27.9. НАЗАРИЯИ НАВИ КЕЙНСӢ..........................................................................565
ҚИСМИ V. НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ.......................................568
МАВЗӮИ 28. НАЗАРИЯИ САВДОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ..................................................569
28.1. ХОҶАГИИ ҶАҲОНӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ.569
28.2. НАЗАРИЯҲОИ САВДОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ. ..........................................................574
28.3. НАЗАРИЯҲОИ МУОСИРИ САВДОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ. ....................................578
МАВЗӮИ 29. НИЗОМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ АСЪОРӢ – МОЛИЯВӢ. ..........................584
29.1. МАФҲУМИ НИЗОМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ АСЪОРӢ – МОЛИЯВӢ ВА УНСУРҲОИ ОН. ..........................................................................................................584
29.2. НИЗОМИ АСЪОРИИ ҶАҲОНӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ ПОЙДОРШАВИИ ОН..585
29.3. БОЗОРИ АСЪОР. ...........................................................................................589
29.4. ҚУРБИ АСЪОР ВА МУВОЗИНАТИИ МАКРОИҚТИСОДӢ. ...............................592
МАВЗӮИ 30. ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ. ......................................................................595
30.1. СОХТОР ВА АЛОҚАМАНДИИ ҲИСОБҲОИ ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ. ..............596
30.2. КАСРАТИ ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ ВА ТАРЗҲОИ МОЛИЯГУЗОРИИ ОН. .......598
30.3. НАҚШИ МАКРОИҚТИСОДИИ ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ. ....................................600
РӮИХАТИ АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА (БО ЗАБОНИ АСЛӢ).......................603

## ПЕШГУФТОР

Бо баробари гузариш ба муносибатҳои бозорӣ шавқ ва диққати донишҷӯёни мактабҳои олиро ба омӯзиши фанҳои иқтисодӣ, махсусан ба назарияи иқтисодӣ зиёд шуд. Ба ғайр аз ин донишҷӯён кӯшиш менамоянд, ки на танҳо оид ба назарияи иқтисодӣ тасаввурот пайдо кунанд, балки дониши комилро аз ин фан пайдо кунанд. Зеро дарккунии асосҳои назарияи иқтисодӣ барои пурсамар азхуднамудани фанҳои махсуси иқтисодӣ кӯмак мерасонад.

Лекин аз сабаби дар каитобхонаҳои мактабҳои олии ҷумҳурӣ дастурҳои таълимӣ бо миқдори маҳдуд мавҷуданд, омӯзгорон маҷбуранд вақти зиёди машғулияти лексиониро барои конспектнависии донишҷӯён сарф намоянд. Чунин таҷрибаи ташкили омӯзи фан ҳаҷми донишҳои аз тарафи омӯзгор пешкаш мешударо маҳдуд мекунад. Аз ин лиҳоз омӯзгорон маҷбур мешаванд, ки маводҳои лексиониро то ҳадди имкон маҳдуд намояд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати ба донишҷӯён дастрас набудани дастурҳои таълимӣ аз назарияи иқтисодӣ имкониятҳои омӯзиши мустақилонаи ин фан аз тарафи донишҷӯён хеле маҳдуд мешавад. Бо вуҷуди ин гузариш ба низоми кредитии таълим кори мустақилонаи донишҷӯёнро ба зиннаи нав мебардорад.

Вобаста аз гуфтаҳои боло ва инчуни хулосабарории таҷрибаи чандинсолаи дарсдиҳии фанни назарияи иқтисодӣ дар факултети иқтисодии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, мо ба хулоса омадем, ки дар шароитҳои мавҷудбуда барои хаматарафа ворид намудани донишҷӯён ба ҷараёни таълими фанни назарияи иқтисодӣ, хуб мешуд, ки агар маводҳои лексионие, асосҳои назарияи иқтисодиро кушода медиҳанд, пешаки ба донишҷӯён дастрас бошанд.

Боварӣ дорем, ки истифодабарии таҷрибаи номбаршудаи ташкили ҷараёни таълим аз фанни назарияи иқтисодӣ ба беҳтар намудани малакаи омӯзгории устодон ва самаранок истифодабарии вақти лексионӣ барои ҳаматарава азхуд намудани муаммоҳои назариявӣ ва амалии иқтисодӣ мусоидат менамояд. Бо назардошти ҳамаи ин гуфтаҳо, мо кӯшиш намудем, ки конспекти лексияҳоро аз назарияи иқтисодӣ мувофиқи барномаи омӯзиши ин фан дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тартиб диҳем.

Конспекти лексияҳои мазкур маводи пуррашуда ва коркардшуда мебошад, ки тартиб додани он бо зиёдшавии миқдори соатҳои дасрҳои лексиони ва машғӯлиятҳои семенирайӣ аз фанни назарияи иқтисодӣ, зарурияти ҳолатҳои асосии китобҳои дарсӣ оид ба муаммоҳои илми иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин сохтори конспект аз бисёр ҷиҳатҳо мукаммал гардидааст.

Тартиб додани конспекти мазкур мисли варианти пештара бо шарофати декани факултети иқтисодӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент М.Н.Тошматов ва дастгирии ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, аъзо – корреспонденти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор А.Х.Катаев.

Ба тартибдиҳандаи конспект барои тайёр намудани варианти компютерии он муовини декани факултети иқтисодии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон А.С. Ҷафаров кӯмак расонид.

**Р.К. Раҳимов**

# ҚИСМИ I. МУҚАДДИМАИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ

Мавзӯи 1. Пайдоиш ва марҳилаҳои асосии инкишофи назарияи иқтисодӣ.
Мавзӯи 2. Мазмун ва усулҳои назарияи иқтисодӣ.

# МАВЗӮИ 1. ПАЙДОИШ ВА МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ.

*1.1. Инкишофи афкори иқтисодӣ то меркантилизм.*
*1.2. Саҳми меркантилистон ва физиократҳо дар инкишофи имлӣ иқтисодӣ.*
*1.3. Иқтисоди сиёсии классикӣ.*
*1.4. Таълимоти иқтисодии К.Маркс.*
*1.5. Назарияҳои иқтисодии муосир.*

## 1.1. ИНКИШОФИ АФКОРИ ИҚТИСОДӢ ТО МЕРКАНТИЛИЗМ

Ҳар як илм дар натиҷаи кӯшиши одамон оид ба ҳал намудани масъалаҳои муайяни ба табиат, ҷамъият ва баҳамтаъсиррасонии онҳо таалуқ дошта пайдо мешавад. Ҳамаи ин гуфтаҳо ба пуррагӣ ба комплекси илмҳои иқтисодӣ мансубанд.

Аз давраҳои қадим одамон кӯшиш мекарданд, ки аз чӣ вобаста будани инкишофи ҷамъияти инсонӣ ва бо кадом қонунҳо вобаста будани тараққиёти иқтисодиётро дарк намоянд. Бинобар ҳамин мулоҳизаҳо оид ба ҳаёти иқтисодӣ қонунҳои тараққиёти иқтисодиётро аз лаҳзаи пайдошавиашон ҳамроҳи мекарданд.

Барои омӯзиши назарияи иқтисодӣ генезиси онро, яъне пайдоиш, ҷараёни ташаккулёбӣ ва пойдоршавӣ онро ҳамчун илм дарк намудан зарур аст.

Сарчашмаҳои илми иқтисодиро мо дар таълимотҳои мутафаккирони дунёи қадим, пеш аз ҳама дар таълимотҳои мутафаккирони Шарқи Қадим, ки гаҳвораи тамаддуни ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд, дарёфт карда метавонем.

Дар «Қонунҳои Ману» - и Ҳиндустони қадим (асрҳои IV-III то мелодӣ) оид ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, муносибати ҳукмронӣ ва тобеият қайд карда шудааст. Дар асарҳои илмии мутафаккирони Хитои Қадим, махсусан дар асарҳои Конфутсий (солҳои 551-479 то мелодӣ) оид ба фарқияти меҳнати ҷисмонӣ ва фикрӣ гуфта шуда буд. Ба фикри онҳо меҳнати фикрӣ танҳо ба табақахои болоии чамъият таалуқ дошта, меҳнати ҷисмонӣ

бошад ба одамони оддӣ, ки миқдори зиёди онҳоро ғуломон ташкил мекарданд мансубият дошт. Аҷибаш он ки дар ҳамон давра масалан, дар асарҳои файласуфи хитоӣ Сюн Тси (асри III то мелодӣ) ақидае вуҷуд дошт, ки мувофиқи он ҳамаи одамон аз тавлидёбӣ баробаранд, бинобар ҳамин боигарии ғуншударо бояд ҳама истифода баранд ва одамони оддӣ низ бояд ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ ба замин дошта бошанд.

Инкишофи минбаъдаи илми иқтисодӣ дар Юнони Қадим ба вуҷуд омад. Афкорҳои мутафаккирони Юнони Қадим ба монанди Ксенофонт (солҳои 430-354 то мелодӣ), Афлотун (солҳои 427-347 то мелодӣ) ва Арастуро (солҳои 384-322 то мелодӣ) ҳамчун асосҳои ибтидоии назариявии илми иқтисодии муосир тавсиф кардан мумкин аст.

**Ксенофонт** асареро бо номи «Экономикс» навишта ба илми нав номгузорӣ намуд, ки бо воситаи он, ба ақидаи ӯ, одамон хоҷагии худро ғанигардонида метавонанд. Гуфтаҳои Ксенофонт дар давраҳои мо низ муҳимии худро гум накардаанд: «ҳеҷ кас он қадар пул надорад, ки хоҳиши зиёдтар доштани онро надошта бошад, лекин дастрас намудани дигар молҳо ҳудуди худро дорад»; «пулҳо арзиш надоранд, агар онро истифода бурда натавонӣ».

Қадами ҷиддиро дар инкишофи афкори иқтисодӣ Арасту амалӣ гардонид – донишҳои маълуми давраи худро ӯ ҷамъбаст намуда ба низом даровард ва ба пешравии онҳо мусоидат намуд. Мазмуни (предмети) тадқиқотро таҳлил намуда, Арасту иқтисодиёт ва хрематистикаро аз ҳам маҳдуд намуд. **Иқтисодиёт** – асоси хоҷагии муқаррарӣ буда, мақсади он таъсисдиҳии арзишҳои истеъмолии барои ҳаёти хоҷагиҳои хонавода ва давлат зарурбуда мебошад, яъне мақсад аниқ муайян карда шуд. **Хрематистика** бошад, ба ақидаи Арасту, ин санъати ғункунии боигарӣ бо воситаи савдо ва савдогарӣ мебошад. Дар ин ҷода «ҳеҷ гоҳ ҳудуди дастрасии мақсад вуҷуд надорад, худи мақсад бошад ин соҳиби бо пулҳо мебошад». Агар «иқтисодиёт сазовори таҳсин» бошад, хрематистика «аз рӯи адолат сарзаниш» мебошад. Арасту аввалин шуда категорияҳои алоҳидаи назарияи иқтисодиро ҷудо намуд, масъаларо оид ба муқоисашавии ҳама чизҳо, ки ба мубодила дучор мешаванд, гузошт; ду намуди фаъолиятро аз ҳам ҷудо

намуд: истеъмолот (фаъолияти фаъолнок) ва истеҳсолот (фаъолияти махсулнок); ақидаро оид ба фоиданокии неъматҳои хоҷагидорӣ (ҳамчун асоси арзиш), оид ба мубодилаи дурусти неъматҳои хоҷагидорӣ ҳамчун мубодилаи эквивалентҳо ва ғайраҳо баён намуд.

Давоми худро афкорҳои иқтисодии Юнони Қадим дар **ақидаҳои иқтисодии файласуфони Рими Қадим** дарётанд. Дар асосноккунии зарурияти ғуломдории онҳо ақидае ба назар мерасид, ки мувофиқи он сохти ғуломдорӣ ба интиҳои худ расида истодааст, бинобар ҳамин ғуломдорӣ ва ё меҳнати ғуломона бояд шаклҳои дигарро бигирад. Ҳамин тавр мутафаккирони Рими Қадим оид ба меъёрдарории меҳнати ғуломон, инчунин ба меъёрҳои мавсимии таъминоти моддӣ тавсияҳо пешкаш карда, ҳамчун тарафдорони водоркунии ҳалимона ба меҳнат баромад мекарданд.

Лекин, назарияи иқтисодӣ ҳачун илм дар давраи пойдоршавии капитализм, пайдошавии мануфакура, вусъатёбии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, васеъшавии бозорҳои дохилӣ ва беруна, шиддатёбии муомилоти пулӣ пайдо шуд. Ҳиссёти тадқиқодчиён ба ин ҷараёнҳои иқтисодӣ ба таъсисёбии равияи меркантилизм дар назарияи иқтисодӣ сабаб шуд.

## 1.2. САҲМИ МЕРКАНТИЛИСТОН ВА ФИЗИОКРАТҲО БА ИЛМИ ИҚТИСОДӢ

**Меркантилизм** – мактаби аввалини назарияи иқтисодӣ, ки дар давраи ибтидоии пойдоршавии капитализм дар Англия, Франсия, Италия ва дигар мамлакатҳо, ки дар онҳо савдои байналхалқӣ босуръат инкишоф ёфтааст, пайдо шудааст. Дар адабиёти иқтисодӣ дар инкишофи меркантилизм одатан ду марҳиларо ҷудо мекунанд – ибтидоӣ ва марҳилаи дуюм. Ҷиҳати асосии чунин ҷудо намудани меркантилизм, асосноккунии роҳҳои дастраскунии тавозуни савдои мусбӣ, яъне бақияи мусбӣ дар савдои беруна мебошад.

**Меркантилизми ибтидоӣ** то кашфиётҳои бузурги географӣ пайдо шуда, то миёнаи асри **XVI** давом ёфтааст. Дар

ин марҳила алоқаҳои байни мамлакатҳо наонқадар инкишоф ёфта, хусусияти лаҳзагӣ доштанд. Барои дастрас намудани бақияи мусбӣ дар савдои беруна, меркантилистони ибтидоӣ чунин чорабиниҳоро мақсаднок меҳисобиданд:

- ҷорӣ намудани нархҳои баланд ба молҳои содиротшаванда;
- воридоти молҳоро ҳаматарафа маҳдуд намудан;
- роҳ надодан ба барориши тилло ва нуқра аз мамлакат (бо тилло ва нуқра боигарии пулӣ монанд карда мешуд).

**Меркантлизми марҳилаи дуюм,** давраи аз ниммаи дуюми асри **XVI** то ниммаи дуюми асри **XVII** дар бар мегирад. Дар ин марҳила алоқаҳои савдоии байни мамлакатҳо инкишоф мeёбанд ва доимӣ мегарданд, ки бо ҳавасмандкунии инкишофи саноати миллӣ ва савдо аз тарафи давлат асоснок шуда буд. Барои дастрас намудани тавозуни мусбии савдо чунин чорабиниҳо пешкаш карда мешуд:

- забт намудани бозорҳои беруна ба туфайли молҳои арзон (яъне, бо нархҳои пасттар), инчунин аз нав фурӯхтани молҳои як мамлакатҳо ба мамлакатҳои дигар;
- роҳ додани воридоти молҳо (ба ғайр аз молҳои қимматбаҳо) дар ҳолати нигоҳдории тавозуни мусбии савдо дар мамлакат;
- барориши тилло ва нуқра барои амалигардонии муомилаҳои фоидаовари савдоӣ, миёнарав, яъне барои зиёд намудани миқдори онҳо дар мамлакат ва нигоҳдории тавозуни мусбии савдо.

Намояндагони мушҳуртарини меркантилизм **Т.Мэн, А.Монкретьен, Ж.Колбер** ва дигарон мебошанд.

**Т.Мэн** (1571 – 1647) – иқтисодчии англис, савдогари калон ва сарвари ширкати Ост – Индия, дар асари машҳури худ бо номи нишонии «Боигарии Англия дар савдои беруна ва ё тавозуни савдои беруна ҳамчун танзимкунандаи боигарии мо» асосҳои меркантилизми баркамолро ифода кардааст: сарчашмаи боигарӣ дар соҳаи истеҳсолот набуда, балки дар барзиёдии содирот аст. Вазифаҳои афзоишдиҳандаи боигарии пулии миллӣ бар дӯши давлат мебошад, ки бо воситаи амрҳои

зиёд ва қонунҳо бояд сиёсати протексионизмро амалӣ гардонад. Дар марҳилаи ибтидоии меркантилизм ин намуди сиёсат дар манъ намудани барориши тилло аз мамлакат ифода ёфта буд, ки ба инкишофи савдои беруна халал мерасонид. Бинобар ҳамин дертар сиёсати протексионизм дар маҳдудияти воридоти молҳо бо воситаи ҷорӣ намудани боҷҳои баланди гумрукӣ ва нигоҳдории истеҳсолоти миллӣ пеш аз ҳама дар соҳаҳои содиротӣ ифода ёфтааст.

**Ж. Колбер ва А.Монкретен**. Ба ғайр аз Англия, меркантилизм дар Франсия низ инкишоф ёфтааст. Дар ҳар ду мамлакат меркантилистон аксар вақт вазифаҳои калони давлатиро ишғол мекарданд ва имконият доштанд дар сиёсати аз нуқтаи назаиявӣ пешкаш мешударо дар амал истифода баранд. Масалан, намояндаи номдори меркантилизм ва сиёсати протексионизм **Ж.Колбер (1619 - 1683),** вазири молияи шоҳ Людовики XIV буд. Сиёсати ӯ таъсисдиҳии истеҳсолоти монуфактуриро, ташкилёбии ширкатҳои савдоии монополиро, сохтмони роҳҳо ва каналҳоро ҳавасманд менамуд.

Дигар меркантилисти франсузӣ **А.Монкретен (1576–1621)** ба таърихи илм ҳамчун муаллифи «иқтисоди сиёсӣ» ворид шудааст. Монкретен аввалин маротиба истиллоҳи «иқтисоди сиёсиро» соли 1615 дар «Рисолаи иқтисоди сиёсӣ» («Трактат политической экономии») истифода бурдааст. Дар истиллоҳи «иқтисоди сиёсӣ» ақидаи устувори меркантилистон оид ба мавҷудияти алоқаи зиччи байни иқтисодиёт бо сиёсати давлат ифода ёфтааст.

Меркантилистон ба назарияи иқтисодӣ як қатор муқарраротҳои муҳимро ворид карданд, ки асосан ба савдои беруна ва тавозуни савдо, табиати пулҳо ва сатҳи фоиз таалуқ доранд.

Мувофиқи ақидаи меркантилистон, асоси устувори боигарии ҳар як мамлакатро афзоишдиҳии маҳсулоти натуралӣ не, балки ғункунии пулҳо (тангаҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ) бо воситаи савдои берунаи самаранок ташкил мекунанд, яъне афзоиши барориши молҳо аз мамлакат нисбат ба барориши онҳо.

Ҳамин тавр, консепсияи меркантилистон, ки ба таҷрибаи ҳаёти хоҷагидорӣ нигаронида шудааст, низоми сиёсати амалии

ба танзими савдои беруна бо мақсади таъмини воридоти тилло ва нуқра ба мамлакат равона шуда буд. Мақсади асосии чунин сиёсат дастгирии саноат бо воситаи воридоти ашёи арзон, ҷорӣ намудани тарифҳои протексионистӣ ба молҳои саноатии воридшаванда, ҳавасмандгардонии содироти молҳои тайёр ба ҳисоб меравад.

Дар инкишофи назарияи иқтисодӣ ҳамчун илм **У.Петти (1628 – 1689) дар Англия ва П. Буагилбер (1648–1714) дар Франсия** мавқеи хосаро ишғол мекунанд. Афкорҳои онҳо ҳамчун асоси гузариш аз меркантилистон ба илми (ҳақиқи) иқтисоди сиёсии классикӣ мебошад. Хизмати шоистаи онҳо дар ҷудошавии зиннагии ақидаи меркантилизми кӯҳна оид ба зарурияти дахолати доимии давлат ба иқтисодиёт мебошад. Онҳо ба пойдоршавии физиократҳо – равияи иқтисодие, ки дар Франсия дар асри XVIII ба миён омада буд, роҳ кушоданд. Асарҳои машҳури У. Петти: «Рисола оид ба андозҳо ва боҷҳо», «Арифметикаи сиёсӣ». Махсусан У. Петти ба назарияи пулҳо саҳми бузург гузоштааст. Ӯ пулро ҳамчун моли пайдоиши меҳнатӣ дошта муайян кард ва бинобар ҳамин, пулҳо эквиваленти умумӣ мебошанд. У. Петти аввалин шуда дар илми иқтисодӣ масъаларо оид ба миқдори пулҳои барои муомилот зарур гузошт, лекин худи ӯ ин масъаларо ҳал накарда, хизмати ӯ дар ин ҷода танҳо дар масъалагузорӣ мебошад. Ҳамаи ин масъалаҳоро У.Петти дар асари худ бо номи «Баъзе масъалаҳо оид ба пулҳо» тадқиқ карда буда, ки ин асари ӯро Ф.Энгелс ҳамчун шоҳасари иқтисоди сиёсӣ баҳо додаст.

**П. Буагилбер** низ кӯшиш кард, ки арзишро ба меҳнат мансуб намояд ва бо баробари ин муқаррароти заруриро оиди ҷустуҷӯи сарчашмаи боигарӣ дар соҳаи истеҳсолот маънидод намояд.

Дар сарчашмаи иқтисоди сиёсии классикӣ иқтисодчӣ – физиократ **Ф. Кенэ (1694 – 1774)** низ қарор дошт.

**Физиократҳо** *(аз калимаи юнонии phisis - табиат; kratos – қувва, ҳукмронӣ)* – гурӯҳи олимон, ки ақидаи асосии худро оид ба либерализми иқтисодӣ ҳаматарафа тарафдорӣ мекарданд, ки дар принсипи машҳури ***«laissez faire»*** (озодии фаъолият, халал нарасонидан) ифода меёфт. Оид ба пайдоиши ин принсип ривояте пайдо шуда буд. Мувофиқи ин ривоят аз

сарватманди корчаллон пурсиданд, ки давлат ба ӯ бо чи тавр кӯмак расонида метавонад. Ба ин савол сарватманди корчаллон бо ибораи *«**laissez faire**»* (Халал нарасонед) ҷавоб дода, маълум карда ба кӯмак ниёз надорад. Мантиқи назариявии ин принсип чунин аст: модоме, ки бозор дар асоси худтанзимшавӣ ба ҳолати мӯътадил ноил мегардад, бинобар ҳамин ҳаргуна дахолати давлат ба ин ҷараён метавонад танҳо иқтисодиётро аз ҳолати мӯътадил берун намояд. Ҳамагуна ҳолати аз мӯътадил фарқкунанда дорои хислатҳои бадтар нисбат ба худи ҳолати мӯътадил мебошад. Бо асоснoккунии ақидаи худтанзимшавии бозор аз тарафи физиократҳо, дахолат накардани давлат ба худтанзимшавии бозорӣ дар илми иқтисодӣ ва ҳаёти аслӣ зиёда аз якуним аср ҳукмронӣ кард.

Ақидаи дигари муттаҳидкунандаи физиократҳо ин тасаввуроти нодуруст оид ба таъсисёбии боигарӣ танҳо дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Физиократҳо саноатчиёнро «синфи безуриёт» номиданд, ки гӯё боигарии навро истеҳсол намекарда, танҳо маҳсулоти дар соҳаи кишоварзӣ истеҳсолшударо ба шаклан дигаргун мекарданд. Чунин хулосаи физиократҳо бечунучаро бо ҳолати иқтисодии Франсияи ҳамонвақта асоснок карда шуда буд. Франсияи ҳамонвақта ба 95% мамлакати аграрӣ буд, бинобар ҳамин маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи зиёди истеҳсолоти мамлакатро ташкил мекард.

Ҳамин тавр физиократҳо нисбат ба меркантилистон дар инкишофи илми иқтисодӣ қадами бузургеро ба пеш гузошт. Онҳо масъалаи таъсисёбии боигариро аз соҳаи муомилот ба соҳаи истеҳсолот гузарониданд. Гарчанде физиократҳо гумон доштанд, ки соҳаи ягонаи истеҳсолоте, ки дар он боигарии миллӣ ба вуҷуд оварда мешавад ин соҳаи кишоварзӣ буда, шакли ягонаи арзиши изофа ин рентаи замин мебошад, саҳми онҳо ба инкишофи иқтисоди сиёсӣ ниҳоят бузург аст.

Оид ба хизматҳои физиократҳо қайд намуда, нақши онҳоро дар ҳалли муаммои такрористеҳсоли ҷамъиятӣ қайд накардан мумкин нест. Дар тӯли таърихи умумии инкишофи назарияи иқтисодӣ масъалаҳои такрористеҳсоли ҷамъиятӣ аввалин маротиба айнан аз тарафи физиократҳо, хусусан аз тарафи намояндаи номдори он **Франсуа Кенэ** дар **«Ҷадвали**

**иқтисодии»** ӯ (1757с.) маънидод карда шуда буданд. Дар ин кори худ Ф.Кенэ сикли пурраи ҳаракати маҳсулотро нишон дод: аз истеҳсоли он дар соҳаи кишоварзӣ, бо воситаи тақсимот ва мубодила байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ то истеъмолот. Ҳамин тавр аввалин маротиба муаммои такрористеҳсол, яъне муайян намудани қобилияти сол ба сол нигоҳдории фаъолияти иқтисодиёти миллӣ, ба монанди муҳаррики абадӣ дар ягон лаҳза қатъ нагардидани истеҳсолот ва истеъмолот баррасӣ шуда буд.

Инкишофи минбаъдаи таълимоти физиократҳо, махсусан Ф.Кенэ дар корҳои А.Тюрго (1727 – 1781с.) инъикоси худро ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки А.Тюрго худро ба ин мактаб шомил намеҳисобид. Масалан, ба монанди физиократҳо, А.Тюрго тасдиқ мекард, ки «заминдор қувваи ибтидоии ҳаракатдиҳанда дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ мебошад; айнан заминдор дар замини худ музди ҳамаи косибонро ба вуҷуд меоварад. Меҳнати заминдор – меҳнати ягонае, ки нисбат ба музди меҳнат зиёдтар истеҳсол мекунад. Бинобар ҳамин ин меҳнат сарчашмаи ягонаи боигарӣ мебошад».

## 1.3. ИҚТИСОДИ СИЁСИИ КЛАССИКӢ

**Иқтисоди сиёсии классикӣ** ба назарияи иқтисодӣ ҳақиқатан ҳам хислати илмиро дод. Классикӣ - муайян намудани категорияҳои иқтисодӣ ва барориши қонунҳоро аз воқеияти аслӣ ва таҷрибаи ҳаётӣ дар назар дорад.

Мактаби классикӣ номи худро барои саҳми бузурги худ дар инкишофи назарияи иқтисодӣ ва пойдоршавии он ҳамчун илми ҳақиқӣ гирифтааст. Дар ташаккулёбии иқтисоди сиёсии классикӣ дар тӯли тақрибан 200 сол бисёр иқтисодчиён аз мамлакатҳои гуногун иштирок варзидаанд, бо вуҷуди ин хусусиятҳои умумии онро ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳоро ба як мактаби илмӣ муттаҳид месозад.

1. Иқтисоди сиёсии классикӣ дар даврае ҳукмрон буд, ки дар он капитал босуръат ба саноат ворид шуда, ҷалби миқдори

зиёди захираҳои меҳнатӣ ва табиӣ, ихтироотҳои техникӣ ва қоибилиятҳои соҳибкорӣ ба истеҳсолот амалӣ карда мешуд.

2. Боигарии миллат аллакай бо пулҳои тиллоӣ нею, балки бо миқдори молҳои офаридашуда маънидод карда мешуд (ин ақида барои савдогар шубҳанок ба ҳисоб рафта, барои мавқеъи ҳаёти саноатчӣ мувофиқат мекард). Албатта, табаддулоти афкори иқтисодӣ дар ин равия пуразоб мегузашт. Ҷамъият бе майлё рағбат аз нигаҳҳои пешинаи худ даст мекашид.

3. Иқтисоди сиёсии классикӣ дар даврае ба миён омад, ки дар он низоми бозорӣ дар ҷараёни инкишоф ва пойдоршавӣ имкониятҳои худтанзимшавии худро аниқтар муайян карда буд. Бинобар ҳамин классикон консепсияи либерализми иқтисодиро коркард намуданд, ки дар боварии мутлақ ба саховатмандии соҳибкори хусусӣ асос гирифта, нозарурии дахолати давлатро ба иқтисодиёт эътироф мекард.

4. Классикон ҷараёни нархгузории бозориро аз мавқеъи истеҳсолкунандагон ва хароҷоти онҳо барои истеҳсоли мол ва хизматҳо тадқиқ мекарданд. Онҳо истеъмолкунандаро ба сифати иштирокчии ин ҷараён мушоҳида намекарданд.

Ҳамин тавр, мактаби классикии назарияи иқтисодӣ бо чунин мунсибатҳо фарқ мекунад:

- усули абстраксияи илмиро истифода бурда, классикон кӯшиш мекарданд, ки ба мафҳуми мантиқии ҳодисаҳо ва ҷараёнҳои иқтисодӣ бо воситаи гузаронидани тадқиқот ба соҳаи истеҳсолот сарфаҳм раванд;
- мавҷудияти қонунҳои иқтисодии объективиро тасдиқ мекарданд, ки омӯзиши онҳо ба масъалаи (фанни) назарияи иқтисодӣ дохил мешаванд;
- оид ба маҳдудкунии дахолати давлат ба иқтисодиёт, савдои озод ва принсипи ***«laissez faire»*** баромад мекарданд;
- қувваи асосии тараққиёти иқтисодиётро дар манфиати шахсӣ, фоида, «худпарастӣ» ва дар асоси моликияти хусусӣ медиданд;
- капитализм ҳамчун сохти имконпазири ***«муқаррарии»*** ягона мушоҳида карда мешуд.

Аввалин маротиба истиллоҳи ***«мактаби классикӣ»*** - ро К.Маркс истифода бурдааст. Ба классикон ӯ пеш аз ҳама

тарафдорони назарияи меҳнатии арзишро мансуб медид. Аз ин лиҳоз К.Маркс ба мактаби классикӣ чунин олимонро дохил мекард: У.Петти, П.Буагилбер, А.Смит, Д.Рикардо. Ба ақидаи К.Маркс ба ҷои мактаби классики «иқтисоди сиёсии буржуазии вулгарӣ» омадааст, ки ҳодисаҳоро рӯяки мушоҳида карда, ба сифати ҳомии капитализм баромад мекунад ва моҳияти истисмории даромади синфҳои ҳукмронро пинҳон менамояд.

Дар назарияи иқтисодии муосир «иқтисоди сиёсии вулгарӣ» истифода намешавад, лекин нисбати истиллоҳи «классикӣ» маънидодкуниҳои васеъ истифода мешаванд.

**Адам Смит (1722 – 1790)** иқтисодии машҳури ҳама давру замон ба ҳисоб меравад. Дар асари безаволи худ «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» (1776) ӯ аввалин шуда аз ҳалли муаммоҳои алоҳидаи иқтисодӣ ба низоми донишҳои иқтисодӣ рӯй овард. Муносибати ӯ се қисми асосиро дар бар мегирифт:

1) мафҳуми инсони иқтисодӣ ва ё ба гуфти А.Смит инсони – худпараст;
2) принсипи «дасти ноаён»;
3) тартиби муқаррарӣ.

Ҳамин тавр аз тарафи А.Смит «ташкили худсаронаи ҷаҳони иқтисодӣ зери таъсири манфиати шахсӣ» маънидод карда шуд.

**Модели (тамсилаи) инсони иқтисодии А.Смит** зери таъсири назарияи файласуфии ҳуқуқи муқаррарӣ пайдо шуд, ки масъали баҳамтаъсиррасонии шахсият ва давлатро ба тарафи манифати шахсии инсон ҳал менамуд. Ҳар як шахсият ба фикри А.Смит табиатан худпараст буда, кӯшиш мекунад, ки доимо боигарии худро афзоиш диҳад, лекин ин камбудӣ набуда, балки баръакс ҷамъиятро ба некӯаҳволӣ меоварад.

**Принсипи «дасти ноаён»** гӯё ҳолати аҷиби зеринро маънидод мекарда бошад. Чӣ тавр ҷамъияте, ки аз худпарастони ба зиёд намудани боигарии моддии худ майлдошта иборат буда, арзи вуҷуд доранд ва инкишоф меёбанд? А.Смит нишон дод, ки бозор чунон сохта шудааст, ки, инсон манфиатҳои худро танҳо дар ҳолати пешкаш намудани меҳнат ва маҳсулоти худ барои мубодила амалӣ гардонида метавонад. «На аз саховатманди қассоб, пивопаз ва ё нонвой мо

ба дастоавардани нисфирӯзии худро интизор ҳастем, балки аз риоя намудани пешбарии манифатҳои худо онҳо мо соҳиби таоми нисфирӯзи мешавем». Яъне шахси манфиатҳои худро пешбарикунанда бо воситаи «дасти ноаён» ба мақсадҳои тамоми ҷамъият равона карда шуда, ба тараққиёти он мусоидат менамояд.

Зери мафҳуми **тартиботи муқаррарӣ** А.Смит шароитҳоро дарк менамуд, ки дар он амали хайрхоҳонаи манфиати шахсӣ ва «дасти ноаён» амалӣ карда мешавад. Муҳити ҳамонвақтаи ба ӯ муносиб буда, дар амал модели идеализатсияшудаи капиталзми ибтидоиро ифода мекард: бозори аз ҳама гуна маҳдудиятҳои феодалӣ озод; корхонаҳои зиёди байни худ рақобаткунанда; нақши ҳадди ақали давлат дар иқтисодиёт.

А.Смит ба омӯзиши арзиши мол саҳми босазое гузошт. Мувофиқи таълимоти А.Смит, арзиши мол танҳо бо меҳнат муайян карда мешавад. Ин консепсия номи «назарияи меҳнатии арзиш»-ро гирифта, дар таърихи илми иқтисодӣ ниҳоят нақши бузургро бозидааст, зеро он ба масъалаҳои сарчашмаи боигарӣ ҷавоб медод. А.Смит навишта буд: «Аз ҳама ҳам ҳуқуқи муқаддастарин ва дахлнопазири моликият ин ҳуқуқ ба меҳнати азони худӣ мебошад, зеро меҳнат сарчашмаи ибтидоии ҳамагуна моликият мебошад». Аз тарафи А.Смит назарияи пулҳо, даромадҳо, капитал, тақсимоти меҳнат ва такрористеҳсол тадқиқ шуда буданд.

Ҳамин тавр, схемаи мантиқии консепсияҳои иқтисодии А.Смитро дар намуди зерин тасвир кардан мумкин аст:

- боигарӣ – ин маҷмӯаи воситаҳои моддии истеҳсолот ва истеъмолоти мамлакати додашуда мебошад. Сарчашмаи боигарӣ – меҳнат дар ҳамагуна соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ мебошад. Воситаи зиёдкунии боигарӣ – тақсимоти меҳнат, баландшавии ҳосилнокии он мебошад. Тақсимоти меҳнат ва мубодила – асоси иқтисодии ҷамъият мебошад;
- дар ҷараёни мубодила зарурият ба пулҳо ҳамчун моли махсус ба миён меояд, к ибо талаботи махсус таъмин аст;

- бо воситаи пулҳо арзиши мол муайян карда мешавад. А.Смит арзиши истеъмолӣ (бизоат дар истеъмолот) ва арзиши мубодилавиро (бизоат дар мубодиларо) фарқ мекард. Дар асоси таносубҳои мубодила хароҷоти меҳнат хобидааст.

А.Смит ба таърихи назарияи иқтисодӣ ҳамчун «офарандаи ҳақиқӣ» - и иқтисоди сиёсӣ ворид шуд.

**Давид Рикардо (1772 – 1823)** анъанаи иқтисоди сиёсии классикиро давом дода, ақидаи А.Смитро инкишоф додааст. Д.Рикардо илми иқтисодиро аз бисёр хатогиҳои тадқиқотчиёни пешин ислоҳ намуд ва назарияи меҳнатии арзишро аз зиддиятҳои дохилӣ озод намуд.

Назарияи иқтисодӣ дар таълимоти Д.Рикардо дар намуди консепсияи давомнокии мантиқӣ инъикос ёфтааст. Д.Рикардо аввалин шуда мафҳуми хароҷоти зарурии ҷамъиятии меҳнатро ва тафовути онро аз хароҷоти инфиродии меҳнат маънидод карда, исбот намуд, ки арзиш айнан бо меҳнати зарурии ҷамъиятӣ муайян карда мешавад.

Саҳми назарраси Д. Рикардо дар илми иқтисодӣ дар маънидодкунии ҷараёни гузариши арзиши воситаҳои истеҳсолот ба маҳсулоти тайёр ифода ёфтааст. Ӯ нишон дод, ки дар ҷараёни офаридани арзиш меҳнати зинда иштирок мекунад, лекин ба таркиби арзиши маҳсулоти тайёр арзиши дар воситаҳои истеҳсолот таҷассумёфта низ дохил мешавад.

Ба ғайр аз ин Д.Рикардо бисёр муаммоҳои иқтисодиро ҳал намуд: аз самаранокии иқтисодии савдои байналхалқӣ ва назарияи афзалияти муқоисавӣ (нисбӣ) то муайян намудани «сатҳи ҳадди ақали музди меҳнат» ва ё ҳадди ақали рӯзгузаронӣ.

Кори асосии Д.Рикардо «Ибтидои иқтисоди сиёсӣ ва андозбандӣ» мебошад. Дар ин кор оид ба тадқиқи муносибатҳои иқтисодӣ аз мавқеъи назарияи меҳнатии арзиш кӯшиш карда шудааст.

Ба итмомрасии мантиқии анъанаҳои идеализатсияи иқтисоди бозорӣ, тадқиқотҳои Жан Батист Сей (1767 – 1832) иқтисодчӣ ва соҳибкори француз мебошад. Ӯ қонуни бозорро, яъне «Қонуни Сей»-ро тавсия додааст. Ин қонун худтанзимшавии мукаммали низоми бозориро тасдиқ карда, то

ҳатто имкониятҳои бӯҳронҳои иқтисодиро рад мекард. Мувофиқи ин қонун, ҳангоми дастрасӣ ва риояи принсипи **laissez faire** аз тарафи ҷамъият, истеҳсолот (пешниҳод) истеъмолоти мувофиқро (талаботро) тавлид мекунад, яъне истеҳсоли мол ва хизматҳо ҳатман даромадҳоро ба вуҷуд меоварад, ки аз сабаби нархгузории тағйирёбанда ва озод дар бозор ба ин даромадҳо мол ва хизматҳо фурӯхта мешаванд.

## 1.4. ТАЪЛИМОТИ ИҚТИСОДИИ К.МАРКС

«Маркс ниҳоят муҳим мебошад, ки ӯро танҳо ба марксистон мустаҳкам намоем», менависад иқтисодчии номдори америкоӣ П.Самуэлсон.

Барои чӣ К.Марксро иқтисодчии бузург меҳисобанд? Барои он, ки Маркс бисёр кашфиётҳои аҳамияти клондоштаро дар назарияи иқтисодии классикӣ амалӣ кардааст, ки онҳо илми иқтисодиро қариб то мукаммалӣ оварда расонидаанд. Бо баробари ин гуфтаҳо, таълимоти К.Марксро ба таври кӯтоҳ маънидод кардан ниҳоят мушкил аст. Ӯ ниҳоят саҳми бзургеро ба инкишофи илми иқтисодӣ гузоштааст.

Дар ҷодаи итмомёбии мантиқӣ ва маънидодкунии систематики назарияи меҳнатии арзиш чунин хусусиятҳоро ҷудо кардан ҷоиз аст:

1. Ақидаи асосие, ки имконияти ба таври формалӣ – мантиқӣ ҳал намудани зиддияти дар консепсияҳои гузаштагон мавҷуд бударо фароҳам меоварда ин ақидаи К.Маркс оид ба характери духелагии меҳнат мебошад. Дар шакли конкретии худ, меҳнат арзиши истеъмолиро ба вуҷуд оварда, ҳамчун шакли абстрактии аз фарқиятҳои сифатӣ озодшуда бошад, арзишро ба вуҷуд меоварад. Коргар дар ҷараёни истеҳсолот бо меҳнати конкретӣ арзиши воситаҳои истеҳсолотро ба арзиши маҳсулоти нав мегузаронад, бо меҳнати абстрактӣ бошад арзиши навро ба вуҷуд меоварад. Аз ин ҷо аз рӯи сохтори худ арзиш дар худ хароҷоти меҳнати гузашта ва арзиши навро дар бар мегирад, ки бо меҳнати зинда офарида шудааст.

2. Арзиш мувофиқи таълимоти К.Маркс ин хосияти мол, ки танҳо дар ҷараёни мубодила бо воситаи арзиши мубодилавӣ ба назар мерасад. Дар ҷараёни инкишофи

таърихии мубодила арзиши мубодилавӣ «аз шакли оддитарини номаълум то шакли пулӣ» инкишоф меёбад. Маркс моҳияти пул, вазифаҳо он ва қонуни муомилоти пулиро ниҳоят бомуваффақият маънидод кардааст. Маркс таркиби қонуни арзиш, аҳамият ва вазифаҳои онро маънидод намуд.

3. Мувофиқи ақидаи Маркс, коргар ба капиталист худи меҳнатро не, балки қувваи кориро – қобилияти ба вуҷуд овардани молҳои навро мефурӯшад. Ҳамин тавр, худи қувваи корӣ ҳамчун мол баромад мекунад. Арзиши ин мол бо арзиши воситаҳои ҳаётии барои такрористеҳсоли қувваи корӣ зарур буда муайян карда мешавад. Арзиши истеъмолӣ бошад дар қобилияти ба вуҷуд овардани арзиши нави нисбат ба арзиши қувваи корӣ зиёдтар ифода меёбад. Қувваи кориро харидорӣ намуда, капиталист арзиши онро пардохт мекунад, вале арзиши истеъмолиро истифода мебарад. Мувофиқан, қонуни арзиш, ҳамчун қонуни мубодилаи эквивалентӣ вайрон намешавад. Фарқияти байни арзиши нав ва арзиши мол «қувваи корӣ» - ин арзиши иловагӣ (изофагӣ) мебошад. Дар ҷараёни мубодила арзиш изофа шакли дигаргуншудаи фоидаро мегирад.

4. Капитал, менависад Маркс, - ин «арзиши худафзояндааст». Дар асоси худафзояндагии он истисмори меҳнати кироя хобидааст. Вобаста ба ин Маркс хулосаи асосии сиёсиро баровард: боигарӣ бояд ба шахсе таалуқ дорад, ки онро ба вуҷуд овардааст.

5. Назарияи такрористеҳсоли Маркс ҷолиби диққати махсус аст. Маҳсулоти ҷамъиятиро ба ду ҷузъ ҷудо карда – воситаи истеҳсолот ва молҳои истеъмолӣ, Маркс таносубҳои барои ҷараёни мӯътадили такрорисетҳсоли оддӣ ва васеъ заруррo нишон дод.

6. Аз тарафи Маркс ақидаҳо оид ба қонуниятҳои таҳаввули шаклҳои иҷтимоӣ – иқтисодии ҷамъият инкишоф дода шуда буд, таълимот оид ба форматсияҳои ҷамъиятӣ – иқтисодӣ таъсис дода шуда, қонуни ивазшавии онҳо, яъне қонуни мувофиқати муносибатҳои истеҳсолӣ ба сатҳ ва характери инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда баён карда шуда буданд. Ҳамаи ин имконияти хулосабарориро фароҳам овард, ки мувофиқи он капитализм, ҳамчун дигар

форматсияҳои ҷамъиятӣ – иқтисодӣ характери гузаранда дорад.

Танҳо номбар кардани кашфиётҳои К.Маркс даҳҳо саҳифаро дар гирифтанаш мумкин аст. Лекин ақидаи К.Маркс оид ба хусусияти истисмории сохтори капитализм, бо баробари ин оид ба васеъшавӣ ва инкишофёбии ин хусусият, ки гӯё дар шиддатёбии камбизоатшавии синфи коргар ифода меёбад, инчунин ақида оид ба барҳамхӯрии капитализм таърихан тасдиқ нашуданд.

## 1.5. НАЗАРИЯҲОИ ИҚТИСОДИИ МУОСИР

Ба назарияҳои муосир одатан назарияҳои иқтисодиро дохил мекунанд, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX таъсис ёфтаанд. Онҳо бо мавқеъҳои гуногуни васеъ, нигоҳҳо ва консепсияҳо пешкаш гаштаанд. Дар никишофи худ назарияи иқтисодии муосир як қатор марҳилаҳоро аз сар гузаронидааст, ки дар ҷараёни онҳо асосан ду равия таъсис ёфтааст: **неоклассикӣ ва кейнсӣ**.

**Равияи неоклассики назарияи иқтисодӣ**. Дар охири асри XIX бар муқобили мактаби иқтисодчиёни англис равияи неоклассикӣ таъсис ёфт, ки назарияи иқтисодиро ба пеш равона сохт. Мулоҳизаҳои зарурии неоклассикон, ки онҳо аз назарияи классикӣ гирифта буданд принсипи «***laissez faire***», «ақидаи дасти ноаёни бозор», ки иқтисодиётро танзим мекард ва дахолатнопазирии давлат гардид. Асосҳои назарияи неоклассикӣ дар ҷараёни тадқиқи рафтори субъекти хоҷагидорӣ дар шароити маҳдудияти захираҳо, коркард шудаанд. Аз тарафи неоклассикон муносибати микроиқтисодӣ ба ҳодисаҳо ва ҷараёнҳо дар сатҳи субъектони хоҷагидории алоҳида асоснок карда шуданд. Асоси ибтидоии равияи неоклассикии назарияи иқтисодӣ, **назарияи фоиданокии интиҳоӣ** гардид.

Ба назарияи неоклассикӣ чунин хусусиятҳои фарқкунанда хосанд:

**Якум**, неоклассикон маҳдудияти таълимоти классикиро оид ба мол ва нархи бозорӣ бартараф карданд. Азбаски

иқтисоди сиёсии классикӣ рафтори истеъмолкунандагони неъматҳои молиро дар бозор намеомӯхтанд, бинобар ҳамин таълимоти мукаммалро оид ба низоми бозории хоҷагидорӣ таъсис надоданд. Ин нуқсонро мактаби австриягии иқтисоди сиёсӣ бартараф кард, ки консепсияи **фоиданокии интиҳоии** неъматҳои моддиро коркард намудааст.

Классикони англис гумон мекардад, ки соҳаи ҳалкунандаи иқтисодиёт истеҳсолот мебошад. Мувофиқан ба ин гуфтаҳо, онҳо гумон доштанд, ки нархи бозорӣ бо неъматҳои аз тарафи молистеҳсолкунандагон пешниҳодшаванда муайян карда мешавад. Иқтисодчиёни австрягӣ баръакс нақши асосиро дар тараққиёти иқтисодӣ ба бозор мансуб дониста, нақши асосии нархгузориро ба талаботи харидорон мансуб медонистанд.

**Дуюм**, ба аз нав дида баромадани мероси классикӣ асосгузори иқтисоди сиёсии америкоӣ **Дж.Б.Кларк** низ машғул шуда буд. Консепсияи фоиданокии интиҳоии неъматҳои истеъмолиро ӯ бо назарияи ҳосилнокии интиҳоии меҳнат ва капитал пурра намуда, назарияи худро ба зидди таълимоти классикӣ оид ба арзиши изофа ва истисмори синфи коргар дар шароити капитализм вогузошт. Дж.Б.Кларк гумон дошт, ки тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятӣ мувофиқи ҳиссаи ҳар як омили истеҳсолот (меҳнат, капитал ва замин) амалӣ мегардад.

**Сеюм**, консепсияи фоиданокии интиҳоӣ ва ҳосилнокии интиҳоии омилҳои истеҳсолот имконият дод, ки дар асоси назарияи неоклассикӣ муаммои самаранокии иқтисоди бозорӣ вогузор карда шавад. Чунин самаранокӣ маънои ноилгардӣ ба ҳадди аксари қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои одамонро (ва ё ҳадди аксари даромади соҳибкорро) дар ҳолати хароҷоти ҳадди ақали захираҳои истеҳсолӣ дорад.

Воридкунии бузургиҳои интиҳоӣ ба назарияи иқтисодӣ ба пайдоиши мактаби математики дар иқтисодиёт сабаб шуд. Айнан бузургиҳои интиҳоӣ истифодабарии математикаи олиро дар иқтисодиёт имконият дод. Бо воситаи усулҳои математикӣ имконият пайдо шуд, ки вобастагиҳои фундаменталии математикӣ дар истеҳсолот, истеъмолот ва дар бозор кашф карда шаванд. Чунин усулҳо имконият доданд, ки вариантҳои истифодабарии ҳосилнокии имкониятҳои истеҳсолӣ дар ҳолати маҳдудияти захираҳо дарёфт карда шаванд. Назарияи

фоиданокии интиҳоӣ имконият дод, ки ҳаҷми оптималии истеҳсолот, ҳаҷми оптималии корхона муайян карда шуда, сохтори омилҳои истеҳсолоти истифодашаванда низ оптимизатсия карда шаванд. Аз ҳамин сабабҳо табаддулот дар назарияи иқтисодӣ инқилоби маржиналистӣ ***(маржинализм аз калимаи англисии marginal – интиҳоӣ гирифта шудааст)*** номида шуд.

**Инқилоби маршаллӣ (А.Маршалл 1842 – 1924)**. А.Маршалл натиҷаҳои инқилоби маржиналистиро ҷамъбаст намуда, онро пурра карда ва ба низом даровард. Саҳми А.Маршаллро дар таҳияи ин равияи назариявӣ, баъзе таърихчиёни афкори иқтисодӣ **«инқилоби маршаллӣ»** номиданд.

Бар хилофи афкорҳои пештараи арзиши неъматро бо хароҷоти меҳнат ва ё бо баҳодиҳии субъективии фоиданокӣ маънидод мекарда, Маршалл ба хулосае омад, ки мувофиқи он дар таъсисёбии арзиш ҳам хароҷоти меҳнат ва ҳам баҳодиҳии субъективии фоиданокӣ иштирок мекунанд. Омилҳои талабот ва пешниҳодро муайян карда, ӯ ба тадқиқи хусусиятҳои ба мувозинатӣ омадани талабот ва пешниҳод ва таъсисёбии нархи мувозинатӣ шурӯъ намуд. Маршал аҳамияти таъсири талабот ва пешниҳод вобаста аз вақт тағйир меёбад. Давраҳои лаҳзагӣ, кӯтоҳ, дароз ва дурударозро ҷудо намуда, Маршалл чунин хулосабарорӣ кард: чӣ қадаре, ки фосила кӯтоҳ бошад, ҳамон қадар талабот ба нарх таъсири калон мерасонад; чӣ қадаре, ки фосила дароз бошад, ҳамон қадар пешниҳод ба нарх таъсири калон мерасонад.

Ҳамин тавр, А.Маршалл кӯшиш кард, ки назарияи меҳнатии арзишро бо назарияи фоиданокии интиҳоӣ муттаҳид намояд, лекин ӯ бо яктарафагии ҳам назарияи меҳнатии арзиш (мувофиқи ин назария нарх ин ифодаёбии пулии арзиш – хароҷотҳои меҳнатии истеҳсолкунанда аст) ва ҳам назарияи фоиданокии интиҳоӣ (мувофиқи ин назария нарх ин ифодаёбии баҳодиҳии субъективии молҳо аз тарафи харидор мебошад) дучор шуд.

Ба бартараф намудани ин зиддият кӯшиш намуда, А.Маршалл ба чунин хулоса омад: дар ҷараёни таъсисёбии нархи бозорӣ изҳор намудани афзалият ба пешниҳоди

фурӯшанда ва ҳам ба талаботи харидор нодуруст мебошад. Бинобар ҳамин дар маркази тадқиқот ӯ ташаккулёбии нархҳоро дар бозорҳои гуногуни молӣ бо воситаи баҳамтаъсиррасонии талабот ва пешниҳод вогузор намуд. Бо баробари ин вобастагиҳои фундаменталии байни нарх ва талабот, нарх ва пешниҳод муайян гардиданд. Ин ва дигар ҳолатҳо дар кори асосии А.Маршалл «Принсипҳои иқтисоди сиёсӣ», ки соли 1890 ба чоп расида буд, асоснок карда шудаанд.

**Равияи кейнсӣ** дар солҳои 30-уми асри **XX** ташаккул ёфтааст. Равияи неоклассикӣ рафтори субъекти хоҷагидориро дар шароити рақобати мукаммал таҳлил мекард. Лекин дар иқтисодиёти аслӣ нақши калонро монополияҳо мебозидагӣ шуданд. Ба ғайр аз ин, неоклассикон қариб ба таври пурра мавҷудияти норасогиҳоро дар иқтисоди бозорӣ, зиддиятҳоро дар истеҳсолот, тақсимот ва истеъмолот ва инчунин бӯҳронҳои иқтисодиро рад мекарданд. Нақши танзимгарии «дасти ноаёни бозор» дар ҳама назарияҳои онҳо далели асосӣ ба ҳисоб мерафт.

Бо вуҷуди ин солҳои 30-уми асри **XX** бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ сар зад, ки давомнокӣ, оқибатҳои умумииқтисодӣ ва сиёсии он дар таърихи башарият аввалин буд. Равияи неоклассикии назарияи иқтисодӣ ба муаммоҳои аз тарафи бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ гузошта роҳи халро дарёфт карда натавонист. Аз ҳамин сабаб, назарияи иқтисодӣ дар миёнаи асри **XX** яке аз табаддулотҳои ҷиддиро аз сар гузаронид, ки номи «инқилоби кейнсиро» гирифт. Номи ин табаддулот бо номи иқтисодчии англис **Ҷ.М.Кейнс (1883 – 1946)** алоқаманд аст.

Равияи кейнсӣ қобилияти механизми бозориро ба худтанзимшавӣ рад мекунад, яъне мувофиқи ин равия иқтисоди бозорӣ аз чунин бемориҳо ба монанди бекорӣ, таваррум, суръатҳои пасти рушди иқтисодӣ, бӯҳронҳои сиклӣ ва ғайраҳо қобилияти худмуолиҷавиро надорад.

Мувофиқи ақидаи тарафдорони ин равия, механизми бозорӣ бояд нигоҳ дошта шуда (зеро бо маънои самаранокии иқтисодӣ ба ин механизм ивазшавандаи арзанда вуҷуд надорад), бо танзими ҳаматарафаи давлатӣ пурра шуданаш

лозим аст, ки барои ҳалли муаммоҳои ҳалнопазири бозорӣ имкониятҳоро фароҳам меоварад.

Кори илмии асосии Ҷ.Кейнс «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» (1936с.) ба ҳисоб меравад. Ин кори илмӣ зери таъсири бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодии солҳои 1929 – 1933 таҳия гардида буд, ки дар он давра ҳаҷми истеҳсолот то ниммаи имкониятҳои худ паст шуда, ҳар як коргари чорум бекор монда буд ва даромадҳои аслии аҳолӣ да 60% паст шуда буданд.

Чунин пастравии истеҳсолот ва вайроншавии мувозинатии умумии иқтисодӣ ҳолатҳои фундаменталии назарияи иқтисодии ноклассикиро зер шубҳа гузошта буд.

Тарзи родикалии баратараф намудани оқибатҳои бӯҳронро Ҷ.Кейнс дар китоби худ пешкаш карда буд. Ӯ принсипҳои куллан нави танзими иқтисодиёти миллиро баён кард. Ба ин принсипҳо чунин ҳолат дохил мешаванд.

**Якум**, Кейнс ақидаи асосии классикон ва неоклассиконро оид ба дахолатнопазирии давлат ба иқтисодиёт рад кард. Ӯ ҳолатеро асоснок намуд, ки мувофиқи он нақши ҳалкунандаро дар пешгирии бӯҳронҳои иқтисодӣ ва бекорӣ бояд айнан давлат бозад. Давлат ба тақсимоти ҳамаи даромадҳои ҷамъият иштирок мекунад ва дар дасти худ захираҳои муайяни пулӣ ва дигар захираҳоро бо мақсади таъсири фаъолона ба иқтисодиёт нигоҳ медорад.

**Дуюм**, барои таъмин намудани шуғли пурраи коргарон, бояд на ба пешниҳоди молҳо аҳамият дод (чи хеле, ки неоклассикон пешкаш мекарданд), балки баръакс бояд ҳаматарафи талаботро инкишоф додан зарур аст, яъне қобилияти харидории аҳолиро ва харидани воситаҳои истеҳсолотро аз тарафи соҳибкорон васеъ намудан лозим аст. Барои ин давлат бояд ҳаҷми хароҷоти нави капиталиро ба истеҳсолот зиёд намуда, хароҷотро ба мақсадҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо воситаи баланд намудани ҳаҷми андозҳо ва барориши миқдори зиёди пулҳо зиёд намояд.

**Сеюм**, барои идоракунии давлатии иқтисодиёт коркарди чунин моделҳои иқтисодӣ – математикӣ заруранд, ки онҳо вобастагиҳои миқдориро байни нишондиҳандаҳои асосии хоҷагии миллӣ кушода медиҳанд. Истифодабарии ин моделҳо

имконият медиҳад, ки танзими тамоми фаъолияти хоҷагидорӣ ба асоси илмӣ вогузор карда шавад.

**Равияи неокейнсӣ**. Дар солҳои 1950 – 1960 асри **XX** пайравон ва шогирдони Кейнс – Э.Хансен, Ҷ.Хикс, Р.Харрод, Е.Домар инкишофи назарияи танзими давлатии иқтисодиётро давом доданд. Онҳо ба **мактаби иқтисодии неокейнсӣ** ибтидо гузоштанд. Дар тадқиқотҳои онҳо, нисбат ба корҳои худи Кейнс, фаъолияти танзимкунии давлат дар шароитҳои на танҳо бӯҳрон, балки дар шароити болрравӣ низ мушоҳида карда шудаанд. Давлат бояд бо тағйирбиҳии хароҷотҳо иқтисодиётро танзим намояд, яъне хароҷотҳои дар давраи болоравӣ кам намояд ва давраи депрессия бошад зиёд намояд. Бо чунин тарз давлат тағйирёбиҳои сиклии вазъиятро бартараф мекунад. Неокейнсчиён назарияи рушди иқтисодиро таҳия намуда, онро бо таълимоти инвеститсияҳо алоқаманд карданд. Умуман пешниҳодҳои кейнси ва неокейнси ба таъмини сатҳи баланди шуғл ва ба афзоишёбии танзими давлатии иқтисодиёт равона карда шудаанд. Нақши равияи кейнсӣ хусусан дар давраи баъдиҷангӣ зиёдтар шуд. Дар бисёр мамлакатҳо қонунҳои махсус қабул шуда буданд, ки ҳукуматҳоро маҷбур мекарданд аз болои ҳолати вазъияти иқтисодӣ назорат баранд ва чораҳои зарурииро барои таъмини сатҳи зарурии истеҳсолот ва шӯғл андешанд. Дар солҳои 50 – 60-уми асри **XX** тамоюл ба омехташавии равияи кейнсӣ ва мактаби неоклассикӣ пайдо шуд. Яке аз таҳиягарони номдор ва машҳури **«синтези неоклассикӣ»** иқтисодчии америкоӣ П.Самуэлсон мебошад. П.Самуэлсон гумон дошт, ки чунин омехташавӣ монеъаро байни макроиқтисодӣ агрегиронӣ ва микроиқтисодро аз байн мебарад ва онҳоро ба ягонагии пурракунанда мубаддал месозад.

Вале бадшавии ногаҳонаи ҳолати иқтисодӣ дар солҳои 70-ум ба фаъолгардии равияи консервативӣ дар назарияи иқтисодӣ оварда расонид. Ин равияро **мактаби монетаристӣ** сарварӣ намуд.

**Равияи монетаристии назарияи иқтисодӣ**. Назарияи кейнсӣ, ки зарурияти дахолати давлатро ба иқтисодиёт асос карда буд, солҳои 50-60-ум ва дар нимmаи авали солҳои 70-ум ба ҳукуматҳои мамлакатҳои ғарб барои таъмини суръати баланди

рушди иқтисодӣ кӯмак карда буд. Лекин солҳои 1973 – 1975 бӯҳрони ҷаҳонии шадиди иқтисодӣ нишон дод, ки: иваз намудани худтанзимшавии бозории макроиқтисод бо идоракунии давлатӣ озод намудани ҷамъиятро аз хислатҳои бӯҳронии бекорӣ ва таваррум қобилят надорад. Бинобар ҳамин бар зидди равияи кейнсӣ тарафдорони мактаби монетаристӣ баромад карданд, ки принсипҳои дахолатнопазирии давлатро ба иқтисодиёт дастгирӣ мекарданд.

**Монетаризм** – назарияи мӯътадилкунандаи иқтисодиёт, ки дар он нақши асосиро омилҳои пулӣ мебозанд. Монетаристон идоракунии иқтисодиётро пеш аз ҳама ба назорати давлат аз болои барориши (эмиссияи) пулҳо, миқдори пулҳои дар муомилот буда, таъмини буҷети давлатии мувозинат ва ҷорӣ намудани фоизи баланд ба қарзи бонкӣ пешбарӣ мекунанд.

Олим – иқтисодчии америкоӣ **М.Фридмен** – яке аз шахсони номдор дар илми иқтисодии муосир, сарвари шинохтаи «мактаби нави монетаристӣ». Корҳои асосии М.Фридмен дар соҳаи назария ва таҷрибаи муомилоти пулӣ: **«Барномаи мӯътадилкунии монетарӣ» (1953с.); «Тамоюлҳои баъдиҷангӣ дар назария ва амалияи пулӣ» (1963с.); «Дасти ноаён» дар иқтисодиёт ва сиёсат» (1981с.)**. Мувофиқи ақидаи М.Фридмен, тамоми тағйиротҳои иқтисодӣ бо оқибатҳои сиёсати пулӣ маънидод карда мешаванд, на балки бо мӯътадилии иқтисоди бозорӣ, бинобар ҳамин давлат бояд ба муносибатҳои бозорӣ то қадри имкон оҳиста – оҳиста дахолат кунад.

Дар ибтидои асри **XX** олимон – иқтисодчиёни ИМА, таҳлили тамоюлҳои монополиро дар иқтисодиёт пурзӯр намуда, ба равияи нав дар назарияи иқтисодӣ, яъне ба **институтсионализм** ибтидо гузоштанд. Ин равия чунон шакли номуайян дорад, ки афкорҳои намояндагони гуногуни он аз ҳамдигар оид ба як қатор муаммоҳо фарқияти калон дорад. Лекин дар ин равия як қатор ақидаҳои асосиро дарётан мумкин аст, ки ҳамаи намояндагони онро муттаҳид мекунад.

**Якум**, институтсионалистон мазмуни илми иқтисодиро ниҳоят васеъ дарк мекунанд. Онҳо дар таҳлили соф муносибатҳои иқтисодӣ маҳдуд нашуда, пешкаш менамояд, ки

ҳамаи шароит ва омилҳои ба ҳаёти иқтисодӣ таъсир расонанда ба эътибор гирифта шаванд. Сухан оид ба чунин «институтҳои» ҷамъиятӣ (айнан аз ҳамин калима номи равияи мазкур муайян шудааст), ҳамчун шакли ташкили хоҷагидорӣ, меъёри рафтори гурӯҳҳои иҷтимоӣ, қонунҳои ҳуқуқӣ, тарзи тафаккур ва мафкури оммавии ҷамъият, урфу одатҳо ва анъанаҳо меравад.

**Дуюм**, онҳо пешкаш мекунанд, ки на танҳо чӣ тавр амал кардани ҷамъияти капиталистӣ, балки чӣ тавр тараққӣ кардани он ва дигаргуншавии он омӯхта шавад. Умуман барои институтсионализм муносибати танқидӣ ба капитализм ва тақозои васеъшавии барномаҳои иҷтимоӣ бо воситаи давлат хос мебошанд.

**Сеюм**, бозор – ин механизми ғайринейтралӣ ва ғайриуниверсалии тақсимкунанди захираҳо мебошад. Бозор ба қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои одамон кӯшиш накарда, балки ба нигоҳдорӣ ва сарватмандшавии корхонаҳои калон (монополияҳо) кӯшиш мекунад.

Асоси ҳокимияти корхонаҳои калон – техника буда, набалки қонунҳои бозорӣ мебошанд. Бар зидди фармонфармоии соҳибкорон амали якҷояи иттифоқҳои касаба ва давлат зарур аст. Танҳо дар ин ҳолат иқтисоди бозорӣ метавонад нисбатан оқилона ва инсонпарварона шавад. Ба ғайр аз ба давлат зарур аст, ки зери дастгирии худ чунин соҳаҳои ҳаётан муҳимро ба монанди экология, маориф ва тандурустиро қарор диҳад.

Асосгузори институтсионализм олими америкоӣ Т.Веблен (1857 – 1929с.) ба ҳисоб меравад. Зиддияти ӯ муқобили мактабҳои классикӣ ва неоклассикӣ акси худро дар муҳити ҷамъиятӣ ва иқтисодии америка ва европа дарёфт кардааст. Дигар иқтисодчии америкоӣ Дж.Коммонс асосгузори равияи иҷтимоӣ – ҳуқуқӣ дар институтсионализм гардид, ки ба консепсияи «ҷаҳони иҷтимоӣ» ва «назорати иҷтимоӣ» асос гузоштааст.

Давоми институтсионализми анъанавӣ дар соли 1960 дар ақидаҳои институтсионалистони нав ифода ёфтааст. Дж.Гелбрейт, Р.Арон, У.Ростоу, Д.Белл ва дигарон назарияи ҷамъияти индустриалӣ ва пасазиндустриалиро таҳия намуданд, ки дар он асоси пешравии иҷтимоӣ бояд инқилоби илмӣ-

техникӣ қарор дошта бошад, ки ба бартараф намудани зиддиятҳо бо роҳи таҳаввули бе низо мусоидат мекунад.

Солҳои 1970 – 1980 асри **XX** намуди дигари институтсионализм бо номи **неоинститутсионализм** ба миён омад. Ин равия бо маҷмӯаи ҳуқуқҳои моликият ва назарияи нави фирма пешкаш карда шудааст, ки таҳиягарони он Р.Коуз, А.Алчнан, Д.Норт ва дигарон ба ҳисоб меравaнд. Неоинститутсионалстон нисбат ба институтсионалстони пештара ва нав, ба асоси аслии барқароркунии ягонагии илм ва истифодабарии дастовардҳои неоклассикон кӯшиш мекунанд.

# МАВЗӮИ 2. МАЗМУН ВА УСУЛҲОИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ

2.1. *Таҳаввули афкорҳои ба мазмуни назарияи иқтисодӣ.*
2.2. *Маънидодкунии муосири мазмуни назарияи иқтисодӣ.*
2.3. *Вазифаҳои назарияи иқтисодии муосир.*
2.4. *Усулҳои назарияи иқтисодӣ.*
2.5. *Назарияи иқтисодӣ дар низоми илмҳо.*

Назарияи иқтисодӣ ҳамавақт диққати олимон ва одамони маълумотнокро ба худ ҷалб менамуд. Ин гуфтаҳо бо он тасдиқ карда мешавад, ки омӯзиши назарияи иқтисодӣ амалигардонии зарурияти объективии дарккунии майл ва амали хоҷагидории одамон, дарккунии қонунҳои хоҷагидориро дар ҳама давру замон дар бар мегирад. Дар ин ҷода мисолеро овардан мумкин аст, ки шоҳ Николайи I ба А.С.Пушкин оид ба коркарди принсипҳои тарбияи ҷавонон вазифагузорӣ намуд, дар натиҷа А.С. Пушкин бар зидди таълимоти хонагӣ баромад намуд, оид ба зарурияти омӯзиши ҳатмии иқтисоди сиёсӣ ақидаро пешкаш кард.

Барои тавсифи илме, ки ҳаёти хоҷагидориро тадқиқ мекунад, истиллоҳҳои гуногун истифода мешуданд:

**Экономия** – аз калимаи *юнонии ойкос – хона, хоҷагӣ* ва *номос – санъат, қонун, дониш* гирифта шудааст, ки бояд маънои санъати хоҷагидориро дошта бошад.

**Иқтисодиёт** – фанни илмие, ки фаъолияти хоҷагидориро дар низоми иқтисодӣ ва соҳаҳои алоҳидаи, унсурҳо, шароитҳоро (иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ, маориф, аҳолиншинӣ, меҳнат) ва ғайраҳо меомӯзад.

**Иқтисоди сиёсӣ** – аз калимаи юнонии *политея – сохтори давлатӣ, ойкос ва номос* гирифта шуда, маънои санъати хоҷагидориро дар чаҳорчӯбаи давлат дар назар дорад. Мувофиқан, то даме, ки давлат вуҷуд дорад, илми хоҷагидориро дар чаҳорчӯбаи давлат меомӯхта низ арзи вуҷуд мекунад. Дар аксари ҳолат ин истиллоҳро бо иқтисоди сиёсии классикӣ алоқаманд мекунанд, ки нисбатан нодуруст аст. Инчунин фаҳмиши ин истиллоҳ ҳамчун маҷмӯаи сиёсат ва иқтисодиёт низ нодуруст аст.

**Экономикс** – илм оид ба рафтори инсон дар иқтисодиёти бозорӣ, доир ба истифодабарии захираҳои маҳдуд дар фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад, ки ба услубияти маржиналистӣ такя мекунад.

**Назарияи иқтисодӣ** – илм оид ба санъати хоҷагидорӣ дар низомҳои иқтисодии гуногун, ки маҷмӯаи дастовардҳои зарурии афкорҳои иқтисодиро дар ибтидои асри XXI истифода мебарад.

## 2.1. ТАҲАВВУЛИ АФКОРҲО ОИД БА МАЗМУНИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ

Бо баробари инкишофи назарияи иқтисодӣ ҳамчун илм нигоҳи олимон – назариячиён ба мазмуни он тағйир меёфт. Ин масъала қисман ҳангоми дидабаромадани таъсисёбӣ ва инкишофи мактабҳои гуногуни илми иқтисодӣ дида баромада шуда буд, бинобар ҳамин дар ин маврид ба маънидодкунии

мухтасари афкорҳои олимон – иқтисодчиён ба мазмуни назарияи иқтисодӣ диққат дода мешавад.

Намояндагони аввалин мактаби иқтисодӣ – **меркантилистон**, ки манфиатҳои савдогарони давраи ғункунии ибтидоии капиталро ифода мекарданд, мазмуни тадқиқотҳои илмӣ **боигарӣ** ба ҳисоб мерафт. Аз тарафи меркантилистон сарчашмаи боигарӣ савдо эълон шуда, ба фикри онҳо худи боигарӣ одатан бо пул ифода карда мешуданд. Қоидаҳои ин таълимот инҳо ба ҳисоб мерафтанд: фаъолгардонии муносибатҳои молию пулӣ; ба мамлакат ҷалб намудани тилло ва нуқра, вобаста ба зиёдшавии эҳтиёҷотҳо ба пул.

**Мактаби физиократҳо** мазмуни иқтисоди сиёсиро аз боигарии миллӣ, яъне аз соҳаи муомилот ба соҳаи истеҳсолот гузаронид. Ин дастоварди бузурги иқтисодчиён – физиократҳо ба ҳисоб меравад, бо вуҷуди ин физиократҳо сарчашмаи боигариро нодуруст маънидод карда, онро танҳо бо меҳнати дар соҳаи кишоварзӣ сарфшуда алоқаманд мекарданд. Аз ин лиҳоз вазифаи амалии иқтисоди сиёсӣ ба ҳавасмандгардонии инкишофи истеҳсолоти кишоварзӣ алоқаманд карда шуда, хулосаи асосии амалӣ бошад, зарурияти маҳдудкунии дахолати давлатро ба ҷараёни муқаррарии тараққиёти иқтисодиёт тасдиқ мекард.

Намояндагони **иқтисоди сиёсии классики англис** мазмуни иқтисоди сиёсиро то тадқиқоти шароитҳои истеҳсолот ва андӯхт (А.Смит) ва инчунин тақсимоти боигарии миллии (Д.Рикардо) дар ҳама соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ба вуҷуд оварда мешуда, ки ба онҳо саноат, хоҷагии қишлоқ, сохтмон, хоҷагии ҷангал ва ғайраҳо дохил мешуданд, васеъ намуданд.

Айнан чунин ақидаро оид ба мазмуни иқтисоди сиёсӣ як қатор иқтисодчиёни муосири ғарб низ дастгирӣ мекунанд, ки иқтисоди сиёсиро ҳамчун илм оид ба истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмоли боигарии миллӣ маънидод менамоянд. Аммо фаҳмиши боигарии миллӣ дар ҷараёни инкишофи таърихии афкорҳои иқтисодӣ тағйир меёфт. Дар аввал боигарии миллиро дар намуди пул, баъдан дар намуди натиҷаи истеҳсолот тасаввур мекарданд. Дар давраи муосир бошад ба боигарии миллӣ худи инсон, тафаккури он, ахборот ҳамчун

сарчашмаи инкишофи минбаъдаи ҷамъият дохил карда мешаванд.

Вазифаи амалии иқтисоди сиёсии классикӣ ба асосноккунии омилҳои зиёдкунандаи боигарии миллӣ мансуб карда мешавад. Дар ин таълимот вазифаҳои позитивӣ (чӣ ҳаст) ва нормативии (чӣ бояд бошад) назарияи иқтисодӣ ҷудо карда мешаванд. Хулосаи амалӣ – ин дасткашӣ аз ҳамагуна шаклҳои дахолати давлат ба ҷараёни муқаррарии бозорӣ мебошад.

Мазмуни тадқиқоти иқтисоди сиёсии марксистӣ дар мувофиқа бо муносибати синфӣ ба таҳлили ҳаёти ҷамъиятӣ, танҳо **муносибатҳои истеҳсолӣ** мебошанд, ки асоси онҳоро муносибатҳои моликиятӣ ташкил мекунанд. Ин гуфтаҳо аҳамияти хосаро доранд, зеро аз низоми муносибатҳои истеҳсолӣ қонунҳои иқтисодӣ, зиддиятҳо, мунoқишаҳои синфӣ, зарурияти диктатураи пролетариат ва ҳукмронии низоми хоҷагидории маъмурӣ – фармондеҳӣ бар меоянд.

Муносибатҳои истеҳсолӣ – ин муносибатҳои объективона байни одамон дар ҷараёни истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолоти неъматҳои ҳаётӣ мебошанд.

Тавсифи умумии муносибатҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, тасдиқ намоем, ки муносибатҳои истеҳсолӣ ин тарафи зарурии истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад. К.Маркс менависад, ки «Дар истеҳсолот одамон на танҳо бо табиат муносибат мекунанд. Барои истеҳсол намудан, одамон ба алоқаҳо ва муносибатҳо дучор мешавад, ки айнан дар чунин алоқаҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ муносибати онҳо ба табиат вуҷуд дошта, истеҳсолот арзи ҳастӣ менамояд».

**Маржиналистон** мазмуни иқтисоди сиёсиро рафтори индивидуумҳо ва институтҳои иҷтимоӣ, таҳлили роҳҳо ва воситаҳои дастрасии мақсадҳои онҳо эълон намуданд. Мувофиқи таълимоти маржиналистон, вазифаи амалии иқтисоди сиёсӣ, ба омӯзиши ҳаматарафаи рафтори субъектон дар ҳолати мушахаси иқтисодӣ мустаҳкам карда шуд. Хулосаи амалии асосӣ – ин таъмини сиёсати иқтисодии фирма мебошад. Бо ин равия пайдошавии микроиқтисод алоқаманд аст.

Мувофиқи **консепсияи кейнсӣ**, мазмуни назарияи иқтисодӣ, фаъолияти иқтисодиёти миллӣ мегардад. Вазифаи

амалӣ дар ин ҷода ба коркарди сиёсати иқтисодии давлат вобаста карда мешавад. Хулосаи амалии асосӣ – ин зарурияти ҳавасмандгардонии маҷмӯаи талаботи аҳолӣ ва соҳибкории хусусӣ.

## 2.2. МАЪНИДОДКУНИИ МУОСИРИ МАЗМУНИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ

Дар китоби дарсии машҳури П.Самуэлсон «Экономикс» дар байни маънидодкуниҳои бисёри назарияи иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) қайд карда мешавад, ки экономикс – ин илм оид ба ҳаёти ҳамарӯза ва фаъолияти одамон мебошад.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ мазмуни иқтисоди сиёсӣ ҳамчун омӯзиши камёфтӣ ва маҳдудияти захираҳо паҳн гаштааст. Миқдори муайянкуниҳои мазмуни назарияи иқтисодиро давом додан мумкин аст. Лекин дурустар аст, ки бо фикри П.Самуэлсон розӣ шавем, ки мувофиқи он ҳамаи муайянкуниҳои назарияи иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) ҳамчун илм мазмуни онро аз тарафҳои гуногун кушода медиҳанд, зеро дар ин маънидодкуниҳо ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти инсон ба эътибор гирифта мешаванд.

Ҳамин тавр, муайян намудани мазмуни назарияи иқтисодӣ ниҳоят мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад, чунки худи ҳаёти инсон аз он ҷумла ҳаёти иқтисодии ӯ мураккаб ва бисёрҷабҳа аст. Ҳамаи ин имконият намедиҳад, ки ба мазмуни назарияи иқтисодӣ муайянкунии мухтасари ҳаматарафа дода шавад.

Бо вуҷуди ин, ақидаи аксарияти иқтисодчиёнро оид ба универсалӣ будани илми назарияи иқтисодӣ ба эътибор гирифта, инчунин бо назардошти он ки омӯзиши рафтори одамон ва гурӯҳҳои онҳо маънои дасткаширо аз тадқиқоти муносибатҳои истеҳсолӣ бо алоқаманди бо қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият ро надорад, мазмуни назарияи иқтисодиро чунин маънидод кардан мумкин аст: ***назарияи иқтисодӣ муносибатҳои истеҳсолиро (бо баҳамтаъсиррасонӣ бо қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият) меомӯзад, ки байни субъектони иқтисодиёт оид ба истеҳсолот, тақсимот,***

***мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ дар шароити маҳдудияти захираҳо ба миён меоянд.***

*Лекин* дар китобҳои дарсии муосир оид ба назарияи иқтисодӣ чунин маънидодкуниҳои мазмуни илми мазкур оварда шудаанд: «Назарияи иқтисодии муосир мазмуни худро ҳамчун омӯзиши истифодабарии неъматҳои камёфти иқтисодӣ бо мақсади қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои одамон муайян мекунад» ва ё «Назарияи иқтисодии умумӣ – ин илмӣ ҷамъиятие, ки рафтори одамонро ва гурӯҳҳоро дар истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолоти неъматҳои моддӣ бо мақсадҳои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳо дар шароити маҳдудияти захираҳо (ин ибора бо маънои ҷисмонӣ нею, балки ҳамчун имконнопазирии қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои ҳамаи аъзоёни ҷамъият ба пуррагӣ ва якбора дарк карда мешавад), ки рақобатро барои истифодабарии онҳо ба миён меорад, меомӯзад».

## 2.3. ВАЗИФАҲОИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДИИ МУОСИР.

Назарияи иқтисодӣ ба монанди дигар илмҳо вазифаҳои ба ӯ таалуқ доштаро иҷро мекунад. Муайян намудани чунин вазифаҳо имконият медиҳад, ки маънои мавҷудият ва инкишофёбии назарияи иқтисодиро ҳамчун илм дарк карда шавад ва мақсадҳо ва масъалаҳои аниқи он муайян карда шаванд.

Вазифаҳои назарияи иқтисодӣ ба асосӣ ва ёрирасон ҷудо мешаванд.

**Ба вазифаҳои асосии назарияи иқтисодӣ** дохил мешаванд: дарккунӣ, методологӣ ва амалӣ.

Маънои вазифаи **дарккунӣ** дар он аст, ки дар одамон эҳтиёҷоти фаҳмидан, тадқиқ кардан ва маънидод кардани моҳият ва натиҷаҳои ҷараёнҳо ва ҳодисаҳои дар ҳаёти иқтисодӣ ва дар ҳама сатҳҳои он ба миён меомада, пайдо мешавад. Зарурияти мавҷудияти вазифаи дарккунӣ бо он алоқаманд аст, ки набудани дониш ва ё тасаввуроти нодуруст оид ба ҳолати

аслии иқтисодиёт сабаби асосии қабули қарорҳои нодуруст мегардад ва дар натиҷа ба хатогиҳои иқтисодӣ ва сар задании бӯҳронҳо оварда мерасонад.

**Вазифаи методологии** назарияи иқтисодӣ дар муайян намудани усулҳо ва фишангҳои илмӣ барои амалигардонии корҳои тадқиқотӣ дар илмҳои иқтисодии дигар зоҳир мегардад.

Яке аз вазифаҳои дигари назарияи иқтисодӣ ин **муайян намудани қонуниятҳои тараққиёти иқтисодӣ** мебошад, ки бе дониши онҳо дуруст баҳогузорӣ намудани ҳолати иқтисодӣ ва интихоби оптималии равиши минбаъдаи тараққиёт ғайриимкон мебошад.

Вазифаи **амалии** назарияи иқтисодӣ дар истифодабарии таҳлилҳои он дар таҷрибаи хоҷагидорӣ мебошад. Шаклҳои инъикосёбии ин вазифа коркарди сиёсати иқтисодӣ ва ё сиёсати стратегӣ дар лаҳзаи додашуда ва ё барои дурнамо ва инчунин таҳияи моделҳои микроиқтисодию макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравaнд.

**Вазифаҳои ёрирасонӣ** назарияи иқтисодӣ, вазифаҳои таълимӣ ва идеологӣ мебошанд.

**Вазифаи таълимӣ** дар он зоҳир мегардад, ки дарккунӣ ва фаҳмиши таркибҳои асосии назарияи иқтисодӣ – муносибатҳои иқтисодӣ, қонунҳои иқтисодӣ, ҳодисаҳо ва категорияҳо ба инсон имконият медиҳанд, ки дониши пурраро оид ба ҳолати иқтисодиёт ва имкониятҳои фаъолияти инсонӣ дар ин соҳаи ҳаётан муҳим пайдо кунад.

Хусусан вазифаи таълимии назарияи иқтисодӣ дар замони муосир ниҳоят муҳим гаштааст, зеро муносибатҳои иқтисодӣ дар давраи муосир дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон муайянкунанда (ҳалкунанда) шуда истодаанд. Айнан барои ҳамин назарияи иқтисодӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар ҳама донишгоҳҳои дунё омӯхта мешаванд.

**Вазифаи идеологии** назарияи иқтисодӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин илм яке аз илмҳо оид ба ҷаҳонбинӣ ба ҳисоб меравад. Бо воситаи ин илм асоснoккунии маънои ақидаҳои глобалӣ ва мақсадҳои инкишофи ҷамъият (давлат) ба миён меояд.

## 2.4. УСУЛҲОИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ.

Усул (метод) аз калимаи юнони гирифта шуда, маънои *«роҳ»-ро (тарзи дастрасии мақсад, роҳ ба сӯи чизеро)* дорад. Омӯзиши ҳодисаҳои иқтисодӣ мавҷудияти усулҳои махсуси дарккунии илмиро дорад. Худи усулҳо ҳамчун ҷараёни дарккунӣ дар радифи инкишофи илми иқтисодӣ доимо мукаммал шудаанд.

**Усули эмпирикӣ**. Тарзи аввалини омӯзиши ҳодисаҳои иқтисодӣ усули эмпирикӣ ба ҳисоб меравад, ки мантиқи он дар ҷамъоварӣ ва баён намудани фактҳо ва ё ҳодисаҳо инъикос меёбад. Усули эмпирикӣ ба маълумотҳои мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳо такя мекунад. Таҷрибаҳоро дар иқтисодиёт амалӣ гардонидан ниҳоят душвор аст, махсусан дар масштаби умумиҷамъиятӣ. Фактҳои нави муайяншуда дар навбати худ барои хулосабарории илмӣ ҳамчун асос баромад мекунанд. Усули эмпирикиро меркантилистон дар замони худ истифода бурда буданд ва имрӯзҳо низ ин усул аз тарафи иқтисодчиён истифода мешавад, зеро ин тарзи асосии ба дастовардани ахбори ибтидоӣ оид ба иқтисодиёт мебошад.

**Усули оморӣ**. Дар асри XVIII У.Петти усули эмпирикиро мукаммал гардонид ва усули омориро (ва ё ба гуфти худи ӯ «арифметикаи сиёсӣ»), бо роҳи пурра намудани ҷамъоварии ахборотро бо таҳлили миқдорӣ, таҳия намуд.

Дар натиҷа омори иқтисодӣ ба илми зарурии мустақили иқтисодӣ мубаддал шуд. Ҳамин тавр хусусияти усули иқтисодӣ – оморӣ ин ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои миқдорӣ оид ба ҳодисаҳо ва ҷараёнҳои ҳаёти хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад.

**Усули сабабӣ – оқибатӣ** (причинно – следственный метод) ба давраи иқтисоди сиёсии классикӣ мувофиқат мекунад. Ин усул дар замони муосир низ васеъ истифода бурда мешавад. Маънои ин усул дар муайян намудани алоқаҳои сабабӣ – оқибатӣ байни ҳодисаҳои алоҳидаи иқтисодӣ мебошад.

Усули сабабӣ – оқибатӣ моҳияти ҳодисаҳоро аз нуқтаи назари сифатӣ таҳлил намуда, барои сохтани иерархияи

мантиқии категорияҳои[1] иқтисодӣ аз рӯи принсипҳои зерин кӯмак мерасонад: аз ҳодисаи А ҳодиса Б давом мегирад, аз ҳодисаи Б бошад ҳодиса В давом мегирад ва ғайраҳо. Ҳамаи ин барои маънидодкунӣ ва пешбинии ҳодисаҳои иқтисодӣ замина мегузорад. Инкишофи усули сабабӣ – оқибатӣ дар иқтисоди сиёсӣ асосан ба дастовардҳои фалсафа ва чунин усулҳои дарккунии умумиилмӣ, ба монанди индуксия, дедуксия, таҳлил, омезиш (синтез), аналогия, муқоисакунӣ ва ғайраҳо, такя мекунад.

**Таҳлили позитивӣ ва нормативиро** ба иқтисодиёт А.Смит ворид намуд. Таҳлили позитивӣ ба муайян намудани қонуниятҳои объективӣ ва ҳодисаҳо дар он намуде, ки онҳо вуҷуд доранд равона карда мешавад, яъне мақсади таҳлили позитивӣ ин тасдиқи фактҳо мебошад. Таҳлили нормативӣ хаёлоти баҳодиҳиро дар назар дорад. Ин муносибат аз нуқтаи назари бояду шояд, муайян намудани зарурият ва ё нодурустии ин ё он ҳодисаи иқтисодӣ мебошад.

Таҳлили нормативӣ барои таҳияи сиёсати иқтисодӣ ниҳоят муҳим мебошад. Бо баробари ин ҳангоми муносибати нормативӣ махсусан манфиатҳои одамон ба инобат гирифта мешаванд, ва мувофиқан баҳодиҳии субъективӣ баландтар мешавад. Мақсадҳои барои як қатор одамон зарур ва фоидаовар тасаввур карда мешуда, ба ақидаи дигарон дуюминдараҷа ва ё зараровар ҳисобида шуданаш мумкин аст. Ҳамин тавр, ҳангоми амалигардонии таҳлил интихоби мақсади дуруст муаммои аввалиндараҷа ва зарур ба ҳисоб меравад.

**Усули абстраксияи илмӣ**. Аввалин маротиба дар илми иқтисодӣ ин усулро Д.Рикардо аниқ маъниод кардааст. Ба фирки ӯ маънои абстраксия илмӣ дар дарёфти ҳодисаҳои нисбатан зарур ва истисной фикрӣ аз тафсилҳои (деталҳои) дуюминдараҷа ифода меёбад. Ин усул имконият медиҳад, ки объекти тадқиқот ба қисмҳои ҷудо карда шавад ва алоқамандиҳои асосӣ дар намуди соф таҳлил карда шаванд. Усули абстраксияи имлӣ дар асоси ҳамагуна моделсозӣ (аз он ҷумла математикӣ) хобидааст.

[1] Категорияҳои иқтисодӣ гуфта шаклҳои дарккунии ҳодисаҳои иқтисодиро меноманд, ки дар мафҳумҳои (истиллоҳҳои) илмӣ ифода ёфтаанд. Мисоли категорияҳои иқтисодӣ мол, арзиш, капитал, нарх, пул ва ғайраҳо шуда метавонанд.

**Усулҳои материализми диалектикӣ ва таърихӣ**. Ба инкишофи методологияи (услубияти) илми иқтисодӣ К.Маркс ниҳоат саҳми бузург гузоштааст. Ӯ усули материализми диалектикӣ ва таърихиро таҳия намуд. Маънои асосии муносибати материалистӣ ба таърихӣ дар он аст, ки тафаккур бо ҳастии ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Бинобар ҳамин дар сохтори ҷамъият қувваҳои истеҳсолкунандаи моддӣ асосӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар вобастагӣ аз қувваҳои истеҳсолкунанда муносибатҳои истеҳсолии одамон, аз он ҷумла унсури асосии он – муносибатҳои моликиятӣ таъсис меёбанд.

Масъала оиди он, ки оё ҳамавақт ҳастӣ нисбат ба муносибати созандагӣ аввалин аст, дар илми иқтисодӣ ҳоло ҳам муҳокима карда мешавад. Ақидаҳо оид ба маҳдудияти диалектикаи материалистӣ баён карда мешаванд. Лекин маҳсулнокии таҳлили ҷиҳати материалистии истеҳсолот барои дарк намудани, масалан муносибати моликиятӣ, аз тарафи ҳеҷ касс инъикор карда намешавад.

**Таҳлили функсионалӣ** – ин таҳлили ҳамаи категорияҳо дар алоқаи сабабӣ – оқибатии «вертикалӣ» набуда, балки дар баҳамтаъсиррасонии онҳо бо якдигар ба сифати гуногун мебошад. Масалан, гуфтан мумкин аст, ки нархи мол аз талабот ба мол вобастагӣ дорад. Инчунин гуфтан мумкин аст, ки ҳаҷми талабот аз нарх вобастагӣ дорад. Усули функсионалӣ имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои миқдории баҳамтаъсиррасонии ҳодисаҳои гуногун муайян карда шаванд, моделҳои иқтисодӣ таҳия карда шуда, тарзҳои бисёромилаи ноилгардӣ ба мақсад коркарда шаванд ва масъалаҳои оптимизатсия ҳал карда шаванд.

**Эконометрика**. Муваффақиятҳои истифодабарии таҳлили функсионали дар иқтисодиёт ба таъсисёбии эконометрика ва ё усули иқтисодӣ – математикӣ оварда расонид. Дар чаҳорчӯбаи он таҳлили регрессионӣ, моделсозии математикӣ, барномасозии хаттӣ ва ғайрихаттӣ ва таҳлили системавӣ фаъолона истифода бурда мешаванд. Лекин имкониятҳои таҳлили функсионалӣ сарҳадҳои худро дорад. На ҳама ҳодисаҳо ва ҷараёнҳоро дар иқтисодиёт ва ҷамъият формалӣ кунонида ба забони функсионалии математикӣ овардан мумкин аст.

## 2.5. НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ ДАР НИЗОМИ ИЛМҲО.

Назарияи иқтисодӣ дар низоми донишҳои илмӣ мавқеъи хосаро ишғол мекунад. Илми ҷамъиятӣ маҳсуб ёфта, назарияи иқтисодӣ бо илмҳои табиӣ - техникӣ алоқаманд мебошад; бо ҳамроҳии дигар илмҳои ҷамъиятӣ инсон ва ҷамъиятро тасвир мекунад; барои инкишофи як қатор фанҳои махсуси иқтисодӣ асоси базавӣ ба ҳисоб меравад.

**Назарияи иқтисодӣ ва илмҳои табиӣ – техникӣ**. Нисбат ба илмҳои табиӣ ва техникӣ назарияи иқтисодӣ ҳамчун истеъмолкунандаи дастовардҳои ин илмҳо ва ҳамчун зиннаи алоқамандкунии байни илмҳои табиӣ – техникӣ ва фанҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад.

Махсусан истифодабарии дастовардҳои илмҳои дақиқ дар истифодабарии аппарати математикӣ инъикос меёбад. Дар назарияи иқтисодӣ истифодабарии васеъи донишҳои математикӣ ифода меёбад: аз алгебраи элементарӣ ва геометрия то математикаи олӣ ва қисмҳои махсуси он.

Барои илми иқтисодӣ аз нуқтаи назари ҳамкории он бо илмҳои табиӣ, дар давраи муосир назарияи низомҳои худтаъсисёбанда (дар якҷоягии философия ва математика) аҳамияти калон доранд, ки доимо дар назарияи инкишофи (таҳаввули) умумӣ ҷамъ мешаванд. Ин назария аппарати махсуси математикиро дорад, ки қобилияти тавсиф намудани низоми додашударо дорад. Нисбати ҷараёнҳои табиӣ инкишоф ёфта, ин назария барои тавсиф ва моделсозии бисёр ҷараёнҳои иқтисодӣ дар иқтисоди бозорӣ мувофиқияти худро ифода кардааст.

Низоми худтаъсисёбанда бо худ чиро ифода мекунад? Ин низом қобилият дорад, ки дар ҷараёни амал намуданаш алоқамандиҳои дохилии худ, тартиб ва ташкилоти худро вобаста аз омилҳои ба он таъсиррасонанда тағйир диҳад (агар ин омилҳо аз ҳудудҳои критикии он берун набароянд). Мисоли

классикии чунин низом – алаф дар газон. Вақте ки аз болои он роҳ мегарданд, он хам шуда баъдад ба ҳолати пешинаи худ бар мегардад. Лекин агар аз болои он одамони бисёре роҳ гардад, ҳудуди мустаҳкамии он аз доираи худ баромада, роҳрав пайдо мешавад.

Иқтисодчиён ҷараёнҳои ба ин монандро дар хоҷагидорӣ бо осонӣ мушоҳида мекунанд. Ҷорӣ намудани нархи мувозинатӣ, бӯҳронҳои иқтисодӣ, суръатҳои баланди рушди иқтисодии мамлакатҳои алоҳида ва ғайраҳо. Махсусан барои илми иқтисодӣ дар назарияи худтаъсисёбӣ муносибати динамикии он ва қобилияти тасвири иқтисодиёт дар ҷараёни тағйирёбии он зарууртар мебошад.

Дигар тарафи баҳамтаъсиррасонии назарияи иқтисодӣ ва фанҳои табиӣ – техникӣ бо он асос меёбад, ки таъсири қонуниятҳои табиии аз тарафи ин илмҳо омӯхта шаванда ба ҷамъияти инсонӣ дар навбати аввал (одатан) дар иқтисодиёт инъикос меёбанд. Дар ҳақиқат ҳам, бо вуҷуди он ки интихоби вариантҳои истифодабарии захираҳои иқтисодӣ дар асоси нишондодҳои ҷамъиятӣ ба миён меояд, техника ва технология низ барои муайян намудани ин вариантҳо хизмат мерасонад. Бо баробари ин хатти баҳамтаъсиррасонии байни ҷамъият ва ҷаҳони моддӣ одатан бо воситаи иқтисодиёт мегузарад.

**Назарияи иқтисодӣ ва илмҳои ҷамъиятӣ**. Азбаски объекти тадқиқоти назарияи иқтисодӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятӣ инсон ва ҷамъият баромад мекунанд, бинобар ҳамин лаҳзаҳои асосии ҳамаи илмҳои ҷамъиятӣ ба ҳам мувофиқат мекунанд.

***Назарияи иқтисодӣ ва фалсафа***. Принсипҳо ва муносибатҳои нисбатан умумиро ба таҳлили ҳодисаҳо ва қонуниятҳои иқтисодиро назарияи иқтисодӣ аз мактабҳо ва равияҳои гуногуни фалсавӣ гирифтааст.

Боигарии фалсафа барои коркарди асоси тараққиёти иқтисодӣ истифода мешавад, яъне барои равиши ҷаҳонбинӣ ба иқтисодиёт ва дигар мактабҳои илмӣ.

Назарияи иқтисодӣ бо усулҳои дарккунӣ истифода мебарад, ки фалсафа коркард кардааст. Ҳамаи маҷмӯаи воситаҳои дарккунӣ, усулҳо, тарзҳои мушоҳидаи объекти тадқиқот ва исботкуниҳои ҷараёнҳои объективӣ услубияти

(методологияи) назарияи иқтисодиро ташкил мекунанд. Бинобар ҳамин ибораи таъсири «фалсафа ба илми иқтисодӣ характери методологӣ дорад» дуруст аст.

***Назарияи иқтисодӣ ва психология***. Назарияи иқтисодӣ бо психологияи шахсӣ ва ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ) алоқаманд аст. Назарияи иқтисодӣ қонуниятҳои психологиро васеъ истифода мебарад, зеро айнан дар тафаккури инсон сарчашмаҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии ӯ хобидааст.

Дар назарияи иқтисодӣ ва психология категорияҳои умумӣ мавҷуданд, ки онҳоро ҳардуи ин илмҳо аз нуқтаи назари худ мушоҳида мекунанд: эҳтиёҷотҳо, манфиатҳо, мақсадҳо, рағбатҳо ва ғайраҳо. Айнан ҳар дуи ин илмҳо дар минтақаи назди сарҳадӣ қарор дошта, муносибатҳои махсуси ҳар яки онҳо якдигарро пурра мекунанд. Ҳамин тавр хулосаҳои психологияи ҷамъиятӣ барои ба эътибор гирифтани психологияи миллӣ, анъанаҳо ва эътирофҳои динӣ, ҳангоми коркарди сиёсати иқтисодӣ ва сохтани модели тараққиёти умумиқтисодӣ имконият медиҳад.

Дар даҳсолаҳои охир баҳамтаъсиррасонии илмҳои иқтисодӣ ва психологӣ дар сатҳи нав гузашт, ки дар пайдоиши илми нав - психологияи иқтисодӣ ифода меёбад.

***Назарияи иқтисодӣ ва ҳуқуқ***. Алоқаи байни назарияи иқтисодӣ ва ҳуқуқ ниҳоят зич мебошад. Аз як тараф, қонунҳои объективии иқтисодӣ таркиби актҳои ҳуқуқии аз тарафи инсон таҳия мегардидаро муайян менамоянд. Қисмҳои калони ҳуқуқи хоҷагидорӣ амалан хулосаи таҷрибаи иқтисодии ба миён омада мебошанд, ки бо обрӯи давлат мустаҳкам карда шудаанд. Бо баробари ин ҳодисаи қонунҳои амал намекарда нишон медиҳад, ки актҳои ҳуқуқии қабул шудаи ба талаботҳои иқтисодиёт мувофиқ набуда, ба риоя накардани онҳо оварда мерасонад. Аз тарафи дигар, фаъолияти субъектони иқтисодиёт хавфнок мебошад, агар он берун аз муҳити ҳуқуқи ҷараён гирифта бошад. Дар ҳолати мавҷуд набудани қонунҳои ҳуқуқии зарурӣ, бисёр ҷараёнҳои иқтисодӣ дар масштабҳои хурд нисбат ба имкониятҳои объективӣ амалӣ гардонида мешаванд.

***Назарияи иқтисодӣ ва таърих***. Байни назарияи иқтисодӣ ва таърих алоқаи зич вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама таърих барои назарияи иқтисодӣ ҳамчун сарчашмаи фактҳо баромад

мекунад. аксарияти мактабҳои иқтисодӣ, назарияҳои худро айнан аз таҳлили қонуниятҳои таърихӣ ҳосил мекунанд.

**Назарияи иқтисодӣ ва дигар илмҳои иқтисодӣ**. Назарияи иқтисодӣ барои илмҳои иқтисодӣ таҳкурсии (фундаменти) асосӣ баромад мекунад: **фанҳои конкретии иқтисодӣ** (иқтисодиёти саноат, иқтисодиёти кишоварзӣ, иқтисодиёти корхона ва ғайраҳо), ки ба омӯзиши чуқури хусусиятҳои фаъолияти соҳаҳои аоҳидаи иқтисодиёт бахшида шудаанд; **фанҳои иқтисодии функсионалӣ** (молия, қарз, маркетинг, менеҷмент ва ғайраҳо), ки ба таҳлили аниқи ҷараёнҳои асосии иқтисодиёт бахшида шудаанд; **фанҳои информатсионӣ – аналитикӣ** (омор, моделсозии иқтисодӣ ва ғайраҳо), ки бо мукаммалгардонии усулҳои ҷамъкунӣ ва коркарди ахбороти иқтисодӣ машғуланд; **фанҳои иқтисодии таърихӣ** (таърихи хоҷагии халқ, таърихи афкорҳои иқтисодӣ).

Ҷ.М.Кейнс навишта буд: Иқтисодчии ҳақиқи, касби худро дӯст дошта, бояд дорои қобилиятҳои гуногун бошад: дар сатҳи муайян ӯ бояд математик, таърихчӣ, коркунӣ давлатӣ, файласуф … бошад. Ӯ бояд оиди қисматҳо ва мафҳумҳои умумӣ хаёл кунад ва қобилияти мубаддал намудани хаёлотҳои худро ба абстрактӣ ва конкретӣ дошта бошад. Ӯ бояд гузашта ва имрӯзаро бахри оянда омӯзад. Ягон хислати инсонӣ ва институтҳои аз тарафи одам офарида шуда набояд аз ҳудуди диққати ӯ берун боқи монад.

# ҚИСМИ II. ИҚТИСОДИ СИЁСӢ

Мавзӯи 3. Масъалаҳои умумии иқтисоди сиёсӣ.
Мавзӯи 4. Истеҳсолоти ҷамъиятӣ – асоси инкишофи ҷамъият.
Мавзӯи 5. Пойдоршавӣ ва моҳияти истеҳсолоти молӣ.
Назарияи иқтисодии мол, арзиш ва нарх.
Мавзӯи 6. Муносибатҳои бозорӣ. Моҳият, вазифаҳо ва сохтори бозор.
Мавзӯи 7. Рақобат ва бозор.
Мавзӯи 8. Механизмҳои амалкунии бозор.

# МАВЗӮИ 3. МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ ИҚТИСОДИ СИЁСӢ.

3.1. *Қонунҳо ва категорияҳои иқтисодии инкишофи ҷамъият.*
3.2. *Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат – сарчашмаи тараққиёти иқтисодиёт.*
3.3. *Манфиатҳои иқтисодӣ – қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи тараққиёти иқтисодиёт.*
3.4. *Инсон дар низоми иқтисоди бозорӣ.*
3.5. *Моликият ва моделҳои ташкилии низомҳои иқтисодӣ.*

## 3.1. ҚОНУНҲО ВА КАТЕГОРИЯҲОИ ИНКИШОФИ ҶАМЪИЯТ

**Объективии қонунҳои иқтисодӣ**. Ҷаҳони иҳота кардаи мо бо тамоми ҳастиаш чунон тартиб дода шудааст, ки ҷараёнҳо ва ҳодисаҳо дар табиат ва ҷамъият ба қоидаҳои муайян итоат мекунад. Бо ибораи дигар, алоқаҳо ва таносубҳои умумӣ байни худи ҷараёнҳо ва ҳам байни нишондиҳандаҳои онҳо амал мекунанд, ки чандинбора такрор ёфта, мустаҳкам гаштаанд. Ин гуна алоқаҳо метавонанд характери сababӣ – оқибатӣ (сабаби додашуда ҳамавақт оқибати додашударо тавлид месозад), ва ё вобастагии устувори байни ин ё он ҷабхаҳои ҷараёнро дошта бошанд ва ё дар шакли натиҷаҳои якҷинсаи баҳамтаъсиррасонии ҳодисаҳои гуногун ифода ёбанд. Тарзҳои универсалии умумии «рафтори» ҳастии дунёро, ки объективона ба ҳамаи ҳодисаҳои якҷинса хосанд, одатан қонун меноманд.

Мавҷудияти қонунҳо дар дунёи ҷисмонӣ ва физиологӣ мушохида карда шуда, яандинбор тасдиқ карда шудаанд. Ин қонунҳои механика, қонунҳои нигоҳдории энергия ва мубаддалшавии чизҳо ба энергия, қонунҳои наслгузаронӣ ва таҳаввули организми зинда ва ғайраҳо. Хусусияти принсипиалии чунин қонунҳо дар он аст, ки онҳо новобаста аз хоҳиш ва тафаккури одамон амал мекунанд.

Иқтисодиёт маҷмӯаи қонунҳои худро дорад, яъне қонунҳои иқтисодӣ, ки бо онҳо қисми фундаменталии назарияи иқтисодӣ – иқтисоди сиёси сару кор дорад. Бо ҷараёнҳои иқтисодии ҷамъият қонунҳои ба онҳо мувофиқ идора мекунанд. Дар китоби «Фалсафаи ҳуқуқ» Гегел оид ба

иқтисоди сиёсӣ ҳамчун илм менависад, ки «он ба афкор обрӯ медиҳад», чунки он дар назди худ бисёр ҳодисаҳои тасодуфиро мушоҳида карда, қонунҳои онҳоро дарёфт менамояд». Назарияи иқтисодӣ бо ҷамъкунии омилҳо, аниқ намудани алоқаҳои муайяни байни онҳо машғул буда, онҳоро бо тартиби муайян ҷо ба ҷо мегузорад. Инчунин назарияи иқтисодӣ такрорёбии алоқаҳои фактҳоро ва хислати устувор ва ё тасодуфӣ будани онҳоро муайян мекунад. Маълум аст, ки то кадом андоза алоқаҳои байни фактҳои иқтисодӣ устувор бошанд, ҳамон қадар ҳисобҳои иқтисодӣ дурусттар мегарданд. Мувофиқан, агар алоқаи байни фактҳо, ҳодисаҳо, ҷараёнҳо ва алоқаҳои сабабӣ – оқибатӣ дар ҳаёти иқтисодии ҷамъият устувор ба ҳисоб раванд, ин гуна алоқаҳо қонунҳои иқтисодӣ номида мешаванд. Масалан, қонуни баландкунии ҳосилнокии меҳнат, қонуни афзоишёбии эҳтиёҷотҳо, қонуни арзиш, қонунҳои муомилоти пули ва ғайраҳо.

Қонунҳои иқтисодиро набояд бо қонунҳои табиат ва қонунҳои табиатшиносӣ омехта кард, чунки байни онҳо як қатор фарқиятҳои принсипиалӣ вуҷуд дорад:

- *қонунҳои табиӣ – ин қонунҳои табиат буда, қонунҳои иқтисодӣ – ин қонунҳои инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ, фаъолияти хоҷагидории одамон мебошанд;*
- *қонунҳои табиӣ – абадианд, қонунҳои иқтисодӣ бошанд характери таърихӣ доранд;*
- *муайян намудан ва истифодаи қонунҳои табиӣ нисбатан мӯътадил мегузарад, қонунҳои иқтисодӣ бошанд бо зиддият аз тарафи қувваҳои барҳамхӯрандаи ҷамъият дучор мешаванд.*

Қонунҳои иқтисодиро бо қонунҳои ҳуқуқӣ низ омехта кардан мумкин нест. Зеро қонунҳои ҳуқуқӣ аз тарафи одамон қабул мегарданд ва бо хохиши онҳо аз байн мераванд.

**Таркиби қонунҳои иқтисодӣ ва услубияти (методологияи) омӯзи онҳо**. Қонунҳои иқтисодӣ, ҳамчун қонунҳои табиат характери объективӣ доранд, бинобар ҳамин ба ҳоҳиш ва тафаккури инсон итоат намекунанд, ва баҳо дода намешаванд. Қонунҳои иқтисодӣ ҳамавақт бо зарурияти ҷараёни вақт амал мекунанд, ба монанди омилҳо, ҷараёнҳо, ки алоқаи байни онҳоро мекунанд. Қонунҳои иқтисодиро манъ

кардан мумкин нест. Ба инсон ва ҷамъият танҳо зарур аст, ки механизми амал намудани қонунҳои иқтисодиро омӯзанд ва бо назардошти талаботҳои ин қонунҳо қарорҳои хоҷагидорро қабул намоянд.

Қонунҳои иқтисодӣ дар маҷмӯъ низоми қонунҳои иқтисодии инкишофи ҷамъиятро ташкил мекунанд, ки дар худ гурӯҳҳо ва намудҳои гуногуни қонунҳоро дар бар мегиранд.

**Таснифоти қонунҳои иқтисодӣ**. Қонунҳои иқтисодӣ ба гуруҳҳои зерин тақсим карда мешаванд:

- *қонунҳои иқтисодии махсус;*
- *қонунҳои иқтисодии алоҳида;*
- *қонунҳои иқтисодии умумӣ.*

***Қонунҳои иқтисодии махсус*** – ин қонунҳои инкишофи шаклҳои аниқи таърихии хоҷагидорӣ. Масалан, қонунҳои тақсимот дар давраи ғуломдорӣ ва ғайраҳо.

***Қонунҳои иқтисодии алоҳида*** – ин қонунҳое, ки ба ин ё он давраҳои таърихи мансубанд, ки дар онҳо шароитҳои амал намудани ин қонунҳо нигоҳ дошта мешаванд. Масалан, қонуни арзиш ва ғайраҳо.

***Қонунҳои иқтисодии умумӣ*** – ин қонунҳое, ки ба ҳама давраҳои таърихӣ таалуқ доранд. Онҳо ҷараёни пай дар паии инкишофи истеҳсолоти ҷамъиятиро ифода мекунанд. Масалан, қонуни сарфаи вақт, қонуни афзоишёбии эҳтиёҷотҳо, қонуни тақсимоти ҷамъиятии меҳнат.

Аз ин гуфтаҳо қайд кардан мумкин аст, ки қонунҳои иқтисодӣ – ин алоқаҳои объективӣ, устувор, такрорёбандаи сабабӣ – оқибатӣ ва баҳамвобастагии ҳодисаҳои иқтисодӣ дар ҷараёни истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолоти неъматҳои моддӣ дар зинаҳои гуногуни инкишофи ҷамъияти инсонӣ мебошанд.

**Категорияҳои иқтисодӣ**. Бо воситаи хаёлоти абстрактӣ қадам ба қадам муайян намудани моҳияти ҳодисаҳои иқтисодӣ ба миён меояд, ки таъсисёбии мафҳумҳои мантиқии муайянро талаб мекунад, ки ҳолати аслии иқтисодиётро дар инкишофёбӣ инъикос менамоянд. Мафҳумҳои мантиқии тарафҳои ҳаёти иқтисодии ҷамъиятро ифода кунанда, **категориҳои иқтисодӣ номида мешаванд**.

Масалан, чунин категорияҳоро номбар кардан мумкин аст: талабот, пешниҳод, қарз, моликият, бозор, музди меҳнат, фоида, нарх, пул ва ғайраҳо. Лекин на ҳама истиллоҳҳое, ки дар адабиёти иқтисодӣ истифода мешаванд, ба сифати категорияҳои иқтисодӣ баромад мекунанд, зеро категория ин мафҳуми асосӣ мебошад.

Аз як тараф категорияҳои иқтисодӣ ин натиҷа, аз тарафи дигар бошад воситаи дарккунии муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд. Категорияҳои иқтисодӣ ҳамчун натиҷа ин ифодаёбии мантиқии муносибатҳои иқтисодӣ буда, ҳамчун восита бошад имконият медиҳад, ки маънои алоқаҳо ва муносибатҳои иқтисодӣ саҳеҳтар дарк карда шаванд.

## 3.2. ТАҚСИМОТИ ҶАМЪИЯТИИ МЕҲНАТ – САРЧАШМАИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДӢ

**Моҳият ва таркиби тақсимоти ҷамъиятии меҳнат**. Дар асоси тараққиёти иқтисодӣ маҳсули худи табиат меистад – тақсимоти вазифаҳо байни одамон вобаста аз ҷинс, синну сол, хислатҳои ҷисмонӣ, физиологӣ ва дигар хусусиятҳо. Вале инсон тавонист аз тақсимоти табиии вазифаҳо ба тақсимоти меҳнат қадами пешравиро гузорад, ки асоси иқтисодиёт ва пешравии иҷтимоӣ – иқтисодӣ гардид.

Ба ҳар як аъзои ҷамъият ягон намуди фаъолият мустаҳкам карда шудааст, яъне фаъолиятҳо махсусгардонида шудаанд. Агар бо диққат ба атрофии худ нигарем, мебинем, ки дар ҷаҳоне зиндагӣ дорем, ки дар он ҳамаи одамон аз рӯи машғулият, фаъолият ва иҷроиши вазифаҳои худ аз ҳамдигар мустақил (ҷудо) карда шудаанд. Айнан ҳамин мустақилият (ҷудошавӣ) тақсимоти меҳнат мебошад. Мувофиқан, тақсимоти меҳнат ин ҷараёни таърихии мустақилшавӣ, мустаҳкамкунии намудҳои алоҳидаи фаъолият мебошад.

Тақсимоти меҳнат дар ҷамъият доимо тағйир ёфта, худи низоми намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ мураккаб шуда истодааст, зеро худи ҷараёни меҳнат низ мураккаб шуда истодааст.

Тамоми кӯшишҳои худро барои офаридани ягон мол равона карда ва маҳсули меҳнати худро ба маҳсули меҳнати дигар одамон мубодила намуда, инсон муайян намуд, ки: ин ҷараён вақт ва қувваи ӯро сарфа мекунад, зеро ҳосилнокии меҳнати ҳамаи иштирокчиёни мубодила афзоиш меёбад. Бо ҳамин сабаб механизми инкишофи тақсимоти меҳнати дар давраҳои қадим оғоз дода шуда, имрӯзҳо низ амали худро ифода намуда, ба одамон бахри истифодабарии оқилонаи захираҳо ва фоидаи баланд гирифтан кӯмак мерасонад.

Ҳамин тавр, тақсимоти меҳнат – ин ҷараёни таърихии махсусгардии намудҳои фаъолияти меҳнатӣ ба истеҳсолоти мустақил ва алоқаманд мебошад.

**Намуд ва шаклҳои тақсимоти меҳнат**. Чунин намудҳои тақсимоти меҳнатро аз ҳам ҷудо мекунанд: муқаррарӣ, техникӣ (тақсимоти воситаҳои истеҳсолот) ва тақсимоти ҷамъиятии меҳнат.

Таърихан, аввалин намуди тақсимоти меҳнат ин тақсимоти муқаррарии меҳнат буд, яъне ҷараёни мустақилшавии намудҳои фаъолияти меҳнатӣ вобаста аз ҷиҳати синну солӣ ва ҷинсӣ. Ин тақсимоти меҳнат дар давраи пойдоршавии ҷамъияти инсонӣ нақши ҳалкунандаро бозидааст. Ин намуди тақсимоти меҳнат барои он муқаррарӣ номида мешавад, ки хусусияти он аз табиати худи инсон бармеояд.

Дигар намуди тақсимоти меҳнат, тақсимоти техникии он мебошад, яъне тақсимоти воситаҳои истеҳсолот. Ҳангоми ин намуди тақсимоти меҳнат чунин фарқгузории (дифферентсиатсияи) фаъолияти меҳнатии одамон ба миён меояд, ки бо табиати воситаҳои истеҳсолот, пеш аз ҳама техника ва технология муайян карда мешавад.

Мувофиқан, пайдоиши намудҳои нави техника ва технология, ашё ва масолеҳ ва истифодабарии онҳо дар ҷараёни истеҳсолот тақсимоти меҳнати навро, бо ибораи дигар тақсимоти техникии меҳнатро ба миён меоваранд.

Мафҳуми тақсимоти ҷамъиятии меҳнат тақсимоти муқаррарӣ ва техники меҳнатро дар бар мегирад, чунки ҳар як намуди фаъолият бе мавҷудияти инсон (тақсимоти муқаррарии меҳнат) ва бе воситаҳои моддӣ – техникии дар ҷараёни

истеҳсолот истифода шаванда (тақсимоти техникии меҳнат) амалӣ карда намешавад. Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ин шакл, механизм, тарзи ҳамкории одамон дар ҷараёни истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолоти неъматҳои иқтисодӣ ва маънавӣ мебошад.

Дар ҷаҳорчӯбаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, тақсимоти меҳнати соҳавӣ, минтақавӣ ва байналхалқиро ҷудо намудан зарур аст.

Тақсимоти соҳавии меҳнат бо шароитҳои истеҳсолот, характери ашёи истифода шаванда, технология, техника ва маҳсулоти истеҳсол мешуда муайян карда мешавад. Тақсимоти минтақавии меҳнат бо муҳити ҷойгиршавии намудҳои фаъолияти меҳнатӣ тавсиф карда мешавад. Инкишофи он бо фарқиятҳои шароити табиӣ – иқлимӣ ва омилҳои характери иқтисодӣ дошта муайян карда мешавад. Бо баробари инкишофёбии қувваҳои истеҳсолкунанда, нақлиёт, воситаҳои коммуникатсия нақши асосиро дар инкишофи ин намуди тақсимоти меҳнат омилҳои иқтисодӣ мебозанд. Лекин инкишофи соҳаҳои саноати истихроҷ ва кишоварзӣ бо омилҳои табиӣ муайян карда мешаванд.

Ба намудҳои тақсимоти минтақавии меҳнат инҳо дохил мешаванд: ноҳиявӣ, минтақавӣ (регионҳо) ва тақсимоти байналхалқии меҳнат. Аммо на тақсимоти меҳнатӣ соҳавӣ ва на минтақавӣ бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд.

**Шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат**. Аз нуқтаи назари дарбаргирии дараҷаи мустақилият ва инчунин алоқаҳои техникӣ – технологӣ ва ташкилӣ – иқтисодӣ байни намудҳои гуногуни истеҳсолот дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, К.Маркс се шакли онро ҷудо менамояд: ***умумӣ, хусусӣ ва воҳидӣ***.

***Тақсимоти меҳнати шакли умумӣ*** – бо махсусгардонии соҳаҳои калони фаъолият тавсиф карда мешавад, ки аз ҳамдигар бо шакли таъсисёбии маҳсулот фарқ мекунанд: тақсимоти чорводорӣ ва заминдорӣ (дар оянда тақсимоти саноат ва хоҷагии қишлоқ, истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддӣ), ҷудошавӣ ва махсусгардии савдо аз саноат. Дар асри **XX** ҷудошавӣ махсусгардии чунин соҳаҳои хоҷагидорӣ ба миён омад, ба монанди хизматрасонӣ, истеҳсолоти илмӣ, хоҷагии компютерӣ, комплекси агросаноатӣ, соҳаи молиявӣ – қарзӣ.

***Тақсимоти меҳнати хусусӣ*** – ин ҷараёни махсусгардии соҳаҳои алоҳида дар чаҳорчӯбаи соҳаҳои калони истеҳсолот. Ба ин шакли тақсимоти меҳнат барориши маҳсулотҳои якҷинса ва намуди якхелла хос аст, ки бо ягонагии техникӣ – технологӣ муттаҳид карда шудаанд. Ба тақсимоти меҳнати хусусӣ ҳам соҳаҳои алоҳида ва ҳам зерсоҳаҳо ва истеҳсолотҳои алоҳида дохил мешаванд. Масалан, дар саноат чунин соҳаҳо ба монанди мошинасозӣ, металлургия, истихроҷ ва ғайраҳо ҷудо карда мешаванд, ки дар навбати худ як қатор зерсоҳаҳоро дар бар мегиранд.

***Тақсимоти меҳнати воҳидӣ*** – махсусгардии истеҳсоли қисмҳои таркибии маҳсулоти тайёрро ва ҷудо намудани амалиётҳои алоҳидаи технологиро тавсиф мекунад. Ба ин шакли тақсимоти меҳнат, тақсимоти меҳнати деталӣ, бандӣ (узловая) ва амалиётӣ дохил мешаванд. Тақсимоти меҳнати воҳидӣ одатан дар чаҳорчӯбаи корхонаҳои алоҳида, дар дохили як корхона (дар ин ҷо корхонаи калон, ҳамчун сикли таъсисдиҳии моли тайёр дар назар дошта шудааст) ба назар мерасад.

Таърихан, тамоюл дар инкишофи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар ҷараёни гузариш аз тақсимоти умумии меҳнат ба хусусӣ ва аз хусусӣ ба тақсимоти воҳидӣ аён гардид. Дар ин ҷода гуфтан мумкин аст, ки дар инкишофи худ тақсимоти ҷамъиятии меҳнат се марҳиларо аз сар гузаронидааст, ки дар ҳар яки он тақсимоти умумӣ, хусусӣ ва воҳидии меҳнат муайянкунанда буд.

**Шаклҳои ташкилии истеҳсолоти ҷамъиятӣ**. Шаклҳои ифодаёбии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат фарқгузорӣ (дифферентсиатсия), махсусгардонӣ, универсализатсия ва диверсификатсия мебошанд.

***Фарқгузорӣ*** дар ҷараёни ҷудошавии истеҳсолотҳои алоҳидаи аз рӯи хусусияти воситаҳои истеҳсолот, технология ва меҳнати истифодашаванда ифода меёбад. Бо ибораи дигар, ин ҷараёни ҷудо намудани истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба намудҳои нав ба нави фаъолият мебошад. Масалан, пештар молистеҳсолкунанда на танҳо бо истеҳсолоти ягон неъмат машғул буд, инчунин ӯ бо фурӯши моли истеҳсолшуда машғул мешуд. Дар давраи муосир молистеҳсолкунанда диққати худро

танҳо ба истеҳсоли неъматҳо равона месозад, бо ҷараёни фурӯш бошад субъекти алоҳидаи мастақил машғул мебошад. Ҳамин тавр, фаъолияти хоҷагидории ягона ба ду намуд ҷудо шуд (фарқгузорӣ карда шуд).

Дар асоси ***махсусгардонӣ*** фарқгузорӣ хобидааст, вале он дар асоси ҷамшавии кӯшишҳо дар номгӯи маҳдуди маҳсулотҳои истеҳсолшаванда инкишоф меёбад. Махсусгардонӣ ҷараёни фарқгузориро мустаҳкам мекунад ва тақвият мебахшад. Масалан, молистеҳсолкунанда намудҳои гуногуни мебелро истеҳсол мекард, лекин баъдат қарор кард, ки корхонаи худро дар асоси иваз намудани омилҳои универсалии истеҳсолот ба омилҳои махсус, барои истеҳсоли гарнитурҳои бачагона махсус гардонад.

***Универсализатсия*** – баръакси махсусгардонӣ. Универсализатсия дар барориш ва ё фурӯши номгӯи зиёди мол ва хизматҳо асос мегирад. Мисоли универсализатсия барориши ҳама намудҳои пойафзол шуда метавонад. Монанди чунин корхона дар соҳаи савдо мағозаи универсалӣ шуда метавонад.

***Диверсификатсия*** – васеъшавии номгӯи маҳсулоти истеҳсол мешударо дар назар дорад, ки бо ду роҳ имконпазир аст. Роҳи якум – диферсификатсияи бозорӣ. Барои ин роҳ васеъкунии номгӯи молҳои истеҳсолшаванда, ки дар бозор аз тарафи дигар корхонаҳо низ истеҳсол карда мешаванд. Роҳи дуюм – диверсификатсияи истеҳсолӣ, к ибо пайдоиши молҳои сифатан нав ва технологияҳо алоқаманд аст.

Бо баробари тақвият ва васеъшавии тақсимоти меҳнат ҷараёни ҷамъиятигардонии (умумигардонии) он паҳн мешавад. Ҷамъиятигардонии меҳнат ин ҷараёни ҷалб намудани намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ ба ҷараёни ягонаи меҳнати ҷамъиятӣ мебошад.

Намудҳои дар боло зикршудаи тақсимоти меҳнат ва шаклҳои амалигардонии онҳо, инчунин инкишофи онҳо бо худ ҷараёни муттаҳидшавии соҳаҳо ва субъектони фаъолияти хоҷагидориро ба ҷараёни ягонаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар назар дорад. Мувофиқан, якҷояшавии ҷараёнҳои ҷудошудаи истеҳсолоти соҳаҳои гуногун ва соҳаҳои хоҷагии халқ ба ҷараёни ягонаи истеҳсолот, **ҷамъиятигардонии истеҳсолот номида мешавад**.

**Ҷамъиятигардонии истеҳсолот** (пеш аз ҳама воситаҳои истеҳсолот) бо чунин шаклҳо ҷараён гирифта метавонад, ***якум, дар шакли консентратсияи капитал***, яъне афзоиши ҳаҷми он бо воситаи ғункунии қисми фоида барои инвеститсияҳо ба истеҳсолот, ***дуюм, дар асоси марказонидани капитал***, яъне аз ҳисоби ҷаббидани рақибони суст ва ё якҷояшавии капиталҳои нисбатан якхелла ба умумӣ.

## 3.3. МАНФИАТҲОИ ИҚТИСОДӢ – ҚУВВАИ АСОСИИ ҲАРАКАТДИҲАНДАИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДИЁТ.

**Манфиатҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои онҳо**. Иқтисоди бозорӣ дорои низоми қувваҳои ҳаракаткунанда мебошад, ки иштироки ихтиёрӣ ва доимо такрорёбандаи шахсиятҳоро (индивидҳоро) дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ таъмин менамоянд. Ба ин низом инҳо дохил мешаванд: эҳтиёҷотҳои иқтисодӣ, манфиатҳои иқтисодӣ, мотиватсияҳо, шаклҳо ва низомҳои ҳавасамандгардонии меҳнат, манфиати моддӣ ва уҳдадорӣ.

***Манфиати иқтисодӣ*** – ин шакли инъикосёбии эҳтиёҷотҳои иқтисодӣ. Манфиат он гоҳ ба миён меояд, ки агар қонеъгардонии эҳтиёҷот ҳамчун мақсади аниқ дарк карда мешавад (таъмини фоиданокии ҳадди аксар, азонихудкунии мол, истифодабарӣ ва соҳибӣ ба моли муайян).

Бояд қайд намуд, ки манфиатҳои иқтисодӣ бо эҳтёҷотҳо ва қонеъгардонии онҳо монанд нест. ***Якум***, эҳтиёҷотҳо ва тарзи қонеъгардонии онҳо сабаб ва шакли инъикосгардии манфиатҳои иқтисодӣ мебошад. ***Дуюм***, манфиати иқтисодӣ ҳамавақт сатҳи муайян вадинамикаи қонеъгардонии эҳтиёҷотҳоро ифода мекунад.

Манфиатҳои иқтисодӣ – ин сабаб ва шароитҳи баҳамтаъсиррасонӣ ва худинкишофёбии субъектони иқтисодӣ мебошад. Муносибатҳои иқтисодӣ ҳамчун амалкунанда дар ҳолате фаъолият мекунанд, ки агар шакли алоқаи тарафайнро бигиранд. Эҳтиёҷотҳо – манфиатҳои на танҳо муносибатҳои моҳиятиро ифода мекунанд, балки онҳо аввалин «хишт» дар сохтори муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд.

Манфиатҳои иқтисодӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

*а) онҳо характери объективӣ доранд, зеро худи муносибатҳои иқтисодӣ низ объективианд;*

*б) онҳо моддӣ мебошанд.*

Намудҳои манфиатҳои иқтисодӣ. Манфиатҳои иқтисодиро пеш аз ҳама вобаста аз субъектони амалӣ гардонандаи онҳо таснифот кардан мумкин аст:

*а) манфиатҳои давлатӣ;*

*б) манфиатҳои гурӯҳӣ;*

*в) манфиатҳои шахсӣ.*

**Манфиати давлатӣ** метавонад бо воситаи чунин манфиатҳо ифода ёбад:

а) манфиатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ – қисми манфиатҳои давлатӣ ва дигар субъектони хоҷагидорӣ мувофиқат мекунад (андозбандӣ дар ҳудудҳои муайян, ҷудо намудани инвеститсияҳои давлатӣ ва субсидияҳо, ҳавасмандгардонии тарифии содирот ва ғайраҳо);

б) манфиатҳои бюрократияи давлатӣ – манфиатҳои худинкишофёбии низоми давлатӣ, ки асоси корпоративии манфиатҳои давлатӣ мебошад;

в) манфиатҳои худназоратӣ ва оптимизатсияи ҷамъияти шаҳрвандӣ – давлат наметавонад ифодакунандаи манфиатҳои як синф ва ё табақаи алоҳида баромад кунад, дар ҷамъияти демократӣ давлат одатан ҳамчун институти созишномавӣ (консенсусӣ) баромад мекунад.

**Манфиати гурӯҳӣ** – ин ҷамъи манфиатҳои хусусии якҷинсаи институтсионалӣ мебошад, ки соҳибони онҳо метавонад истеъмолкунандаҳо, саҳмиядорон, биржаи фондӣ ва ғайраҳо бошанд. Шаклҳои ифодаёбии манфиати гурӯҳӣ гуногунанд: манфиати корпоративӣ; манфиати бюрократии корхонаҳо, ассотсиатсияҳои субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ, коллективи коргарон. Бо баробари ин манфиати коллективи коргарон аз шакли моликият вобаста аст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ манфиати гурӯҳӣ бо воситаи иқтисодиёти пинҳонӣ дар намуди сохторҳои ҷиноятӣ ифода ёфтанаш мумкин аст.

**Манфиати шахсӣ** эҳтиёҷотҳоеро дар бар мегирад, ки бо амалигардонии моликияти хусусӣ, ҳуқуқи соҳибӣ кардан,

идора кардан, истифодабарӣ, азонихудкардани даромадҳо алоқаманд мебошанд.

Ҳар як инсон дар як вақт метавонад дорандаи манфиатҳои гуногун бошад, зеро ӯ дар шаклҳои гуногун баромад мекунад: ***якум***, ҳамчун шахсият (индивид); ***дуюм***, ҳамчун намояндаи табақаи муайяни ҷамъият; ***сеюм***, ҳамчун аъзои коллективи муайяни коргарӣ. Манфиати ҷаъиятӣ ва коллективӣ танҳо дар шахсият фардӣ кунонида мешавад. Ҳамин тавр маълум мегардад, ки алоқамандии мураккаби манфиатҳои иқтисодӣ вуҷуд дорад.

Ҳазистии манфиатҳоро дар мисоли ифодаёбии онҳо дар соҳаҳои истеҳсолот ва мубодила мушоҳида кардан мумкин аст. Дар соҳаи истеҳсолот соҳибкорон ва коргарони кироя тарафҳои мутақобили муносибатҳои иқтисодӣ баромад карда, нисбат ба бозор бошад онҳо ҳамчун истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда манфиатҳои умумӣ доранд. Манфиатҳои истеъмолкунандаро қонеъ накарда, истеҳсолкунанда наметавонад манфиатҳои худро таъмин намояд. Баҳамвобастагии ин гурӯҳҳо объективона ҳамкории онҳоро ба миён меоварад.

**Амалигардонии манфиатҳои иқтисодӣ** бо роҳи дастрасии мақсадҳои иқтисодӣ аз тарафи субъектон ба миён меояд. Ҳамин тавр амалигардонии манфиатҳои инфиродӣ бо афзоиши даромадҳои инфиродӣ таъмин карда мешавад. Воситаи амалигардонии манфиатҳои коллективӣ таъмини фоидаи ҳадди аксар ва фонди музди меҳнати ҳадди аксар мебошад. Воситаи амалигардонии манфиати ҷамъиятӣ – ин таъмини даромади миллии ҳадди аксар ва таъмини ҳадди ақали фонди рӯйпӯшкунии маҳсулоти ҷамъиятии офаридашуда мебошад. Ҳамин тавр, муаммои мувофиқаткунонии манфиатҳо инъикоси худро дар таъсисёбии таносубҳои муайяни тақсимоти даромадҳо дарёфт мекунад.

Яке аз ҷиҳатҳои таснифоти манфиатҳои иқтисодӣ ҷудо намудани **манфиатҳои моликиятдор, соҳибкор ва коргари кироя** мебошад.

**Манфиати моликиятдор** дар афзоиши моликият ва ба даст овардани даромади кафолатнок мебошад. Амалигардонии ин манфиат интихоби стратегияи дурусти бозорӣ, таъмини рақобатпазирӣ ва ҳангоми зарурият ҳаракати капиталро ба

дигар объектҳои моликият, ки дар он даромади нисбатан зиёд таъмин карда мешавад, дар назар дорад. Хислати асосии тавсифи моликиятдор ин кӯшиши ӯ оид ба дурнамоӣ мебошад, зеро айнан ҳамин муносибатро афзоиши моликият талаб мекунад.

**Манфиатҳои менеҷер** пеш аз ҳама дар таъмини самаранокии ҷории капитал, таъмини даромади ҳадди аксар дар ҳар як лаҳзаи вақт ифода меёбад. Бо баробари ин менеҷерони баландихтисос қобилият доранд, ки самаранокии баландро дар дурнамо таъмин намоянд. Дар ин ҷода манфиатҳои менеҷер бо манфиатҳои моликиятдор мувофиқат мекунанд.

Дар низоми манфиатҳои иқтисодӣ манфиати асосии ҷамъиятро ҷудо намудан мумкин аст. **Манфиати асосии ҷамъият** бояд ба чунин нишонаҳо ҷавобгӯ бошад: а) моҳияти низоми иқтисодӣ ва хусусиятҳои хоси онро инъикос намояд; б) қувваи ҳаракатдиҳандаи инкишофи иқтисодии низоми муайянро таъмин намояд.

Мувофиқи ин нишондодҳо, манфиатҳои асосии иқтисоди бозории муосир манфиати шахсӣ, махсусан манфиати истеъмолкунанда мебошад. Манфиати истеъмолкунанда истеҳсолкунадаро барои амалҳои муайян, яъне истеҳсоли маҳсулоти зарурии босифати бо нархи назаррас водор месозад. Барои қонеъгардонии ин манфиат, истеҳсолкунанда маҷбур аст, ки технология ва воситаҳои истеҳсолоти навро ҷорӣ намояд, қувваи кории тахассуснокро киро намояд ва роҳҳои паст намудани хароҷотҳоро ҷустуҷӯ намояд. Ҳамаи ин амалигардонии на танҳо манфиати истеъмолкунадаро, балки манфиатҳои шахсии истеҳсолкунада (таъмини фоидаи ҳадди аксар) ва манфиатҳои ҷамъиятро умуман таъмин менамояд.

Ҳамин тавр манфиати истеъмолкунанда қувваи ҳаракатдиҳандаи тараққиёти иқтисодии иқтисоди бозории муосир мебошад.

## 3.4. ИНСОН ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ.

Дар ҳар як ҷамъият субъекти асосии офаранда инсон мебошад. Меҳнати инсон омили асосии таъсисдиҳӣ ва такрористеҳсоли тамоми боигарии миллӣ баромад мекунад. Бинобар ҳамин шакли аслии боигарӣ инсоне баҳисоб меравад, ки фаъолияти мақсаднокро амалӣ мегардонад. Нишондоди ниҳоии пешравии иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ченаки умумии инкишофи инсон ва қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои он ба ҳисоб меравад.

Бо баробари инкишофи хоҷагидории бозорӣ диққати назарияи иқтисодӣ ба инсон афзоиш меёбад. Зеро дар шароити муосир, инсон на танҳо симои марказии иқтисодӣ бозорӣ ба ҳисоб меравад, инчунин инсон дар шароитҳои низоми иқтисоди бозории муосир бо натиҷаҳои пешбининашавандаи фаъолияти худ дучор мешавад, ки сабаби офатҳои экологӣ шуда метавонанд ва мавҷудияти инсониятро зери хатар мегузоранд.

Ҳамаи муаммоҳо ва зиддиятҳои имрӯза, ки дар назди ҷамъият дар соҳаи иқтисодиёт меистанд, мантиқан муаммоҳо ва зиддиятҳои инсон, муносибати ӯ нисбати худ, нисбати дигар одамон ва муҳити иҳота кардаи ӯ мебошанд. Бинобар ҳамин ҳалли бомуваффақияти муаммоҳои муосири характери иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дошта бе тадқиқи инсон аз мавқеъи умумият, бе омӯзиши хусусиятҳои муайян ва сифатҳои ӯ, бе таҳлили қобилиятҳо ва эҳтиёҷотҳои гуногуншаклии ӯ ва инчунин бе муайян намудани шаклҳои ифодаёбии онҳо, имконнопазир аст.

Назарияи иқтисодӣ на ҳама комплексҳои омилҳои бо фаъолияти ҳаётии инсон ва ҷамъият алоқамандбударо дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин фаъолияти иқтисодии одамон ин тавсифи амалигардонии шахсияти инсонӣ буда, асос ва заминаи ҳамаи тарафҳои дигари ҳаёти ҳар як фардро ифода мекунад.

Фаъолияти хоҷагидории инсонро омӯхта, назарияи иқтисодӣ он чизҳоро ҷудо менамояд, ки рафтори одамонро дар низомҳои иқтисодии гуногун дар шароити маҳдудияти

захираҳо ва бемаҳдудии эҳтиёҷотҳои инсонӣ маънидод мекунанд.

Фаъолияти хоҷагидории инсон бо худ фаъолияти мақсаднокро ифода мекунад. Ин намуди фаъолияти инсон дар ҳисобҳои маълум асос гирифта, барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои гуногуни ӯ равона карда мешаванд.

Фаъолияти хоҷагидорӣ аз як тараф дар харҷи энергия, захираҳо ва ғайраҳо ифода ёфта, аз тарафи дигар бошад дар пурра намудани ин харҷҳо ифода меёбад. Инсон кӯшиш мекунад, ки оқилона рафтор кунад, яъне бо воситаи муқоиса намудани харҷҳо ва фоидаҳо амал мекунад (дар ин ҷо хатогиҳо дар қабули қарорҳо аз эътибор дурр нестанд).

Маълум аст, ки ҳаёт ва фаъолияти инсон пеш аз ҳама аз дунёи моддӣ вобастагӣ доранд. Баъзе неъматҳои моддӣ (ҳаво, об, рӯшноии офтоб) бо чунин миқдор ва шаклҳо мавҷуданд, ки барои инсон ҳамаҷоя ва ҳамавақт дастрасанд. Қонеъгардонии эҳтиёҷотҳо ба ин неъматҳо ягон хел кӯшишро талаб намекунад. Ин неъматҳои озод ва худодо мебошанд. То даме, ки ин шароитҳои мавҷуданд, ин неъматҳо ва эҳтиёҷот ба онҳо предмети кӯшиш ва ҳисобҳои инсон намебошанд.

Лекин қисми зиёди неъматҳои моддӣ хусусияти нодир (камчинӣ) доранд, ки маънои норасогии онҳоро барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои доимо афхоишёбанда дар назар дорад. Айнан ҳамин неъматҳо одамонро дар соҳаи иқтисодиёт ба худ ҷадб менамоянд.

Азбаски аз нодирии (камчинии) захираҳо некуаҳволии одамон вобастагӣ дорад, бинобар ҳамин аз инсон талаб карда мешавад, ки дар ҷараёни фаъолияти хоҷагидорӣ нисбати ин неъматҳо сарфакорона ва оқилона муносибат карда шавад.

Дар фаъолияти хоҷагидории одамон назарияти иқтисодӣ чор зиннаро ҷудо мекунад: **истеҳсолот** – ҷараёни офаридани неъматҳои моддӣ ва маънавии барои мавҷудият ва инкишофи инсон зарур буда; **тақсимот** – ҷараёни муайян намудани ҳиссаи ҳар як субъекти хоҷагидорӣ дар маҳсулоти истеҳсолшуда; **мубодила** – ҷараёни ҳаракати неъматҳои моддӣ ва хизматҳо аз як субъект ба субъекти дигар ва шакли алоқаи ҷамъиятии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон; **истеъмолот** – ҷараёни истифодабарии натиҷаҳои истеҳсолот барои

қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои муайян. Ҳамаи ин зиннаҳо дар алоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонӣ қарор доранд.

**Модели инсон дар назарияи иқтисодӣ**. Вобаста аз нақши муайянкунандаи инсон дар ҷараёнҳои иқтисодӣ, назарияи иқтисодӣ меодели инсонро таҳия намудааст. Модели инсон гуфта, тасаввуроти ба шакл дарориро оид ба инсон дар назар дошта мешавад, ки дар низоми иқтисодии муайян амал мекунад. Таҳияи модели инсон бо гуногуншаклии шахсияти инсонӣ, индивидуалии нотакрор ва асосноккунии гуногуни фаъолияти ӯ амалӣ карда мешавад.

Моделҳои инсонии характери абстрактӣ дошта нишондодҳои асосиро дар шакли умумӣ ифода мекунанд, ки мақсадҳои фаъолияти иқтисодии шахсиятро тавсиф мекунанд. Дониши ин моделҳо имконият медиҳад, ки на танҳо мавқеъ ва нақши инсон дар иқтисодиёт дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи тамаддун баҳо дода шаванд, инчунин имконият медиҳад, ки равияҳои оптималӣ дар сиёсати иқтисодӣ таъсис дода шуда, оқибатҳои ин ё он қарорҳои иқтисодӣ пешгӯикарда шаванд.

Аз байни равияҳои зиёди «моделсозии» инсон инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1) ***моделҳое, ки дар он далели асосии фаъолият ин манфиати шахсии худпарастӣ ва пеш аз ҳама манфиати пулӣ мебошад***. Амалигардонии мақсадҳои шахс дар шароити рақобати озод таъмин карда мешавад. Ба ғайр аз ин, инсон оқилона рафтор мекунад, ӯ кӯшиш мекунад, ки натиҷаи ҳадди аксарро дар шароити харҷи ҳадди ақал таъмин намояд (моделҳои аз тарафи мактаби классикии англис, маржиналистон ва неоклассикон таҳия карда шуда);

2) ***моделҳое, ки дар онҳо сабаби рафтори инсон дар иқтисодиёт на танҳо кӯшиш ба неъматҳои пулӣ, балки унсурҳои характери психологӣ дошта низ мебошанд,*** *ба монанди саховатмандӣ, мақсадҳои бо анъанаҳо вобаста буда ва ғайраҳо.* Дар ин ҷода ба ғайр аз манфиати шахсӣ, манфиати коллективӣ низ пайдо мешавад. Дар ин моделҳо барои нигоҳдории низоми иқтисодӣ дар ҳолати мувозинатӣ дахолати давлат зарур аст (моделҳое, ки аз тарафи консепсияи кейнсӣ, равияи институтсионализм ва мактаби таърихӣ таҳия карда шуда).

3) ***моделҳои ҳолати муосирро инъикоскунанда***. Барои ин моделҳо тағйирёбии сабабҳои фаъолият дар радифи афзоишёбии аҳамияти амалигардонии на танҳо эҳтиёҷотҳои моддӣ, балки эҳтиёҷотҳои маънавии шахсӣ хосанд. Ба моделҳои нав бисёршаклии эҳтиёҷотҳо хос аст, ки асоситаринаш эҳтиёҷот ба озодӣ ва худифодаёбӣ, худмуайянкунии маънавӣ, интихоби намуди маданият ва назарҳои ҷамъиятӣ – сиёсӣ ба ҳисоб мераванд.

Кадом моделҳои инсон аз тарафи мактабҳои мухталифи назарияи иқтисодӣ таҳия гардида буданд?

Намояндагони мактаби классикии англис А.Смит ва Д.Рикардо модели «инсони иқтисодиро» таҳия намуданд, к ибо чунин нишондодҳои тавсиф карда мешавад:

- *бо нақши муайянкунандаи манфиати шахсӣ дар сабабҳои рафтори иқтисодӣ;*
- *бо салоҳиятнокӣ (таъминоти ахборот ва зирракии субъекти иқтисодӣ дар фаъолияти худ);*
- *сабаби асосии фаъолияти хоҷагидории инсон дар иқтисоди бозорӣ, таъмини фоидаи ҳадди аксар бо назардошти омилҳои ғайрипулии некуаҳволӣ мебошад (осонӣ ва душории таҳсил, дилписандӣ ва ё нописандии кор, эҳтимолияти муваффақият).*

Инсон дар иқтисоди бозорӣ кӯшиш мекунад чунин намуди фаъолиятро интихоб намояд, ки маҳсулоти бо он истеҳсолшуда нисбат ба маҳсулоти дигар соҳаҳо арзиши баландтарро барои ба даст овардани даромади зиёд таъмин менамояд.

А.Смит таъкид мекард, ки ҳар як инсон «манфиати худро дар назар дошта, манфиатҳои ҷамъиятро дар назар надорад». Танҳо қонунҳои иқтисоди бозорӣ худпарастони амалкунандаро ба низоми батартиб даровардашуда муттаҳид месозад. Ҳамин тавр, инсони иқтисодии А.Смит, ба манфиати шахсии худ кӯшиш карда, ба фоидаи ҷамъият амал мекунад.

Маржиналистон ба модели «инсони иқтисодӣ» як қатор иолваҳои заруририро ворид намуданд. Онҳо консепсияи ***«инсони оптимизаторро»*** таҳия намуданд. Ххислатҳои асосии ***«инсони оптимизатор»*** инҳо мебошанд:

- *кӯшиш ба фоиданокӣ зиёдтар ва ба хароҷотҳои камтар;*

- *тағйирнопазирии низоми инфиродии азалиятҳо ва мутақилият аз шароитҳои беруна;*
- *қобилият ба таҳияи мақсадҳо бо воситаи дастрас намудани онҳо ба интихоби вариантҳои оптималӣ;*
- *дороги пурраи ахборот, ки дарёфти варианти оптималиро фароҳам меоварад;*
- *ҳиссиёти якбора ба тағйиротои шароитҳои беруна.*

**Саҳми неоклассикон ба таҳияи модели инсон**. Асосгузори иқтисоди сиёсии неоклассикӣ А.Маршалл дастовардҳои иқтисоди сиёсии классикиро бо дастовардҳои маржинализм омехта кард. Ӯ кӯшиш намуд, ки инсони абстрактиро бо хусусиятҳои агенти аслии истеҳсолот наздик намояд, рафтори аслии инсонро дар ҳолати мувозинатии қисмӣ, яъне мувоизантии бо қувваи ду сабабҳои себъектони иқтисодӣ таҳлил намуд: кӯшиш ба лаззат (кайфият), ки ҳаҷми талаботро муайян менамояд ва сабаби дасткашӣ аз мушкилиҳои бо меҳнат ва истеъмолоти монондашуда алоқаманд буда, ки ҳаҷми пешниҳодро танзим менамояд. Маршалл мафҳуми «фаълияти ҳаёти мӯътадили ҷамъияти инсониро» ворид намуд. Мувофиқи ақидаи Маршалл – ин тарзи амали пешбинишавандаи аъзоёниягон гурӯхи касбӣ дар ҳолатҳои муайян, рафтори одобонаи дуруст, натиҷаи амали номаҳдуди рақобати озод мебошанд.

Намояндагони мактаби таърихии немис (Б.Гилдебранд, К.Книс) бар зидди индивидуализми мактаби классикӣ баромад карда, гумон мекарданд, ки объекти таҳлил барои иқтисодчӣ халқ ба ҳисоб меравад. Агентҳои хоҷагидории аз индивидуализм маҳрум буда ҷомеаҳо ва коллективҳоро бо манфиатҳои гурӯҳӣ ташкил мекунанд. Субъекти рафтори иқтисодӣ дар ин ҷода ҳамчун махлуқи боақл инъикос ёфтаанд, ки ҳамчун аъзои оила, гурӯҳи иҷтимоӣ, синф ва ҷамъият дорои эҳтиёҷотҳо мебошанд.

Дар давраи муосир бисёр моделҳои нави субъектони инкишофи иҷтимоӣ – иқтисодӣ таҳия гардиданд, ки аслияти воқеъиро ифода мекунанд. Ба ин моделҳо дороии таъминот бо ахборот оид ба дунё, сатҳи нисбатан баланди таълимӣ ва маданӣ, бисёршаклӣ ва дигаргуншавии эҳтиёҷотҳо хос аст. Чунин моделҳои инсонии иҷтимоӣ – иқтисодӣ, мавҷудияти

ҷамъияти дар принсипҳои демократӣ ва плюралистӣ асос ёфта, бо алоқаҳои байнигурӯҳии инкишофёфта ва сарҳадҳои инкишофнаёфтаи байни гурӯҳҳои ҷамъиятиро дар назар доранд.

**Нақши инсон дар низоми иқтисодии ҷамъият**. Нақш ва мавқеъи инсонро дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ – иқтисодии ҷамъият якхелла муайян намудан номумкин аст. Бо табиати худ инсон дорои сифатҳо ва хусусиятҳо зиёд буда, нақшҳои гуногунро мебозад ва вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Мувофиқи ин хусусиятҳо инсон дар низоми иқтисодиёти муосир мавқеъҳои гуногунро ишғол менамояд. Ӯ дар чунин хусусиятҳо баромад карда метавонад:

- *заминаи ибтидоӣ ва натиҷа, омили офарандаи боигарии ҷамъиятӣ;*
- *мақсади истеҳсолот ва натиҷа, нишондоди тараққиёти иқтисодӣ;*
- *истеъмолкунандаи неъматҳои дар ҷараёни истеҳсолот офарида шуда;*
- *қувваи ҳақиқии муайянкунандаи пешравии иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъият.*

**Сохтори хусусиятҳои муайянкунандаи инсон**. Дар сатҳи муайянкунанда се шаклро фарқ мекунанд, ки аз сифатҳо ва хусусиятҳои асосии ба ботинии дохилии инсон хос буда, вобастаанд. Сохтори хусусиятҳои муайянкунандаи инсон инҳоро дар бар мегирад:

- *қобилият ба меҳнат ва ба истеъмолот;*
- *қувваи корӣ ва қувваи истеъмолкунанда;*
- *меҳнат ҳамчун вазифаи қувваи корӣ ва истеъмолот ҳамчун вазифаи қувваи истеъмолӣ;*
- *қобилият ба меҳнати зарурӣ ва қобилият ба меҳнати иловагӣ;*
- *қобилият ба дарккунии характери эҷодкории фаъолияти меҳнатӣ;*
- *мақсаднокии меҳнат ва идоракунӣ бо он барои ноилгардии мақсадҳои оқилона.*

**Сохтори шаклҳои таърихии инсон**. Дар сатҳи таърихӣ он шаклҳо ҷудо карда мешаванд, ки аз шароитҳои аниқи таърихӣ, аз сатҳи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда,

дараҷаи инкишофёбии муносибатҳои иҷтимоӣ байни одамон, дараҷаи баркамолии низоми хоҷагидории бозорӣ вобастагии функсионалӣ дорад. Сохтори шаклҳои таърихии инсонро дар намуди зерин ифода кадан мумкин аст:

- *инсон ҳамчун махлуқи табиӣ, ҳамчун қисми ҷудонашавандаи табиат;*
- *намуди ибтидоии инсон;*
- *инсони аз озодии ҳуқуқӣ маҳрум, ғулом;*
- *инсони намуди крепостноӣ;*
- *озодии ҳуқуқии шахсият, ки дорои моли «қувваи корӣ» мебошад;*
- *шахсияти комили ҳаматарафа инкишофётфа – «инсони озод».*

**Сохтори нақшҳои тақрористеҳсолии инсон**. Дар сатҳи такрористеҳсолот чунин шаклҳоро ҷудо мекунанд, ки аз мавқеъи ишғол мекардаи инсон дар низоми тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва истеҳсолоти ҷамъиятӣ вобастагии функсионалӣ доранд. Сохтори нақшҳои такрористеҳсолии инсонро дар чунин намуд ифода кардан мумкин аст:

- *инсоне, ки дорои касб ва тахассуси муайян мебошад;*
- *дар соҳаи муайяни такрористеҳсоли ҷамъиятӣ бо фаъолият машғул буда;*
- *инсон дар ҷараёни ташкили меҳнат ва истеҳсолот (идоракунӣ ва ё иҷрокунанда);*
- *мавқеъи муайянеро дар ин ё он сатҳи сохтори иерархия ишғол мекарда.*

Фаъолияти истеҳсолӣ ва маънавиро инсон ҳамавақт дар муҳити муайяни ҷамъиятӣ – иқтисодӣ амалӣ мегардонад, ки дар он қобилият ба меҳнат дар шакли қувваи корӣ ифода меёбад.

## 3.5. МОЛИКИЯТ ВА МОДЕЛҲОИ ТАШКИЛИИ НИЗОМҲОИ ИҚТИСОДӢ.

**Моликият ҳамчун ифодаёбии алоқаҳои иқтисодӣ ва вобастагиҳо**. Мафҳуми моликият дар илм ва ҳаёт дар тӯли

садсолаҳои зиёд, то ҳатто ҳазорсолаҳо таъсис ёфта, дар давраи муосир низ мафҳуми моликият объекти тадқиқотҳо ва мубоҳисаҳои зиёд мебошад.

Таъсисёбии моликият дар ҷамъияти ибтидоӣ оғоз ёфта, ҳуқуқи Римӣ бошад мафҳуми моликият ва муносибатҳои асосии бо он алоқаманд бударо, махсусан соҳибӣ кардан, истифодабарӣ ва идоракуниро муайян кард.

Баромади муносибатҳои моликиятӣ ба саҳнаи афкори илмӣ ва ҷамъиятӣ тасодуфӣ намебошад. Дигаргуншавиҳо дар муносибатҳои моликиятӣ бевосита ба ҳаёт ва некуаҳволии одамон таъсир расонида, ба манфиатҳои онҳо дахолат мекунанд, ки оид ба зарурияти тағйирёбии пояҳои ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳанд.

Моликият таалуқдории объектро ба субъекти муайян тавиф менамояд. **Субъекти моликият** (моликиятдор) – ин шахсе, ки имконият ва ҳуқуқи соҳибии объекти моликиятро дорад. **Объекти моликият** – ин ашёҳои табиат, амволҳо, энергияҳо, ахборотҳо, арзишҳои маънавӣ ва ақлие, ки пурра ва ё бо дараҷаи муайян ба субъект таалуқ доранд.

Инсон зиндагӣ мекунад, натиҷаҳои меҳнатро дар ҳамзистӣ бо дигар одамон истеҳсол ва истифода мебарад. Бо назардошти ҳамаи ин гуфтаҳо қайд кардан мумкин аст, **ки моликият – ин муносибат байни одамон ас**т, ки шакли муайяни азонихудкунии неъматҳоро, махсусан шакли азонихудкунии воситаҳои истеҳсолотро ифода мекунад.

Барои тасаввуроти пурра оид ба моликият зарур аст, ки мавқеъи моликиятро дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян намоем.

**Якум**, моликият – асоси, фундаменти тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Аз хосияти шакли моликияти пойдоргашта шаклҳои тақсимот, мубодила ва истеъмолот вобастагӣ доранд.

**Дуюм**, аз моликият ҳолати гурӯҳҳои, синфҳо ва табақаҳои муайяни ҷамъият, инчунин имкониятҳои онҳо барои истифодабарии ҳамаи омилҳои истеҳсолот вобастагӣ доранд.

**Сеюм,** моликият ин натиҷаи инкишофи таърихист. Шаклҳои он бо назардошти тағйирёбии тарзҳои истеҳсолот

иваз мешаванд. Бо вуҷуди ин қувваи асосии ҳаракатдиҳанда тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ба ҳисоб мераванд.

**Чорум**, бо вуҷуди он, ки дар ҳар як низоми иқтисодӣ шакли асосии махсуси моликият вуҷуд дорад, лекин дар онҳо дигар шаклҳои моликият ҳамчун ба низоми иқтисодии пешина хос буда, мавҷуданд.

**Панҷум**, гузариши як шакли моликият ба дигар шаклҳо ба таври таҳаввулӣ (эволютсионӣ) ва роҳи инқилобӣ (револютсионӣ), ваќе ки шаклҳои нави моликият маҷбуран ҳукмронии худро тасдиқ мекунанд, амалӣ шуданаш мумкин аст.

Ҳамин тавр, ***муносибатҳои моликиятӣ бо худ муносибатҳои такрорёбандаи систематикиро ифода мекунанд, ки байни одамон ба миён омада, бо ҳуқуқҳои амволии соҳибӣ, идоракунӣ, истифодабарӣ ва азонихудкунии воситаҳои истеҳсолот ва натиҷаҳои истифодабарии онҳо алоқамананд***.

**Таркиби иқтисодии категорияи моликият**. Барои дарк намудани маънои категорияи моликият тақсимоти моликият ба воситаҳои истеҳсолот (шароитҳои моддии ҷараёни истеҳсолот) ва ба предметҳои истеъмолоти шахсии аҳолӣ аҳамияти калон дорад. Танҳо мавҷудияти воситаҳои истеҳсолот дар моликияти субъект аз ҳисоби миқдори онҳо, сифат ва мувофиқияти шароитҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ҳиссаи захираҳои моддии маҳдуди аз тарафи ин субъект азонихудкарда мешударо муайян менамоянд. Лекин барои дарк намудани маънои моликият ин гуфтахо кифоягӣ намекунанд. Мавҷудияти субъекти воситаҳои истеҳсолот дар моликият ин танҳо соҳибии имконияти имконпазир барои азонихудкунии захираҳои маҳдуд мебошад. Бо ибораи дигар соҳиби воситаҳои истеҳсолот бояд субъекти хоҷагидорӣ бошад. Аз инҷо маълум мегардад, ки воситаҳои истеҳсолоти ба инсон ва ё гурӯҳ таалуқ дошта бояд дар ҷараёни такрористеҳсолот иштирок кунанд, яъне молҳои навро бо хусусиятҳои истеъмолии нав ва арзиши иловашуда истеҳсол намоянд.

Дар байни хоҳишҳои гуногуншакл ва кӯшишҳои одамон, ки моҳияти иқтисодии онҳоро инъикос мекунад, мавқеъи

асосиро манфиати соҳибӣ кардан ба боигарии моддӣ ишғол мекунад.

Ин манфиати ба тафаккури одамон воридшуда, ифодаи худро дар пайдоиш ва мавҷудияти ҳиссиёти махсус – ҳиссиёти соҳибӣ, моликиятдор дарёфт мекунад.

Моликият боваринокии инсонро дар таъсири бевосита ба чизҳо ва ҳодисаҳо пойдор карда, одамонро барои нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи обектҳои муҳити иҳота карда водор месозад.

Муносибатҳои моликият – ин пеш аз ҳама ҳуқуқ мебошад. Ҳуқуқ барои чӣ? Ҳуқуқ ба соҳибӣ. «Ман соҳибам». «Дар соҳибии манн чизе ҳаст, ки аҳамияти ҷамъиятӣ дорад».

**Соҳибӣ** – заминаи аввалин ва асосии моликият. Лекин худ ба худ соҳибӣ маънои моликиятро бо маънои пурраи иқтисодиаш дар назар надорад. Соҳибӣ кардан ғайрифаъол низ шуда метавонад. Соҳибиро танҳо субъекти моликият муайян мекунад, яъне онро аниқ мекунад.

**Соҳибӣ** барои он зарур аст, ки имконияти (ҳуқуқи) идоракунии амволро фароҳам меоварад. Бо чунин тарз ибтидои ғайрифаъоли моликият ба амали фаъол мегузарад. Лекин бо соҳибӣ ва идоракунии амвол муносибати моликиятӣ ба маънои иқтисодиаш тамом намешавад. Соҳиби моликият онро идора мекунад. Ӯ ҳуқуқи фурӯхтан, тӯҳфа кардан ва ё мерос гузоштани моликиятро дорад. Дар ин ҷода ҳоло муносибатҳои истеҳсолӣ амалӣ намегарданд. Дар ҳолати пайдоиши хоҳиши моликиятдор барои истифодабарии амволи худ, ӯ қувваи кориро киро менамояд, онро бо амволи худ бо мақсадҳои истеҳсолӣ алоқаманд мекунад, истеҳсолотро ташкил ва идора мекунад, баъдан натиҷаҳои истеҳсолоти воситаҳои истеҳсолотро азонихуд мекунад. Ҳамин тавр, ӯ пурра муносибатҳои моликиятиро бо маънои иқтисодиаш амалӣ мегардонад.

**Таркиби иқтисодии муносибатҳои моликиятӣ бо худ чиро ифода мекунад?**

**Якум**, ба воситаҳои истеҳсолот қувваи корӣ дохил карда шудааст, ки барои он фаъолият мекунад. Ҷараёни истеҳсолот ба миён меояд.

**Дуюм**, байни моликиятдорони воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ (истеҳсолӣ) ба миён меоянд.

**Сеюм**, неъматҳои моддӣ ва ё хизматҳои зарурии ҷамъиятӣ офарида мешаванд.

Ҳамин тавр, боз як сатҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба фурӯши маҳсулот, истеъмолоти он ва инчунин тақсимоти (азонихудкунии) даромади ба даст омада ба миён меояд.

Мувофиқан, амвол  танҳо бо пайдоиши муносибатҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ оид ба истифодабарии он ба моликият (бо маънои иқтисодиаш) мубаддал мешавад.

Ин гуфтаҳоро бо мисоли зерин маънидод кардан мумкин аст. Шахс соҳиби мошин буда, бо воситаи он ба кор меравад ва оилаи худро мекашонад. Хуллас ӯ мошини худро ҳаматарафа истифода мебарад. Ин мошин моликияти шахсии ӯ ба ҳисоб меравад. Бо мурури замон соҳиби мошин мусофиркашониро оғоз намуд. Яъне ӯ бо баробарии истифодабарии моликият даромадро ба даст овард. Ӯ хизматрасонии нақлиётиро оғоз намуд.

Мувофиқан байни соҳиби мошин ва мусофирон муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба хариду – фурӯши хизматҳои нақлиётӣ ба миён омад. Ин муносибатҳо дар истифодабарии амволи соҳиби мошин, яъне моликият асос ёфтаанд. Моликияте, ки ба ғайр аз соҳиби он ва оилаи он истифода намешуд, ба моликияти хусусӣ мубаддал шуд, ки акнун аҳамияти ҷамъиятро гирифт.

**Шаклҳои моликият ва шаклҳои хоҷагидорӣ**. Ҳангоми омӯзиши шаклҳои моликият мо бо базаи гуногуни истиллоҳҳо дучор мешаваем. Барои дастрас будани маводи минбаъда муайян намудани чунин истиллоҳҳо зарур аст: шаклҳои моликият чист, аз рӯи кадом нишондодҳо он муайян карда мешавад ва кадом шаклҳои моликиятро аз ҳамдигар фарқ кардан зарур аст.

Шакли моликият намуди он дар назар дошта мешавад, ки аз рӯи аломати субъекти моликият муайян карда мешвад, яъне шакли моликият таъиноти объектҳои гуногуни моликиятро ба субъекти табиати ягона муайян мекунад.

Мувофиқи ин нишондод, шаклҳои моликияти инфиродӣ, коллективӣ ва ҷамъиятиро аз ҳам фарқ мекунанд.

Субъекти моликияти инфиродӣ ҳамчун шахси воқеъи дорои ҳуқуқи пурраи идора кардани объекти моликияти ба ӯ таалуқ дошта (дар чаҳорчӯбаи қонун) мебошад. Ҳангоми чунин шакли моликият, моликиятдор медонад, ки ба ӯ чӣ таалуқ дорад.

Дар чаҳочубаи моликияти инфиродӣ ва характери истифодабарии он аз тарафи моликиятдор, моликияти шахсӣ ва хусусиро аз ҳам фарқ мекунанд.

Дар чаҳорчӯбаи шакли коллективии моликият субъекти он ҳамчун шахсият баромад накарда, бо худ маҷмӯа, ҷамъият ва коллективи моликиятдоронро ифода мекунад. Субъекти моликият дар намуди шахси ӯҳдадор ва ё гурӯҳи шахсон баромад карда метавонад, ки манфиатҳои моликиятии ҷамъият ва ё коллективро ифода мекунад.

Мликияти ҷамъиятӣ ҳамчун алтернативаи моликияти хусусӣ баромад мекунад. мантиқи ташкили ҷамъияти инсонӣ дар асоси моликияти ҷамъиятӣ чуни наст: он дар шакли давлатӣ ва ё умумимиллӣ ҷорӣ ва амалӣ мегардад. Инчунин ин намуди моликият дар ин ё он шакл якбора баромад карда метавонад. Гуногуншаклии моликияти ҷамъиятӣ аз эҳтимол дур нест.

Моликияти ҷамъиятӣ ба монанди дигар шаклҳои моликият соҳиби, идоракунӣ ва ғайраҳоро дар назар дорад. Агар моликияти хусусӣ фардикунонида шуда бошад, моликияти ҷамъиятӣ бошад фардӣ нест (шахсият надорад).

Моликияти ҷамъиятӣ ба воситаҳои истеҳсолот ҳамаи аъзоёни ҷамъиятро ҳамчун ҳамсоҳиб баробар мекунад. Ҳамаи аъзоёни ҷамъият моликиятдор мебошанд. Ҳеч кас барои соҳибӣ кардан ҳуқуқи афзалтар надорад. Аммо ягон шахс бояд бо воситаҳои истеҳсолот идора кунад, эҳтиёҷотҳои ҷамъиятиро муайян намояд, яъне таносубҳои истеҳсолотро муайян менамояд. Шахси алоҳида мустақилона ин корҳоро иҷро карда наметавонад. Дар ҳамин ҳолат ҷамъияти ба моликияти ҷамъиятӣ оид ба воситаҳои истеҳсолот асос ёфта, аз қаъри худ «аппарати идоракуниро» дар ин баробарӣ пайдо менамояд, ки

он аз номи халқ – моликиятдори воситаҳои истеҳсолот дар амал соҳибӣ ва идоракуниро амалӣ мегардонад.

Дар таркиби боигарии мамлакат, моликияти шаҳрвандон, ташкилотҳо ва давлатҳои хориҷӣ вуҷуд дошта метавонад, ки қисман ва ё пурра ба субъектони хориҷӣ таалуқ дорад. Аз ин лиҳоз моликияти хориҷиро ба шаклҳои моликият дохил кардан мумкин аст.

**Таркиби назарияи иқтисодии ҳуқуқҳои моликият**. Асоси таъсисёбии назарияи иқтисодии ҳуқуқҳои моликият консепсияи англосоксонӣ баромад мекунад. Маънои ни назария дар он аст, ки ҳар як қарори иқтисодӣ бояд ба маҷмӯаи ҳуқуқҳо такя кунад, ки барои боз ҳам беҳтар амалигардонии ҳар як лоиҳаи иқтисодӣ заруранд.

Таснифоти моликият, ки аз тарафи ҳуқуқшиноси англис А.Оноре пешкаш шуда буд, нисбатан машҳуртар ба ҳисоб рафта, аз 11 унсур иборат мебошад:

1) ҳуқуқи соҳибӣ кардан;
2) ҳуқуқи истифодабарӣ;
3) ҳуқуқи идоракунӣ;
4) ҳуқуқ ба даромад;
5) ҳуқуқ ба арзиши капиталӣ, яъне ҳуқуқи мутлақ ба муайян намудани тақдири ояндаи моликият;
6) ҳуқуқ ба бехатарӣ, яъне ҳимоя намудан аз мусодира;
7) ҳуқуқ ба мерос ва ё васиятнома;
8) ҳуқуқ ба бемӯҳлатии соҳибии неъматҳо;
9) манъ намудани истифодабари зараровар;
10) ҳуқуқ ба ӯҳдадорӣ дар намуди мусодира, яъне имконияти бар ивази қарз гирифтани моликият;
11) ҳуқуқ ба характери боқимонда, яъне ҳуқуқ ба мавҷудияти ҷараёнҳо ва институтҳое, ки ҳуқуқҳои вайроншударо барқарор месозанд.

**Ғайридавлатигардонӣ ва хусусигардонии моликият**. Омили систематизатсияшудаи иқтисоди бозорӣ моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот баромад карда, механизми асосии он бошад рақобат байни молистеҳсолкунандагон мебошад.

Модели маъмурӣ – фармондеҳии хоҷагидории намуди шӯравӣ нисбат ба модели ғарбии хоҷагидории бозорӣ

самаранокии иқтисодии нисбатан паст дошт, ки аз ҳамин сабаб ислоҳотҳои бозорӣ дар мамлакатҳои собиқ сотсиолистӣ ногузир буд.

Дар низоми ин ислоҳотҳо моликияти давлатӣ – монополӣ ба воситаҳои истеҳсолот асоси ислоҳотҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ дар ин мамлакатҳо гардид.

Умуман, ғайридавлатигардонии моликият, ҷараёни мураккаб ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ихтилофнок ба ҳисоб меравад, ки фосилаи дарози вақтро талаб менамояд. Ғайридавлатигардонии моликият барои мамлакатҳои собиқ сотсиолистӣ ҷараёни куллан нав ба ҳисоб рафта, барои таҷрибаи ҷаҳонӣ бошад чизи нав набуд.

Ғайридавлатигардонӣ – ин маҷмӯи чораҳо оид ба ислоҳоти моликияти давлатӣ мебошад, ки ба бартараф намудани нақши ниҳоят калони давлат дар иқтисодиёт равона карда шудааст. Лекин, ғайридавлатигардонӣ маънои аз соҳаи иқтисодиёт рафтани давлатро надорад. Истеҳсолоти муосир наметавонад бе танзими давлатӣ инкишоф ёбад.

Ғайридавлатигардони бо ҷараёни хусусигардонӣ дар алоқамандии зич қарор дорад. Хусусигардонӣ – яке аз равияҳои ғайридавлатигардонии моликият мебошад, ки дар гузаронидани моликияти давлатӣ ба моликияти хусусии шахсони алоҳида ва ё шахсони ҳуқуқӣ ифода меёбад.

Ғайридавлатигардонӣ ва хусусигардонии моликият бо усулҳои гуногун мавҷуд буда метавонанд: дар асоси гузаронидани бепардохти моликият, хариди корхонаҳо бо шароитҳои имтиёзнок, фурӯши саҳмияҳо, ба иҷора додани корхонаҳо, фурӯши корхонаҳои хурд дар музоядаҳо (аукционҳо), озмунҳо ва ё бе ин ҷараёнҳо.

Таҷриба нишон медиҳад, ки хусусигардонӣ дар ҳолати мавҷуд будани шароитҳои гуногун бомуваффақият шуда метавонад. Пеш аз ҳама ба ин шароитҳои дохил мешаванд: а) мавҷудияти базаи ҳуқуқии боэътимод; б) таъсисдиҳии инфрасохтори бозории инкишофёфта (пеш аз ҳама бозори фондӣ); в) ҷараёни дуруст ба роҳ мондани фурӯши корхонаҳои давлатӣ; г) баҳодиҳии пешакии ҳаҷми талабот ба соҳаи хусусигардонида мешудаи иқтисодиёт.

Дар мамлакатҳои бо иқтисодиёти гузариш ва иқтисоди бозории инкишофёфта мақсадҳои хусусигардонӣ гуногунанд.

**Тавсифи низомҳои иқтисодӣ**. Низоми иқтисодӣ гуфта маҷмӯи нишондодҳои институтсионалӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ – технологӣ, психологӣ ва табиӣ – захиравиро бо имконятҳои истеҳсолии онҳо барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳо ва амалигардонии манфиатҳои субъектони иқтисодӣ дар назар доранд, ки дар ҷараёни такрористеҳсолот амал мекунанд.

Ҳар як низоми иқтисодии дар чаҳорчӯбаи захираҳои маҳдуд ва афзоишёбии эҳтиёҷотҳо амал кунанда чунин масъалаҳоро ҳал мекунад:

1. ***Чӣ истеҳсол кардан?*** Ҷамъият наметавонад ҳамаи мол ва хизматҳои заруриро бо миқдори номаҳдуд истеҳсол намояд. Бояд муаммои тақсимоти захираҳои маҳдуд байни молҳои заруриро ҳал карда шавад. Афзоиши истеҳсолоти ҳамагуна мол танҳо дар ҳолати кам намудани моли дигар имконпазир аст.

2. ***Чӣ тавр истеҳсол кардан?*** Ҳар як мол дар ҳолати истифодабарии захираҳо бо комбинатсияҳои гуногун амалӣ шуданаш мумкин аст. Технологияҳои нав нисбат ба меҳнат, ашё, энергия ва ғайраҳо сарфанок мебошанд. Дар назди ҷамъият на танҳо интихоби технология, балки интихоби шаклҳои оптималии ташкилӣ – ҳуқуқии истеҳсолот меистад.

3. ***Барои кӣ истеҳсол кардан?*** Муаммои тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятӣ яке аз муаммоҳои ҳалталаб мебошад. Аз ҳалли ин муаммо самаранокии иқтисодии низом, мӯътадилии иҷтимоии он вобастагӣ дорад.

Низомҳои иқтисодии гуногун ин муаммоҳоро ҳархела ҳал мекунанд. Тарзи ҳалли ин муаммоҳо нишондоди ҷудо намудани чор моделҳои низомҳои иқтисодӣ мебошад: анъанавӣ, идоракунии марказӣ (маъмурӣ - фармондеҳӣ), бозорӣ ва омехта.

**Низоми иқтисодии анъанавӣ** бо он тавсиф карда мешавад, ки рафтори одамон ва ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҷамъият дар асоси хислатҳои мавҷудият, урфу одатҳо ва анъанаҳо амалӣ мегардад. Мисоли чунин низоми иқтисодӣ ҷамъиятҳои инсонии тодавлатии давраи ҷамъияти ибтидоӣ мебошад. Дар шароитҳои муосир ба ин низом мисол шуда

метавонад: қабилаҳои ҳиндуёни амазонӣ, аборигенҳои австралиягӣ ва африкоӣ.

Масъалаҳои чӣ ва чӣ тавр истеҳсол кардан ва чӣ гуна будани нақши шахсият дар истеҳсолот, ҳалли худро бо урфу одатҳо муайян карда мешаванд, ки аз насл ба насл мегузаранд. Барои ҷамъияти анъанавӣ пешравии ниҳоят сусти иқтисодӣ ва такрористеҳсоли маҳдуд хос аст. Шахсияти алоҳида оид ба масъалаҳои истеҳсолӣ ва оилавию шахсӣ пурра ба ҷамоат итоат мекунад.

Дар айни ҳол дар мамлакатҳои тараққикардаистода унсурҳои иқтисодиёти анъанавиро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҷорӣ намудани навовариҳои техникӣ ва технологӣ дар ин низомҳо бо зиддияти анъанаҳои мавҷудбуда дучор мешаванд, ки ба мӯътадилии ҷамъият хатар мекунад. Масалан, дар мамлакатҳои мусалмонӣ ҷалби занҳо ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба тақсимоти анъанавии уҳдадориҳо дар оила ва мавқеъи зан дар ҷамъият муқобил баромад мекунад.

**Низоми иқтисодии маъмурӣ – фармондеҳӣ**. Тавсифи асосии чунин низом инҳо мебошанд:

а) монополияи моликияти давлатӣ ба воситаҳои истеҳсолот;

б) усулҳои маъмурӣ – фармондеҳии идоракунӣ: банақшагирии директивӣ, нархгузории хароҷотӣ, тақсимоти марказонида, фондсозии мақсаднок;

в) сиёсати иқтисодии бо ҳокимияти мутлақи давлатӣ муайян карда шаванда;

Норасогиҳои асосии иқтисодиёти маъмурӣ – фармондеҳӣ ба эътибор нагирифтан ва истиснои натиҷаҳои пешравии илму техника мебошад, ки ба паст намудани хароҷоти истеҳсолӣ имконият намедод, ва мувофиқан имкониятҳои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои афзоишёбандаро маҳдуд мекард.

**Низоми иқтисодии бозорӣ** дар моликияти хусусӣ ва ҳалли муаммоҳои иқтисодӣ вобаста аз манфиатҳои шахсӣ ва хусусии ҳар як истеҳсолкунанда асос мегирад. Қарорҳои инфиродӣ бо воситаи рақобати бозорӣ танзим карда мешаванд. Дар натиҷа ҳокимияти иқтисодӣ васеъ паҳн карда мешавад.

Барои иқтисоди бозорӣ инҳо хосанд:

а) фаъолияти самараноки моликияти хусусӣ ва ҳавасмандгардонии рақобат аз тарафи давлат;

б) баҳамтаъсиррасонии талабот ва пешниҳод бо воситаи баҳамтаъсиррасонии фурӯшандагон ва харидорони захираҳо, молҳо ва хизматҳо;

в) сиёсати давлатии дар демократияи иқтисодӣ асос ёфта.

Афзалияти асосии низоми бозорӣ дар он аст, ки рақобати истеҳсолкунандагон ва рақобати истеъмолкунандагон механизми худтанзимшавӣ худинкишофёбиро ҳаракат мебахшанд, ки амалигардонии дастовардҳои пешравии илм ва техника ва ҳаракатро бо роҳи хароҷоти ҳадди ақал ва фоидаи ҳадди аксар таъмин менамояд. Ҳамаи ин барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои афзоишёбанда имкониятҳои зиёдеро фароҳам меоварад.

**Низоми иқтисодии омехта**. Дар охири асри XXI қисми зиёди давлатҳои дунё зарурият ва мақсаднокии иқтисодиёти дар муносибатҳои бозорӣ асосёфтаро дастгирӣ карданд. Лекин бозор барои ҳалли як қатор муаммоҳои бо таъсисдиҳии неъматҳои ҷамъиятӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ, мӯътадилии иқтисодӣ, инкишофи пешравии илмӣ – техникӣ ва мувозинатии экологӣ алоқаманд бударо қобилияти ҳал кардан надорад. Ин масъалаҳоро давлат ҳал мекунад. Бинобар ҳамин, дар ҳаёти аслӣ иқтисоди бозории соф вуҷуд надорад, яъне дар асл иқтисодиёти омехта мавҷуд аст, ки дар он ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ дар сатҳи истеҳсолкунандагони хусусӣ бо воситаи бозор амалӣ мегардад. Масъалаҳои аҳамияти ҷамъиятӣ дошта бошанд, аз тарафи давлат ҳал карда мешаванд.

# МАВЗӮИ 4. ИСТЕҲСОЛОТИ ҶАМЪИЯТӢ – АСОСИ ИНКИШОФИ ҶАМЪИЯТ.

*4.1. Истеҳсолот ҳамчун ҷараёни меҳнати ҷамъиятӣ. Унсурҳои оддии ҷараёни меҳнат.*

*4.2. Қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ.*

*4.3. Муаммои маҳдудияти захираҳо ва номаҳдудии эҳтиёҷотҳо.*

4.4. *Омилҳои истеҳсолот.*
4.5. *Муаммоҳои комбинатсияҳо, ивазшавӣ ва истифодабарии самараноки омилҳои истеҳсолот.*
4.6. *Қонуни камшавандаи ҳосилнокии (боздеҳи) интиҳоӣ ва афзоиши хароҷоти иловагӣ.*
4.7. *Маҳсули истеҳсолот.*

## 4.1. ИСТЕҲСОЛОТ ҲАМЧУН ҶАРАЁНИ МЕҲНАТИ ҶАМЪИЯТӢ. УНСУРҲОИ ОДДИИ ҶАРАЁНИ МЕҲНАТ

**Аҳамияти истеҳсолот дар ҳаёти ҷамъият**. Дар ҳама зиннаи тараққиёти инсоният, одамон барои ҳаётгузаронӣ бояд хӯрок, либос ва дигар неъматҳои моддӣ доштанашон лозим аст. Воситаҳои рӯзгузаронии барои инсон зарур буда бояд истеҳсол карда шаванд. Тайёр намудани онҳо дар ҷараёни истеҳсолот амалӣ мегардад, ки дар он одамон захираҳои моддии зиёди гуногунро истифода мебаранд.

Истеҳсолот ин ҷараёни баҳамтаъсиррасонии инсон ва табиат бо мақсади офаридани неъматҳои моддӣ ва хизматҳо мебошад. Дар ҷараёни истеҳсолот на танҳо тарз ва намуди тайёр намудани неъматҳо ва хизматҳо, балки мукаммалгардии маънавии худи инсон ба миён меояд.

Одатан истеҳсолоти моддӣ ва ғайримоддиро фарқ мекунанд. **Истеҳсолоти моддӣ** чунин фаъолияти инсонро дар бар мегирад, ки бо истеҳсоли неъматҳои ва хизматҳои моддӣ алоқаманд аст (саноат, хоҷагии қишлоқ, сохтмон, хоҷагидории коммуналӣ, хизматрасонии маишӣ ва ғайраҳо). **Истеҳсолоти ғайримоддӣ** бо офаридани хизматҳои ғайримоддӣ ва арзишҳои маънавӣ алоқаманд аст (тандурустӣ, маориф ва ғайраҳо). Ин ду намуди истеҳсолоти бо ҳам алоқаманд бе мавҷудияти якдигар вуҷуд дошта наметавонад.

Ҳамин тавр дар ҳар як ҷамъият истеҳсолот барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳо хизмат мекунад. Эҳтиёҷотҳо майли асосии фаъолияти истеҳсолот баромад мекунад. Эҳтиёҷотҳо сохтори мураккаб дошта, эҳтиёҷотро ба неъматҳои гуногуни

ҳаётӣ, хизматҳо, ҷои истиқомат, инкишофи маънавӣ ва ғайраҳо дар назар доранд.

Дар назарияи иқтисодӣ эҳтиёҷотҳои имконпазир ва пардохтнокро аз ҳам ҷудо мекунанд. Эҳтиёҷотҳои имконпазир гуфта, хоҳишҳои принсипиалии истифодабарии ин ё он неъматро меноманд. Ба эҳтиёҷотҳои пардохтнок танҳо он эҳтиёҷотҳоро дохил мекунанд, ки бо даромадҳои пулии аслӣ таъминанд ва ба талаботи харидорӣ мубаддал мешаванд. Барои офаридани неъматҳои барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳо зарур буда, ба истеҳсолот захираҳоро ҷалб намудан зарур аст.

Дар назарияи иқтисодӣ мафҳуми «захираҳо» маънои маҷмӯаи унсурҳои гуногуни истеҳсолотро дар назар доранд, ки дар ҷараёни офаридани неъматҳо ва хизматҳои моддӣ ва маънавӣ заруранд.

***Захираҳои табиӣ*** – ин қисми маҷмуаи шароитҳои табиии мавҷудияти инсон, нишондоди асосии муҳити атроф, ки дар ҷараёни истеҳсолот истифода мешаванд. Захираҳои табиӣ тамомшаванда ва тамомнашаванда мешаванд, аз ин лиҳоз онҳо ба барқароршаванда ва барқарорнашаванда ҷудо мешаванд.

***Захираҳои моддӣ*** бо ҳамаи воситаҳои истеҳсолот ифода карда мешавад, ки худи онҳо натиҷаи истеҳсолот мебошанд (воситаҳои меҳнат ва ашёи меҳнат).

***Захираҳои меҳнатӣ*** бо қувваи корӣ ифода карда мешаванд, яъне аҳолии дар синни коршоями қарор дошта.

***Захираҳои информатсион***ӣ – ин маълумотҳое, ки барои фаъолияти истеҳсолоти автоматикунонидашуда ва идора кардани он бо воситаи компютер зарур мебошанд.

**Истеҳсолот ҳамчун ҷараёни меҳнати ҷамъиятӣ**. Истеҳсолот ин на танҳо ҷараёни офаридани неъматҳои барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои гуногуни инсон зарур буда, балки такрористеҳсоли худи ҳаёти одмаон мебошад, зеро ҳангоми истеҳсолоти воситаҳои рӯзгузаронии худи одамон амалӣ мегардад ва қобилиятҳои онҳо инкишоф меёбанд.

Дар ҷараёни истеҳсолот меҳнат ва табиат баҳам таъсир мерасонанд. **Меҳнат** – фаъолияти инсонӣ, ки ба офаридани неъматҳои моддӣ ва маънавӣ барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои онҳо равона карда мешавад.

Ҷараёни истеҳсолот – ин фаъолияти одамон бо истифодабарии захираҳои гуногун барои офаридани неъматҳои моддӣ ва маънавӣ мебошад.

Ҷараёни истеҳсолот бе мавҷудияти се унсурҳо ғайриимкон аст: худи меҳнат, воситаҳои меҳнат ва ашёи меҳнат. **Меҳнат** ин сарф намудани энергияи ҷисмонӣ, асабӣ ва ақлии инсон бо мақсадҳои истеҳсолӣ мебошад. **Воситаҳои меҳнат** бо худ маҷмӯаи ашёҳоро дар назар дорад, ки бо воситаи онҳо инсон меҳнат мекунад ва неъматҳои моддиро истеҳсол мекунад. Ба воситаҳои меҳнат мошинҳо, таҷҳизотҳо, механизмҳо, энергия ва ғайраҳо дохил мешаванд. **Ашёи меҳнат** ин чизе, ки ба он меҳнати инсонӣ равона карда шудааст, яъне чизҳое, ки аз онҳо неъматҳои моддӣ истеҳсол карда мешаванд. ба ашёҳои меҳнат ашёи хом, масолеҳ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Воситаҳои меҳнат дар якҷоягӣ бо ашёи меҳнат воситаҳои истеҳсолотро ифода мекунанд. Онҳо аз сабаби аз тарафи одамон офарида шудан ва андӯхт шудан захираҳои истеҳсолкунанда ба ҳисоб рафта, капитал номида мешаванд.

## 4.2. ҚУВВАҲОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДА ВА МУНОСИБАТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ.

Воситаҳои истеҳсолот (капитал) танҳо қувваи таҷассумёфтаи дониш ба ҳисоб рафта, худи дониш вазифаи қувваи корӣ мебошад. Қувваи корӣ меҳнати зиндаро бо ёрии воситаҳои истеҳсолот (меҳнати таҷассумёфта) амалӣ мегардонад. Қувваи корӣ ва воситаҳои истеҳсолот дар маҷмӯъ ***қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятро*** ифода мекунанд. Аммо барои истеҳсоли неъматҳо ва хизматҳои моддӣ воситаҳои истеҳсолот ва қувваи кориро ҳамчун дуо мили истеҳсолот бояд алоқаманд кард. Ин яке аз масъалаҳои мушкил ва мураккаб дар ҳар як ҷамъият ба ҳисоб меравад. Зеро хислат, шаклҳо ва шароитҳои алоқамандшавӣ аз шаклҳои моликият вобастаги доранд.

Қувваҳои истеҳсолкунанда таркиби моддии (ашёвии) истеҳсолоти ҷамъиятӣ, қувваи ҳаракатдиҳандаи он мебошанд. Айнан дараҷаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда пурра ва моҳиятан дараҷаи тараққиёти истеҳсолоти ҷамъиятро тавсиф мекунанд. Ин гуфтаҳоро дар назар дошта К.Маркс менависад, ки марҳилаҳои гуногуни иқтисодӣ бо чӣ истеҳсол кардан фарқ накарда, балки бо чӣ тавр ва бо кадом қувваҳои истеҳсолкунанда истеҳсол кардан фарқ мекунанд. Нишондиҳандаи инкишофи худи қувваҳои истеҳсолкунанда бошад, ҳосилнокии меҳнат – нишондиҳандаи интегралӣ ва синтетикии дараҷаи пешравии онҳо бароманд мекунад.

Аммо қувваҳои истеҳсолкунанда – ин танҳо як тарафи истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад. Тарафи дигари он – ***муносибатҳои истеҳсолӣ*** мебошанд. Муносибатҳои истеҳсолӣ дар ҷараёни истеҳсолот байни одамон дар ҳар ду тарафи моликият ба омилҳои истеҳсолот ба миён меоянд: байни кордиҳандагон ва коргарони кироя. Мувофиқан, маънои муносибатҳои истеҳсолӣ – ин муносибатҳои моликиятӣ мебошад. Истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҳамавақт ҳангоми ҳукмронии ягон шакли моликият амалӣ мегардад. Гуфтан мумкин аст, ки агар қувваҳои истеҳсолкунанда таркиби истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба ҳисоб раванд, он гоҳ муносибатҳои истеҳсолӣ бошад шакли ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он ин истеҳсолот амалӣ мегардад. Бинобар ҳамин қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ худ ба худ дар алоҳидагӣ вуҷуд надошта, балки дар якҷоягӣ арзи ҳастӣ мекунанд.

Азбаски муносибатҳои истеҳсолӣ характери фундаменталӣ доранд, яъне муносибатҳои одамонро дар ҷараёни истеҳсолот танзим мекунад, онҳо асоси ҳамаи муносибатҳои боқимондаи ҷамъиятӣ мебошанд.

Муносибатҳои истеҳсолӣ дар якҷоягӣ бо қувваҳои истеҳсолкунанда, мувофиқи таълимоти К.Маркс, бо худ тарзи истеҳсолотро ифода мекунанд. Дар навбати худ тарзи истеҳсолот сохтори ҷамъиятро инъикос мекунад. Муносибатҳои ҷамъиятӣ – ин муносибатҳо байни одамон, ки танҳо бо муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ тамом намешаванд. Ҷамъият дар ҳама соҳаҳои ҳаёт муносибатҳои гуногунро тавлид мекунад: оилавӣ, ҳуқуқӣ, миллӣ, фарҳангӣ, динӣ, сиёсӣ ва

ғайраҳо, ки дар маҷмӯъ болосохти ҷамъият номида мешаванд. Пойсутун (базис (сохи иқтисодӣ) ва болосохт (надстройка) дар ягонагӣ ва алоқаманди қарор доранд. Пойсутуни ҷамъият болосохти онро муайян карда, равиши тараққиёти онро муайян мекунад. Лекин ягонагии онҳо дар он зоҳир мегардад, ки бо мурури замон болосохт ба пойсутун таъсир расонида, нишондодҳои инкишоф ва мукаммалгардонии онро муайян менамояд. Мувофиқи назарияи форматсионии К.Маркс, маҷмӯаи сохти иқтисодӣ ва болосохт форматсияи ҷамъиятӣ – иқтисодиро ифода мекунад. мувофиқи форматсияҳои ҷамъиятӣ – иқтисодӣ, 5 форматсия аз ҳам ҷудо шудааст: ҷамъияти ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва форматсияи коммунистӣ.

Лекин ба ғайр аз назарияи форматсионӣ назарияи дигар низ вуҷуд дорад, ки инкишофи таърихии инсониятро маънидод мекунад, яъне муносибати тамаддунӣ. Тамаддун гуфта сохти моддӣ ва маънавии пойдоргаштаи ҳаёти одамонро дар назар доранд, ки хусусиятҳои асосии он дар ҷамъияти додашуда дар тӯли вақти зиёд такрористеҳсол карда мешавад. Мувофиқи назарияи инкишофи тамаддунӣ 7 тамаддум аз ҳам ҷудо карда мешаванд: неолитӣ, ғуломдории шарқӣ, антиқа, феодалии ибтидоӣ, тоиндустриалӣ, индустриалӣ ва пасазиндустриалӣ. Тарафдорони ин назария гумон доранд, ки дар назарияи тамаддуни пойсутун ва болосохт, тартиби таъиноти тарафҳои гуногуни он вуҷуд дошта наметавона, танҳо аҳамияти якхела ва баробарҳуқуқӣ онҳо вуҷуд дорад.

## 4.3. МУАММОИ МАҲДУДИЯТИ ЗАХИРАҲО ВА НОМАҲДУДИИ ЭҲТИЁҶОТҲО.

***Камёфтии захираҳо***. Камёфтии захираҳо дар маҳдудияти онҳо нисбат ба эҳтиёҷотҳои афзоишёбандаи одамон ифода меёбад. Тараққиёти иқтисодиёт имкониятҳои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои одамонро зиёд менамояд. Барои тасдиқи ин

гуфтаҳо имкониятҳои истеҳсолии ҷамъияти асри миёна ва муосирро муқоиса кардан кифоя аст. Бо мурури замон муаммои камёфтии захираҳо боз ҳам муҳимтар мегардад, чунки эҳтиёҷотҳои одамон доимо афзоиш меёбанд.

Дар назарияи иқтисодӣ маҳдудияти мутлақ ва нисбии захираҳоро аз ҳам фарқ мекунанд. Маҳдудияти мутлақ нокифоягии захираҳои истеҳсолиро барои қонеъгардонии ҳамаи эҳтиёҷотҳои аъзоёни ҷамъият ифода мекунад. Лекин агар чаҳорчӯбаи эҳтиёҷотҳоро маҳдуд намоем, дар ин ҳолат маҳдудияти мутлақи захираҳо нисбӣ мешаванд, зеро барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои муайян захираҳо нисбатан номаҳдуд мешаванд.

Маҳдудияти мутлақ асосан барои захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ хос буда, маҳдудияти нисбӣ бошад барои захираҳои моддӣ, молиявӣ, информатсионӣ ва ғайраҳо хос аст.

***Муаммои интихоб***. Дар натиҷаи маҳдудияти захираҳо дар назди ҷамъият муаммои интихоб ба миён меояд. Ҳангоми интихоби бехтарини истифодабарии захираҳои маҳдуд зарурияти ба эътибор гирифтани вариантҳои гуногуни истифодаи захираҳои додашуда ва мақсадҳои гуногуни аз тарафи давлат, фирма ва хоҷагиҳои хонавода пешкаш карда мешуда ба миён меояд. Бо муаммои интихоб ҳамаи низомҳои иқтисодӣ дар ҳама давру замон дучор мешуданд, зеро ин муаммо характери умумӣ дорад.

**Се муаммои фундаменталии иқтисодиёт**. Конкретизатсияи муаммои интихоб се масъалаи фундаменталии иқтисодиёт мебошад, ки ҳаёти инсонӣ дар назди ҳама гуна ҷамъият новобаста аз сатҳи тараққиёт мегузорад: Чӣ истеҳсол кардан? Чӣ тавр истеҳсол кардан? Барои кӣ истеҳсол кардан?

***Чӣ истеҳсол кардан?*** Ин масъала ҳамавақт дар маркази диққати ҷамъият меистад, чунки ба ин муаммо ба таври оддӣ ҷавоб додан ғайри имкон аст: «Мо ҳамаи неъматҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷот вуҷуд дорад бо миқдори зарурӣ истеҳсол мекунем». Ҷамъият ҳамавақт бо маҳдудияти захираҳо дучор шуда, маҷбур мешавад, ки интихобро амалӣ гардонад ва аз чизе даст кашад.

***Каҷхаттаи имкониятҳои истеҳсолӣ***. Масъалаи «Чӣ истеҳсол кардан?» бо воситаи каҷхаттаи имкониятҳои истеҳсолӣ

ҳал карда мешавад. Каҷхаттаи имкониятҳои истеҳсолӣ ҳаҷми имконпазири ҳадди аксари истеҳсолотро дар ҳолати истифодабарии пурраи захираҳо дар сатҳи технологии додашуда дар назар дорад.

Ин модел дар назар дорад, ки мамлакат танҳо ду мол **X** ва **Y** – ро истеҳсол мекунад. Масалан, мамлакат дорои захираҳое мебошад, ки имконияти истеҳсоли 45 воҳид моли **X** ва ё 30 воҳид моли **Y** – ро таъмин карда метавонад. Агар дар мамлакат иқтидори захиравии худро барои истеҳсоли танҳо моли **X** равона созад он гоҳ ин мол 45 воҳид истеҳсол карда мешавад. Агар дар мамлакат танҳо моли **Y** истеҳсол карда шавад, ин мол дар ҳаҷми 30 воҳид истеҳсол карда мешавад.

Инчунин вариантҳои созишии истеҳсоли ҳам соли **X** ва ҳам моли **Y** имконпазир аст. Афзоиши якбораи ҳамаи молҳо ва инчунин ҳалли муаммои интихоб танҳо дар ҳолати рушди иқтисодӣ, яъне афзоиши иқтидори иқтисодии мамлакат имконпазир аст.

***Чӣ тавр истеҳсол кардан?*** Ҳалли ин масъала бо интихоби технологияи муайян ва номгӯи зарурии захираҳо алоқаманд аст. Чунки натиҷаи якхелла бо якчанд роҳҳо дастрас шуданаш мумкин аст.

***Барои кӣ истеҳсол кардан?*** Ҳалли ин масъала бо муаммои тақсимоти маҳсулоти миллии офарида шуда байни субъектони хоҷагидорӣ дар иқтисодиёт алоқаманд аст. Ин тақсимот метавонад чунин амали гардад: баробар; дар асоси принсипи «мувофиқи меҳнат» ва ё дар вобастагӣ аз саҳми ҳамаи омилҳои истеҳсолот ба истеҳсолот, масалан, аз рӯи мутаносибии иштироки меҳнат ва капитал дар истеҳсолот.

## 4.4. ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ.

Истеҳсолот – ин коркарди ашёҳои табиат барои истеъмолот ва ё истеҳсолоти минбаъда мебошад. Зарурияти муайян намудани омилҳои истеҳсолот, ки дар офаридани

неъматҳо иштирок мекунанд ба миён меояд. Зери мафҳуми омили истеҳсолот унсури зарурӣ ва объекте дарк карда мешавад, ки ба имконият ва натиҷаҳои истеҳсолот таъсири ҳалкунанда мерасонад.

Барои истеҳсолоти ҳама гуна маҳсулот маҷмӯаи муайяни омилҳои истеҳсолот вуҷуд дорад. Бинобар ҳамин зарурияти таснифоти онҳо, яъне ба гурӯҳҳои калон ҷудо намудани онҳо ба миён меояд. Оид ба таснифоти омилҳои истеҳсолот муносибатҳои гуногун мавҷуданд.

**Назарияи марксистӣ** ба сифати омилҳои истеҳсолот қувваи корӣ, воситаҳои меҳнат ва ашёи меҳнатро ҷудо намуда, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: ***омили шахсии истеҳсолот ва омили ашёвии истеҳсолот***.

**Назарияи маржиналистӣ** ба таври анъанавӣ чор гурӯҳи омилҳои истеҳсолотро ҷудо мекунад: меҳнат, замин, капитал ва қобилияти соҳибкорӣ.

***Замин*** ҳамчун омили муқаррарӣ мушоҳида карда мешавад. Он натиҷаи фаъолияти инсонӣ намебошад. Ба ин гурӯҳи унсурҳои истеҳсолот боигарии табиат ва канданиҳои фоиданокро дохил мекунанд, ки дар ҷараёни истеҳсолот истифода мешавад, ба он заминҳои корам, ҷангалҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд.

***Капитал*** ҳамчун омили истеҳсолот дар намуди маҷмӯаи неъматҳо баромад мекунад, ки дар истеҳсоли мол ва хизматҳо истифода бурда мешаванд. Ин дастгоҳҳо, мошинҳо, биноҳои анборӣ, воситаҳои нақлиёт, коммуникатсия, алоқа ва ғайраҳо мебошанд.

***Меҳнат*** бо фаъолияти ҷисмонӣ ва маънавии инсон дар офаридани неъматҳо ва хизматрасониҳо ифода меёбад. Маҷмӯаи қобилиятҳои шахсият (маълумотнокӣ, таълимоти касбӣ, малака, тандурустӣ) капитали инсониро ташкил мекунанд. Чӣ қадаре, ки меҳнати инсон баландихтисос бошад, ҳамон қадар капитали ӯ баланд мешавад.

***Қобилияти соҳибкорӣ.*** – тарзи махсуси капитали инсонӣ, ки бо фаъолияти инсон оид ба мутобиқатунонӣ ва комбиниронии омилҳои истеҳсолоти боқимонда бо мақсади офаридани неъматҳо ва хизматҳо ифода меёбад. Хусусияти ин гуногуншаклии захираҳои инсонӣ дар қобилият ва хоҳиш дар

ҷараёни истеҳсолот дар асоси тиҷоратӣ ҷорӣ намудани намудҳои маҳсулоти истеҳсолмешуда, технологияҳо, шаклҳои ташкили бизнес ҳангоми дараҷаи муайяни хавф ва имконияти зарарҳо иборат мебошад. Фаъолияти соҳибкорӣ бо масштабҳо ва натиҷаҳо ба хароҷоти меҳнати баландихтисос баробар карда мешавад.

***Фарқияти муносибатҳои таснифоти омилҳои истеҳсолот дар чист?***

***Муносибати марксистӣ*** аз он бар меояд, ки омилҳои истеҳсолот ҳамчун категорияи иқтисодӣ равиши иҷтимоии истеҳсолотро муайян менамояд. Дар ибтидои ҷараёни истеҳсолот таркиби синфии ҷамъият таъсис ёфта, зарурияти муборизаи синфҳо барои «адолат» асоснок карда мешавад. ***Маржиналистон*** бошанд омилҳои истеҳсолотро ҳамчун унсурҳои техникӣ – иқтисодӣ мушоҳида мекунанд, ки бе онҳо ҷараёни истеҳсолот ғайриимкон аст.

***Маржиналистон*** зери мафҳуми капитал воситаҳо ва ашёҳои меҳнатро дарк карда, шароитҳои табиатро бошад ба фонди махсус ҷудо мекунанд. ***Марксистон*** шароитҳои табиат, воситаҳо ва ашёи меҳнатро ба омили ягонаи ашёвӣ муттаҳид мекунанд. Агар сухан оид ба шароитҳои махсуси табиӣ дар истеҳсолот равад, он гоҳ хусусияти онҳо бо воситаи рента ба эътибор гирифта мешавад. Ба ақидаи онҳо ин қисми алоҳидаи илми иқтисодӣ мебошад.

Агар ***маржиналистон*** қобилияти соҳибкориро ҳамчун омили истеҳсолот эътироф кунанд, ***марксистон*** бошанд онро инъикор мекунанд.

Таснифотҳои қайдкардашудаи омилҳои истеҳсолот пойдоршуда ва доимӣ ба ҳисоб намераванд. Дар назарияи иқтисодии ҷамъияти пасаиндустриалӣ ба сифати омилҳои истеҳсолот инчунин омилҳои ***информатсионӣ*** ва ***экологӣ*** ҷудо карда мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки истеҳсолот танҳо дар ҳолати ворид намудани ҳамаи омилҳои истеҳсолот ба ҷараёни истеҳсолот имконпазир аст. Истеҳсоли маҳсулоти муайян ва хизмат номгӯи муайяни омилҳои истеҳсолотро талаб мекунад.

## 4.5. МУАММОҲОИ КОМБИНАТСИЯҲО, ИВАЗШАВӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ.

Омилҳои истеҳсолот қобилияти боҳамвобастагӣ мебошанд, ки бо хусусиятҳои гуногуни истеъмолии маҳсулот асос меёбанд. Дар натиҷа, истеҳсоли маҳсулот ва ё неъмат дар ҳолати истифодабарии омилҳои гуногун дар асоси якҷоякунӣ ва таносубҳои гуногуни омилҳои истеҳсолот имконпазир аст.

Чунин ҳамивазшавӣ ва тағйирёбии миқдорӣ барои истеҳсолоти муосир хос аст. Ивазшавии омилҳо на танҳо бо хусусияти эҳтиёҷотҳо ва хусусиятҳои конструктивии маҳсулот, балки бо маҳдудияти захираҳо аз як тараф ва самаранокии истифодабарии онҳо аз тарафи дигар асоснок карда мешаванд.

Молистеҳсолкунанда (соҳибкор) чунин технологияи истеҳсолотро интихоб мекунад, ки дар он омили истеҳсолоти камёфт ва ё нисбатан арзиши баланд дошта камтар истифода бурда мешавад. Ба туфайли ҳамин ҷиҳат дар ҳаёти ҷамъиятӣ биноҳои бисёрошёна дар ҳолати маҳдудияти замин, ивазшавандаҳои синтетикӣ, моделҳои зиёди мошинҳои сӯзишвориро сарф кунанда пайдо шудаанд.

Тарзҳои алтернативии ба даст овардани миқдори додашудаи маҳсулот бо воситаи истифодабарии комбинатсияҳои гуногуни захираҳо (омилҳои истеҳсолот) бо функсияи истеҳсолот ифода карда мешавад. Бо ибораи дигар муносибати байни ҳар як номгӯи омилҳои истеҳсолот ва ҳаҷми имконпазири ҳадди ақали маҳсулоти истифода мешуда, функсияи истеҳсолиро ифода мекунад. Функсияи истеҳсолӣ вобастагии технологиро байни хароҷот ва барориши маҳсулот ифода мекунад.

Ба сифати тағйирёбандаҳои новобастаи функсияи истеҳсолӣ бузургии омилҳои истифодашаванда ва ба сифати тағйирёбандаҳои вобастагӣ дошта бошад бузургиҳои ҳаҷми барориши маҳсулот баромад мекунанд.

Ба таври математикӣ функсияи истеҳсолӣ дар намуди зерин баромад мекунад:

$$\boldsymbol{Q} = f(\boldsymbol{X}_1; \boldsymbol{X}_2; \boldsymbol{X}_3 \ldots \boldsymbol{X}_n) \quad (4.1)$$

ки дар ин ҷо $Q$ – бузургии ҳаҷми барориш; $f$ – шакли вобастагии функсионалӣ байни омилҳои истеҳсолот ва ҳаҷми барориш; $X$ – бузургии омилҳои дар истеҳсолот истифода шаванда.

Шакли мукаммалгаштаи функсияи истеҳсолӣ изокванта мебошад.

**Изокванта** – каҷхаттае, ки имкониятҳои комбинатсияи омилҳои истеҳсолотро нишон медиҳад, ки ҳаҷми доимии (ягонаи) барориши таъмин мекунанд.

Дар модели дуомила (капитал – **K** ва меҳнат – **L**) ҳар як изокванта ҳаҷми барориши ($Q$) барои ҳар як комбинатсияи алоҳидаи омилҳои истеҳсолот нишон медиҳад. Ҳамаи маҷмӯаи изоквантаҳое, ки оид ба вариантҳои имконпазири амалигардонии истеҳсолот тасаввурот медиҳанд, **картаи (маҷмӯаи) изоквантаҳо** номида мешаванд.

Бузургие, ки миқдори зарурии тағйирёбии як омилро дар вобастагӣ аз тағйирёби воҳиди омили дигар ҳангоми нигоҳдории ҳаҷми бароириш ифода менамояд, меъёри интиҳоии ивазшавии технологӣ (*MRTS – marginal rate of technical substitution*) номида мешавад.

Бо ибораи дигар меъёри интиҳоии ивазшавии технологии капитал бо меҳнат (**MRTS**$_{LK}$) бузургиро нишон медиҳад, ки онро ҳар як воҳиди меҳнат дар ҳолати таъмини ҳаҷми бароиши додашуда иваз карда метавонад. Бузургии он ба нисбияти маҳсулоти интиҳоии капитал ба маҳсулоти интиҳоии меҳнат ($\mathbf{MRTS_{LK}} = \frac{\mathbf{MPK}}{\mathbf{MPL}}$) баробар аст.

Дар вобастагӣ аз бузургии **MRTS**$_{LK}$ якчанд намуди функсияҳои истеҳсолиро аз ҳам ҷудо кардан мумкин аст. Дар назарияи иқтисодӣ аз ҳама ҳам функсияи истеҳсолии машҳур ин функсияи Кобб – Дуглас мебошад, ки номи муаллифони худ ногузорӣ карда шудааст:

$$Q = A(K^{\alpha} L^{\beta}) \quad (4.2)$$

ки дар ин ҷо **A** – коэффитсиенти мутаносибӣ, ки бузургии он аз **K**, **L** ва **Q** вобаста мебошад; **α** ва **β** – коэффитсиентҳои чандирнокие, ки чӣ тавр афзоишёбии маҳсулотро дар ҳолати афзоишёбии омили истеҳсолот ба як воҳид нишон медиҳад.

Махсусияти таҳлили фаъолияти корхона аз давраи вақт вобастагӣ дорад, ки дар тӯли он функсияи истеҳсолӣ амал мекунад. Одатан давраи **кӯтоҳмуддат** (дар давоми он омилҳои истеҳсолот доимӣ боқӣ мемонанд) ва давраи **дарозмуддатро** (марҳилае, ки барои тағйиротҳо дар ҳама омилҳои истеҳсолот кифоя мебошад) ҷудо мекунанд.

Дар дурнамоии дарозмуддат фирма имконияти натанҳо комбинатсияи омилҳои истеҳсолот, балки тағйирдиҳии миқдори омилҳои истеҳсолоти истифодашавандаро дорад, яъне имконият дорад масштабҳои (ҳаҷми) истеҳсолотро тағйир диҳад.

Тағйирёбии омилҳои истеҳсолот бо таносубҳои ягона ба натиҷаҳои гуногун оварда метавонанд.

Таносуби байни тағйирёбии нисбии ҳаҷми хароҷоти омилҳои истеҳсолот ва тағйирёбии нисбии ҳаҷми бароriш самара аз масштаб (хаҷм) номида мешавад.

Барои функсияи Кобб – Дуглас $\boldsymbol{Q = A(K^{\alpha} L^{\beta})}$ тағйирёбии ҳаҷми барориш аз бузургиҳои дараҷавии $\boldsymbol{\alpha}$ ва $\boldsymbol{\beta}$ вобаста аст.

Агар $\boldsymbol{\alpha + \beta = 1}$ **самараи доимӣ (тағйирнаёбанда) аз масштаб** вуҷуд дорад. Яъне ҳангоми афзоиши миқдори омилҳои истеҳсолот, масалан ба **10%**, ҳаҷми барориш низ ба **10%** афзоиш меёбад.

Агар $\boldsymbol{\alpha + \beta > 1}$ **самараи мусбӣ (афзоишёбанда) аз масштаб** вуҷуд дорад. Бо ибораи дигар, ҳангоми афзоиши миқдори омилҳои истеҳсолот ба **10%** ҳаҷми истеҳсолот аз **10%** зиёдтар афзоиш меёбад.

Агар $\boldsymbol{\alpha + \beta < 1}$ **самараи манфӣ (камшаванда) аз масштаб** вуҷуд дорад. Яъне ҳангоми афзоиши миқдори омилҳои истеҳсолот ба **10%**, ҳаҷми барориш аз **10%** камтар афзоиш меёбад.

Ҳамин тавр дар вобастагӣ аз характери тағйирёбии таносубҳои қайд карда шуда, самараи мусбӣ, доимӣ ва камшаванда аз масштабро фарқ мекунанд.

**Самараи доимӣ (тағйирнаёбанда) аз масштаб** – хусусияти ҷараёни истеҳсолотест, ки дар он ҳаҷми барориши

маҳсулот бо таносубҳои ба хароҷоти омилҳо баробар тағйир меёбад.

**Самараи мусбӣ (афзоишёбанда) аз масштаб** – хусусияти ҷараёни истеҳсолотест, ки дар он ҳаҷми барориши маҳсулот бо таносубҳои зиёдтар нисбат ба хароҷоти омилҳои истеҳсолот ба миён меояд.

**Самараи манфӣ (камшаванда) аз масштаб** – хусуситяи ҷараёни истеҳсолотест, ки дар он ҳаҷми барориши маҳсулот нисбат ба хароҷоти омилҳои истеҳсолот бо таносубҳои камтар афзоиш меёбад.

Амали самара аз масштаб танҳо бо давраи дарозмуддат алоқаманд аст, зеро айнан дар ин давра тағйирёбии ҳамаи омилҳои истеҳсолот ба назар мерасад. Бинобар ҳамин характери он бо чунин хусусиятҳо асоснок нест: **якум,** бо амал намудани қонуни камшавандаи боздеҳ (ҳама омилҳои захиравӣ тағйирёбандаанд); **дуюм**, бо шиддатнокии истифодабарии ягон омили алоҳида (тағйирнопазирии таносуби омилҳоро дар назар дорад).

Ба сифати сарчашмаҳои сарфа аз масштаб инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

- *амал намудани омили андозадор (истеҳсоли фурӯзонакҳои 100 ватта хароҷоти 2,5 маротиба зиёдро нисбат ба истеҳсоли фурӯзонакҳои 40 ватта талаб намекунад);*
- *афзоиши ҳосилнокӣ аз ҳисоби тақсимоти амиқи меҳнат;*
- *имкониятҳои калони истифодабарии техника ва технологияҳои нав;*
- *истифодаи пурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ;*
- *махсусгардонӣ дар идоракунӣ;*
- *реклама ва маркетинг (бозоршиносӣ).*

Ба сифати омилҳои ба афзоиши самара аз масштаб зиддият мекарда инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

- афзоиши эҳтимолияти пайдоиши ҷойҳои хурд ва садамаҳо;
- афзоиши мушкилиҳо дар идоракунӣ ва мутобиқаткунӣ;
- афзоиши хароҷотҳои нақлиётӣ ва хароҷот барои фурӯш;
- афзоиши хароҷотҳои маъмурӣ;
- баландшавии нархҳо ба захираҳо.

## 4.6. ҚОНУНИ КАМШАВАНДАИ ҲОСИЛНОКИИ (БОЗДЕҲИ) ИНТИҲОӢ ВА АФЗОИШИ ХАРОҶОТИ ИЛОВАГӢ.

Бо баробари афзоиши хароҷот, ҳаҷми маҳсулот то ҳудуди муайян афзоиш меёбад. Маҳсулоти бо ин тарз ба вуҷуд оварда шуда бошад, **маҳсулоти интиҳоӣ** номида мешавад. Ин маҳсулот дар асоси ҳосилнокии интиҳоии захираҳо истеҳсол шуда, ҳамчун нисбияти афзоиши маҳсулот ба афзоиши захира муайян карда мешавад.

Агар хароҷот беохир бо афзоишёбии хурд зиёд шавад, он гоҳ маҳсулоти интиҳоӣ ҳосилнокии интиҳоиро ифода мекунад. Ҳосилнокии интиҳоии захираҳоро бон архи бозории он муқоиса намуда, корхона (фирма) масъаларо оид ба мақсаднокии хароҷоти иловагӣ ҳал менамояд.

Лекин, агар пешравии динамики техникӣ таъмин нагардад, дар ин ҳолат ҳар як хароҷоти иловагӣ, масалан, ҳосилнокии воҳиди меҳнат то рафт паст мешавад. Пастшавии ҳосилнокии интиҳоии меҳнат ва маҳсулоти интиҳоӣ ба миён меояд.

Ҷараёни пастшавии каҷхаттаи афзоиши ҳосилнокӣ дар назарияи иқтисодӣ ҳамчун қонуни камшавандаи ҳосилнокӣ ва ё камшваии боздеҳ маълум аст.

Бо ибораи дигар, ҳангоми афзоиши як намуди хароҷот ва бузургии доимии дигар хароҷотҳо даврае мерасад, ки дар он миқдори иловагии хароҷоти намуди додашуда ба афзоиши маҳсулоти умумӣ мусоидат намекунад.

Лекин қонуни камшавандаи ҳосилнокиро мутлақ шуморидан зарур нест. Ин қонун ҳангоми мавҷудияти ду шароит амал мекунад:

- *доимии ақалан яке аз омилҳои истеҳсолот;*
- *мавҷуд набудани пешравии илмӣ – техникӣ.*

Амал намудани қонуни камшавандаи ҳосилнокии омилҳо нишон медиҳад, ки имкониятҳои афзоиши барориши маҳсулот ҳангоми доимӣ будани ақалан як омили истеҳсолот, маҳдуд аст. Бо вуҷуди ин бояд дар назар дошт, ки дар аввал, қонуни камшавандаи ҳосилнокии омилҳо танҳо дар шароити давраи кӯтоҳмуддат қобили тадбиқ мебошад ва дуюмин, шиддатнокии

амал намудани ин қонун бо хусусиятҳои технология дар ҳар як истеҳсолот алоқаманд мебошад.

Истифодабарии технологияҳои нисбатан пешрафта, имконият медиҳад, ки дар чаҳорчӯбаи давраи кӯтоҳмуддат барориши зиёди маҳсулот бо миқдори омили додашуда ва ё камтар, маънои амал намудани қонуни камшавандаи бо здеҳро надошта, танҳо характери таъсири онро тағйир медиҳад.

## 4.7. МАҲСУЛИ ИСТЕҲСОЛОТ.

Молистеҳсолкунанда (соҳибкор) имконият дорад, ки комбинатсияҳои гуногуни омилҳои истеҳсолотро истифода барад. Нишондоди интихоби комбинатсияи омилҳои истеҳсолот – ин хароҷоти камтарини истеҳсолӣ мебошад.

Масъалаи интихоби якҷоякунии омилҳои истеҳсолот дар амал чӣ тавр ҳал карда мешавад?

Барои ин нишондиҳандаҳои вобастагии маҳсулотҳои умумӣ, миёна ва интиҳоӣ аз яке аз омилҳои истеҳсолоти тағйирёбанда истифода мешаванд, бо баробари ин таъсири дигар омилҳои доимӣ ба ҳисоб меравад.

**Маҳсулоти умумӣ (маҷмӯавӣ) аз омили тағйирёбанда (TPx)** – ин ҳаҷми умумии барориш дар ҳолати додашудаи омили тағйирёбанда.

**Маҳсулоти миёнаи омили тағйирёбанда (APx)** – ин ҳаҷми барорише, ки ба воҳиди омили тағйирёбанда мувофиқат мекунад.

$$AP_x = \frac{TP_x}{X} \tag{4.3}$$

**Маҳсулоти интиҳоии омили тағйирёбанда (MPx)** – ин афзоиши ҳаҷми маҳсулоте, ки аз ҳисоби афзоиши воҳиди омили тағйирёбанда ба даст оварда мешавад.

$$MP_x = \frac{\Delta TP_x}{\Delta X} \tag{4.4}$$

Истифодабарии афзоиши маҳсулот барои таҳлил аёнияти исботро пурзӯр мекунад, зеро қисми боқимонади маҳсулоти истеҳсолшуда бетағйир мемонад.

Молистеҳсолкунанда (соҳибкор) истифодабарии комбинатсияҳои гуногуни омилҳои истеҳсолотро аз сабаби зарурияти ногузирии пастшавии харочоти истеҳсолот пешкаш менамояд. Ин комбинатсияҳо бо воситаи муқоиса намудани нархи бозорӣ ва харочот барои тайёр намудани маҳсулоти муайян ҳисоб карда мешаванд.

Ҳамин тавр дар натиҷаи алоқамандкунии омилҳои истеҳсолот маҷмӯаи неъматҳои моддӣ офарида мешавад. Нисбияти миқдории ҳаҷми неъматҳои моддӣ (маҳсулот) ба меҳнати барои истеҳсоли онҳо сарф шуда, ҳосилнокии меҳнатро тавсиф мекунад. Мувофиқан, нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнатро дар намуди зерин ифода кардан мумкин аст:

$$\text{Ҳ}_{\text{м}} = \frac{\boldsymbol{Q}}{\boldsymbol{L}} = \frac{\boldsymbol{Q}}{\boldsymbol{M}} \tag{4.5}$$

(**Q** – миқдори маҳсулоти офаридашуда дар намуди шайӣ ва ё пулӣ; **M** – харочоти меҳнат (масалан, одам – соат ва ё шумораи коргарони дар истеҳсолоти додашуда машғул шуда).

Нишондиҳандаи меҳнатғунҷоиши маҳсулот, ки нишондиҳандаи баръакси ҳосилнокии меҳнатро ифода мекунад барои таҳлил васеъ истифодабурда мешавад, яъне:

$$\textit{Меҳнатғунҷоиши маҳсулот } (M_E) = \frac{\boldsymbol{L}}{\boldsymbol{Q}} \tag{4.6}$$

Нисбияти миқдории неъматҳои моддӣ (маҳсулот) ба капитал, ки барои истеҳсолот истифода мешавад, нишондиҳандаи боздеҳи капиталро тавсиф мекунад. Мувофиқан, нишондиҳандаи боздеҳи капиталро дар намуди зерин ифода кардан мумкин аст:

$$\textit{Боздеҳи капитал } (\textit{Кб}) = \frac{\boldsymbol{Q}}{\boldsymbol{K}} \tag{4.7}$$

Инчунин нишондиҳандаи капиталғунҷоиши маҳсулот истифода мешавад, ки баръакси бузургии боздеҳи капиталро ифода мекунад, яъне:

$$\textit{Капиталғунҷоиш } (\textit{Кғ}) = \frac{\boldsymbol{K}}{\boldsymbol{Q}} \tag{4.8}$$

# МАВЗӮИ 5. ПОЙДОРШАВӢ ВА МОҲИЯТИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ. НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДИИ МОЛ, АРЗИШ ВА НАРХ.

5.1. *Шароитҳои пайдоиш ва хусусиятҳои асосии истеҳсолоти молӣ. Нақши истеҳсолоти молӣ дар инкишофи иқтисодии ҷамъият.*
5.2. *Тавсифи истеҳсолоти молӣ.*
5.3. *Мол ва хусусиятҳои он.*
5.4. *Назарияҳои арзиш, фоиданокӣ ва қимат.*
5.5. *Инкишофи шаклҳои арзиш ва пайдоиши пул.*

## 5.1. ШАРОИТҲОИ ПАЙДОИШ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ. НАҚШИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ ДАР ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИИ ҶАМЪИЯТ.

Аввалин намуди таърихии ташкили иқтисодии истеҳсолот **хоҷагидории натуралӣ** буд, ки аз давраи пайдоиши инсоният то пайдо шудани тарзи истеҳсолоти капиталистӣ ҳукмронӣ мекард.

**Хусусиятҳои асосии хоҷагидории натуралӣ инҳо мебошанд**:

1. Консентратсияи ҳаёти иқтисодӣ дар истеҳсолотҳои маҳдуд: общинаҳо, латифундияи ғуломдорӣ ва хоҷагии феодалӣ. (**Латифундия** – заминдории калон).
2. Мавҷуд набудани на танҳо бозори ягонаи миллӣ, балки мавҷуд набудани мафҳуми он. Ҳамаи лавозимотҳои зарурӣ дар хоҷагии азонихудӣ истеҳсол карда мешуд, бинобар ҳамин дар бозор танҳо барзиёди истеҳсолоти «хонагӣ» фурӯхта мешуданд. Аз ин ҷо инкишофи пасти муносибатҳои молию – пулӣ, алоқаи бевоситаи байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда.
3. Алоқаи ноустувор ва тасодуфӣ байни хоҷагиҳо.

4. Худтаъминкунии хоҷагиҳо бо лавозимотҳои зрурӣ: аз нони оддӣ то воситаҳои истеҳсолот, ба ғайр аз молҳои қимматбаҳо.

5. Қисми зиёди маҳсулоти истеҳсол мешуда бевосита барои истеъмолот равона карда мешуд. Андӯхт ниҳоят кам буд, ки натиҷаҳои он дар суръатҳои афзоиши истеҳсолот танҳо дар тӯли садсолаҳо аён гардиданд.

6. Сатҳи пасти инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, истифодабарии олотҳои муқаррарӣ аз тарафи одамон.

7. Афзалияти истеҳсолоти кишоварзӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ.

Мувофиқи гуфтаҳои боло, моҳияти хоҷагидории натуралиро чунин маънидод кардан мумкин аст: ***хоҷагидории натуралӣ чунин хоҷагидориест, ки дар он одамон маҳсулотҳоро танҳо барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои худ бе иштирок дар мубодила ва бозор истеҳсол мекунанд***.

Дар шароити хоҷагидории натуралӣ се масъалаи асосӣ ЧӢ, ЧӢ ТАВР ва БАРОИ КӢ – ро соҳибони хоҷагӣ (онҳо низ коргарон) вобаста аз эҳтиёҷотҳои хоҷагии худ ҳал мекарданд.

## 5.2. ТАВСИФИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОЛӢ.

Бо баробари барҳамхӯрии общинаҳо ва инкишофи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, бо баробари пайдоиши моликияти хусусӣ **муносибатҳои молию – пулӣ ва бозорӣ** пайдо шуда, инкишоф меёбанд, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо мукаммал гардида пурқувват мешаванд. Муносибатҳои молию – пулӣ ва бозорӣ сабаби асосии вайроншавии феодализм ва пайдоиши хоҷагидории молии дар тарзи истеҳсолоти капиталистӣ асосёфта гаштанд.

Ҳамин тавр, шароити зарурӣ барои пайдоиши истеҳсолоти молӣ, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мебошад, ки дар он мустақилгардии истеҳсолкунандагон барои тайёр намудани молҳои муайян ва махсусгардии иқтисодии истеҳсолкунандагон ба миён омада, дар натиҷа истеҳсолкунанда

мустақилона бо маҳсулоти истеҳсолкардааш идора мекунад, яъне моликиятдори маҳсули худ мегардад.

Хоҷагидории молӣ на танҳо аз хоҷагидории натуралӣ фарқияти принсипиали дорад, балки бо таркиби худ онро инъикор мекунад.

Хоҷагидории молӣ бо чунин ҷиҳатҳо ва хусусиятҳои ташкили истеҳсолоти ҷамъиятӣ фарқ мекунад:

1. Низоми инкишофёфтаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, ҳангоме ки ҳар як истеҳсолкунанда барои истеҳсоли ягон маҳсулот алоҳида махсусгардонида мешавад. Истеҳсолот аз тарафи истеҳсолкунандагони мустақил амалӣ мегардад.

2. Маҳсулотҳо танҳо бо мақсади фурӯш истеҳсол карда мешаванд, ки айнан аз ҳамин сабаб онҳо ба мол мубаддал мегарданд.

3. Муносибатҳои молию – пулӣ характери умумӣ доранд.

4. Бозорҳои ягонаи миллӣ таъсис меёбанд, мувофиқан мафҳуми меҳнати ҷаъмъиятӣ пайдо мешавад.

5. Алоқаи байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда бо воситаи бозор амалӣ мегардад. Ҳар як маҳсулот мол мебошад, бинобар ҳамин пеш аз истеъмол шудан, он бояд ҷараёни хариду – фурӯшро аз сар гузаронад.

6. Молҳо барои бозори номаълум истеҳсол карда мешаванд.

7. Истеҳсолоти молӣ дар шароити рақобати озод амалӣ мегардад.

8. Қонуни иқтисодии танзимкунандаи инкишофи истеҳсолоти молӣ, яъне **қонуни арзиш** аниқ ифода меёбад.

Ҳамин тавр, ***истеҳсолоти молӣ гуфта, чунин хоҷагидориро дар назар доранд, ки дар он маҳсулотҳо барои фурӯш истеҳсол карда шуда, алоқаи байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон бо воситаи бозор амалӣ мегардад***.

## 5.3. МОЛ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН.

Категорияи асосии истеҳсолоти моли, мол мебошад. Оид ба моҳияти мол ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд.

**Дар назарияи марксистӣ** мол ҳамчун маҳсули меҳнати барои инсон зарур буда ва барои фурӯш таъинот дошта мушоҳида карда мешавад. Аз ин маънидодкунӣ бар меояд, ки :

- *мол ин чизест, ки ягон эҳтиёҷоти инсонро қонеъ мегардонад;*
- *мол ин чизест, ки бо меҳнат алоқаманд аст: масалан, моҳии дар дарё буда барои моҳидор мол нест, лекин баъд аз сарф намудани меҳнат барои моҳидорӣ он ба мол мубаддал мешавад;*
- *мол чизест, ки барои фурӯш пешбинӣ шудааст.*

Дар мактаби иқтисодии австрягӣ (намояндаи машҳури он К.Менгер ба ҳисоб меравад) мол ҳамчун неъмати махсуси иқтисодӣ муайян карда мешавад, ки баорои мубодила истеҳсол шудааст.

**Эзоҳ:** ***Неъмат – ин ҳама чизҳое, ки дар худ маънои мусбии муайянро дар бар мегирад, ба монанди ашё, ҳодиса, маҳсули меҳнат ва ғайраҳо, ки эҳтиёҷоти инсониро қонеъ мегардонад ва ба манфиатҳо, мақсадҳо ва кӯшишҳои одмаон ҷавоб медиҳад. Неъмат ба моддӣ ва ғайримоддӣ ҷудо мешавад. Неъмати моддӣ – ин неъматҳои муқаррарии табиат ва маҳсулоти истеҳсолот. Неъматҳи ғайримоддӣ – ин неъматҳое, ки ба инкишофи қобилиятҳои инсон таъсир расонида, дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ офарида мешаванд. Инчунин неъматҳо ба иқтисодӣ ва ғайриқтисодӣ ҷудо мешаванд. Неъматҳои иқтисодӣ – ин неъматҳое, ки натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ мебошанд. Неъматҳои ғайриқтисодӣ (неъматҳои худодод) аз тарафи табиат бе кӯшиши инсон пешкаш карда шудаанд.***

Ба неъматҳои иқтисодӣ К.Менгер он неъматҳоро дохил мекунад, ки онҳо объект ва ё натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ мебошанд ва онҳоро бо миқдори маҳдуд нисбат ба эҳтиёҷотҳо дастрас кардан мумкин аст.

Ягонагии байни маънидодкуниҳои назарияи марксистӣ ва мактаби иқтисодии австрягӣ дар он мебошад, ки дар онҳо мол ҳамчун натиҷаи меҳнат мушоҳида карда мешавад.

Фарқият бошад дар он, ки маънидодкунии мактаби иқтисодии австрягӣ, таносуби байни эҳтиёҷот ба неъмат ва

дастрасии ин неъматро ба назар мегирад, назарияи марксистӣ бошад ин хусусиятро ба эътибор намегирад.

Ба фарқияти ин муносибатҳо нигоҳ накарда, аз тарафи ҳар ду назария тасдиқ карда мешавад, ба сифати мол маҳсулотҳои бо меҳнат офаридашуда ва неъматҳои табиии бо меҳнат алоқаманд буда, баромад карда метавонанд.

Мол ду хусусият дорад:

- *қобилияти конеъгардонии ягон эҳтиёҷоти инсон;*
- *қобилияти ивазшавӣ ба дигар молҳо.*

Қобилияти фоиданокии мол барои инсон ва қонеъгардонии эҳтиёҷоти он **арзиши истеъмолии мол** номида мешавад.

Арзишҳои истеъмолӣ таркиби ашёгии боигарии ҷамъиятиро ташкил мекунанд. Як қатор арзишҳои истеъмолӣ эҳтиёҷотҳои шахсии инсонро қонеъ мегардонанд (масалан, хӯрокворӣ, манзили зист, либос, китоб, мусиқӣ ва ғайраҳо), дигар арзишҳои истеъмолӣ эҳтиёҷотҳои истеҳсолии инсонро қонеъ мегардонанд (мошинаҳо ва таҷҳизотҳо, ашё ва масолеҳ).

Худи молистеҳсолкунандаро арзиши истеъмолии мол танҳо барои он ба худ ҷалб мекунад, ки он бо қобилияти ивазшавии мол ба дигар молҳо алоқаманд аст.

Қобилияти ивазшавии мол ба дигар молҳо бо таносуби шумораи муайян **арзиши мубодилавии** мол мебошад.

Масъалаи ЧӢ дар асосӣ мубодила хобидааст ва ЧӢ таносуби миқдориро муайян мекунад, ки бо он як мол ба дигар мол иваз карда мешавад, аввалин маротиба Арасту гузошта буд. Арсату мегуфт, ки «Мубодила бе баробарӣ вуҷуд дошта наметавонад, баробарӣ бошад бе ҳамандозагӣ вуҷуд дошта наметавонад». Дар ин ҷо масъалаи характери фундменталӣ дошта ба миён меояд, к ибо эквивалентнокии мубодила алоқаманд аст. Иқтисодчиёни гуногун ба масъала ҷавобҳои гуногун пеш кардаанд.

## 5.4. НАЗАРИЯҲОИ АРЗИШ, ФОИДАНОКӢ ВА ҚИМАТ.

**Мувофиқи тарафдорони назарияи меҳнатии арзиш**, молҳои мубодилашаванда асоси ягонаро дар намуди хароҷоти меҳнат доранд, ки арзишро муайян менамоянд.

**Мувофиқи ақидаи тарафдорони назарияи фоиданокии интиҳоӣ**, дар асоси мубодила фоиданокӣ хобидааст.

**Намояндагони консепсияи хароҷотӣ** арзишро бо хароҷот алоқаманд мекунанд.

Назарияи меҳнатии арзиш дар тӯли асрҳи XVII ва XIX таъсис ёфтааст. Асосҳои ин назария дар корҳои классикони иқтисоди сиёсӣ У.Петти, А.Смит, Д.Рикардо, К.Маркс ифода ёфтаанд.

А.Смит ченаки арзишро вақти корӣ меҳисобид. Д.Рикардо ба сифати ченаки арзиш вақти кории барои истеҳсоли молҳо дар шароитҳои бади истеҳсолот сарф мешуда меҳисобид.

К.Маркс гумон мекард, ки дар асоси арзиш меҳнати ҷамъиятии абстрактӣ хобидааст. Бо ақидаи Маркс, меҳнати молистеҳсолкунанда характери духелагӣ дорад. Аз як тараф, ин меҳнати намуди муайян, яъне меҳнати конкретӣ. Аз тарафи дигар, меҳнат ин хароҷоти қувваи корӣ умуман ба ҳисоб рафта, меҳнати абстрактӣ номида мешавад. Айнан ҳамин намуди меҳнат арзишро ба вуҷуд меоварад ва хислати умумии меҳнати мутахассисони гуногун мебошад, ки баробар намудани арзишҳои истеъмолии гуногунро бо якдигар имконият медиҳад.

Арзишҳои истеъмолӣ сифатан аз ҳамдигар фарқ мекунанд, онҳоро муқоиса кардан номумкин аст, зеро онҳо эҳтиёҷотҳои гуногуни одамонро қонеъ мегардонанд. Масалан, чунин саволгузорӣ нодуруст аст: чӣ беҳтар – нон ва ё металл? Вале ҳама арзишҳои истеъмолиро як хусусият алоқаманд мекунад: ҳамаи онҳо натиҷаи меҳнати инсон мебошанд.

Молҳоро дар бозор мубодила намуда, онҳоро ҳангоми хариду – фурӯш баҳамдигар баробар карда, мо мохиятан меҳнатро баробар мекунем, ки дар онҳо ифода ёфтааст. Молҳо маҳсули меҳнат мебошанд ва танҳо ҳамчун эквивалент мубодила карда мешаванд. Ченаки худи меҳнат бошад вақти

корӣ мегардад, ки барои истеҳсоли мол сарф карда мешавад. Лекин, арзиши мол бо хароҷоти вақти кории истеҳсолкунандаи алоҳида не, балки бо хароҷоти вақти кории меҳнати ҷамъиятӣ, махсусан бо хароҷоти вақти кории зарурии ҷамъиятӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, тарафдорони назарияи меҳнатии арзиш, арзишро бо вақти кории зарурии ҷамъиятӣ муайян менамоянд, ки барои истеҳсоли маҳсулот ҳангоми шароитҳои мӯътадили ҷамъиятии истеҳсолот сарф карда мешаванд: дар сатҳи миёнаи малака ва шиддатнокии меҳнат.

**Назарияи фоиданокии интиҳоӣ** нисбатан аниқтар дар корҳои намояндагони мактаби австрягӣ К.Менгер, Е.Бем – Баверк, Л.Валрас, У.Джевонс коркард шудааст.

Тарафдорони ин назария арзишро вобаста аз баҳодиҳии субъективии харидор муайян мекунанд. Баҳодиҳии субъективӣ бошад аз ду омил вобаста аст: аз захираи мавҷудбудаи неъмати додашуда (камёфтӣ) ва аз дараҷаи қонеъгардонии эҳтиёҷотҳо бо ин неъмат. Масалан, агар шумо ташна ва дар биёбон қарор дошта бошед, барои шумо якум пиёлаи об пурқимат аст. Бо баробари ташнашиканӣ фоиданокии ҳар пиёлаи навбатии об барои шумо камтар мешавад. Пиёлаи охирони оби истеъмол мешуда барои шумо фоиданокии камтаринро дорад.

Фоиданокии интиҳоӣ – ин фоиданокии иловагие, ки истеъмолкунанда аз истеъмоли ҳар як воҳиди иловагии мол дастрас мекунад. Фоиданокии интиҳоӣ ба нисбияти тағйирёбии миқдори умумии фоиданокӣ ба тағйирёбии миқдори моли истеъмолшуда баробар аст.

Назарияи фоиданокии интиҳои ва назарияи меҳнатии арзиш муқобиланд, лекин ба ҳамдигар зид нестанд. Мантиқан ин баҳодиҳии объективӣ ва субъективии қимати неъмати додашуда мебошад.

**Консепсияи хароҷотӣ** дар корҳои Джеймс Мил, Мак – Кулох ва дигарон ифода ёфтааст, ки онҳо арзишро бо хароҷоти истеҳсолот алоқаманд мекунанд, яъне бо хароҷотҳо барои воситаҳои истеҳсолот ва пардохти меҳнат.

Муттаҳидкунии ин назарияҳо аз тарафи Бем – Баверк, А.Маршалл, Дж.Кларк, П.Самуэлсон кӯшиш карда шуда буданд.

Нисбатан кӯшиши А.Маршал бомувафақтар буд, ки дар он ӯ аз ҷустуҷӯи сарчашмаи ягонаи арзиш даст кашида, назарияи фоиданокии интиҳоиро бо назарияи талабот ва пешниҳод ва бо назарияи хароҷоти истеҳсолот алоқаманд кард.

Чи хеле дар боло қайд шуда буд, Маршалл гумон дошт, ки назарияи меҳнатии арзиш нархро яктарафа муайян менамояд. Ин яктарафагӣ дар он зоҳир мегардад, ки мувофиқи ақидаи тарафдорони назарияи меҳнатии арзиш нарх ин ифодаёбии пулии арзиш аст. Инчунин Маршалл назарияи фоиданокии интиҳоиро низ яктарафа меҳисобид, ки он дар нархи бозорӣ ифодаёбии баҳодиҳии субъективии молҳоро аз тарафи истеъмолкунанда мебинад. Барои ҳал намудани ин зиддият кӯшиш ба харҷ дода, Маршал ба чунин ақида омад: дар ҷараёни таъсисёбии нархи бозорӣ ба пешниҳоди фурӯшанда ва ё ба талаботи харидор афзалият додан якхела нодуруст аст. Бинобар ҳамин дар маркази тадқиқот Маршалл таъсисёбии нархҳоро дар бозорҳои моли гуногун дар асоси баҳамтаъсиррасонии талабот ва пешниҳодро гузошт. Бо баробари ин вобастагиҳои фундаменталии байни нарх ва талаботу пешниҳод муайян карда шуданд. Ӯ нишон дод, ки аҳамияти таъсири талабот ва пешниҳод дар фосилаи вақт тағйир меёбад. Давраҳои лаҳзагӣ, кӯтоҳмуддат, дарозмуддат ва ниҳоят дарозмуддатро ҷудо намуда, Маршалл чунин хулосаҳоро баррасӣ намуд: чи қадаре, ки лаҳзаи вақт дарозмуддат бошад, ҳамон қадар таъсири пешниҳод зиёдтар аст.

Нархи мувозинатӣ мувофиқӣ Маршалл, ***ин нархи ҳадди аксаре, ки истеъмолкунанда тайёр аст (вобаста аз баҳодиҳии субъективии фоиданокии мол) пардохт намояд ва ҳамзамон ин нархи ҳадди ақале, ки бо он истеҳсолкунанда розиаст молашро фурӯшад (вобаста аз сатҳи хароҷот барои истеҳсоли моли додашуда)***.

Қонуни арзиш. Инкишофи истеҳсолоти молӣ дар асоси амал намудани қонуни арзиш ба миён меояд, ки мувофиқи хароҷоти меҳнати зарурии ҷамъиятӣ бо он ҳамаи молҳо бояд истеҳсол ва мубодила карда шаванд. Мувофиқан, қонуни арзиш ин на танҳо қонуни истеҳсолоти молӣ, балки қонуни истеҳсолот низ мебошад. Дар шароитҳои хоҷагидории бозорӣ қонуни арзиш чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

**Танзимкунандаи таносубҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ**. Азбаски нархҳо дар бозор аз таносуби талабот ва пешниҳод вобастаги доранд, бинобар ҳамин агар истеҳсолкунанда талаботро қонеъ нагардонад, нархи молҳои афзоиш меёбанд. Ин маънои онро дорад, ки истеҳсолкунандагони моли додашударо бо нархҳои баландтар мефурӯхта ҳангоми тағйир наёфтани хароҷотҳо, фоидаи нисбатан зиёдро ба даст меоваранд. Бо мақсади ба даст овардани фоидаи зиёдтар дигар истеҳсолкунандагон капиталҳои худро ба истеҳсолоти додашуда мегузаронанд ва дар натиҷа ин намуди истеҳсолот тезтар тараққи карда, ба тағйирёбии мутаносибии байни соҳаҳо ва истеҳсолотҳои алоҳида оварда мерасонад. Вақте, ки бозор бо моло пур ва нархҳо паст мешаванд, ҷоришавии капитал ба дигар соҳа ба миён меояд. Ин гуна ҷараён доимо ба назар мерасад.

**Фарқгузорандаи молистеҳсолкунандагон**. Азбаски молҳо бо арзиши ҷамъиятӣ фурӯхта мешаванд, бинобар ҳамин истеҳсолкунандагоне, ки арзиши инфиродиашон аз арзиши ҷаъиятӣ баландтар аст, ба рақобат тоб оварда наметавонанд ва муфлис мешаванд. Онҳое, ки молҳои бо хароҷоти аз хароҷоти ҷамъияти пастар истеҳсол мекунанд, фоидаи зиёдеро ба даст оварда, метавонанд истеҳсолоти худро инкишоф диҳанд.

**Ҳавасамандгардонандаи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда**. Истеҳсолкунандаи ягон навовариро ворид карда, ки имконияти баланд намудани ҳосилнокии меҳнатро фароҳам меоварад, молҳоро бо арзишҳои инфиродии нисбат ба арзиши ҷаъиятӣ пасттар истеҳсол мекунад ва онҳоро бо арзиши ҷамъиятӣ мефурӯшад. Мувофиқан, нисбат ба дигар истеҳсолкунандагон ӯ фоидаи иловагиро ба даст меоварад. Ин ҷараён то он даме ба вуҷуд меояд, ки ин навоварӣ дар ҷамъият паҳн нагардад ва ба пастшавии хароҷоти меҳнати зарурии ҷамъиятӣ оварда нарасонад. Барои ба даст овардани фоидаи иловагии минбаъда бояд доимо олотҳои меҳнат, ташкили истеҳсолот ва ғайраҳо мукаммал карда шаванд, яъне қувваҳои истеҳсолкунанда бояд инкишоф ёбанд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки механизми амал намудани қонуни арзиш ба фарқи байни арзиши инфироди ва ҷамъиятӣ асос гирифтааст.

Аз соҳаи истеҳсолот маҳсули меҳнат ба соҳаи муомилот мегузаранд, ки дар он амал намудани омилҳои бозорӣ оғоз меёбанд. Онҳо (омилҳои бозорӣ) камшавӣ ва ё баландшавии нархҳоро ба миён меоранд. Дар навбати худ нарх ба талабот ва пешниҳоди молҳо таъсир расонида, ба рафтори харидорон ва фурӯшандагон низ таъсир мерасонад.

Дар таҷрибаи иқтисодӣ ду муносибати асосӣ ба пойдоршавии нархҳо таъсис ёфтааст: бозорӣ ва хароҷотӣ (истеҳсолӣ). Ин муносибатҳо пеш аз ҳама бо омилҳои ба таъсисёбии нарх таъсиррасонанда фарқ мекунанд.

Дар ҳолати тарзи бозорӣ омилҳои муайянкунанда вазъияти бозор, талабот ва пешниҳоди мол ба ҳисоб мераванд. Дар ҳолати тарзи хароҷотӣ дар асоси ҷорӣ намудани нарх хароҷотҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама хароҷотҳои меҳнатии бо офаридани мол алоқаманд буда, хобидаанд.

Нархҳо бо як қатор ҷиҳатҳо фарқ мекунанд: дар вобастагӣ аз масштаби амалиётҳои савдоӣ ва намудҳои моли фурӯхтамешуда нархҳои яклухт, чакана, тарифҳо аз ҳам ҷудо карда мешаванд; дар вобастагӣ аз дараҷаи озодӣ, нархҳо ба мустаҳкам, устувор, танзимшаванда ва нархҳои бозорӣ ҷудо мешаванд.

Ба ғайр аз ин нархҳои ҷаҳонӣ ва муқоисашаванда (тағйирнопазир) ва инчунин нархҳои «ҳадди ақал (пол)» ва «интиҳо (потолок)» аз ҳам фарқ мекунанд. Нархҳои «ҳадди ақал» ва «интиҳо» дар бозор дар ҳолати дахолати муайян ба нархҳои озод ҷорӣ карда мешаванд. Масалан, дар ҳолати танзими давлатии нархҳо, аз тарафи муассисаҳои нархгузорӣ ва ё нархгузории монополияҳои калон ба маҳсулоти худ. Дар ин ҷо сухан оиди вайроншавии маҷбурии нархи мувозинатӣ меравад.

Нархҳои «ҳадди ақал» ва «интиҳо» бо маънои баръакси таркиби ин мафҳумҳо дарк карда мешавад. Дар назар дошта мешавад, ки нархи «ҳадди ақал» - ин нархи баланд ва нархи «интиҳо» - ин нархи пастарин.

Гап дар сари он, ки нархи «ҳадди ақал» - ин ҳудуди поёнии нархҳо мебошад. Аз сатҳи он нарх паст шуда наметавонад, чунки нархи ҳадди ақал баланд мебошад. Нархи «интиҳо» низ чунин ҳудуд дорад, лекин ба тарафи болоравӣ. Азбаски ҳудуди

болои нарх ҷорӣ карда мешавад, бинобар ҳамин он нархи аз сатҳи мувозинатӣ пастар мебошад, мувофиқан нарх паст мебошад.

Нархҳои шартномавӣ – нархҳое, ки ҳаҷми онҳо бо муомилаҳои пешакии созишномаи хариду – фурӯш муайян карда шудааст.

## 5.5. ИНКИШОФИ ШАКЛҲОИ АРЗИШ ВА ПАЙДОИШИ ПУЛ.

Гумон карда мешавад, ки ҳар як инсон аз хурдсолӣ медонад, ки пул чист ва барои чӣ он зарур аст, инчунин тасаввур мекунад, ки пулҳо дар иқтисодиёт ва ҳаёт кадом нақшро мебозанд. Бо вуҷуди ин барои ҷавоби пуррадодан ба саволи «Пул чист?» на танҳо одамони аз илми иқтисодӣ дур, балки олимони шинохтаи иқтисодӣ низ мушкилӣ мекашанд.

Дар тадқиқоти пайдоиши пул ду муносибат вуҷуд дорад – субъективӣ ва ё консепсияи оқилона ва объективӣ ва ё консепсияи таҳаввулӣ.

Муносибати субъективӣ гумон дорад, ки пулҳо дар натиҷаи созишнома байни одамон ба миён омаданд, ки оид ба ҳаракати арзиш ва мубодилаи молҳо бо восиати фишанги махсус боварӣ ҳосил карда буданд.

Муносибати объективӣ ва консепсияи таҳаввулӣ исбот мекунад, ки пулҳо ин натиҷаи инкишофи тақсимоти меҳнат, ки дар ҷараёни он аз номгӯи зиёди молҳо як мол ҷудо шуд, ки нақши эквиваленти умумиро бозидааст. Чунин консепсияро мактабҳои марксистӣ ва неокласcикӣ дастгирӣ мекунанд. Ин назария мушоҳидаи аниқро талаб мекунад.

Мувофиқи таълимоти марксизм, барои пурра дарк намудани моҳияти пулҳо, бояд инкишофи шаклҳои арзишро мушоҳида намуд. Чор шакли арзиш маълуманд: оддӣ ва ё тасодуфӣ, пурр ва ё чаппа, умумӣ ва пулӣ.

Мубодила бо баробари инкишофи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат пайдо шудааст. Зарурияти тақсимоти ҷамъиятии меҳнат барои мубодила маълум аст. Танҳо бузургиҳои

эквивалентӣ ва ё баробар мубодила карда мешаванд. Бо ибораи дигар ду мол барои он мубодила мешаванд, ки арзиши онҳо эквивалент (баробар) мебошанд.

Моли **А** ба моли **Б** баробар аст. Дар ин мисол моли **А** арзиши худро дар моли дигар ифода мекунад, мувофиқан, ин мол дар шакли нисбии арзиш қарор дорад. Моли **Б** эквиваленти (баробари ) арзиши мол баромад мекунад, мувофиқан ин мол дар шакли эквивалентии арзиш қарор дорад.

Шакли арзиши дидабаромадашуда номи шакли оддӣ ва ё тасодуфии арзишро гирифтааст. Мушкилии мубодила ҳангоми шакли оддӣ ва ё тасодуфии арзиш дар он аст, ки ҳар ду иштирокчӣ бояд дар ҷои мубодила дар як вақт ҳузур дошта бошанд. Дар дигар ҳолат мубодила ғайриимкон аст.

Пешравии таърихӣ ва иқтисодӣ нотакрор буда, паҳлӯ ба паҳлӯ мераванд. Дуюм тақсимоти ҷамъиятии меҳнати калон ба миён меояд (косиби аз заминдорӣ ва чорводорӣ ҷудо шуд). Ин маънои онро дорад, ки маҳсулотҳои ба мол табдил меёфта то рафт зиёд мешаванд. Акнун чорводор метавонад гӯсфандро на танҳо ба ғалла, балки ба матоъ, ба олотҳои меҳнат ва ғайраҳо мубодила намояд. Бо ибораи дигар, ба як мол дигар молҳои баробар карда шуданд.

Мушкилиҳои мубодила боқи мемонанд, лекин як сабукӣ ба назар мерасад. Миқдори молҳо зиёдтар шуданд, аз ин лиҳоз боз як категорияи бозор тавлид ёфт, ки он интихоб мебошад. Лекин дар ин ҳолат мушкилиҳои мубодила низ зиёд шуданд. Шакли арзиши дидабаромадашуда, шакли арзиши ***пурра ва ё чаппа*** ном гирифт.

Инкишофи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат давом меёбад. Ҳосилнокии меҳнат афзоиш меёбад. Номгӯи молҳо зиёд гашта, доимии мубодила афзоиш меёбад. Дар натиҷа иштирокчиёни мубодила дарк мекунанд, ки агар моли **А** – ро ба моли **Б**, ба моли **В** ва ба моли **Г** иваз кардан мумкин бошад, беҳтар аст, ки моли **А** – ро харидорӣ карда баъдан ба он дигар молҳои заруриро дастрас намоянд.

Таърих номи одам ва қабиларо, ки ин ақида пайдо шуда буд дар хотир наборад. Аммо пешравии ниҳоят ҷиддӣ дар тафаккури ҷамъиятӣ ба миён омад, ки оқибатҳои он барои

иқтисодиёт ҳамто надорад. Мубодила ба пойсутуни устувор пойдор шуд. Дар асл танҳо равиши майли мубодила тағйир ёфт, вале натиҷаи ион инқилоби ҳақиқӣ дар мубодила мебошад.

Акнун арзиши моли **А**, ва ё худи моли **А** ҳамчун эквиваленти арзиши ҳамаи молҳои боқимонда баромад мекунад. Ин шакли арзиш ***умумӣ*** номида шуда, моли **А** бошад эквиваленти умумӣ гардид. Аризиши як мол ва арзиши моли дигар миқдоран ҳисобшавандаанд, айнан дар ҳамин афзалияти эквиваленти умумӣ ифода меёбад.

Оҳиста – оҳиста, дар натиҷаи сабабҳои гуногун нақши эквиваленти умумӣ ба як мол мустаҳкам гардид, ки он дар навбати худ ин вазифаро ба таври монполӣ иҷро мекунад. Бо вуҷуди он, ки ин мол ҳамчун моли муқаррарӣ боқи мемонад, ифодакунии арзиши молҳои дигар вазифаи асосии он мегардад. Ин вазифа эквиваленти умумиро ба ***пул***, ба ***категорияи ба ҳамагон маълум*** мубаддал мекунад.

Мувофиқан, ***пул – ин моли махсусест, ки дорои арзиши истеъмолии махсус – қобилияти ба дигар молҳои мубодила шудан ва ё эквиваленти умуми буда, шакли арзишии ҳамаи мол ва хизмтаҳо мебошад***.

**Вазифаҳои пул**. Одатан моҳияти пулро бо воситаи номбар кардани вазифаҳои иҷро мекардаи он тавсиф мекунанд. Вазифаҳои ибтидоӣ ва асосии пул – ***ин воситаи муомилот мебошад,*** ки бо воситаи он мубодилаи молҳои ва хизматҳо байни одамон, корхонаҳо ва мамлакатҳо ба миён меояд.

Бо баробари инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ лаҳзаи пешкаш намудани молҳо ва пардохти онҳо мувофиқат намекардагӣ шуд, ки дар натиҷа ба пайдоиши вазифаи нави ***пул ҳамчун воситаи пардохт*** сабаб шуда, маънои хариди молро бо пардохти минбаъда дар назар дорад.

Ҷудо намудани вазифаи пул ҳамчун воҳиди ҳисобӣ, воситаи ченкунӣ ва ё ҳамчун ченаки арзиш мақсаднок аст.

Дар шароитҳои низоми муосири пулӣ ба ***вазифаи андӯхт ва нигоҳдорандаи арзиш ва ё воситаи пасандози*** пул аҳамияти хоса зоҳир карда мешавад.

Вақте, ки оиди вазифаи пулҳои мамлакати додашуда ҳамчун пулҳои ҷаҳонӣ сухан меронанд, одатан имконияти

истифодабарии онҳо (пулҳо) дар ҳисобҳои байналхалқӣ дар назар дошта мешавад. Одатан пулҳои мамлакат дар нақши пулҳои ҷаҳонӣ ҳамон вақт баромад мекунанд, ки агар бо худ асъори устувор ва ивазшавандаро ифода кунанд.

**Низомҳои металлии пулӣ**. Бо вуҷуди он, ки ба сифати пулҳо молҳои гуногун баромад карда метавонанд, ашёи пулҳо бояд ба чунин талаботҳо ҷавобгӯ бошад: якҷинса, ба хӯрдашавӣ тобовард, ҷудошаванда, ба ҳама маълум, ихчам ва ғайра. Металлҳои қиматбаҳо ба ин талаботҳо ҷавобгӯ буда, иҷроиши ин вазифаро онҳо бар дӯши худ гирифтанд.

Дар вобастагӣ аз шумораи металлҳое, ки дар мамлакати мазкур ба сифати эквиваленти умумӣ қабул шуда буданд, ***биметаллизм*** ва ***монометаллизмро*** фарқ мекунанд. ***Биметаллизм*** – низоми пулие, ки дар он нақши эквиваленти умумиро ду метали нодир, тилло ва нуқра мебозанд. ***Момнометаллизм*** – низоми пулие, ки дар он танҳо як металл (тилло ва ё нуқра) ба сифати эквиваленти умумӣ эътироф карда мешавад.

***Низомҳои пулии ғайриметаллӣ***. Арзонтар кардани муомилоти пулӣ бо роҳи даст кашидан аз пулҳои ҳақиқӣ (пулҳои тиллогӣ ва нуқрагӣ) имконпазир гардид. Аз ҳама ҳам маводи мувофиқ қоғаз ба ҳисоб меравад.

Бо пайдоиши худ нишонаҳои пулӣ аз қоғаз ба пулҳои қоғази ва пулҳои қарзӣ ҷудо мешаванд.

***Пулҳои қоғазӣ***. Пулҳои қоғазии классикӣ нишона ва намояндаи пулҳои металлӣ гардид. Гардиши пулҳои қоғазӣ дар ӯҳдадории ҳокимияти давлатӣ оид ба қабули онҳо бо баробари пулҳои тиллоӣ такя мекард. Ҳамзамон давлат бо ҳокимияти худ таносубҳои ивазшавии пулҳои қоғазиро ба пулҳои тиллоӣ ҷорӣ намуд.

***Пулҳои қарзӣ*** бо баробари инкишофи муносибатҳои қарзӣ ба миён омаданд. Ҷисман онҳо одатан нишонаҳои қоғазиро ифода мекунанд, лекин нисбат ба пулҳои қоғазӣ пулҳои қарзӣ дар асоси муомилаҳои қарзӣ пайдо мешаванд. Пулҳои қоғазӣ таъминот надоранд, пулҳои қарзӣ бошанд таъминоти устувор ва ё афзоишёбанда доранд ва бинобар ҳамин ба беқурбшавӣ дучор намешаванд.

Пулҳои қоғазӣ ва тангаҳои майда дар якҷоягӣ **пулҳои нақдро** ташкил мекунанд, ки одатан нақдина номида мешаванд. Пулҳои нақд бо худ воситаи пардохти универсалиро ифода мекунанд, ки ба ғаринақд бо осони мубаддал карда мешаванд, ҷараёни баръакс бошад мушкилтар шуда метавонад. Аз ҷиҳати психологӣ шакли нақдинаи пулҳо боавариро ба соҳиби худ оид ба таъиноти пул таъмин менамоянд, ки дар ҳолати нобоварӣ нисбати давлат ва дигар аъзоёни ҷамъият ниҳоат зарур аст. Оид ба пулҳои нақд нисбат ба пулҳои ғайринақд арз кардан зарур нест. Бинобар ҳамин пулҳои нақд нисбат ба пулҳои ғайринақд ноайён мебошанд.

Миқдори асосии воситаҳои пулӣ – ин пулҳои ғайринақдӣ, яъне пулҳои дар ҳисобҳои бонкӣ мавҷуд буда мебошанд. Ба пулҳои ғайринақд пулҳои воситаҳои пулии на танҳо корхонаҳо, ки дар бонкҳо нигоҳ дошта мешавад, дохил мешавад, балки воситаҳои пулии шаҳрвандон низ дохил мешаванд, ки дар ҳисобҳои бонкӣ мавҷуданд.

Пешравии низоми пулӣ дар аксарияти мамлакатҳо дар намуди камшавии ҳиссаи қиёсии муомилоти пулҳои нақд нисбат ба ҳиссаи ҳисобҳои ғайринақдӣ ифода меёбад.

**Пулҳои электронӣ**. Истифодабарии техникаҳои электронӣ ҳангоми гузаронидани ҳисобҳои ғайринақдӣ ба пайдоиши пулҳои электронӣ сабаб шуд.

**Кортҳои пластикӣ**. Дар ҷараёни инкишофи минбаъдаи ҳисобҳои электронӣ кортҳои пластики намудҳои гуногун пайдо шуданд, ки на танҳо аз тарафи аз тарафи фирмаҳо, балки аз тарафи аҳолӣ низ истифода мешаванд.

# МАВЗӮИ 6. МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ. МОҲИЯТ, ВАЗИФАҲО ВА СОХТОРИ БОЗОР.

*6.1. Муносиатҳои бозорӣ. Таҳаввули афкорҳо оид ба бозор.*

*6.2. Сохтори бозор. Вазифаҳо ва нақши бозор дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ.*

*6.3. Инфрасохтори бозор.*

*6.4. Субъектони асосии иқтисоди бозорӣ.*

*6.5. Моделҳои иқтисодӣ бозорӣ.*

## 6.1. МУНОСИАТҲОИ БОЗОРӢ. ТАҲАВВУЛИ АФКОРҲО ОИД БА БОЗОР.

**Муносибатҳои бозорӣ**. Алоқаҳои иқтисодӣ ҳаракати маҳсулотро аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда таъмин менамояд, яъне мубодила байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон ба миён меояд. Чунин ҷараёнҳои мубодилавӣ бо тақсимоти ҷамъиятии меҳнат асос гирифтаанд, ки аз як тараф истеҳсолкунандагонро аз рӯи намуди фаъолияти меҳнатӣ аз ҳам ҷудо мекунад ва аз тарафи дигар алоқаҳои устувори функсионалиро байни онҳо тавлид мекунад. Ҷиҳати якум ба маҳсурияти иқтисодӣ, ба мустақилгардии хоҷагидории ҳар як истеҳсолкунанда сабаб шуда, асоси иқтисодии таъсисёбии субъектони муносибатҳои бозорӣ баромад мекунад. Ҷиҳати дуюм бошад ба ҷараёнҳои мубодилавӣ мубаддал мегардад, ки дар асоси эквивалентӣ бо воситаи хариду – фурӯш ба миён меояд. Дар натиҷа заминаҳои иқтисодии мубаддалшавии истеҳсолкунандаи оддӣ ба субъекти муносибатҳои бозорӣ таҷассум меёбад ва истеҳсолот характери молӣ пайдо мекунад. Ҷараёнҳои мубодилавии муносибатҳои молию – пулӣ шакли муносибатҳои бозориро мегирад.

Ба ғайр аз муомилот муносибатҳои бозорӣ инҳоро дар бар мегиранд:

- *муносибатҳои бо иҷораи корхонаҳо ва дигар сохторҳои иқтисодиёт алоқаманд буда, ки алоқаи байни ду субъектон дар асоси бозорӣ амалӣ мегардад;*
- *ҷараёни киро намудан ва истифодабарии қувваи корӣ бо воситаи биржаи меҳнат;*
- *муносибатҳои қарзӣ ҳангоми додани қарз бо фоизи муайян;*
- *ҷараёни амал намудани инфрасохтори идоракунии бозорӣ, ки биржаҳои молӣ, фондӣ ва дигар ҷузъҳоро дар бар мегирад.*

**Сарҳадҳои муносибатҳои бозорӣ**. Дар назарияи бозорӣ ба муайян намудани сарҳадҳои амал намудани муносибатҳои бозорӣ аҳамияти зарурӣ дода мешавад. Ҳангоми муҳокимаи ин масъала шарти муайянкунанда таъсисёбии хароҷот дар соҳаи мубодила мебошад. Хароҷотҳое, ки бо фурӯш ва истеъмоли

молҳо дар шароитҳои бозорӣ алоқамананданд, К.Маркс хароҷотҳои соф номид. Дар адабиёти иқтисодии ғарб хароҷоти соҳаи мубодила номи **«хароҷотҳои трансаксиониро»** гирифтааст. Ин мафҳумро иқтисодчии америкоӣ **Р.Коуз** ворид намудааст.

Асосноккунии назариявии хароҷотҳои соҳаи муомилот амалан ба ҳалли муаммои таносубҳои қонунҳои истеҳсолот ва қонунҳои тақсимот мансуб доништа шуда, онҳо метавонанд ба таври автономӣ ва ё қонуни якум вобаста аз қонуни дуюм вуҷуд дошта бошанд. Агар ҷараёни истеҳсолотро аз ҷараёни тақсимот новобаста гӯем, он гоҳ хароҷотҳои трансаксионӣ бояд ба нол баробар шаванд. Лекин, дар асл хароҷотҳои трансаксионӣ ҳеҷ гоҳ ба нол баробар намешаванд. Мувофиқан, тақсимот ба ҷараёни истеҳсолот таъсири бевосита мерасонад, ки бо воситаи механизми бозорӣ амалӣ мегардад. Барои ҷорӣ намудани сатҳи чунин таъсирот бояд теоремаи А.Смит ва Р.Коузро дида бароем.

***Торемаи Смит***, ва ё теоремаи мубодила дар назар дорад, ки мубодилаи ихтиёрӣ ба ҳар ду тарафҳо манфиат дорад. Бо воситаи ин теорема алоқаи бозор, тақсимоти меҳнат ва самаранокии истеҳсолот ҷорӣ карда мешавад. Инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва таъмини манфиатҳо дар ҷараёни мубодила бо фаъолияти оқилонаи соҳибкорӣ дастрас мешавад, ки дар натиҷаи махсусгардонии дар тақсимоти меҳнат асос ёфта, ба миён меояд. Аз ҳисоби ҳамин афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва масштабҳои мубодила ба вуҷуд меояд. Васеъшавии соҳаи фурӯши молҳо бо афзоиши хароҷотҳои трансаксионӣ ҳамрадиф аст. Бо вуҷуди ин ҷараёни зиддиятӣ ба миён меояд. Аз як тараф хароҷотҳо аз ҳисоби махсусгардонӣ кам мешаванд, ва аз тарафи дигар аз ҳисоби васеъшавии сарҳадҳои муносибатҳои бозорӣ хароҷотҳои трансаксионӣ афзоиш меёбанд. Дар натиҷа манфиатҳо аз тақсимоти меҳнат аз ҳисоби афзоиши хароҷотҳои трансаксионӣ ба нол оварда шуданаш мумкин аст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки сарҳадҳои муносибатҳои бозорӣ, ки дар чаҳорчӯбаи он манфиатҳо аз тақсимоти меҳнат бо хароҷотҳои трансаксиони муқоиса карда мешаванд, ба сифати сарҳади байни субъектони муносибатҳои бозорӣ баромад мекунанд.

***Моҳияти теоремаи Коуз*** дар он аст, ки агар ҳуқуқҳои моликиятӣ аниқ муайян шуда бошанд, он гоҳ натиҷаҳои мусбӣ ва ё манфӣ байни тарафҳои манфиатдор бе дахолати давлат ҳал шуда метавонанд. Ин теорема дар он асос меёбад, ки хароҷотҳои трансаксионие, ки дар ҷараёни истифодабарии моликият ба миён меоянд, ба хароҷоти бо амалнамудани он алоқаманд буда ва хароҷотҳои иловагӣ оид ба мутобиқати тақсимоти моликият аз тарафи давлат байни тарафҳои манфиатдор, ҷудо мешаванд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки васеъшавии сарҳадҳои муносибатҳои бозорӣ ба монеъаи дуқбата дучор мешавад. **Монеъаи якум**, бевосита бо хароҷотҳо оид ба васеъшавии соҳаи амал намудани тартиботи моликияти хусусӣ (анклави тартиботи муоликияти хусусӣ) алоқаманд аст. **Монеъаи дуюм** бошад, бо хароҷотҳо оид ба кӯмаки давлат барои мутобиқати тақсимот, алоқаманд мебошад. Дар ин ҳолат хароҷотҳо зуд афзоиш меёбанд, ки ногузир ба маҳдудшавии сарҳадҳои муносибатҳои бозорӣ сабаб мешавад. Барои пешгирӣ кардани хароҷотҳои иловагӣ оид ба мутобиқаткунӣ, тарафҳо муаммои ба миён омадаро бо роҳи созишнома пинҳонӣ ҳал намуда, аз ҳисоби ин имконияти васеъкунии сарҳадҳои фаъолияти худро ба даст меоваранд.

Муносибатҳои бозорӣ дар ҳолати шароитҳои муайян амал мекунанд. То ба наздикӣ дар мамлакатҳои ИДМ, аз он ҷумла Тоҷикистон чунин шароитҳои хоҷагидорӣ амал мекарданд, ки инкишофи муносибатҳои бозориро боз дошта, бо низоми моносубъективии хоҷагидорӣ алоқаманд буданд, ки барои истифодабарии моликияти ягонаи давлатӣ, батартибандозии ҷараёнҳои истеҳсолӣ – иқтисодӣ дар макросатҳ, маҳдудсозии озодии иқтисодии хоҷагидорӣ дар микросатҳ, таъиноти таъминоти моддӣ ва молиявии ҳамаи сохторҳои хоҷагидорӣ ба усулҳои марказонидашуда, таъинот доштанд.

Дар давраи муосир ин маҳдудиятҳо ба таври формалӣ бартараф карда шудаанд. Лекин ба ҷои онҳо дигар маҳдудиятҳо ва омилҳо ба миён омаданд, ки дар намуди андозҳои баланд, озодии соҳибкории савдогарӣ, васеъшавии иқтисодиёти пинҳонӣ, сохторҳои криминалӣ, коррупсия ва ғайраҳо баромад мекунанд. Ҳамаи инҳо ба фаъолияти истеҳсолӣ – хоҷагидорӣ

таъсири манфӣ расонида, ба пастшавии суръати истеҳсолот оварда мерасонад.

Вобаста ба ин ҳолатҳо интихоби шароитҳои амалигардонии оқилонаи муносибатҳои бозориро таъмин мекарда, аҳамияти калон пайдо мекунанд. Чунин шароитҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Якум бо ҷорӣ намудани шароитҳои умумии хоҷагидорӣ алоқаманд аст, ки алоқаҳои бозориро таъмин менамоянд. Ба инҳо дохил мешаванд:

- *амалигардонии гуногуншаклии моликият;*
- *демократизатсияи истеҳсолот дар ҳолати нигоҳдории танзимкунандаҳои давлатӣ;*
- *таъсисдиҳии инфрасохтори бозорӣ.*

Гурӯҳи дуюми омилҳо маҷмӯи чораҳоро дар бар мегирад, ки бо коркарди қонунгузории ҳуқуқӣ ва қабули муқарраротҳои иқтисодӣ оиди гузариш ба усулҳои бозории хоҷагидорӣ алоқаманданд.

**Шартҳои пайдошавии бозор**. Шартҳои асосии пайдошавии бозор инҳо мебошанд:

- ***шарти якум*** *– тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва махсусгардии истеҳсолкунандагон;*
- ***шарти дуюм*** *– маҳсурияти иқтисодии истеҳсолкунандагоне, ки дар қабули қарори хоҷагидорӣ мустақилияти автономӣ ва пурра доранд;*
- ***шарти сеюм*** *– ҳалли муаммои хароҷотҳои трансаксионӣ, хароҷотҳо дар соҳаи мубодила, ки бо гузариши ҳуқуқи моликият алоқаманд мебошанд;*
- ***шарти чорум*** *– мустақилияти истеҳсолкунанда, озодии соҳибкорӣ, озодии мубодилаи захираҳо ва гайраҳо.*

**Таҳаввули афкорҳо нисбат ба бозор**. Бозор – яке аз категорияҳои паҳнгаштаи иқтисодии назарияи иқтисодӣ мебошад. Мафҳуми бозор бисёрҷабҳа ва гуногун мебошад, бинобар ҳамин онро бо як маъно тавсиф кардан ниҳоят кори мураккаб мебошад.

Дар аввал бозор ҳамчун ҷои савдои чакана, мавзеи савдоӣ мушоҳида карда мешуд. Ин маънидодкунии аз ҳама ҳам маҳдуди бозор мебошад, ки дар давраи вайроншавии ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шуда буда, ки дар он давра мубодила байни

ҷамъиятҳо шакли мубодилаи молиро гирифта дар ҷой ва вақти муайян амалӣ мегашт.

Бо баробари инкишофёбии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва инкишофи истеҳсолоти моли мафҳуми «бозор» маънидодкунии мураккабро пайдо мекард, ки дар адабиёти иқтисодии ҷаҳони инъикос ёфтааст. Иқтисодчии франсуз А.Курно (1801 – 1877) гумон мекард, ки «бозор – ин мавзеи аниқи бозорӣ намебошад, ки дар он ашёҳо хариду – фурӯш карда мешаванд, балки бозор ин минтақае, ки дар он муомилаҳои фурӯшандагон ва харидорон байни ҳамдигар чунон озоданд, ки ягон мол тамоюли баробаршавии содда ва зудро надорад». Дар ин муайянкунии бозор тавсифи мавзеии он то ҳол вуҷуд дошта, танҳо ба он ҷиҳатҳои нав илова карда шудаанд.

Дар инкишофи минбаъдаи имкониятҳои ҷудошавии ҷараёни хариду – фурӯш сохтори нави истеҳсолоти ҷамъиятӣ, яъне соҳаи муомилот таъсис меёбад, ки барои иҷро кардани вазифаҳои махсуси муайяни мубодила таъинот дорад. Дар натиҷа мафҳуми нави бозор ҳамчун шакли мубодилаи молию – пулӣ, яъне муомилот ба миён меояд. Чунин муайянкунии бозор дар адабиёти иқтисодии Россия васеъ паҳн гаштааст.

Агар бозорро аз тарафи субъектони муносибатҳои бозорӣ мушоҳида кунем, он гоҳ муайянкуниҳои нави бозор ҳамчун маҷмӯаи харидорон (Ф.Котлер «Асосҳои маркетинг») ва ё гурӯҳҳои одамони ба муносибатҳои зиччи корӣ дучор мешуда ва оиди ягон мол муомилаҳоро амалӣ гардонанда (А.Маршалл «Принсипҳои иқтисоди сиёсӣ») ба миён меояд.

*Лекин* чунин муайянкунии бозор нопурра мебошад, чунки тамоми маҷмӯаи субъектони муносибатҳои бозриро (истеҳсолкунандагон, истеъмолкунадагон ва миёнаравон) ва муносибатҳои истеҳсолот, тақсимот, истеъмолотро дар соҳаи муомилот дар бар намегирад.

Бо баробари пайдоиши мол «қувваи корӣ» бозор характери умумӣ пайдо мекунад. Дар натиҷа бозор ба истеҳсолот ворид мешавад: хариди на танҳо воситаҳои истеҳсолот, балки қувваи корӣ шарти истеҳсолот мегардад.

Мафҳуми бозор ҳамчун унсури такрористеҳсоли маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ мушоҳида карда мешавад. Дар

натиҷа чунин муайянкуниҳои бозор ба миён меоянд, ба монанди «бозор – ин маҷмӯаи муносибтаҳои иқтисодӣ, ки бо воситаи онҳо муомилоти маҳсулоти ҷамъиятӣ дар шакли молию – пулӣ ба миён меояд» ва ё «соҳаи фурӯши қисми маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ, ки дар он муносибатҳои иқтисодӣ оид ба истеҳсолот ва истеъмолоти неъматҳои моддии ба тарзи истеҳсолот додашуда мувофиқ ба миён меоянд». Дар адабиёти иқтисодии таълимии Россия маънидодкунии бозор ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодии фурӯшандагон ва харидорон нисбатан камтар паҳн гардидааст.

Ҳангоми муайян намудани моҳияти муносибатҳои бозорӣ бояд дар назар дошт, ки мафҳуми «бозор» аҳамияти духела дорад. **Якум**, бо маънои томаш бозор маънои фурӯшро дорад, ки дар соҳаи мубодила ва муомилот ба вуҷуд меояд. **Дуюм**, бозор – ин низоми муносибатҳои иқтисодӣ байни одамон мебошад, ки ҷараёнҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолотро дар бар мегирад. Бозор ба сифати механизми мураккаби амал намудани иқтисодиёт баромад мекунад.

Амал намудани иқтисоди бозорӣ мавҷудияти унсурҳои муайянро дар назар дорад, ки дар маҷмӯъ низоми бозориро ташкил мекунанд. Унсурҳои асосии иқтисоди бозорӣ инҳо мебошанд:

1) истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон;
2) маҳсурияти (обособленность) иқтисодӣ, ки бо гуногуншаклии моликият асос гирифтааст;
3) нархҳо;
4) тлабот ва пешниҳод;
5) рақобат;
6) инфрасохтори бозор.

Мувофиқан, **бозор** – ин низоми комили муносибатҳои иқтисодӣ байни фурӯшандагон ва харидоро, ки дар алоқамандӣ бо таъсисёбии нархҳои озоди вобаста аз таносубҳои талабот ва пешниҳод ба амал меояд.

## 6.2. СОХТОРИ БОЗОР. ВАЗИФАҲО ВА НАҚШИ БОЗОР ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ ҶАМЪИЯТӢ.

**Сохтори бозор, намудҳои бозор ва таснифоти онҳо**. ***Сохтори бозор*** – ин сохтори дохилӣ, ҷойгиршавӣ, тартиби унсурҳои алоҳидаи бозор, вазни қиёсии онҳо дар ҳаҷми умумии бозор мебошад. маҷмӯаи ҳамаи бозорҳои ба унсурҳои алоҳида дар асоси нишондодҳои гуногун ҷудо карда шуда, низоми бозорҳоро ташкил мекунанд. Бозорро ҳамчун санги яклухт тасвир кардан мумкин нест. Дар асл бозор сохтори мураккаб дорад ва муносибатҳои бозорӣ дар бозорҳои намудҳои гуногун ба миён меоянд. Чуни **намудҳои бозорро** ҷудо кардан мумкин аст:

1) бозори молҳои истеъмолӣ;
2) бозори меҳнат;
3) бозори замин;
4) бозори капитал.

Бозорҳоро аз рӯи чунин нишондодҳо таснифот кардан мумкин аст:

**1. Аз рӯи таъиноти иқтисодии объектҳои муносибатҳои бозорӣ:**

- *бозори неъматҳо ва хизматҳо;*
- *бозори воситаҳои истеҳсолот;*
- *бозори қогазҳои қимматнок;*
- *бозори қувваи корӣ.*

**2. Аз рӯи гурӯҳи молҳо:**

- *бозори молҳои истеъмолӣ;*
- *бозори молҳои таъиноти истеҳсолӣ – техникӣ дошта;*
- *бозори ашё ва масолеҳ.*

**3. Аз рӯи мавқеъи минтақавӣ:**

- *бозори маҳаллӣ;*
- *бозори минтақавӣ;*
- *бозори миллӣ;*
- *бозори ҷаҳонӣ.*

**4. Аз рӯи намудҳои субъектони муносибатҳои бозорӣ:**

- *бозори савдои яклухт;*
- *бозори савдои чакана;*

- *бозори хариди давлатӣ.*

***Сегментатсияи (ба қисмҳо ҷудо намудани) бозорҳо***. Намудҳои асосии бозор ба суббозорҳо, сегментҳои бозорӣ ҷудо мешаванд. Сегментатсияи бозор тақсимоти истеъмолкунандагони моли додашударо ба гурӯҳҳои алоҳида дар назар дорад, ки ба мол талабҳои гуногун изҳор мекунанд. Сегментатсия аз рӯи ҷиҳатҳои гуногун амалӣ шуда метавонад:

1. **Географӣ:**

- *аз рӯи минтақаҳо;*
- *аз рӯи ҷудошавии маъмурӣ;*
- *аз рӯи зиччии аҳолӣ;*
- *аз рӯи шароитҳои иқлимӣ.*

2. **Демографӣ:**

- *аҳолӣ аз рӯи синну сол;*
- *аҳоли аз рӯи ҷинс;*
- *ҳаҷми оила;*
- *аз рӯи сатҳи даромад;*
- *аз рӯи таркиби касбӣ;*
- *аз рӯи сатҳи маълумотнокӣ;*
- *аз рӯи таъиноти динӣ;*
- *аз рӯи таркиби миллӣ.*

3. **Иҷтимоӣ:**

- *гурӯҳбандии аҳолӣ аз рӯи таркиби иҷтимоӣ;*
- *аз рӯи тарзи ҳаёт;*
- *аз рӯи сифатҳои шахсӣ.*

4. **Рафторӣ:**

- *дастрасии мол характери тасодуфӣ дорад;*
- *ҷустуҷуи манфиат ҳангоми хариди молҳо – моли баландсифат, хизматрасонии хуб ва нархҳои паст;*
- *ҳолати мизоҷи доимӣ;*
- *муносибати ҳаяҷоновар нисбат ба мол.*

**Нақши бозор дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ** бо ҳолатҳои зерин асоснок карда мешавад:

1) пешкаш намудани маълумот ба истеҳсолот бо воситаи алоқаҳои баръакс оиди чӣ, дар кадом ҳаҷм ва бок адом сохтор бояд истеҳсол кард;

2) баробар кардани талабот ва пешниҳод, таъмини мувозинатии иқтисодиёт;

3) молистеҳсолкунандагонро мувофиқи самаранокии фаъолият ва мақсаднокии қонеъгардонии талаботи бозорӣ ҷудо намудан;

4) нақши «санитарии» бозор бо берун кардани корхонаҳои рақобатнопазир ва қатъ кардани истеҳсолоти кӯҳна шуда.

**Афзалиятҳо ва норасогиҳои иқтисоди бозорӣ**. Иқтисоди бозорӣ дорои афзалиятҳои калон мебошад, ба монанди:

1. Иқтисоди бозорӣ ба гурӯҳи низомҳои худтанзимшаванда дохил мешавад. Бозор ба шароитҳои тағйирёбанда қобиляти мутобиқшавӣ ва наздикшавиро дорад.

2. Дар иқтисоди бозорӣ мукаммалии низом ва сохтори дохилии он нигоҳ дошта мешавад. Ба тағйиротҳои муҳити беруна эътино карда, бозор ҳамзамон худ ба худ асосҳоеро барои мӯътадилгардонии инкишофи ҷамъиятӣ таъсис медиҳад. Тасодуфи нест, ки мамлакатҳо бо иқтисоди бозории тараққикарда, одатан аз ҷиҳати сиёсӣ низ мӯътадил ба ҳисоб мераванд.

3. Дастоварди калони иқтисоди бозорӣ – ин самаранокии он мебошад. Ҳам барзиёдӣ ва ҳам камчинии (дефитсити) неъматҳо тамоюл ба бартарафшавӣ мустақил доранд. Масалан, моли дар ҳаҷми барзиёд истеҳсолшуда, харидори худро дарёфт намекунад, нархи онро бояд паст намуд. Ин ҳолат истеҳсолотро зараовар мекунад, дар натиҷа ин намуди истеҳсолот кам гашта барзиёдии мол оҳиста – оҳиста аз байн меравад. Айнан мавҷуд набудани барзиёдӣ ва ё камчинӣ оид ба самаранокии низом шаҳодат медиҳанд: ҳамаи захираҳои мавҷуд буда танҳо барои истеҳсоли неъматҳои зарурӣ ва дар ҳаҷми зарури истифода мешаванд.

4. Дар иқтисоди бозорӣ озодии иқтисодӣ ҳукмрон аст. Ба сифати соҳибкор ва ё истеъмолкунанда ҳар як шахс озод аст. Ин ҳолат ибтикори хусусиро инкишоф дода, барои тараққиёт такони мусбӣ мебахшад. Ин ҷараён бо барорбари васеъгардии озодӣ шиддат меёбад. Барои хатогиҳо худ ҳар як шахс мустақилона ҷавоб медиҳад.

Лекин, иқтисоди бозорӣ норасогиҳои низ дорад, ки одатан давоми афзалиятҳои он ба ҳисоб мераванд. Онҳо чунинанд:

1. Нобаробарӣ дар тақсимоти даромадҳо ба нобаробарии иқтисодӣ ва ҷамъшавии ҳокимияти иқтисодӣ дар дасти гурӯҳҳои алоҳидаи ҷамъият сабаб мегардад. Чунин нобаробарӣ ҳамчун фишанги пурқуввати ҳавасмандгардонӣ ба меҳнат ва соҳибкорӣ хизмат мекунад. Вале ҷамъоварии боигарӣ дар баъзе ҳолатҳо аз сарҳодҳои имконпазир гузашта, дар иқтисоди бозорӣ таркишҳои иҷтимоиро тавлид мекунад.

2. Бесарусомонӣ ва гайримуташаккилии ҷараёнҳои иқтисодӣ ба унсурҳои ғайрисамаранокӣ оварда расонида, ба аз даст додани омилҳои истеҳсолот сабаб мешавад. Азбаски ҳар як соҳибкор ба таври автономӣ қарор қабул менамояд, бинобар ҳамин хавф ва номуайянӣ ҳамрадифи тараққиёти иқтисодӣ мегарданд.

3. Васеъшавии истеҳсолот ва корхонаҳо ба барбодравии рақобат ва механизмҳои бозорӣ оварда мерасонанд. Маълум аст, ки дар рақобат пурқувваттарин ғолиб мебарояд. Аз ин лиҳоз корхонаҳои калон бозорҳои навро забт карда, истеҳсолоти худро васеъ мегардонанд, ва дар ягон лаҳза барои ӯ рақиб боқӣ намемонад. Яъне рақобат ба инкишофи ҳодисаҳо оварда мерасонад, ки корхонаҳо барҳам мехӯранд ва механизмҳои бозорӣ амали худро қатъ мегардонанд.

## 6.3. ИНФРАСОХТОРИ БОЗОР.

Аввалин маротиба истиллоҳи «инфрасохтор» дар таҳлили иқтисодӣ ҳамчун ифодакунандаи объектҳо ва таҷҳизотҳо истифода шуда буд, ки қобилиятнокии қувваҳои мусаллаҳро таъмин мекарданд (ибтидои асри XX). Истиллоҳи «инфрасохтор» аз калимаи лотинии ***infra* – *поён*** ва ***structura* – *сохтор, ҷойгиршавӣ*** пайдо шудааст.

**Инфрасохтор** – таркиби зарурии низоми мукаммал мебошад. Инфрасохтор бо худ қисми таркибии сохтори умумии ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсиро ифода мекунад, ки хислати итоатӣ ва ёрирасон дошта, фаъолияти хоҷагидории мӯътадили иқтисодиёт ва ё низоми сиёсиро таъмин менамояд.

Ҷараёни таъсисёбии инфрасохтор ба сифати соҳаи мустақили истеҳсолоти ҷамъиятӣ як чанд марҳиларо аз сар

гузаронид, ки бо шохаҳои калони тақсимоти ҷамъиятии меҳнат алоқаманд мебошад.

Имрӯзҳо **инфрасохтори истеҳсолӣ**, ки истеҳсолотро таъмин менамояд (нақлиёт, алоқа, савдои яклухт ва ғайраҳо), **инфрасохтори иҷти**моӣ – маҷмӯаи соҳаҳои хизматрасонӣ (нақлиёт ва алоқа оид ба хизматрасонӣ ба аҳолӣ, маориф, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайраҳо) ва инчунин **инфрасохтори бозорро** аз ҳам ҷудо мекунанд.

**Инфрасохтори бозор** – ин маҷмӯаи шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқие, ки ҳаракати мол ва хизматҳо ва муомилаҳои хариду – фурӯш ро амали мегардонанд ва маҷмӯаи институтҳо, низоми хизматҳо, корхонаҳое, ки ба бозор барои иҷро намудани вазифаҳои муайян оид ба таъмини тартиботи амалкунии он хизмат мерасонанд.

Унсурҳои асосии инфрасохтори бозори муосир – ин:

- *биржаҳо (молӣ, ашёвӣ, фондӣ, асъорӣ) ва миёнаравии ташкили ба расмият даровардашудаи онҳо;*
- *музоядаҳо (аукционҳо), ярмаркаҳо ва дигар шаклҳои ташкили миёнаравии ғайрибиржавӣ;*
- *низоми қарзӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ;*
- *низоми эмиссиони ва бонкҳои эмиссионӣ;*
- *низоми танзимкунии шуғли аҳолӣ ва марказҳои мусоидаткунии давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба шуғл (биржаи меҳнат);*
- *низоми андоз ва нозироти андоз;*
- *низоми суғуртакунии хавфи тиҷоратии хоҷагидорӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ;*
- *оҷонсии махсуси рекламавӣ, марказҳои информатсионӣ ва оҷонсии васоити ахбороти омма;*
- *палатаҳои савдоӣ, дигар муассисаҳои ҷамъиятӣ, ихтиёрӣ ва давлатӣ;*
- *низоми гумрук;*
- *иттифоқҳои касабаи коргарони кироя;*
- *комплексҳои тиҷоратӣ – намоишӣ;*
- *низоми маълумоти миёна ва олии иқтисодӣ;*
- *ширкатҳои аудиторӣ;*
- *ширкатҳои машваратӣ;*

- *фондҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ки барои ҳавасмандгардонии фаъолияти корӣ таъинот доранд;*
- *минтақаҳои махсуси соҳибкорӣ*.

Барои муайян намудани нақш ва вазифаҳои биржаҳо махсусан истода мегузарем.

**Биржа** – ин шакли ташкилии савдои яклухт бо молҳои стандартии оммавӣ ва намуди амалиётҳои систематикӣ оид ба хариду – фурӯши асъор, қувваи корӣ ва қоғазҳои қимматнок. Имрӯзҳо биржаҳо дар шакли муассисаҳои саҳомии давлати баромад мекунанд.

Ҳамаи муомилаҳои биржаро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) муомилаҳои бомӯҳлат бо молҳои аслӣ. Чунин муомилаҳо, муомилаҳои форвардӣ ном гирифтаанд;

2) муомилаҳои фючерсӣ бо молҳое, ки ҳангоми амалигардонии муомилаҳо мавҷуд нестанд;

3) муомилаҳо бо мукофотпулӣ (оптсион) ба пардохткунанда ҳуқуқи интихоби иҷро намудан ва ё иҷро накардани ӯҳдадориҳоро дар чаҳорчӯбаи мӯҳлати дар сохишнома қайд шуда, имконият медиҳад. Пардохткунандаи мукофотпулӣ метавонад фурӯшанда баромад кунад (яъне молро ба харидори дигар бон архи баландтар мефурӯшад) ва ё харидор баромад кунад (молро бо нархи нисбатан пастар харидорӣ намуда, фоидаро ба даст меоварад);

4) амалиётҳои суғуртавӣ ва хеҷкунӣ ду намуд доранд: а) фурӯши шартномаҳои биржавӣ (хеҷкунии кӯтоҳ) ва б) хариди шарномаҳои биржавӣ (хеҷкунии дурудароз).

Дар биржа маклер, брокер, дилер, «бик» ва «медвед» амал мекунанд.

**Маклер** – шахсе, ки дар биржа ҷой дошта, муомилаҳоро бо дархости мизоҷон амалӣ мегардонад.

**Брокер** – миёнараве, ки ба амалигардонии муомилаҳо байни тарафҳо мусоидат менамояд.

**Дилер** – мафҳӯми умумикардашудаи шахс ва фирмае, к ибо азнавфурӯхтани молҳо машғуланд.

**«Бик»** - савдогареро дар назар дорад, ки ба баландшавии нархи молҳо кӯшиш мекунад.

**«Медвед»** - савдогареро дар назар дорад, ки ба пастшавии нархи молҳо кӯшиш мекунад.

## 6.4. СУБЪЕКТОНИ АСОСИИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ.

***Хоҷагиҳои хонавода ҳамчун субъекти иқтисоди бозорӣ***. Оила ва ба таври васеъ хоҷагиҳои хонавода дар иқтисоди бозорӣ воҳиди иқтисодиро ифода мекунанд, ки аз як ва ё якчанд шахс иборат буда, мустақилона қарор қабул мекунанд ва барои қонеъгардонии ҳадди аксари эҳтиёҷотҳои худ кӯшиш менамоянд, соҳибони ягон омили истеҳсолот (одатан қувваи корӣ) буда, истеҳсол ва такрористеҳсоли «капитали инсониро» таъмин менамоянд.

Хоҷагиҳои хонавода иқтисоди бозориро бо омилҳои истеҳсолот (меҳнат, капитал, замин ва қобилияти соҳибкорӣ) таъмин намуда, онҳро ба бозори захираҳо пешкаш карда бар ивази онҳо даромади пулӣ мегиранд, ва даромади бадаст овардашударо барои дастрас кардани мол ва хизматҳо (хароҷотҳои истеъмолӣ) бо мақсади қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои худ сарф мекунанд.

***Фирма (корхона) ҳамчун истеъмолкунандаи захираҳо ва пешкашкунандаи маҳсулоти тайёр***. Калимаи «фирма» ба шумораи истилоҳҳои паҳнгашта дохил мешавад. Ин истиллоҳ дар ҳолатҳои ҳаётӣ, ҳангоми тасдиқ намудани таъсуроти устувор, баландсифат ва обрӯи фаъолият истифода мешавад. Дар забони англисӣ низ калимаи firm маънои мустаҳкам, устувор ва боваринокро дорад.

***Фирма (корхона)*** бо худ зиннаи хоҷагидориро ифода мекунад, ки манфиатҳои худро бо воситаи истеҳсол ва фурӯши молу хизматҳо бо роҳи комбинатсияи омилҳои истеҳсолот амалӣ мегардонад.

***Давлат ҳамчун субъекти иқтисоди бозорӣ***. Давлат дар иқтисодиёт бо ду сифат иштирок мекунад: якум, ба сифати қувваи танзимкунанда, дуюм, ба сифати субъекти хоҷагидории мустақил.

Танзими давлатии иқтисодиёт – ин таъсири давлат ба фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ ва вазъияти бозорӣ бо

мақсади таъмини шароитҳои мӯътадил барои амал намудани механизми бозорӣ ва ҳалли муаммоҳои экологиву иҷтимоӣ мебошад. Танзими давлатӣ шаклҳои гуногун дорад: буҷетӣ – андозӣ, пулию – қарзӣ, маъмурӣ.

Мақсадҳои иқтисодии давлат дар низоми хоҷагидории муосири бозорӣ аз инҳо иборат мебошад:

1. ***Рушди иқтисодӣ*** – афзоишёбии ҳаҷми истеҳсоли неъматҳои моддӣ, баландшавии сифати онҳо ва таъмини сатҳи баланди зиндагонӣ.

2. ***Самаранокии иқтисодӣ*** – ба дастовардани натиҷаҳои баландтар ҳангоми хароҷотҳои ҳадди ақали захираҳои маҳдуди мавҷуд буда.

3. ***Шуғли пурраи аҳолии қобили меҳнат дошта*** – таъмини ҳамаи хоҳишмандон бо ҷои корӣ мувофиқи эҳтиёҷотҳо ва тахассусҳои онҳо.

4. ***Сатҳи мӯътадилии нархҳо*** барои он зарур аст, ки баландшавӣ ва ё пастшавии ҷидди сатҳи умумии нархҳо иқтисодиёт номӯътадил гардонида, мушкилиҳои зиёдеро дар фаъолияти иқтисоди ба миён меорад, ки бо таваррум ва дефлятсия алоқамандан д.

5. ***Озодии иқтисодӣ*** – мавзеи ҳуқуқӣ, ки дар он соҳибкорон ва субъектони хоҷагидории иқтисоди бозорӣ дар фаъолияти худ дорои озодӣ мебошанд.

6. ***Тақсимоти боадолатонаи даромадҳо***. Аз мавқеъи иқтисоди бозорӣ даромадҳои дар натиҷаи мубориза рақибона ба даст оварда шуда, боадолат ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди ин ягон гурӯҳи шаҳрвандон дар ҷамъиятӣ тамаддунӣ ҳангоми мавҷуд будани табақаҳои бойи ҷамъият, набояд дар сатҳи қашшоқӣ қарор дошта бошанд.

7. ***Таъминоти иқтисодӣ*** – таъминоти воситаҳои рӯзгузаронӣ барои маъюбон, корношоямон, пиронсолон ва камбизоатон аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ ва фондҳои гуногуни хайрия ва иҷтимоӣ.

8. ***Тавозуни савдо*** таносуби оқилонаи содирот ва воридот ва инчунин тавозуни муомилаҳои байналхалқии молиявиро дар назар дорад.

9. ***Беҳтар намудани муҳити атроф.***

Дар боло қайд шуда буд, ки давлат дар иқтисодиёт ба сифати субъекти мустақилонаи хоҷагидорӣ амал мекунад, ки бо худ сектори давлатиро дар иқтисодиёт ифода мекунад.

Сектори давлатӣ бо маънои анъанавиаш, пеш аз ҳама маҷмӯаи корхонаҳои давлатиро ифода мекунад. Дар 30 – 40 соли охир ҳодисаи нав – таъсисёбии корхонаҳо ва ширкатҳои давлатию – хусусӣ пайдо шуд.

## 6.5. МОДЕЛҲОИ ИҚТИСОДӢ БОЗОРӢ.

Низомҳои бозорӣ ва равиши инкишофи онҳо аз мавқеъи географӣ, мавҷудияти захираҳои табиӣ, шароитҳои инкишофи таърихӣ, анъанаҳои аҳолӣ ва урфу одатҳои онҳо, сатҳи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва сохтори иҷтимоии ҷамъият вобастагӣ доранд.

Чунин моделҳои иқтисоди бозориро ҷудо кардан мумкин аст.

***Модели америкоӣ***. Ин модел «модели капитализми либералӣ» номида мешавад. Хусусиятҳои хоси ин модел инҳо мебошанд: вазни қиёсии хурди моликияти давлатӣ; нақши ҳадди ақали танзимкунии давлатӣ. Дар ИМА шиоре паҳн гаштааст: «давлате иқтисодиётро бисёр танзим мекунад, ки агар ба иқтисодиёт камтар дахолат кунад»; ҳавасмандгардонии ҳаматарафаи соҳибкорӣ; фарқгузории аҳолӣ ба сарватмандон ва камбизоатон; фарқияти калон дар сатҳи музди меҳнат, ки фарқияти 110 – каратаи музди меҳнати сардори фирма ва коргари оддӣ ба назар мерасад; сатҳи имконпазири сатҳи зиндагонии гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ.

***Модели японӣ***. Таъсисёбии модели муосири хоҷагидорӣ дар шароитҳои махсуси тараққиёти мамлакат ба миён омадааст. Аз хароҷотҳои ҳарбӣ даст кашида, Япония хароҷотҳои худро барои «ба мақсадҳои сулҳ», пеш аз ҳама барои васеъкунии иқтидори иқтисодии худ дар саноат истифода бурд. Ба хусусиятҳои асосии модели японӣ инҳо дохил мешаванд: сатҳи баланди дахолати давлат ба равияҳои асосии иқтисодиёти миллӣ; тартибдиҳии нақшаҳои стратегии 30 – сола оид ба раҳо додани иқтисодиёт аз ҳолати бӯҳронӣ ва

таъсисдиҳии истеҳсолотҳои самаранок; паҳншавии васеъи кирои якумраи коргарон ба фирмаҳое, манфиатхои умумӣ доранд; фарқияти наонқадар ҷиддӣ дар сатҳи музди меҳнат; таъиноти иҷтимоӣ.

***Модели немисӣ***. Ин модел бо таркиби иҷтимоӣ – иқтисодии худ ба модели японӣ наздик аст. Архитектори асосии иқтисодиёти бозории иҷтимоии Германия, Людвиг Эрхард мебошад, ки дар китоби худ принсипҳои асосии иқтисодиёти нави немисро кушода додааст. Хусусиятҳои фарққунандаи модели немисии иқтисоди бозорӣ инҳо мебошанд: таъсири пурқуввати давлат ба иқтисодиёт, ки асосан ҳангоми ҳал кардани муаммоҳои иҷтимои ифода меёбад; Германия дар ибтидои солҳои 70 - ум яке аз аввалин шуда принсипи банақшагирии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро ҷорӣ намуд. Дар ин ҷо принсипи ҳамкории иҷтимоӣ амалӣ карда шуд, ки иштироки коргарони корхонаҳоро дар моликияти он дар назар дошт; фарқият дар музди меҳнат ба монанди модели японӣ наонқадар калон буда, фарқияти 23 – каратаи музди меҳнати сардори фирма ва коргари оддӣ мавҷуд мебошад (дар Япония инфарқият 17 – карата мебошад).

***Модели шведӣ***. Хусусиятҳои фарққунандаи ин модел инҳо мебошанд: таъиноти иҷтимоӣ, пастшавии нобаробарии амволӣ, ғамхорӣ нисбати табақаҳои аҳолии камбизоат. Дар баъзе ҳолат модели шведиро, модели дуюми сотсиолизм меноманд. Давлат дар таъмини мӯътадилии иқтисодӣ ва азнавтақсимкунии даромадҳо фаъолона иштирок мекунад. Барои модели шведӣ сатҳи пасти бекорӣ хос аст. Дар Шветсия сатҳи сектори давлатӣ дар иқтисодиёт нисбатан зиёд аст.

***Модели франсузӣ*** хусусиятҳои фарққунандаи ҷидди надорад. Ин модел нисбат ба моделҳои америкоӣ ва немисӣ миёна ба ҳисоб меравад. Дар модели франсузӣ нақши танзимкунии давлат калон аст. Дар Франсия аз соли 1947 нақшаҳои панҷсола тартиб дода мешаванд, ки характери индикативӣ доранд. Барои модели франсузӣ масштабҳои калони фаъолияти соҳибкории мустақими давлатӣ, дахолати ҳаматарафаи давлат ба ҷараёни ғуншавии капитал хос аст.

***Модели Кореяи Ҷанубӣ***. Хусусияти хоси фарққунандаи модели Кореяи Ҷанубӣ дахолати танзмикунии давлат ба тараққиёти иқтисодӣ мебошад. Ин дахолат чунин фишангҳои иқтисодиро дар бар мегирад: банақшагирии тараққиёти иқтисодӣ; амал намудани монополияи давлатӣ дар соҳаи молиявӣ – қарзӣ; танзими соҳаи берунииқтисодӣ ба хавасмандгардонии содирот ва маҳдудсозии воридот равона шуда буд ва инкишофи истеҳсолоти азонихуди дастгирӣ карда мешуд. Истифодабарии чунин механизмҳо дар ҷараёни тараққиёти иқтисодиёт ба Кореяи Ҷанубӣ имконият дод, ки дар муддати кӯтоҳ аз мамлакати қафомонда ба мамлакати тараққикардаи индустриали мубаддал гардид.

***Модели хитоӣ***. Ислоҳоти иқтисодиёти Хитой аз табаддулотҳо дар хоҷагии қишлоқ оғоз ёфт. Дар ин соҳа гузариш аз «коммунаҳои халқӣ», ҳамчун субъектони асосии хоҷагидорӣ, ба низоми пудрати оилавӣ ба амал омад. Ин ҷараён соли 1984 ба итмом расид. Ислоҳот дар шаҳрҳо соли 1984 оғоз ёфтанд. Ҳангоми интихоби модели тараққиёти иқтисодӣ олимони хитоӣ «модели омехтаро» коркард намуданд, ки вариантҳои он дар Венгрия ва Чехословакия амалӣ карда шуданд. Моҳияти ин модел дар он аст, ки механизми бозорӣ дар шароитҳои танзми давлатӣ амал мекунад. Мавҷудияти танзими давлатӣ ба мукаммалгардонии иқтисодиёти нақшагӣ мусоидат менамояд ва мутобиқати манфиатҳои се тарафҳоро – давлат, корхона ва коргари алоҳидаро таъмин мекунад. Ин маънои идоракунии нақшагиро дар макросатҳ дар назар дошта, дар сатҳи микроиқтисод бошад танзми бозорӣ ва амал намудани бозорҳои гуногунро дар назар дорад, ки аз тарафи давлат танзим карда мешаванд.

Дар саноат дар натиҷаи ислоҳотҳои иқтисодӣ, механизми хоҷагидории нав пайдо шуд, ки дар истифодабарии шаклҳои гуногуни моликият ва усулҳои хоҷагидорӣ асос ёфтааст. Бо вуҷуди ин шаклҳои ҷамъиятии моликият нақши калон бозида истодаанд.

***Истифодабарии таҷрибаи ҷаҳонии амал намудани бозор дар иқтисодиёти Тоҷикистон***. Иқтисодиёти Тоҷикистон дар давраи гузариш қарор дорад. Лекин, иқтисодиёти Тоҷикистон – ин иқтисодиёти гузариши нав мебошад, ки аз иқтисодиётҳои

гузариши анъанавӣ фарқ дорад, чунки пойдоршавии иқтисоди бозорӣ баъд аз барҳамхӯрии иқтисодиёти маъмурӣ – фармондеҳӣ ба миён омада истодааст. Бо баробари ин Тоҷикистон аз худи ҷараёни трансформатсия – шикасти низоми иқтисодии кӯҳна ва пойдоршавии низоми иқтисодии нав, зарар дида истодааст. Мавҷудияти бозорҳои инкишофёфта бошад, ки шарти ҳатмии фаъолияти мӯътадили иқтисоди бозорӣ мебошанд, дар мамлакат дар зиннаи таъсисёбӣ қарор доранд.

Ҳолати бозори молҳои истеъмолӣ нишон медиҳад, ки нисбат ба давраи шӯравӣ, он пурратар гардида, номгӯи васеъи молҳоро дар бар мегирад, яъне муаммои норасогӣ бартараф шуда, рақбати фаъолнокии фурӯшандагон ба назар мерасад.

Бо вуҷуди ин, бозори мол ва хизматҳои истеъмолӣ норасогиҳои ҷиддӣ дорад. Якум, дар бозори истеъмолии Тоҷикистон афзалияти молҳои воридотӣ ба назар мерасад. Дуюм, соҳибкории қалобӣ ба ворид намудани молҳои пастсифат аз хориҷи кишвар сабаб мешавад, ки аз сабаби мавҷуд набудани истеҳсолоти дохилӣ ва паст будани даромади аҳолӣ харидорони худро меёбанд.

Бозори молҳои инвеститсионӣ дар ҳолати ниҳоят ногувор қарор дорад. Қисми зиёди захираҳои ашёвӣ содирот карда мешаванд. Дар шароити пасти фаъолнокии инвеститсиони талабот ва молҳои инвеститсионӣ умуман паст аст. Эҳтиёҷотҳои зарурии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба молҳои инвеститсионӣ аз ҳисоби воридот қонеъгардонида мешаванд.

Бозори меҳнат аз норасогиҳои сохторӣ дар иқтисодиёт зара дида истодааст. Пӯшидашавии аксарияти корхонаҳо ва камшавии ҳаҷми истеҳсолот дар корхонаҳои амалкунанда, пеш аз ҳама саноат, ба бекории ҳаҷман калон мусоидат намуданд. Бинобар ҳамин дар бозори меҳнат пешниҳоди қувваи корӣ нисбат ба талабот зиёд аст.

Инкишофи фаъолро бозори амволи ғайриманқул ба даст овард: биноҳои истиқоматӣ, истеҳсолӣ ва офисӣ хариду – фурӯш ва ба иҷора дода мешаванд. Қитъаҳои замин ҳоло объекти хариду – фурӯш шуда наметавонанд. Дар ин ҷода иҷора васеъ паҳн гаштааст.

Бозори молиявӣ дар ҷумҳурӣ дар марҳилаи таъсисёбӣ қарор дорад, бинобар ҳамин дар айни замон нопурра аст.

Нисбатан соҳаи пулию – қарзӣ инкишоф ёфтааст. Норасогии ҷиддии ин соҳа дар он аст, ки бонкҳо хоҳиши маблағгузории сектори аслиро надоранд. Норасогии калони бозори молиявии ҷумҳури мавҷуд набудани бозори қоғазҳои қимматноки мукаммал мебошад.

# МАВЗӮИ 7. РАҚОБАТ ВА БОЗОР.

7.1. *Моҳияти рақобат ҳамчун категорияи иқтисодӣ.*
7.2. *Вазифаҳои рақобат.*
7.3. *Намудҳои рақобат.*
7.4. *Рақобати дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ.*

## 7.1. МОҲИЯТИ РАҚОБАТ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ ИҚТИСОДӢ.

**Рақобат ҳамчун унсури бозор**. Омили нисбатан пурқуввате, ки шароитҳои умумии фаъолияти ин ё он бозорро муайян менамояд, дараҷаи инкишофи муносибатҳои рақобатӣ мебошад.

Рақобат унсури асосии иқтисодӣ бозорӣ мебошад. рақобат ҳамзамон муҳите мебошад, ки дар он низоми иқтисодии додашуда ворид шуда, берун аз он вуҷуд дошта наметавонад.

Айнан рақобат ягонагии амал намудани унсурҳои механизми бозориро бо воситаи муттаҳидкунии субъектони хоҷагидорӣ таъмин менамояд. Бе рақобат иқтисоди бозорӣ вуҷуд дошта наметавонад, зеро бе рақобат бозор вазифаҳои навовариро иҷро карда наметавонад, ибтидои эҷодкории субъектони бозорро муайян карда наметавонад, бинобар ҳамин рақобат қувваи ҳаракатдиҳандаи пешравии инсоният ба ҳисоб меравад.

Ҳар як субъект дар бозор мувофиқи манфиати иқтисодии шахсии худ амал мекунад. Манфиатҳои тамаъкоронаи шахсии субъектони хоҷагидорӣ метавонанд фаъолияти мӯътадили хоҷагии бозориро вайрон созад ва ба зарари манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷамъият амал намояд. Дар роҳи инкишофи номусоиди ҳодисаҳо рақобат монеъаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити рақобат манфиати шахсии иқтисодии як субъект бо кӯшиши дигар субъект оиди дастраскунии манфиати зиёдтар дучор мешавад. Барои дастрас намдани ғолибият дар мубoризаи рақибона, хароҷотҳо ва нархи маҳсулотҳо паст шуда, сифати онҳо баланд мегардад ва истеҳсоли молҳои ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ буда афзоиш меёбад. Бо ибораи дигар, рақобат ҳамчун пурракунанда ва муқобилият бар зидди худпарастии соҳибкорӣ баромад мекунад. Рақобат фаъолияти хоҷагидории соҳибкорро ба манфиати тамоми ҷамъият равона месозад.

Рақобат аз давраи пайдоиши бозор яке аз шартҳои асосии мавҷудияти он ба ҳисоб рафта, аҳамияти хосаро бо баробари пайдоиш ва таъсисёбии бозорҳои миллӣ пайдо кардааст, ки дар он истеҳсолоти молӣ тамоми иқтисодиётро фаро гирифта, муносибатҳои молию – пулӣ характери умумиро гирифтааст.

Рақобат бо ду хусусият тавсиф карда мешавад:

1) мавҷудияти шумораи зиёди истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони мустақил амалкунандаи моли аниқ дар бозор.

2) озодии воридшавӣ ва тарккунии бозор аз тарафи истеҳсолкунандагон ва харидорон.

Ин чӣ маъно дорад?

**Якум**, мавҷудияти шумораи кифоягии зиёди истеҳсолкунандагон ва харидорони мустақил дар назар дорад, ки ягон харидор ва ё фурӯшанда наметавонад талабот ва ё пешниҳодро ба чунин миқдори мол ва хизматҳо пешкаш намояд, ки ба таври ҷиддӣ ба мувозинатии бозорӣ таъсир расонад. Аз ин ҷо бармеояд, ки пакрокандашавии ҳокимияти иқтисодӣ ба миён меояд. Паҳнгардии васеъи ҳокимияти иқтисодӣ, ки бо шарофати рақобат ба миён меояд, имкониятҳои истеҳсолкунандагон ва харидоронро барои сӯистеъмол аз ин ҳокимият маҳдуд мекунад.

**Дуюм**, воридшавии озодона ва баромадани озодона аз он дар назар дорад, ки барои афзоиш ва ё камшавии истеҳсоли моли намуди додашуда, ягон маҳдудияти характери ташкили ва ҳуқуқӣ дошта набояд мавҷуд бошад. Айнан ҳамин хусусият чандирӣ ва мутобиқшавии иқтисодиётро таъмин менамояд, барои нигоҳдории самаранокӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии хоҳиши истеъмолкунандагон ва технологияҳои нав ва ғайраҳо кӯмак мерасонад.

Мафҳуми рақобатро бо чунин тарз маънидод кардан мумкин аст:

Рақобат (аз калимаи лотинии *concurrere – рӯбарӯшавӣ* гирифта шудааст) – ин мубориза байни иштирокчиёни иқтисоди бозорӣ барои шароитҳои беҳтарини истеҳсолот, харид ва фурӯши молҳо.

Инчунин дигар маънидодкуниҳои рақобат мавҷуданд, ки нисбатан мухтасар мебошанд.

Рақобат (аз нуқтаи назари иқтисодӣ) таносуби баҳамвобастагӣ ва мубориза байни субъектони бозор.

Ҳамин тавр, рақобат, аз як тараф – ин муборизаи иқтисодӣ барои дастрас намудани натиҷаҳои беҳтарин дар соҳаи фаъолият, муборизаи молистеҳсолкунандагон барои шароитҳои беҳтарини хоҷагидорӣ, ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар мебошад. Аз тарафи дигар, рақобат унсури механизми бозориест, ки амали якҷояи субъектони бозориро дар истеҳсолот, фурӯши молҳо ва дар соҳаи маблағгузорӣ таъмин менамояд.

Дар натиҷаи рақобат натанҳо ғолиб – ҳарифони хушбахти боигарии худро афзун намуда, балки мағлуб шудагон низ ҳастанд. Бо ҷараёни рақобат чунин тарафҳои манфии ифодагардии онро алоқаманд мекунанд: муфлисшавӣ, камбизоатшавии қисми аҳолӣ, бекорӣ, номӯътадилӣ, фарқгузорӣ, ноадолатии иҷтимоӣ, таваррум, таъсисёбии монополияҳо ва ғайраҳо.

## 7.2. ВАЗИФАҲОИ РАҚОБАТ.

Рақобат барои ба штирокчиёни бозор пешкаш намудани ҳуқуқҳои фндаменталии иқтисодӣ ва озодӣ таъинот дорад:

- *озодии фаъолияти соҳибкорӣ;*
- *озодии интхоби истеъмолкунанда;*
- *озодии интихоби ҷои корӣ*.

Моҳияти рақобат ба монанди дигар ҳодисаҳо дар вазифаҳои иҷро мекардаи он ифода меёбад. Дар адабиёти иқтисодӣ асосан чунин вазифаҳои рақобатро аз ҳам ҷудо мекунанд:

- *танзимкунӣ;*
- *аллокатсионӣ (аз калимаи англисии allocation гирифта шуда, маънои ҷойгиркуниро дорад);*
- *навоварӣ;*
- *мутобиқшавӣ;*
- *тақсимотӣ;*
- *назоратӣ*.

***1. Вазифаи танзимкунӣ***. Вазифаи асосии рақобат буда, дар дараҷаи муайян панҷ вазифаи боқимандаи рақобатро муттаҳид мекунад.

Вазифаи танзмкунӣ ҳамон хусусияти рақобат мебошад, ки афзалияти иқтисоди бозориро аз иқтисоди нақшагӣ (фармондеҳӣ) муайян менамояд.

Вазифаи танзимкунии рақобат дар ҳисоб намудани хароҷотҳои зарурии ҷамъиятӣ барои истеҳсолот ҳар як намуди мол ифода меёбад, яъне молистеҳсолкунандагон бояд муайян намоянд, ки дар истеҳсолот бо кадом хароҷотҳо амал намояд. Вазифаи мазкури рақобат бо шарофати амал намудани қонуни арзиш ва бо воситаи механизмҳои он амалӣ гардонида мешавад. Айнан ҳамин конкретизатсияи ақидаи А.Смит (ақидаи «дасти ноаён») мебошад, ки ба ӯ шарафи ҷаҳониро овардааст.

Дар ҳамагуна ҷамъият дар ҳама давраҳо нигоҳдории мувозинатии байни эҳтиёҷотҳои одамон ва имкониятҳои қонеъгардонии онҳо, инчунин зарурияти тақсимоти имкониятҳои истеҳсолии (захираҳои) ҷамъият барои соҳаҳои

алоҳида вобаста аз аҳамияти инфиродӣ ва ҷамъиятии онҳо дар маддӣ бояд истад.

Дар иқтисоди бозорӣ чунин тақсимот (танзимкунӣ) ба таври стихиявӣ ба амал меояд. Лекин ин номуташаккилӣ ба қонуниятҳои муайян итоат мекард ва мекунад. Агар гӯем, ки талабот ба нон қонеъ нагардидааст, мувофиқи қонун ва қаҷхаттаи талабот, нархи нон баланд мешавад. Ин ҳолат ба истеҳсолкунандагон оид ба фоиданокии (самаранокии) истеҳсолоти нон гувоҳӣ медиҳад. Озодии воридшавӣ ва беруншавӣ аз бозор, зиёдшавии захираҳоро (пулҳо, қувваи корӣ, воситаҳои истеҳсолот ва ғайраҳоро) барои истеҳсоли нон аз ҳисоби воридгардӣ аз дигар соҳаҳо, таъмин менамояд. Пешниҳоди нон афзоиш меёбад ва мувофиқи қонун ва қаҷхаттаи пешниҳод, нархи нон паст мешавад. Агар истеҳсоли нон дар миқдори мувозинатии мол мӯътадил нагардад, дар ин ҳолат нархи нон пастшавиро давом дода, метавонад аз сатҳи пастар аз сатҳи мувозинатӣ қарор гирад. Агар аз ин соҳаҳо капитал аз ҳад зиёд равона гашта ба пастшавии пешниҳод аз сатҳи талабот оварда расонад, дар ин ҳолат нархи молҳои ин соҳаҳо аз сатҳи мувозинатӣ баландтар мешавад.

***2. Вазифаи аллокатсионии*** рақобат пеш аз ҳама дар таъсисёбии бозори мукаммал дар тамоми территорияи мамлакат, дар чаҳорчӯбаи хоҷагии миллӣ ифода меёбад. Яъне рақобат оҳиста – оҳиста дар масштаби хоҷагии миллӣ қувваҳои истеҳсолкунандаро баробар ва самаранок ҷойгир мекунад.

Вазифаи аллокатсионии рақобат ба равона сохтани омилҳои истеҳсолот ба он соҳаҳое, ки истифодабарии онҳо барои истеъмолкунандагон зарур аст мусоидат намуда, истифодабарии сарфакоронаи онҳоро дар корхонаҳои алоҳида таъмин менамояд.

***3. Вазифаи навоварии*** рақобат, умуман дар молиягузорӣ ва хавасмандгардонии ПИТ ифода меёбад. Субъектони бозор кӯшиш мекунад, ки дастовардҳои илм ва техникаро ба истеҳсолот аввалин шуда ҷорӣ намоянд. Рақобат бояд ба ҷорӣ намудани усулҳои нави истеҳсолие, ки имконияти пастшавии хароҷот, коркард ва ҷорӣ намудани маҳсулотҳои нави босифатро таъмин менамоянд, мусоидат кунад.

Ҳар як кашфиёт дар илм ва техника ба таври конкретӣ дар технологияи сарфакорона ва маҳсулоти истеҳсолӣ амалӣ карда мешавад. Ин ҳам бошад, сарфаи захираҳои маҳдуд мебошад, ба баланшавии самаранокии истеҳсолот мусоидат мекунад.

Ҷустуҷӯи навовариҳо оҳиста – оҳиста ба ташкили тадқиқотҳои илмӣ ва молиягузории онҳо аз тарафи худи субъектони бозор мегузарад. Аз ин лиҳоз рақобат ҳаракатдиҳандаи пешарвии техникӣ мегардад.

***4. Вазифаи мутобиқшавии*** рақобат дар баландшавии мутобиқшавии субъектони хоҷагидорӣ ба вазъияти доимо дигаргуншавандаи бозор, ба ҷиҳатҳои гуногуни он, ба низоми андозӣ, ба таварруми имконпазир, ба анъанаҳо ва урфу одатҳои динию миллӣ, амалӣ карда мешавад.

***5. Вазифаи тақсимотии*** рақобат махсусан дар амалигардии он дар муҳити истеъмолкунандагон – ҳам истеъмолкунандаи инфиродӣ ва истеҳсолӣ ба миён меояд. Рақобат дар муборизаи онҳо барои ба даст овардани суммаи зиёдтари маҷмӯи неъматҳои моддӣ ва хизматҳо ифода меёбад, ки дар хоҷагии миллӣ дар шароитҳои нисбатан беҳтар истеҳсол карда шудаанд.

Асоси чунин мубориза дар он аст, ки моҳиятан маҳсулоти миллии истеҳсолшуда – маҳсулоти тайёр тақсим карда шуда, шарти тақсимоти он бошад на танҳо бо омилҳои иқтисодӣ, балки бо омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо муайян карда мешавад.

***6. Вазифаи назоратии*** рақобат пеш аз ҳама, дар роҳ надодан ба ҳукмронии монополии корхонаҳои калон дар бозор ифода меёбад. Рақобат шакл ва моделҳои рақобати номукаммалро маҳдуд намуда, онҳоро дар чаҳорчӯбаи муайян ҷо ба ҷо мекунад. Дар ин ҷода рақобат ба механизмҳои пурқуввати институтсионалӣ, махсусан ба қонунгузориҳои зиддӣтрестӣ такя мекунад. Назорат аз болои шакл ва усулҳои рақобати номукаммал бошад, бо воситаи қонунгузории ҷиноятӣ амалӣ мегардад, чунки чи хеле ки усулҳои рақобати ноадолатона амал кунанд, ҳамон хел шакл ва усулҳои амалигардии вазифаи назоратии он низ ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, самаранокии иқтисоди бозорӣ бо рақобат таъмин карда шуда, ибтидои худтанзимшавии бозор низ бо ин

механизм муайян ва асоснок карда мешавад. Бозори худтанзимшаванда ин натиҷаи амал намудани механизми рақобат мебошад.

## 7.3. НАМУДҲОИ РАҚОБАТ.

Шарти асосии мавҷудияти бозор ва амалгардонии вазифаҳои он ба ҳисоб рафта, рақобат шаклҳои гуногунро мегирад, ки ҳар яки онҳо фишанги амалкунандаи танзими иқтисодиёт мебошанд.

Се намуди рафтори рақобатиро ҷудо мекунанд: **креативӣ, мутобиқшаванда, таъминкунанда**.

***Ҳангоми намуди креативии рафтори рақобатӣ,*** рақибон тавоноӣ ва энергияи эҷодкории худро ба таъсисдиҳии қисмати нави бозор (молҳои нав, технологияҳои нав, тарзи нави ташкил ва идоракунии истеҳсолот, шаклҳои нави тақсимот, реклама ва фурӯш) равона месозанд, ки афзалиятҳоро дар назди рақибон таъмин менамоянд.

Намуди креативии рафтори рақобатӣ аз ҳама ҳам намуди эҷодкорӣ ва созандагӣ буда, ба монанди дигар намудҳо рақобат моҳияти рақобатро ифода мекунад. Айнан намуди кративии рақобат дар асоси рақобати мукаммал (соф) хобидааст.

***Рақобати мутобиқшаванда*** дар ҷустуҷуи ҷиддии навовариҳо ва пешвогӣ дар ҷорӣ намудани онҳо нисбат ба рақибон ифода меёбад. Ин намуди рақобат дар нусхабардории дастовардҳои рақибони ва дар муддати кӯтоҳ ҷорӣ намудани онҳо ифода меёбад.

***Рақобати таъминкунанда*** дар кӯшиши соҳибкор барои нигоҳдории мавқеъҳои баланди дар бозор ноилгашта барои дурнамоии дарозмуддат ифода меёбад. Ин амал аз ҳисоби баланд намудани сифати маҳсулот, тағйирдиҳии номгӯи он, хизматрасонии баъд аз фурӯшии иловагӣ ва ғайраҳо ба вуҷуд омаданаш мумкин аст.

Самараи мусбии рақобат аз шароитҳое вобастааст, ки дар он амал менамояд, яъне миқдори рақибон, дараҷаи кушоди иқтисодиёт ва озодии иқтисодӣ. Вобаста ба ин **рақобати мукаммал ва номукаммалро** фарқ мекунанд.

**Рақобати мукаммал** ҳангоми чунин шароитҳои ба миён меояд:

- *шумораи зиёди фирмаҳои хурд вуҷуд доранд, ки дар бозор маҳсулоти якҷинсаро пешкаш мекунанд, бо баробари ин барои истеъмолкунанда харидани мол аз кадом фирма фарқият надорад;*
- *ҳиссаи ҳар як фирма дар ҳаҷми умумии пешниҳоди бозорӣ чунон хурд аст, ки ҳар қарори он оид ба баландкунӣ ва ё пасткунии нарх ба нархи мувозинатии бозорӣ таъсир намерасонад;*
- *воридшавии фирмаҳои нав ба соҳа ягон монеъгӣ ва ё маҳдудият надорад, яъне воридшавӣ ва беруншавӣ аз соҳа мутлақо озод аст;*
- *барои дастрасии ахборот оиди ҳолати бозор, нархи молҳо ва захираҳо, хароҷотҳо, сифати молҳо, техникаи истеҳсолот ва ғайраҳо барои ҳамагуна фирмаҳо маҳдудият вуҷуд надорад.*

**Афзалият ва норасогиҳои рақобати мукаммал**. Ҳама шартҳои дар боло дидабаромадашудаи рақобати мукаммал чунон устуворанд, ки ба он ягон бозори дар амал вуҷуддошта мувофиқат карданаш душвор аст. То ҳатто бозорҳои ба рақобати мукаммал монанд, қисман ба шартҳои он ҷавобгӯ мебошанд. Масалан, биржаҳои ашёвӣ нисбатан пурра ба шарти аввала (якҷинсии маҳсулот) ҷавобгӯ буда, ба шартҳои дуюм ва сеюм бо мушкилӣ мувофиқат мекунанд. Бо вуҷуди ин биржаи ашёвӣ ба мукаммалии дастрасии ахборот пурра қонеъ гардонида намешавад. Ҳамин тавр, рақобати мукаммал консепсияи абстрактӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин рақобати мукаммал қимати амали ва методологӣ дорад. Модели бозори рақобати мукаммал имконият медиҳад, ки оид ба принсипҳои амал намудани фирмаҳои зиёди хурди маҳсулоти якҷинса мефурӯхта ва мувофиқан дар шароитҳои ба рақобати мукаммал наздик амал мекарда, баҳо дода шавад. Рақобати мукаммал аҳамияти калони методологӣ дорад, чунки имконият медиҳад, ки мантиқи рафтори фирмаҳо (бо назардошти фарзиятҳои калони ҳолати бозори аслӣ) дарк карда шавад. Ин усул барои бисёр илмҳои зиёд мансуб аст. Масалан, дар физика як қатор

мафҳумҳои дар фарзият сохта шуда истифода мешаванд (гази идеалӣ, ҷинси сиёҳи идеалӣ, муҳаррикӣ идеалӣ, мавҷуд набудани соиш, гумшавии гармӣ ва ғайраҳо), ки дар шакли пурра дар ҷаҳонӣ аслӣ мавҷуд нестанд, вале ҳамчун модели мувофиқ барои тасвири он баромад мекунад.

Рақобати мукаммал ноилнагардиданист. Ба он танҳо наздик шудан мумкин аст. Бо назардошти ҳиссаи муайяни шартҳо, рақобати то миёнаи арси XIX вуҷуддоштаро мукаммал ҳисобидан мумкин аст.

Аз ниммаи дуюми асри XIX зери таъсири ПИТ ҷараёни шиддатёбии консентрастсияи истеҳсолот ба миён меояд, ки ба таъсисёбии корхонаҳои калон ва азимҷусса, яъне монополияҳо оварда мерасонад.

***Мақсади монополия*** – ба даст овардани даромади ҳадди аксари имконпазир бо воситаи назорат аз болои нарх ва ё ҳаҷми истеҳсолот дар бозор. Воситаи дастрасгардии мақсад нархи монополӣ мебошад, ки фоидаро аз сатҳи муқаррарӣ зиёдтар таъмин менамояд.

Монополияҳо бо роҳи якҷояшавии як чанд ширкатҳо таъсис ёфта, чунин шаклҳо ташкили доранд:

**картел** – муттаҳидшавӣ дар асоси созишнома оиди квотаи (миқдори) маҳсулоти истеҳсол мешуда ва ҷудо намудани бозори фурӯш;

**синдикат** – муттаҳидшавӣ бо мақсади ташкили фурӯши якҷояи маҳсулот;

**трест** – монополияе, ки дар он ҳам истеҳсолот ва ҳам фурӯши маҳсулоти фирмаҳои ба он дохил шаванда муттаҳид карда мешаванд;

**консерн** – монополия бо маркази ягонаи молиявии фирмаҳои соҳаҳои гуногуни ба он дохил шаванда, ки технологияи умумӣ доранд;

**конгломерат** – муттаҳидшавие, ки дар воридшавии корпоратсияҳои калони бо фирмаи асосӣ алоқаҳои истеҳсолӣ ва технологӣ надошта асос гирифтааст.

Пайдоиши монополияҳо рақобатро номукаммал мегардонад.

***Рақобати номукаммал*** – ин чунин рақобат, ки дар ин ё он дараҷа бо маҳдудияти назарраси соҳибкории озод алоқаманд мебошад.

Барои рақобати номукаммал миқдори наонқадар зиёди фирмаҳо дар ҳар як соҳаи соҳибкорӣ ва имконияти таъсиррасонии ягон гурӯҳи соҳибкорон (ва ё як соҳибкор) ба вазъияти бозорӣ хос мебошад.

Ҳангоми рақобати номукаммал барои воридшавии соҳибкорони нав ба бозорҳои аниқ монеъаҳои устувор вуҷуд дошта, ивазшавандаҳои наздики маҳсулотҳои аз тарафи истеҳсолкунандагони имтиёзнок истеҳсол карда мешуда вуҷуд надорад.

**Рақобати номукаммал** ба чор намуд ҷудо мешавад: рақобати монополӣ, дуополия, олигполия ва монополияи соф.

Ҳангоми ***рақобати монополӣ*** дар бозор миқдори зиёди фурӯшандагон ва харидорон боқӣ мемонад. Лекин ҳодиса нав – фарқгузории маҳсулот ба миён меояд, яъне мавҷудияти чунин хусусиятҳои маҳсулот, ки онро аз молҳои монанд фарқ мекунонад. **Ба чунин хусусиятҳо дохил мешавад**: сифати баланди маҳсулот, борпечи (упоковка) зебо, шароитҳои хуби фурӯш, ҷойгиршавии судманди мағоза, сатҳи баланди хизматрасонӣ ва ғайра. Дорои чунин афзалиятҳо буда, соҳиби маҳсулоти фарқкунанда дар дараҷаи муайян монополист шуда, имконияти ба нарх таъсиррасониданро дорад. Азбаски ҳаҷми фурӯши ҳар як фурӯшанда нисбатан калон нест, ва фирма – монополистҳо миқдоран зиёданд, бинобар ҳамин ҳар яки онҳо аз болои нархи бозорӣ назорати маҳдуд дорад. Айнан дар ҳамин хусусият ҷиҳати фарқкунандаи рақобати монополӣ ифода меёбад.

***Дуополия*** – истеҳсоли намуди додашудаи маҳсулот дар ду фирма амалӣ гардида, маҳсулоти якҷинса истеҳсол карда мешавад.

***Олигополия*** – бо чунин бозор пеш карда мешавад, ки дар он якчанд фирмаҳо амал мекунанд. Барои олигополия мавҷудияти маҳсулоти якҷинса ва ё фарқкунанда хос буда, ҷиҳати асосӣ бошад, ҷорӣ намудани нарх аз рӯи принсипӣ пешвоӣ мебошад. Ин принсип дар назар дорад, ки аксарияти

фирмаҳо кӯшиш мекунанд, ки тарқрибан нархҳоро ба монанди нархи фирмаи нисбатан пурқуввати ин бозор ҷорӣ намоянд.

Рақобати олигополӣ мавҷудияти якчанд фирмаҳои калонро дар бозор барои қабули қарор оид ба нархи маҳсулоти худ дар назар дорад. Ҳодисаи баръакси олигополия, ***олигопсония*** мебошад, ки мавҷудияти якчанд харидоронро дар бозор дар назар дорад.

***Монополияи соф*** дар бозор дар ҳолате ба назар мерасад, ки агар дар он танҳо як фурӯшанда бе мавҷудияти рақиб амал намояд. Хусусияти он дар он аст, ки фурӯшанда метавонад нархро дар ҳудудҳои калон тағйир диҳад, нархи ҳадди аксар бошад танҳо бо талаботи қобили пардохт маҳдуд мешавад. Агар дар бозор танҳо як харидор мавҷуд бошад, он гоҳ чунин рақобат ***монопсония*** номида мешавад. Дар шароити монополия одатан фурӯшанда бурд карда, дар шароити монопсония бошад афзалият ба харидор дода мешавад. ***Монополияи соф ва монопсонияи соф*** ҳодисаҳои нисбатан камёб мебошанд.

**Нархҳои монополӣ. Механизми мувозинатӣ дар ҳолати нархҳои монополӣ**. Дар шароити рақобати озод нархҳо зери таъсири талабот ва пешниҳод таъсис меёбанд. Ҳангоми монополия ин ҷараён нисбатан мураккаб мегардад. Дар ҷараёни афзалиятҳои монополия ҳамҷояшавии танзими стихиявии бозорӣ бо идоракунӣ ба вуҷуд меояд, ки аз тарафи монополияҳо ва давлат амалӣ мегарданд.

Агар монополия ҳуқуқ ба фурӯши молро ба даст орад, он гоҳ ӯ кӯшиш мекунад, ки молҳоро бисёртар фурӯхта миқдори фоидаи ҳадди аксарро таъмин намояд. Лекин, фурӯши ҳар як воҳиди иловагии мол бо баробари қонеъгардонии талабот даромади камтарро таъмин менамояд. Барои фурӯхтани воҳиди иловагии мол, бояд нарх пасттар карда шавад, чунки қобилияти харидории бозор имкониятҳои маҳдуд дорад. Бо баробари ин монополия мол бо нархи аз ҳама баланд не, балки бо нархе мефурӯшад, ки он таносуби ҳаҷми фурӯш ва нархро барои воҳиди мол ва ба даст овардани фоидаи ҳадди аксари умумӣ таъмин менамояд.

Сарҳадҳои нархҳои монополӣ бо рақобати бозорӣ ҷорӣ карда мешаванд. Сарҳади болоӣ бо таносуби сатҳи нархҳо ва

ҳаҷми истеҳсолот муайян карда мешавад, ки он фоидаи баланди монополиро таъмин менамояд. Ин гуфтаҳоро дар мисоле дида мебароем, ки оид ба қонуниятҳои асосии нархгузории монополӣ тасаввурот медиҳанд (ҷадвали 7.1).

**Ҷадвали 7.1**

**Таъсисёбии нархҳои монополӣ**

| Ҳаҷми маҳсулот (воҳид) | Хароҷот барои воҳиди маҳсулот (сомонӣ) | Хароҷотҳои умумӣ (сомонӣ) | Нарх як воҳид маҳсулот (сомонӣ) | Даромади умумӣ аз фурӯш (сомонӣ) | Фоида (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 100 | 25 | 2500 | 40 | 4000 | 1500 |
| 200 | 25 | 5000 | 35 | 7000 | 2000 |
| 300 | 25 | 7500 | 30 | 9000 | 1500 |
| 400 | 25 | 10000 | 28 | 11200 | 1500 |

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали 7.1. маълум мегардад, ҳангоми пастшавии нар ва афзоиши ҳаҷми оптималии миқдори мол дар сатҳе ҷойгир мешавад, ки дар он фоида ҳадди аксар мегардад. Дар мисоли мо чунин миқдори мол, 200 воҳид мебошад. Зеро дар ин ҳаҷм даромади аз ҳама зиёд дар ҳаҷми 2000 сомонӣ дастрас карда мешавад. Бо баробари ин нархи воҳиди маҳсулот дар ҳаҷми 35 сомонӣ сарҳади болоии нархи монополӣ мегардад.

Сарҳади поёнии нархи монополӣ – ин нархи пастарине мебошад, ки дар сатҳи он фоидаи иловагии аз сатҳи муқаррарӣ зиёд ба нол баробар мешавад. Ҳиссаи фоидаи монополӣ дар нархи мол бо ҳаҷми чандирнокии талабот ба маҳсулоти монополият алоқаманд аст. Ин нишондиҳанда индекси Лернер номида шуда, бо чунин формула муайян карда мешавад:

$$E = \frac{P_m - P_{pm}}{P_m} \tag{7.1}$$

ки дар ин ҷо: *E – чандирнокии талабот; $P_m$ – нархи монополӣ; $P_{pm}$ – нархи рақобати мукаммал.*

**Механизми бозори мувозинатӣ дар ҳолати нархҳои монополӣ**. Ҳангоми таъсисёбии мувозинатии бозорӣ дар шароити нархҳои монополӣ бояд чунин заминаҳо ба назар гирифта шаванд:

- Монополия дар ҳолате ба миён меояд, ки агар дар натиҷаи сабабҳои гуногун дар бозори молӣ, истеҳсолкунандаи ягона дар намуди фирма – монополист ва ё муассисаи якчанд фирма – монополистон бо роҳи шартнома байни онҳо ва амал намудани онҳо ба сифати фирмаи ягона пайдо шавад.
- Дар бозор миқдори зиёди истеъмолкунандагони моли додашуда вуҷуд дорад, ки ягонтои онҳо ба таъсисёбии нархи бозорӣ таъсири ҷиддӣ расонида наметавонад.
- Бо шарофати хусусиятҳои истеҳсолот, вазни қиёсии хароҷотҳои фирма – монополист нисбатан камтар буда, ҳаҷми истеҳсолот бошад зиёд аст, ки ба фирма имконият медиҳад, ки рақибонро аз бозор берун созад ва бозорро ба пуррагӣ забт намояд.
- Истеъмолкунандагони алоҳида барои таъсиррасонӣ ба нарх имконият надоранд ва маҷбуранд ба нархҳои аз тарафи монополист пешкаш шуда мутобиқ шаванд. Дар навбати худ монополист чунин ҳаҷм ва нархро интихоб мекунад, ки дар сатҳи онҳо молҳо бо назардошти фоидаи ҳадди аксар ба пуррагӣ фурӯхта мешаванд.

Мувофиқан, ҳангоми таҳлили бозори монополӣ танҳо рафтори фирма – монополист дар бозор бояд мушоҳида карда шавад.

**Монополияи муқаррарӣ** – намуди истеҳсолоте, ки ҳамаи корхонаҳоро ва аҳолиро бо хизматҳои иқтисодии зарурӣ таъмин намуда (таъминоти об, газ, қувваи барқ, хизматрасонии коммуналӣ ва ғайраҳо), ба мубоhизаи рақибонаи фирмаҳои хусусӣ роҳ намедиҳад ва бо воситаи идоракунии хоҷагидорӣ сарфакории зиёдеро таъмин менамояд.

**Муносибатҳои муосир ба маънидодкунии муаммоҳои рақобати мукаммал ва номукаммал**. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар бисёр корҳои илмӣ афзалияти иқтисодиёт бо «рақобати озод» инъикос ёфта буд. Дар ин давра аз як тараф мафҳумҳои «рақобати озод» ва «рақобати мукаммал» ҳаммаъно шуморида шуда, аз тарафи дигар мафҳумҳои «монполия» ва «номукаммалии механизми бозорӣ» низ ҳаммаъно ҳисобида мешуд. Истиллоҳи «номукаммал» дар номукаммалӣ ва ғайрисамаранокӣ аз ҳисоби вайроншавии механизми баробаркунии фоидаҳо дарк карда мешуд.

Дертар, истиллоҳи «рақобати номукаммал» маънои номукаммалии иқтисодиро гумм кард, чунки намояндагони назарияи рақобати номукаммал монополияро ҳамчун шароити истеҳсолоти оммавӣ мушоҳида мекарданд, ки бо афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва камшавии хароҷоти истеҳсолот ҳамрадиф буданд. «Номукаммалӣ» дар асл танҳо аз мавқеъи иҷтимоӣ эътироф карда мешуд. Номукаммалӣ нисбати истеҳсолкунандагони ғайримонополистӣ ифода меёфт.

Дар шароитҳои муосир «рақобати номукаммал» асосан барои тавсифи сектори ғайримонополигашта истифода мешавад. П.Самуэлсон соҳаҳои ғайримонополиро «бемор» номид, ки бо капитали хурд, хароҷоти баланд пур карда шуда ва бо фоиданокии паст арзи вуҷуд доранд. П.Самуэлсон қайд мекунад, ки «афсус, ки дар бисёр соҳаҳои бемор рақобати бозорӣ аз ҳолати мукаммалӣ дур аст. Оқибатҳои иқтисодии чунин шакли рақобати номукаммал нисбат дар ҳолати монополияи пурра бадтар шуда метавонад».

Дж.Гелбрейт ба сифати рақобати номукаммал, монополияҳои «инкишофнаёфтаи» ибтидои асри XX –ро мешуморад, ки дар шароити бизнеси хурд амал мекарданд. Ӯ гумон мекунад, ки рақобат характери мукаммалро дар ҳолати гузариш ба ҳукмронии монополияҳои «инкишофёфтаи» муосир мегирад, ки онҳо, ба ақидаи ӯ, барои фоидаи ҳадди аксар не, балки барои таъмини хавфи ҳадди ақал ва дастрасии суръатҳои устувори афзоиш кӯшиш мекунанд.

## 7.4. РАҚОБАТИ ДОХИЛИСОҲАВӢ ВА БАЙНИСОҲАВӢ

Рақобат дар шаклҳои гуногун баромад карда, бо тарзҳои гуногун амалӣ мегардад.

Рақобат метавонад **дохилисоҳавӣ** ва **байнисоҳавӣ** бошад. ***Рақобати дохилисоҳавӣ*** – мубориза байни корхонаҳои як соҳаи додашуда барои шароитҳои беҳтари истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот мебошад. Айнан ҳамин шакли рақобат лаҳзаи ибтидоӣ дар тамоми механизми низоми бозорӣ мебошад. Ин шакли рақобат ба заминаҳои асосии низоми бозорӣ такя

мекунад: мавҷудияти моликияти хусусӣ, озодии соҳибкорӣ, озодии воридшавӣ ба соҳа ва озоди барои берунршавӣ аз соҳа ва ғайраҳо. Бо ибораи дигар, рақобати дохилисоҳавӣ – ин мусобиқа байни соҳибкорони бо истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти якхелла ва ё ивазшаванда мебошад.

Ин намуди рақобат ба забткунӣ ва нигоҳдории мақеъи мусоид дар бозор равона карда шудааст, яъне барои маҷбур кардани харидор барои дастрас кардани моли фирмаи додашуда таъинот дорад. Барои ин бояд молҳо бо нархҳои пасттар фурӯхта шаванд. Барои зарар надидан аз ин амал ва ба даст овардани фоида, бояд хароҷотҳо барои истеҳсолот ва фурӯш паст карда шаванд.

Воситаи асосии дастрасгардии ин гуфтаҳо мукаммалгардонии техника ва технологияи истеҳсолот, ташкили он ва баланд намудани тахассуснокии коргарон ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо рағбати сарфакории захираҳои моддӣ низ амал мекунад: аз ҷиҳати иқтисодӣ зарур аст, ки ашё ва масолеҳи арзон, технологияҳои масолеҳсарфакунанда ва энергиясарфакунанда истифода бурда шаванд.

**Рақобати байнисоҳавӣ** – мубориза байни соҳибкороне, ки воситаҳои худро ба соҳаи маҳсулотҳои гуногун истеҳсол мекарда гузоштаанд. Дар ин ҷо низ самараи мусби мавҷуд аст.

Ҳар як соҳибкор натиҷаҳои фаъолияти худро бо машаққат баҳо медиҳад. Нишондоди асосии чунин баҳодиҳӣ – **ин меъёри фоида** мебошад, ки муқоиса намудани натиҷаҳоро бо хароҷотҳо имконият медиҳад. Меъёри фоида дар чаҳорчӯбаи соҳаҳои гуногун бо бисёр сабабҳо якхела намешавад.

Соҳибкороне, ки нисбатан ба фоидаи кам муваффак шуданд, хоҳиши муқаррарии аз дигар сохибкорони соҳаҳои дигар оқиб намониданро пайдо мекунанд. Барои амалигардонии ин хоҳиши худ зарур аст, ки корхонаҳои худро барои истеҳсоли маҳсулотҳои дигар азнавтаҷҳизононанд ва ё воситаҳоро аз саҳмияҳои як соҳа ба саҳмияҳои соҳаи дигар гузаронанд.

Гузариши капитал ва бо баробари ин гузариши қувваи корӣ аз як соҳа ва соҳаи дигар ба миён меояд, ки тағйирдиҳии доимии сохтори соҳавии хоҷагиро таъмин менамояд.

Як шакли рақобат аз дигараш бо воситаи амалигардии он фарқ карда шуданаш мумкин аст. Бо баробари ин рақобати **нархӣ** ва **ғайринархиро** фарқ мекунанд.

***Рақобати нархӣ*** бо воситаи тағйирдиҳии нархҳо бо мақсади самаранок истифодабарии вазъияти бозорӣ амалӣ гардонида мешавад. Вобаста аз вазъият ва дараҷаи мустаҳкамии кори худ, рақиб метавонад нархи баланди монополиро истифода барад, ки ба ӯ фоидаи баланди монополиро таъмин менамояд ва ё барои берун кардани рақибон аз бозор нархи пасти монополиро истифода барад.

Рақобати нархӣ байни истеҳсолкунандагони мол ва хизматҳо дар соҳаи хароҷоти истеҳсолот ба миён меояд. Мубориза байни рақибон дар соҳаи паст кардани хароҷотҳои истеҳсолот аз ҳисоби технологияҳои беҳтарин, баланд кардани ҳосилнокии меҳнат, ташкил ва идоракунии хуби истеҳсолот ба миён меояд, ки ба пастшавии нархи мол ва хизматҳо бе расонидани зарар ба номгӯй ва сифати онҳо мусоидат мекунад.

Ҳангоми рақобати нархӣ истеҳсолкунандагон ба талабот бо воситаи нарх таъсир мерасонанд. Нархро дар асоси хуб донистани омилҳои талабот, сохтори хароҷот ва ахборот оид ба бозор бо осони тағйир додан мумкин аст.

Дар ***рақобати ғайринархӣ*** воситаҳое истифода мешаванд, ки ба нарх вобастагӣ надоранд. Рақобати ғайринархӣ аз рӯи шакл нисбатан шиддатнок ва гуногун мебошад. Ба воситаҳои рақобати ғайринархи сифати маҳсулот, реклама, ташкили намоишҳо ва ярмаркаҳо дохил мешаванд.

Ҳангоми рақобати ғайринархӣ истеҳсолкунандагон ба ҷиҳатҳо ва хусусиятҳои фарқкунандаи маҳсулоти худ такя мекунанд. Шакли рақобати ғайринархии фарқкунандагии маҳсулот аҳамияти калон дорад.

Натиҷаи чунин рақобат имконияти интихоби истеъмолкунанда аз номгӯи зиёди молҳои якеллаи сифатҳои гуногун мебошад.

Азбаски рақобат ғайринархӣ аст, бинобар ҳамин истеҳсолкунандагон дар каҷхаттаи талабот ҳаракат накарда, балки ҳаракати худи каҷхаттаро ба тарафи рост ва ё чап ба миён меоранд.

Дар таҷрибаи муносибатҳои бозорӣ рақобати **адолатона** ва **ноадолатонаро** аз ҳам фарқ мекунанд.

***Рақобати адолатона*** – ин чунин рақобатест, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқӣ ва одобии муносибат бо ҳарифон риоя карда мешавад.

***Рақобати ноадолатона*** ҷосусии техникӣ, ҷалб намудани мутахассисон, тобеъ намудани коргарони рақиб, рекламаи бардурӯғ, истифодабарии худсаронаи тамғаи молӣ, нусхабардории ороиши зоҳирии моли фирмаи дигар ва ғайраҳоро дар назар дорад.

# МАВЗӮИ 8. МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛКУНАНДАИ БОЗОР

*8.1. Механизми бозорӣ: мафҳум, моҳият ва унсурҳои ҳамкории онҳо.*
*8.2. Талабот – унсури механизми бозорӣ.*
*8.3. Пешниҳод – унсури механизми бозорӣ.*
*8.4. Нархи мувозинатӣ ва мувозинатии ҳаҷми талабот ва пешниҳод.*

## 8.1. МЕХАНИЗМИ БОЗОРӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА УНСУРҲОИ ҲАМКОРИИ ОНҲО.

***Механизми бозорӣ*** – ин механизми алоқамандкунанда ва боҳамалкунандаи унсурҳои асосии бозор: пешниҳод, талабот ва нархҳо мебошад. Хусусияти механизми бозорӣ дар он аст, ки ҳар як унсури он бо нарх алоқаи зич дорад, ки фишанги асосии таъсиррасонанда ба талабот ва пешниҳод мебошад. Истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон дар ҷараёни тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ҳангоми истеҳсол ва истеъмоли молҳо таъсис меёбанд. Истеъмолот ба шахсӣ ва истеҳсоли ҷудо

мешавад. Ҳангоми истеъмолоти шахсӣ, молҳо аз соҳаи истеҳсолот баромада барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои шахсии аҳолӣ истифода мешаванд. Истеъмолоти истеҳсолӣ ҳамчун давоми ҷараёни истеҳсолот баромад мекунад, ки дар он мол барои коркарди минбаъда аз тарафи дигар истеҳсолкунанда истифода мешавад. Дар ин ҳолат алоқамандии байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда ба сифати мубодилаи натиҷаҳои фаъолият ифода меёбад. Дар иқтисоди бозорӣ ин ҳолат бо хусусияти доимӣ фарқ карда, дар асоси махсусгардонӣ ва дар шакли муомилаҳои яклухти бозорӣ ба миён меоянд.

Бар иқтисоди бозорӣ истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон дар фаъолияти иқтисодии худ мувофиқи нишондодҳои бозор – талабот, пешниҳод ва нархи мувозинатӣ амал мекунанд. Ҳолати иқтисодии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, фурӯшандагон ва харидорон аз вазъияти бозорӣ вобастааст, ки зери таъсири омилҳои зиёд тағйир меёбанд.

**Вазъияти бозор** – ин маҷмӯаи шароитҳои иқтисодие, ки дар бозор дар лаҳзаи вақти муайян ба миён меояд, ки ҳангоми он ҷараёни фурӯши мол ва хизматҳо амалӣ мегардад. Вазъияти бозорро бо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муайян мекунанд, ки ҳолати бозорро тавсиф мекунанд: таносуби талабот ва пешниҳод, сатҳи нархҳо, ҳаҷми бозор, имкониятҳои пардохтнокии истеъмолкунандагон, ҳолати захираҳои молӣ ва ғайраҳо.

Муносибати илмӣ ба механизми бозорӣ зарурияти дарккунии қонунҳоеро дар назар дорад, ки дар асоси амал намудани он хобидаанд. Ба чунин қонунҳо, қонуни арзиш, қимат, фоиданокӣ, талабот ва пешниҳод, рақобат, фоида ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки бо воситаи намудҳои гуногуни нархҳо амалӣ мегарданд: нархҳои мубодилаи эквивалентӣ, нархҳои мувозинат ва монополӣ, нархҳои фарқгузоранда, нархҳои минтақавӣ ва дигар намуди нархҳо.

Нарх унсури асосии механизми бозорӣ мебошад. Нарх дар натиҷаи талабот ва пешниҳод таъсис меёбад, ки таносуби онҳо вобаста аз вазъияти мавҷудбуда тағйир меёбад. Ба ғайр аз ин нархҳо соҳаи амал намудани муносибатҳои бозориро барои

моли додашуда муайян менамоянд, ки дар минтақаи географии додашуда истеҳсол карда шудааст. Сарҳадҳои ин соҳа бо хароҷотҳои трансаксионӣ, яъне хароҷотҳои муомилоти бо мубодила алоқаманд буда муайян карда мешаванд.

Зиннаҳои маркազии механизми бозорӣ талабот ва пешниҳод мебошад. Талабот дар бозор дар намуди эҳтиёҷот ба молҳо баромад мекунад. Истеъмолкунандагон метавонанд ин молҳоро ҳангоми нархҳои пойдоршуда ва даромадҳои пули муайян харидорӣ намоянд. Талабот ба сифати рағбат ба истифодабарии усулҳои нисбатан сарфакунандаи истеҳсолот ва истифодабарии самаранокии захираҳо баромад мекунад. Талабот ва пешниҳод унсурҳои зарурии механизми бозорӣ мебошанд, ки алоқаи доимиро байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони неъматҳои моддӣ таъмин менамоянд.

Маҳсурияти иқтисодӣ, ки бо шаклҳои моликияти хусусӣ ва омехта дар асоси идоракунии вохидҳои истеҳсолӣ асоснок гардидаанд барои иқтисоди бозорӣ аҳамияти зарурӣ доранд.

Дар механизми бозорӣ ба рақобат нақши ҳалкунанда мансуб аст. Рақобат таъмини фоидаи ҳадди аксарро таъмин карда, дар ин асос васеъшавии ҳаҷми истеҳсолотро низ таъмин менамояд. А. Смит рақобатро «дасти ноаён» - и бозор номидааст, ки бо шарофати он мақсадҳои худпарастии шахсони алоҳида ба фоидаи тамоми ҷамъият мубаддал мегардад. Ба ғайр аз ин, унсури ҷудонашвандаи иқтисоди бозорӣ ифрасохтори бозор маҳсуб меёбад.

Механизми бозорӣ ҳамчун механизми маҷбурӣ амал мекунад. Механизми бозорӣ соҳибкорони ба ноилгардии мақсадҳои худ кӯшиш мекардаро маҷбур месозад, ки ба фоидаи истеъмолкунандагон низ амал намоянд.

***Чӣ тавр ин ҳолат ба миён меояд?*** Мисолеро бо моли серхаридор овардан мумкин аст. Тасаввур мекунем, ки талабот аз пешниҳод зиёд аст (**D>S**). Мувофиқи таносуби талабот ва пешниҳод нарх баланд буда, соҳибкорон на танҳо фоида, балки фоидаи иловагиро ба даст меоваранд. Лекин дар бозор шумораи зиёди талаботи қонеънагашта мавҷуд мебошад. Дар назди соҳибкорон интихоб (алтернатива) ба миён меояд: васеъкунии истеҳсолот ва паст кардани нарх ва ё нигоҳдории нархи баланд то он даме, ки рақибон ҳиссаи бозорро забт карда

мизоҷонро аз худ мекунанд ва бо баробари ин фоидаи иловагӣ ва фоидаро азонихуд мегардонанд. Ин хатар истеҳсолкунандагонро водор месозад, ки ҳаҷми истеҳсолоти моли додашударо васеъ намоянд.

***Дар бозор муомилаҳо бо назардошти хавф ва хатар амалӣ карда мешаванд***. Барои чӣ? Чунки дар бозор ҳама метарсад, ки фиреб нахӯрад. Ҳама мехоҳад молҳро қиматтар фурӯхта, бо нархҳои пасттар харидорӣ намояд. Хавф дар он аст, ки истеҳсолкунанда кӯшиш мекунад талаботро пешгӯи намояд, онро таъсис диҳад ва маҳсулотро бо нархҳои баландтар истеҳсол намояд. Дар ин лаҳза ӯ бо хавфи пешгирии рақибон дучор шуда, метавонад капиталро ба истеҳсолоти молҳои камхаридор равона созад ва молҳоро нисбат ба талабот зиёд истеҳсол карда, онҳоро бо нархҳои пасттар фурӯшад.

## 8.2. ТАЛАБОТ – УНСУРИ МЕХАНИЗМИ БОЗОРӢ.

**Мафҳуми талабот**. Талаботи харидорон ба ин ё он мол ва хизматҳо зери таъсири эҳтиёҷотҳо, яъне зери таъсири кӯшиши инсон ба таъмин намудани шароитҳои беҳтарини ҳаёт, таъсис меёбад. Эҳтиёҷотҳо хислати инфиродӣ дошта, зери таъсири як қатор омилҳо таъсис меёбанд, ки шароитҳои мавҷудияти инсонро муайян мекунанд, яъне:

- эҳтиёҷотҳои шахсии инсон (масалан, эҳтиёҷот ба либоси гарм бо иқлими мамлакат, дараҷаи солимии инсон ва рағбати инсон муайян карда мешавнд);
- эҳтиёҷотҳои оила ва шахсони наздик (эҳтиёҷот ба таълимоти бачагон ва рағбати пайдошавии он аз сатҳи тараққиёти ҷамъият ва мавқеъи ишғол мекардаи шахс дар ҷамъият вобаста аст);
- эҳтиёҷот ба мудофиаи миллӣ, ки аз мавқеъи давлат дар миқёси байналхалқӣ вобаста аст.

Бо вуҷуди ин аз номгӯи зиёди эҳтиёҷотҳои инсон, илми иқтисодӣ дар давбати аввал ба эҳтиёҷотҳои бо даромадҳои пулии имконпазир мустаҳкам буда аҳамият медиҳад. Бо ибораи дигар илми иқтисодӣ бо талаботи пардохтнок сару кор дорад.

Ҳамин тавр, талабот – ин хоҳиш ва қобилияти харидорон оид ба дасоварии молҳои дар бозор мавҷуд буда, мебошад. Ҳаҷми талабот бошад – ин миқдори молҳое, ки харидорон мехоҳанд ва тайёранд бо нархи додашуда дар фосилаи фақти муайян дастрас намоянд.

Тавсифи асосии талабот, ***ҳаҷми талабот*** ва ***нархи талабот*** ба ҳисоб мераванд.

**Ҳаҷми талабот** бо худ миқдори молро дар назар дорад, ки истеъмолкунанда тайёр аст бо нархи муайян дар фосилаи вақти муайян харидорӣ намояд.

**Нархи талабот** – ин нархи ҳадди аксаре, ки харидор тайёр аст барои миқдори муайяни мол пардохт намояд.

Байни ҳаҷми талабот ва нархи талабот вобастагии муайяни функсионалӣ (миқдорӣ) вуҷуд дорад. Ин вобастагӣ дар намуди қонуни талабот ифода меёбад.

**Қонуни талабот** дар назар дорад, ки ҳаҷми талабот ба мол дар ҳолати пастшавии нархи он зиёд мешавад ва баръакс, яъне талабот аз нарх дар вобастагии чаппа қарор дорад. Бо ибораи дигар, қонуни талабот нишон медиҳад, ки байни нархи талабот ва ҳаҷми талабот алоқаи баръакс вуҷуд дорад. Қонуни талабот, яке аз қонунҳои фундаменталии иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад. Заминаҳои асосии пайдоргардии он чунин ҳолатҳо ба ҳисоб мераванд:

1) пастшавии нархҳо ба афзоиши миқдори харидорон оварда мерасонад, ки барои онҳо ин мол дастрас мешавад;

2) як истеъмолкунанда метавонад миқдори зиёди моли арзоншударо харидорӣ намояд. Дар назарияи иқтисодӣ ин ҳодисаро одатан **самараи даромад** меноманд, зеро пастшавии нарх ба зиёдшавии даромади истеъмолкунанда монанд аст;

3) моли арзоншуда қисми таларботро ба худ мекашад, ки акси ҳол барои дастрас кардани дигар молҳо равона шуданаш мумкин буд. Ин ҳодиса дар назарияи иқтисодӣ **самараи ивазшавӣ** номида мешавад.

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки қонуни талабот алоқаи баръаксро байни нарх ва ҳаҷми маҳсулоти харидорӣ мешуда ҷорӣ мекунад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки нарх омили асосии муайянкунандаи хаҷми талабот мебошад.

Бояд талаботи инфиродӣ ва талаботи бозориро аз ҳам фарқ намуд. ***Талаботи инфиродӣ*** – ин талабот ба мол ва хизматҳо, ки аз тарафи истеъмолкунандагони алоҳида баён карда мешавад. ***Талаботи бозорӣ*** – ин талаботе, ки ба мол ва хизматҳо аз тарафи ҳамаи истеъмолкунандагони бозори ин мол баён карда мешавад. Агар талаботи инфиродиро бо dij ва моли додашударо бо I ва харидорро бо j, ишора намоем, он гоҳ талаботи бозориро бо баробарии зерин ифода кардан мумкин аст:

$$Q_i = \sum_{j=1}^{n} dij \quad (8.1)$$

ки дар ни ҷо **Qi** – талаботи бозорӣ; **n** – миқдори харидорон дар бозор.

Каҷхаттаи талаботи инфиродӣ, ба монанди каҷхаттаи талаботи бозорӣ хамшавии баръакс дорад, яъне вобастагии чаппи байни талабот ва нархро ифода карда, шакли равон надошта, балки намуди зиннагӣ дорад. Сабаби чунин шакл доштани каҷхаттаи талаботи бозорӣ дар инҳои аст.

Барои водор намудани инсон оид ба харидорӣ намудани ду кулӯла равғани маска ба ҷои як кулӯла, пасткардани нарх нисбат ба сатҳи муқаррарӣ кифоя нест. Яъне, агар кулӯлаи 200 граммаи равған ба ҷои 6 сомонӣ, 5,90 сомонӣ шавад, баъдан 5,60 сомонӣ, ҳамаи ин тағйирёбиҳо хоҳиши харидори аниқро барои дукаррата зиёд намудани ҳаҷми харид водор карда наметавонанд. Лекин дар лаҳзаи муайян (фарз мекунем, ҳангоми нархи равған ба 4 сомонӣ баробар шудан), харидор бо зиёд намудани ҳаҷми харид риоя мекунад. Дар намуди графикӣ ҷаҳиши талабот, «зинна» ба миён меояд. Азбаски ҳудуди ҳиссиёти истеъмолкунандагон гуногунанд, бинобар ҳамин каҷхаттаҳои зиннагии талаботи инфиродӣ якдигарро равон мекунанд ва дар натиҷа каҷхаттаи равони талаботи бозориро таъсис медиҳанд.

***Тарзҳои инъикосёбии талабот вобаста аз нарх***. Агар тасаввур кунем, ки ҳамаи омилҳои талабот ба ғайр аз нарх дар давраи мушоҳидашаванда тағйир намёбанд, он гоҳ вобастагии талаботро аз нарх дар намуди ҷадвали талабот, ба таври аналитикӣ ва графикӣ ифода кардан мумкин аст.

***Ҷадвали талабот*** – ин ҷадвале, ки миқдори моли харидоришударо бо нархҳои гуногун дар фосилаи вақти муайян нишон медиҳад (ҷадвали 8.1).

**Ҷадвали 8.1.**

| **P** | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Q** | 30 | 25 | 20 | 15 | 10 | 5 | 0 |

Тарзи аналитикӣ дар навишти функсияи талабот вобаста аз нарх дар намуди формулаи математикӣ ифода меёбад.

$$Q_D = f(P) \tag{8.2}$$

Лекин дар чунин намуди умумӣ ин формула вобастагии чаппаи байни талабот ва нархро ифода карда наметавонад. Бинобар ҳамин, ҳангоми истифодабарии амалии формула, онро бояд аниқтар намуд. Агар байни P ва Q вобастагии хаттӣ вуҷуд дошта бошад, он гоҳ ба намуди умумӣ баробарии функсияи талабот аз нарх чунин намуд дорад:

$$Q_D = a - bP \tag{8.3}$$

ки дар ин ҷо $a$ ва $b$ – коэффитсиентҳои рақамӣ.

Барои маълумотҳои ҷадвали 8.1 ин баробарӣ чунин намуд дорад:

$$Q_D = 35 - 5P \tag{8.4}$$

***Тарзи графикӣ***. Хатти талаботро ба таври графикӣ бо роҳи ба график гузаронидани маълумотҳои ҷадвали талабот ва ё бо истифодаи алоқаи аналитикӣ ифода намудани вобастагӣ тасвир кардан мумкин аст. График нишон медиҳад, ки хатти талабот ***D*** хамшавии баръакс дорад. Хамшавии каҷхаттаи талабот қонуни талаботро ифода мекунад: бо нархҳои баландтар истеъмолкунандагон молҳоро нисбат бо нархҳои пасттар, камтар харидорӣ мекунанд ва баръакс.

Дар ин ҳолат ҳаракат дар каҷхаттаи талабот (аз як нуқта ба нуқтаи дигар) ба миён меояд, ки тағйироти миқдори молро дар назар дорад, ки ба он истеъмолкунандагон талаботро баён карда буданд, дар натиҷа тағйирёбии нархи мол ба миён меояд.

Агар ҳамаи омилҳои муайянкунандаи талабот, ба ғайр аз нархи мол ва хизматҳо доимӣ бошанд, он гоҳ тағйирёбии нархи мол ва ё хизмат тағйирёбии ҳаҷми талабот ба миён меояд.

**Омилҳои ғайринархии талабот**. Омили нархӣ асосӣ буда, лекин омили ягонаи ба талабот таъсиррасонанда

намебошад. Аз байни омилҳои ғайринархии муайянкунандаи ҳаҷми талабот, инҳоро қайд кардан зарур аст:

1) даромадҳои истеъмолкунандагон **(I)** – афзоиши даромадҳои истеъмолкунандагон ба афзоиши талабот ба молу хизматҳо сабаб шуда, пастшавии даромадҳо бошад ба камшавии талабот ба молу хизматҳо оварда мерасонад;

2) нархи молҳои ивазшаванда **(Ps)** – (молҳо – субститутҳо, яъне молҳои таъиноти якхела дошта: равғани маска ва маргарин, гӯшти гӯсфан ва гӯшти гов ва ғайраҳо) афзоиши нархи молҳо ба ивазшавии ин молҳо бо молҳои ивазшаванда сабаб мешавад ва баръакс;

3) нархи молҳои пурракунанда **(Pc)** – (молҳое, ки якҷоя истифода мешаванд: мошин ва бензин, фурӯзонак ва батарайка, ракетка ва тӯби теннисӣ ва ғайраҳо) пастшавии нархи молҳои пурракунанда ба афзоиши талаботи моли додашуда оварда мерасонад ва баръакс;

4) реклама **(A)** – афзоиши рекламадиҳии ягон мол, одатан афзоиши талабот ва ин мол оварда мерасонад;

5) мӯд, рағбат ва дархостҳои истеъмолкунандагон **(T)** – мӯди пайдошудаистодаи ягон мол ва ё хизмат афзоиши талаботро ба ин мол ва ё хизмат ба миён меорад ва баръакс;

6) тағйирёбиҳои мавсимӣ дар талабот **(N)**. Талабот ба молҳои мавсимӣ (либоси зимистона, китобу дафтар дар арафаи соли таҳсил, гул барои иду айёмҳо ва ғайраҳо) ҳамавақт афзоиш меёбад;

7) пешбиниҳои харидорон **(W)** – агар харидорон дар оянда баландшавии нархи ягон молро пешбинӣ кунанд, онҳо кӯшиш мекунанд, ки ин молро пешакӣ харидорӣ намоянд, яъне талабот ба ин молҳо афзоиш меёбад;

8) омилҳои боқимонда **(B)**.

Бо назардошти ин омилҳо функсияи умумии талаботро дар намуди зерин ифода кардан мумкин аст:

$$\boldsymbol{Q_D} = \mathrm{f}(\boldsymbol{P}; \boldsymbol{I}; \boldsymbol{P_s}; \boldsymbol{P_c}; \boldsymbol{A}; \boldsymbol{T}; \boldsymbol{N}; \boldsymbol{W}; \boldsymbol{B} \qquad (8.5)$$

Ифода намудани ин тағйирёбандаҳои зиёд дар графики дутарафа ғайриимкон аст. Лекин таъсири онҳоро ба таври дигар ба эътибор гирифтан мумкин аст. Ҳангоми тағйирёбии омилҳои ғайринархии талабот тағйирёбии худи талабот ба миён меояд (афзоишёбӣ ва ё камшавӣ), ки бо ҳаракати худи

каҷхаттаи талабот ба тарафи рост (ҳангоми афзоишёбии талабот) ва ё ба тарафи чап (ҳангоми камшавии талобот) ифода меёбад.

Ҳамин тавр, тағйирёбӣ дар талабот ва тағйирёбии ҳаҷми талаботро бояд фарқ кард. Тағйирёбӣ дар ҳаҷми талабот дар натиҷаи тағйирёбии нархҳо ба миён омада, тағйирёбӣ дар талабот бошад дар натиҷаи тағйирёбии омилҳои ғайринархӣ ба вуҷуд меояд.

Барои муайян намудани таъсири ин ё он омил ба ҳаҷми талабот, таъсири дигар омилҳоро бояд абстраксия намуд (истисно кардан), яъне принсипи «дар ҳолати шароитҳои баробар» - ро истифода бурадан лозим аст. Барои ин бояд ҳамаи нишондодҳо ба ғайр аз омили таҳлилшаванда бетағйир гузошта шаванд.

**Мафҳуми чандирнокӣ**. Ҳиссиёти харидорон ва фурӯшандагон ба тағйирёбии вазъияти бозорӣ, махсусан ба тағйирёбии нарх аз рӯи шиддатнокии худ метавонад гуногун бошад. Маълум аст, ки харидорон ба пастшавии нархи мошин ва атриёти франсузӣ ба таври гуногун ҳиссиёт карда, ба пастшавии нархи нон ва шир умуман дигар хел ҳиссиёт мекунанд. Дар ҳолати якум ҳаҷми фурӯш метавонад мохиятан афзояд, дар ҳолати дуюм бошад камтар тағйир ёбад.

Чандирнокӣ гуфта, дараҷаи ҳиссиёти як тағйирёбандаи иқтисодӣ нисбат ба тағйирёбии дигар тағйирёбандаи иқтисодӣ ба як фоиз мебошад.

Мафҳуми додашуда аз нуқтаи назари амалӣ ниҳоят муҳим аст. Масалан, амалигардонии сиёсати нархии оқилонаи фирма бе дарк намудани он, ки пастшавии нархи телевизорҳо ва ё мошинаи ҷомашӯӣ ба ҳаҷми фурӯш таъсир расонида, бинобар ҳамин ба ҳаҷми даромад аз фурӯш низ таъсир мерасонад. Ҳисоб намудани тағйирёбии ҳаҷми фурӯш ва ё хариди ин ё он мол ҷавобан ба тағйирёбии нарх ба таври гуногун, масалан миқдоран бо воҳид, тонна ва ё воҳидҳои пулӣ амалӣ карда шуданаш мумкин аст. Аммо ҳамаи ин муносибатҳо ахбороти иловагиро талаб намуда, худи онҳо натиҷаи комили пурраро таъмин намекунанд.

Масалан, хулоса оиди он, ки афзоиши нархи ҳасиб ба 3 сомонӣ камшавии ҳаҷми фурӯшро ба 10 тонна оварда расонид,

бе маънидодкунии иловагӣ ягон асос надорад. Оё тағйирёбии нарх калон буд? Агар ин ҳолат соли 1998 ба миён омада бошад, вақте ки нархи ҳасиб 1000 рубл ва зиёда аз он буд, тағйирёбӣ калон нест. Леки нагар ин ҳолат дар ибтидои солҳои 2002 – ум ба миён омада бошад, ки дар ин давра нархи ҳасиб 8 – 10 сомонӣ буд, дар ин ҳолат чунин тағйирёбӣ калон аст. Инчунин пастшавии ҷиддии ҳаҷми фурӯш низ номаълум аст. Агар ҳаҷми фурӯши ибтидоӣ 20 тонна бошад ва ё 400 тонна бошад хулосаҳо гуногун хоҳанд шуд.

Баҳодиҳии чандирнокӣ бо ҳисоби фоиз имконият медиҳад, ки зиддиятҳои дар боло қайд шуда бартараф карда шуда, нишондиҳандаи ягона барои ҳама ҳодисаҳо сохта шавад. Чунин нишондиҳандаро **коэффитсиенти чандирнокӣ** меноманд. Ин коэффитсиент ҳамчун нисбияти тағйирёбии фоизии як бузургӣ ба тағйирёбии фоизии дигар бузургӣ муайян карда мешавад.

**Чандирии талабот аз рӯи нарх**. Вобастагии тағйирёбии талабот аз тағйирёбии нарх чандирнокии талабот аз рӯи нарх номида мешавад. Одатан чунин вариантҳои чандирии талаботро аз рӯи нарх фарқ мекунанд:

1) талаботи чандир (**$E_d$>1**), ҳолате, ки дар он пастшавии наонқадар ҷиддии нарх ба афзоиши зиёди ҳаҷми фурӯш оварда мерасонад;

2) чандирии ягонаи талабот (талаботи яккачандир) (**$E_d$=1**), ҳолате, ки дар он тағйирёбии нарх бо ифодаёбии фоиз, ба тағйирёбии фоизии ҳаҷми фурӯш баробар аст;

3) талаботи ғайричандир **(Ed<1)** ҳолате, ки дар он нарх паст мешавад, вале тағйирёбии ҷиддии ҳаҷми фурӯш ба миён намеояд;

4) талаботи мутлақо чандир **($E_d$=∞)**, ҳолате, ки дар он нарх паст шуда, ҳаҷми фурӯш номаҳдуд зиёд мешавад;

5) талаботи мутлақо ғайричандир **($E_d$=0)**, ҳолате, ки дар он ҳангоми пастшавии нарх, ҳаҷми фурӯш тағйир намеёбад.

Анаакнун қоидаҳои асосӣ ва ё омилҳои чандирии талаботро аз рӯи нарх муайян намудан мумкин аст:

**Қоидаи 1.** Чӣ қадаре, ки мол ивазшаванда дошта бошад, ҳамон қадар талабот ба ин мол чандирнок мебошад, чунки тағйирёбии нархҳои молҳои ивазшаванда ва ивазкунанда

ҳамавақт имконияти интихоб намудани моли арзонро дар назар дорад. Мавҷуд набудани молҳои ивазшаванда чандирнокии мутлақ ва ё талаботи мутлақо ғайричандирро ба миён меорад. Масалан, барои намак моли ивазшаванда вуҷуд надорад, бинобар ҳамин дар ҳар як сатҳи нарх, талаботи ба намак наонқадар ҷиддӣ тағйир меёбад. Лекин, агар нархи ягон тамғаи шампун баланд шавад, дар ин ҳолат бисёре аз харидорон ба хариди шампуни тамғаи дигар мегузаранд.

**Қоидаи 2.** Чӣ қадаре, ки эҳтиёҷотҳо зарур бошанд, ҳамон қадар чандирнокии талабот ба ин мол хурд мешавад. Масалан, чандирии талабот ба нон нисбат ба чандирии талаботи шустушӯи кимёвӣ пасттар аст.

**Қоидаи 3.** Чӣ қадаре, ки вазни қиёсии хароҷот ба моли додашуда дар хароҷотҳои истеъмолкунанда зиёд бошад, ҳамон қадар чандирнокии талабот балтанд аст. Бо баробари ин бояд дар назар дошт, ки ин қоида дар ҳолати доимии амал намудани омили додашуда ва аҳамияти маҳсулот барои истеъмолкунанда иҷро карда мешавад. Масалан, хамираи дандоншӯи барои истифодаи доимӣ бо миқдори муайян дастрас карда шуда, хароҷот барои он бошад наонқадар зиёд аст. Бинобар ҳамин баландшавии нархи ин мол ба тағйирёбии талаботи он оварда намерасонад. Лекин, агар нархи гӯшт, ки маҳсулоти хӯроквори ба ҳисоб меравад, баланд шавад, талабот ба он паст мешавад, зеро хароҷот барои дастрас кардани гӯшт дар буҷети оилавӣ нисбатан калон аст. Ин ҳолат метавонад ба ҳаҷми коэффитсиенти чандирнокӣ ба таври ҷиддӣ таъсир расонад.

**Қоидаи 4**. Чӣ қадаре, ки дастрасии мол маҳдуд бошад, ҳамон қадар чандиркии талабот ба ин мол паст мешавад. Ин ҳолати норасогӣ (дефитсит) мебошад. Аз ҳамин сабаб фирмаҳои монополист барои ба миён овардани норасогӣ кӯшиш мекунанд, чунки ин ҷараён имконияти баланд кардани нархро ба миён меорад.

**Қоидаи 5.** Чӣ қадаре, ки дараҷаи қонеъгардонии эҳтиёҷот баланд бошад, ҳамон қадар чандирии талабот паст мешавад. Масалан, агар ҳар як аъзои оила соҳиби мошин бошад, он гоҳ харидани боз як мошин танҳо дар ҳолати ниҳоят пастшавии нарх имконпазир мегардад.

**Қоидаи 6.** Чӣ қадаре, ки мол маҷмӯавӣ (агрегатсия) шуда бошад, ҳамон қадар чандирии талабот паст мешавад. Бо баробари ин зери мафҳуми маҷмӯавӣ, имконияти муттаҳидкунии мол бо дигар молҳо ба гурӯҳҳои васеъшаванда дар назар дошта шудааст.

1. Панири гудохташудаи «Виола» дар мағозаи «Пайкар».
2. Панири гудохташудаи «Виола».
3. Панири гудохташуда.
4. Панир.
5. Маҳсулоти ширӣ.

Дар мисоли додашуда дараҷаи маҷмӯашавии мол афзоиш меёбад. Талабот ба моли нисбатан маҷмӯашуда, яъне маҳсулотҳои ширӣ чандирии нисбатан хур дорад.

**Қоидаи 7.** Талабот бо мурури вақт нисбатан чандирии зиёд пайдо мекунад. Ин гуфтаҳо бо он маънидод карда мешаванд, ки барои гузариши истеъмолкунанда аз истеъмоли маҳсулоти ибтидоӣ ба истеъмоли молҳои нав, вақт лозим аст. Ба ғайр аз ин, ҳангоми баландшавии нархҳои баъзе мол ва хизматҳо (хона, нақлиёт) барои интихоби вариантҳои нави ивазшаванда фосилаи вақт лозим аст. Айнан ҳамин тавр корхонаҳо ҳангоми, масалан, баландшавии нархи нафт, газ ва ғайраҳо рафтор мекунанд, онҳо якбора талаботро ба молҳои додашуда кам намекунанд, зеро барои азнавсозии истеҳсолот, тағйирдиҳии технология, ҷустуҷуи сарчашмаҳои нави даромад, ба онҳо вақт лозим аст.

Бузургии чандирнокии талабот. Чандирнокии талаботро аз рӯи нарх бо воситаи коэффитсиенти чандирнокӣ, бо формулаи зерин муайян намудан мумкин аст:

$$E_D = \frac{\text{тағёирёбии } Q \text{ бо фоиз}}{\text{тағйирёбии } P \text{ бо фоиз}} = \frac{\Delta Q}{Q} \div \frac{\Delta P}{P} \qquad (8.6)$$

Одатан талабот барои молҳои қимматбаҳо аз рӯи нарх чандир мебошад – ҷавоҳирот, мӯина, мошин, телевизор, мошинҳои ҷомашӯӣ, компютери фардӣ ва ғайраҳо. Талабот ба молҳои эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи бо нархҳои нисбатан паст

ғайричандир мешавад – нон, картошка, либос, пойафзол, нақлиёти оммавӣва ғайраҳо.

**Чандирии талабот аз рӯи даромад** маънои иқтисодии зарурӣ дорад. Ин нишондиҳанда ҳиссиёти талаботро ҳангоми тағйирёбии даромади истеъмолкунандагон ҳисоб намуда, нишон медиҳад, ки то чӣ андоза талабот ҳангоми тағйирёбии даромади истеъмолкунанда ба як фоиз тағйир меёбад.

Чандирнокии талабот аз рӯи даромадро ҳамчун нистбияти тағйирёбии фоизии ҳаҷми талабот нисбат ба тағйирёбии фоизии даромад (**I**) муайян кардан мумкин аст:

$$E_I = \frac{\Delta Q}{\Delta I} \div \frac{I}{Q} \qquad (8.7)$$

Азбаски истеъмолкунанда талаботро ба молҳои гуногун ҳангоми тағйирёбии даромад ҳархела дигаргун мекунад, бинобар ҳамин нишондиҳанда низ метавонад бузургии ҳархелаи мусбӣ ва манфӣ дошта бошад. Масалан, агар истеъмолкунанда ҳаҷми харидро ҳангоми афзоиши даромад зиёд гардонад, дар ин ҳолат чандиринокӣ аз рӯи даромад мусбӣ мешавад **($E_I$>0)**. Дар чунин ҳолат сухан пеш аз ҳама оиди моли муқаррарии стандартӣ меравад. Масалан, оид ба ҷуфти иловагии пойафзол, ки онро харидор метавонад ҳангоми афзоишёбии даромад дастрас намояд. Агар афзоиши талабот аз афзоиши даромадро тезтар ба миён ояд **($E_I$>1)**, он гоҳ чандирии баланди талабот аз рӯи даромад вуҷуд дорад. Чунин ҳолат бо талабот ба молҳои истифодабариашон дурудароз, масалан, мошин ва ё компютерҳои фардӣ меравад, ки барои хариди онҳо одамон қарз мегиранд ва ё пасандозҳоро сарф мекунанд.

Лекин ҳодисаи баръакс низ имконпазир аст, ки дар он бузургии коэффитсиенти чандирнокӣ аз рӯи даромад манфӣ мегардад **($E_I$<0)**. Ин ҳолат барои молҳои пастсифат (навъҳои пасти ҳасибҳо, сигарет, маргарин ва ғайраҳо) ба миён омаданаш мумкин аст, яъне он молҳое,ки истеъмолкунандагон дар ҳолати даромади афзоишёфтаистода бо воситаи ивазкунӣ бо молҳои нисбатан баландсифат, камтар харидорӣ мекунанд.

**Чандирии мутақобилаи талабот**. Ҳиссиёти истеъмолкунандагон ба тағйирёбии нарх аз нархи молҳои дигар

вобастагӣ дорад. Вобастагии чандирии талабот ба як неъмат нисбат ба тағйирёбии нархи неъмати дигар, чандирнокии мутақобила номида мешавад. Ин намуди чандирнокӣ ҳиссиёти талабот ба моли **X**-ро ҷавобан ба тағйирёбии нархи моли **Y** нишон медиҳад. Коэффитсиенти чандирнокии талабот бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$E_D = \frac{\textit{тағйирёбии } Q_X \textit{ бо фоиз}}{\textit{тағйирёбии } P_Y \textit{ бо фоиз}} \times \frac{P_Y}{Q_X} \div \frac{P_Y}{Q_X} \qquad (8.8)$$

Чандирнокии мутақобилаи талабот мавҷудияти алоқаро дар истеъмолоти молҳои додашуда нишон медиҳад.

Агар **$E_{XY}$>0** бошад, яъне бо баробари афзоиши нархи моли Y талабот ба моли X афзоиш ёбад, он гоҳ ин гуна молҳо ивазшаванда (молҳои субститут) мебошанд. Афзоиши нархи гӯшти мурғ харидоронро маҷбур мекунад, ки ба истеъмоли моҳии нисбатан арзон гузаранд.

Агар **$E_{XY}$<0** бошад, яъне баландшавии нархи моли Y ба камшавии талаботи моли X сабаб шавад, он гоҳ ин гуна молҳо пурракунанда мебошанд, масалан,афзоиши нархи фотопленка талабот ба фотоаппартҳоро кам мекунад.

Агар **$E_{XY}$=0** бошад, яъне тағйирёбии нархи яке аз молҳо ба тағйирёбии миқдори талаботи моли дигар сабаб нашавад, он гоҳ ин гуна молҳо бо ҳам вобаста нестанд. Масалан, баландшавии нархи мошин ба миқдори намаки истеъмолмешуда таъсир намерасонад.

## 8.3. ПЕШНИҲОД – УНСУРИ МЕХАНИЗМИ БОЗОРӢ.

Азбаски бозор, пеш аз ҳама баҳамтаъсиррасонии харидорон ва фурӯшандагон аст, бинобар ҳамин мантиқи амалигардонии таҳлили рафтори харидорони дар тарафи талабот истодаро бояд бо таҳлили рафтори фурӯшандагони пешниҳоди мол ва хизматҳоро дар бозор муайянкунанда пурра намудан зарур аст.

**Пешниҳод чист?** Пешниҳод истилоҳи хулосавие мебошад, ки рафтори фурӯшандагонро дар бозор тавсиф

намуда, тайёрии соҳибкоронро барои фурӯши миқдори муайяни моли додашударо бо нархи назаррас дар фосилаи вақти муайян ифода мекунад. Тавсифҳои асосии пешниҳод ҳаҷми пешниҳод ва нархи пешниҳод мебошад.

**Ҳаҷми пешниҳоди мол** бо худ миқдори молро дар назар дорад, ки онро фурӯшандагон тайёранд бо нархи муайян ва дар фосилаи вақти муайян фурӯшанд.

**Нархи пешниҳод** – ин нархи ҳадди ақале, ки бо он фурӯшандагон розиянд миқдори муайяни молро фурӯшанд.

Байни ҳаҷми пешниҳод ва нархи пешниҳод вобастагии функсионалии (миқдории) муайян вуҷуд дорад, ки дар намуди қонуни пешниҳод ифода меёбад.

**Қонуни пешниҳод** дар назар дорад, ки ҳаҷми пешниҳоди мол дар ҳолати баланшавии нархи он афзоиш меёбад ва баръакс, ҳаҷми пешниҳоди мол дар ҳолати пастшавии нархи он кам мешавад. Ҳамин тавр, мантиқи қонуни пешниҳод дар он аст, ки байни нархи пешниҳод ва ҳаҷми пешниҳод алоқаи (вобастагии) рост вуҷуд дорад.

Бояд пешниҳоди инфиродӣ ва бозориро аз ҳамдигар фарқ кард. **Пешниҳоди инфиродӣ** – ин пешниҳоди мол аз тарафи фурӯшандаи алоҳида дар бозор буда, **пешниҳоди бозорӣ** бошад, ин пешниҳоди мол аз тарафи ҳамаи фурӯшандагон мебошад.

**Тарзҳои тасвиркунии пешниҳод вобаста аз нарх**. Агар фарз кунем, ки ҳамаи омилҳои пешниҳод, ба ғайр аз нархи мол дар давраи мушохидашаванда тағйир намеёбанд, он гоҳ вобастагии пешниҳодро аз нарх дар намди ҷадвали пешниҳод, ба таври аналитикӣ ва графикӣ тасвир кардан мумкин аст.

***Ҷадвали пешниҳод*** – ин ҷадвале, ки кадом миқдори мол бо нархҳои гуногун дар фосилаи вақти муайян фурӯхта мешаванд, нишон медиҳад (ҷадвали 8.2).

**Ҷадвали 8.2.**

| P | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Q | 0 | 5 | 10 | 15 | 20 | 25 | 30 |

***Тарзи аналитикӣ*** дар ишора намудани функсияи пешниҳод вобаста аз нарх дар намуди формулаи математикӣ ифода меёбад:

$$Q_S = f(P) \qquad (8.9)$$

Лекин дар ин шакли умумӣ ин формула вобастагии рости байни пешниҳод ва нархро ифода карда наметавонад.

Агар байни P ва Q вобастагии хаттӣ вуҷуд дошта бошад, он гоҳ дар намуди умумӣ функсияи пешниҳод вобаста аз нарх чунин намуд дорад:

$$Q_S = aP + b \qquad (8.10)$$

ки дар ин ҷо $a$ ва $b$ – коэффитсиентҳои ададӣ.

Баробарии функсия, ки вобастагии байни P ва Q – ро (ҷадвали 8.2) тавсиф мекунад, чунин намуд дорад:

$$Q_S = 5P - 5 \qquad (8.11)$$

***Тарзи графикӣ***. Хатти пешниҳодро ба таври графикӣ бо чунин тарз ифода кардан мумкин аст: ба график маълумоти ҷадвали пешниҳод гузаронида мешавад ва ё вобастагӣ бо воситаи алоқаи аналитикӣ сохта мешавад. График нишон медиҳад, ки хатти пешниҳод S хамшавии мусбӣ (хатти ба боло ҳаракаткунанда) дорад. Хамшавии каҷхаттаи пешниҳод қонуни пешниҳодро ифода мекунад, ки оиди афзоиши пешниҳоди мол дар ҳолати баландшавии нарх ва баръакс шаҳодат медиҳад.

**Омилҳои ғайринархии пешниҳод**. Ба ғайр аз нарх ба ҳаҷми пешниҳод омилҳои ғайринархӣ низ таъсир мерасонанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

1. Имкониятҳои техники истеҳсолкунанда, характери технологияи истифода шаванда **(K)**.
2. Нархи захираҳои истифодашаванда **($P_R$)**.
3. Андозҳо ва дотатсияҳо **(T, S)**.
4. Пешбинии фурӯшандагон **(W)**.
5. Нархи дигар молҳо **(Pn)**.
6. Миқдори фурӯшандагон **(N)**.
7. Дигар омилҳо **(B)**.

Бо назардошти ин омилҳо функсияи пешниҳод намуди зеринро мегирад:

$$Q_S = (P, K, P_R, T, S, W, P_n, N, B) \qquad (8.12)$$

Бояд тағйирёбӣ дар пешниҳод ва тағйирёбии ҳаҷми пешниҳодро фарқ кард. Агар ҳама омилҳои муайянкунандаи пешниҳод, ба ғайр аз нархи мол ва хизматҳо доимӣ бошанд, он гоҳ ҳангоми тағйирёбии нархи мол ва ё хизмат тағйирёбии ҳаҷми пешниҳод ба миён меояд. Дар ин ҳолат ҳаракат дар

каҷхаттаи пешниҳод ба назар мерасад. Ҳангоми тағйирёбии омилҳои ғайринархӣ, тағйирёбии худи пешниҳод (камшавӣ ва ё афзоишёбӣ) ба миён меояд. Ин ҷараён дар ҳаракати худи каҷхаттаи пешниҳод ба тарафи чап (ҳангоми камшавии пешниҳод) ва ё ба тарафи рост (ҳангоми афзоишёбии пешниҳод) ифода меёбад.

**Чандирнокии пешниҳод**. Ҳиссиёти ҳаҷми пешниҳод ба тағйирёбии нархи бозорӣ чандирнокии пешниҳодро нишон медиҳад. Ин нишондиҳандаро ҳамчун дараҷаи тағйирёбии миқдори мол ва хизматҳои барои фурӯш пешкаш шаванда ҷавобан ба тағйирёбии нархи бозорӣ муайян кардан мумкин аст.

Чандирнокии пешниҳод бо ёрии коэффитсиенти чандирнокӣ чен карда мешавад. Ин коэффитсиент ҳамчун нисбияти тағйирёбии фоизии миқдори моли пешкашшаванда ба тағйирёбии фоизии нарх ҳисоб карда мешавад. Формулаи ҳисоб намудани коэффитсиенти чандирнокии пешниҳод аз рӯи нарх (**E**s) чунин намуд дорад:

$$E_S = \frac{\text{тағёирёбии } Q \text{ бо фоиз}}{\text{тағйирёбии } P \text{ бо фоиз}} = \frac{\Delta Q}{Q} \div \frac{\Delta P}{P} \qquad (8.13)$$

Вариантҳои гуногуни шиддатнокии чунин тағйирёбиҳоро ба яке аз ҳодисаҳои асосии зерин мансуб донистан мумкин аст:

- *пешниҳоди чандирнок;*
- *пешниҳоди ғайричандир;*
- *пешниҳоди яккачандир.*

Ба ғайр аз ин чандирнокии пешниҳод метавонад бузургиҳои ҳудудӣ дошта бошад – пешниҳоди мутлақо чандир ва пешниҳоди мутлақо ғайричандир.

**Омилҳои чандирии пешниҳод**. Ба чандирнокии пешниҳод омилҳои гуногун таъсир мерасонанд:

- *омили вақт;*
- *нархи ашё ва масолеҳ;*
- *сатҳи музди меҳнат;*
- *мизони фоиз;*
- *мавҷудияти иқтидорҳои истеҳсолии захиравӣ;*

- *хислати маҳсулот*.

Барои чандирнокӣ омили вақт аҳамияти калон дорад, яъне даврае, ки дар он истеҳсолкунандагон имконият доранд ҳаҷми пешниҳодро ба тағйирёбии нарх мувофиқ намоянд. Одатан се давраи вақтро аз ҳам ҷудо мекунанд:

1) давраи кӯтоҳтарини бозорӣ, ки ниҳоят кӯтоҳ аст, ки истеҳсолкунандагон ба тағйирёбии талабот ва нарх бо тезӣ таасур карда наметавонанд. Дар ин давра ҳама омилҳои истеҳсолот доимӣ мебошад ва бинобар ҳамин ҳаҷми пешниҳод доимӣ аст;

2) давраи кӯтоҳмуддат, ин даврае, ки дар он иқтидорҳои истеҳсолӣ бетағйир боқӣ мемонанд, лекин шиддатнокии истифодабарии онҳо тағйир меёбанд, яъне як қатор омилҳои истеҳсолот тағйирёбанда мешаванд – ашё, масолеҳ, қувваи корӣ ва ғайраҳо;

3) давраи дарозмуддат, даврае, ки дар он барои тағйирёбии иқтидорҳои истеҳсолӣ, ташкили корхонаҳои нав имконият пайдо шуда, ҳамаи омилҳои истеҳсолот тағйирёбанда мешаванд.

## 8.4. НАРХИ МУВОЗИНАТӢ ВА МУВОЗИНАТИИ ҲАҶМИ ТАЛАБОТ ВА ПЕШНИҲОД.

**Тавсифи ҳолати мувозинатии бозор**. Ҳолати мувозинатии иқтисодӣ бо он тавсиф карда мешавад, ки ягон субъекти иқтисодӣ барои тағйирёбии он бо ёрии воситаҳои дар ихтиёр дошта манфиатдор нест.

Дар адабиёти иқтисодӣ мувозинатии қисмӣ, умумӣ ва аслиро фарқ мекунанд. **Мувозинатии қисмӣ** – ин мувозинатие, ки дар бозорҳои моли инфиродӣ пойдор карда мешавад. **Мувозинатии умумӣ** – ин мувозинатие, ки ҳамчун низоми ягонаи баҳамалоқаманд баромад мекунад, ки аз тарафи тамоми ҷараёнҳои бозорӣ дар асоси қонуни рақобати озод таъсис дода шудаанд. **Мувозинатии аслӣ** – ин мувозинатӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ, ки дар шароитҳои аслии бозор, дар ҳолати

рақобати номукаммал ва омилҳои берунаи ба бозор таъсиррасонанда пойдор карда мешавад.

Моделҳои зиёди мувозинатии макроиқтисодӣ вуҷуд доранд. Ба шумораи моделҳои асоситарин инҳоро дохил кардан мумкин аст: «Ҷадвали иқтисодии Ф.Кенэ», «Схемаи такрористеҳсоли оддии К.Маркс», «Модели мувозинатии умумии иқтисодии Л.Валрас», «Модели хароҷот – барориши В.Леонтев», «Механизми мувозинатии Маршал».

**Ф.Кенэ** аввалин шуда кӯшиши тасвир кардани ҷараёни такрористеҳсол ва гардиши маҳсулоти маҷмӯавии ҷамъиятро амалӣ гардонидааст. Ҷараёни такрористеҳсол, мувофиқи шартҳои «Ҷадвали иқтисодӣ» аз панҷ амал иборат аст:

- ***моликиятдорон ба як млрд. ливр (воҳиди пулии Франсияи хамонвақта)*** *аз синфи истеҳсолкунанда молҳои истеъмолиро мехаранд. Дар натиҷа 1/5 маҳсулоти кишоварзӣ фурӯхта мешавад;*
- *моликиятдорон ба 1 млрд. ливр аз синфи бемаҳсул маҳсулотҳои саноатиро харидорӣ мекунанд;*
- *синфи бемаҳсул ба пулҳои аз моликиятдорон ба даст оварда аз синфи истеҳсолкунанда молҳои истеъмолиро харидорӣ мекунанд (1/5 маҳсулоти кишоварзӣ);*
- *синфи истеҳсолкунанда ба даромади аз синфи бемаҳсул ба даст оварда аз худи онҳо олотҳои меҳнатро харидорӣ мекунад;*
- *синфи бемаҳсул аз синфи истеҳсолкунанда ашёи кишоварзиро барои тайёр намудани маҳсулоти саноати харидорӣ мекунад.*

Умуман дар ҷараёни гардиш байни синфҳо дар ҳаҷми 3 млрд. ливр маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ҳаҷми 2 млрд. ливр маҳсулоти саноатӣ фурӯхта шуд. Маҳсулоти дар дасти синфи истеҳсолкунанда дар ҳаҷми 2 млрд. ливр боқи монда аз тарафи худи онҳо барои рӯйпӯшкунии донаҳои сарфшуда ва истеъмолот истифода мешаванд.

К. Маркс тамоми такрористеҳсоли ҷамъиятиро ба ду ҷузъ ҷудо намуд: ҷузъи **I** – истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот; ҷузъи **II** – истеҳсоли молҳои истеъмолӣ. Ҳангоми такрористеҳсоли оддӣ мубодилаи маҳсулот байни ду ҷузъҳо дар асоси се шарти амаликунии маҳсулоти ҷамъиятӣ ба миён меояд:

1) $I(v + m) = IIc;$

2) $Ic + IIc = I(c + v + m);$

3) $I(v + m) + II(v + m) = II(c + v + m)$

**Модели «харочот - барориш».** В.Леонтев дар асоси ақидаҳои Л.Валрас оид ба мувозинатии макроиқтисодӣ тавозуни байнисоҳавии **«харочот - барориш»**-ро таҳия намуд. Маънои модели «харочот - барориш» дар мушоҳидаи ду нуқтаи назари соҳаҳои гуногун ва секторҳои иқтисодиёт ифода меёбад: аз як тараф, ҳамчун истеъмолкунандагони маҳсулот, аз тарафи дигар ҳамчун истеҳсолкунандагони ин ё он намуди мол ва хизмат барои истеъмоли худӣ ва эҳтиёчотҳои дигар соҳаҳо ва секторҳои иқтисодиёт. Сохтори шоҳмотмонанди тавозун риоя намудани ҳолатҳои мувозинатиро таъмин намуда, натичаҳои сатр ва сутунҳои ҳамном байни худ баробаранд. Чадвали шоҳмотмонанди «харочот – барориш» алоқаи байни ҳачми талаботи ниҳоиро ба маҳсулот бо назардошти соҳа, аз як тараф ва аз тарафи дигар сохтори соҳавии бавучудовардани захираҳои маҳсулоти барои ба пуррагӣ қонеъгардонии талабот зарур бударо ифода мекунад. Аввалин чадвали «харочот – барориш» аз тарафи В.Леонтев соли 1936 барои ИМА бо назардошти 41 соҳаи иқтисодиёт тартиб додашуда буд. Дар давраи муосир чунин чадвалҳо барои 400 соҳаҳо тартиб дода мешаванд.

**Мувозинатӣ дар иқтисодиётӣ нақшагӣ.** Дар иқтисодиёти нақшагӣ мувозинатӣ бо қонунҳои умуман дигар пойдор мешавад. Дар низоми иқтисодиёти нақшагӣ алоқаи хочагидорӣ байни ду моликиятдорони хусусӣ ба амал наомада, балки байни давлат ва субъектони ба он итоаткунанда амалӣ карда мешавад. Давлат нархҳоро мустаҳкам мегардонад, ва агар нархи мустаҳкамгашта мувозинатии талабот ва пешниҳодро ифода накунад, дар ин ҳолат норасогӣ ба миён меояд.

Дар шароитҳои иқтисодиёти нақшагӣ, ба чои нархҳои тағйирёбандаи бозорӣ ҳачми истеҳсолот ва истеъмолот баромад карда, ба чои молҳои чисмонӣ номгӯи маҳсулотҳо пайдо шуда, муомилаҳои молӣ бо механизмҳои кулан дигар иваз карда мешаванд. Маркази иқтисодӣ истеҳсолот ва истеъмолотро баробар мекунад. Дар хочагидории аслӣ миллионҳо номгӯи маҳсулотҳо истеҳсол ва истеъмол карда мешаванд. Барои ҳама номгӯи ин молҳо марказ бояд

мувозинатиро таъмин намояд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки мувозинатӣ дар иқтисодиёти нақшагӣ ҳамон қадар пурратар аст, агар бюрократия истеҳсол ва истеъмоли номгӯи молҳоро зиёдтар назорат кунад.

Лекин, мавқеъҳои номгӯӣ миллионҳоанд. Бинобар ҳамин маълум аст, ки назорати номгӯӣ пурра шуда наметавонад. Мувофиқан, норасогӣ ҳамчун шакли махсуси номувозинатӣ дар иқтисодиёти нақшагӣ баромад мекунад.

**Мувозинатии бозорӣ**. Мувозинатии бозорӣ чунин ҳолати бозорро дар назар дорад, ки дар он дар сатҳи муайяни нарх талабот ба пешниҳод баробар аст.

Чӣ хеле ки таҳлили пешина нишон дод, омӯзиши талабот ва пешниҳод дар алоҳидагӣ имконият медиҳад, ки қонуниятҳои мутобиқшавии бузургиҳои онҳо ба сатҳҳои гуногуни нархҳо муайян карда шаванд. Лекин, дар бозор дар ҳар як лаҳзаи вақт наҳама сатҳҳои нарх, балки танҳо як сатҳи он ҷорӣ карда мешавад. Саволе ба миён меояд, ки бо чӣ ҳаҷми нарх муайян карда мешавад? Барои ҷавобгузорӣ ба ин савол бояд таҳлили якҷояи талабот ва пешниҳод гузаронида шавад, яъне амали якҷояи онҳо тадқиқ карда шавад.

Агар мо ҷадвалҳои талабот ва пешниҳодро дар алоҳидаги дида бароем (ҷадвадҳои 8.1 ва 8.2), он гоҳ мебинем, ки дар ҳар як сатҳи нархҳо ҳаҷми талабот ва пешниҳод, одатан фарқияти калон доранд. Лекин, танҳо як нарх вуҷуд дорад, ки дар он миқдори моле, ки фурӯшандагон тайёранд фурӯшанд ба миқдори моли мехаридаи харидорон мувофиқат мекунад. Ба ин ақида дар натиҷаи ҳал намудани системаи баробариҳо омадан мумкин аст. Масалан, бо воситаи ҳал намудани баробариҳои зерин: $Q_D = 35 - 5P$ ва $Q_S = 5P - 5$, мо ҷавоби якхелларо, яъне 4-ро ба даст меорем.

Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки тавсири графикӣ бо мақсадҳои назариявӣ нисбатан осонтар аст, чунки он имконият медиҳад, ки на танҳо нархи умумии талабот ва пешниҳод дарёфт карда шавад, балки қонуниятҳои бо он алоқаманд бударо аёнтар ифода намояд.

Мувофиқати манфиатҳои харидорон ва фурӯшандагонро дар график нуқтаи бурриши каҷхаттаҳои талабот ва пешниҳод тавсиф менамояд. Нуқтаи мазкурро одатан нуқтаи мувозинатӣ

меноманд, чунки дар он талабот айнан бо пешниҳод баробар аст. Нарх ва ҳаҷми ба ин нуқта мувофиқро нархи мувозинатӣ ва ҳаҷми мувозинатӣ меноманд. Хуллас, нархи мувозинатӣ – ин нархи ягонае, ки ба шартҳои зерин мувофиқат мекунад:

$$P_E = P_D = P_S \qquad (8.14)$$

ки дар ин ҷо: $\mathbf{P_E}$ – нархи мувозинатӣ; $\mathbf{P_D}$ – нархи талабот; $\mathbf{P_S}$ – нархи пешниҳод.

Дар ин сатҳи нарх дар бозор баробарии миқдори мол ва хизматҳои талабшаванда ва пешкашшаванда низ баробар мешаванд:

$$Q_E = Q_D = Q_S \qquad (8.15)$$

ки дар ин ҷо: $\mathbf{Q_E}$ – ҳаҷми мувозинатӣ; $\mathbf{Q_D}$ – ҳаҷми талабот; $\mathbf{Q_S}$ – ҳаҷми пешниҳод.

Лекин, дар ҳамагуна сатҳи нарх ҳаҷми пешниҳод ва талабот мувофиқат намекунанд. Агар нарх аз сатҳи мувозинатӣ баланд бошад **($P_1$>$P_E$)**, дар ин ҳолат барзиёдии пешниҳод ба миён меояд **($Q_S$>$Q_D$)**, агар нарх аз сатҳи мувозинатӣ паст бошад **($P_2$<$P_E$)**, он гоҳ барзиёдии талабот ва ё норасогии (дефитсити) пешниҳод ба назар мерасад, яъне миқдори пешниҳод аз миқдори талабот хурд аст **($Q_S$<$Q_D$)**.

Нархи мувозинатие, ки дар натиҷаи амал намудани қувваҳои рақобатии бозор ба миён меояд, вазифаҳои асосиро дар иқтисодиёт иҷро мекунад:

***вазифаи ахборотӣ*** – бузургии он барои ҳамаи субъектони иқтисоди бозорӣ ҳамчун нишона баромад мекунад;

***вазифаи меъёргузорӣ*** – нарх тақсимоти молҳоро бо воситаи ишорат (огоҳкунӣ) меъёргузорӣ менамояд, яъне харидоронро оид ба дастрасии моли додашуда ва ҳаҷми харидорӣ карда мешудаи он дар сатҳи даромади додашуда хабардор мекунад. Инчунин нарх ба истеҳсолкунанда низ бо воситаи муқоисакунии хароҷоти истеҳсоли бо нарх таъсир расонида, ҳамзамон талаботи истеҳсолкунандаро ба омилҳои истеҳсолот меъёргузорӣ менамояд;

***вазифаи ҳавасмандгардонӣ*** – нарх истеҳсолкунандагонро барои васеъкунӣ ва ё маҳдудкунии истеҳсолот, иваз намудани технология ва номгӯи мол водор месозад, то ки хароҷотҳои онҳо бо нарх мувофиқат карда, фоидаи муайянро таъмин намояд.

**Барзиёдии истеъмолкунанда ва барзиёдии истеҳсолкунанда**. Ин мафҳумҳоро ба назарияи иқтисодӣ А.Маршалл ворид намудааст. **Барзиёдии истеъмолкунанда** – ин фарқи байни нархи талабот, яъне нархи ҳадди аксаре, ки истеъмолкунандагон тайёранд барои миқдори муайяни мол пардохт намоянд ва нархе, ки онҳо дар ҳақиқат дар сатҳи нархи мувозинатӣ пардохт кардаанд. Бо ибораи дигар, дар бозор харидоре ҳастанд, ки тайёранд нархи аз сатҳи мувозинатӣ баландро пардохт намояд, лекин дар асл онҳо нархи мувозинатиро пардохт мекунанд. Ин фарқият барзиёдии истеъмолкунандаро ташкил мекунад. Барзиёдии истеҳсолкунанда – ин фарқи байни нархи бозорие, ки истеҳсолкунанда барои моли худ ба даст овардааст ва он нархе, ки бо он ӯ тайёр буд моли худро фурӯшад. Бо ибораи дигар, дар бозор истеҳсолкунандагоне ҳастанд, ки тайёранд моли худро бо нархи аз сатҳи мувозинатӣ пасттар фурӯшанд.

Ҷамъи барзиёдии истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон манфиати ҷамъиятиро тавсиф мекунад, ки дар натиҷаи мавҷудияти мувозинатии бозорӣ ба миён меояд. Манфиати ҷамъиятӣ ҳодисаи зарурии иқтисодиро нишон медиҳад: нархи мувозинатии бозорӣ ба агентҳои бозорӣ имконият медиҳад, ки амалҳои худро мувофиқат кунонанд ва созишномаи тарафайн ба миён ояд. Бо баробари ин шартҳои савдо то даме ислоҳ карда мешаванд, ки дар он ин маҷмӯаҳо мувозинат нашаванд, яъне то даме ки талабот бо пешниҳод баробар нашавад. Мувозинатии рақибона имконият медиҳад, ки афзалияти ҳадди аксар барои ҳар ду иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ таъмин карда шавад. Бо шарофати нархи мувозинатӣ харидорон бисётар молҳоро бо нархҳои пасттар нисбат ба хоҳиши пешинаи дастрас кардани мол мол бон архи баландтар харидорӣ карданд, истехсолкунандагон бошанд бисёртар молҳоро бо нархҳои нисбатан баланд аз нархи пастаре, ки ба он розӣ буданд, фурӯхтанд.

Дар назарияи иқтисодӣ натиҷаҳои ин ҳодиса аз мавқеъи самаранокии Парето (1848 – 1923) баҳо дода мешаванд. Парето принсипи муносибро (оптимальность) таҳия намуд, ки чунин маънидод карда мешавад: некуаҳволии ҳадди аксар ва ё фоиданокии умумӣ дар чунин шароит дастрас карда мешавад, ки дар он кӯшиши баланд намудани некуаҳволии шахсони алоҳида ба пастшавии сатҳи зиндагонии ягон аъзои ҷамъият оварда нарасонад. Ба ақидаи В.Парето, ин принсип дар шароити рақобати номаҳдуд амалӣ шуда метавонад.

Бо ибораи дигар, тақсимоти захираҳо бо воситаи механизми нархҳо, агар дигар тақсимоти имконпазири беҳтарнамудани некуаҳволӣ вуҷуд надошта бошад, самаранокии Парето номида мешавад.

Чи хеле ки дар адабиёти иқтисодӣ аз нуқтаи назари таъмини шароити мусоид қайд карда мешавад, ин шароит наонқадар зарур бошад хам, нокифоя мебошад, азбаски чунин тақсимоти ноадолатона, ки ҳангоми он боигарӣ дар дасти гурӯҳи муайян қарор гирифта, тақдири гурӯҳҳои боқимонда камбизоати мебошад. Бо вуҷуди ин чунин тақсимот мувофиқи Парето дар ҳолати мавҷуд набудани тарзҳои беҳтар намудани ҳолати камбизоатон аз ҳисоби сарватмандон, оптималӣ мебошад.

Алоқаи байни самаранокӣ мувофиқи Парето ва мувозинатии рақибона дар таҳлили иқтисодӣ бо воситаи ду теоремаҳои фундаменталӣ маънидод карда мешаванд.

**Теоремаи якуми** назарияи иқтисодии некуаҳволӣ чуни наст: агар бозори озод мавҷуд бошад, дар ин ҳолат иқтисодиёт захираҳоро самаранок тақсим мекунад. Бо ибораи дигар: ҳар як мувозинатии рақобатнок мувофиқи Парето самаранок мебошад.

**Теоремаи дуюми** назарияи иқтисодии некуаҳволӣ тасдиқ мекунад, ки барои ҳар самаранокии Парето дар тақсимоти захираҳо чунин варианти azнавтақсимкунии онҳо вуҷуд дорад, ки ин тақсимот аз нуқтаи назари самаранокии Парето тақсимоти нави захираҳо дар шароити мувозинатии рақобатнок ба ҳисоб меравад.

Дар асл нархҳои аслии бозорӣ на ҳамавақт бо нархи мувозинатӣ мувофиқат мекунад, яъне бозор ҳамавақт аз ҳолати

мувозинатӣ дур аст. Маълум аст, ки ҳеҷ кас ба истеҳсолкунанда барои ҷорӣ намудани нарх дар ҳаҷми 25% аз сатҳи мувозинатӣ баландтар халал намерасонад. Мо муайян намудем, ки одатан харидороне ёфт мешаванд, ки ба ин нарх розӣ ҳастанд.

Лекин, бозор ба ҳолати мувозинатӣ кӯшиш мекунад. Бо ибораи дигар ҳолати мувозинатии бозорӣ ба ҳолати устуворӣ майл дорад. Ин тасдиққуниҳоро бо воситаи мушоҳида намудани ҳолатҳои вайроншавии мувозинатии бозорӣ асоснок кардан мумкин аст.

Модели аввалини назариявии мувозинатии умумӣ дар шароитҳои бозори классикӣ аз тарафи иқтисодчии швейтсарӣ Л.Валрас (1834 – 1910) ҳамчун назарияи мувозинатии умумии рақобатӣ коркард шуда буд. Модели аз тарафи Л.Ваорас пешкаш шуда шаклан модели макроиқтисодӣ буда, лекин таркибан дар нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ асос гирифтааст, ки рафтори истеҳсолкунандагони алоҳида ва истеъмолкунандагони молҳоро дар бозор тавсиф мекунад. Модели Валрас дар истифодабарии нархҳои мувозинат асос мегирад, ки онҳо мувозинатии талабот ва пешниҳодро таъмин менамоянд. Фарз мекунем, ки дар натиҷаи амал намудани ягон қувваҳои бозорӣ, нарх аз сатҳи мувозинатӣ баланд шуд. Чунин ҳолат ба пайдоиши барзиёдии мол оварда мерасонад, яъне дар сатҳи пойдоршудаи нарх қисми фурӯшандагон моли худро фурӯхта наметавонанд. Тарзи ҳақиқии раҳои аз ин ҳолат барои фурӯшандагон ин паст кардани нархҳо мебошад, ки ба афзоиши ҳаҷми фурӯш оварда мерасонад, чунки харидорон бо нархҳои пастшуда талаботҳои худро зиёд мекунанд. Маълум аст, ки ҷараёни пастшавии нарх ва афзоиши ҳаҷми фурӯш то он лаҳзаи пойдоршавии нархи мувозинатӣ давом мекунад, ки бо он фурӯшандагон метавонанд ҳамаи молҳои пешкаш мешударо фурӯшанд ва баъдан рағбати онҳо барои паст кардани нархҳо аз байн меравад. Дар ҳолати баръакс, яъне тағйирёбии нарх аз сатҳи мувозинатӣ ба тарафи пастшавӣ, афзоиши ҳаҷми талабот ба миён омада, норасогии (дефитсити) мол ба вуҷуд меояд. Бо нархҳои нисбатан паст барои ҳамаи истеъмолкунандагон мол намерасад ва фурӯшандагон вобаста аз шароити ба миён омада молҳоро бо нархҳои баландтар мефурӯшанд. Чунин ҷараён то

лаҳзае давом мекунад, ки дар он мувозинатии талабот ва пешниҳод дастрас карда шавад.

Муносибати нисбатан дигарро барои маънидодкунии механизми пойдоркунии мувозинатии бозорӣ иқтисодчии англис А.Маршалл истифода бурдааст. Ӯ гумон мекард, ки фурӯшандагон ба вайроншавии мувозинатии бозорӣ мутаасир шуда, нархҳоро тағйир надода, ҳаҷми пешниҳодро тағйир медиҳанд. Мантиқи хаёлоти Маршалл чунин аст. Дар ҳамагуна ҳаҷми истеҳсолоти аз сатҳи мувозинатӣ кам, нархи пешниҳод аз нархи талабот пасттар аст. Ин ҳолат барои фурӯшандагон фоидаовар аст, зеро онҳо молҳои худро бо нархи талабот ба фурӯш гузошта, фоидаи зиёдеро ба даст меоранд. Чунин ҳолати фоидаовар фирмаҳоро маҷбур мекунад, ки истеҳсолотро зиёд гардонанд. Дар натиҷа пешниҳод афзоиш ёфта, нархҳо оҳиста – оҳиста то сатҳи мувозинатӣ паст мешавад.

Айнан бо ҳамин тарз, вақте ки ҳаҷми аслии истеҳсолот аз сатҳи мувозинатӣ зиёд мешавад, нархи пешниҳод аз нархи талабот баланд мешавад. Ин ҳолат маънои онро дорад, ки молҳо бон архи талабот, яъне аз арзиши аслӣ камтар фурӯхта мешаванд. Маълум аст, ки дар чунин ҳолат хоҳишмандон барои истеҳсоли ин гуна мол кам мешавад. Дар натиҷа пешниҳод то сатҳи мувозинатӣ кам шуда, нархҳо бошанд оҳиста – оҳиста то сатҳи мувозинатӣ баланд мешаванд.

Хуллас, муносибати Л.Валрас ва муносибати А.Маршалл ба ҳолати мувозинатӣ аслияти бозорро инъикос карда, амал намудани ҳар яки онҳо дар марҳилаи муддати муайян ифода меёбад.

Масалан, тағйирёбии нархҳо (механизми Л.Валрас) ба пойдорашавии мувозинатӣ дар марҳилаи кӯтоҳ мусоидат мекунад. Дар шароите, ки молҳо бо миқдори муайян истеҳсол карда шудаанд, мутобиқаткунонии ҳаҷми пешниҳод ба ҳаҷми талабот танҳо бо воситаи тағйирдиҳии нарх имконпазир аст. Бо ибораи дигар, ҳаҷми истеҳсолот дар чунин шароит додашуда мебошанд, нархҳо бошанд тағйирёбандаанд.

Тағйирёби ҳаҷми пешниҳод (механизми Маршалл), баръакс дар марҳилаи дарозмуддат бaромад мекунад. Дар шароити марҳилаи дарозмуддат барои қонеъгардонии ҳама гуна ҳаҷми талабот ҷорӣ намудани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ

имконпазир аст. Дар ин ҷода ба даст овардани фоида зарур аст. Дар чунин шароитҳо нарх нишонаи асосӣ мегардад, ки аз диққатҷалбкунандагии кадом андозаи васеъшавӣ ва ё маҳдудшавии истеҳсолот вобаста мебошад. Бо ибораи дигар, нарх ҳамчун додашуда ва пешниҳоди мол ҳамчун тағйирёбанда баромад мекунанд.

Функсияи талабот ва пешниҳоди Л.Валрас чунин намуд дорад:

$$Q_D = f(P) \tag{8.16}$$

$$Q_S = f(P) \tag{8.17}$$

шарти мувозинатӣ бошад чунин баробарӣ баромад мекунад:

$$Q_D = Q_S \tag{8.18}$$

Функсияи талабот ва пешниҳоди А.Маршалл чунин намуд дорад:

$$P_D = f(Q) \tag{8.19}$$

$$P_S = f(Q) \tag{8.20}$$

шарти мувозинатӣ бошад чунин баробарӣ баромад мекунад:

$$P_D = P_S \tag{8.21}$$

Назарияи иқтисодии муосир функсияҳои талабот ва пешниҳоди Л.Валрас ва тасвирҳои графикии ин функсияҳо аз тарафи А.Маршалл пешкаш шуда истифода мебарад, ки ба натиҷаҳои таҳлили баҳамтаъсиррасонии талабот ва пешниҳод таъсир намерасонад.

**Модели тортонашакл**. Ба ғайр аз моделҳои пойдоршавии мувозинатии бозории дар боло қайд шуда, боз як моделе мавҷуд аст, ки механизми таъсисёбии нархи мувозинатиро мефаҳмонад. Чунин модел, модели тортонашакл ба ҳисоб меравад. Нисбат ба моделҳои мушоҳида шуда, ин модели динамикӣ мебошад, ки омили вақтро ба назар мегирад. Бо ибораи дигар, ин модел ҷараёни таъсисёбии мувозинатии бозориро дар шароитҳое мушоҳида мекунад, ки дар он ҳиссиёти иштирокчиёни муомилаҳо ба тағйирёбии шароитҳои бозор дар фосилаи вақт паҳн карда шудааст.

Барои мисол одатан соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқро мегиранд. Фарз мекунем, ки истеҳсолкунандаи нахи пахта ба нархи бозорӣ нишон гирифта буд, ки бо он нахи пахтаро дар соли ҷорӣ фурӯхта буданд. Ӯ мавҷудияти нархи пойдоршударо дар оянда пешбинӣ карда, ҳаҷми истеҳсоли нахи пахтаро барои соли оянда дар асоси ин нарх муайян мекунад. Фарз мекунем, ки бозор аз ҳолати мувозинатӣ баромад. Талабот ба нахи пахта кам шуда, бон архи соли гузашта харидорон ҳамон қадар нахи пахтаро мисли пештара харидорӣ намекунанд. Барои фурӯхтани миқдори нахи пахтаи истеҳсолшуда, истеҳсолкунанда маҷбур мешавад нархро то сатҳи нархи талабот барои миқдори мавҷуд будаи нахи пахта паст намояд. Лекин чунин нархи паст як қатор истеҳсолкунандагонро маҷбур месозад, ки ин бозорро тарк намоянд. Пешниҳод кам шуда, дар бозор норасогӣ ба миён омада, нархҳо баланд мешаванд. Дар навбати худ ин ҳолат васеъшавии пешниҳодро (аз сатҳи пештара камтар) ба миён меорад. Дар оянда ин ҷараён бо схемаи додашуда амалӣ мегардад ва дар натиҷа бо давраҳои спирали маҳдудшавандаи нархи мувозинатӣ, истеҳсолкунандагон нархи мувозинатиро дарёфт мекунанд. Ҳамаи ин гуфтаҳо дар назар дорад, ки ҷудошавӣ аз ҳолати мувозинатӣ бо мурури замон хурд мешавад, яъне низоми бозорӣ ба ҳолати мувозинатӣ майл мекунад.

Лекин, модели тортонашакл ба монанди дигар моделҳо, ҳолати аслиро соддатар мекунад. Дар асл интихоби ҳаҷми пешниҳод барои соли оянда ба мутобиқшавии механикӣ ба шароитҳои нархии дар соли гузашта пойдор шуда, асос намегирад. Иштирокчиёни бозор кӯшиш мекунанд, ки ҳолатҳоро пешгӯи кунанд, баъзеи онҳо (пеш аз ҳама фирмаҳои монополист) имконият доранд ба ҳолатҳо таъсир расонанд. Инчунин каҷхаттаҳои талабот ва пешниҳод бетағйир намемонанд Зери таъсири омилҳои ғайринархӣ онҳо ҷунбиши доимиро ҳис мекунанд.

Бо вуҷуди ин, модели тортонашакл бо муносибати умумии худ ба мувозинатии бозорӣ фоидаовар аст, зеро нишон медиҳад, ки бозор на дар ҳама ҳолатҳо ба таври автоматӣ мувозинатиро ҷорӣ мекунад.

**Мувозинатии бозорӣ ва давлат**. Ҳолатҳое маълуманд, ки мувофиқи онҳо агар бозор қобилияти ба ҳолати мувозинатӣ бо воситаи механизмҳои азонихудӣ баргаштанро дошта бошад, он гоҳ танзими иловагии бозор аз тарафи давлат зарурият надорад. Агарчи мувозинатӣ номӯътадил бошад, яъне бозор қобилияти мустақилонаи баргаштан ба ҳолати мувозинатӣ надошта бошад, он гоҳ дахолати фаъолонаи давлат ба низоми бозорӣ зарур аст.

Воқеъияти аслии иқтисоди бозории муосир чуни наст, ки дар асл ягон мамлакате вуҷуд надорад, ки дар он ин ё он шакли дахолати давлат ба ҷараёнҳои нархгузорӣ амалӣ нагашта бошад.

**Шаклҳои дахолати давлат ба нархгузорӣ**. Варианти нисбатан паҳнгаштаи чунин дахолати давлат инҳо мебошанд: **якум**, назорати давлатӣ аз болои нархҳо; **дуюм**, ҷорӣ намудани андозҳо ва пешкаш намудани субсидияҳо.

**Назорати давлатӣ аз болои нархҳо**. Нархҳои мувозинатии ҷорӣ шуда, бо назардошти як қатор ҳолатҳо на ҳама вақт ба ҷамъият мувофиқ аст. Дахолати давлатӣ дар ин ҳолат метавонад шакли маҷбурии (қонунии) ҷорӣ намудани нархҳои устуворро гирад, ки ду намуд доранд:

- *вақте, ки нархҳои мувозинатӣ ба ҷамъият ниҳот баланд пешкаш карда мешаванд, давлат нархҳои аз стаҳи мувозинатӣ пасттарро (нархҳои ҳадди аксар ва ё нархҳои болоӣ) ҷорӣ мекунад;*
- *вақте, ки нархи мувозинатӣ ниҳоят паст бошад, дар ин ҳолат ба таври қонуни нархи аз сатҳи мувозинатӣ баландтар (нархи ҳадди ақал ва ё нархи поёни) ҷорӣ карда мешавад.*

**Оқибатҳои устуворкунии нархҳо**. Ҷорӣ намудани нархҳои устувор ба вайроншавии мувозинатии бозории ба мо маълум, яъне ба барзиёди ва ё ба норасогӣ оварда мерасонад:

- *агар нархҳои устувор аз сатҳи мувозинатӣ паст бошанд, норасогии молҳо ба миён меояд;*
- *агар нархҳои устувор аз сатҳи мувозинатӣ баланд бошад, барзиёдии молҳои ба миён меояд.*

Дар ҳар ду ҳолатҳо, ҳангоми нархгузории озод бозор метавонад механизми раҳоиро аз ҳолати номувозинатӣ дарёфт

намояд. Вақте, ки нархҳо қонунан устувор карда шудаанд, он гоҳ амал намудани қувваҳои рақобатӣ маҳдуд карда мешаванд, ва барои ҳал намудани муаммоҳои ба миён омада дахолати давлат зарур аст.

Дигар оқибати ҷорӣ намудани нархи ҳадди аксар (ҳамрадифи норасогӣ) бозори пинҳонӣ (сиёҳ) мебошад. Сабабҳои мавҷудияти ин бозор бо он маънидод карда мешавад, ки қисми шаҳрвандон тайёранд барои дастрас кардани моли камёфти дар савдои расмӣ вуҷуд надошта, бар иловаи нархи аз тарафи давлат ҷоришуда нархи иловагиро пардохт намоянд. Ба амал ҳолатҳои гуногун сабаб шуда метавонанд – аз даромадҳои зиёд то ҳолатҳои фавқулода, ки дар ҳаёти ҳар шахс ба миён омаданаш мумкин аст. Баъдан оқибатҳои ногузири занҷирбанд ба вуҷуд меояд. Фарз мекунем, ки истеҳсолкунандагони аз тарафи давлат назоратшаванда, барои баланд намудани нархи интиҳоӣ қарор қабул карда наметавонанд, лекин онҳо метавонанда ҳаҷми истеҳсолотро маҳдуд намоянд. Айнан ҳамин ҳаҷми маҳсулоти устувор ба бозори пинҳонӣ дастрас мегардад, ки бо фурӯши молҳои камёфт сару кор дорад. Дар натиҷа, мувозинатӣ дар бозори пинҳонӣ ҳангоми нархи баландтар нисбат ба нархи мувозинатии бозори озод дастрас карда мешавад. Аммо сабаби дахолати давлат айнан нархи мувозинатии баланд буд. Бо ибораи дигар, бозори пинҳонӣ – ин нишонаи шикасти сиёсати давлатии маҳдудкунии нархҳо мебошад.

**Тарзҳои зиддият ба норасогӣ**. Давлат метавонад норасогиро дар шароитҳои нархҳои устувор бо ду роҳ бартараф созад:

1) зиёд намудани пешниҳод то ҳаҷми мувозинатӣ аз ҳисоби харидҳои иловагии моли додашуда аз хориҷи кишвар;

2) кам кардани талабот ба мол бо роҳи ҷорӣ намудани ягон маҳдудиятҳо, ба ғайр аз маҳдудкунии пулӣ, ба монанди маҳдудкунии ҳаҷми харидҳо.

**Андозҳо ва мувозинатии бозорӣ.** Андозҳо ба нархи моли фурӯхта мешуда дохил карда шуда, мувофиқан ба нархи мувозинатӣ таъсир мерасонанд. Оқибатҳои ҷорӣ намудани андозҳо барои бозор ниҳоят калон буда метавонанд. Айнан чунинанд таъсири андозҳои (молӣ) ғайримустақим, хусусан,

андоз аз арзиши иловашуда (ААИ, НДС), боҷҳои гумрукӣ ва аксизҳо барои як қатор гурӯҳи молҳо. Механизми пардохти ин андозҳо дар назар дорад, ки харидор нархи молро бо назардошти иловаҳо дар намуди андозҳои ғайримустақим пардохт мекунад, фурӯшанда бошад суммаи ба бузургии андоз баробарро ба буҷети давлатӣ месупорад.

Умуман таҳлили таъсири андозҳо ба ҳолати мувозинатӣ оддӣ аст: мувозинатии иқтисодӣ то ҷорӣ намудани андоз ва баъд аз ҷорӣ намудани он мушоҳида карда шуда, фарқияти ба даст омада имконият медиҳад, ки таъсири андоз муайян карда шавад. Фарз мекунем, ки ҳолати ибтидоии бозори ягон мол, бо таъсиррасонии талабот ва пешниҳод, таъсисёбии нархи мувозинатӣ ва ҳаҷми мувозинатӣ тавсиф карда мешавад. Фарз мекунем, ки ҳукумат барои мол андозро дар ҳаҷми Т сомонӣ барои ҳар як воҳид ҷорӣ кард. Ҷорӣ намудани андоз таъсиррасонии нави байни талабот ва пешниҳодро ба миён меорад, ки ба он нархи мувозинатии пастшуда ва ё баландшуда мувофиқат мекунад. Ин маънои онро дорад, ки харидор маҷбур аст барои мол нархи баландтарро нисбат ба пештара пардохт намояд. Вале фурӯшанда низ бурд намекунад, чунки аз ҳар як воҳиди моли фурӯхта шуда ӯ бояд маблағи андозро ба давлат пардохт намояд. Дар натиҷа нархи фурӯш баъд аз тарҳ намуани андоз, ба нархи нисбат ба нархи мувозинатии пешатар пастар баробар мешавад.

# ҚИСМИ III. НАЗАРИЯИ МИКРОИҚТИСОД

Мавзӯи 9. Назарияи рафтори истеъмолкунанда.
Мавзӯи 10. Бозори омилҳои истеҳсолот.
Мавзӯи 11. Соҳибкорӣ ва фоида.
Мавзӯи 12. Хароҷоти истеҳсолот, моҳият ва сохтори он.
Мавзӯи 13. Фирма дар низоми муносибатҳои бозорӣ.

# МАВЗӮИ 9. НАЗАРИЯИ РАФТОРИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА.

*9.1. Маржинализм ва назарияи рафтори истеъмолкунанда.*
*9.2. Кардинализм: фоиданокии интиҳоии неъматҳо ва мувозинатии истеъмолкунанда.*
*9.3. Ординализм: категорияи афзалиятҳои истеъмолкунанда.*

Истеъмолкунандагон ва фирмаҳо субъектони асосии иқтисоди бозорӣ мебошанд. Онҳо талабот ва пешниҳодро дар бозори мол ва хизматҳо таъсис дода, бо вуҷуди ин дар ҷараёни ҷорӣ намудани нархи мувозинат баҳамтаъсир мерасонанд.

Фирма барои ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар кӯшиш мекунад ва барои ин хоҷагидории худро бо назардошти талабот ба маҳсулоти истеҳсол мешуда, нархи захираҳо ва дигар омилҳои зиёд амалӣ мегардонад.

Истеъмолкунанда мақсади қонеъгардонии ҳадди аксари эҳтиёҷотҳои худро дорад, яъне ба даст овардани фоиданокии ҳадди аксар аз истеъмоли мол ва хизматҳои харида шуда, вобаста аз даромади мавҷуд буда, шавқу ҳаваси шахсӣ ва бо назардошти нархҳои бозорӣ ба ин мол ва хизматҳо.

Назарияи рафтори истеъмолкунанда аз он бар меояд, ки истеъмолкунандагон – ин одамоне, ки дорои озодӣ буда, ба онҳо психологияи рафтори истеъмолӣ хос аст, онҳо дорои майл ба шавқу ҳавасҳо дар ҷараёни қабули қарор оид ба харидорӣ намудани молҳои истеҳсолшуда мебошанд. Бо баробари ин истеъмолкунандагон барои неъматҳои истеҳсолшуда имкониятҳои маҳдуди пулӣ доранд.

Таҳлили рафтори истеъмолкунанда дар чунин фарзиятҳои асос мегирад:

- рафтори истеъмолкунанда оқилона мебошад, яъне ӯ бо даромадҳои пулии худ чунон идора мекунад, ки то ки аз харҷи он қонеъгардонии зиёдеро дастрас кунад;
- истеъмолкунанда низоми пойдоргаштаи шавқу ҳавасҳоро нисбати мол ва хизматҳо дорад;

- ҳамаи мол ва хизматҳое, ки ба истеъмолкунандагон пешкаш карда мешаванд, нарх доранд, ки омили камчиниро ифода мекунад;
- нишондоди асосии рафтори истеъмолкунанда фоиданокии ин ё он мол ва хизмат баромад мекунад.

***Рафтори истеъмолкунанда*** – ин ҷараёни таъсисёбии талаботи истеъмолкунандагон ба мол ва хизматҳои гуногун бо назардошти даромад ва шавқу ҳаваси онҳо мебошад.

## 9.1. МАРЖИНАЛИЗМ ВА НАЗАРИЯИ РАФТОРИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА.

Маржинализм, ҳамчун мактаби илмии иқтисодӣ дар охири асри XX бар муқобили мактаби иқтисоди сиёсии классикӣ ба миён омада, дорои як қатор хусусиятҳо мебошад. Аз ҳама ҳам ҷиҳати асосии маржинализм дар он аст, дар чаҳорчӯбаи он аввалин шуда қонунҳои психологии рафтори истеъмолкунандагони неъматҳои бозориро ва консепсияи фоиданокии интиҳоии неъматҳои моддиро таҳия намудааст. Маржинализм ва қисми таркибии он – назарияи рафтори истеъмолкунанда дар қоидае асос меёбад, ки дар он таҳлили ҷараёнҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла ҷараёнҳои истеъмоли неъматҳо бояд аз дарёфти ҳавасҳои субъективӣ ва фоиданокии неъматҳо оғоз ёбад.

**Фоиданокии неъматҳо**. Истилоҳи «фоиданокӣ» аввалин маротиба ба гардиши илмӣ аз тарафи файласуфи англис **И.Бентам** (1748 – 1832) ворид карда шуда буд. Лекин худи ӯ ва дигар иқтисодчиёни ҳамон давра алоқаи байни қимати мол ва фоиданокии аз истеъмоли он ба даст оварда мешударо дарк карда натавонистанд. Танҳо ба А.Смит муяссар гардид, ки алоқаи байни қимати мол ва фоиданокии аз истеъмоли он ба даст оварда мешударо фаҳмонида диҳад. А.Смит фарқияти байни «қимат дар истеъмолот» (фоиданокӣ) ва «қимат дар мубодилаunion» кушода дод. Иқтисодчии англис **У.Джевонс** (1835 – 1882) соли 1862 консепсияи фоиданокии интиҳоиро пешкаш карда, исбот намуд, ки ба нархи бозорӣ фоиданокии интиҳоӣ дахл дорад, набалки фоиданокии умумӣ.

***Фоиданокии неъматҳо*** – ин самараи истеъмолии онҳо, мавҷудияти чунин хусусиятҳо ва сифатҳое, ки дархостҳои субъективии конкретии одамонро қонеъ мегардонад. Фоиданокӣ ба ҳамагуна неъматҳо хос аст – ба неъматҳои иқтисодӣ ва ҳам ба неъматҳои ғайрииқтисодӣ, агар онҳо ҳамчун объекти истеъмолоти истеҳсолӣ ва истеъмолоти инфиродии одамон баромад кунанд.

**Қимати неъматҳо**. Қимат – ин андозаи фоиданокии неъмат. Маълум аст, ки қобилияти қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои инсонии неъмат на танҳо тарафи сифатӣ, балки тарафи миқдориро низ дорад. Таоми бад ҳамон эҳтиёҷоти инсонро қонеъ мегардонад, ки таоми хуб низ қонеъ гардонида метавонад. Лекин маълум аст, ки қимати (андозаи фоиданокии) таоми хуб нисбат ба таоми бад баландтар аст. Аз ин ҷо хулосае бар меояд, ки неъмати нисбатан фоиданок бояд нархи баландтар дошта бошад. Лекин ин ҳолат на ҳамавақт риоя карда мешавад. Масалан, об ва алмосро мегирем. Нархи обе, ки фоиданокиаш барои ҳар як организми зинда, аз он ҷумла барои инсон бебаҳост, одатан ба нол майл мекунад. Бо баробари ин мо медонем, ки бриллиантҳое, ки барои ҳайти инсон фоиданокии пасттар доранд, нархи ниҳоят баланд доранд. Сабаб чунин парадокс (аҷоибот) дар чист? Ин парадокс аз тарафи А.Смит ҳамчун «парадокси об ва алмос» қайд шуда буд.

**Чен намудани қимат ва ё дараҷаи фоиданокии неъмат**. Чӣ тавр бояд қимати неъматро чен карда шавад? Бо чӣ дараҷаи фоиданокии онҳо муайян карда мешавад?. Дарёфти ҷавоб ба ин саволҳо таърихи дурудароз дошта, то давраи муосир онҳо ба гурӯҳи назарияҳои мураккаби иқтисодӣ шомиланд. Гузориши мақсадҳои рафтори истеъмолии шахс ҳамавақт субъективӣ аст: дар ин ҷода нишондодҳои баҳодиҳии объективӣ ва ченкуниҳои миқдории аниқ вуҷуд надоранд. Мувофиқан, қимати неъмат низ номуайян мегардад.

Дар ҳал намудани масълаҳои мураккаби рафтори истеъмолкунанда ду равияи асосӣ таъсис ёфтаанд. Яке аз онҳо – **кардинализм** мебошад, ки дар фарзияти имкониятҳои аниқ чен намудани фоиданокии неъмат ва бо ин мақсад истифодабарии воҳидҳои миқдории гипотетии фоиданокӣ – ютилҳо асос мегирад. Равия дигар – **ординализм** мебошад, ки

равияи нисбатан муосир ба ҳисоб рафта, диққати худро ба афзалиятҳои истеъмолот ҷалб менамояд. Дар ин равия диққат на ба андозаи мутлақи фоиданокӣ, балки ба афзалиятҳои нисбии навбатӣ дода мешавад, ки мувофиқи он дар тафаккури инсон молҳо вобаста аз зарурияти аввалин дараҷа то молҳои наонқадар зарур ба тартиб даровварда мешаванд. Ординалистон ҷадвали афзалиятҳои неъматҳоро таҳлил намуда, як қатор аксиомаҳоро ҷорӣ мекунанд, ки барои рафтори истеъмолкунанда намунавӣ мебошанд. Ҳангоми интихоб аз байни вариантҳои алтернативии интихоби неъматҳо, харидор талаботро мувофиқи сатҳи некуаҳволии худ (имкониятҳои буҷетӣ) баён мекунад ва бо тасаввуротҳои субъективии худ оид ба фоиданокии ҳадди аксари неъматҳои дастрасшаванда амал мекунад.

## 9.2. КАРДИНАЛИЗМ: ФОИДАНОКИИ ИНТИҲОИИ НЕЪМАТҲО ВА МУВОЗИНАТИИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА.

Барои баҳодиҳии миқдории дараҷаи қонеъгардонии истеъмолкунанда аз молҳои харидашуда, **кардиналистон** нишондихандаи шартиро, яъне нишондихадаи фоиданокии неъматҳоро истифодаб мебаранд, к ибо ҳарфи **U** (аз калимаи англисии *Utility - фоиданокӣ*). Бо ибораи дигар, кардиналистон фарз мекунанд, ки иқтисодчиён аниқ медонанд, ки кадом дараҷаи қонеъгардониро истеъмолкунанда дар натиҷаи харид ба даст овардааст.

**Фоиданокии умумӣ**. Кардиналистон гумон доранд, ки истеъмолкунанда бо баробари пайдарҳамии харидорӣ намудани миқдори зиёдатии неъматҳои иқтисодӣ кӯшиш мекунад, ки барои худ маҷмӯаи фоиданокии умумиро зиёд намояд. Ҷамъи фоиданокии аз маҷмӯаи воҳидҳои неъмати муайяни падарпай ба дастовардашуда, фоиданокии умумӣ номида шуда, бо **TU** ишора карда мешавад.

Ҳангоми амалӣ гардонии пайдарҳамии хариди як намуди мол ҳар як воҳиди иловагии хариди навбатии неъмати додашуда ба истеъмолкунанда қонеъгардонии нисбатан камро

нисбат ба пешатар таъмин менамояд. Сабаби ин ҳолат характери иқтисодӣ надошта, балки характери психологӣ дорад. Инсон чунон сохта шудааст, ки барои либоси якум, таоми аввалин, телевизори аввалин, барои хонаи аввалин, нисбат ба дуюмин, саюмин ва ғайра бештар хурсанд мешавад. Аввалин маротиба хусусияти қонеъгардонии субъективии эҳтиёҷотҳои одамонро **Г.Госсен** навишта буд. Хусусиятҳои ҷараёни субъективии соҳаи харидҳои молии додашуда ***қонуни якуми Госсен ва ё қонуни камшавандаи фоиданокии интиҳоӣ*** номида мешавад.

Фоиданокии интиҳоӣ (MU) – ин фоиданокие, ки истеъмолкунанда аз истифодабарии воҳиди иловагии неъмати додашуда ба даст меорад. Ин ченаки назариявӣ (яъне MU) дар назарияҳои кардинализм ҳамчун нишондоди ба таври субъективӣ аз тарафи истеъмолкунанда муайян мешудаи қимати неъмати иқтисодӣ, баромад мекунад. Андозаи фоиданоӣ аз дастрас намудани воҳиди иловагии неъмат метавонад ниҳот хурд бошад, вале мавҷудияти он фоиданокии умумии маҷмӯавии хариди моли мазкурро зиёд мекунад. Лекин, чӣ хеле ки қайд шуда буд, ҳангоми афзоишёбии фоиданокии умумӣ, ҳамзамон камшавии фоиданокии интиҳоии ҳар як воҳиди иловагии неъмати якхелла ба миён меояд. Мисоли классикӣ: ташнашиканӣ ва қонеъгардонии ташнагӣ аз якумин пиёлаи об аз пиёлаи дуюм, сеюм ва ғайра зиёдтар мешавад.

**Қонуни камшавандаи фоиданокии интиҳоӣ**. Моҳияти қонуни додашударо бо чунин тарз маънидод кардан мумкин аст: агар истеъмоли молҳои дигар бетағйир боқи монад, он гоҳ фоиданокии интиҳоии моли додашуда бо баробари афзоиши истеъмоли он дар чаҳорчӯбаи давраи муайян вақт кам мешавад.

Қонуни камшавандаи фоиданокиро дар намуди ҷадвал тасвир кардан мумкин аст (ҷадвали 9.1).

**Ҷадвали 9.1.**

**Намунаи шартии камшавии фоиданокии интиҳоӣ**

| Q | TU | MU |
|---|---|---|
| 0 | - | - |
| 1 | 4 | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| 2 | 7 | 3 |
| 3 | 9 | 2 |
| 4 | 10 | 1 |
| 5 | 10 | 0 |

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали 9.1 маълум мегардад, зиёдшавии миқдори неъматҳо бо афзоиши фоиданокии умумӣ ҳамрадиф мебошад. Фоиданокии интиҳоии ҳамчун фарқи байни андозаи бузургиҳои ададии фоиданокии умумии навбатӣ ва гузашта ҳисоб карда мешавад, нишон медиҳад, ки фоиданокии интиҳоии ҳар як воҳиди иловагии миқдори афзоишёфтаи неъматҳо кам мешавад ва ҳангоми истеъмоли 5-ум воҳиди мол то андозаи 0 баробар мешавад. Баъд аз дастрас намудани фоиданокии интиҳоии нули неъмат, истеъмоли он аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрисамаранок мегардад, чунки фоиданокии умумӣ аз ҳамин лаҳза афзоишёбиро новобаста аз миқдори моли истеъмол мешуда қатъ мегардонад. Қонуни камшавандаи фоиданокии интиҳоии неъматҳо дар намуди графикҳо низ ифода шуданаш мумкин аст.

Мувозинатии истеъмолкунанда. Чӣ тавр қонуни камшавандаи фоиданокии интиҳоӣ дар рафтори истеъмолкунанда инъикос мегардад? Барои чавоби ин савол бояд дар назар дошт, ки дар бозори аслӣ:

- *танҳо як мол нею, балки мол ва хизматҳои зиёд мавҷуданд;*
- *пул вуҷуд дорад, яъне ҳар як мол нарх дорад;*
- *даромади пулии истеъмолкунанда, яъне буҷети шахсии ӯ маҳдуд аст, бинобар ҳамин истеъмолкунанда ҳамаи неъматҳои дар бозор вуҷуддоштаро харида наметавонад ва дар назди ӯ муаммои интихоб меистад.*

Ба ғайр аз ин бояд дар назар дошт, ки истеъмолкунанда барои дастрас намудани фоиданокии ҳадди аксар аз харидҳои худ кӯшиш мекунад. маҳдудияти буҷети шахсӣ ва кӯшиши тақсимоти оқилонаи он бо назардошти нархҳои мавҷудбуда, харидорро барои интихоб водор месозад: як неъматро харидорӣ карда, аз дигар даст кашидан. Аз алтернативаҳои зиёд истеъмолкунанда чунин вариантҳо ва таносубҳои неъматҳоро интихоб мекунад, ки онҳо ба фоиданокии пешбаришавандаи

харидҳои бо имкониятҳои буҷети шахсӣ муайяншаванда мувофиқат кунад.

Фоиданокии неъмат бо пулҳои барои он пардохт шуда муқоиса карда мешавад. Агар ӯ боварӣ дошта бошад, ки фоиданокии неъмат бо нархи он мувофиқат мекунад, он гоҳ истеъмолкунанда неъмати додашударо харидорӣ мекунад. Ҳамин тавр ин ҷараён то баробаршавии фоиданокии интиҳоии молҳои харида шаванда давом мекунад. Худи истеъмолкунанда дар ҳолати мувозинатӣ қарор мегирад. Мувофиқан, шарти мувозинатии истеъмолкунанда баробарии фоиданокии интиҳоии молҳои дастрасшаванда ба ҳисоб меравад. Қоидаи фоиданокии ҳадди аксар дар чунин тақсимоти даромади истеъмолкунанда ифода меёбад, ки дар он воҳиди пулии охирони барои дастрас намудани ҳама намудҳои мол сарфшаванда бояд фоиданокии интиҳоии якхеларо таъмин намояд. Дар ҳамин гуфтаҳо маънои **қонуни Госсен ифода меёбад, ки чунин аст: фоиданокии ҳадди аксарро аз истеъмоли номгӯи муайяни молҳо истеъмолкунанда ҳангоми шарти баробарии фодианокии интиҳоии ҳамаи неъматҳои истеъмолшуда дастрас мекунад**.

Масалан, фарз мекунем, ки ягон истеъмолкунанда даромадро дар ҳаҷми 350 сомонӣ дорад. Ӯ танҳо ду молро харидорӣ мекунад – моли X ва моли Y. Фоиданокии интиҳоии ин молҳо дар ҷадвали 9.2 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 9.2.**

**Интихоби моли X ва Y, ки фоиданокии ҳадди аксарро таъмин менамояд**

| Q (воҳид) | MU (моли X) (P=50с. Барои воҳид) | | MU (моли Y) (P=100с. Барои воҳид) | |
|---|---|---|---|---|
| | MU | Барои 1с. | MU | Барои 1с. |
| 1 | 5 | 0,1 | 9 | 0,09 |
| 2 | 4 | 0,08 | 6 | **0,06** |
| 3 | 3 | **0,06** | 5 | 0,05 |
| 4 | 2 | 0,04 | 3 | 0,03 |
| 5 | 1 | 0,02 | 1 | 0,01 |

Аз ҷадвали 9.2 маълум мегардад, ки фоиданокии зиёдтарро дастрас намудани моли Y таъмин менамояд, лекин нархи он чунон аст, ки истеъмолкунанда дар чаҳорчӯбаи буҷети худ ин амалро тадбиқ карда наметавонад. Ӯ маҷбур аст, ки ин

молҳои комбинатсия кунонад, яъне истеъмолкунанда бояд ҳисоб намояд, ки ҳар як мол барои ӯ кадом фоиданокиро барои як сомонӣ таъмин менамояд. Маълум аст, ки таносуби фоиданокии ду мол тағйир меёбад. Чӣ хеле ки маълумоти ҷадвали 9.2 нишон медиҳад, фоиданокии ҳадди аксарро комбинатсияи истеъмоли се воҳид моли X ва ду воҳид моли Y таъмин менамояд. Дигар комбинатсияҳои молҳо ба қоидаи фоиданокии ҳадди аксари онҳо ҷавоб намедиҳад ва ё аз чаҳорчӯбаи имкониятҳои буҷетии истеъмолкунанда берун мебарояд.

Ҳамин тавр мувозинатии истеъмолкунанда танҳо дар ҳолати баробар шудани фоиданокии интиҳоии ҳамаи молҳои дастрас шуда ба воҳиди хароҷотҳои онҳо (MU/P) таъмин мегардад.

Дар шакли аналитикӣ фоиданокии умумии ҳадди аксарро чунин тасвир кардан мумкин аст:

$$\frac{MU_1}{P_1} = \frac{MU_2}{P_2} = \cdots = \frac{MU_n}{P_n} = \lambda \qquad (9.1)$$

ки дар ин ҷо: **$MU_1$...MUn** – фоиданокии интиҳоии неъматҳои дастрас шаванда; **$P_1$...Pn** – нархи неъматҳои харидорӣ шаванда; **λ** – фоиданокии интиҳоии пулҳо.

Ин баробариро чунин маънидод кардан мумкин аст. Нисбияти $\frac{MU_x}{P_x}$ бо худ афзоиши фоиданокии умумиро ҳангоми зиёдшавии хароҷоти истеъмолкунанда барои харидани моли «Х» ба як сомонӣ ифода мекунад. Маълум аст, ки дар ҳолати беҳтарини истеъмолкунанда чунин муносибатҳо бояд ба якдигар баробар шаванд.

Бо ибораи дигар, харидор талаботро то он даме баён мекунад, ки дар он фоиданокии интиҳоӣ ба ҳисоби як воҳиди пулии барои моли додашуда сарфшуда ба фоиданокии интиҳоии воҳиди пулии барои дастрас кардани моли дигар сарфшуда баробар нашавад.

Ҳамин тавр, баробарии $\frac{MU_x}{P_x} = \frac{MU_Y}{P_Y}$ нишон медиҳад, ки дар ҳолати мувозинатӣ (яъне дар андозаи додашудаи даромад

ва нархи молҳо) фоиданокии аз воҳиди пулии охирини барои дастрас намудани ягон мол, новобаста аз он, ки барои кадом мол он сарф шудааст якхелла аст. Ин ҳолат қонуни дуюми Госсен ном гирифтааст.

Ҳамин тавр, нарх имконият медиҳад, ки фоиданокии интиҳоии ҳар як истеъмолкунанда дар алоҳидагӣ чен карда шавад, зеро фоиданокии интиҳоии воҳиди пулии истеъмолкунандагони гуногун якхелла нест. Шарти мувозинатии шахси сарватманд ва шахси камбизоат гуногунанд. Лекин таносубҳои байни фоиданокии интиҳоии молҳои аз тарафи онҳо дастрасшаванда якхелла аст, чунки нархи ҳар як мол барои ҳама якхела аст. Агар формулаи фоиданокии ҳадди аксари дар боло қайдшударо дар намуди $\frac{MU_x}{MU_Y} = \frac{P_x}{P_Y}$ ифода кунем, за ин ҷо қайд кардан мумкин аст, ки таносуби байни фоиданокии интиҳоии ду неъмат ба таносуби нархҳои ба онҳо мувофиқ баробар аст. Мувофиқан, фоиданокии интиҳоии «n» неъматҳо байни хуб бо он таносубҳои қарор доранд, ки нархи онҳо мувофиқат мекунанд. Ин гуфтаҳо барои ҳама истеъмолкунандагон хос аст.

**Аҳамият ва маҳдудияти кординализм.** Кӯшишҳои дар асл чен намудани андозаи мутлақи фоиданокӣ муваффақ нагардидааст. Асбобе мавҷуд нест, ки бо воситаи он ин амалро иҷро кардан мумкин бошад. Бо баробари ин ягон асос вуҷуд надорад, ки истеъмолкунандагон дар асл чунин ҷараёнро амалӣ гарднида тавонанд. Ченкунии фоиданокии умумӣ ва интиҳоӣ бо ютилҳо то ҳол шартӣ боқи мондааст. Бисёр ақидаҳои кардинализм ба тафтиши амалӣ мувофиқат намекунанд, бинобар ҳамин новобаста аз таърихи дурударози мавҷудияти ин равия, ақидаҳои он ҳамчун гипотеза боқӣ мондаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили дар чаҳорчӯбаи кардинализм гузаронидашудаи ҷараёни таъмини фоиданокии умумии ҳадди аксар аз тарафи истеъмолкунанда, ба назарияи иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ расонида, то ҳол ҳамчун модели оддии ифодакунандаи рафтори истеъмолкунанда баромад мекунад.

## 9.3. ОРДИНАЛИЗМ: КАТЕГОРИЯИ АФЗАЛИЯТҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА.

Муносибати методологии ординалистон ба омӯзиши рафтори истеъмолкунанда дар батартибдарорӣ аз рӯи аҳамияти (муқоисакунии тартибии) фоиданокии неъмат аз тарафи харидор асос мегирад. Новобаста аз он, ки харидор фоиданокии неъматҳои дастрас мекардаашро аниқ ҳисоб карда наметавонад, ӯ қобилият дорад, ки неъматҳои мавҷудбударо ба сафи (тартиби) муайян бо назардошти зарурияти мол қарор диҳад.

Барои муайян намудани қонуниятҳои рафтори истеъмолкунанда ординалистон ба аксиомаҳо, яъне ба қоидаҳои маълуми исбот талаб намекарда, такя мекунанд.

**Аксиомаҳои ординализм**. Аксиомаи ординалистон принсипҳои умумии таъсисёбии афзалиятҳои истеъмолиро инъикос мекунанд.

Аксиомаи **«попуррагӣ»** дар назар дорад, ки: дар шароитҳои муайян (аз он ҷумла дар шароити нархҳои якхела) барои харидор миқдори зиёди неъмати додашуда нисбат ба миқдори ками он афзалият дорад. Бо баробари ин молҳои босифат нисбат ба молҳои пастсифат афзалият доранд ва ғайра.

Аксиомаи **«рефлекснокӣ»** дар назар дорад, ки: агар ду номгӯи неъматҳо якхела бошанд, он гоҳ фоиданокии онҳоро баҳо дода, харидор бад набудани ҳар яки онҳоро эътироф мекунад.

Аксиомаи **«батартибии пурра»** дар назар дорад, ки ҳангоми мавҷудияти ду номгӯи неъматҳои гуногун, истеъмолкунанда қобилият дорад, ки онҳоро вобаста аз афзалиятҳои худ ба тартиб гузорад ва ё онҳоро баробар эътироф кунад.

Аксиомаи **«транзитивнокӣ»** дар назар дорад, ки агар харидор ба номгӯи молҳои **В** номгӯи **А**-ро ва ба номгӯи **С** номгӯи **В**-ро афзалтар шуморад, он гоҳ ӯ номгӯи молҳои **А**-ро барои номгӯи **С** афзалтар меҳисобад. Мувофиқан, агар номгӯи молҳои **А** барои хаоидор ба номгӯи **В** баробар бошаду, номгӯи

молҳои **B** ба номгӯи **C,** аз ин лиҳоз номгӯи молҳои **A** ва **C** барои ӯ баробаранд.

Аксиомаи **«мустақилият»** дар назар дорад, ки қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои истеъмолкунанда аз миқдори неъматҳои истеъмолмекардаи ӯ вобаста буда, аз миқдори неъматҳои аз тарафи дигар истеъмолкунандагон истеъмол мешуда вобаст нест.

Дар маҷмӯъ аксиомаҳои номбар шуда, имконият медиҳанд, ки давомнокии якхела ва батартибдарории имконпазири таносуби неъматҳо муайян кардашуда, муқоиса намудани ҷуфтиро ҳангоми номгӯи харидории онҳо фароҳам меоварад.

Дар назарияи ординалистии тартибӣ мафҳуми «фоиданокӣ» маънои афзалиятро дорад: вақте, ки номгӯи молҳои «A» нисбат ба номгӯи молҳои «B» афзалтар ба ҳисоб меравад, дар ин ҳолат дар назар дошта мешавад, ки номгӯи молҳои «A» барои истеъмолкунандаи додашуда фоиданокии зиёдтарро нисбат ба номгӯи молҳои «B» дорад. Таҳлили афзалиятҳои як номгӯи молҳо бо дигар номгӯи молҳо бо воситаи **каҷхаттаҳои бефарқиятӣ** амалӣ мегардад.

**Каҷхаттаҳои бефарқиятӣ**. Каҷхаттаҳои бефарқиятӣ оид ба афзалиятҳои истеъмолкунандаи моли X ва Y ахборот медиҳад. Бо ибораи дигар, каҷхаттаҳои бефарқиятӣ нишон медиҳанд, ки истеъмолкунанда чиро бо даромади муайяни пулӣ дастрас кардан мехоҳад. Каҷхаттаҳои бефарқиятӣ комбинатсияҳои имконпазири молҳои X ва Y нишон медиҳанд, ки ба истеъмолкунанда ҳаҷми баробари қонеъгардонии эҳтиёҷотро ва ё фоиданокиро фароҳам меоварад. Мувофиқан, ба истеъмолкунанда комбинатсияҳои ин молҳо, ки онро ӯ истеъмол мекунад фарқият надорад.

Ҳангоми мушоҳидакунии рафтори истеъмолкунанда бо воситаи каҷхаттаҳои бефарқиятӣ саволе ба миён меояд, аз кадом миқдори як мол барои дастрас намудани воҳиди иловагии моли дигар харидор тайёр аст даст кашад?

Ҷавоби ин савол бо воситаи меъёри интиҳоии ивазшавӣ (MRS) амалӣ мегардад. Меъёри интиҳоии ивазшавӣ (MRS) нишон медиҳад, ки дар кадом ҳудудҳо истеъмолкунанда тайёр аст як молро бо моли дигар барои дастрас намудани

фоиданокии якхелла иваз намояд. Меъёри интиҳоии ивазшавии неъмат бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$MRS = \frac{\Delta X}{\Delta Y}\ ,\text{дар ҳолати}\ U = const. \quad (9.2)$$

Барои оид ба дархостҳои истеъмолкунандаи аниқ тасаввурот пайдо намудан, одатан маҷмӯи каҷхаттаҳои бефарқиятиро тасвир мекунанд, ки **картаи каҷхаттаҳои бефарқиятӣ** номида мешаванд.

Картаи каҷхаттаи бефарқиятӣ имконият медиҳад, ки дар як график алоқамандии се тағйирёбанда нишон дода шаванд: миқдори як мол, миқдори моли дигар ва фоиданокӣ.

Рафтори истеъмолкунандаро бо воситаи каҷхаттаҳои бефарқиятӣ таҳлил намуда, тадқиқотчиён чунин ҷиҳатҳои асосии онҳро қайд мекунанд:

1) каҷхаттаи бефарқиятие, ки нисбат ба дигар каҷхаттаи бефарқиятӣ болота рва ростар ҷойгир шудааст, бо худ номгӯи молҳои афзалтарро ифода мекунад, ки ба он фоиданокии зиёдтар мувофиқат мекунад;

2) каҷхаттаҳои бефарқиятӣ ҳеҷ вақт якдигарро намебуранд ва ба ҳам намерасанд, ин хусусият аз аксиомаи «транзитивнокӣ»-и харидор бар меояд, ки мувофиқати афзалиятҳро кафолат медиҳад;

3) каҷхаттаҳои бефарқиятӣ ҳамавақт хамшавии баръакс доранд, ки аз аксиомаи «нопуррагӣ» бармеояд, яъне миқдори зиёди мол нисбат ба миқдори камтар афзалият дорад;

4) хашавии мутлақи каҷхаттаи бефарқиятӣ ҳангоми ҳаракат дар он ба рост ва ба поён кам мешавад (каҷхатта аз ибтидои координат камоншакл аст).

Лекин, каҷхаттаҳои бефарқиятӣ нишон намедиҳад, кик адом номгӯи молҳро истеъмолкунанда барои худ вобаста аз маҳдудияти захираҳои худ нисбатан афзалтар меҳисобад. Барои тасвир намудани номгӯи молҳои зиёд барои истеъмолкунанда хатти буҷетӣ истифода мешавад.

**Имкониятҳои буҷетӣ ва хатти буҷетӣ**. Ҳаҷми хароҷотҳои (буҷети) истеъмолкунанда ба ҳосили зарби миқдори молҳои харидаи ӯ ба нархи онҳо баробар аст. Ин

нишондиҳанда муаммои ченшавӣ ва ё ченнашавии фоиданокиро ба назар намегирад, бинобар ҳамин адолатнокии худро дар чаҳорчӯбаи муносибати ориданлизм ба таҳлили рафтори истеъмолкунанда низ нигоҳ медорад. Имкониятҳои буҷетӣ намуди хатти буҷетиро дошта, ба даромади шахсии пулии истеъмолкунанда мувофиқат мекунад, ки дар ҳолати нархҳои бозории додашуда барои дастрас намудани неъматҳои истеъмолӣ истифода мешаванд.

Хатти буҷетӣ комбинатсияҳои гуногуни ду молро нишон медиҳад, ки дар ҳолати ҳаҷми даромади пулии додашуда дастрас шуданаш мумкин аст. Маҳдудиятҳои беҷетии истеъмолкунандаро дар намуди баробарии зерин тасвир кардан мумкин аст:

$$I = P_x X + P_y Y \tag{9.3}$$

ки дар ин ҷо: I - даромади истеъмолкунанда, ки барои хариди молҳои X ва Y ба пуррагӣ сарф карда мешавад.

Маънои маҳдудияти буҷетӣ дар он аст, ки даромади истеъмолкунанда ба ҷамъи хароҷотҳои ӯ барои хариди молҳои X ва Y баробар аст. Маслан агар нархи моли X – 1,0 сомонӣ ва нархи моли Y – 1,5 сомонӣ бошад, он гоҳ истеъмолкунанда комбинатсияҳои имконпазири ин молҳоро дар сатҳи даромади 12 сомонӣ мувофиқи маълумоти ҷадвали 9.3 харидорӣ карда метавонад.

Ҷадвали 9.3.

| **Воҳиди моли Y (P=1,5 сомонӣ)** | **Воҳиди моли X (P=1,0 сомонӣ)** | **Ҷамъи хароҷот** |
|---|---|---|
| 8 | 0 | 12 (=12+0) |
| 6 | 3 | 12 (=9+3) |
| 4 | 6 | 12 (=6+6) |
| 2 | 9 | 12 (=3+9) |
| 0 | 12 | 12 (=0+12) |

Дар яке аз ду ҳолатҳои канорӣ, истеъмолкунанда метавонист даромади худро барои хариди 8 воҳид моли Y сарф намояд, дар ин ҳолат барои дастрас намудани моли X даромади ӯ боқӣ намемонд. Аз истеъмоли 2 воҳид моли Y даст кашида ӯ 3

сомониро сарфа карда метавонад 6 воҳид моли X ва 3 воҳид моли Y (ва бо дигар варинатҳоро) харида метавонад.

Ҳангоми тасвири графики хатти буҷетӣ, ин каҷхаттаи нишон медиҳад, ки хамшавии он намуди баръакс дорад, зеро аз нисбияти нархи моли X (Px) ва нархи моли Y (Py) вобаста аст:

$$\frac{P_x}{P_y} = \frac{1\ сомонӣ}{1,5\ сомонӣ} = \frac{2}{3} \qquad (9.4)$$

Чи хеле, ки маълумоти ҷадвали 9.3 нишон медиҳанд, маҳдудияти буҷетӣ миқдори дастрасии моли X ва Y –ро барои истеъмолкунанда дар сатҳи нархи додашуда ва даромади мавҷудбуда муайян мекунад. Миқдори ҳадди аксари моли Y дар ҳолати X=0 ва Y=I/Py харидорӣ кардан мумкин аст; миқдори ҳадди аксари моли X-ро бошад дар ҳолати Y=0 ва I/Px дастрас кардан мумкин аст. Таносуби нархии $\frac{P_x}{P_y}$ арзиши алтернативии арзиши моли X-ро чен карда, меъёри ивазшавии моли Y-ро бо моли X муайян мекунад.

Агар хатти буҷетиро тасвир намоем, он гоҳ ҳар як нуқтаи хатти буҷетӣ чунин миқдори моли Y ва моли X-ро нишон медиҳад, ки онҳоро истеъмолкунанда бо даромади 12 сомонӣ харидорӣ карда метавонад, ба шарте, ки ҳамаи ин даромад барои молҳои додашуда сарф шуда, нархи онҳо тағйир намеёбанд.

Ҷойгиршавии хатти буҷетӣ аз инҳо вобаста аст:

- аз ҳаҷми даромади пулӣ;
- аз тағйирёбии нархи молҳо.

Хатти буҷетӣ метавонад ба чап ва ё рост ҳаракат кунад. Ҳаракати хатти буҷетӣ ба тарафи рост афзоиши имкониятҳои буҷетиро барои дастрас намудани номгӯи молҳои фоиданокии зиёдтар дошта дар назар дорад. Баръакс, ҳаракати хатти буҷетӣ ба чап пастшавии сатҳи даромадро дар назар дошта, камшавии дастрас намудани ин молҳоро дар назар дорад.

Равиши ҳаракати хатти буҷетӣ аз тағйирёбии даромади аслӣ вобаста аст, ки некуаҳволии одамонро муайян мекунад. Дар навбати худ, даромади аслӣ афзоиш ёфта метавонад: 1) дар ҳолати афзоишёбии даромадҳои номиналӣ ва бетағйирии

нархи молҳо; 2) дар ҳолати тағйир наёфтани даромади номиналӣ ва пастшавии нархи молҳо.

**Мувозинатии истеъмолкунанда**. Мувозинатии истеъмолкунанда дар нуқтаи расиши хатти буҷетӣ бо каҷхаттаи бефарқиятӣ дастрас мегардад. Бо баробари ин шарти расиши каҷхаттаи бефарқиятӣ ва хатти буҷетӣ барои фоиданокии ҳадди аксар чунин ҳолатҳоро талаб мекунад: 1) хароҷот бояд ба даромад баробар бошанд ва 2) меъёри ивазшавии интиҳоӣ **(MRS)** бояд ба таносуби нархҳои молҳои X ва Y баробар бошад.

**Каҷхаттаи Энгел** – таносуби байни даромади пулӣ ва миқдори неъматҳои дастрасшударо ифода карда, бо каҷхаттаи талабот монандӣ дорад, чунки он таносубҳои байни омилҳои заруриро ба назар мегирад, ки ба талабот ва ҳаҷми неъматҳои дастрасшуда таъсир мерасонанд.

**Самараи даромад ва самараи ивазшавӣ**. Самараҳои даромад ва ивазшавӣ якдигарро пурра мекунанд. Онҳо қобилият ва хоҳиши истеъмолкунандаро барои хариди миқдори зиёди моли муайян бо нархи пасттар нисбат ба нархи баланд водор месозанд. Мувофиқан, ҳиссиёти талаботи истеъмолии бо тағйирёбии неъматҳои харидашаванда алоқаманд буда, аз самараи даромад ва самараи ивазшавӣ иборат мебошад. **Самараи даромад** – ин тағйирёбии ҳаҷми талабот дар натиҷаи тағйирёбии даромади аслӣ ва ё афзоишёбӣ ва ё пастшавии нарх мол мебошад. **Самараи ивазшавӣ** – ин тағйирёбии ҳаҷми талабот ба моли додашуда, ки аз сабаби азнавтақсимкунӣ ба фоидаи он дар натиҷаи афзоиш ва ё пастшавии нархи моли додашуда мебошад.

Самараҳои даромад ва ивазшавӣ якдигарро пурра мекунанд. Онҳо қобилият ва хоҳиши истеъмолкунандаро барои хариди миқдори зиёди моли муайян бо нархи пасттар нисбат ба нархи баланд водор месозанд. Лекин ҳодисаҳое имконпазиранд, ки дар он пастшавии нархи молҳо ба камшавии ҳаҷми талабот оварда намерасонад ва ё ҳангоми баландшавии нархи мол ҳаҷми талаботи онро кам намекунад. Чунин молҳоро, молҳои Гиффен меноманд (бо номи олими англис, ки ин ҳодисаро тадқиқ карда буд).

# МАВЗӮИ 10. БОЗОРИ ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ.

*10.1. Муаммоҳои умумии талабот ба захираҳои иқтисодӣ.*
*10.2. Бозори меҳнат ва музди меҳнат.*
*10.3. Бозори капитал ва фоиз.*
*10.4. Бозори захираҳои замин ва рентаи замин.*

## 10.1. МУАММОҲОИ УМУМИИ ТАЛАБОТ БА ЗАХИРАҲОИ ИҚТИСОДӢ.

Маълум аст, ки истеҳсолот – ин чунин соҳаи фаъолияти хоҷагидории одамон мебошад, ки дар он бевосита хароҷоти захираҳои маҳдуди иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани неъматҳои зарурӣ амалӣ гардонида мешаванд. Захираҳое, ки дар ҷараёни истеҳсолот иштирок мекунанд, омилҳои истеҳсолот номида мешаванд.

Назарияи иқтисодии муосир чор гурӯҳи омилҳои истеҳсолотро аз ҳам ҷудо мекунад – захираҳои инсонӣ (меҳнат), захираҳои табиӣ (замин), капитал ва қобилиятҳои соҳибкорӣ. Вазифаи соҳибкорӣ дар он аст, ки се омили истеҳсолоти номбурдаро ба таври самаранок ва оқилона алоқаманд намояд. Иҷроиши ин вазифа аз баромади соҳибкор (фирма) ба бозори омилҳои истеҳсолот оғоз меёбад.

Дар бозори омилҳои истеҳсолот ба сифати фурӯшандагон метавонанд хоҷагиҳои хонавода, дигар фирмаҳо ва ё давлат баромад карда, ба сифати харидорон бошад фирмаҳои баромад мекунанд.

Пеш аз оғоз намудани ягон намуди фаъолият фирма бояд оид ба миқдори зарурии омилҳои истеҳсолот тасаввурот дошта бошад. Миқдори омилҳои истеҳсолоти зарурӣ бо ифодаёбии пулӣ, ҳаҷми талаботро ба захираҳо ифода мекунад. Саволе ба миён меояд: аз чӣ ҳаҷми талабот ба захираҳо вобаста аст?

**Талабот ба захираҳо ҳамчун талаботи ҳосилавӣ**. Рафтори фирма дар шароити иқтисоди бозорӣ ба як принсип итоат мекунад: ***молеро истеҳсол кардан зарур аст, ки онро фурӯхтан мумкин аст, барои фурӯши моли истеҳсолшуда***

***кӯшиш кардан лозим нест***. Бинобар ҳамин танҳо барои қонеъгардонии талабот ба маҳсулоти худ, фирма захираҳоро мехарад. Бо ибораи дигар бозор ба таври объективӣ аввалиндараҷагии талабот ба моли тайёр ва дуюминдараҷагии талабот ба захираҳои иқтисодиро ҷорӣ мекунад. Барои ҳамин ҳам тавсифи асосии талабот ба захиаҳо хусусияти ҳосилагии он ба талаботи маҳсулоти ниҳоӣ мебошад.

**Таъсисёбии талабот ба захираҳо**. Азбаски таъмини фоидаи ҳадди аксар мақсади асосии фирма мебошад, бинобар ҳамин ҳаҷми талабот ба захираҳои иқтисодӣ аз тарафи фирма вобаста аз мақсади асосии он муайян карда мешавад. Мантиқи ҳалли ин масъала принсипан бо оптимзатсияи ҳаҷми истеҳсолот якхела аст. Фоидаи ҳадди аксар он гоҳ дастрас мешавад, ки агар даромади интиҳоӣ бо хароҷотҳои интиҳоӣ баробар шавад (**қоидаи MR=MC**). Фарқият танҳо дар он аст, ки ҳангоми оптимизатсияи ҳаҷми истеҳсолот масъалаи то кадом ҳаҷм васеъ намудани барориш ҳал карда мешуд, дар ҳолати додашуда бошад, ҳаҷми зарурии омилҳои истеҳсолоти алоҳида муайян карда мешавад.

Аниқтараш, ҳаҷми талабот ба захираҳо аз се нишондиҳанда вобаста аст:

1) аз ҳосилнокии (боздеҳи) захираи додашуда, яъне чи қадар маҳсулоти тайёрро бо истифодаи як воҳид захира истеҳсол кардан мумкин аст;

2) аз нархи моле, ки бо воситаи ин захира истеҳсол карда шудааст;

3) аз нархи худи захира ва мувофиқан аз хароҷотҳое, ки корхона барои дастрас намудани он сарф менамояд.

**Таносубҳои оптималии истифодабарии захираҳо**. Муайян намудани таносубҳои хариди омилҳои истеҳсолоти гуногун, ба монанди меҳнат, капитал, замин ва ғайраҳо аз тарафи фирма зарурияти аввалиндараҷа дорад, зеро як натиҷаи истеҳсолотро бо истифодабарии комбинатсияҳои гуногуни омилҳои истеҳсолот дастрас кардан мумкин аст. Масалан, як ҳосилро бо воситаи истифодабарии қитъаи калони замин бо истифодаи меҳнат ва техникаи кам (диққати махсус ба омил замин дода мешавад) ва бо истифодабарии қитъаи хурди замин бо истифодаи нуриҳои минералӣ ва коркарди нисбатан хуби он

(диққати махсус ба меҳнат ва капитал дода мешавад) дастрас кардан мумкин аст.

Нишондоди самаранокии истифодабарии омилҳои истеҳсолот ин ҳосилнокии (боздеҳи) омилҳои истеҳсолот мебошад. Дар нисбияти миқдорӣ ин нишондод бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$RP = \frac{MRP}{P} \quad (10.1)$$

ки дар ин ҷо: **RP** – ҳосилнокии (боздеҳи) омили додашудаи истеҳсолот; **MRP** – маҳсулоти интиҳоии пулии омили истеҳсолоти додашуда; **P** – нархи омили истеҳсолоти додашуда.

Бо вуҷуди ин фирма ҳамавақт он захираро интихоб мекунад, ки барои он ин андоза калонтар бошад. Лекин, воҳидҳои иловагии омили истеҳсолоти самаранокро харидорӣ намуда, фирма боздеҳи ин омилро кам мекунад (қонуни камшавандаи боздеҳ амал мекунад) ва мувофиқан самаранокӣ низ паст мешавад. Маълум мегардад, ки ин ҷараён то он даме давом мекунад, ки дар он самаранокии истифодабари омили истеҳсолоти беҳтарин (ва ё омили бадтарин) бо самаранокии омилҳои истеҳсолоти боқимонда баробар нашавад. Яъне то даме, ки чунин баробарӣ пойдор нагардад:

$$\frac{MRP_1}{P_1} = \frac{MRP_2}{P_2} = \cdots = \frac{MRP_n}{P_n} \quad (10.2)$$

Фирма хариди ҳар як захираро мувофиқи қоидаи MRP=MRC оптимизатсия мекунад. Вале хароҷотҳои интиҳоии хариди захираҳо ба нархи он баробаранд, яъне MRP=MRC=P. Ин ҳолатро ба эътибор гирифта, формулаи ифода намударо бо чунин тарз навиштан мумкин аст:

$$\frac{MRP_1}{P_1} = \frac{MRP_2}{P_2} = \cdots = \frac{MRP_n}{P_n} = 1 \quad (10.3)$$

Фоидаи ҳадди аксар бо истифодабарии омилҳои истеҳсолот бо чунин ҳаҷм ва таносубҳои таъмин мегардад, ки дар он маҳсулоти интиҳоии пулии аз истифодаи онҳо ба вуҷуд овардашуда ба нархи омили истеҳсолоти мувофиқ баробар бошад.

## 10.2. БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА МУЗДИ МЕҲНАТ.

Пеш аз ҳама афкорҳои назариявии мактабҳои асосии илми иқтисодиро ба маънидодкунии бозори меҳнат ва механизми амал намудани он дида мебароем.

**Фаҳмиши марксистии музди меҳнат ва истисмори меҳнат**. Дар назарияи иқтисодӣ К.Маркс, ки танҳо ба назарияи меҳнатии арзиш такя мекунад, капитализм тавсифи васеъкардашударо гирифта, ба сифати низоми истисмори меҳнати кироя танқид гирифтааст. Мувофиқи назарияи К.Маркс, капитализм аз лаҳзае оғоз меёбад, ки дар он ба сифати моли махсуси бозорӣ меҳнат нею, балки қувваи кории инсон мубаддал мешавад. Қувваи кори инсон гуфта, қобилияти инсон ба меҳнат фаҳмида мешавад, ки айнан ҳамин хусусиятро капиталист (соҳиби воситаҳои истеҳсолот) аз коргар мехарад.

Қувваи корӣ ҳамчун мол ду хусусият дорад: арзиш ва арзиши истеъмолӣ. **Арзиши қувваи корӣ** ба арзиши ҳамаи воситаҳои барои мавҷудият ва такрористеҳсоли (барқарор намудани) қобилияти коргар ба меҳнат баробар аст. Музди меҳнат бо худ ифодаёбии пулии арзиши моли қувваи кориро инъикос мекунад. **Арзиши истеъмолии қувваи корӣ** дар қобилияти аҷоиби офаридани арзиши нав аз тарафи коргари кироя бо меҳнати зиндаи худ ифода меёбад, ки аз ҳаҷми арзиши худ зиёдтар арзишро ба вуҷуд меоварад.

Ҳамин тавр, арзиши молҳои аз тарафи коргар ба вуҷуд оварда мешуда ба ду қисм ҷудо мешавад:

1) ба арзиши қувваи корӣ эквивалент, яъне хароҷотҳое, ки коргар дар шакли музди меҳнат ба даст меоварад;

2) арзиши изофа, ки бебозгашт аз тарафи капиталист азонихуд карда мешавад.

Лекин ин гуфтаҳои маънои онро надорад, ки назарияи марксистии арзиши изофа ягонаи назарияи дурусти маънидодкунии тарафҳои манфии капитализм мебошад. Капитализми ибтидоие, ки объекти тадқиқоти К Маркс буд, дар ҳақиқат ҳам бо сатҳи пасти зиндагонии аҳолӣ ва кӯшиши аксарияти капиталистон барои ба даст овардани фоида зиёд фарқ мекард, ки дар он мубодилаи бозорӣ мавқеъи худро ба

мубодилаи фиребгарона дода, азхудкунии меҳнати бегона васеъ паҳн гашта буд. Бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳони капитализм, ки дар онҳо ба гурӯҳҳои васеъи аҳоли сатҳи зиндагонии баланд таъмин карда шудааст, оид ба нодурустии монандкунии низоми коргарони кироя ва истисмор шаҳодат медиҳанд.

**Назарияи неоклассикӣ оид ба бозори меҳнат**. Маънои муносибати неоклассикӣ дар он аст, ки бозори меҳнат ба монанди дигар бозорҳо дар асоси механизми нархӣ амал мекунад. Яъне танзимкунандаи асосии бозорӣ музди меҳнат мебошад. Айнан бо воситаи он талабот ба меҳнат ва пешниҳоди он танзим карда шуда, мувозинатии онҳо нигоҳ дошта мешавад. Агар ягон қувваҳои ғайрибозорӣ ба механизми нархӣ дахолат кунанд (иттифоқҳои касаба, давлат) ва ё агар дар бозор ахбороти зарурӣ мавҷуд набошад, он гоҳ дар чунин бозор маҳдудиятҳо ва монеъаҳои гуногун пайдо мешаванд.

**Муносибати кейнсӣ ба бозори меҳнат**. Нисбат ба неоклассикон, кейнсчиён гумон доранд, ки бозори меҳнат дар ҳолати номувозинатии доимӣ ва фундаменталӣ қарор дорад, зеро нархи қувваи корӣ (музди меҳнат) устувор буда, тағйирнопазир аст, махсусан ба сӯи камшавӣ. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки музди меҳнат ба сифати фишанги баробаркунии бозор баромад карда наметавонад. Азбаски музди меҳнат танзимкунандаи бозор ба ҳисоб намеравад, он гоҳ чунин танзимкунанда бояд аз берун ворид карда шавад. Чунин танзимкунанда аз тарафи давлат ворид карда мешавад, ки маҷмӯаи талаботро ҳаракат мекунанд ва чунин номувозинатиро бартараф карда метавонад. Ҳамин тавр, талабот ба қувваи корӣ, мувофиқи муносибати кейнсӣ бо тағйирёбии нархҳои бозории меҳнат танзим нашуда, балки бо маҷмӯаи талабот, яъне бо ҳаҷми истеҳсолот танзим карда мешавад.

**Модели монетарии бозори меҳнат**. Монетаристон ба монади кейнсчиён аз мавҷудияти нархҳои устувор ба қувваи корӣ ва бо баробари ин аз заминаи ҳаракати якравиягӣ ба сӯи баландшавӣ бармеоянд. Барои баробар кардани бозори меҳнат монетаристон истифодабарии фишангҳои сиёсати пулию – қарзии бонки марказиро пешкаш мекунанд, ба монанди:

мизони ҳисобии фоиз, меъёри захираи ҳатмӣ, амалиётҳо дар бозори кушод.

**Институтсионалистон оид ба бозори меҳнат**. Дар асоси консепсияи мактаби институтсионализм оид ба бозри меҳнат муносибати макроиқтисодӣ нахобида, балки муносибат аз нуқтаи назари фарқиятҳои касбӣ ва соҳавӣ дар сохтори қувваи корӣ ва сатҳҳои мувофиқи музди меҳнат хобидааст.

**Бозори меҳнат ва музди меҳнат**. Қисми зиёди аҳолӣ барои таъмин намудани худ бо воситаҳои рӯзгузаронӣ, хизматҳои меҳнатии худро бо назардошти пардохти пулии муайян, яъне музди меҳнат пешкаш мекунанд. Ин қисми аҳолӣ моли махсусро, яъне қувваи кориро мефурӯшад. Барои амалигардонии хариду – фурӯши қувваи корӣ бозори махсус, яъне бозори меҳнат вуҷуд дорад.

**Бозори меҳнат** тарз, механизмҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳоро дар бар мегирад, ки ба фурӯшандагон (коргарони кироя) барои дарёфти кор шароит фароҳам оварда, барои харидорон (кордиҳандагон) киро намудани коргаронро таъмин менамояд, ки барои амалигардонии фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва ғайраҳо заруранд.

Арзиши қувваи корӣ – ин ифодаёбии арзиши мол, яъне қувваи корӣ ва ё нархи меҳнат мебошад. Музди меҳнат бо арзиши воситаҳои рӯзгузаронии барои такрористеҳсоли қувваи корӣ зарурбуда муайян карда мешавад. Ба арзиши қувваи корӣ арзиши воситаҳои рӯзгузаронии барои таъмини оилаи коргари кироя дохил карда мешавад.

**Омилҳое, ки ба арзиши қувваи корӣ таъсир мерасонанд**. Омилҳои ба арзиши қувваи корӣ таъсиррасонанда ба омилҳои пасткунанда ва афзоишдиҳандаи арзиши қувваи корӣ ҷудо мешаванд. Ба омилҳои пасткунандаи арзиши қувваи корӣ афзоиши ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ ва ҷалбшавии занҳо ва бачагон ба ҷараёни истеҳсолот дохил мешаванд. Ба омилҳои афзоиши арзиши қувваи кориро ба миён меоварда, афзоиши тахассуснокии коргарони кироя, васеъшавии эҳтиёҷотҳои аъзоёни оилами онҳо ба мол ва хизматҳо нав, афзоиши шиддатнокии меҳнат.

**Музди меҳнат**. Музди меҳант – ин даромад дар шакли пулиест, ки аз тарафи коргари кироя бар ивази хизматҳои

муайяни меҳнатӣ ба даст оварда мешавад. Бояд қайд намуд, ки бо баробари зарурияти муайян намудани ҳаҷми музди меҳнати коргар ба даст меоварада муайян намудани миқдори мол ва хизматҳое, ки ба ин музди меҳнат ба даст оварда мешавад аҳамияти калон дорад. Бинобарҳамин бояд музди меҳнати номиналӣ ва аслиро аз ҳам фарқ кардан зарур аст. Музди меҳнати аслӣ миқдори мол ва хизматҳоро дар назар дорад, ки ба ин музди меҳнати номиналӣ ба даст оварда мешавад. Бо назардошти шартҳои баробаршаванда таносуби ин андозаҳоро ҳосил кардан мумкин аст:

$$W_r = \frac{W_n}{P} \quad (10.4)$$

ки дар ин ҷо Wr – музди меҳнати аслӣ; Wn – музди меҳнати номиналӣ; P – сатҳи нархҳои мол ва хизматҳои истеъмолӣ.

Ҳаҷми ҳадди ақали музди меҳнат бояд миқдори лозимаи воситаҳои ҳаётан муҳимро барои такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ таъмин намояд. Ҳаҷми музди меҳнати меҳнати ҳадди ақал бо роҳи ҳисобкунӣ аз рӯи ҳадди ақали рӯзгузаронӣ муайян карда мешавад.

Музди меҳнат бо низоми тарифӣ танзим карда мешавад, ки он ҷадвали тарифӣ, мизони тарифӣ ва тахассуснокии меҳнатро дар бар мегирад.

**Шаклҳои музди меҳнат**. Музди меҳнат ду шакл дорад: вақтбай ва корбай. **Музди меҳнати вақтбай** – ин пардохти пулии хизмати меҳнати коргари кироя мебошад, ки вобаста аз миқдори вақти коркардаи он (соат, рӯз, ҳафта, моҳ) пардохт карда мешавад. **Музди меҳнати корбай** – ин пардохти пулии хизмати меҳнатӣ, ки вобаста аз миқдори маҳсулоти аз тарафи коргар истеҳсолкардашуда пардохт карда мешавад.

Мақсади истифодабарии ҳар як шакли музди меҳнат ин ноилгардӣ ба ҳосилнокии (боздеҳи) ҳадди аксар аз омили меҳнат мебошад. Лекин ҳар як шакли музди меҳнат афзалият ва норасогии худро дорад.

**Музди меҳнати вақтбай:**

- *ҳангоми иҷро намудани корҳои мураккаб ва комплексӣ қулайтар аст;*

- *заминаҳои имконпазирро барои меҳнати босифат таъмин менамояд (меҳнати бешитобона).*

**Бо баробари ин музди меҳнати вақтбай чунин хусусиятҳоро дорад:**

- *шиддатнокии меҳнатро ҳавасманд намекунад (афсар хоб асту хизмат рафта истодааст);*
- *назоратро аз болои фаъолияти меҳнати ҷорӣ талаб карда, набалки аз болои натиҷаи он.*

**Музди меҳнати корбай:**

- *меҳнатро шиддатнок мекунад;*
- *хароҷотҳоро барои назорат кам мекунад.*

**Бо баробари ин музди меҳнати корбай чунин хусусиятҳоро дорад:**

- *рағбати коргаронро барои баланд намудани сифати маҳсулот водор накарда, балки бароришиі маҳсулоти нуқсондорро (бракро) ҳавасаманд мекунад;*
- *ҳангоми корҳои мураккаб, дурру-дароз ва комплексӣ корношоям аст.*

Дар замони ҳозира, вобаста ба он, ки дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ дар асоси техника ва технологияи нав сатҳи нави ҷараёнҳои меҳнатӣ ба миён меоянд (меҳнати мураккаб афзалтар мешавад), музди меҳнати вақтбай нисбатан паҳн гашта мебошад. Бо баробари ин инкишофёбии соҳаи хизматрасонии маънавӣ, ки дар чаҳорчӯбаи он ченаки ягонаи имконпазири меҳнат давомнокии он мегардад, ҳамчун омили иловагии инкишфи шакли вақтбайи музди меҳнат баромад мекунад.

**Низоми музди меҳнат.** Низоми музди меҳнат гуфта маҷмӯаи принсипҳо ва унсурҳои имконпазири ташкили пардохти музди меҳнати коргарони кирояро дар назар доранд, ки бо шарофати комбинировании он афзоиши даромади пулии коргар бо ҳосилнокии меҳнати он алоқаманд карда мешавад.

**Бозори меҳнат дар шароити рақобати мукаммал**. Рақобати мукаммал дар бозори меҳнат мавҷудияти чунин нишонаҳоро дар назар дорад:

1) баён намудани талабот ба намуди муайяни меҳнат (яъне ба коргарони тахассуснокӣ ва касби муайян) аз тарафи фирмаҳои зиёди байни худ рақобаткунанда;

2) пешниҳоди меҳнати худ аз тарафи ҳамаи коргарони як тахассус ва касб новобаста аз якдигар;

3) мавҷуд набудани як муассиса аз тарафи ҳам харидорони хизматҳои меҳнатӣ (монопсония) ва ҳам аз тарафи фурӯшандагони хизмати меҳнатӣ (монополия);

4) ғайриимконпазир будани ҷорӣ намудани назорат аз болои нархи меҳнат, яъне маҷбуран муайян намудани сатҳи музди меҳнат ҳам аз тарафи фирмаҳо ва ҳам аз тарафи коргарон.

**Талабот ва пешниҳоди меҳнат дар бозори рақобати мукаммал барои фирмаи алоҳида.** Тағйирёбии музди меҳнат (нархи меҳнат) ҳам ба талабот ва ҳам ба пешниҳоди меҳнат таъсир мерасонад. Вобастагии талабот ва пешниҳоди меҳнат аз нархи меҳнат бо графики ба мо маълум ифода ёфтанаш мумкин аст, лекин дар график объекти талабот ва пешниҳоди миқдори меҳнат баромад мекунад, ки аз нархи он (музди меҳнат) вобастагӣ дорад.

Аз як тараф чӣ қадаре ки музди меҳнати талаб мекардаи коргарон баланд бошад, ҳамон қадар миқдориками онҳоро кордиҳандагон розиянд ба кор қабул намоянд ***(қонуни талабот)***. Аз тарафи дигар, чӣ қадаре ки музди меҳнати пардохт мекардаи кордиҳанда баланд бошад, ҳамон қадар миқдори зиёди одамон тайёранд ба чунин меҳнат машғул шаванд ***(қонуни пешниҳод)***. Дар бурриши чунин манфиатҳо (каҷхаттаҳои талабот ва пешниҳоди меҳнат) нархи мувозинатии қувваи корӣ ҷорӣ карда мешавад.

***Пешниҳоди меҳнат.*** Пешниҳоди меҳнат аз шумораи аҳолӣ, сохтори синну солӣ, миқдори миёнаи соатҳои корӣ дар давоми ҳафта, сатҳи тахассуснокӣ ва сифати қувваи корӣ, маданият, дин, анъанаҳои миллӣ, сатҳи музди меҳнат ва ғайраҳо вобаста аст.

***Талабот ба меҳнат.*** Талабот ба меҳнат пеш аз ҳама бо маҳсулоти интиҳоии бо меҳнат офарида мешуда, бо сатҳи таъминоти техникии истеҳсолот ва инчунин таносуби арзишҳои меҳнат ва мошинаҳо муайян карда мешавад.

Дар бозори рақбати мукаммал талабот ба меҳнат аз инҳо вобастааст:

1) аз сатҳи нархи маҳсулоте, ки бо истифодабарии меҳнати конкретӣ истеҳсол карда мешавад;

2) аз ҳосилнокии меҳнат – чӣ қадаре ки ҳосилнокии меҳнат баланд бошад, ҳамон қадар арзиши маҳсулот баланд буда, талабот ба намуди меҳнати додашуда зиёд мешавад.

Барои баҳодиҳии сатҳи самаранокии воҳиди иловагии меҳнат нишондиҳандаи афзоиши даромади умумӣ аз фурӯши истеҳсолкунанда дар натиҷаи истифодабарии воҳиди иловагии меҳнат истифода мешавад. Даромади умумӣ аз фурӯш бо ифодаёбии пулии маҳсулоти интиҳоии меҳнат тавсиф карда мешавад, ки намуди зерин дорад:

$$MRP_L = \frac{\Delta TR}{\Delta L} \tag{10.5}$$

ки дар ин ҷо: **MRP**L – даромади пулии маҳсулоти интиҳоии меҳнат; **ΔTR** – афзоиши даромади умумӣ аз фурӯш; **ΔL** – афзоиши меҳнат.

Чӣ хеле ки маълум аст, ифодаёбии маҳсулоти интиҳоии меҳнат намуди $MP_L = \frac{\Delta TP_L}{\Delta L}$ дошта, даромади интиҳоӣ аз меҳнат бошад намуди $MR_L = \frac{\Delta TR_L}{\Delta L}$. Аз ин ҷо алоқаи байни ифодаёбии пулӣ ва шайъии маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо чунин тарз ифода карда мешавад:

$$MRP_L = MP_L \times MR_L \tag{10.6}$$

Азбаски дар шароитҳои рақобати мукаммал андозаи даромад аз фурӯши ин воҳиди маҳсулот ба нархи воҳиди маҳсулот баробар аст, бинобар ҳамин MR=P. Ҳамин тавр, ифодаёбии пулии маҳсулоти интиҳоии меҳнат арзиши маҳсулоти интиҳоӣ мебошад, яъне:

$$VMP_L = MP_L \times P \tag{10.7}$$

Истеҳсолкунанда воҳиди иловагии меҳнатро то он даме киро мекунад, ки дар он даромади аз ин воҳиди иловагии меҳнат аз хароҷот барои меҳнат зиёдтар бошад. Бинобар ҳамин барои истеҳсолкунанда зарур аст, ки ифодаёбии пулии маҳсулоти интиҳоии меҳнатро бо арзиши пардохти меҳнат (**W**)

муқоиса намояд. То он даме, ки **$MRP_L>W$** барои фирма киро намудани меҳнат фоидаовар аст. Танҳо дар ҳамин ҳолат фоидаи фирма афзоиш меёбад. Барои ҳамин ҳам шарти фоидаи ҳадди аксари истеҳсолкунандагон ҳангоми киро намудани меҳнат чунин намуд дорад:

$$MRP_L = W \tag{10.8}$$

Аз ин ҷо хулоса бар меояд, ки MRP каҷхаттаи талабот ба меҳнатро ифода мекунад (ҷадвали 10.1).

**Ҷадвали 10.1**

**Мисоли ҳисоб намудани ифодаёбии пулии маҳсулоти интиҳоии меҳнат ($MP_L$) барои фирма дар шароити рақобати мукаммал**

| L | TP (воҳид) | $MP_L$ (воҳид) | MR=P (с) | $MRP_L=MP_L×MR$, (с) |
|---|---|---|---|---|
| 0 | - | - | - | - |
| 1 | 1400 | 1400 | 5 | 7000 |
| 2 | 2200 | 800 | 5 | 4000 |
| 3 | 2700 | 500 | 5 | 2500 |
| 4 | 3000 | 300 | 5 | 1500 |
| 5 | 3200 | 200 | 5 | 1000 |
| 6 | 3320 | 100 | 5 | 600 |

Боз як бори дигар қайд мекунем, ки **каҷхаттаи талабот** ба меҳнат хамшавии манфӣ дорад. **Каҷхаттаи пешниҳод** дар ҷамъият умуман шакли оддиро дорад 0 бо баробари афзоиши музди меҳнат пешниҳоди меҳнат зиёд мешавад.

Каҷхаттаи пешниҳод ба меҳнати конкретӣ бошад махсусияти муайян дорад, ки аз хусусияти бозори меҳнати конкретӣ бармеояд. Ин махсусият дар он аст, ки коргар худаш дар бисёр ҳолатҳо хислати корро муайян мекунад, ки ба ӯ писан даст.

Назарияи иқтисодӣ ин ҳолатро бо он маънидод мекунад, ки коргар то лаҳзаи муайян вақти кориро аз ҳисоби кам намудани вақти истироҳат барои ба даст овардани музди меҳнати зиёдтар афзоиш медиҳад. Чунин афзоиши пешниҳоди меҳнат номи **«самараи ивазшавиро»** гирифтааст. Бо баробари ин лаҳзае мерасад, ки баъд аз он коргар барои баланд намудани музди меҳнати худ манфиатдор нашуда, вақти истироҳатро

зиёд мекунад. Чунин камшавии пешниҳоди меҳнат дар шароити афзоиши музди меҳнат номи **«самараи даромадро»** гирифтааст. Мувофиқан, каҷхаттаи пешниҳоди меҳнати конкретӣ дар худ таъсири **самараи ивазшавӣ** ва **самараи даромадро** ҳис мекунад.

Ҳамин тавр хулоса баровардан мумкин аст, ки на ҳама вақт афзоиши музди меҳнат афзоиши пешниҳоди меҳнати конкретиро ба миён меоварад ва бинобар ҳамин каҷхаттаи пешниҳоди меҳнати конкретӣ аз каҷхаттаи оддии меҳнат бо шакли худ фарқ мекунад.

**Мизони мувозинати музди меҳнат**. Мизони мувозинати музди меҳнат дар бозори меҳнат ва сатҳи мувозинатии шуғли меҳнати конкретӣ дар нуқтаи бурриши каҷхаттаи талабот ва каҷхаттаи пешниҳоди меҳнат муайян карда мешавад.

Дар нуқтаи мувозинатӣ ҳам барзиёди ва ҳам норасогии қувваи корӣ вуҷуд надорад (талабот айнан ба пешниҳод баробар аст). Ин ҳолат маънои онро дорад, ки на бекорӣ ва на норасогии қувваи корӣ вуҷуд надорад. Мувозинатӣ характери устувор дошта, алоқаҳои мутақобила вайроншавии онҳоро хомӯш мекунад. Баландшавии нархи меҳнат ба афзоиши пешниҳод ва камшавии талабот ба меҳнат оварда мерасонад. Дар натиҷа барзиёдии пешниҳоди қувваи корӣ ба миён меояд. Қисми хоҳишмандони кор мекарда ҷои холии кориро дарёфт намекунанд ва рақобат оғоз ёфта, дар ҷараёни он коргарон ба музди меҳнати пасттар розӣ мешаванд, то ки бо кор машғул шаванд. Оҳиста – оҳиста нархи меҳнат то сатҳи ибтидоӣ паст мешавад.

Махсусан бояд қайд намуд, ки мувозинатӣ бе ягон таъсири беруна дастрас мешавад: ҳар як фирма ҳамон миқдор коргаронро киро менамояд, ки барои дастрас намудани фоидаи ҳадди аксар зарур аст ва бинобар ҳамин фирма барои вайронкунии ин мувозинатӣ манфиатдор нест.

Дар таҷрибаи аслӣ дар бозори меҳнат риоя намудани ин принсипҳои рақобати мукаммал кам ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин бозорҳои меҳнати ба мукаммал наздик вуҷуд доранд, аз он ҷумла дар Тоҷикистон.

**Бозори меҳнати Тоҷикистон**, ки ҷараёни мураккаби пойдоршавиро аз сар гузаронида истодааст, як қатор бандҳоро

(сегментҳоро) дорад, ки дар чаҳорчӯбаи онҳо хислатҳои рақобати мукаммал афзалияти худро нишон медиҳанд. Бо назардошти як қатор шартҳо ба ин бозорҳо, бозори фурӯшандагон, сохтмончиён, ронандагон, фаррошон, коргарон – таъмиргарони гуногун, коргарони ёрирасон ва ғайраҳоро дохил кардан мумкин аст. Талабот дар ин ҷо аз тарафи фирмаҳои зиёди хурду миёна баён карда шуда, пешниҳод бошад аз тарафи массаи зиёди коргарони номуташаккил баён карда мешавад, ки дорои чунин касбҳои нисбатан сода мебошанд. Бо ибораи дигар ба монанди дар ҳолати рақобати мукаммал ҳам талабот ва ҳам пешниҳод бисёранд ва ҳаҷман хурданд.

Новобаста аз гуфтаҳои боло, барои бозори меҳнати муосир хоҳ дар шароитҳои иқтисоди бозории тараққикарда ва хоҳ дар шароитҳои иқтисодиёти гузариш пеш аз ҳама рақобати номукаммал хос аст.

**Рақобати номукаммал дар бозори меҳнат**. Барои бозори меҳнат рақобати номукаммал бештар хос аст. Ин ҳолат асосан зери таъсири фаъолияти иттифоқҳои касаба, ки онҳо дар тарафи пешниҳоди меҳнат мавҷуд буда, ба мизони музди меҳнат таъсир мерсонанд ва соҳибкороне, ки дар тарафи талаботи меҳнат вуҷуд дошта ба мизони музди меҳнат бо воситаи талабот таъсир мерасонанд пойдор мегардад.

Иттифоқҳои касаба ҳамчун монополист амал намуда, соҳибкорон бошанд ҳамчун монопсонист амал мекунанд, яъне иттифоқҳои касаба ҳамчун як фурӯшанда ва соҳибкорон ҳамчун як харидор баромад мекунанд.

Ҳар дуи ин қувваҳои монополӣ нархи меҳнатро ҷорӣ мекунанд. Барои баробар намудани нархи меҳнат низоми шартномаҳои коллективӣ вуҷуд дорад.

Ҳолатеро дар бозори меҳнат мушоҳида мекунем, ки дар он иттифоқҳои касаба мавҷуд нестанд ва кордиҳанда бошад як фирма (ва ё якчанд фирмаҳои ба ассотсиатсия муттаҳидшуда) баромад мекунад. Чунин бозори меҳнат бозори монопсонӣ ба ҳисоб меравад.

**Монопсония дар бозори меҳнат.** Монопсония мавҷудияти як харидорро дар бозор дар назар дорад. Мувофиқан, монопсония дар бозори меҳнат маънои

мавҷудияти танҳо як харидори қувваи кориро дорад. Дар чунин бозор як кордиҳанда ба миқдори зиёди коргарони кирояи мустақил амалкунанда мутақобилият мекунад.

Ба нишонаҳои асосии монопсония дохил мешаванд:

1) ҷамъшавии қисми асосии (ва ё ҳамаи) машғул будагон ба соҳаи намуди меҳнати муайян ба як фирма;

2) пурра мавҷуд набудани ҳаракатнокии коргароне, ки имконияти аслии иваз намудани кордиҳандаро ҳангоми фурӯши меҳнати худ надоранд;

3) аз тарафи монопсонист (ягона кордиҳанда) ҷорӣ намудани назорат аз болои нархи меҳнат бо мақсади фоидаи ҳадди аксар.

Дар мисоли шартии монопсония чунин ҳолат ба назар мерасад (ҷадвали 10.2).

**Ҷадвали 10.2.**

**Хароҷотҳои интиҳоӣ ба омили меҳнат ($MRC_L$) ҳангоми монопсония**

| L | W | $TRC_L$ | $MRC_L$ |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 2 | 2 |
| 2 | 4 | 8 | 6 |
| 3 | 6 | 18 | 10 |
| 4 | 8 | 32 | 14 |

Ҷиҳати асосие, ки ҳолати монопсониро аз рақобати мукаммал фарқ мекунонад, ин афзоиши мизони музди меҳнат ҳангоми киро намудани миқдори коргарони афзоишёбанда мебошад. Бо ибораи дигар, агар барои фирмаи рақобати мукаммал пешниҳоди меҳнат мутлақо чандир буда, фирма тавонад ҳар як миқдори коргаронро бо як мизон киро намояд, ҳангоми монопсония бошад хатти пешниҳод намуди оддии бо баробари баландшавии нархҳо афзоишёбандаро дорад. Ин ҳолат бо он маънидод карда мешавад, ки монопсонист дар амал фирма – соҳа мебошад. Афзоишёбии талаботи ӯ ба меҳнат маънои афзоишёбии талаботи умумисоҳавиро дар назар дорад. Барои ҷалб намудани коргарони иловагӣ, зарурияти ҷалб намудани онҳо аз дигар соҳаҳо ба миён меояд. Таносуби талабот ва пешниҳод дар иқтисодиёт тағйир меёбад, нархҳо ба меҳнат афзоиш меёбанд. Монопсония дар бозори меҳнат дар он

зоҳир мегардад, ки барои фирмаи монопсонист хароҷотҳои интиҳоии бо пардохти омили меҳнат алоқаманд буда нисбат ба мизони музди меҳнат тезтар афзоиш меёбанд (муқоисаи сутунҳои 2 ва 4 дар ҷадвали 10.2). Бо чӣ ин ҳолат маънидод карда мешавад? Ин ҳолат бо он маънидод карда мешавад, ки ба фирма пардохт намудани музди меҳнат бо мизони баландшуда на танҳо ба коргарони иловагии ҷалб шуда, балки барои коргарони пештар кор мекарда зарур аст. Масалан, фирма қарор кард, ки ба ду коргари мавҷуд буда коргари сеюмро киро намояд (гузариш аз сатри дуюм ва сатри сеюми ҷадвали 10.2). Хароҷотҳои иловагии фирма чӣ гуна мешаванд? **Якум**, фирма маҷбур мешавад, ки ба коргари сеюм 6 воҳиди пулиро пардохт намояд, яъне дар ин қисмат хароҷоти интиҳоӣ мувофиқи афзоишёбии мизони музди меҳнат зиёд мешаванд. Лекин бо ин хароҷотҳои иловагӣ маҳдуд намешаванд. **Дуюм**, фирма мизони музди меҳнатро ба ду коргари пештара аз 4 воҳиди пулӣ то сатҳи 6 воҳиди пулӣ баланд мекунад. Дар натиҷа музди меҳнат танҳо аз 4 то 6 воҳиди пулӣ баланд шуда, хароҷотҳои интиҳоӣ бошанд аз сатҳи ибтидоии 6 воҳиди пулӣ то 10 воҳиди пулӣ зиёд мешаванд (дар ҳақиқат: 6+(2×(6-4))=10.

Ҳангоми монопсония дар бозори меҳнат рақобат байни фирмаҳо дар талабот мавҷуд нест ва ё нопурра мебошад. Бинобар ҳамин монопсонист (харидори ягонаи меҳнат) метавонад мизони музди меҳнатро пасттар аз сатҳи мувозинатӣ ҷорӣ намояд. Фирма ин ҷараёнро вобаста аз масъалаи дастрас намудани фоидаи ҳадди аксар амалӣ мегардонад. Ин масъала ҳангоми шарти MRC=MRP ҳал карда мешавад. Мувофиқан, монопсонист фоидаи ҳадди аксарро таъмин намуда, миқдори ками коргаронро бо мизони пасттари музди меҳнат нисбат ба фирмаи рақобаткунанда киро менамояд.

**Иттифоқҳои касаба дар бозори меҳнат**. Дар бозори меҳнат коргарони кироя наҳамавақт нисбат ба кордиҳандагон мавқеъи баробарро ишғол мекунанд. Дар тарафи кордиҳанда чунин афзалиятҳо ба монанди боигарӣ, имкониятҳои ташкили корхонаҳо ва дар баъзе ҳолатҳо таъсири сиёсӣ низ мавҷуданд. Бо назардошти ин дар коргарони кироя эҳтиёҷоти муқаррарии зиддият нисбат ба харидорони меҳнат бо қувваи муттаҳидшуда пайдо мешавад. Айнан иттифоқҳои касаба нақши ин қувваро

мебозанд. Мақсади онҳо дар ҳимояи коргарони кироя аз истисмори имконпазир аз тарафи корхонаҳои ба меҳнат талабот баён мекарда ва музди меҳнатро бо нархи паст пардохт мекарда ифода меёбад. Бинобар ҳамин иттифоқҳои касаба шаклҳои коллективонаи фурӯши меҳнатро ташкил мекунанд. Онҳо барои таъмини музди меҳнати баланд, афзоиши миқдори машғулбудагон, беҳтар намудани шартҳои меҳнат барои коргарон ва кафолатҳои иҷтимоиро барои бекорон кӯшиш мекунанд.

Се модели асосии амал намудани бозори меҳнат бо иштироки иттифоқҳои касаба вуҷуд дорад.

***Модели ҳавасмандгардонии талабот ба меҳнат.*** Модели додашуда ба баланд намудани музди меҳнат ва шуғл бо воситаи афзоиши талабот ба меҳнат таъинот дорад. Чунин афзоишёбиро иттифоқҳои касаба метавонанд бо баробари беҳтар намудани сифати меҳнат (масалан, ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳо ва ё бо баробари зиёд намудани талабот ба моли тайёр) таъмин намоянд.

Дар ҳолати таъмин намудани афзоиши талабот ба меҳнат аз тарафи иттифоқҳои касаба, каҷхаттаи талабот ба тарафи рост ҳаракат мекунад. Дар ин ҳолат якбора ду масъалаи асосии иттифоқҳои касаба ҳал карда мешавад: шуғли аҳолӣ афзоиш меёбад ва мизони музди меҳнат баланд мешавад. Ба диққатҷалбкунандагии модели дидабаромадашуда нигоҳ накарда, амалигардонии он дар ҳаёти аслӣ мушкил аст. Дар асл иттифоқҳои касаба дар ин ҳолат ба манфиатҳои ҳам аъзоёни худ ва ҳам соҳибкорон амал мекунанд, чунки сифати меҳнатро беҳтар мегардонанд.

***Модели камкунандаи пешниҳоди меҳнат.*** Ин модел ба баланд намудани музди меҳнат бо воситаи кам намудани пешниҳоди меҳнат таъинот дорад. Ин камкунӣ метавонад дар чаҳорчӯбаи иттифоқҳои касабаи хурд (сехӣ) амалӣ гардад, ки онҳо одатан иттифоқҳои пӯшида ва ё маҳдуд меноманд. Чунин иттифоқҳои касаба назорати сахтро аз болои пешниҳоди меҳнати баландихтисос бо роҳи маҳдудсозии миқдори аъзоёни худ ҷорӣ менамояд, ки барои он мӯҳлатҳои дарози таълимоти касби мувофиқ, маҳдудсозӣ ҳангоми додани литсензияҳои тахассусӣ, аъзоҳаққии зиёд ҳангоми воридшавӣ.

Бо баробари ин иттифоқҳои касаба кӯшиш мекунанд, ки сиёсатеро барои камшавии пешниҳоди умумии меҳнат таъинот амалӣ гардонида, кӯшиш мекунанд то ки аз тарафи давлат қонунҳои мувофиқ қабул карда шаванд (қонунҳое, ки ба таври ҳатмӣ ба нафақа баромадро ҳангоми расидаи синну соли мувофиқ, маҳдудкунии иммигратсия ва ё қонунҳои вақти кориро камкунанда).

***Модели таъсири мустақим ба музди меҳнат***. Ин аз ҳама ҳам модели дар шароитҳои муосир паҳн гашта буда, ба афзоиши музди меҳнат бо воситаи таъсири мустақими иттифоқҳои касаба таъинот дорад.

Аз моделҳои дуюм ва сеюм маълум мегардад, ки баландшавии музди меҳнат аз ҳисоби кам намудани шуғли аҳолӣ ба миён меояд. Аз ин ҷо оид ба зиддияти натиҷаҳои мубoризаи иттифоқҳои касаба барои баланд намудани музди меҳнати коргари кироя хулоса баровардан мумкин аст.

**Монополияи тарафайнӣ дар бозори меҳнат**. Ҳукмронии яктарафаи иттифоқҳои касаба дар бозори меҳнат ҳодиса камёфт аст. Дар асл ба иттифоқҳои касаба корпоратсияҳои калони азим таъсир мерасонанд. Чунин ҳолати бозорӣ дар назарияи иқтисодӣ номи монополияти тарафайнӣ ва ё дутарафаро гирифтааст. Иттифоқи касаба ҷорӣ намудани мизони музди меҳнатро аз рақибона баландтар талаб мекунад, монополият бошад талаб мекунад, ки мизони музди меҳнат аз рақибона пасттар бошад. Натиҷаи ҷорӣ намудани монополияи дутарафа дар бозори меҳнат чӣ хел мешавад? Ба ин савол ҷавоб додан душвор аст ва назарияи иқтисодӣ ба ин савол ҷавоб дода наметавонад. Пеш аз ҳама музди меҳнат дар сатҳи байни талаб мекардаи монопсония ва монополия ҷорӣ мешавад. Дар натиҷаи ин ҳодиса, дар шароити монополияи дутарафа мизони музди меҳнат ва сатҳи шуғл ба сатҳҳои рақобатнок наздик мешаванд.

**Танзими давлатии бозори меҳнат**. Танзими давлатии бозори меҳнат – ин маҷмӯаи чораҳои иқтисодӣ, қонунӣ, маъмурӣ ва ташкилие, ки ба ҳавасмандгардонии афзоиши шуғл, тайёрӣ ва аз навтайёркунии коргарон, мусоидатнамои ба кирои коргарони кироя, ҷорӣ намудани низоми суғуртаи иҷтимоӣ аз бекорӣ ва таъмини ҳатмии нафақа.

## 10.3. БОЗОРИ КАПИТАЛ ВА ФОИЗ.

Қисми таркибии бозори омилҳои истеҳсолот, бозори капитал ва активҳои капиталӣ мебошад. Калимаи «капитал» аз калимаи лотинии capitalis – асосӣ гирифта шудааст. Ҳамчун омили истеҳсолот, капитал ҳамагуна захираҳои истеҳсолиро муттаҳид мекунад – дастгоҳҳо, таҷҳизотҳо, олотҳо, технологияҳои навтарин, маҳсулотҳои барномавӣ ва ғайраҳое, ки аз тарафи одамон барои амалигардонии истеҳсолоти неъматҳои иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани фоида, офарида шудаанд.

Капитал маънидодкунии зиёд дорад. **Мерантилистон** мафҳуми капиталро аз соҳаи муомилот бановарда онро ба капитали пулӣ мансуб меҳисобиданд. Онҳо гумон доштанд, ки капитал – ин тилло ва пулҳое мебошанд, ки ҷамъи онҳо дар соҳаи муомилот афзоиш меёбад. **Физиократҳо** ба сифати капитал воситаҳоро меҳисобиданд, ки ба заминдорӣ гузошта шуда буданд. Классикони англис мафҳуми капиталро ба соҳаи саноат низ паҳн мекарданд.

**А.Смит** капиталро бо ду маъно тавсир мекард: ҳамчун захираҳои барои истеҳсолоти минбаъда зарур буда (ҳамчун шароитҳои абадӣ ва муқаррарии истеҳсолот) ва ҳамчун қувваи бо меҳнат фармоишшаванда. Бо ин мафҳум аз рӯи таълимоти А.Смит ин категория дар истеҳсолоти оддии молӣ мавҷуд набуда, балки дертар пайдо мешавад.

**Д.Рикардо** маънидодкунии А.Смитро оид ба мафҳуми капитал дастгирии мекард – ҳамчун воситаи истеҳсолот ва ҳамчун категорияи муқаррарии абадӣ (то ҳатто чӯбдасти шикорчии ибтидоӣ, ба ақидаи Д.Рикардо капитал ба ҳисоб мерафт). Ӯ гумон дошт, ки капитал – ин қисми боигарии мамлакат, ки дар истеҳсолот истеъмол карда шуда аз таом, либос, олотҳо, мошинаҳо ва ғайраҳо иборат мебошад, ки барои ҳаракат бахшидани меҳнат заруранд.

**Маънидодкунии марксистии капитал.** К.Маркс капиталро ҳамчун ҳодисаи мураккаб мушоҳида мекард. Капитал бо маънои васеъаш тамоми низоми муносибатҳои истеҳсолии ҷамъияти буржуазиро дар бар мегирад: ҳам муносибати байни капиталистон ва коргарони кироя ва ҳам

муносибати байни худи капиталистонро оид ба тақсимоти арзиши изофа. Капитал бо маънои маҳдудаш олоти истисмори коргари кироя мебошад.

К. Маркс се маънидодкунии капиталро пешкаш мекунад: **якум**, капитал – ин арзиши худафзоишёбанда. Чунин маънидодкунии капитал аз формулаи умумии капитал бармеояд: П – М – П′, ки дар ин ҷо П′ – ин арзиши ибтидоии капитал (П) ва арзиши иловашуда мебошад; **дуюм**, капитал – ин чиз набуда, балки муносибати иқтисодии муайяни ҷамъиятӣ буда, дар чизҳо ифода ёфтааст ва ба он хислати махсуси ҷамъиятиро додаст (мошинаҳо, биноҳо, пулҳо ва ғайраҳо ҳангоми истифодабарии махсуси онҳо ба капитал мубаддал мешаванд, яъне ҳангоми алоқамандшавӣ бо коргари кироя); **сеюм**, капитал – ин ҳаракат, ҷараёни гирдгардиш аст. Онро танҳо ҳамчун ҳаракат дарк кардан мумкин аст, набалки ҳамчун чизи дар оромӣ қарор дошта.

Дар назарияи иқтисодии муосир чунин маънидодкунии васеъ ва объективонаи капитал вуҷуд дорад:

**Якум**, дар ифодаёбии элементарии худ капитал ин ҳам мол ва ҳам пул, арзиш ва ҳамагуна неъмат мебошад, ки ба гардиши хоҷагидорӣ равона карда мешаванд. Бе мавҷудияти воситаҳои истеҳсолот ва ё бе мавҷудияти захираҳои зарурии пулӣ фаъолияти соҳибкориро оғоз кардан ғайриимкон аст.

**Дуюм**, капитал – ин арзиши оддӣ набуда, балки арзиши пешпардохт (авансшуда) мебошад, ки инъикор намудани истифодабарии таъҷилиро барои неъмати шахсӣ ба манфиати кор дар назар дорад. Лекин хавфи аз даст додани арзиши пешпардохтшуда ва пурра шикастхӯрӣ монади ба даст овардани фоида намебошад.

**Сеюм**, худ ба худ арзиши пешпардохтшуда ин ҳоло капитал намебошад, чунки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ даромадҳои ба даст овардашуда танҳо хароҷотҳои истеҳсолотро рӯйпӯш карда метавонанд. Гумон кардан мумкин аст, ки капитал танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки агар арзиш иловашуда (изофашуда) офарида шавад, яъне агар он фоидаро ба миён оварад. Танҳо дар ин ҳолат капитал ҳамчун арзиши худизофашаванда мушоҳида карда мешавад.

**Чорум**, капитал бо ифодаёбии пурраи худ танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки агар он пурра аз арзиши изофашуда иборат бошад. Ин ҳолате мебошад, ки дар он ҳамаи арзиши ибтидои пурра харҷ карда мешавад ва бебозгашт бо арзиши азхудшуда, яъне фоида азонихуд карда мешавад.

**Панҷум**, капитал – ин арзиши оддӣ ва ё арзиши худизофашаванда набуда, балки арзиш ҳаракаткунанда мебошад. Чӣ қадаре, ки гардиши арзиш пешпардохтшуда босуръат боад, ҳамон қадар капитали камтар барои ноилгардии мақсади гузошташуда лозим аст.

Назарияи иқтисодӣ чунин шаклҳои капиталро фарқ мекунад: капитали ҷисмонӣ (техникӣ); капитали молиявӣ (пулӣ); капитали ҳуқуқӣ; капитали инсонӣ.

**Капитали ҷисмонӣ** – ин маҷмӯаи воситаҳои моддӣ, ки дар давраҳои (фазаҳои) гуногуни такрористеҳсолот истифода шуда, ҳосилнокии меҳнатро баланд мекунанд (дастгоҳҳо, биноҳо, мошинаҳо, компютерҳо ва ғайраҳо).

**Капитали молиявӣ** – ин маҷмӯаи воситаҳои пулӣ ва қоғазҳои қимматнок бо нархҳои муайян.

**Капитали ҳуқуқӣ** – маҷмӯаи ҳуқуқҳои идоракунӣ бо як қатор арзишҳо, ки ин гуна ҳуқуқҳо ба соҳибони он даромадро бе хароҷоти мувофиқи меҳнат фароҳам меоварад.

**Капитали инсонӣ** – ин қобилиятҳои тахассуснокӣ, касбӣ, ҷисмонӣ ва маънавии инсон мебошад.

**Капитали пулӣ** – ин капитал аз ибтидо дар шакли пулӣ баромад мекунад. Вазифаи капитали пулӣ дар офаридани шароитҳои зарурӣ барои алоқамандкунии омилҳои истеҳсолот ифода меёбад.

**Капитали истеҳсолӣ** – ин вазифа дар ташкил, идоракунӣ ва олақамандкунии омилҳои истеҳсолоти ба даст овардашуда бо мақсади ба даст овардани арзиши зиёдтар зоҳир мегардад, яъне ба даст овардани арзиши иловашуда (фоида).

**Капитали молӣ** – ин вазифа дар фурӯши мол ва хизматҳои мавҷуд буда бо мақсади мубаддалшавии капитали моли ба капитали пулӣ зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, давра ба охир расида, капитал ба шакли ибтидоии худ – ба шакли пулӣ бар мегардад, яъне гирдгардиши капитал ба вуҷуд омад.

Мувофиқан, гирдгардиши капитал – ин чунин ҳаракати капитал мебошад, ки дар он капитал зинаҳои гуногунро гузашта ба он шакле бармегардад, ки бо он ҳаракати худро оғоз карда буд. Формулаи гирдгардиши капитал намуди спирали беохирро мегирад:

$П - М \ldots П \ldots Т^I - П^I$.

**Ҷудокунии капитал ба асосӣ ва гардон.** Унсурҳои гуногуни капитали ҷисмонӣ дар ҷараёни истеҳсолот ба таври гуногун рафтор мекунанд. Як қисми он дар давоми давраи дарозмуддат (бино, иншоот, таҷҳизот) истифода шуда, қисми дигараш бошад (ашё, масолеҳҳо) як маротиба истифода мешаванд. Бинобар ҳамин капитали ҷисмонӣ ба асосӣ ва капитали гардон ҷудо мешавад. Ҷудокунии капитал ба асосӣ ва гардон вобаста аз гузаронидани арзиши он ба арзиши мол ва хизматҳои офаридашаванда амалӣ гардонида мешавад.

**Капитали асосӣ** – ин капитале, ки дар ҷараёни истеҳсолот дар тӯли як чанд сиклҳои истеҳсолӣ иштирок карда, арзиши худро ба арзиши маҳсулоти офаридашаванда қисм ба қисм аз рӯи хӯрдашавӣ мегузаронад. Ҳар як унсури капитали асосӣ мӯҳлати қонунан муайян шудаи хизматро дорад, ки мувофиқи он корхонаҳо (фирмаҳо) арзиши ба мол ва хизматҳо гузаронидашударо дар шакли ҳиссаҷудокуниҳои амартизатсионӣ ғун мекунад. Мувофиқан, рӯйпӯшкунии капитали асосии истеъмолшуда аз фонди амортизатсионии аз ҳисоби ҳиссачудокуниҳои амортизатсионӣ таъсисёфта амалӣ гардонида мешавад. Ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионӣ бо худ натиҷаи хӯрдашавии воситаҳои меҳнатро ифода карда, барои барқароркунии онҳо, яъне таъмини коршоямии онҳо ва ё пурра иваз намудани онҳо бо дигар воситаҳои меҳнат дар назар дорад.

Иқтисодчиён ду шакли хӯрдашавии капитали асосиро фарқ мекунанд: ҷисмонӣ (моддӣ) ва маънавӣ.

Хӯрдашавии ҷисмонӣ дар ҷараёни худи истеҳсолот ва зери таъсири қувваҳои табиат ба миён омада, камшавии арзиши истеъмолии он ба вуҷуд меояд. Ҳаҷм ва ё андозаи хӯрдашавии ҷисмонӣ аз дараҷаи сарбории капитали асосӣ, сифати масолеҳе, ки аз он капитали асосӣ сохта шудааст, доимии капитали асосӣ, шароитҳои табиӣ – иқлимие, ки дар он капитали асосӣ истифода мешавад, вобастагӣ дорад.

Хӯрдашвии маънавӣ – ин беқурбшавии капитали асосӣ дар натиҷаи камшавии арзиши воситаҳои меҳнат ва пайдоиши воситаҳои меҳнати нисбатан нав мебошад. Хӯрдашавии маънавӣ ду намуд дорад:

- бо афзоиши ҳосилнокии меҳнат воситаҳои меҳнати додашуда арзонтар ва бо арзиши камтар такрористеҳсол мешаванд;
- мошинҳо бо арзиши додашуда истеҳсол карда мешаванд, вале аз ҷиҳати техникӣ мукаммалтар, маҳсулноктар ва фоиданоктар.

Чӣ қадаре ,ки суръати инкишофи пешравии илму техника баландтар бошад, ҳамон қадар сатҳи хӯрдашавии маънавӣ баланд мешавад.

**Ҷамъ ва меъёри амортизатсия**. Нисбияти арзиши капитали асосӣ ба мӯҳлати ҳизмати он (Т) ҷамъи амортизатсияи капитали асосиро дар давоми як сол ташкил мекунад, яъне:

$$A = \frac{K_{ac}}{T} \qquad (10.9)$$

Нисбияти ҷамъи ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионӣ ба арзиши капитали асосӣ бо ифодаёбии фоиз, меъёри амортизатсияро ифода мекунад. Меъёри амортизатсия бо чунин формула муайян карда мешавад:

$$A_r = \frac{A}{K_{ac}} \qquad (10.10)$$

**Капитали гардон** – ин ашё, масолеҳҳо, барқ, об ва ғайраҳо буда, дар сикли истеҳсолӣ танҳо як маротиба иштирок мекунанд ва арзиши худро пурра ба арзиши мол ва хизматҳои офаридамешуда мегузаронанд.

Ҳангоми фурӯши мол, пулҳои барои ин унсурҳои капитали гардон харҷшуда пурра ба корхона (фирма) баргардонида мешаванд ва боз барои дастрас намудани омилҳои истеҳсолот истифода мешаванд. Хароҷотҳо барои капитали асосӣ базудӣ баргардонида намешаванд, барои ин ҷараён солҳо ва то ҳатто даҳсолаҳо лозиманд. Ба ғайр аз ин ташкили истеҳсолоти нав бе маблағгузории капиталӣ ба биноҳо, иншоонтҳо ва таҷҳизотҳои ғайриимкон аст. Вале

инкишофи минбаъдаи корхона (фирма) бо азнавкунии унсурҳои капитали асосӣ алоқаманд аст.

Бо назардошти ҳолатҳои дар боло қайд шуда, дар амал намудани бозори капитали асосӣ омили вақт аҳамияти зарурӣро пайдо мекунад.

Дар ҳақиқат ҳам, фаъолияти ҳар як фирма – истеҳсолкунанда бо зарурияти амалигардонии маблағгузории капиталӣ ва инвеститсияҳо – харҷкунии воситаҳои пулӣ дар лаҳзаи додашуда бо мақсади ба даст овардани даромади муайян дар оянда алоқаманд аст. Барои қабул намудани қарори дуруст оид ба хариди таҷҳизот ва ё сохтмони корхонаи нав ба фирма муқоиса намудани хароҷоти дар пешистода бо боздеҳи дар оянда таъмин мегардида зарур аст.

Дар ин ҷо ҳолати принсипиалӣ дар он аст, ки ҳангоми хароҷотҳо ва даромадҳои бо инвеститсияҳо алоқаманд буда, чаҳорчӯбаҳои гуногуни вақт мавҷуданд. Хароҷотҳоро бояд дар вақти ҳозира амалӣ кард, вале даромадҳо аз ин хароҷотҳо дар оянда ба миён меоянд. Мувофиқан, барои қабули қарори асоснокшуда бояд арзиши ҷорӣ бо арзиши оянда муқоиса карда шавад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, маблағҳои якхеллаи чаҳорчӯбаҳои гуногуни вақтӣ дошта аз ҳамдигар ҳаҷман фарқ мекунанд. Мавҷудияти вариантҳои фоиданоки инвеститсиякунии воситаҳои пулӣ дар иқтисодиёт имконияти ба даст овардани даромадро аз ҳамагуна маблағҳои дар айни замон мавҷуд буда имконият медиҳад. Даромадҳои давраҳои оянда бошанд то воридшавии аслии худ фоидаи иловагиро таъмин карда наметавонанд.

**Масалан**, 1000 сомоние, ки шахс ба 1 январи соли 2009 дар даст дошт, ба бонк гузошта шуданаш мумкин буд, ба доллар иваз шуданаш мумкин буд, ба саҳмияҳои ягон бонки тиҷоратӣ гузошта шуданаш мумкин буд ва ғайраҳо. Агар маблағгузориҳо фоидаовар шаванд, масалан дар аввали соли 2010, 1000 сомонӣ ба 1500 сомонӣ мубаддал мешаванд. Бо баробари ин айнан ҳамин маблағ дар ҳаҷми 1000 сомонӣ, ки гирифтани он танҳо дар 1 январи соли 2010 имконпазир аст, дар тӯли соли 2009 ба ягон дирам зиёд намешавад. Бо ибораи дигар, агар мо ҳар ду маблағҳоро дар 1 январи соли 2010 муқоиса намоем, он гоҳ

мебинем, ки купюраи пулии ҳозира ба якуним маротиба нисбат ба чунин купюраи дертар ба даст оварда шуда арзишноктар аст (1500 сомонӣ нисбат ба 1000 сомонӣ).

Муқоиса намудани маблағҳои пулии дар вақтҳои гуногун ба даст оварда мешуда бо воситаи **дисконткунӣ** имконпазир аст.

**Моҳияти дисконткунӣ**. Худи калимаи *дисконт* маънои *кам кардан (тахфив), нигоҳдориро*[2] дорад. Назарияи молия тасдиқ мекунад, ки пулҳои оянда ҳамавақт аз пулҳои ҳаминрӯза арзонтаранд ва натанҳо аз ҳисоби таваррум. Пулҳое, ки соҳибкорон имрӯз соҳиби мекунанд, метавонанд ба ягон фаъолият маблағгузорӣ карда шаванд ва даромад оваранд, вале агар онҳо даромадро баъд аз як сол ба даст оваранд, он гоҳ ин имконият аз даст дода мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки **дисконткунӣ** – ин усуле мебошад, ки дар гузаронидани даромади оянда (ва ё хароҷотҳои оянда) ба арзиши ҳозираи онҳо асос меёбад.

Ҳангоми дидабаромадани мисоли пешина муайян шуда буда, ки як маблағи пулии лаҳзаи ҳозира нисбат ба оянда қимати зиёдтарро дорад. Бинобар ҳамин барои таъмини муқоисакунии даромадҳои ҷорӣ ва оянда бояд даромадиояндаро ба тарафи камшавӣ тағйир дод. Мувофиқан, ҷараёни дисконткунӣ дар кам намудани даромади оянда ифода меёбад. Барои муайян намудани нишондодҳои миқдории ин камшавӣ механизми таъсисёбии даромадҳоиояндаро мушоҳида намудан зарур аст.

**Мисол**: фарз мекунем, ки соҳибкор дар уҳдадории худ 100000 сомонӣ дорад. Бо баробари ин имконияти маблағгузории маблағи додашуда ба ҳисоби бонкӣ бо 10% солона мавҷуд аст. Дар ин ҳолат арзишиояндаи маблағи

[2] Дар таҷрибаи тиҷоратӣ ҳолате паҳн гаштааст, ки дар он ба соҳиби вексел гирифтани пул аз рӯи он ҳангоми қатъ гардидани мӯҳлати зарур аст. Лекин ба шахси векселдиҳанда, қарздор чунин баргардонидани босуръати қарз фоидаовар набуда, ӯ ба ин розӣ намешавад. Бо вуҷуди ин, агар вексел боваринок бошад, онро бонкҳо тайёранд харидорӣ намоянд, лекин бо арзиши пурра нею, балки бо арзиши кам карда шуда, яъне бо дисконт. Барои бонк маблағи дисконт баъд аз фарорасии мӯхлати он ва пардохти вексел аз тарафи қарздор бо арзиши пурраи он ба фоида мубаддал мешавад. Барои фурӯшандаи вексел бошад фоида дар он аст, ки ӯ даромадиояндаро кам бошад ҳам ба даромади ҳозира иваз мекунад.

инвеститсия мешуда дар ҳаҷми 100000 сомонӣ баъд аз як сол 110000 сомониро ташкил мекунад, яъне $100000 \times (1+0,1)=110000$; баъд аз 2 сол – 121000 сомонӣ, яъне $100000 \times (1+0,1)^2=121000$; баъд аз 3 сол даромади соҳибкор 133100 сомониро ташкил мекунад, яъне $100000 \times (1+0,1)^3=133100$.

Мувофиқан, дар намуди умумӣ формулаи ҳисоб намудани даромади оянда чунин аст:

$$TR_t = PDV \times (1 + r)^t \quad (10.11)$$

ки дар ин ҷо: $TR_t$ – даромади умумии t – ум сол; PDV – арзиши ҷорӣ; t – шумораи солҳо; r – мизони фоиз.

Аз мисоли дидабаромадашуда маълум мегардад, ки ҳангоми ҳисоб намудани арзиши (қимати) ояндаи пулҳои имрӯза фоизи мураккаб истифода мешавад. Фоизи мураккаб – ин ҳисоб намудани фоиз ба фоиз мебошад. Маълум мегардад, ки чӣ қадаре ки мизони фоиз баланд бошаду мӯҳлати ҳисоб намудани фоиз дароз бошад, ҳамон қадар арзиши (қимати) ояндаи пулҳои имрӯза (FV) зиёдтар мешавад.

Барои сода намудани ҳисоб арзиши оянда инвесторон ва одамони пасандозкунанда, метавонанд «Қоидаи 70» - ро истифода баранд, ки мӯҳлати муайян намудани думаротибазиёдшавии пулҳоро дар ҳолати мизони фоизи додашуда бо ҳисоби яккаратаи фоиз дар як сол имконият медиҳад. Барои ин амал бояд рақами 70-ро ба мизони фоиз тақсим кардан лозим аст. Дигар қонунияти эмпирикӣ «қоидаи 7 - 10» мебошад. Мувофиқи ин қоида, маблағ дар давоми 10 сол ҳангоми мизони фоиз ба 7 баробар будан ва ё дар давоми 7 сол ҳангоми мизони фоиз ба 10 баробар будан ба миён меояд.

**Арзиши ҷории дисконтшуда**. Бо воситаи формулаи ҳисоб даромади ояндаи инвеститсияҳои имрӯза инчунин масъалаи баръаксро ҳал намудан мумкин аст: ҳисоб намудани арзиши даромади оянда:

$$PDV = \frac{TR_t}{(1 + r)^t} \quad (10.12)$$

ва ё

$$PDV = TR_t \times K_d$$

ки дар ин ҷо: $K_d = \frac{1}{(1+r)^t}$ - коэффитсиенти дисконткунӣ.

Андозаи PDV-и дар натиҷаи зарб намудани даромади умумии оянда ба коэффитсиенти дисконткунӣ ҳосилшударо, арзиши ҷории дисконтиронии даромади оянда низ меноманд, чунки коэффитсиенти дисконтиронӣ баробар намудани арзишҳои оянда ва ҷориро имконият медиҳад. Азбаски андозаи рақамии коэффитсиенти дисконтиронӣ ҳамавақт аз як кам аст, аз ҳамин сабаб баробарӣ аз ҳисоби камшавии даромади умумии оянда ба андозаи ба мизони андоз баръакс ба миён меояд.

**PDV – и лоиҳаи инвеститсионӣ**. То ин дам мо ҳолатеро мушоҳида карда будем, ки дар он воситаҳои пулӣ ба мӯҳлати дароз инвеститсия шуда, ҳамаи даромадҳо бошанд ҳангоми ба итмом расидани он дастрас карда мешаванд. Дар лоиҳаҳои инвеститсионии аслӣ одатан схемаи дигар ба назар мерасад: даромадҳо мутаносибан дар давоми тамоми мӯҳлати амалигардии лоиҳа ворид мешаванд.

Масалан: фирма мехоҳад хатти технологиро харидорӣ намояд, ки он 5 сол хизмат мекунад. Ҳамасола фирма дар натиҷаи истифодабарии он фоидаи софро ба даст меорад, ки сол ба сол бо чунин тарз тақсим карда мешавад: соли 1-ум – 400 воҳиди пулӣ, 2-ум – 450, 3-ум – 500, 4-ум 440, 5-ум 350 воҳиди пулӣ.

Баъд аз 5 сол фирма фоидаи софро дар ҳаҷми 2140 воҳиди пулӣ ба даст оварда, хатти технологии фарсудашударо ба технологияи нави ваз мекунад. Аз ин ҷо маълум шуданаш мумкин, ки барои фирма харидани ин хатти технологӣ бо нархи аз арзиши фоидаи умумӣ зиёд набуда, яъне бо нархи 2140 воҳиди пулӣ фоидаовар аст.

Арзиши ҷории дисконтиронии (PDV) хатти технологиро дар шароити мизони фоиз ба 15% баробар будан муайян мекунем:

$$PDV = \frac{400}{1,15} + \frac{450}{1,15^2} + \frac{500}{1,15^3} + \frac{440}{1,15^4} + \frac{350}{1,15^5} = 1442,7$$

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки барои харидани хатти технологӣ фирма метавонад назиёд аз 1442,7 воҳиди пулӣ сарф намояд.

Дар намуди умумӣ формулаи арзиши дисконтшудаи ҷорӣ барои лоиҳаи дар тӯли t – солҳо давомёбанда чунин намуд дорад:

$$PDV_{лоиҳа} = PDV_1 + PDV_2 + PDV_3 + \cdots + PDV_t \quad (10.13)$$

**PDV –и даромади устувор дар давраи беохир**. Боз як ҳолати зарурӣ ин вақте, ки даромад андозаи доимӣ дошта миқдори номаҳдуди солҳо пардохт карда мешавад. Дар намуди соф чунин ҳолат барои як қатор намудҳои қоғазҳои қимматнок одатӣ мебошад, ба монанди вомбаргҳои (облигатсияҳои) бемӯҳлат ва саҳмияҳои имтиёзнок. Ҳангоми барориши онҳо қайд карда мешавад, ки маблағи муайянро ба ягон фирма маблағгузорӣ намуда, инвестор ҳуқуқ ба даромади устуворро дар муддати амал намудани ин фирма ба даст меорад. Формула барои муайян намудани андозаи он чунин аст:

$$PDV_{лоиҳаи\ беохир} = \frac{TR_{const}}{r} \quad (10.14)$$

**Нишондоди самаранокии (асоснокии) иқтисодии лоиҳаи инвеститсионӣ**. Бо воситаи ҳисоби PDV амалигардонии намуди муқоисакунии хароҷотҳои амалӣ гардида ва дар давраҳои гуногун даромадҳои ба даст оварда шуда имконият медиҳанд, ки самаранокии маблағгузориҳо дуруст баҳо дода шуда, лоиҳаи инвеститсионии нисбатан фоиданок интихоб карда шавад. Нишондиҳандае, ки дурустии фоиданокии лоиҳаи инвеститсиониро баҳо медиҳад, арзиши софи дискониронӣ (NDV) номида мешавад:

$$NDV = PDV - I \quad (10.15)$$

ки дар ин ҷо: I – ҳаҷми инвеститсияҳо; NDV – арзиши софи дисконтиронӣ.

Ин формула нишон медиҳад, ки инвеститсияҳо дар ҳолати зиёд будани даромадҳои ба даст оварда мешуда нисбат ба маблағгузориҳои истеҳсолӣ фоидаовар мешавад, яъне ҳангоми бузургии мусбии нишондиҳандаи арзиши софи дисконтиронӣ (NDV). Мувофиқан, агар NDV>0 бошад, он гоҳ инвеститсиякунӣ фоидаовар аст; ҳангоми NDV<0 будан инвеститсиякунӣ

зараровар аст; агар NDV=0 бошад, он гоҳ ба фирма амалигардонии инвеститсия фарқият надорад.

Ҳисоб намудани арзиши софи дисконтиронӣ (NDV) барои ҳалли масъалаи мураккаб ва ҳамзамон ҳаётан муҳими дар назди фирма истодаро оид ба интихоби лоиҳаи беҳтарини инвеститсионӣ мусоидат мекунад.

**Мисол**: Фарз мекунем, ки лоиҳаи пешбинишаванда аз корхона маблағгузории инвеститсиониро барои таҷҳизот дар ҳаҷми 20 ҳазор сомонӣ талаб мекунад, ки он дар тӯли 4 сол пурра рӯйпӯш карда мешавад. Даромади умумӣ (TR) (бо назардошти ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионӣ) дар солҳои 1 – ум ва 2 – ум 5 ҳазор сомонӣ, солҳои 3 – ум ва 4 –ум 8 сомониро ташкил мекунад. Фоиданокии лоиҳаро бо назардошти мизони фоизи бонкӣ дар сатҳи 10% муайян кардан лозим аст.

Бо ибораи дигар арзиши софи дисконтирониро (NDV) муайян кардан лозим аст, яъне бояд даромадҳои умумии ояндаи (TR) ба давраи ҷорӣ мубаддал карда шударо (PDV) ва инвеститсияҳои талаб мешударо муқоиса намудани лозим аст.

Ҳалли масъала чунин аст:

$$NDV = PDV - I = 5000 \times \frac{1}{(1+0,1)} + 5000 \times \frac{1}{(1+0,1)^2} +$$

$$+8000 \times \frac{1}{(1+0,1)^3} + 8000 \times \frac{1}{(1+0,1)^4} - 20000 =$$

$$= 20172,2 - 20000 = 172,2$$

Ҳамин тавр, ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки NDV>0 аст, ки имконияти ба даст овардани даромади зиёдтарро нисбат ба гузоштани пулҳо ба бонк таъмин менамояд. Лекин бояд ба он ҳолат аҳамият дод, ки барои қабул намудани чунин қарори дуруст усули дисконткунӣ истифода шуд. Агар мо нодуруст амал намуда бошем ва ба намуди содда даромадҳоро дар солҳои гуногун ҷамъ кунем, дар ин ҳолат лоиҳа ниҳоят фоидаовар ба ҳисоб мерафт (5000+5000+8000+8000=26000). Тасаввуроте пайдо шуданаш мумкин аст, ки ба амалигардонии ин лоиҳа розӣ шуда, мо фоидаро дар ҳаҷми 6000 сомонӣ ба даст меорем. Дар амал фоида танҳо 172,2 сомониро ташкил мекунад, яъне лоиҳа дар ҳудуди имконпазир ҷойгир аст.

**Мувозинатӣ дар бозори капитали асосӣ. Омилҳои талабот ба захираҳои инвеститсионӣ**. Дар боло муайян шуда буд, ки нишондоди асосноккунии иқтисодии лоиҳаи инвеститсионӣ андозаи мусбии арзиши софи дисконткунӣ мебошад (NDV>0).

Андозаи NDV аз се омил вобаста аст:

1) сатҳи даромади пешбинишаванда TR (алоқаи мусбии мустақим – чӣ қадаре ки даромад зиёд бошад, ҳамон қадар лоиҳаи инвеститсионӣ диққатчалбкунанда аст);

2) сатҳи фоиз r (вобастаи чаппа – баландшавии мизони фоиз диққатҷалбкунандагии лоиҳаро пасттар мекунад);

3) андозаи арзиши капиталгузории зарурӣ I (вобастагии чаппа – лоиҳаҳои калон ҳаҷм диққатҷалбкунандагии пастар доранд).

Ҳангоми зарурияти якхеллаи ҳамаи се омилҳои дар боло қайд шуда, нисбатан универсалиаш, ки ба фаъолияти ҳамаи фирмаҳо таъсир мерасонад ин омили дуюм – мизони фоиз мебошад. Зеро ҳам даромади пешбинишаванда ва ҳам арзиши лоиҳа инфиродӣ буда, аз бисёр ҳолатҳои конкретӣ вобастаанд: аз хусусияти соҳавӣ, аз сифати идоракунӣ ва дараҷаи рақобатпазирии ҳар як фирма.

Бо вуҷуди ин мизони фоиз барои иқтисодиёт ягона аст. Айнан барои ҳамин назарияи иқтисодӣ дигар омилҳоро аз эътибор соқит накарда, фаъолнокии инвеститсиониро бо сатҳи мизони фоизи мамлакат алоқаманд мекунанд.

**Каҷхаттаи талаботи инвеститсионӣ**. Байни талаботи инвеститсионии фирма (D) ва мизони фоиз (r) алоқаи мутаносиби баръакс вуҷуд дорад. Дар ҳолати мизони фоизи баландтар талабот ба инвеститсияҳо кам мешавад ва баръакс дар ҳолати мизони фоизи пасттар талабот ба инвеститсияҳо зиёд мешавад.

Механизми таъсири мизони фоиз ба фаъолнокии инвеститсионӣ дар чунин хусусиятҳо иборат мебошад. Новобаста аз он, ки фирма ҳангоми инвеститсиякунӣ кадом воситаҳоро истифода мебарад (воситаҳои худӣ ва ё қарзӣ) мизони фоизи бозорӣ барои он ба сифати хароҷот баромад мекунад, ки онро бояд ҳангоми амалигардонии лоиҳаи инвеститсионӣ рӯйпӯш кард.

Дар ҳолате, ки агар фирма воситаҳоро аз берун ҷалб намояд, он гоҳ кор соддатар мешавад. Фоиз ҳамчун пардохт барои истифодабарии воситаҳои қарзӣ дар намуди хароҷотҳои берунаи фирма баромад мекунад. Чӣ қадаре, ки мизони фоиз баланд бошад, ҳамон қадар лоиҳаҳои инвеститсионии кам ёфт мешаванд, ки чунин даромаднок бошанд, то ки хароҷотҳоро барои пардохти фоиз рӯйпӯш карда тавонанд. Дар солҳои ислоҳот қариб ҳама корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин мушкилот дучор шуданд, махсусан бо оқибатҳои ташфишовар: молиягузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ аз ҳисоби қарзҳо бо мизонҳои ниҳоят баланди фоизӣ дар Тоҷикистони муосир ғайриимкон аст.

Агар аз тарафи фирма воситаҳои худи ҷалб шуда бошанд, он гоҳ мизони фоиз шакли хароҷотҳои дохилиро мегирад. Дар ин ҳолат фоиз даромади аз даст додашуда аз пешкаш намудани захираҳои инвеститсионӣ ба дигар иштирокчиёни бозор баромад мекунад. Чӣ қадаре, ки мизони фоиз баланд бошад, ҳамон қадар майли гузоштани пулҳо ба бонк мавҷуд аст (яъне ба қарз пешкаш намудани захираҳои инвеститсионӣ ба дигар субъектони бозор) ва дасткашӣ аз инвеститсияҳо. Дар ҳақиқат ҳам дар ин ҳолат зарурати сарфи захираҳо ва қувва барои амалӣ гардонии лоиҳаи инвеститсионӣ зарурат надорад, зеро бе ягон кӯшиш даромади зиёдтарро бо воситаи нигоҳдории пулҳо дар ҳисоби бонкӣ ба даст овардан мумкин аст.

**Ҳаракати каҷхаттаи талабот инвестистионӣ**. Мизони фоизро дониста, ҳамавақт ҳаҷми инвеститсияҳоро мувофиқи каҷхаттаи талаботи фирма ба захираҳои инвеститсионӣ муайян намудан мумкин аст. Лекин ҳолати худи каҷхаттаи талабот ва ҳаракати он асосан бо дуо мили дигар муайян карда мешавад – сатҳи даромади пешбинишаванда ва андозаи арзиши воситаҳои барои амалигардонии лоиҳаи инвеститсионӣ зарур буда.

Афзоиши даромаднокии пешбинишуда каҷхаттаи талаботро ба захираҳои инвеститсионӣ ба тарафи рост ба миён меояд, ки бе тағйирёбии мизони фоиз афзоиши ҳаҷми инвеститсияҳоро ба миён меорад. Беҳтаршавии дурнамоии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, махсусан ҳангоми гузариши фирма ба рушди иқтисодӣ ба миён меояд. Ба ин ҷараён, инчунин якчанд чораҳои сиёсати давлатӣ мусоидат мекунад, масалан,

пастшавии андозҳо. Баръакс, афзоиши арзиши лоиҳаҳои инвеститсионӣ каҷхаттаи талаботро ба тарафи чап ҳаракат медиҳад. Чунин самара қиматшавии захираҳои инвеститсиониро ба миён меорад.

**Каҷхаттаи пешниҳод ба капитали инвеститсионӣ**. Агар талабот ба капитали инвеститсионӣ аз тарафи фирмаҳо баён карда шавад, он гоҳ пешниҳоди воситаҳои қарзии (капитали қарзӣ) барои хариди захираҳои капиталӣ зарур, ҳам аз тарафи фирмаҳо ва ҳам аз тарафи хоҷагиҳои хонавода таъсис меёбад.

Каҷхаттаи пешниҳоди капитали қарзӣ хамшавии мусбӣ дорад. Чӣ қадаре, ки мизони фоиз ба капитали қарзӣ баланд бошад, ҳамон қадар пешниҳоди капитали қарзӣ зиёд мешавад.

Ба пешниҳоди капитали қарзӣ фирмаҳо ва истеъмолкунандагон (хоҷагиҳои хонавода) таъсир мерасонанд.

Фирмаҳо дар ҳолати мавҷуд будани барзиёдии пулҳо, ки онҳоро худи онҳо истифода бурда наметавонанд, метавонанд ба сифати қарздиҳанда баромад кунанд. Сабабҳои пайдоиши чунин барзиёдӣ инҳо мебошанд:

1) ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионии барои дар оянда истифода бурдан;

2) фоидаи софи фирма, ки онро худи онҳо истифода бурда наметавонанд;

3) кам намудани истеҳсолот аз ҳисоби паст шудани талабот ба маҳсулоти тайёри фирма ва озодшавии қисми воситаҳои гардон. Бо баробари ин чӣ қадаре, ки мизони фоиз баланд бошад, ҳамон қадар дар фирмаҳо пулҳои барзиёд пайдо шуда, пешниҳоди капитали қарзӣ аз тарафи фирмаҳо зиёд мешавад.

Дар истеъмолкунандагон (хоҷагиҳои хонавода) низ барзиёдии пулҳо ба миён омаданаш мумкин аст, ки онҳо ба сифати пешниҳоди капитали қарзӣ баромад карда метавонанд.

Сабабҳои пайдоиши барзиёдии пулҳои дар хоҷагиҳои хонавода пасандозҳои мебошанд, ки онро истеъмолкунандагон дар чунин ҳолатҳо пайдо мекунанд:

1) барои ғункунӣ бо мақсади дар оянда харидорӣ намудани неъмати қиматбаҳо;

2) ғункуниҳои кӯтоҳмуддат бо мақсади дастрас намудани неъматҳо арзиши наонқадар калон дошат ва ё барои саёҳат ва истироҳат;

3) пасандозҳои дарозмуддат (барои давраи пиронсолӣ).

Ба тағйирёбии пасандозҳои аҳолӣ тағйирёбии даромадҳои аҳолӣ таъсири муайян мерасонанд. Афзоишёбии даромад зиёдшавии пасандозҳои аҳолиро дар назар дорад ва баръакс.

Ҷараёни таъсисёбии нарх дар бозори капитал ба қонуниятҳои умумии нархгузории бозорӣ итоат мекунад, ки дар асоси он баҳамтаъсиррасонии талабот ва пешниҳод хобида, натиҷаи он таъсисёбии нархи мувозинатӣ мебошад.

Фоизи қарзӣ ва андозаи (мизони) он дар инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодиёт умуманм нақши асосиро мебозад. Ҳангоми мизони фоизи дастрас инвеситсияҳо афзоиш меёбанд, махсусан ба истеҳсолотҳои капиталталаб, сохтмон, инчунин масштабҳои истеҳсолот васеъ мегарданд. Ҳангоми мизони фоизи баланд бошад тамоми иқтисодиёт зарар мебинад, махсусан соҳаҳои инвеститсионӣ. Моҳиятан дар ҳолати фоизи баланд танҳо бонкҳо фоида мебинанд.

**Мувозинатӣ дар бозори капитали асосӣ**. Бахамтаъсиррасонии талабот ва пешниҳод дар бозори капитали асосӣ, андозаи мувозинатии ҳаҷми инвеситсияҳоро ба капитали асосӣ ва нархи мувозинатиро муайян мекунад.

Нуқтаи бурриши каҷхаттаҳои маҷмӯаи талабот ва маҷмӯаи пешниҳоди капитали инвеститсионӣ бо худ сатҳи бозории мизони фоизро ифода мекунад, ки он дар чаҳорчӯбаи соҳаи алоҳида таъсис меёбад ва инчунин дар бисёр бозорҳо дар чаҳорчӯбаи иқтисодиёт умуман. Ин ҷараён вобаста ба табиати нодири пулҳо ба миён меояд, ки барои дастрас намудани капитали асосӣ барои ҳамагуна соҳаҳои хоҷагии халқ истифода бурда мешавад.

Миқдори зиёди фурӯшандагон ва харидорон дар бозори захираҳои инвеститсионӣ дар чунин бозор шароитеро фароҳам меоварад, ки ба шартҳои рақобати мукаммал наздиктар аст.

**Бозори капитали гардон**. Бозори капитали гардон як намудаи бозори захираҳо мебошад. Бо вуҷуди ин дар принсипҳои ташкилии ин бозор ва дар механизмҳои ҷорӣ намудани мувозинатӣ дар он бо ҷараёнҳои дигар бозорҳо

монандӣ дорад. Ҳамин тавр ҳаҷми талабот ба захираҳои моддии ба сифати капитали гардон истифода мешуда, нисбат ба талабот ба маҳсулоти ниҳоӣ характери ҳосилавӣ дорад ва аз ҳаҷми талаботи молӣ вобаста аст. Бо баробари ин фоидаи ҳадди аксар дар нуқтаи мувозинатии маҳсулоти интиҳоӣ бо ифодаи пулӣ **(MPR)** ва хароҷотҳои интиҳоӣ **(MC)** таъмин карда мешавад. Бо ибораи дигар, ҳангоми талаботи оптималӣ ба капитали гардон аз тарафи фирма қоидаи **MPR=MC** риоя карда мешавад.

Айнан ҳамин тавр дар бозори капитали гардон рақобати мукаммал, монопсония, монополия ва монополияи тарафайн пойдор шуда метавонад.

**Воситаҳои гардон**. Хусусияти зарурии капитали гардон дар он мебошад, ки унсурҳои он бо осонӣ ба воситаҳои пулӣ мегузаранд ва бо суръати тез ва доимо шакли моли худро ба шакли пулӣ ва ё баръакс мегузаронад. Таркиби пули капитали гардон воситаҳои гардони фирма номида мешаванд.

Мавҷудияти доимии ҳаҷми кифоягии воситаҳои гардон яке аз шартҳои зарурии фаъолияти хоҷагидории ҷорӣ ба ҳисоб меравад. Бо ҳаҷми воситаҳои гардон устувории молиявии фирма низ алоқамандии зич дорад.

**Мафҳуми фоиз ҳамчун даромад аз омили «капитал»**. Нархи капитал (фоиз) ба монанди нархи молҳои дигар, бо таносуби талабот ва пешниҳоди он танзим карда шуда, дар меъёри (мизони) фоиз ифода меёбад. Мизони фоиз ҳамчун нисбияти даромади солонаи дар намуди фоизи қарзӣ ба даст оварда мешуда ба андозаи қарзи пешкашшуда ҳисоб карда мешавад:

$$\boldsymbol{r} = \frac{\boldsymbol{R}}{\boldsymbol{M}} \times \mathbf{100\%} \qquad (10.16)$$

ки дар ин ҷо: r – мизони фоиз; R – даромади солона аз қарзи додашуда; M – маблағи қарзи додашуда.

Байни мизони фоизи пулӣ (номиналӣ) ва мизони фоизи аслӣ фарқият вуҷуд дорад. Мизони фоизи пулӣ (номиналӣ) ин нисбияти маблағи фоиз бо ифодаёби воҳидҳои пулӣ ба маблағи қарз. Агар мизони фоизи номиналиро аз беқурбшавии пул дар натиҷаи афзоиши умумии сатҳи нархҳо, яъне таваррум озод

кунем, он гоҳ мизони фоизи аслиро барои капитал ҳосил мекунем. Мувофиқан, мизони фоизи аслӣ ба мизони номиналии фоиз бе назардошти сатҳи таваррум (суръати афзоиши сатҳи умумии нархҳо) баробар аст.

Агар мизони фоизи номиналӣ аз сатҳи таваррум баланд бошад, он гоҳ мизони фоизи аслӣ бузургии мусбӣ мешавад (ва баръакс). Ҳангоми мизони аслии мусбӣ, амалигардонии инвеститсияҳо аз нуқтаи назари иқтисодӣ самаранок аст, вале дар ҳолати манфи будани мизони фоизи аслӣ қатъ гардонидани инвеститсияҳо мантиқан дуруст аст.

Ҳамин тавр, ҳангоми қабул намудани қарори инвеститсионӣ, айнан мизони фоизи аслӣ ба капитали қарзӣ аҳамияти муайянкунанда дорад.

Ба бузургии мизони фоиз чунин омилҳо таъсир мерасонанд:

1. **Хавф**. Чӣ қадаре ки қарздиҳанда аз имконияти барнагардидани қарз хавотир бошад, ҳамон қадар мизони фоиз баланд мешавад ва баръакс.

2. **Мӯҳлати қарз**. Чӣ қадаре, ки мӯҳлати қарз дароз бошад, ҳамон қадар имкониятҳои аздастдодашудаи (хароҷотҳои алтернативии) қарзгиранда ва хавфи барнагардонидани қарз зиёдтар мешавад. Бинобар ҳамин қарздиҳанда ин гуна хароҷотҳоро бо баланд намудани мизони фоиз рӯйпӯш мекунад. Лекин мизони фоиз ҳангоми қарздиҳии дарозмуддат паст шуда метавонанд, махсусан агар қарз ба сохтмони нав, азнавкунии техника ва ғайраҳо равона шуда бошад. Барои чунин мақсадҳо бонкҳо қарзҳои имтиёзнок пешкаш мекунанд, давлат бошад чунин қарздиҳиро дастгирӣ мекунад.

3. **Ҳаҷми қарз**. Мизони фоиз дар шароитҳои муайян ба қарзҳои ҳаҷми хурд дошта баландтар мебошад, зеро хароҷотҳои маъмурӣ – идоракунӣ барои ҳамагуна қарзҳои якхелаанд.

4. **Андозбандӣ.** Азбаски якчанд шаклҳои қарз ва мувофиқан даромад аз қарзҳо низ андозбандӣ мешаванд, бинобар ҳамин қарздиҳанда андози додашударо ба таркиби андоз ҳамроҳ мекунад, ки аз ин сабаб мизони фоиз ба андозаи андоз зиёд мешавад.

**5. Дараҷаи монополизатсияи бозори капитали қарзӣ.** Чӣ қадаре, ки миқдори ками бонкҳо фаъолият кунанд, ҳамон қадар мизони фоиз баланд мешавад ва баръакс.

**Фоизро ҳам бо маънои маҳдуд ва ҳам бо маънои васеъ мушоҳида кардан мумкин аст**. Дар боло фоиз бо маънои маҳдуд дида баромада шуда буд. Мувофиқи маънои васеъаш фоиз даромаде мебошад, ки дар натиҷаи иситфодабарии омили «капитал» ба даст оварда мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки фоиз ҳамчун пардохт барои қарз (яъне фоиз бо маънои махдудаш) ҳодисаи махсуси даромад аз омили «капитал» буда, капитал аз як шахс ба шахси дигар дар шакли пулӣ пешкаш карда мешавад.

Масъалаи марказӣ ҳангоми маънидодкунии фоиз бо маънои васеъаш сарчашмаи фоиз мебошад. Ҷавоби мактабҳои гуногуни иқтисодӣ оиди ин масъата якхела нест.

**Назарияҳои асосии пайдоиши фоиз**. Якчанд муносибатҳои назариявӣ оид ба сабабҳои таъсисёбии фоиз мавҷуд аст:

1) муносибати марксистӣ ба категорияи фоиз дар асоси назарияи арзиши иловашуда;

2) маънидодкунии фоиз дар чаҳорчӯбаи назарияи ҳосилнокии софи капитал;

3) муносибати психологӣ ба дарк намудани фоиз ҳамчун қисми назарияи фоиданокии интиҳоӣ.

**Маънидодкунии марксистии фоиз**. Мувофиқи маънидодкунии фоиз, арзиши иловашудае, ки бо худ меҳнати пардохт нашудаи коргаронро дар назар дошта, сарчашмаи таъсисёбии фоиз мебошад. Лекин дар намуди фоиз на ҳама арзиши иловашуда, бакли қисми он пардохт карда мешавад. Одатан соҳибкор капиталро барои амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ ба қарз мегирад. Фоидаи дар ҷараёни истеҳсолот ба даст оварда шуда ба ду қисм ҷудо мешавад. Як қисми он дар шакли даромади соҳибкорӣ ба соҳибкор боқи монда, қисми дигараш бошад ба қарздиҳанда барои истифодабарии капитал пардохт карда мешавад. Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки дар ин қисмат маънидодкунии марксистии фоиз аз бисёр ҷиҳатҳо ба маънидодкунии маҳдуди он мувофиқат мекунад.

Гузариш ба маънидодкунии васеъи фоиз дар тавсири марксистӣ аз мушоҳидаи капиталисти шахсан дар идоракунии корхона иштирок намекарда, яъне ранте, ки ба даромад аз қоғазҳои қиматнок ва ё амонатҳои бонкӣ зиндагӣ мекарда оғоз меёбад. Ҳамин тариқ ҷудо намудани ду мафҳум ҷорӣ карда мешавад: **капитал – моликият ва капитали амалкунанда**. Фоиз – ин даромад аз капитал – моликият буда, даромади соҳибкорӣ бошад ин мукофотпулӣ аз капитали амалкунанда мебошад, ки аз тарафи капиталист вобаста аз фаъолияти ташкилии ӯ барои пешбарии бизнес аз худ карда мешавад. Аз нуқтаи назари васеъ, фоизро натанҳо қарздиҳанда (капиталисти қарздиҳанда), инчунин соҳибкори капитали худро дар истеҳсолот истифода баранда низ ба даст меорад, зеро чунин соҳибкор дар як шахсият капиталист – моликиятдорро ва капиталисти амалкунандаро муттаҳид мекунад. Ҳамин тавр, фоиз ҳамчун шакли универсалии даромади капитал – моликият баромад мекунад.

Азбаски ба даст овардани фоиз аз капиталист – моликиятдор ягон кӯшишҳоро талаб намекунад, бинобар ҳамин ин шакли капитал аз тарафи марксистон натанҳо ҳамчун капитали истисморӣ, балки ҳамчун паразитӣ танқид карда мешуд.

**Фоиз ҳамчун маҳсули ҳосилнокии софи капитал**. Дар тасаввуроти иқтисодчии америкоӣ И.Фишер, фоиз дар натиҷаи мубодилаи маблағи неъматҳои ҷорӣ ба маблағи зиёдтари неъматҳои оянда ба миён меояд. Дар натиҷаи истифодабарии маҳсулноки капитал, самаранокии истеҳсолот баланд мешавад, ки ба васеъшавии барориши маҳсулоти ниҳоӣ оварда мерасонад. Чунин афзоиши барориш фоиз мебошад.

Ҳақиқатан ҳам нисбат ба меҳнат ваз амин, капитал омили ибтидоии истеҳсолот намебошад. Капитал бо меҳнати инсон аз ашёҳои табиат офарида мешавад. Харҷи захираҳо барои офаридани капитал ҳангоми истифодабарии он дар ҷараёни истеҳсолот, бо ҳаҷми зиёдатии сарфаи захираҳо рӯйпӯш карда мешавад. Айнан ҳамин фарқиятро ҳосилнокии софи капитал меноманд ва миқдоран бо фоиз чен мекунанд.

**Фоиз ҳамчун пардохт барои боздорӣ**. Мувофиқи ақидаи тарафдорони назарияи фоиданокии интиҳоӣ, фоиз дар

натиҷаи дархости психологии вақт ба миён меояд. Инсон чунон сохта шудааст, ки барои ӯ қимати неъматҳои ҳозира ҳамавақт аз қимати ҳамин хел неъматҳо дар оянда баландтар аст.

Айнан ҳамин одамонро водор месозад, ки пулҳоро ба қарз гиранд ва барои он нархи муайянро дар намуди фоиз пардохт намоянд. Бинобар ҳамин фоиз ин рӯйпӯшкунӣ барои даст кашидан аз истеъмолоти ҷорӣ мебошад. Нисбияти маблағи пулие, ки ба маблағи пули қарзгирифташуда ҷамъ карда мешавад, мизони фоизро ташкил мекунад. Нишонаи мустақими чунин маънидодкуни фоиз, усули дисконткунӣ мебошад, ки муносибати маҳсулнок ба тадқиқот капитал ба ҳисоб меравад.

**Омезиши (синтези) ҳосилнокии софи капитал ва фоиданокии интиҳоӣ**. Маънидодкунии фоиз ва капитал бо назардошти назарияи ҳосилнокии софи капитал ва фоиданокии интиҳоӣ нисбатан машҳуртар аст.

Назарияи ҳосилнокии софи капитал ҳодисаро за тарафи талабот ба капитал инъикос мекунад. Соҳибкоре, ки капитали қарзиро истифода мебарад, метавонад фоизро танҳо дар ҳолати самаранок будани истифодаи он пардохт мекунад, яъне дар ҳолате, ки дар асл ҳосилнокии капитал аён гардида бошад. Назарияи фоиданокии интиҳоӣ, дар навбати худ ҳодисаро аз тарафи пешниҳоди капитал инъикос мекунад. Барои шахсе, ки капитали худро ба истифодаи дигарон пешкаш мекунад, ин муомила дар ҳақиқат ҳам дасткашӣ аз истеъмоли ҷориро дар назар дошта, дар намуди фоиз рӯйпӯшкуниро талаб мекунад.

П. Самуэлсон гумон мекунад, ки муайян намудани кадоме аз назарияҳо дуруст аст, дар чунин ҳолат ягон маъно надорад, ба монанди он ки кадоме аз лезвияҳои қайчӣ қоғазро мебурад. Маълум аст, ки барои амал намудани мӯътадили бозор ҳам пешниҳод ва ҳам талаботи капитал зарур аст.

## 10.4. БОЗОРИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ВА РЕНТАИ ЗАМИН.

**Маънидодкунии маҳдуд ва васеъи омили замин**. Бо маънои маҳдудаш омили замин худи заминҳои корам дарк

карда мешаванд. Дар як қатор соҳаҳо, масалан, дар хоҷагии қишлоқ, хоҷагии ҷангал, сохтмон, дар иқтисодиёти шаҳрҳо айнан масоҳатҳои замин аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Бо маънои васеъаш омили замин ҳама захираҳои табиии дар ҷараёни истеҳсолот истифодашавандаро дар назар дорад. Масалан дар саноати истихроҷ, ҳангоми сохтмони неругоҳи барқии обӣ ва ғайраҳо, замин натанҳо ҳамчун масоҳат, балки бо он захираҳое, ки бо он алоқаманд аст, омили беҳамто ба ҳисоб меравад.

**Захираҳои барқароршаванда ва барқарорнашаванда. Захираҳои табиии барқароршаванда** – ин захираҳое, ки бо баробари итифодабариашон зери таъсири ҷараёнҳои табиӣ ва ё кӯшишҳои бошууронаи инсон (энергияи офтобӣ, гирдгардиши об дар табиат, нигоҳдории сатҳи оксиген дар атмосфера бо воситаи растаниҳо) барқарор мешаванд. **Захираҳои барқарорнашаванда** – ин захираҳое, ки баъд аз истеъмоли пурраи онҳо барқарор кардан номумкин аст (масалан, конҳои канданиҳои фоиданок).

Бозори захираҳои табиии барқароршаванда ва барқарорнашаванда фарқиятҳои кули доранд. Агар механизми иқтисодии амалигардии бозори захираҳои тибии барқароршаванда бо муносибатҳои рентавие, ки дар ҷараёни истифодабарии онҳо ба миён меояд, алоқаманд бошад, барои захираҳои барқарорнашаванда маҳдудият хос аст.

**Хусусиятҳои замин ҳамчун омили истеҳсолот**. Ҷудо намудани замин ба омили махсуси истеҳсолот саҳми илмии физиократҳо мебошад. Махсусан замин ҳамчун омили истеҳсолот аз инҳо иборат аст:

1) замин нисбат аз дигар омилҳои истеҳсолот мӯҳлати номаҳдуди хизмат дошта, аз рӯи хоҳиш такрористеҳсолнашаванда аст;

2) бо пайдоиши худ замин омили табиӣ буда, на балки маҳсули меҳнати инсон аст;

3) замин ба ҷойивазкунӣ, гузаштани озодона аз як соҳаи истеҳсолот ба дигар соҳаи истеҳсолот, аз як корхона ба дигар корхона мутобиқ нест, яъне он ҳаракатнопазир аст.

4) замин дар хоҷагии қишлоқ, дар ҳолати истифодабарӣ на танҳо хӯрда намешавад, балки ҳосилнокии худро баланд мекунад.

**Замин ҳамчун захираи барқароршаванда бо маънои маҳдуд**. Захираи зарурии барқароршаванда маҳсулнокии замин ба ҳисоб меравад. Айнан ҳамин захира барои истеҳсоли кишоварзӣ ҳамчун база ба ҳисоб меравад: ҳамасола дар майдонҳо ҳосил рӯёнида шуда, ҷамъоварӣ карда мешавад, соли оянда бошад замин барои истеҳсол намудани маҳсулотҳои барои инсон зарур тайёр мегардад. Бинобар ҳамин дар назарияи иқтисодии бозори захираҳои барқароршаванда, назарияи бозор бо маънои маҳдудаш зарурӣ ба ҳисоб меравад.

**Хусусиятҳои сектори аграрии иқтисодиёт. Хусусияти якум** дар он аст, ки он дар заминдорӣ асос ёфта, замин бошад омили такрористеҳсолнашавандаи истеҳсолот бо маънои васеъаш ба ҳисоб меравад. Такрористеҳсоли замин аз сабаби пайдоиши табиии онҳо ба назар расиданаш мумкин аст. **Хусусияти дуюм** дар муносибатҳои иқтисодӣ байни соҳибони замин (заминдорон), соҳибкорон (истифодабарандагони замин) ва коргарони кироя зоҳир мегардад. Дар ин ҷо заминдор ва истифодабарандаи заминро фарқ кардан зарур аст. Заминдор заминро ба соҳибкор ба иҷора медиҳад, ки он дар ин замин истеҳсолотро ташкил мекунад. Албатта бо фаъолияти кишоварзӣ худи заминдор низ машғул шуда метавонад. Дар ин ҳолат хаминдор ва истифодабарандаи замин дар як шахсият муттаҳид карда мешаванд ва муносибатҳои иқтисодӣ соддатар мешаванд. **Хусусияти сеюм** дар таъсисёбии арзиш ва нархи маҳсулоти сектори аграрӣ ифода меёбад. Азбаски замин дар ҳама ҷой маҳдуд аст, бинобар ҳамин ба гардиши хоҷагидорӣ қитъаҳои бади онҳо аз нуқтаи назари ҳосилнокӣ ҷалб карда мешавад, зеро барои ҷамъият ин қитъаҳои замин аз нуқтаи назари иқтисодӣ зарур мебошанд. Аз ҳамин лиҳоз ҷамъият бояд хароҷоти истеҳсолкунандагонро дар ин қитъаҳои бади замин рӯйпӯш кунад.

**Субъектони бозори аграрӣ**. Дар боло қайд шуда буд, ки муносибатҳои иқтисодӣ дар сектори аграрӣ байни соҳибони замин, истифодабарандагони он ва коргарони кироя ба миён меояд. Мувофиқан, субъектони бозори аграрӣ заминдорон,

истифодабарандагони замин ва коргарони кироя ба ҳисоб мераванд.

**Рентаи замин**. Ҷалб намудани замин ба сифати омили истеҳсолот категорияи рентаи заминро ҳамчун пардохт барои ин захира ба миён меорад. Даромаде, ки аз тарафи соҳиби замин (моликиятдор) ва истифодабарандаи замин (иҷорагиранда) дастрас карда мешавад рентаи замин номида мешавад. Рентаи замин бо ду шакли асосӣ ифода меёбад – **рентаи фарқкунанда (дифференсиалӣ) ва соф ва ё рентаи мутлақ**.

**Гуногунсифатии қитъаҳои замин**. Қитъаҳои замин аз рӯи сифат кулан фарқ мекунанд. Яке аз онҳо барои инкишофи хоҷагии қишлоқ мусоидат карда, дар минтақаҳои аз ҷиҳати табиӣ – иқлимӣ мувофиқ ҷойгир буда, қисми дигари онҳо дар шароитҳои нисбатан бадтари табиӣ ҷойгиранд. Инчунин заминҳо аз рӯи ҷойгиршавиашон фарқ мекунанд. Масалан, баъзеи онҳо дар назди шаҳрҳои калон ва роҳҳои магистралӣ ҷойгир шуда, дигар заминҳои коркардшуда дар минтақаҳои дурдаст ҷойгиранд. Бо вуҷуди ин фонди заминӣ маҳдуд аст, яъне замин умуман ва қитъаҳои замини сифати муайян масштабҳои маҳдуд доранд.

**Рентаи фарқкунанда (дифференсиалӣ)**. Пайдоиши он дар камёфтии заминҳои худ ва зарурати истифодабарии заминҳои нисбатан бад асос мегирад. Бо баробари ин рентаи фарқкунандаро меҳнати барои истеҳсоли маҳсулот дар заминҳои категорияи бадтар аз байни тамоми заминҳои ба гардиши хоҷагӣ ҷалбшуда зарур буда ба вуҷуд меоварад. Мувофиқи хароҷотҳо дар қитъаҳои бади замин нархҳои маҳсулотҳои кишоварзӣ таъсис меёбанд. Агар шароитҳо барои рӯйпӯшкунии хароҷотҳои дар қитъаҳои бади замин сарфшуда мавҷуд набошад, хеҷ касс ин гуна заминҳро коркард намекард. Ҳамин тавр, онҳое, ки заминҳои хубро истифода мебаранд хароҷотҳои камтар доранд ва дар натиҷа баъд аз фурӯши маҳсулот барзиёдии муайянро дар даст доранд, ки даромади фарқкунанда номида мешавад. Ин даромад ҳангоми гузаштанаш ба соҳиби замин шакли рентаи фарқкунандаро мегирад. Бо ибораи дигар, азбаски даромади барзиёдӣ дар натиҷаи фарқияти ҳосилнокии замин ба миён меояд, бинобар

ҳамин онро дар назарияи иқтисодӣ даромади фарққунанда ва ё рентаи фарққунанда меноманд.

Механизми истеҳсоли рентаи фарққунанда дар ҷадвали 10.3 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 10.3.**

**Механизми таъсисёбии рентаи фарққунанда (дифференсиалӣ)**

| Қитъаи замин | | | | Нархи истеҳсолот 1сентнер | | | Нархи истеҳсоли ҳамаи маҳсулот | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Инфиродӣ | Ҷамъиятӣ | | Инфиродӣ | Ҷамъиятӣ | |
| 1 | 500 | 40 | 10 | 54 | 54 | 0 | 540 | 540 | 0 |
| 2 | 500 | 40 | 12 | 45 | 54 | 9 | 540 | 648 | 108 |
| 3 | 500 | 40 | 15 | 36 | 54 | 18 | 540 | 810 | 270 |

Аз ҷадвали 10.3 маълум мегардад, ки соҳибони замини масоҳаташ хурдтар рентаи фарққунандаро дастрас намекунанд. Ин маънои онро надорад, ки онҳо заминро ба иҷора аз нуқтаи назари муҳаббат ба инсоният пешкаш мекунанд. Албатта не.

**Якум**, онҳо иҷорапулиро барои замин, барои истифодабарии иншоотҳои хоҷагидории дар он мавҷуд буда, яъне низомҳои обёрӣ ва ғайраҳо ба даст меоранд. **Дуюм**, бо назардошти таъминоти техникӣ, энергетикӣ ва дигар олотҳои меҳнат дар хоҷагии қишлоқ, ҷалб намудани заминҳои ҳосилнокиашон пасттар ва дигар омилҳо, нархи ҷамъиятии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба нархи инфиродии истеҳсолӣ баландтар аст. Бо баробари ин дар ҳама мамлакатҳои тараққикардаи индустриалӣ ва инчунин дар мамлакатҳои қафомонда, хоҷагии қишлоқ аз давлат маблағгузорӣ карда мешавад. Ҳамаи ин ба фермерон имконият медиҳад, ки рентаро ба соҳибони қитъаҳои бади замин пардохт кунанд.

**Рентаи фарққунандаи (дифференсиалии) I ва II**. Сабабҳои асоси таъсисёбии рентаи фарққунандаи I он афзалиятҳо мебошанд, ки қитъаи замин аз рӯи ҳосилнокӣ ва ё аз рӯи ҷойгиршавӣ дорад. Дар ин ҳолат он заминҳо бад ҳисоб мешаванд, ки аз бозорҳои фурӯш дуртар ҷойгиранд.

Ба ғайр аз ин, азбаски рентаи фарққунандаи I натиҷаи истифодабарии омили муқаррарии истеҳсолот мебошад, бинобар ҳамин он дар ҳама ҷо таъсис меёбад, ки дар он чунин омил мавҷуд аст: дар сохтмон, дар соҳаҳои саноати истихроҷ ва ғайраҳо.

Бо баробари ҳосилнокии табиии замин, мафҳуми ҳосилнокии иқтисодӣ низ вуҷуд дорад. Ин мафҳум бо маблағгузории пайдарпаии капитал ба замин алоқаманд буда, роҳи интенсивии тараққиёти истеҳсоли кишоварзиро ифода мекунад. Дараҷаи интенсивнокӣ дар хоҷагиҳои гуногун аст. Маблағгузориҳои иловагии пайдарпай бо самаранокиҳои гуногун амалӣ карда мешаванд. Хоҷагиҳои маблағгузориҳоро самаранок истифодабаранда ва истеҳсолоти интенсивнокиро амалӣ мекарда, даромади иловагиро ба даст меоранд, яъне рентаи фарққунандаи II.

**Рентаи мутлақ (соф)**. Дар шароитҳои иқтисоди бозорӣ ягон қитъаи замин, то ҳатто замини бад, аз тарафи соҳиби он ба иҷора бепул пешкаш карда намешавад. Ҳамзамон дар заминҳои бад низ хоҷагиҳои иҷоравӣ бояд имконияти рӯйпӯш намудани хароҷотҳо ва ба даст овардани даромади барои пардохти иҷорапулӣ, пардохти андозҳо, васеъшавии истеҳсолот ва таъмини фоидаи муқаррарӣ кифоя мекардаро доранд. Ин мушкилот бо воситаи рентаи мутлақ (соф) ҳал карда мешавад. Рентаи мутлақ (соф) натиҷаи пешниҳоди ғайричандири замин дар шароити мавҷудияти моликияти хусусӣ ба замин мебошад.

Аз як тараф, моликияти хусусӣ ба замин муҳоҷирати озодонаи капиталро ба сектори аграрии иқтисодиёт дар назар надорад (заминро бе иҷозати соҳиби он истифода бурдан мумкин нест). Аз тарафи дигар, андозаи замини барои истифодабарии кишоварзӣ маҳдуд аст, яъне қитъаҳои иловагиро ба манфиати заминдорон аз ягон ҷо дастрас кардан мумкин нест.

Дар чунин шароитҳо дар заминдорон имконияти талаб намудани иҷорапулӣ аз ҳамагуна қитъаҳои замин пайдо шуда, иҷорагирандагон бошанд, барои ҷорӣ намудани нархҳои баланд ба маҳсулоти кишоварзӣ имконият доранд, то ки имконияти пардохт намудани иҷорапулиро дошта бошанд.

Бо ибораи дигар, рентаи мутлақ (соф) – ин андози махсусест, ки бо он заминдорон бо воситаи иҷорагирандагон аз тамоми ҷамъият ин андози махсусро меситонанд. Бо баробари ин рентаи мутлақ (соф) бо худ механизми иқтисодиро ифода мекунад, ки муносибати оқилонаро ба захираи табиии маҳдуд, яъне замин таъмин менамояд.

**Тақсимоти рентаи замин**. ***Рентаи фарқкунандаи I*** пурра ба заминдор таалуқ дорад, зеро ӯ иҷорапулиро вобаста аз сифати қитъаи замин муайян мекунад. ***Рентаи фарқкунандаи II*** натиҷаи кӯшишҳои истеҳсолии иҷорагирианда буда, ба худи ӯ баъд аз пардохти андоз аз даромад боқи мемонад. Ин ҷараён то ба итмом расидани мӯҳлати шартнома ба назар мерасад. ***Рентаи мутлақ (соф)*** аз тарафи заминдор дар шакли иҷорапулӣ аз худ карда мешавад. Барои ӯ ин намуди рента ба сифати мукофотпулӣ барои соҳиби кардан ба захираи мутлақо маҳдуд мебошад.

**Рента ва иҷорапулӣ**. Иҷорапулӣ – ин мукофот барои истифодабарии замин, ки ба заминдор падохт карда мешавад. Асоси иқтисодии иҷорапулӣ рента мебошад. Бо баробари ин миқдоран рента ва иҷорапулӣ фарқ мекунанд. Якум, наҳама намудҳои рента ба иҷорапулӣ дохил мешаванд. Масалан, рентаи фарқкунанди II – умро иҷорагиранда ба заминдор пардохт намекунад. Дуюм, иҷорапулӣ ҷамъи андоза барои пешкаш намудани қитъаи муайяни замин барои иҷора мебошад ва одатан пардохтҳои ғайрирентавиро дар бар мегирад. Одатан қитъаи замин бо сохтмонҳои дар он мавҷуд буда ба иҷора дода мешавад. Пардохт барои ин қисматҳо аз нуқтаи назари назарияи иқтисодӣ бояд ҳамчун фоиз мушоҳида карда шавад, зеро дар ин ҷо барои истифодабарӣ омили капитал дода мешавад, набалки замин.

**Мувозинатӣ дар бозори замин**. Азбаски пешниҳоди замин аз сабаби маҳдудияти он мутлақо ғайричандир аст, бинобар ҳамин тасвири он дар график намуди амудӣ дорад. Бо баробари ин талабот ба замин бо андозаи маҳсулоти интиҳоӣ бо ифодаёбии пулӣ муайян карда мешавад, ки иҷорагиранда метавонад дар натиҷаи истифодабарии омили замин дар истеҳсолоти худ ба даст орад. Дар график каҷхаттаи талабот ба замин бо хамшавии баръакс ифода карда мешавад. Бурриши ин

ду хат сатҳи мувозинатии иҷорапулиро ҷорӣ карда, ҳаҷми замини истифодамешударо муайян намекунад, зеро дар ҳама гуна шароитҳо ҳаҷми замини истифодамешуда ба пешниҳоди он баробар аст.

Агар андозаи иҷорапулӣ аз сатҳи мувозинатӣ баланд бошанд, он гоҳ миқдори иҷорагирандагоне, ки қобилияти пардохт намудани онро доранд кам мешавад. Талабот ба замин кам шуда, камшавии иҷорапулиро то сатҳи мувозинатӣ оварда мерасонад. Агар иҷорапулӣ аз сатҳи мувозинатӣ берун шавад, он гоҳ хоҳишмандони иҷорагирандаи замин аз пешниҳоди он зиёд шуда, рақобат байни иҷорагирандагон барои қитъаҳои замин пурзӯр мешавад. Ин ҳолат баландшавии иҷорапулиро то сатҳи мувозинатӣ оварда мерасонад.

**Нархи замин**. Дар низоми бозорӣ ҳамагуна омилҳои истеҳсолоте, ки даромади муайянро таъмин мекунад – ин мол мебошад, бинобар ҳамин замин ҳам ҳамчун мол хариду – фурӯш карда мешавад. Замин ҳамчун мол ирратсионалӣ буда, дар асл худи замин нею, балки даромад аз замин (рента) хариду –фурӯш карда мешавад. Нархи бозории замин бевосита бо иҷорапулии таъмин мекардаи он алоқаманд аст, зеро заминро аз даст дода соҳиби он хоҳиш дорад андозаи дисконтиронии ҳама иҷорапулиҳои ояндаро ба даст орад. Лекин иҷорапулиҳо дар ҳолати додашуда ба ояндаи дурр мегузаранд. Бинобар ҳамин ҳангоми дисконтиронӣ бояд формулаи арзиши ҷории дисконшуда барои давраи беохир истифода шавад. Айнан аз рӯи ҳамин гуфтаҳо формулаи ҳисоб намудани нархи заминро чунин ифода кардан мумкин аст:

$$P_з = \frac{TR_{const}}{r} = PDV_{беохир} \qquad (10.17)$$

ки дар ин ҷо: **$P_з$** – нархи замин; **$TR_{const}$** – андозаи иҷорапулии солона; **r** – мизони фоиз.

**Масалан**, агар иҷорапулии солона ба 5000 сомонӣ барои 1га замин баромад буда, фоизи бонкӣ 10% солона бошад, он гоҳ нархи замин ба 50000 сомонӣ баромад мешавад. Ин маънои онро дорад, ки агар харидори замин ин маблағи пулии 50000 сомониро ба бонк гузорад, он даромадеро дастрас мекунад, ки

чунин даромадро соҳиби замин низ ба даст меоварад. Заминдор низ заминро дар ҳамин шартҳо мефурӯшад.

Ҳамин тавр, нархи бозории замин – ин иҷорапулии капитализатсияшуда мебошад, яъне арзиши дисконтшудаи имрӯзаи иҷорапулиҳои оянда.

# МАВЗӮИ 11. СОҲИБКОРӢ ВА ФОИДА.

*11.1. Моҳият ва шаклҳои соҳибкорӣ.*
*11.2. Таъсисёбии капитали соҳибкорӣ ва гардиши он.*
*11.3. Фоида ва вазифаҳои он.*
*11.4. Фоидаи муқаррарӣ ва иқтисодӣ.*
*11.5. Сарчашмаҳои фоидаи иқтисодӣ.*

Дар адабиёти муосир ба соҳибкорӣ ҳамчун ба захираи зарурӣ ақидае пойдор гаштааст, ки омилҳои истеҳсолоти боқимондаро ба ҳаракат даровbooарда, саҳми худро дар тараққиёти бомуваффақиятонаи иқтисодӣ мегузорад.

## 11.1. МОҲИЯТ ВА ШАКЛҲОИ СОҲИБКОРӢ.

Соҳибкорӣ бо худ як намуди кӯшишро оид ба ташкил ва идоракунӣ бо мақсади ноилгардӣ ба натиҷаҳои беҳтаринро аз тарафи фирма ифода мекунад. Соҳибкорӣ қисми ҷудонашавандаи хоҷагии бозорӣ буда, хусусияти асосии фарқкунандаи он рақобати озод мебошад.

Ба инкишофи таърихии соҳибкорӣ нигоҳ накарда, маънидодкунии муосири он дар давраи пайдоиш ва инкишофи капитализм ба миён омадааст. Танҳо дар арафаи асрҳои XIX – XX иқтисодчиён аҳамияти ҳалкунандаи соҳибкориро барои пешравии иқтисодиёт эътироф намуданд. А.Маршалл ба се омили классики истеҳсолот – меҳнат, капитал ва замин омили чорумро, яъне ташкилотро дохил намуд, Й. Шумпетер бошад

дар китоби «Назарияи тараққиёти иқтисодӣ» (соли 1912) ба ин омил номи муосирро, яъне соҳибкориро гузошт.

Й.Шумпетер ба сифати соҳибкор чунин ташкилотчии истеҳсолотро номгузорӣ кард, ки он роҳҳои навро дарёфт намуда, тарзҳои ҷо ба ҷо намудани навро амалӣ мегардонад.

Ҷиҳати асосии соҳибкорӣ, ки онро аз дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ фарқ мекунонад ин: мутсақилият, босалоҳиятнокӣ, ибтикоркорӣ, хавф, мутаҳаррикӣ ва инкишофёбӣ, ҷустуҷӯи фаъолонаи қарорҳои самаранок. Бо ифодаи кӯтоҳ соҳибкориро бо воситаҳои принсипҳои он чунин тавсир кардан мумкин аст:

1) таъинот ба инсон – ӯ қимати асосии ҳам корхона ва ҳам ҷамъият мебошад;

2) хизмати беғаразона ба харидор. Корхона барои харидор фаъолият карда, бо шарофати он арзи вуҷуд дорад;

3) таъсисёбӣ ва нигоҳдории муҳити фарҳангии фирма, муҳити таовунӣ, ҳурмати ҳамдигар, анъанаҳои демократӣ, риоя намудани меъёрҳои рафтори боодобона;

4) кӯшиши доимии пешравӣ. Пешгузаштан аз рақибон. Истифодабарии ҳадди аксари афзалиятҳои муҳити рақибонад.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ соҳибкорон нақши махсусро бозида, ҳамзамон хусусияти фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун омили истеҳсолот инъикос меёбад.

Махсусияти фаъолияти соҳибкорӣ дар инҳо зоҳир мегардад:

1) соҳибкор на танҳо омилҳоро дар ҷараёни истеҳсолот алоқаман мекунад, балки оид ба роҳҳои нави алоқамандкунии онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад;

2) соҳибкор на танҳо ба корхона роҳбарӣ мекунад, балки оид ба идоракунии он қарорҳои гуногун қабул мекунад;

3) соҳибкор навовариҳоро ҷорӣ мекунад ва барои хавфи иқтисодӣ ӯҳдадор аст.

Бинобар ҳамин Й.Шумпетер менависад, ки «соҳибкор гуфта мо субъектони хоҷагидориро дар назар дорем, ки вазифаи онҳо амалигардонии комбинатсияҳои нав мебошад, ки ҳамчун унсури фаъоли онҳо баромад мекунад».

**Вазифаҳои соҳибкор**. Ба вазифаҳои соҳибкор Й.Шумпетер инҳоро дохил мекунад:

1) таъсис додани неъмати нави ба истеъмолкунанда номаълум бо сифатҳои нав;

2) ҷорӣ намудани тарзи истеҳсолоти нави ба соҳаи додашуда номаълум;

3) забт намудани бозори нави фурӯш ва ё истифодабарии васеъи бозори пештара;

4) истифодабарии ашёи ва ё масолеҳи нимтайёри нав;

5) ҷорӣ намудани тарзи нави ташкили кор, масалан, монополия ва ё баръакс аз байн бурдани он.

Дертар Г.Брифс ва Р.Коуз боз як вазифаи зарурии соҳибкорро муайян намуданд – назорат аз болои нархҳо ва хароҷотҳо, инчунин таносуби оқилонаи онҳо.

Ҳамин тавр, дар адабиёти муосири иқтисодӣ ба соҳибкорӣ ҳамчун захираи зарурии иқтисодӣ, ки омилҳои боқимондаро ба ҳаракат медарорад ва муваффақияти иқтисодӣ саҳми босазо мегузорад, муносибати ягона пойдор гардид.

**Муҳити соҳибкорӣ**. Соҳибкорӣ дар муҳити муайяни иҷтимоӣ – иқтисодӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ амалӣ мегардад. Дар поён равияҳи асосии муҳити иҷтимоӣ – иқтисодӣ оварда мешаванд.

**Муҳити иқтисодӣ** – соҳибкор бояд донад, ки дар кадом давраи (фазаи) сикли иқтисодӣ, иқтисодиёти мамлакат қарор дорад, ҳолати савдои беруна чи гунааст, бекорӣ ва таваррум дар кадом сатҳ қарор дорад, устувории низоми андозӣ, сатҳи зиндагонии аҳолӣ.

**Ҳолати сиёсӣ** – боварӣ ба ҳукумат ва мӯътадилии он, муносибати ҳукумат ба сектори хусусӣ ва ҷамъиятӣ.

**Муҳити иҷтимоӣ** – мӯътадилии иҷтимоӣ дар ҷамъият, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мутобиқати сиёсати иҷтимоӣ.

**Муҳити фарҳангӣ** – чӣ қадаре, ки сатҳи тараққиёти фарҳанг ва маданият баланд бошад, ҳамон қадар соҳибкории пешбинишуда мӯътадил аст.

**Муҳити ҳуқуқӣ** – соҳибкорӣ танҳо дар ҳолати қонунгузории устувор ва мӯътадил инкишоф ёфта метавонад.

**Муҳити техникӣ – технологӣ**, яъне ҳолати корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва соҳаҳои истеҳсолоти илмӣ дар мамлакат.

**Шакл ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ**. Субъектони соҳибкорӣ пеш аз ҳама шахсони хусусӣ (ташкилкунандагони

истеҳсолоти шахсӣ, оилавӣ ва ё истеҳсолоти ҳаҷман калонтар). Фаъолияти чунин соҳибкорон ҳам дар асоси меҳнати худӣ ва ҳам бо воситаи меҳнати ҷалбшуда амалӣ карда мешавад. Фаъолияти соҳибкорӣ инчунин аз тарафи гурӯҳи шахсони бо муносибатҳои шартномавӣ ва манфиатҳои иқтисодӣ алоқаманд, амалӣ шуданаш мумкин аст. Субъектони соҳибкории гурӯҳӣ ҷамъиятҳои саҳомӣ, гурӯҳҳои иҷоравӣ, кооперативҳо ва ғайраҳо баромад мекунанд. Дар баъзе ҳолатҳо ба субъектони соҳибкорӣ давлатро дар шахсиятҳои органҳои муайян низ дохил мекунанд. Ҳамин тавр дар иқтисодиёти бозорӣ се шакли фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд аст: **давлатӣ, гурӯҳӣ, хусусӣ**.

Вобаста аз таркиби фаъолияти соҳибкорӣ ва бо назардошти зинаҳои асосии ҷараёни такрористеҳсол (истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот), чунин намудҳои соҳибкориро фарқ мекунанд: **истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, суғуртавӣ, миёнаравӣ**.

**Соҳибкории истеҳсолӣ** ба намуди аз ҳама ҳам зарур ва мураккаби фаъолияти соҳибкорӣ мансубият дорад. Ин намуди соҳибкорӣ ба зудӣ ба монанди дигар намудҳои соҳибкорӣ фоидаро таъмин намекунад ва бинобар ҳамин барои оғози фаъолияти соҳибкорӣ наонқадар диққатҷалбкунанда мебошад. Дар асоси соҳибкории истеҳсолӣ офаридани неъматҳои моддӣ ва маънавӣ хобидааст.

**Дар соҳибкории тиҷоратӣ**, соҳибкор дар нақши савдогар, тиҷоратчӣ баромад мекунад, зеро ӯ молҳои тайёрро мефурӯшад, ки аз дигарон харидорӣ карда буд. Байни соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолот ва дар соҳаи мубодила алоқаи зич ба назар мерасад.

**Соҳибкории молиявӣ** – ин намуди махсуси соҳибкории тиҷоратӣ, ки дар он ба сифати ашёи хариду – фурӯш пулҳо, асъори хориҷӣ, қоғазҳои қиматнок баромад мекунанд, ки ба харидор фурӯхта ва ё ба қарз дода мешавад.

**Соҳибкории суғуртавӣ** дар он аст, ки соҳибкор ба суғуртакунанда бо пардохти муайян зарари имконпазири амвол, ҳаёт ва ғайраҳоро дар натиҷаи сар задании ҳодисаи нохуш рӯйпӯш мекунад.

Миёнаравӣ бо он тавсиф карда мешавад, ки соҳибкор маҳсулотро истеҳсол намекунад, бо савдои мол, қоғазҳои қиматнок машғул набуда, танҳо хизматҳои миёнаравиро ба ҷо меорад. Миёнарав барои амалигардии муомилаҳо бо воситаи муттаҳидкунии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ба як занҷири амалиёти соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

**Омилҳои соҳибкорӣ**. Фаъолияти соҳибкорӣ бо худ маҷмӯаи амалҳои соҳибкорро дар назар дорад, ки пай дар пай ва ё ҳамрадиф дар давоми давраи пурраи фаъолият ба миён меоянд: аз маблағгузории ибтидоӣ то гирифтани фоида. Ҳамчун намудани фаъолияти хоҷагидорӣ, соҳибкорӣ омилҳои истеҳсолотро ба монанди замин, капитал ва меҳнат истифода мебарад. Ба таври аниқтар барои амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ воситаҳои асосӣ (биноҳо, таҷҳизотҳо, мошинҳо ва дастгоҳҳо, воситаҳои нақлиёт), воситаҳои гардон (ашё, масолеҳ, энергия, воситаҳои пулӣ) заруранд.

## 11.2. ТАЪСИСЁБИИ КАПИТАЛИ СОҲИБКОРӢ ВА ГАРДИШИ ОН.

Дар тӯли фаъолияти худ, соҳибкор инвеститсияҳоро амалӣ мегардонад, ки хусусият ва сарчашмаҳои он аз давраи фаъолияти ӯ вобастагӣ доранд.

Барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар зиннаҳои ибтидоии он маблағгузориҳои ибтидоӣ заруранд. Вобаста ба ин капитали ибтидоиро фарқ мекунанд, ки бо худ маблағи капитали ибтидоиро ва хароҷотҳои ҷориро барои зиннаҳои аввалини истеҳсолот дар назар дорад. Капитали ибтидоӣ барои бақайдгирии корхона, кушодани ҳисоби бонкӣ, хариди бино ва ё иҷораи он, таъмир ва ё азнавсозии бино, хариди мошинҳо, таҷҳизотҳо, асбобҳо, патент, литзензияҳо ва ғайраҳо сарф карда мешавад. Хароҷотҳои ҷорӣ бошанд хариди ашё, масолеҳ, иҷорапулӣ, музди меҳнат, ҳиссаҷудокунӣ ба фонди иҷтимоӣ ва ғайраҳоро дар назар дорад.

Маблағгузории капиталро ба ягон соҳаи иқтисодиёт амалӣ гардонида, соҳибкор мақсад мегузорад, ки зудтар

фоидаро ба даст оварад. Вале як маротиба фоидаро дастрас карда, ӯ кӯшиш мекунад, ки боз фоидаро ба даст оварад, ки барои ин мақсаб ба ӯ зарур аст, ки ҷараёни такрористеҳсолро ба ҷо оварад.

Ҳаракати мутасили капитал дар соҳаҳои истеҳсолот ва муомилот, такрорёбии пай дар пайи гирдгардиш, онро ба гардиши капитал мубаддал мекунад. Воҳиди ченкунии як гардиш, яъне даврае, ки дар фосилаи он ба корхона арзиши пешпардохт баргардонида мешавад, рӯз мебошад.

Нишондиҳандаи миқдори гардишҳо дар фосилаи муайяни вақт суръати гардиши капитал мебошад:

$$n = \frac{T}{t} \qquad (11.1)$$

ки дар ин ҷо n – миқдори гардиш дар давоми сол; T – миқдори рӯзҳо дар давоми сол; t – давомнокии як гардиш, рӯзҳо.

**Масалан**: агар капитал дар давоми 8 моҳ як маротиба гардиш кунад, он гоҳ гардиш дар давоми сол ба 1,5 баробар мешавад ($\mathbf{n} = \frac{360}{240}$**=1,5**).

Давомнокии як гардиш бо нисбияти шумораи рӯзҳои дар давоми сол (T) ба миқдори гардиш (n) муайян карда мешавад:

$$t = \frac{T}{n} \qquad (11.2)$$

**Ғункунии ибтидоии капитал**. Чӣ хеле, ки аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, капитал як маротиба ба миён омада, дар оянда аз рӯи арзиш афзоиш меёбад. Вале барои дастрас намудани афзоиши арзиш дар оянда, имрӯз зарур аст, ки маблағи муайяни капитал мавҷуд бошад. Ҳақиқатан ҳам, барои таъсис додани дӯкони косибӣ ва ё мағоза маблағгузории ибтидоӣ зарур аст, ки инсони дар сатҳи миёнаи зиндагонӣ қарор дошта одатан ин гуна маблағи пулиро надорад. Аз куҷо воситаҳои ибтидоӣ гирифта мешаванд.

Дар механизми ғуншавии ибтидоии капитал қисмҳои ***азнавтақсимкунӣ*** ва ***амонатиро*** аз ҳам ҷудо мекунанд. Ғуншавии ибтидоии капитал одатан аз ҳисоби азнавтақсимкунии боигарӣ дар ҷаъмият амалӣ гардонида мешавад. Қисми наонқадар зиёди аҳолие, ки саривақт ба

шароитҳои иқтисодиёти капиталистӣ мутобиқ гаштаанд, базудӣ сарватманд гашта, аҳолии боқимондае, ки барои нигоҳдории шаклҳои рафтори иқтисодии пешина кӯшиш кардаанд, ба камбизоатӣ майл карданд. Айнан ҳамин механизми дар амал вуҷуддоштаи ғункунии ибтидоии капиталро равияи марксизм махсусан қайд мекунад.

Механизми амонатии ғункунии ибтидоии капитал (аз тарафи марксизм инъикор карда мешавад) бо дигаршавии таъиноти истифодабарии даромади шахсӣ аз истеъмолот ба пасандоз алоқаманд мебошад.

Дар рӯзҳои мо чунин психологияро дар соҳибкорони хурди мамлакат мушоҳида кардан мумкин аст. Аз рӯи ҳисобҳои мо, онҳо шахсони нисбатан сарватманд ба ҳисоб мераванд, вале сарф намудани пулҳоро барои худ имконият надоранд, зеро ҳама воситаҳоро барои мустаҳкамгардонии бизнес равона сохтан лозим меояд. Чунин мавқеъ низ натиҷаҳои худро медиҳанд.

Дар таърихи аслии иқтисодӣ ҳар ду механизми ғункунии ибтидоии капитал мавҷуданд. Лекин тараққиёти он мамлакатҳо бомуваффақ буд, ки дар онҳо механизми азнавтақсимкунӣ мавқеъи асосиро нибат ба механизми амонатӣ ишғол карда буд.

**Сарчашмаҳои дохилӣ ва берунии капитали соҳибкорӣ**. Сарчашмаҳои рӯйпӯшкунии капитали ибтидоӣ ва пур намудани воситаҳои корхона ҳам воситаҳои худӣ (дохилӣ) ва ҳам воситаҳои қарзӣ (беруна) баромад карда метавонанд. **Ба сарчашмаҳои дохилии капитали соҳибкорӣ** фоида аз фаъолияти асосӣ, фоида аз амалиётҳои молиявӣ, дигар намудҳои даромадҳо, фонди оинномавӣ, фонди амортизатсионӣ, даромад аз фурӯши амволи ва ғайраҳо дохил мешаванд. **Сарчашмаҳои берунаи капитали соҳибкорӣ** дохил мешаванд: қарзҳо, пассивҳои устувор, қарзҳои кредиторӣ.

**Самаранокии капитали соҳибкорӣ**. Баланд намудани самаранокии истифодабарии омили капитал ба сифати равияи зарурии афзоиши ҳаҷми истеҳсолот бо хароҷоти ками захираҳои истеҳсолӣ барои воҳиди маҳсулоти истеҳсолмешуда баромад мекунад.

Самаранокии истифодабарии капитали соҳибкориро бо воситаи як қатор нишондиҳандаҳои умумӣ ва хусусӣ муайян намудан мумкин аст. Дар поён як қатор нишондиҳандаҳои хулосавии самаранокии истифодабарии капиталҳои асосӣ ва гардонро дида мебароем.

Барои муайян намудани дараҷаи самаранокии истифодабарии капитали асосӣ нишондиҳандаи **боздеҳи капитал** истифода мешавад. Ин нишондиҳанда ҳамчун нисбияти арзиши маҳсулоти дар давоми сол истеҳсол шуда ба арзиши миёнасолаи капитали асосӣ муайян карда мешавад. Боздеҳи капитал нишон медиҳад, ки боздеҳи умумӣ аз истифодабарии ҳар як воҳиди пулии ба капитали асосӣ гузошта шуда чи гуна аст.

Умуман боздеҳи аз капитал аз таносуби ҳосилнокии меҳнат ва таъминотнокии меҳнат бо капитал вобаста аст.

## 11.3. ФОИДА ВА ВАЗИФАҲОИ ОН.

**Фоида ҳамчун категорияи иқтисодӣ**. **Фоида** – ин категорияи иқтисодӣ мебошад, ки натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои алоҳида, соҳа ва иқтисодиёти мамлакатро умуман ифода мекунад. Фоида яке аз мавқеъҳои марказиро дар низоми умумии фишангҳои арзишии иқтисоди бозорӣ ишғол мекунад. Фоида устувории иқтисодии фирмаро таъмин намуда, мустақилияти пурраи молиявии онро кафолат медиҳад.

Дар шароити бозор фоида ҳалли масъалаҳои **чӣ, чӣ тавр ва дар кадом ҳаҷм** амалӣ гардонида мешавад. Бинобар ҳамин ҳар як истеҳсолкунандаи мол ва хизматҳоро масъалаи дар кадом ҳаҷми моли истеҳсолшуда ва ё бо кадом нархи мол фоидаи ҳадди аксарро дастрас кардан мумкин аст, ҳамавақт ба худ ҷалб мекунад.

**Назарияи фоида** дар таълимотҳои ҳама иқтисодчиёни машҳур аз давраи пойдоршавии мактаби классикӣ ифода худро ёфтааст.

Аввалин маънидодкунандагони фоида меркантилистон ба ҳисоб мераванд, ки пайдоиши фоидаро дар соҳаи муомилот ва савдои беруна алоқаманд мекарданд, ки дар натиҷаи фурӯши молҳо бо нархҳои нисбатан баландтар ба вуҷуд меояд.

Физиократҳо гумон доштанд, ки фоида танҳо дар хоҷагии қишлоқ ба миён меояд, ки дар он таъсири табиат ба афзоиши арзишҳои истеъмолӣ оварда мерасонад, ки аз арзиши хароҷоти истеҳсолӣ зиёдтар аст.

**Адам Смит ва Давид Рикардо** ақидаро оид ба таъсисдиҳии арзиши изофа дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ асоснок намуданд. А.Смит фоидаро ҳамчун тарҳ намудани меҳнати коргар аз маҳсулот ба манфиати капиталист муайян мекард.

Аз рӯи таълимоти К.Маркс, фоида – ин шакли дигаргуншудаи арзиши иловашуда мебошад, ки аз тарафи капитали пешпардохт офарида шуда, сарчашмаи арзиши иловашуда бошад, ба фикри ӯ меҳнати коргарони кироя мебошад.

Дар илми иқтисодии муосир чунин назарияҳои фоидаро ҷудо кардан мумкин аст:

- фоида ин натиҷаи амал намудани капитал ҳамчун омили ҳар як истеҳсолот мебошад, яъне ***назарияи капитали истеҳсолӣ***;
- фоида – ин мукофоти капиталист барои боздоштани истеъмоли капитали шахсӣ, барои хавфи пешбинӣ намудани самара аз воситаҳои ба истеҳсолот гузошта шуда, яъне ***назарияи боздорӣ***;
- фоида ҳамчун даромади меҳнатӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳама намудҳои он;
- фоида ҳамчун натиҷаи мавҷудияти монополия.

Чи хеле, ки дар боло қайд шуда буд қобилияти соҳибкорӣ яке аз омилҳои таркибии истеҳсолот буда, вазифаи он дар алоқамандкунии дигар омилҳои истеҳсолот – меҳнат, капитал ва замин ифода меёбад, ки барои истеҳсоли мол ва хизматҳо, қабули қарорҳои асосии бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд буда, амалигардонии навовариҳо ва ғайраҳо зарураст. Табиист, ки соҳибкор дар натиҷаи иҷроиши ин вазифаҳо барои гирифтани даромад, яъне фоида кӯшиш мекунад. Бинобар

ҳамин фоида дар иқтисодиёти бозорӣ ба сифати мукофоти соҳибкорӣ баромад мекунад.

Дар фирма фаъолиятбаранда фоида вазифаҳои муайянро иҷро мекунад, ки аз байни онҳо асоситаринаш инҳо мебошанд:

- **тақсимотӣ** – таъсисдиҳии фондҳои воситаҳои пулӣ, ки молиягузории барномаҳои барои амалигардонӣ қабул шударо таъмин менамоянд, сохтори оптималии капиталро нигоҳ медорад, хавфи муфлисшавиро то ҳадди ақал паст мекунад;
- **ҳавасмандгардонӣ** – паст намудани хароҷоти истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо ва мукаммалгардониҳои техникӣ.

Бо назардошти аввалин фоидаро ҳамчун фарқи байни нархи фурӯши мол ва хароҷотҳои истеҳсолоти он мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷиҳати мақсад ва асоси ташкил намудани соҳибкорӣ, фоида асоси моддии онро ташкил мекунад. Аз ҳисоби фоида, фирма ҷараёни истеҳсолотро мукаммал гардонида, маблағгузориҳои капиталиро амалӣ мегардонад, ва эҳтиёҷотҳои иҷтимоиро молиягузорӣ мекунад.

**Омилҳое, ки фоидаро муайян мекунанд** ба чор гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. **Омилҳои таъсисдиҳанда**. Ба ин гурӯх дохил мешаванд: даромад аз фурӯши молҳо, корҳо ва хизматҳо; даромад аз фурӯши активҳои дигар, ба монанди захираҳои моддӣ ва активҳои ғайримоддӣ; даромад аз фурӯши воситаҳои асосӣ; даромад аз иштироки ҳиссагӣ дар дигар корхонаҳо; даромадҳо аз саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок; барзиёдии ҷаримаҳо ва пенияҳои гирифташуда аз ҷаримаҳо ва пенияҳои пардохта шуда.
2. **Омилҳои баҳамтаъсиррасонанда**. Ба ин гурӯҳи омилҳои дохил мешаванд: гардишнокии воситаҳои гардон; нархҳо, тарифҳо, ғункуниҳо; мизони фоиз ба қарзҳо; андоз ва мизонҳои андоз; арзиши аслии маҳсулот; ҳосилнокии меҳнат; боздеҳи капитал; таъминнокӣ бо капитал.
3. **Омилҳои тақсимотӣ:** фоида ба буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ равона карда мешавад; ба бонкҳо барои рӯйпӯш намудани қарзҳо ва пардохти фоизҳо равона карда мешавад; дар корхона боқӣ мемонад; дигар омилҳои тақсимотӣ.

**4. Омилҳои истифодабарӣ:** ғункунӣ (инкишофи истеҳсолӣ ва илмӣ); эҳтиёҷотҳои иҷтимоӣ; рӯйпӯш намудани зарарҳо ва дигар хароҷотҳо; молиягузории капиталӣ; истеъмолот (пардохти дивидендҳо, фоизҳо, ёрии моддӣ ва ғайраҳо).

## 11.4. ФОИДАИ МУҚАРРАРӢ ВА ИҚТИСОДӢ.

Чунин намудҳои фоидаро фарқ мекунанд:

1. **Фоидаи иқтисодӣ** бо худ фарқи байни даромади умумии аз фурӯши мол ва хизматҳо ба даст оварда шуда ва маҷмӯи хароҷотҳои муҳосиботӣ ва дохилӣ (алтернативӣ) нишон медиҳад.
2. **Фоидаи муҳосиботӣ** дар натиҷаи аз ҷамъи даромади аз фурӯш ба даст оварда шуда тарҳ намудани хароҷотҳои муҳосиботӣ ба миён меояд. Бинобар ҳамин фоидаи муҳосиботӣ аз фоидаи иқтисодӣ ба андозаи хароҷотҳои дохилӣ (алтернативи) калон аст.
3. **Фоидаи муқаррарӣ** нишон медиҳад, ки дар корхона хароҷотҳои муҳосиботӣ ва дохилӣ (алтернативӣ) рӯйпӯш шуда, соҳибкор бошад даромадеро ба даст меорад, ки ба андозаи ҳадди ақали рӯйпӯшкунандаи кӯшишҳои соҳибкорӣ баробар аст. Бо ибораи дигар, фоидаи муқаррарӣ – ин фоидаи иқтисодии нулӣ – хароҷоти алтернативии истифодабарии қобилияти соҳибкорӣ мебошад. Вақте, ки фирма танҳо фоидаи муҳосиботиро дастрас кунад, он гоҳ даромади ӯ пурра барои рӯйпӯш намудани ҳама хароҷотҳои фирма равона карда мешавад. Ин фоида аз нуқтаи назари софи иқтисодӣ фоида намебошад, чунки фоидаи иқтисодӣ аз баҳодиҳии иқтисодӣ, тиҷоратии захираҳои дар ҷараёни истеҳсолот ҷалбшуда ва муқоисакунии онҳо бо натиҷаҳои ноилгардида дар шакли пулӣ ба миён меояд.

**Таносуби фоидаи муқаррарӣ, иқтисодӣ ва муҳосиботӣ**. Барои дастрас намудани фоидаи муҳосиботӣ, ба фирма кифоя аст, ки даромадҳо аз хароҷотҳои муҳосиботӣ калон бошад. Бинобар ҳамин мавҷудияти фоидаи мусбии

муҳосиботӣ оид ба музаффарияти ибтидоии фирма шаҳодат медиҳад. Мавҷуди ин фоида танҳо оид он шаҳодат медиҳад, ки фирма зарар намебинад, муфлис намешавад. Бо баробари ин соҳибкорон метавонанд аз соҳаҳои фоидаи муҳосиботиашон камтар, капиталро ситонида гиранд.

Барои аз соҳа нарафтани соҳибкорон андозаи фоидаи муҳосиботӣ бояд бо андозаи фоидаи муқаррарӣ баробар бошад, (яъне хароҷотҳои муҳосиботиро рӯйпӯш намояд). Фоидаи иқтисодӣ танҳо дар он соҳибкор (корхона) ба миён меояд, ки даромади он аз хароҷотҳои дохилӣ ва берунӣ калон бошад. Бинобар ҳамин оид ба корхонаи фоидаи муқаррарӣ ба даст меоварда гуфтан мумкин аст, ки он фоида иқтисодии нулиро ба даст меорад.

Фоидаи иқтисодии мусбӣ ҳамавақт аз фоидаи муқаррарӣ калон аст. Ин ҳолат ҷоришавии капиталро ва қобилиятҳои соҳибкориро ба фирмаи мувофиқ ва ё соҳа ҳавасманд мегардонад, ки дар онҳо даромаднокӣ нисбат аз сатҳи миёна иқтисодиёт баландтар аст.

Ин ақидаро ба таври дигар ҳам маънидод кардан мумкин аст. Фоидаи муҳосиботӣ – ин нишондиҳандаи мутлақи (муқоисавӣ намебошад) фаъолияти корхона мебошад, ки мавҷудияти фоида ва ё зарарҳоро нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда оид ба ҳолати корхона нисбат ба дигар фирмаҳо маълумот намедиҳад. Фоидаи муқаррарӣ оиди он шаҳодат медиҳад, ки бизнеси додашуда нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт бад нест. Мавҷудияти фоидаи иқтисодии мусбӣ маънои онро дорад, ки корхонаи додашуда нисбат ба дигар корхонаҳо захираҳо аз он ҷумла қобилияти соҳибкориро оқилонатар истифода мебарад. Ҳамин тавр, айнан фоидаи мусбии иқтисодӣ нишондиҳандаи аниқи самаранокии фаъолияти корхона мебошад.

## 11.5. САРЧАШМАҲОИ ФОИДАИ ИҚТИСОДӢ.

То ин дам ҳангоми таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ фарз карда шуд, ки фаъолияти соҳибкор аз фаъолияти менеджер,

муҳандис, ҳуқуқшинос, иқтисодчӣ ва дигар мутахассисони барои фаъолияти худ музди меҳнат мегирифта ягон фарқият надорад. Лекин айнан фоидаи иқтисодӣ, ки ба хароҷот дохил намешавад, бо худ барзиёдиро аз фоидаи муқаррарӣ нишон медиҳад, ба соҳибкор ҳамчун даромади омилӣ таалуқ дорад. Бинобар ҳамин сабабҳое, ки мавҷудияти фоидаи иқтисодӣ ва сарчашмаҳои онро асоснок мекунанд, бо хусусияти фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд карда мешаванд (дигар намудҳои меҳнат ба сифати даромад музди меҳнатро ба вуҷуд меоранд).

Лекин махсусияти фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти статикӣ не, балки дар иқтисодиёти динамикӣ, инкишофёбанда кушода дода мешавад. Дар иқтисодиёти динамикӣ омилҳои ҳаҷми талабот ва пешниҳодро муайян мекарда тағйир меёбанд.

Ҳамин тавр, фоидаи иқтисодии нулӣ ва ё муқаррарӣ натиҷаи иқтисодиёти статикӣ ва рақобати озоди намуди соф мебошад. Лекин дар иқтисодиёти аслӣ ҳолати статикӣ ва рақобати озоди соф вуҷуд надорад, чунки ҳамавақт дараҷаи номукаммалии рақобат (монополизатсияи бозор) вуҷуд дошат, иқтисодиёт ҳамавақт дар ҳолати динамикӣ қарор дорад, зеро шумораи аҳолӣ тағйир меёбад, сарчашмаҳои нави ашё дарёфт карда мешаванд, илм ва техника инкишоф меёбад, эҳтиёҷотҳои нав пайдо мешavванд. Бо ибораи дигар ҳар як ҳолати рақобатии бозор дар натиҷаи низоми иқтисодии динамикӣ одатан бо номуайянӣ тавсиф карда мешавад.

Айнан ҳамин номуайянии бозор, аз як тараф ва монополизатсияи бозор аз тарафи дигар, фоидаи иқтисодиро тавлид мекунанд, ки аз тарафи соҳибкорони алоҳида ҳамчун даромади баризофагӣ ба даст оварда мешавад.

Якчанд сабабҳои пайдоиши ин даромади иловагиро ҷудо кардан мумкин аст.

**Якум,** фоидаи иқтисодиро ҳамчун мукофот барои хавфи соҳикборӣ, аниқтараш хавфи суғуртанашваанда дидан мумкин аст, ки бо номуайянии иқтисоди бозории динамикӣ алоқаманд аст.

**Дуюм,** фоидаи иқтисодиро ҳамчун мукофоти соҳибкор барои навоварӣ дидан мумкин аст.

**Сеюм,** сарчашмаи фоидаи иқтисодӣ метавонад дорогии ҳокимияти монополӣ дар бозор баромад кунад.

**Шарти фоидаи ҳадди аксар**. Фоида (**Pr**) одатан ҳамчун фарқи байни даромад ва хароҷотҳои умумӣ муайян карда мешавад. Даромади умумӣ – ин **TR=P×Q** мебошад. Хароҷотҳои умумӣ – ин **TC=FC+VC** мебошад. Мувофиқан, фоида – ин **Pr=TR-TC** мебошад.

Лекин бояд дар назар дошт, ки истеҳсоли ҳар як воҳиди иловагии маҳсулот ҳамзамон хароҷотҳои умумиро ба андозаи хароҷоти интиҳоӣ зиёд мекунад ва даромади умумиро ба андозаи даромади интиҳоӣ зиёд мекунад.

$$MC = \frac{\Delta TC}{\Delta Q}; MR = \frac{\Delta TR}{\Delta Q} \qquad (11.3)$$

Агар фирма ҳаҷми истеҳсолотро зиёд кунад, он гоҳ фоидаи умумӣ зиёд мешавад, лекин то ҳудуди муайян, то он даме, ки даромади интиҳоӣ аз хароҷоти интиҳоӣ зиёд бошад. Вақте, ки **MC** аз **MR** зиёд мешавад фоида кам мешавад.

Мувофиқан, шарти фоидаи ҳадди аксар: даромади интиҳоӣ ба хароҷоти интиҳоӣ баробар аст, яъне **MR=MC**.

Бо ибораи дигар, фирма васеъ намудани истеҳсолотро то он дам давом медиҳад, ки агар шарти **MR=MC** риоя карда шавад. Лекин ин мувозинатии ноуствувор аст, ва фирма бояд кӯшиш намояд, ки шарти **MR>MC** риоя карда шавад, чи қадаре, ки фарқи байни **MR** ва **MC** калон бошад, ҳамон қадар фирма рақобатпазир аст.

Шарти тартиби дуюм барзиёдии устувори даромади умумӣ аз андозаи хароҷотҳои тағйирёбанда мебошад. Агар даромади умумӣ ба хароҷотҳои тағйирёбанда баробар ва ё хурдтар бошад, он гоҳ фирма бояд фаъолияти худро қатъ гардонад.

Мувофиқан, ҳаракати фирма ба ҳолати баробар будан ва ё хурд будани даромади умумӣ аз хароҷотҳои тағйирёбанда ин бонги хатар мебошад, ки аз тарафи роқабат баён карда мешавад.

Мувофиқи қоидаи якум, даромади умумӣ TR бояд аз хароҷотҳои умумӣ TC калон бошад. Чи қадаре, ки даромади умумии фирма (TR) зиёд бошад, ҳамон қадар он дар бозори рақобатнок устувор аст.

Барои муайян намудани ҳаҷми маҳсулот, ки фоидаи ҳадди аксарро таъмин менамояд, чунин таҳлили интиҳоиро (маржиналиро) амалӣ мегардонем. Азбаски **Pr=TR-TC** мебошад, бинобар ҳамин **ΔPr=ΔTR=ΔTC** аст. Дар ҳолати афзоишёбии ҳаҷми маҳсулот ба як воҳид боад: **TR=MR, TC=MC, ΔPr=MR=MC**.

Ҳамин тавр, фоидаи ҳадди аксар метавонад дар чунин ҳаҷми истеҳсолот дастрас карда шавад, ки дар он даромади умумӣ **TR** аз хароҷоти умумӣ **TC** ба андозаи ҳадди аксар зиёд бошад.

**Фоидаи монополӣ ва шартҳои таъсисёбии он**. Фоидаи монополӣ – ин фарқи байни нархи монополӣ ва хароҷотҳои истеҳсолӣ. Соҳибкор фоидаи монополиро дар ҳолат ба даст меорад, ки агар монополият боша два бозорро назорат карда, рақибонро ба он роҳ надиҳад ва ё истеҳсоли маҳсулотро ҳангоми баландшавии нарх маҳдуд намояд.

Асоси фоидаи монополӣ кам намудани ҳаҷми истеҳсолот, нархҳои баланд ва азнавтақсимкунии захираҳо мебошанд. Даромаде, ки дар натиҷаи таъсисдиҳии норасогии (дефитсити) сохтаи омилҳои истеҳсолот дастрас карда мешавад ба фоидаи монополӣ низ дохил кардан мумкин аст.

Мушкилоти ба даст овардани фоидаи монополӣ дар давраи дарозмуддат бо сабабҳои зерин душвор мегардад:

1) дар давраи дарозмуддат тағйирдиҳии бемонеъагии хароҷотҳои доимӣ имконпазир аст;

2) дар давраи дарозмуддат талабот ба ҳама мол чандирии калон дорад;

3) дар давраи дарозмуддат фирма бояд безарар фаъолият кунад;

4) фирма бояд аз бозор берун шавад, агар дар тӯли давраи дарозмуддат хароҷотҳои миёнаро рӯйпӯш карда натавонад;

5) истеъмолкунандае, ки бо баландшавии нархҳо дучор мешавад, талаботро то сатҳи каҷхаттаи талаботи дарозмуддат кам мекунад, дар сатҳи нархҳои баланд фоидаи монополист нисбат дар ҳолати нархи ҷории мувозинатии дарозмуддат камтар мешавад.

Фирма – монополист метавонад чунин стратегияҳои дастрас кардани фоидаи монополиро истифода барад:

1) фоидаи монополии кӯтоҳмуддатро дар натиҷаи баланд кардани нархҳо то кам шудани талабот таъмин намояд;

2) ҷараёни камшавии фоидаро бо воситаи ҳаракат ба поён дар каҷхаттаи талабот боз дорад, то даме ки фирмаҳои нав ба бозори додашуда бо моли монанд ворид шаванд;

3) бо имконияти пайдо шудани рақибон дар бозори додашуда баъд аз ворид намудани моли нав розӣ шудан;

4) ҷорӣ намудани нархи назаррасе, ки барои фоидаи ҳадди аксар кифоя намекарда бо мақсади маҳдуд намудани пайдоиши рақибони имконпазир;

5) истифодбарии дискриминатсияи нархӣ, яъне ҷорӣ намудани нархҳои гуногун ба як моли додашуда, бе ягон фарқият дар хароҷотҳо;

6) ба даст овардани фоидаи монополӣ берун аз монополия бо роҳи ҷорӣ намудани нархҳо ба ашёи ибтидоӣ, инчунин бо роҳи ташкили истеҳсолот дар дигар мамлакатҳо бо арзиши пасттари қувваи корӣ.

# МАВЗӮИ 12. ХАРОҶОТИ ИСТЕҲСОЛОТ, МОҲИЯТ ВА СОХТОРИ ОН.

*12.1. Табиати хароҷот: муҳосиботӣ, алтернативӣ, аён ва ноаён, хароҷотҳои иқтисодӣ.*

*12.2. Хароҷот дар давраи кӯтоҳмуддат.*

*12.3. Хароҷот дар давраи дарозмуддат.*

*12.4. Назарияи хароҷот.*

Ҳаёт нишон медиҳад, ки натиҷаҳо бе хароҷотҳо ғайриимконанд. Истеҳсоли мол ва хизматҳо бевосита бо

хароҷотҳое алоқаманданд, к ибо худ хароҷотҳоро барои омилҳои истеҳсолот дар назар доранд.

Оид ба омӯзиш ва мушоҳида намудани хароҷотҳои истеҳсолот як чанд муносибатҳо вуҷуд доранд. **Якум,** мушоҳида намудани хароҷоти истеҳсолӣ аз мавқеъи иҷтимоӣ – иқтисодӣ. Аз ин нуқтаи назар ҷамъият ба хароҷот харҷҳои ҳама гуна меҳнати зинда ва меҳнати таҷассумёфтаро дохил мекунад, ки дар арзиши маҳсулоти тайёр ифода ёфтаанд. Хароҷотҳои корхона бо худ натиҷаи ҷараёни такрористеҳсолро ифода карда, хароҷоти пули корхонаро барои дастрас намудани воситаҳои истеҳсолот ва пардохти музди меҳнат инъикос мекунанд. **Дуюм**, муносибатҳои иқтисодӣ ва муҳосиботӣ ба муайян намудани хароҷоти корхона мавҷуд аст. Ҳангоми муносибати муҳосиботӣ хароҷот бо худ харҷӣ аслии омилҳои истеҳсолотро барои офаридани миқдори муайяни маҳсулот бо нархҳои харидории онҳо дар назар дорад. Хароҷоти корхона дар ҳисоботҳои муҳосиботӣ ва оморӣ дар намуди арзиши аслии маҳсулот баромад мекунад.

Маънидодкунии иқтисодии хароҷоти истеҳсолӣ ба маҳдудияти захираҳо ва имкониятҳои истифодабарии алтернативии онҳо асос мегирад. Хароҷоти алтернативӣ – ин арзиши ҳама захираҳо барои истеҳсолоти додашуда мебошад.

## 12.1. ТАБИАТИ ХАРОҶОТ: МУҲОСИБОТӢ, АЛТЕРНАТИВӢ, АЙЁН ВА НОАЙЁН, ХАРОҶОТҲОИ ИҚТИСОДӢ.

Масъалаи марказии омӯзиши хароҷотҳо муайян намудани усулҳои ҳисоб намудани қимати захираҳои дар истеҳсолот сарф мешуда мебошад. Назарияи иқтисодӣ ин масъаларо бо воситаи ҳисоб намудани хароҷотҳои муҳосиботӣ ва хароҷотҳои алтернативӣ (хароҷотҳои имкониятҳои аз даст додашуда) ҳал менамояд.

**Хароҷотҳои муҳосиботӣ, моҳият ва сохтори онҳо**. Қимати омилҳои дар истеҳсолот истифодашуда, пеш аз ҳама бо нархҳои онҳо ифода ёфта метавонад, ки фирма бо ин нарх онҳоро дар бозор дастрас карда буд. Бо баробари ин ҳама пардохтҳо барои харид ҳатман дар ҳуҷҷатҳои муҳосиботӣ инъикос мегарданд. Чунин тарзи баҳодиҳии хароҷотҳо

муҳосиботӣ номида шуда, хароҷотҳои бо воситаи он баҳо додашуда бошанд хароҷотҳои муҳосиботӣ номида мешаванд. Барои аниқтар намудани ҳолати дар боло қайд шуда қисмҳои асосии хароҷотҳои муҳосиботиро овардан мумкин аст: хароҷотҳои моддӣ, хароҷот барои парохти музди меҳнат, ҳиссаҷудокуниҳо барои эҳтиёҷотҳои иҷтимоӣ, амортизатсия, дигар хароҷотҳо (масалан, пардохтҳои комиссионӣ ба бонк аз рӯи хизматрасонии хазинагӣ ва бонкӣ, фоиз барои қарзҳо, иҷорапулиҳо ва ғайраҳо).

**Андозаи хароҷотҳои муҳосиботӣ**. Ҳаҷми аниқи хароҷотҳои муҳосиботӣ барои муайян намудани фаъолияти фирма аҳамияти калон дорад, зеро нишон медиҳад, ки фирма фоидаовар аст ва ё зараровар. Барои ин хароҷотҳои муҳосиботиро бо ҳаҷми даромадҳои (ки аз тарафи муҳосиботи фирма баҳисоб гирифта мешавад) фирма муқоиса намудан лозим аст.

**Маҳдудияти усули муҳосиботӣ**. Сатҳи хароҷотҳои муҳосиботӣ на ҳама вақт имконият медиҳад, ки оид ба вазъияти кори фирма баҳои дуруст дода шавад. Масалан, ҳисоби аниқи хароҷотҳо танҳо дар ҳолати имконпазир аст, ки агар захираҳои сарфшуда бон архи бозории онҳо баҳо дода шаванд. Баҳодиҳии бо воситаи усули муҳосиботӣ ба роҳ мондашудаи хароҷоти захираҳои капиталӣ ба меъёрҳои қонунан, яъне субъективона ҷорӣ шудаи ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионӣ такя мекунад. Ҳаҷми ин ҳиссаҷудокуниҳо на ҳама вақт ба хӯрдашавии аслии унсурҳои капитали асосӣ мувофиқат мекунад. Мисоли дигар: дар иқтисоди бозории муосир, махсусан дар ҷамъиятҳои дар гузариш буда, чунин сохтори фиребгарӣ васеъ паҳн гаштааст: хариди захираҳо аз «фирмаҳо - дӯстон» бо нархҳои баланд ва ё фурӯши маҳсулот ба ин гуна фирмаҳо бо нархҳои пастар. Дар натиҷаи чунин фиребгароӣ пулҳо бо осонӣ ба ҳисобҳои фимаҳои дӯстона мегузаранд.

Боз як норасогии усули муҳосиботии ҳисоб намудани хароҷотҳо дар он аст, ки он танҳо хароҷоти он омилҳои истеҳсолотро дар бар мегирад, ки фирма аз берун дастрас мекунад. Лекин, як қатор омилҳои истеҳсолот дар худи фирма мавҷуд буда метавонанд, бинобар ҳамин онҳо харидорӣ кардан зарур нест. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки хароҷотҳои бо

омилҳои мавҷуда алоқаманд буда, новобаста аз он ки онҳо вуҷуд доранд, дар ҳуҷҷатҳои муҳосиботӣ ифода намеёбанд.

**Хароҷотҳои айён ва ноайён**. Ба хароҷотҳои айён он пардохтҳо дохил мешаванд, ки фирма уҳдадор аст ба дастраскунандаи берунаи захираҳо бипардозад, ин хароҷотҳои бо хароҷотҳои муҳосиботӣ мувофиқат мекунанд. Ба хароҷотҳои ноайён харҷи захираҳо дохил мешаванд, ки барои онҳо пардохт амалӣ нашудааст, зеро онҳо моликияти худи фирма мебошанд, масалан иҷорапулӣ (агар бинои ба фирма таалуқ дошта ба иҷора дода шавад).

**Хароҷотҳои алтернативӣ ва ё иқтисодӣ**. Мувофиқи консепсияи хароҷотҳои имкониятҳои аз даст додашуда, хароҷотҳои алтернативӣ – ин қимати неъматҳои дигар, ки дар ҳолати истифодабарии тарзи беҳтарини омили истеҳсолоти додашуда нисбат ба дигар тарзҳои имконпазири мавҷуд буда дастрас кардан мумкин аст. Масалан: бигзор Х ин омили истеҳсолоте, ки барои истеҳсолоти якчанд неъматҳо истифода мешавад. Агар омили истеҳсолоти додашуда ҳангоми истеҳсоли неъмати А истифода шавад, он гоҳ онро барои истеҳсоли неъмати В истифода бурдан ғайриимкон аст. Агар маълум бошад, ки неъмати В-ро бо нархи 100000 сомонӣ фурӯхтан мумкин аст, он гоҳ маълум мешавад, ки нархи «дасткашидан» аз истеҳсоли он айнан бо ҳамин маблағ чен карда шуда, ба ҳамин ҳаҷм фирма хароҷоти имкониятҳои аз дастдодашударо дорад, зеро фирма моли А – ро истеҳсол кардааст. Яъне хароҷотҳо (бо маънои даромадҳои аз даст додашуда), ки истифодабарии омили истеҳсолот барои истеҳсоли неъмати А алоқаманд аст 100000 сомониро ташкил намуд.

Лекин хароҷотҳои алтернативиро бо миқдори пулӣ ифода кардан ниҳоят душвор аст. Дар шароитҳои истеҳсолоти бисёрмолӣ ва ҳолатҳои зуд тағйирёбанда тарзи беҳтарини истифодабарии омилҳои истеҳсолоти мавҷудбуда душвор аст. Дар шароитҳои иқтисодиёти бозорӣ чунин интихобро худи соҳибкор ҳамчун сабабгор ва ташкилкунандаи истеҳсолот амалӣ мегардонад. Бо баробари ин даромад аз имкониятҳои аз дастдодашуда ва мувофиқан ҳаҷми хароҷотҳои алтернативӣ ҳамавақт гипотетӣ мебошанд. Масалан, оиди хароҷотҳои алтернативии истеҳсолоти неъмати А, ки 100000 сомониро

ташкил намуд қайд карда, мо аз эҳтимолияти фурӯхта шудани неъмати В бо ҳамин нарх асос гирифта будем.

**Хароҷотҳои алтернативӣ ва интихоби иқтисодӣ**. Хароҷотҳои алтернативӣ – ин миқдори пулҳое, ки бояд барои ҷудо намудани омили конкретии истеҳсолот аз истеҳсоли неъмати В ва истифодабарии он барои истеҳсоли неъмати А мебошад.

Ҳис намудани ҳамин андоза таркиби савдои байни тарафҳоро ташкил мекунад, ки оид ба амалигардии муомила ба миён меояд. Фурӯшанда кӯшиш мекунад, ки нархро баланд кунад, лекин ӯ тайёр аст нархро то баробари шудани он ба хароҷотҳои алтернативӣ паст кунад, яъне ба ҳамон маблағе, ки ӯ аз дигар мизоҷон гирифтани буд. Дар навбати худ харидор нархи пастро дархост карда, лекин тайёр аст онро то баробар шудани хароҷотҳои алтернативии тарзҳои дигари харҷи воситаҳо (нархи хариди моли монанд аз дигар фурӯшандагон ва ё моли ивазшаванда) баланд намояд.

Чунин тавсири хароҷотҳои алтернативӣ низ фоидаовар аст: хароҷотҳои алтернативӣ – ин даромад аз тарзҳои нисбатан беҳтари аз дигар тарзҳои истифодабарии дасткашидаи захираҳо мебошад.

**Мисол**. Фарз мекунем, кия гон инвестор ду варианти истифодабарии капитали худро дорад:

1) маблағгузорӣ барои азнавтаҷҳизонидани фабрикаи рӯймолбофии ш. Хуҷанд;

2) харидани вомбаргҳои давлатӣ.

Тасаввур мекунем, ки инвестор варианти якумро интихоб кард. Ӯ барои истифодабарии технологияи нав патент гирифта, таҷҳизоти муосирро харидорӣ намуд ва коргарони тахассуснокро киро намуд. Ҳангоми ҳисоб намудани хароҷотҳо инвестор бояд натанҳо хароҷотҳои бо истифодабарии омилҳои истеҳсолти харидорӣ мешуда, инчунин даромади аздастдодашударо, яъне хароҷоти алтернативии бо идоракунии капитал алоқаманд бударо, яъне даромаде, ки аз ҳисоби хариди вомбаргҳои давлатӣ дастрас кардан мумкин буд бояд ба эътибор гирад. Айнан дар чунин хаёлҳо сабабҳои барои чӣ бонкҳои Тоҷикистон ба соҳаҳои саноат қарз намедиҳанд пинҳон аст.

**Хароҷотҳои алтернативӣ ва омили вақт**. Консепсияи хароҷотҳо омили вақтро инъикор мекунад. Он хароҷотро аз рӯи натиҷаҳои муомилаҳои амалӣ шуда баҳо медиҳад. Ҳангоми муайян намудани хароҷотҳои алтернативӣ дарк намудани он зарур аст, ки самара аз ин ё он тарзи истифодабарии омилҳои истеҳсолот метавонад дар давраҳои гуногун ифода ёбад. Бинобар ҳамин интихоби алтернатива одатан бо ҷавоби саволи чӣ беҳтар аст алоқаманд аст: фоидаи ҷорӣ аз қоғазҳои қимматнок бар зарари оянда ва ё зарарҳои ҷорӣ баҳри фоидаҳои оянда.

**Хароҷотҳои алтернативӣ ва ҳисоби хароҷотҳои ноайён**. Нисбат ба усули муҳосиботӣ, консепсияи хароҷотҳои алтернативӣ бо баҳодиҳии худ ҳам хароҷотҳои айён ва ҳам ноайёнро дар бар мегирад. Он даромаде, ки фирма метавонад аз истифодаи алтернативии омилҳои истеҳсолот дастрас намояд, танҳо дар ҳолати амалигардонии хароҷотҳои айён ва ноайён имконпазир аст. Дар мисоли дар боло оварда шуда, барои истеҳсоли неъмати В замини ба фирма дахл дошта истифода мешавад, ки барои он пардохти иҷорапулӣ лозим нест. Танҳо дар ҳолати тайёрӣ оид ба ҳар ду намуди хароҷот истеҳсолот ва ба даст овардани даромад имконпазир мегардад. Бинобар ҳамин муносибати иқтисодӣ нисбат ба муҳосиботи пурратар мебошад.

**Хароҷотҳои алтернативӣ ва самаранокии иқтисодиёт**. Барои хоҷагидории бозорӣ алтернативнокӣ ва интихоб хислатҳои хос мебошанд. Захираҳо истифодабарии нисбатан фоидаоварро ҷустуҷӯ доранд. Пуррагардии бозор бо мол ва хизматҳои ниёзи мардум, натиҷаи устувори хароҷотҳои алтернативии низоми бозорӣ мебошад.

Консепсияи хароҷотҳои алтернативӣ фишанги амалкунанда дар қабули қарорҳои самараноки иқтисодӣ мебошад. Баҳодиҳии хароҷоти омилҳои истеҳсолот дар ин консепсия дар асоси муқоиса намудан бо тарзи аз ҳама ҳам самараноки истифодабарии захираҳои маҳдуд амалӣ гардонида мешавад.

**Хароҷотҳои трансаксионӣ** – ин хароҷотҳои фирма барои ҷустуҷӯи ахборот, амалигардонии гуфту-шунидҳо, хароҷотҳои намояндагӣ. Хусусияти хоси фарқкунандаи

хароҷотҳои трансаксионӣ дар он иборат мебошад, ки онҳо ба ҷараёни истеҳсолот муносибати бевосита надоранд. Лекин фирмаи муосир бе хароҷотҳои трансаксионӣ вуҷуд дошта наметавонад, чунки ин хароҷотҳо дар муборизаи рақибона воситаи пурқувват мебошанд.

**Хароҷотҳои истеҳсолот дар давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат**. Ба ҳисоби хароҷотҳои истеҳсолот омили вақт – даврае, ки дар он баҳодиҳии хароҷотҳои амалӣ гардида ва даромадҳои ба даст оварда шуда ба миён меояд, таъсири назаррас мерасонад. Аз ин лиҳоз хароҷотҳои истеҳсолотро бояд дар давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат дар алоҳидагӣ таҳлил намуд. Қайд кардан зарур аст, ки истифодабарии ин мафҳумҳо набояд бо лаҳзаҳои муайяни вақт вобаста карда шаванд. Вобаста ба ҳар як соҳа ин мафҳумҳо дар фосилаи васеъ тағйир меёбанд. Бинобар ҳамин барои ҷудо намудани давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат нишондоди тағйирнопазирӣ ва ё тағйирёбии шароитҳои истеҳсолот истифода мешавад.

Агар шароитҳои истеҳсолот, технология бетағйир боқи монда, иқтидори корхона доимӣ бошад, он гоҳ сухан оид ба таҳлили хароҷоти истеҳсолоти корхона дар давраи кӯтоҳмуддат меравад. Давраи дарозмуддат бо тағйиротҳои шароитҳои амал намудани корхона тавсиф шуда, бо азнавташкилкунӣ ва азнавсозии истеҳсолот алоқаманд аст. Дар ин ҳолат ҳама намудҳои хароҷот тағйир меёбанд, ки ҳамчун натиҷаи баҳодиҳии арзишии ҳар як захираи истифодашаванда баромад мекунанд. Дар натиҷа, ҳама намуди хароҷот бузургии тағйирёбанда мешавад. Бо ибораи дигар нишондоди тақсимоти давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат вақт набуда, бакли мавҷудият (дар давраи кӯтоҳмуддат) ва ё мавҷуд набудани (дар давраи дарозмуддат) ҷудо намудани омилҳои истеҳсолот ба доимӣ ва тағйирёбанда мебошанд, ки вобаста ба ин хароҷотҳо ба тағйирёбанда ва доимӣ ҷудо мешаванд.

## 12.2. ХАРОҶОТ ДАР ДАВРАИ КӮТОҲМУДДАТ.

Омилҳои истеҳсолот вобаста аз дараҷаи ҳаракатнокии худ фарқ мекунанд. Баъзеи онҳоро дар ҳолати зарурати истеҳсолӣ фирма метавонад нисбатан тезтар зиёд намояд. Масалан, киро намудани коргарони нав, хариди масолеҳ, сӯзишворӣ ва дигар унсурҳои капитали гардонро ба зуди ҷалб кардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин чунин омилҳои истеҳсолот низ ҳастанд, ки барои зиёд намудани ҳаҷми онҳо вақти нисбатан зиёдтар зарур аст. Масалан, қитъаҳои замин, майдонҳои истеҳсолӣ, дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳо. Чунин омилҳои истеҳсолот доимӣ номида мешаванд.

Фарқиятҳои байни омилҳои истеҳсолии доимӣ ва тағйирёбандаи дар давраи кӯтоҳмуддат мавҷуд буда ҷудо намудани хароҷотҳоро ба доимӣ ва тағйирёбанда ба миён меоранд.

**Хароҷотҳои доимӣ (FC)**. Сарчашмаи хароҷотҳои доимӣ хароҷотҳо барои омилҳои истеҳсолоти доимӣ мебошанд, ки дар тӯли давраи кӯтоҳмуддат бетағйир боқӣ мемонанд. Бинобар ҳамин хароҷотҳои доимӣ аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот вобастагӣ надоранд. Албатта ин ҳолат таъсири хароҷотҳои доимиро ба ҷараёни истеҳсолот паст намекунад. Барои тасдиқ номбар намудани намудҳои хароҷотҳои доимӣ кифя аст. Ба он бисёр хароҷотҳое дохил мешаванд, ки сатҳи технологии истеҳсолотро муайян мекунанд. Ин хароҷотҳои капитали асосӣ дар намуди ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионӣ, пардохтҳои иҷоравӣ, хароҷотҳои барои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва ғайраҳо.

**Хароҷотҳои тағйирёбанда (VC)**. Сарчашмаи хароҷотҳои тағйирёбанда хароҷотҳои омилҳои истеҳсолоти тағйирёбанда мебошанд. Таркиби асосии ин хароҷотҳо унсурҳои капитали гардон мебошанд. Онҳо аз хароҷотҳо барои дастрас намудани ашё, масолеҳ, маводҳои пурракунанда ва маҳсулотҳои нимтайёр, пардохти музди меҳнат ба коргарони истеҳсолӣ иборат мебошанд.

**Тағйирёбии (динамикаи) хароҷотҳои тағйирёбанда**. Дар давраи кӯтоҳмуддат тағйирот дар ҳаҷми истеҳсолот бо камшавӣ ва ё афзоишёбии хароҷотҳои омилҳои истеҳсолоти

тағйирёбанда алоқаманд мебошанд. Бинобар ҳамин хароҷотҳои тағйирёбанда бо баробари афзоишёбии хароҷотҳои омилҳои тағйирёбандаи истеҳсолот афзоиш меёбанд. Бо баробари ин хусусияти чунин афзоишёбӣ аз боздеҳи омили истеҳсолоти тағйирёбанда вобаста аст, аниқтараш аз он, ки чунин бодеҳ афзуншаванда, доимӣ ва ё камшаванда аст.

Вақте, ки маҳсулот истеҳсол карда намешавад, хароҷотҳои тағйирёбанда ба нол баробаранд, лекин бо баробари афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсол мешуда онҳо афзоиш меёбанд. Дар аввал, вақте, ки истеҳсолот бо ҳаҷмҳои наонқадар калон амалӣ гардонида мешаванд, хароҷотҳои тағйирёбанда бо сурътаи тез афзоиш меёбанд. Дар ҳолати васеъшавии минбаъдаи истеҳсолот омили сарфа аз ҳаҷм амал мекунад ва афзоиши хароҷотҳои тағйирёбанда сусттар мешавад. Баъдан хароҷотҳои тағйирёбанда бо суръати баланшавӣ нисбат ба афзоиши маҳсулот афзоиш меёбад. Ин ҳолат бо амал намудани қонуни камшавандаи боздеҳ маънидод карда мешавад.

***Сабаби камшавии боздеҳ дар чист?*** Ҳама омилҳои истеҳсолот дар маҷмӯъ кор мекунанд, бинобар ҳамин риоя намудани таносуби муайяни байни онҳо зарур аст. Зиёдшавии як омили истеҳсолот ҳангоми тағйирнаёфтани дигар омилҳои дар шароите, ки омилҳо байни худ мувофиқ гардонида шуда буданд, нотаносубиро ба миён меорад. Шумораи коргарон ба миқдори таҷҳизот, миқдори таҷҳизот ба маёдонҳои истеҳсолӣ ва ғайраҳо мувофиқат намекунад. Дар чунин шароитҳои афзоиши як намуди омилҳои истеҳсолот афзоиши назарраси натиҷаро таъмин намекунад. Боздеҳи омили истеҳсолот кам мешавад.

Умуман қонуни камшавандаи боздеҳ бо чунин тарз ба миён меояд: «***Афзоиши бароришли маҳсулоти муайян аз ҳисоби афзоиши ҳар як омили тағйирёбанда дар ҳолати доимӣ будани дигар омилҳо аз ягон ҳаҷм оғоз карда кам мешавад***».

**Мисол**. Фарз мекунем, ки бо баробари истифодабарии маҷмӯи омилҳо 200 воҳид маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Яке аз омилҳои истеҳсолотро, масалан қувваи кориро зиёд мекунем, шумораи коргаронро пай дар пай ба 20 коргар зиёд мекунем (ки дар аввал ба 100 нафар баробар буд). Дигар омилҳои истеҳсолотро бетағйир боқӣ мемонем. Натиҷаҳои

истеҳсолот дар намуди миқдори воҳиди маҳсулоти истеҳсол шуда аз дигар нишондиҳандаҳо аз ҷадвали 12.1 аён мегардад.

**Ҷадвали 12.1.**

| L | 100 | 120 | 140 | 160 | 180 | 200 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Q** | 200 | 235 | 260 | 275 | 285 | 290 |
| **AQ** | - | 35 | 25 | 15 | 10 | 5 |
| **Q/L** | 2 | 1,96 | 1,86 | 1,72 | 1,58 | 1,45 |

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали 12.1 маълум мегардад, барориши маҳсулот (даромад) ҳангоми афзоишёбии яке аз омилҳои истеҳсолот ба таври номутаносиб нисбат ба афзоиши ин омили истеҳсолот афзоиш меёбад, яъне камшавии афзоиши барориш ва даромаднокӣ ҷой дорад. Ҳамин тавр ҳосилнокии ин омили истеҳсолот ба назар мерасад. Вобастагии мушоҳида шаванда моҳияти қонуни камшавандаи боздеҳро (даромаднокиро) нишон медиҳад.

Ба тавсифи хароҷотҳои тағйирёбандаи истеҳсолот гуфтаҳои зеринро илова намудан мумкин аст. Хароҷотҳои тағйирёбанда – ин хароҷотҳое, ки онҳоро соҳибкор идора карда метавонад, зеро ҳаҷми онҳо дар давраи кӯтоҳмуддат бо роҳи тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот дигаргун мешавад.

**Хароҷотҳои умумӣ (TC)**. Ҷамъи хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда хароҷотҳои умумии давраи кӯтоҳмуддатро ташкил мекунанд **(TC=FC+VC)**. Дар сатҳи ба нол баробар будани ҳаҷми истеҳсолот хароҷотҳои умумӣ ба ҳаҷми хароҷотҳои доимӣ баробаранд. Ҳангоми афзоиши ҳаҷми истеҳсолот хароҷотҳои умумӣ ба ҳаҷми хароҷотҳои тағйирёбанда зиёд мешаванд.

**Хароҷотҳои умумии миёна (ATC)**. Фишанги пурқуввати таҳлили иқтисодӣ омӯзиши хароҷотҳои миёна ва ё хароҷотҳо барои ҳар як воҳиди маҳсулот мебошад.

$$ATC = \frac{TC}{Q} \qquad (12.1)$$

**Хароҷотҳои доимии миёна (AFC)**. Хароҷотҳои доимии миёна бо харҷи омилҳои истеҳсолоти доимӣ ва ё хароҷотҳои

доимӣ ба ҳисоби воҳиди маҳсулоти истеҳсол мешуда тавсиф карда мешавад.

$$AFC = \frac{FC}{Q} \qquad (12.2)$$

Байни хароҷоти доимии миёна AFC ва маҳсулоти миёнаи омили доимӣ APn вобастагии баръакс вуҷуд дорад:

$$AFC = \frac{FC}{Q} = \frac{P_k \times K}{Q} = \frac{P_k}{AP_k} \qquad (12.3)$$

ки дар ин ҷо P – нархи воҳиди омили доимӣ; K – миқдори омили доимӣ;

Дар ҳақиқат ҳам, $AFC = \frac{FC}{Q}; FC = P_k \times K$.

Тавсири графики хароҷоти доимии миёна AFC шакли гиперболаро дошта, ба таври асимптотикӣ ба тирҳои абстсисса ва ордината наздик мебошад. Ҳангоми зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот хароҷоти доимии миёна (AFC) паст мешавад. Ин ҳодисаро тақсимоти хароҷотҳои доимӣ меноманд.

**Хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна (AVC).** Ин хароҷотҳо барои харҷи захираҳои тағйирёбанда ба ҳисоби истеҳсоли воҳиди маҳсулот мебошад. Хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна бо воситаи нисбияти хароҷотҳои тағйирёбанда ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда муайян карда мешавад:

$$AVC = \frac{VC}{Q} \qquad (12.4)$$

Байни хароҷоти тағйирёбандаи миёна ва маҳсулоти миёнаи омили тағйирёбанда $AP_L$ вобастагии баръакс вуҷуд дорад:

$$AVC = \frac{P_L}{AP_L} \qquad (12.5)$$

ки дар ин ҷо: $P_L$ – нархи воҳиди омили тағйирёбанда.

Дар ҳақиқат ҳам $AVC = \frac{VC}{Q}; VC = P_L \times L$, ки дар ин ҷо L – миқдори омили тағйирёбанда; $AP_L = \frac{Q}{L}$.

Ҳамин тавр:

$$AVC = \frac{VC}{Q} = \frac{P_L \times L}{Q} = \frac{P_L}{AP_L} \quad (12.6)$$

Динамикаи хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна бо тағйирёбии боздеҳ аз омили тағйирёбандаи истеҳсолот алоқаманд аст. Вобастагии баръакси хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна (AVC) ва маҳсулоти миёнаи омили тағйирёбанда барои чунин хулосаҳо имконият медиҳад:

- *агар маҳсулоти миёнаи омили тағйирёбанда зиёд шавад, он гоҳ хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна бояд паст шаванд;*
- *агар маҳсулоти миёнаи омили тағйирёбанда кам шавад, он гоҳ хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна зиёд мешаванд.*

**Ҳамин тавр, дар ҳолати ивазшавии бевоситаи боздеҳи камшаванда, хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна дар аввал кам мешаванд, баъдан ба ҳадди ақал мерасанд, ки ба ҳадди аксари маҳсулоти миёнаи омили тағйирёбанда мувофиқат мекунад, ба зиёдшавӣ оғоз мекунанд.**

Агар барои истеҳсолот боздеҳи доимӣ хос бошад, он гоҳ дар ин ҳолат хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна тағйир намеёбанд.

Хароҷотҳои умумии миёна **(ATC)**. Хароҷотҳои умумии миёна хароҷотҳои омилҳои тағйирёбанда ва доимии истеҳсолотро тавсиф мекунад, ки бо он воҳиди маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Хароҷоти умумии миёна бо воситаи нисбияти хароҷотҳои умумӣ ба ҳаҷми маҳсулоти умумӣ муайян карда мешавад:

$$ATC = \frac{TC}{Q} \quad (12.7)$$

Азбаски TC=FC+VC мебошад, бинобар ҳамин:

$$ATC = \frac{TC}{Q} = \frac{FC + VC}{Q} = \frac{FC}{Q} + \frac{VC}{Q} = AFC + AVC \quad (12.8)$$

Ҳаҷми хароҷоти умумии миёна барои соҳибкор аҳамияти хосаро дорад, зеро бо воситаи муқоиса намудани он бон архи воҳиди маҳсулоти истеҳсол мешуда, ӯ метавонад фоидаи худро аз ҳар як воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда муайян намояд.

Дар тағйирёбии хароҷоти умумии миёна хусусиятҳои тағйирёбии ҳам хароҷотҳои доимии миёна ва ҳам хароҷотҳои

тағйирёбандаи миёна ифода меёбанд. Ин хусусият бо он дарк карда мешавад, ки хароҷотҳои умумии миёна бо худ ҷамъи хароҷотҳои миёнаи доимӣ ва хароҷотҳои тағйирёбандаи миёнаро дар бар мегирад (ATC=AFC+AVC). Агар тағйирёбии хароҷоти умумии миёнаро ба таври графикӣ тасвир кунем, он гоҳ мебинем, ки графики ATC ба монанди графики AVC дар аввал кам мешавад ва баъдан зиёд мешавад, яъне каҷхаттаи ATC шакли параболаро дорад. Бо баробари ин ҳангоми афзоишёбии ҳаҷми истеҳсолот каҷхаттаи ATC бо каҷхаттаи AVC наздик мешавад, чунки бо баробари афзоиши ҳаҷми истеҳсолот AFC кам шуда, масоҳати байни ATC ва AVC хурдтар мешавад.

Бояд қайд намуд, ки андозаи ҳадди ақали хароҷотҳои умумии миёна ба ҳаҷми зиёди истеҳсолот мувофиқ буда, набалки барои андозаи ҳадди ақали хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна мувофиқат мекунад. Ин ҳолат бо чунин гуфтаҳо маънидод карда мешавад: дар аввал афзоиши хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна бо пастшавии хароҷотҳои доимии миёна рӯйпӯш мешаванд, дар натиҷа хароҷотҳои умумии миёна пастшавиро давом мекунанд. Лекин дар ҳолати афзоишёбии минбаъдаи истеҳсолот зиёдшавии хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна пастшавии хароҷотҳои тағйирёбандаи миёнаро боз медорад, бинобар ҳамин хароҷотҳои умумии тағйирёбанда ба зиёдшавӣ оғоз мекунанд.

**Хароҷотҳои интиҳоӣ (MC)**. Хароҷотҳои интиҳоӣ бо худ тағйирёбии хароҷотҳои умумиро дар назар доранд, ки бо истеҳсоли воҳиди иловагии маҳсулот алоқаманд аст.

$$MC = \frac{\Delta TC}{\Delta Q} \qquad (12.9)$$

ки дар ин ҷо: Δ - афзоиш.

Азбаски андозаи хароҷотҳои доимӣ тағйирнопазир аст, хароҷотҳои интиҳоӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб шуданашон мумкин аст:

$$MC = \frac{\Delta VC}{\Delta Q} \qquad (12.10)$$

Ҳамин тавр, хароҷотҳои интиҳоӣ суръати афзоиши хароҷотҳои тағйирёбандаро ҳангоми афзоишёбии ҳаҷми истеҳсолот тавсиф мекунанд.

Барои соҳибкор нишондиҳандаи хароҷотҳои интиҳоӣ ҳамчун нишондоди зарурӣ ҳангоми интихоби ҳаҷми фоидаовари истеҳсолот баромад мекунад, зеро хароҷотҳои интиҳоӣ андозаи хароҷотҳоро нишон медиҳад, ки фирма дар ҳолати афзоиш додани истеҳсоли маҳсулот ба як воҳид ба ҷо меорад ва ё баръакс аз кадом ҳаҷми хароҷот ӯ озод мешавад, агар аз истеҳсоли воҳиди маҳсулот даст кашад. Тағйирёбии хароҷотҳои интиҳоӣ бо тағйирёбии боздеҳ аз омили тағйирёбандаи истеҳсолот вобаста аст. Дар ҳолати боздеҳи афзоишёбанда ва афзоиши маҳсулоти интиҳоӣ хароҷотҳои интиҳоӣ паст шуда, ҳангоми боздеҳи камшаванда ва камшавии маҳсулоти интиҳоӣ, хароҷотҳои интиҳоӣ зиёд мешаванд. Ҳамин тавр, ҳангоми тавсири графикӣ каҷхаттаи хароҷотҳои интиҳоӣ дар аввал кам мешавад ва баъдан ба ҳадди аксар мерасанд, ки ба ҳадди аксари маҳсулоти интиҳоӣ мувофиқ аст, сипас ин хароҷотҳо афзоиш меёбанд. Лекин агар барои истеҳсолот боздеҳи доимӣ аз ҳаҷм мувофиқ бошад, он гоҳ хароҷотҳои интиҳоӣ бузургии доимӣ доранд.

**Алоқаи хароҷотҳои миёна ва интиҳоӣ**. То даме, ки хароҷотҳои истеҳсоли воҳиди иловагии маҳсулот, яъне хароҷотҳои интиҳоӣ аз хароҷотҳои тағйирёбандаи миёнаи воҳиди маҳсулоти пешина хурд аст, афзоиши барориши маҳсулот андозаи хароҷотҳои тағйирёбандаи миёнаро паст мекунад. Агар хароҷотҳои интиҳоӣ аз хароҷотҳои тағйирёбандаи миёнаи маҳсулоти пешина зиёд бошад, он гоҳ хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна афзоиш меёбанд. Ҳангоми мушоҳида намудани тавсири графикӣ дидан мумкин аст, ки каҷхаттаи AVC ба нуқтаи бурриш бо каҷхаттаи MC наздик шуда, баъд аз аз он гузаштан афзоиш меёбад, андозаи ҳадди ақали AVC бошад дар нуқтаи бурриш дастрас карда мешавад.

Чунин фикррониҳо вобаста ба хароҷотҳои умумии миёна ATC ба хулосае меоранд, ки каҷхаттаи MC каҷхаттаи ATC –ро дар нуқтаи ба андозаи ҳадди ақали хароҷотҳои умумии миёна мувофиқ буда мебурад.

Ҳаҷми истеҳсолоте, ки ба хароҷотҳои умумии миёнаи ҳадди ақал мувофиқат мекарда, нуқтаи оптимуми технологӣ номида мешавад. Ин нуқта он вақт дастрас мешавад, ки агар таносуби омилҳои истеҳсолоти тағйирёбанда ва доимӣ аз нуқтаи назари техникӣ оптималӣ аст.

## 12.3. ХАРОҶОТ ДАР ДАВРАИ ДАРОЗМУДДАТ.

Нисбат ба давраи кӯтоҳмуддат, ки дар давоми он омилҳои истеҳсолоти аз тарафи фирма истифода шаванда ба доимӣ ва тағйирёбанда ҷудо мешаванд, давраи дарозмуддат бо тавсиф карда мешавад, ки масъалаи барориши ин ё он ҳаҷми маҳсулотро фирма метавонад бо воситаи тағйирдиҳии ҳама омилҳои истифодабаранда амалӣ гардонад. Азбаски ҳама омилҳои истеҳсолот тағйирёбанда мешаванд, бинобар ҳамин фирма кӯшиш мекунад, ки ҳаҷми истеҳсолотро бо баробари нигоҳдории хароҷотҳои ҳадди ақали воҳиди маҳсулот васеъ гардонад. Бо баробари ин қайд намудан зарур аст, ки дар давраи дарозмуддат хароҷотҳои доимӣ вуҷуд надошта, хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна бошанд ба хароҷотҳои умумии миёна баробаранд. Бинобар ҳамин вобаста ба давраи дарозмуддат танҳо як мафҳум – хароҷотҳои миёна истифода бурда мешавад.

Азбаски дар шароитҳои давраи дарозмуддат ҳама омилҳои истеҳсолот тағйирёбанда, ҳаракатноканд, бинобар ҳамин омили ҳалкунандаи муайян мекардаи рафтори хароҷотҳои умумии миёна дар ин давра, ҳаҷми истеҳсолот мебошад. Фирма барои мутобиқшавӣ ба талаботи бозорӣ метавонад ҳаҷми истеҳсолоти худро бо воситаи тағйирдиҳии мутаносибии ҳама омилҳои истеҳсолоти истифодашаванда тағйир диҳад.

Муқаррарист, ки ҳангоми афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ҳаҷми барориш (мувофиқан хароҷотҳои умумӣ) зиёд мешаванд. Лекин характери афзоишёбии ҳаҷми истеҳсолот метавонад гуногун бошад. Чи хеле ки қайд шуда буд, ҳангоми тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот се ҳолат имконпазир аст:

1) ҳаҷми истеҳсолот нисбат ба миқдори омилҳои истеҳсолот тезтар афзоиш меёбад;

2) ҳаҷми истеҳсолот баробар бо миқдори омилҳои истеҳсолот афзоиш меёбад;

3) ҳаҷми истеҳсолот нисбат ба миқдори омилҳои истеҳсолот сусттар афзоиш меёбад.

Ин фарқият дар таносуби афзоиши барориш ва омилҳои истеҳсолот дар назарияи иқтисодӣ номи самара аз ҳаҷмро гирифтааст.

**Самара аз ҳаҷм**. Таносуби (коэффитсиенти) тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот ҳангоми тағйирёбии миқдори омилҳои истеҳсолоти истифодашаванда самара аз ҳаҷм номида мешавад.

Самара аз ҳаҷм метавонад мусбӣ бошад, вақте ки ҳаҷми истеҳсолот нисбат ба миқдори омилҳои истеҳсолот тезтар афзоиш ёбад; самараи доимӣ аз ҳаҷм дар назар дорад, ки ҳаҷми истеҳсолот бо дараҷаи баробар бо миқдори омилҳои истеҳсолот зиёд шавад; самараи манфӣ аз ҳаҷм он вақт ба назар мерасад, ки агар ҳаҷми истеҳсолот нисбат ба афзоиши миқдори омилҳои истеҳсолот сустар зиёд шавад.

Самара аз ҳаҷм – ин ҳодисаи давраи дарозмуддат мебошад. Ин ҳодисаро бо қонуни боздеҳи камшаванда ҳаммаъно ҳисобидан хато аст. Қонуни боздеҳи камшаванда ҳодисаи давраи кӯтоҳмуддат мебошад, ки дар он омилҳои истеҳсолоти кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат баҳамтаъсир мерасонанд.

**Хароҷотҳои миёнаи дарозмуддат**. Дар давраи дарозмуддат фирма имконият дорад, ки таҷҳизоти навро ҷорӣ намояд, истеҳсолотро аз ҳисоби сохтани сехҳои нав васеъ кунад, техникаи навро азхуд кунад, инфрасохтори истеҳсолиро пурра иваз намояд ва ғайра. Бинобар ҳамин ҳангоми васеъшавии фирма тағйирёбии хароҷотҳои умумии миёна ба миён меояд, ки онҳо дар аввал аз ҳисоби самара аз ҳаҷм кам мешаванд ва баъдан дар натиҷаи пастшавии самара аз ҳаҷм хароҷотҳо ба сатҳи ҳадди ақали худ мерасанд (АТС). Дар ҳолати тавсири графикӣ дидан мумкин аст, ки чунин каҷхаттаҳо ба миқдори ҳаҷмҳои истеҳсолоти тадқиқшаванда баробаранд. Ин ҳаҷмҳои истеҳсолотро иваз намуда, фирма аз як каҷхаттаи хароҷотҳои миёнаи давраи кӯтоҳмуддат ба дигараш мегузарад. Нуқтаҳои

ҳадди ақали ин качхаттаҳои хароҷотҳои умумиро дар давраи кӯтоҳмуддат алоқаманд карда, хароҷотҳои умумии миёнаи давраи дарозмуддатро ҳосил кардан мумкин аст (LATC).

**Сарфа ва носарфагӣ аз ҳаҷми истеҳсолот**. Ҳангоми мавҷудияти самараи мусбӣ аз ҳаҷми истеҳсолот оид ба сарфа аз ҳаҷми истеҳсолот гуфта, ҳангоми мавҷуд набудани самара ва ё мавҷудияти боздеҳи доимӣ аз омилҳои истеҳсолот оиди самараи доимӣ аз ҳаҷми истеҳсолот сухан меронанд. Дар ҳолати самарии баръакс аз ҳаҷми истеҳсолот оид ба мавҷудияти носарфагӣ сухан меронанд.

**Омилҳои сарфа ва носарфагӣ аз ҳаҷмҳои истеҳсолот**. Омилҳои сарфакорӣ – махсусгардонии омилҳои истеҳсолот, ҷараёнҳои технологӣ, истифодабарии комплексии ашё, масолеҳ ва бартарафкунии партовҳо. Омилҳои носарфакорӣ аз ҳаҷм – омилҳои самараи мусбӣ аз ҳаҷм дар ҳолати аз ҳад зиёд намудани онҳо бар муқобили худ меистанд, яъне омилҳои носарфакорӣ аз ҳаҷм мешаванд.

**Ҳаҷми оптималии корхонаҳо**. Нишондоди самаранокии ҳаҷмҳои корхонаҳо, ҳаҷми оптималии онҳо (ва ё то ҳадди ақал самаранок) ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми оптималии корхона – ин ҳаҷми корхона, ки хароҷотҳои миёнаи дарозмуддати ҳадди ақалро таъмин менамоянд.

## 12.4. НАЗАРИЯИ ХАРОҶОТ.

Хароҷотҳоро классикони иқтисоди сиёсӣ низ тадқиқ карда буданд. А. Смит мафҳӯми хароҷотҳои мутлақро ворид намуд. Д. Рикардо – муаллифи назарияи хароҷотҳои муқоисавӣ. Зери мафҳуми «хароҷот» онҳо хароҷоти миёнаи ҷамъиятиро барои воҳиди маҳсулот дарк мекарданд.

Дар назарияи иқтисодӣ ду консепсияи хароҷотҳо пешкаш шудаанд: марксистӣ ва неоклассикӣ.

К. Маркс ба таҳлили хароҷотҳои истеҳсолот дар иқтисоди бозорӣ диққати калон зоҳир мекард. Лекин хароҷотҳои истеҳсолотро К. Маркс асосан аз мавқеъи таъсисёбии арзиши изофа ва фоида мушоҳида мекард. К. Маркс характери

духелагии хароҷотҳои истеҳсолотро дар шароити капитализм асоснок мекунад. Ӯ хароҷотҳои капиталистии истеҳсоли мол ва хароҷоти меҳнати зарурии ҷамъиятиро барои истеҳсолотро ҷудо мекард. Мувофиқи консепсияи марксистӣ, хароҷотҳои истеҳсолот – ин арзиши моле, ки ба капиталист таалуқ дорад, махсусан ҷамъи хароҷотҳо барои дастрас намудани воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ (капитали доимӣ ва тағйирёбанда), яъне ин хароҷотҳои моддии истеҳсолӣ ва хароҷотҳо барои музди меҳнат. Аз байни хароҷотҳои махсуси капиталистӣ, Маркс хароҷотҳои аслии истеҳсолотро ҷудо мекунад, ки ба арзиши пурраи мол, яъне C+V+m баробар аст. Хароҷотҳои аслии истеҳсолот бо худ хароҷотҳои ҷамъиятиро ифода мекунанд, яъне арзиши молро аз нуқтаи назари ҷамъият.

Хароҷотҳои ҳақиқӣ ва ё ҷамъиятии истеҳсолот аз хароҷоти капиталист ба андозаи арзиши иловашуда **m** зиёд аст. «Маркс менависад, ки арзиши мол барои капиталист ва арзиши худи истеҳсолот бузургиҳои гуногунанд… Арзиши мол барои капиталист бо хароҷотҳои капитал чен карда шуда, арзиши ҳақиқи бошад бо хароҷоти меҳнат чен карда мешавад».

Дар характери духелагии хароҷоти истеҳсолӣ К.Маркс мавҷудияти зиддияти аслиро байни меҳнат ва капитал мушоҳида мекунад. Ин ҳолат ба К. Маркс барои исбот намудани сарчашмаи арзиши изофа танҳо меҳнати зинда мебошад, зарур буд. Фоида капиталист бошад – ин нисбияти арзиши изофа ба тамоми капитали пешпардохт мебошад.

Дар асоси консепсияи муосири хароҷотҳои истеҳсолот назарияи неоклассикӣ хобидааст, ки асоси фундаменталии онро ақидаҳои назариячиёни фоиданокии интиҳоӣ, яъне маржиналистон ташкил мекунанд. Дар маржиналистон хароҷотҳои истеҳсолот ҳамчун ҳодисаи психологӣ муайян карда мешавад, ки дар фоиданокии интиҳоӣ асос гирифтааст. Мувофиқи акидаи маржиналистон, нархи омилҳои истеҳсолоти аз тарафи фирма пардохт карда мешуда бо фоиданокии интиҳоӣ муайян карда мешавад, ки он аз нуқтаи назари фурӯшанда муайян карда мешавад. Мафҳӯми хароҷот дар назарияи иқтисодии маржинализм ба корхонаи алоҳида таалуқ дорад, ки хароҷот ва даромади он ҳамчун функсия аз ҳаҷми истеҳсолот мушоҳида карда мешаванд.

Назариячии австрягӣ Ф. Визер назарияи субъективии хароҷотҳои имкониятҳои алтернативиро коркард намуд, ки мувофиқӣ он хароҷотҳои ҳақиқии моли додашуда ба фоиданокии интиҳоии болоии он неъматҳо баробар аст, ки ҷамъият метавонист дар шароити истифодабарии дигаргуни захираҳои истеҳсолӣ ба даст оварад.

Консепсияҳои неоклассикӣ хароҷоти истеҳсолотро ҳамчун ҷамъи харҷҳо (доимӣ ва тағйирёбанда) барои дастрас намудани омилҳои истеҳсолот мушоҳида мекунад.

Дар даҳсолаҳои охир **назарияи хароҷотҳои трансаксионӣ** васеъ паҳн гардид, ки аз тарафи намояндагони неоинститутсионализм коркард шудааст. Ба хароҷотҳои трансаксионӣ асосан хароҷотҳои муомилотро дохил мекунаж, яъне хароҷотҳои барои фурӯши мол (реклама, нигоҳдории бозорҳо ва ғайраҳо).

Ҳамин тавр, чунин мавқеъҳои асосии назарияи муосири хароҷотҳои истеҳсолотро ҷудо намудан мумкин аст:

1) назарияи муосири хароҷотҳо аз он бармеояд, ки барои соҳибкор ба даст овардани даромад барои ҳама хароҷотҳо новобаста аз он ки аз кадом ҳисоб онҳо ба миён меояд, гирифтани дарома зарур аст;

2) назарияи муосири хароҷот вобаста аз манфиатҳои соҳибкор ҷудо намудани хароҷотҳоро ба хароҷотҳои истеҳсолӣ ва муомилот ба фарқияти мавҷуд будаи байни онҳо нигоҳ накарда ба эътибор намегирад;

3) назарияи муосири хароҷот даромади (фоидаи) соҳибкорро, ҳамчун пардохти меҳнати соҳибкор шуморида ба хароҷотҳои истеҳсолот дохил мекунад;

4) назарияи муосири хароҷти истеҳсолот аз камёфтии захираҳои истифодашаванда ва имкониятҳои истифодабарии алтернативии онҳо бар меояд.

***Таркиби мафҳуми «нархи истеҳсолот» дар назарияи марксистӣ ва хароҷотҳои «иқтисодии» неоклассикон***. Дар назарияи иқтисодии марксистӣ ҳолате тасдиқ карда мешавад, ки мувофиқи он дар шароитҳои истеҳсолоти капиталистӣ дар натиҷаи рақобати байнисоҳавӣ нархи истеҳсолот таъсис меёбад, ки аз хароҷоти истеҳсолот ва меъёри миёнаи фоида иборат аст. Дар натиҷаи ҳаракати капитал аз як намуди истеҳсолот ба

дигараш, ҳар як капитал фоидаи ба андозаи худ баробарро дастрас мекунад. Пастшавии меъёри фоида аз андозаи миёнаи он ба ҷоришавии капитал аз соҳа оварда мерасонад. Зиёдшавии фоида аз сатҳи миёна ба даст овардани фоидаи барзиёдиро дар назар дошта, капиталро ба соҳа ҷалб мекунад. Он чизе, ки дар назарияи марксистӣ фоидаи барзиёдӣ номида шудааст, дар адабиёти муосири иқтисодӣ ба таври гуногун номгузорӣ карда мешавад. Фоидаи аз сатҳи муқаррарӣ зиёд фоидаи иқтисодӣ ва ё фоидаи барзиёдӣ, ё ин ки барзиёдии истеҳсолот ва ё ба таври одди фоида номида шаданаш мумкин аст.

Мавқеъи аз назарияи марксистӣ фарқкунандае, ки дар назарияи иқтисодии муосир паҳн гардидааст, дар он аст, ки хароҷотҳои истеҳсолот, хароҷотҳои айён, ноайён ва фоидаи муқаррариро дар бар мегирад.

# МАВЗӮИ 13. ФИРМА ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ.

*13.1. Табиати фирма.*
*13.2. Рафтори фирма дар шароити рақобати мукаммал.*
*13.3. Фирма дар шароити рақобати номукаммал.*

Дар иқтисодиёти муосир зиёда 40 млн. фирма мавҷуд аст, ки 99% онҳо ба соҳаи бизнеси хурд вам иёна мансубият доранд. Тақрибан 50 % онҳо дар ИМА амал мекунанд. Дар Тоҷикистон ҳамагӣ 45 ҳазор корхона мавҷуданд, аз он ҷумла корхонаҳои бизнеси хурд 1700 ва ё 3,8%. Дар поён мо чи тавр таносубҳои байни бозор ва фирмаҳо ба миён меояд, мушоҳида мекунем. Лекин дар аввал масъалаҳои таъсисёбии фирмаҳоро таҳлил намуда, муайян менамоем, ки дар иқтисодиёт онҳо кадом вазифаро иҷро мекунанд.

## 13.1. ТАБИАТИ ФИРМА.

**Сабабҳои пайдошавии фирма**. Дар адабиёти илмӣ маънидодкуниҳои гуногуни сабабҳои пайдоиши фирма вуҷуд дорад. Масалан, А. Смит ва баъдан К.Маркс гумон доштанд, ки фирмаҳо (мануфактураҳо, фабрикаҳо) дар натиҷаи кооператсияи коргарон дар асоси тақсимоти меҳнат пайдо шуданд. Иқтисодчии америкоӣ Ф. Найт гумон дорад, ки фирмаҳо дар натиҷаи кӯшиши субъектони бозорӣ барои таъмини хавфҳо ва номуайяниҳои ҳадди ақал пайдо шудаанд.

Маънидодкунии нисбатан саҳеҳи сабабҳои падоиши фирмаҳоро иқтисодчии дигари америкоӣ Р.Коуз додаст. Маънои консепсияи Р. Коуз нисбат ба пайдоиши фирма дар инҳо мебошад: фирма ҳамчун агенти иқтисодӣ дар алоқамандӣ бо гаронии координатсияи бозорӣ пайдо мешавад. Дар шароитҳои моликияти хусусӣ, фирма хароҷоти мубодилаи бозориро, ки онҳоро дар акси ҳол истеҳсолкунандагони инфиродии ба чунин ташкилот муттаҳиднашуда дар дӯш доштанд, кам мекунад.

**Табиати фирма**. Фирма ҳамчун сохтори хоҷагидорӣ ва ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар тӯли давраи дарози инкишофёбии муносибатҳои бозорӣ моҳиятан таҳаввул ёфтааст. Дар аввал мафҳуми фирма «номи савдоии» тиҷоратчиро дошт. Ҳозир бошад ин истиллоҳ институтеро дар назар дорад, ки омилҳои истеҳсолотро ба маҳсулот мубаддал мекунад. Дар адабиёти дарсӣ фирма ҳамчун ташкилоти муайян, субъекти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дарк карда мешавад, ки бо фаъолияти истеҳсолӣ машғул буда, дорои мустақилияти хоҷагидорӣ дар ҳалли масъалаҳои **чӣ, чӣ тавр ва барои кӣ истеҳсол кардан ва бо кадом нарх фурӯхтан** мебошад.

Бозори ва фирма тарзҳои алтернативии ташкили фаъолияти иқтисодӣ мебошанд. Дар ҳақиқат ҳам ба бозор чунин хислатҳо хосанд, ба монанди: махсусгардонии омилҳои истеҳсолот бо ин ё он моликиятдор; ҳукмронии алоқаҳои ғайримустақим байни одамон бо воситаи нархҳо ва пулҳо; истифодабарии ҳавасмандгардониҳои иқтисодӣ (моддӣ), ба монанди муттаҳидшавии омилҳои истеҳсолот; ҳукмронии

шаклҳои бевоситаи алоқаҳо байни коркунон; усули якаидоракунии маъмурӣ.

Ҷиҳатҳое, ки фирма ва бозорро тавсиф мекунанд, нишон медиҳанд, ки бозор – ин соҳаи координатсияи бетартиби амалҳои иштирокчиёни он буда, фирма бошад – ин қисматҳои координатсияи мақсаднок байни одамон мебошад. Бар муқобили бозор фирмаҳо бо худ низоми нақшагӣ ва ё иерархиро ифода мекунанд, ки дар он ҳама масъалаҳои асосиро соҳибони фирма ҳал мекунанд.

**Фирма ҳамчун низоми иерархӣ**. Фирма ҳамчун низоми пурраи батартибдароварда шуда фаъолият мекунад, ки дар дохили он принсипи итоат намудани хизматчиёни фирма ба супоришоти идоракунанда амал мекунад. Омӯзиши иқтисоди бозорӣ қобилияти нотакрори бозорро бо тарзи стихиявӣ оптимизатсиякунонии фаъолияти иқтисодиро нишон медиҳад. Ногузир масъалае ба миён меояд: барои чӣ бо баробари тартиби стихиявӣ тартиби иерархии ташкилот бо муваффақият амал мекунад? Ҷавоби ин саволро 60 сол қабл Р. Коуз дар мақолаи машҳури худ «Табиати фирма» (соли 1937) дода буд. Чӣ хеле, ки дар боло қайд шуда буд, дар муайян намудани сабабҳои пайдоиши фирма дар назарияи Р. Коуз нақши асосиро кам намудани хароҷотҳои мубодила, яъне хароҷотҳои трансаксионӣ мебозанд. Онҳо дар ҷараёни фаъолияти хоҷагидорӣ пайдо шуда, хароҷотҳоро барои тайёркунӣ ва амалигардонии муомилаҳо дар бар мегиранд.

**Хароҷотҳои трансаксионӣ**. Барои амлигардонии фаъолияти истеҳсолӣ фирма хароҷотҳои истеҳсолиро ба ҷо меорад. Лекин, ба ғайр аз ин хароҷотҳо, фирма инчунин хароҷотҳои ғайриистеҳсолиро низ амалӣ мегардонад, ки хароҷотҳои трансаксионӣ номида мешаванд. Ин хароҷотҳо бо он алоқамандproperly, ки ба фирма зарур аст:

- ҳамкорони имконпазирро интихоб намуда, оиди онҳо маълумот ҷамъ кунад (таркиби ахборотии хароҷотҳо);
- ҳамкорони имконпазирро дар фоидаоварии муомила боварӣ кунонад (ба ин хароҷот комплекси кӯшишҳои маркетингӣ ва рекламавӣ дохил мешаванд);
- амалигардонии гуфту-шунидҳо, бастани шартномаҳо (хароҷотҳо барои худи муомилаҳо);

- кафолати иҷроиши шартномаро таъмин намудан (хароҷотҳои иҷроиши нопурраи муомилаҳо).

Ҳамин тавр, дар шароити бозор интихоби тарзи аниқи ташкили иқтисодӣ бо ҳаҷми хароҷотҳои трансаксионӣ муайян карда мешавад, ки ба ҳар яки онҳо мувофиқат мекунад. Фирмаҳо (роҳи иерархиро) дар ҳолате пойдор мегарданд, ки агар хароҷотҳои трансаксионии дохили фирма аз чунин хароҷотҳои бозорӣ пасттар шаванд. Дар акси ҳол, тартиби стихиявӣ пойдор мегардад. Умуман таҷрибаи паҳнгардии васеъи фирмаҳо дар иқтисоди бозорӣ бояд мутлақо ягона бошад. Ин ҳолат оиди пастшавии назарраси хароҷотҳои трансаксионӣ аз ҳисоби истифодабарии тарзҳои иерархии ташкилот дар дохили корхона шаҳодат медиҳад. Дар акси ҳол фирмаҳо ҳеҷ вақт шакли ҳукмрони ташкили истеҳсолот намегардиданд.

**Намудҳои асосии ташкили фирмаҳо**. Ба гуногуншаклии фирмаҳои дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт амал мекарда ва фарқиятҳои байни онҳо мавҷуд буда нигоҳ накарда, се намуди асосии ташкили фирмаҳоро (корхонаро) ҷудо кардан мумкин аст:

1) корхонаи инфиродӣ;
2) ширкати таовунӣ;
3) ҷамъияти саҳомӣ.

**Корхонаи инфиродӣ**. Аз ҳама намуди оддӣ ва паҳнгаштаи шакли ташкилии соҳибкорӣ корхонаи инфиродӣ мебошад, ки бо худ фирмаи хурдро ифода мекунад. Соҳиби ин гуна фирма ҳамзамон коргари асосии он ба ҳисоб рафта, ин корхона барои ӯ сарчашмаи асосии ба даст овардани даромад мебошад. Ҳамзамон ба ҳамагуна ӯҳдадориҳои чунин фирма соҳиби он ваколати шахсӣ дорад.

**Афзалиятҳо ва норасогиҳои фирмаи инфиродӣ: афзалиятҳо** – имконияти базудӣ ташкил намудани корхона, душвор набудани ҷараёни кушодашавӣ ва барҳамдиҳӣ; тарзи соддакардашудаи ҳисоббарии фаъолияти хоҷагидорӣ; мустақилияти соҳиби фирма, имконияти мустақилона қабул кардани қарор ва баҳодиҳи натиҷаҳои дастрасшуда; **норасогиҳо** – ӯҳдадории амволӣ барои ҳамагуна амвол, аз он ҷумла амволи шахсӣ ба дӯши соҳибкор; маҳдудияти захираҳои

молиявӣ ва моддӣ; мушкилиҳо ҳангоми гузаронидани ҳуқуқи моликият, яъне ягон амволи корхонаи инфиродӣ наметавонад ба аъзоёни оила дар ҳолати дар ҳаёт будани соҳиби он гузарад.

**Ширкати таовунӣ (товарищество)**. Инкишофи корхона ҷалби иловагии капиталро талаб мекунад. Ҷалби капитали иловагӣ бо воситаи иштироки шахсони дигар дастрас шуданаш мумкин аст. Бинобар ҳамин чунин шакли ташкили фирма номи ширкати таовуниро гирифтааст.

Фаъолияти ширкати таовунӣ дар муттаҳидшавии аъзоҳақии (дар намуди пулҳо ва амволҳо) иштирокчиёни корхона ташкил шуданаш мумкин аст. Маблағи аъзоҳақӣ дар шаҳодатномаи аъзогӣ қайд шуда, ба соҳиби он ҳуқуқи гирифтани фоида ва ҳуқуқи овозро дар ҷамъомади корхона фароҳам меоварад.

**Шаклҳои ташкилии ширкати таовунӣ**. Дар вобастагӣ аз дараҷаи ӯҳдадории амволӣ, ширкати таовунӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешавад: 1) ширкатҳои таовунии пурра; 2) ширкатҳои таовунӣ бо ӯҳдадориҳои маҳдуд; 3) ширкатҳои таовунии омехта.

Намуди якуми ширкати таовунӣ дараҷаи баланди боварии иштирокчиёнро ба ҳамдигар дар назар дошта, дар принсипҳои ӯҳдадориҳои пурра ва ошкор асос мегирад. Иштирокчиёни чунин корхона барои ҳама ӯҳдадориҳои корхона натанҳо бо амволи он, балки бо амволӣ шахсии худ низ ҷавобгар мебошанд.

Вобаста ба он, ки ширкатҳои таовунии бо ӯҳдадории пурра як қатор норасогиҳо дорад, қисми зиёди соҳибкорон **ба намуди дуюм, яъне ширкати таовунӣ бо ӯҳдадории маҳдуд** афзалият медиҳанд. Ин шакли ширкати таовунӣ нисбатан паҳнгашта мебошад. Ширкати таовунии бо ӯҳдадории маҳдуд дар паҳн намудани ӯҳдадориҳо танҳо ба капитали корхона асос мегирад. Дар ҳолати муфлисшавии корхона иштирокчиёни он танҳо бо аъзоҳақии худ, ки ба корхона гузошта буданд, хавф мекунад,.

**Шакли омехтаи ширкати таовунӣ**. Пайдоиши ин шакли ширкати таовунӣ бо инкишофи саноат ва савдо, саёҳатҳои баҳрии бо хавфи калони аз даст додани капитали гузошташуда алоқаманд аст. Ин шакли ширкати таовунӣ инҳоро дар бар мегирад: 1) иштирокчиёни пурра, ки ба фаъолият роҳбарӣ

мекунанд ва пурра ба ҳама ӯҳдадориҳои корхона ҷавобгӯ мебошанд; 2) пайгузон, ки ӯҳдадориҳои онҳо бо ҳаҷми аъзоҳақи маҳдуд аст. Ин шакли ташкили ширкати таовунӣ имконият медиҳад, ки капитали корхона базудӣ аз ҳисоби иштирокчиёни беруна зиёд карда шавад. Чунин тарзи ташкили кор ба иштирокчиёни худ фоидаи хубро кафолат дода, онҳоро аз муфлисшавии пурра эмин медорад.

Ҳама шаклҳои корхонаҳои дар боло қайд шуда (корхонаи инфиродӣ, ширкати таовунӣ) бо худ корхонаҳои бизнеси хурдро ифода мекунанд. Имрӯзҳо бизнеси хурд – ин сектори инкишофёбандаи ҳамагуна иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

Корхонаҳои бизнеси хурд тағйирёбанда ва зуд мутобиқшаванда мебошанд. Онҳо ба навовариҳои маҳсулоти истеҳсол мекарда зуд мутобиқшаванда буда, барои истеҳсоли маҳсулотҳои ғайристандартӣ, аҷоиб, талаботи фарқкунандаи истеъмолкунандаро ба эътибор мегирифта, бо осонӣ ва бо маблағи кам азнавтаҷҳизонидашаванда ва бо капитали кам фаъолият баранда маҳсуб меёбанд. Баъзе корхонаҳои бизнеси хурд, ба монанди фирмаҳои венчурӣ ва ҳавфнок нисбатан корхонаҳои навоваранда мебошанд, ки навовариҳои техники инқилобиро ба вуҷуд меоваранд.

**Бизнеси калон: ҷамъиятҳои саҳомӣ**. Ширкатҳои калонро одатан бо «бо бриллианти ҷом (карона)» -и хоҷагии мамлакатҳои тараққикарда монанд мекунанд. Чунки шумораи ками онҳо бо аҳамияти калони онҳо барои иқтисодиёт рӯйпӯш карда мешавад. Ҳақиқатан ҳам, ҳиссаи корхонаҳои хурд дар шумораи умумии ширкатҳо хурд аст (аз 0,1% дар Франсия то 2% дар ИМА). Лекин аз тарафи онҳо қисми зиёди маҳсулоти мамлакат истеҳсол карда мешавад – тақрибан 50%.

Самаранокии баланди ширкатҳои калон ба инҳо такя мекунад: 1) дар сарфа аз ҳаҷми истеҳсолот; 2) дар паст намудани хароҷотҳои доимии истеҳсолот; 3) дар паст намудани хароҷотҳои трансаксионии беруна, ки махсусан дар соҳаҳои техникаи мураккаб дошта ва илмталаб калон аст.

**Ҷамъияти саҳомӣ (ҶС)**. Шакли ташкилии асосии бизнеси калон ҷамъияти саҳомӣ мебошад. Фаъолияти ҶС дар муттаҳидшавии капитали иштирокчиёни корхона асос меёбад. Шаҳодатномаи капитали гузоштташуда ба фирма саҳмия

мебошад. Саҳмия ба соҳиби худ, яъне саҳмиядор ҳуқуқи гирифтани даромад ва иштирок дар идоракунии ҶС фароҳам меоварад.

Дар ҶС муттаҳидшавии капиталҳо шахсони маҳдуд ба монанди ширкати таовунӣ нею, балки муттаҳидшавии капитали доираи васеъ талаб карда мешавад. Айнан барои ҳамин ба соҳибкорони воҳидӣ ташкил намудани истеҳсолоти калон ғайриимкон аст.

**Намудҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ**. Ду намуди ҷамъиятҳои саҳомиро ҷудо мекунанд: 1) ҷамъияти саҳомии пӯшида (ҶСП); 2) ҷамъияти саҳомии кушод (ҶСК).

ҶСП бо худ корхонаеро дар назар дорад, ки капитали он байни шахсони маҳдуд тақсим карда шудааст: аъзоёни коллективи меҳнатӣ; саҳмгузорони корхона. Саҳмияҳо метавонанд аз як шахс ба шахси дигар танҳо бо розигии аксарияти саҳмиядорон гузарад. Барои ҷамъияти саҳомии намуди пӯшида вобастагии байни дорандаи саҳмия ва иҷро намудани ягон вазифаи истеҳсолӣ аз тарафи саҳмиядор вуҷуд дорад. Бо назардошти ин маҳдудиятҳо интихоби шакли ҶСП воридоти озодонаи капиталро мушкил гардонида, харида гирифтани фирмаро бо воситаи харидорӣ намудани саҳмияҳо кафолат намедиҳад.

Саҳмияҳои ҶСК бо воситаи бақайдгирии озод паҳн карда мешаванд. Харидани саҳмия ва саҳмиядор шуданро ҳар як шахс имконият дорад. Саҳмияҳои ҶСК озодона фурӯхта мешаванд. Бо мақсади дастрас намудани ахборот ба саҳмиядорон оид ба фаъолияти корхона, ки ба саҳмиядорон зарур аст, ҶСК ӯҳдадор аст ҳамасола тавозуни (баланси) муҳосиботӣ, ҳисобот оид ба фоида ва истифодабарии онро чоп намояд.

**Идоракунии ҷамъияти саҳомӣ**. Соҳибони ҷамъияти саҳомӣ саҳмиядорон, яъне дорандагони саҳмия мебошанд. Вале бо ин моликият аз рӯи дархости саҳмиядорон менеҷерон – идоракунандагони кироя идора мекунанд, ки моликиятдор намебошанд. Дар Тоҷикистон низоми идоракунии ҷамъиятҳои саҳомӣ се сатҳро дар бар мегирад: 1) ҷамъомади умумии саҳмиядорон; 2) шӯрои директорон; 3) органи иҷроия.

**Пакети назоратии саҳмияҳо**. Пакетҳои назоратӣ гуфта миқдори саҳмияҳоро меноманд, ки он имконияти назорати

пурраро аз болои фаъолияти ҶС фароҳам меоварад. Барои дар ҷамъомад овозҳои ба овозҳои зиёд ноил гардидан, назариявӣ бояд ба 50% саҳмияҳо ва ҷамъ 1 саҳмия соҳиб будан лозим аст. Ба ғайр аз пакети назоратии саҳмия нақши зарурииро пакети пӯшидашавандаи саҳмия низ мебозад. Агар пакети назоратии саҳмия гузаронидани қарори аз тарафи соҳиби миқдори зиёди саҳмия (ё ин ки маҷмӯи гурӯҳҳои соҳибон) таъмин намояд, пакети пӯшидашавандаи саҳмия ҳимояи манфиатҳои соҳибони капитали наонқадар калонро кафолат медиҳад. Соҳибони пакетҳои нисбатан калонтар (одатан на кам аз 25% саҳмияҳо), то ҳатто дар ҳолати назорати набудани онҳо, ҳуқуқ доранд ба қарорҳои барои онҳо зараровар муқобил бароянд.

**Афзалият ва норасогиҳои ҶС**. Афзалияти зарурии ҶС чи хеле, ки қайд шуда буд, ин имконияти ҷалб намудани захираҳои назарраси молиявии барои истеҳсолоти калон зарур ҳангоми ҳаҷми мавҷуд будаи иқтисодиёт мебошад. **ҶС** – ин ширкат бо ӯҳдадориҳои маҳдуд мебошад, бинобар ҳамин дар ҳолати муфлисшавии корхона, саҳмиядор танҳо маблағи ба ин корхона гузоштаашро аз даст медиҳад. Ин ба саҳмиядорон паст намудани хавфро ҳангоми нигоҳдории имкониятҳои фоидаҳои калон кафолат медиҳад. Айнан маҳдудияти хавфи маблағи воситаҳои пули пешакӣ муайян шуда ҶС ба шакли самараноки маблағгузори мубаддал мекунад.

Бо вуҷуди ин ҷамъияти саҳоми як қатор норасогиҳо дорад: ташкил ва барҳамдиҳии ширкати саҳомӣ хароҷотҳои зиёдро талаб мекунад; сохтори мураккаби ташкилии ҶС ба бюрократизатсия мусоидат мекунад; фоидаи ширкат ду маротиба андозбандӣ мешавад – бори аввал ҳамчун фоидаи корхона, бори дуюм бошад аз дивидендҳои саҳмиядорон.

**Холдинг** бо худ ташкилотеро ифода мекунад, ки фаъолияти як қатор фирмаҳоро бо шарофати соҳибӣ кардан ба саҳмияҳои онҳо назорат мекунад. Идоракунии фирмаҳои саҳомӣ бо воситаи пакетҳои назоратии саҳмияҳо, яъне бо воситаи холдинг ин шакли ташкилиро барои таъсисдиҳии фирмаҳои ягонаи аз ҷузҳои ҳуқуқии мустақил иборат буда, осон мекунад.

Фирмаи дар болои пирамидаи ширкатҳо қарор доштаи ба холдиг дохил шаванда, ширкатҳои модарӣ номида шуда,

фирмаҳои ба он итоат мекарда бошад ширкатҳои духтарӣ номида мешаванд. Ширкатҳои духтарӣ дар маҷмӯъ метавонанд ба саҳмияҳои ширкатҳои наберагӣ ва ғайра соҳибӣ кунанд. Бо шарофати мавҷудияти пакети назоратии қоғазҳои қиматнок, ширкати холдингӣ имконияти амалигардонии сиёсати ягонаро дошта, инчунин метавонад аз болои риоя намудани манфиатҳои тамоми холдинг назорати ягона барад.

**Шаклҳои корхонаҳои давлатӣ**. Одатан дар иқтисодиёти бозорӣ фаъолияти тиҷоратӣ хусусӣ мебошад. Лекин дар баъзе ҳолатҳо ба сифати соҳибкор давлат низ баромад мекунад. Одатан соҳибкории давлатӣ дар чунин соҳаҳо ба назар мерасад: 1) дар соҳаҳое, ки аҳамияти онҳо барои бехатарии мамлакат ҳаётан муҳиманд; 2) монополияҳои муқаррарӣ, то ки ба пайдоиши монополияи хусусӣ дар ин соҳа монеъа гузоштан; 3) дар корхонаҳои зарароовар, зеро ин корхонаҳо диққати сектори хусусиро ба худ ҷал бнамекунад.

Соҳибкории давлатӣ дар ду шакли асосӣ баромад мекунад: 1) корхонаҳое, ки пурра ба моликияти давлатӣ мансубанд. Амволи ин корхонаҳо ҷудо нашванда мебошад, яъне ба қисмҳои ҷудо шуда наметавонад (саҳмияҳо, пайҳо ва ғайраҳо). Бинобар ҳамин ин корхонаҳоро одатан унитарӣ (аз калимаи лотинӣ – ягона, бутун) меноманд; 2) корхонаҳое, ки зери назорати давлат бо воситаи соҳиби кардан бо пакети назорати саҳмияҳо. Бо маънои томаш ин корхонаҳо ҷамъиятҳои саҳомии оддӣ мебошанд, лекин ҳуқуқи қабули қарор дар дасти давлат аст.

## 13.2. РАФТОРИ ФИРМА ДАР ШАРОИТИ РАҚОБАТИ МУКАММАЛ.

**Фирма рақобатнок**. Фирмаи рақобатнок, аниқтараш фирма рақобатноки мукаммал гуфта, фирмаеро дар назар доранд, ки он нархи маҳсулоти худро ҳамчун додашуда аз ҳаҷми маҳсулоти мефурӯхтаи он вобаста набуда қабул мекунад. Чунин фирмаро нархгиранда ва ё «прайстейкер» меноманд. Рафтори рақобатии онро ҳамчун мутобиқшаванда тавсиф

кардан мумкин аст. Фирма хароҷотҳо ва ҳаҷми истеҳсолотро ба таъиноти асосии худ, ки аз берун додашудааст, яъне нархи бозорӣ мутобиқ месозад.

**Хусусиятҳои каҷхаттаи талаботи фирмаи рақобатноки мукаммал**. Дар шароитҳои рақобати мукаммал фирма – нархгиранда метавонад маҳсулоти худро бо нархи бозории мавҷуд буда, ва ё бон архи пастар фурӯшад. Ин ба талабот таъсир мерасонад. Дар ҳар як сатҳи нархи аз нархи бозори баланд, талабот ба нол баробар мешавад, зеро харидор ба дастрас намудани мол нисбат ба нархи қобили пардохт манфиатдор нест.

Бо нархи мавҷудбудаи бозорӣ фирма метавонад ҳама миқдори молҳоро фурӯшад. Чунки дар шароити рақобати мукаммал молҳои якҷинса истеҳсол карда мешаванд, ки одатан барои харидорон ивазшавандаи мутлақ ба ҳисоб мераванд.

Паст намудани нарх аз нархи бозорӣ талботро зиёд мекунад ва ҳаҷми пешниҳод метавонад то беохир зиёд шавад, лекин он бо ҳаҷми хурди истеҳсолот маҳдуд аст. Ба ғайр ин ҳангоми пастшавии нарх баромад аз фурӯш кам мешавад.

Ҳамин тавр, талабот ба маҳсулоти фурӯшандаи алоҳида мутлақо чандир аст. Бинобар ҳамин ҳангоми тасвири графикии талабот ба маҳсулоти фирмаи рақобатнок, каҷхаттаи талабот ҳамчун хатти уфуқи (горизонталӣ) ишора карда мешавад.

**Каҷхаттаи талаботи бозорӣ (соҳавӣ)**. Маҷмӯи фирмаҳои якҷинсаи маҳсулоти якхела истеҳсол мекарда, соҳаро ташкил мекунанд. Ҳама фирмаҳои соҳа ба ҳаҷми умумии пешниҳод ва нархи бозорӣ таъсир мерасонанд. Дар ин шароит ҳаҷми талабот дар ҳамгуна сатҳои нарх гуногун аст. Бинобар ҳамин каҷхаттаи талаботи соҳавӣ каҷхаттаи ба поён ҳаракаткунандаи талабот мебошад.

Рафтори фирмаи рақобатнок қонунияти ба даст овардани даромадро дар назар дорад. Илми иқтисодӣ даромади фирмаро дар се намуд ҳисоб мекунад: даромади (TR), даромади миёна (AR), даромади интиҳоӣ (MR).

Нишондоди бевоситаи фаъолияти фирмаи рақобатнок дар назар дорад, ки даромади миёна дар ҳамагуна ҳаҷми бароriш ба як бузургӣ – нархи мол баробар аст, дар ин сатҳ даромади интиҳоӣ низ қарор дорад. Масалан, агар нархи як

дона нон дар бозор ба 1 сомонӣ баробар бошад, он гоҳ нонвойи ҳамчун рақобатноки мукаммал амал кунанда новобаста аз ҳаҷми фурӯш ҳам 10 дона ва ҳам 100 дона нонро бо нархи мавҷуд буда мефурӯшад. Дар ин шароитҳои ҳар як нони иловагии фурӯхта шуда ба нонвой 1 сомонӣ даромад (даромади интиҳоӣ) меорад. Айнан ҳамин даромад ба ҳисоби миёна аз фурӯши ҳар як донаи нон (даромади миёна) дастрас карда мешавад.

Ҳамин тавр, байни даромади миёна, даромади интиҳоӣ ва нарх баробарӣ таъмин карда мешавад (AR=MR=P). Бинобар ҳамин каҷхаттаи талаботи фирмаи рақобатноки мукаммал ҳамзамон каҷхаттаи даромади миёна ва интиҳоии он мебошад. Даромади умумӣ бошад, бо тағйирёбии барориши маҳсулот мутаносибан тағйир меёбад. Бо ибораи дигар вобастагии хаттии рост мавҷуд аст: TR=PQ.

**Фарқияти давраи кӯтоҳмуддат аз дарозмуддат**. Давраи кӯтоҳмуддат аз дарозмуддат бо ду ҳолат фарқ мекунад: 1) дар давраи кӯтоҳмуддат ҳаҷми иқтидорҳои истеҳсолӣ бетағйир мемонанд, дар давраи дарозмуддат бошад истеҳсолкунанда метавонад ба ҳамагуна омилҳои истеҳсоли тағйирот ворид намояд; 2) дар давраи кӯтоҳмуддат шумораи фирмаҳо дар бозор бетағйир мемонад, дар давраи дарозмуддат бошад шумораи фирмаҳо дар бозор тағйир ёфта метавонад.

**Шартҳои мувозинатии фирмаи рақбатнок дар давраи кӯтоҳмуддат**. Шарти мувозинатии фирмаи рақобатноки мукаммал таъмини фоидаи ҳадди аксар (агар фирма зараровар бошад – таъмини зарари ҳадди ақал) мебошад. Яъне мақсади фирма дар ин бозор дастрас намудани фоидаи умумии ҳадди аксар, ё ин ки фарқияти калонтари байни даромади умумӣ ва хароҷотҳои умумӣ TR>TC мебошад. То зиёд шудани ин андоза, яъне то даме, ки ҳар як воҳиди маҳсулоти истеҳсол мешуда афзоиши фоидаи умумиро таъмин мекунад, истеҳсолот бояд давом дода шавад. Ҳангоме, ки агар воҳиди иловагии маҳсулот зараовар шуда, фоидаи умумӣ ба камшавӣ оғоз кунад, истеҳсолот бояд бощдошта шавад.

Воҳиди иловагии маҳсулот дар ҳолате ба назар мерасад, ки агар нархи он аз хароҷотҳои интиҳоии истеҳсолот калон бошад: **P>MC**. Истеҳсолот зараровар мешавад, агар нархи маҳсулот аз

хароҷоти интиҳоӣ хурд шавад: **$P<MC$**. Мувофиқан, андозаи ҳадди аксари фоидаи умумӣ дар ҳолати баробарии нарх (барои фирмаи рақобати мукаммал он бо даромади интиҳоӣ мувофиқат мекунад) ва хароҷотҳои инитиҳоӣ таъмин карда мешавад: **$P=MC$**.

Ҳамин тавр, шарти мувозинатии фирмаи рақобатноки мукаммале, ки бо фоида дар давраи кӯтоҳмуддат амал мекунад баробарии хароҷотҳои интиҳоӣ ва нарх (даромади интиҳоӣ) мебошад, барои он ки ин баробарӣ ба фирма фоидаи умумии ҳадди аксарро таъмин мекунад.

Дар давраи кӯтоҳмуддат фирма метавонад бо зарар фаъолият кунад, чунки гирифтани фоидаро дар оянда интизор мешавад. Лекин дар назди фирма интихоб меистад: истеҳсол кардани миқдори муайяни маҳсулот ва ё мувaққатан бастани истеҳсолот. Қабули қарор аз он вобаста аст, ки таносуби нарх ва хароҷотҳои миёна чӣ гуна мешавад. Агар нарх аз хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна баланд бошад (**$P>AVC$**), он гоҳ даромади аз ҳар як воҳиди маҳсулот ба даст оварда мешуда хароҷотҳои тағйирёбандаро ба пуррагӣ ва қисми хароҷотҳои доимиро рӯйпӯш мекунад. Азбаски хароҷотҳои доимӣ бояд ҳамавақт пардохт карда шаванд (то ҳатто дар ҳаҷми нулии истеҳсолот), мантиқи давом додани истеҳсолот барои қисман рӯйпӯш намудани онҳо вуҷуд дорад. Агар нарх аз хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна паст бошад (**$P<AVC$**), он гоҳ на хароҷотҳои доимӣ ва на хароҷотҳои тағйирёбанда ба пуррагӣ рӯйпӯш намешаванд. Бинобар ҳамин дар ин ҳолат боздоштани истеҳсолот беҳтар аст. Агар фирма ҳолати пардохт намудани хароҷотҳои доимиро дошта бошад, он гоҳ ӯ метавонад дар бозор боқӣ монда, барои давом додани истеҳсолот дар ҳолати баланд шудани нарх тайёр шуданаш лозим аст.

Ҳамин тавр, шарти боздошташавии истеҳсолот аз тарафи фирмаи рақобатноки мукаммал дар давраи кӯтоҳмуддат баробарии нарх ба ҳадди ақали хароҷотҳои тағйирёбандаи миёна мебошад: **$P = {}_{min}.AVC$.**

**Каҷхаттаи пешниҳоди фирмаи рақобатноки мукаммал дар давраи кӯтоҳмуддат**. Каҷхаттаи пешниҳод вобастагии функсионалии ҳаҷми пешниҳодро аз тағйирёбии нархи бозорӣ ифода мекунад. Дар ҳамагуна сатҳи нархҳо

фирма фоидаи ҳадди аксар ва ё зарарҳои ҳадди ақалро то нуқтаи мувозинатии MC=P истеҳсолотро амалӣ гардонида, таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, агар нарх тағйир ёбад, он гоҳ мувофиқан ҳолати мувозинатӣ низ тағйир ёфта, тағйирёбии мувозинатӣ имконият медиҳад, ки тағйирёбии ҳаҷми мувозинатии истеҳсолот муайян карда шавад. Мувофиқан, вобастагии байни тағйирёбии нарх ва тағйирёбии ҳаҷми барориши маҳсулот бо маҷмӯаи нуқтаҳои мувозинатӣ муайян карда мешавад. Азбаски манфиатҳои корхона талаб мекунад, ки истеҳсолот то нуқтаи баробарии хароҷотҳои интиҳоӣ бо нарх давом дода шавад, бинобар ҳамин каҷхаттаи хароҷотҳои интиҳоии фирмаи рақобатнок дар давраи кӯтоҳмуддат ҳамзамон каҷхаттаи пешниҳоди ӯ барои ин давра ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, каҷхаттаи пешниҳоди фирма дар давраи кӯтоҳмуддат намуди ба боло ҳаракаткунандаро дошта, бо қисмати каҷхаттаи хароҷотҳои интиҳоӣ, ки аз нуқтаи ҳадди ақали хароҷотҳои тағйиёбандаи миёна болотар, мувофиқат мекунад.

**Каҷхаттаи пешниҳоди бозорӣ (соҳавӣ)**. Аз каҷхаттаҳои пешниҳоди фирмаҳои алоҳида каҷхаттаи пешниҳоди соҳаи рақобатнок сохта мешавад. Агар дар бозор якчанд фирмаҳо амал кунанд, он гоҳ ҳаҷми пешниҳоди соҳа дар ҳар як нарх ба ҷамъи ҳаҷми пешниҳоди ҳама фирмаҳо баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки намуди каҷхаттаи пешниҳоди соҳа ва ё пешниҳоди бозорӣ бо воситаи ҷамъ намудани пешниҳоди миқдори зиёди беохири фирмаҳои рақобатноки мукаммал муайян карда шуда, бо худ каҷхаттаро ифода мекунад, ки хамшавии мусбӣ дорад.

**Каҷхаттаи пешниҳоди соҳаи рақобатноки мукаммал дар давраи дарозмуддат**. Нарх ва намуди каҷхаттаи пешниҳоди соҳавии дарозмуддат аз тағйирёбии нархи омилҳои истеҳсолот вобаста аст.

Агар нархи омилҳои истеҳсолот тағйир наёбад, он гоҳ соҳа метавонад бе таъсири нарх ва хароҷот васеъ шавад. Васеъшавӣ ва ё маҳдудшавии соҳа танҳо ба ҳаҷми истеҳсолот таъсир расонида, ба нарх таъсир намерасонад. Чунин ҳолат он гоҳ ба миён меояд, ки агар талаботи соҳаи додашуда ба омилҳои

истеҳсолот танҳо қисми ҳаҷми умумии талаботро дар бозори омилҳои истеҳсолоти анъанавӣ ташкил кунад.

Агар нархҳо ба омилҳои истеҳсолот баланд шавад, ин маънои онро дорад, ки соҳаи мазкур омилҳои махсусро истифода мебарад, ки миқдори он маҳдуд аст. Дар ин ҳолат васеъшавии пешниҳоди соҳавӣ ва ҷалбкунии фирмаҳои нав ба ин истеҳсолот талаботро ба ин омилҳои истеҳсолот зиёд карда, мувофиқан нархи онҳоро низ баланд мекунад. Бинобар ҳамин хароҷотҳои дарозмуддати фирмаҳо афзоиш меёбанд ва мувофиқан нархи маҳсулоти тайёр низ баланд мешавад.

Агар нархи омилҳои истеҳсолот паст шаванд, каҷхаттаи пешниҳоди дарозмуддат шакли хамшавии баръаксро мегирад. Ин ҷараён он гоҳ ба миён меояд, ки агар натанҳо афзоиши миқдор балки афзоиши ҳаҷми фирмаҳои ба соҳа воридшаванда ба миён ояд. Корхонаҳои нисбатан калон метавонад миқдори зиёди омилҳои истеҳсолот бо нархҳои нисбатан пасттар дастрас намояд. Дар ин ҳолат хароҷотҳои миёнаи дарозмуддат паст мешаванд ва дар натиҷа нархи низ паст мешавад.

Ҳамин тавр, пешниҳоди дарозмуддати соҳаи рақобатноки мукаммал аз тағйирёбии нархи омилҳои истеҳсолот вобаста буда, метавонад намуди чандирии мутлақ, қаҷхаттаи ба боло ҳаракаткунанда ва ба поён ҳаракаткунандаро дошта бошад.

## 13.3. ФИРМА ДАР ШАРОИТИ РАҚОБАТИ НОМУКАММАЛ.

**Қонуниятҳои умумии бозорҳои рақобати номукаммал**. Рақобати номукаммал – ин ҳолати иқтисодие, ки дар он ақалан як ҷиҳати рақобати мукаммал риоя карда намешавад. Дар шароити рақобати номукаммал фирма дар нақши рақиби номукаммал дорои ҳокимияти муайян аз болои нарх мебошад.

Номи худро бозори рақобати номукаммал дар натиҷаи амал намудани номукаммалии механизмҳои рақобат ва механизмҳои стихиявии худтанзимшавии бозор (дасти ноаёни бозор) гириятааст.

Нишонаҳои асосии рақобати номукаммал инҳо мебошанд: 1) ҳиссаи калони бозор ба истеҳсолкунандагони алоҳида мансуб аст; 2) мавҷудияти монеъаҳои воридшавӣ ба соҳа; 3) гуногунҷинсии маҳсулотҳо; 4) номукаммалии ахбороти бозорӣ.

Нишондоди рақобати номукаммал ин пастшавии каҷхаттаи талабот ва нарх бо баробари афзоиши барориши маҳсулот аз тарафи фирма мебошад. Аз ин лиҳоз, агар дар шароитҳои рақобати номукаммал ҳаҷми барориши маҳсулоти фирма ба сатҳи нархҳо таъсир намерасонад, он гоҳ дар шароитҳои рақобати номукаммал чунин таъсирот вуҷуд дорад. Айнан дар ҳамин хусусият маънои қонунияти умумии якуми бозори рақобати номукаммал ифода меёбад.

Маънои иқтисодии ин қонуният дар он аст, ки ҳаҷми зиёди маҳсулотро дар ҳолати рақобати номукаммал фирма танҳо дар натиҷаи паст шудани нарх фурӯхта метавонад.

Дар асл, ҳангоми рақобати мукаммал новобаста аз ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардаи фирма нарх якхела боқӣ мемонад, бинобар ҳамин ҳаҷми онҳо нисбат ба ғунҷоиши бозор хурд аст. Баръакс, мавҷудияти алоқа байни ҳаҷми истеҳсолот ва сатҳи нархҳо ба аҳамияти фирма дар ҳаҷми бозор шаҳодат медиҳад.

Алоқаи баръакси ҳаҷми истеҳсолот ва нарх оқибатҳои зарури иқтисодӣ дорад. Яъне ҳокимияти худи монополисти пурқувват бар бозор мутлақ намебошад. Оё монополист метавонад даромадҳои худро за ҳисоби баландшавии нарх таъмин намояд? Ҷавоби ин савол мусбӣ мебошад. Лекин то лаҳзаи муайян. Баландшавии минбаъдаи нарх ғайрисамаранок аст, чунки бо нархҳои баландшуда истеъмолкунандагон чунон миқдори ками маҳсулотро харидорӣ мекунанд, ки даромади умумӣ кам мешавад. Баландшавии номӯътадилии нархҳо даромадҳои кам мекунад.

Қонунияти дуюми бозори рақобати номукаммал мавҷудияти ҳудуди афзоиши даромади умумии фирма (TR) мебоад. Чи хеле, ки маълум аст андозаи даромади умумӣ ба ҳосили зарби нарх ва ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташуда мебошад: TR=PQ.

Дар ҳолати рақобати мукаммал нархҳо доимӣ мебошанд, бинобар ҳамин бо баробари афзоиши истеҳсолот ҳосили PQ

бемаҳдуд зиёд мешавад. Дар шароитҳои рақобати номукаммал бошад ҳолати дигар ба назар мерасад: бо баробари афзоиши истеҳсолот нархҳо паст мешаванд, яъне як зарбкунанда зиёд гашта, дигараш кам мешавад. Ҳаҷми ниҳоят зиёди истеҳсоли маҳсулот даромади зиёдро таъмин намекунад, зеро маҳсулоти истеҳсолшуда бо нархи нисбатан пасттар фурӯхта мешавад. Бо ибораи дигар, каҷхаттаи даромади умумӣ (TR) дар ҳолати рақобати номукаммал ҳадди ақали худро дорад. Ҳаҷми истеҳсоли хур ва ҳам калон даромади камро таъмин мекунанд.

Қонунияти сеюми умумии бозорҳои рақобати номукаммал пастшавии босуръати даромади интиҳоии фирма нисбат ба пастшавии нархи маҳсулоти он мебошад. Сабаби чунин тағйирёбии даромади интиҳоиро бо воситаи мисоли оддии ададӣ дарк намудан мумкин аст (ҷадвали 13.1).

**Ҷадвали 13.1.**

**Тағйирёбии (динамикаи) даромади фирма дар шароити рақобати номукаммал**

| Q | P | TR | MR |
|---|---|---|---|
| 1 | 10 | 10 | 10 |
| 2 | 9 | 18 | 8 |
| 3 | 8 | 24 | 6 |

Муқоисакунии оддии нарх ва даромади интиҳоӣ нишон медиҳад, ки дар ҳама ҳолатҳо, ба ғайр аз воҳиди якуми маҳсулот, P>MR. Дар назари аввал ба назар расиданаш мумкин аст, ки қонунияти сеюми бозорҳои рақобати номукаммал бо худ ҳодисаи наонқадар зарурро ифода мекунад: яке аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ (MR) ба монанди бозори рақобати мукаммал тағйир намедиҳад. Лекин, агар дар ёд дошта бошем, даромади интиҳоӣ дар натиҷаи амал намудани қоидаи MR=MC омили зарурии муайянкунандаи ҳаҷми истеҳсолот мебошад, он гоҳ маълум мегрдад, ки барои чӣ тағйирёбии (динамикаи) даромади интиҳоӣ ва шартҳои мувозинатии бозории фирма кулан дигаргун мешаванд.

**Рафтори фирма дар шароитҳои рақобати монополистӣ**. Рақобати монополистӣ – ин рақобат бо унсурҳои монополизм мебошад, ки бо кӯшиши дастрас намудани хусусияти хоси маҳсулот алоқаманд мебошад. Бо ибораи дигар, рақобати монополистӣ чунин модели фосилавии

бозор номида мешавад, ки барои он чунин хислатҳои таснифоти хосанд:

1) таъинот ба дархостҳои гуногуни истеъмолкунандагон, бинобар ҳамин ин гуна бозорро, бозори маҳсулоти фарқкунанда меноманд;

2) миқдори зиёди фирмаҳои амалкунанда, ки имконияти созишнома оиди кам намудани истеҳсолот ва тағйирдодани нархро надоранд;

3) мавҷуд набудани монеаҳои калон барои воридшавӣ ба соҳа. Фирмаҳои хурд, ки барои ин бозор хосанд ин гуна монеъаҳоро гузошта наметавонанд;

4) фурӯшанда дар қарорҳои худ нисбати нарх ва ҳаҷми истеҳсолот бо дараҷаи муайян ҳиссиёти имконпазири рақибонро ба эътибор мегирад, чунки ҳар яки онҳо молҳои гуногунро истеҳсол карда, барои ҷалб намудани харидорони якдигарро қобилият надоранд.

Чи хеле ки дар боло қайд карда шуд, рақобати монополистӣ дар худ ҷиҳатҳои монополия ва рақобати мукаммалро инъикос мекунад. Чунин ҳамзистиро бо чунин тарз маънидод кардан мумкин аст. Хусусияти рақиби монополистӣ дар он аст, ки дар давраи кӯтоҳмуддат ӯ бо афзалиятҳои монополист истифода бурда, дар давраи дарозмуддат бошад ӯ чунин афзалиятро аз даст медиҳад. Аз ин ҷо бармеояд, ки формулаи рафтори рақиби монополистӣ дар давраи кӯтоҳмуддат чунин намуд дорад: **$P>MR=MC<AC$.** Дар давраи дарозмуддат, азбаски бозор рақобатнокиро аз даст медиҳад ин формула намуди зеринро мегирад: **$P=MC=MR=AC$.**

**Рафтори фирма дар шароити олигополия**. Олигополия бо худ сохтори номукаммали бозориро ифода мекунад, ки дар он талаботи соҳавӣ бо миқдори муайяни истеҳсолкунандагон қонеъ гардонида мешавад. Маҳсулоти аз тарафи олигополия истеҳсол шаванда, метавонад ҳам стандартӣ ва ҳам фарқкунанда бошад. Нишонаи намунавии бозори олигополӣ инҳо мебошанд:

1) миқдори ками фирмаҳо, ки қобилияти пур кардани бозорро доранд;

2) мавҷудияти монеъаҳои зиёд барои воридшавӣ ба соҳа;

3) стратегияи фирма бо назардошти ҳиссиёти рақибон таҳия мегардад;

4) нархҳо дар бозори олигополӣ нисбатан устуворанд;

5) бозори олигополӣ майли иштирокчиёни онро ба амалҳои муташаккилона ва ё созишнома пинҳонӣ ҳангоми ҷори намудани нарх инъикос мекунад. Дар чунин ҳолат бозори олигополӣ ба бозори монополияи соф мубаддал мешавад.

Чунин созишномаҳо, созишномаҳои картелӣ ном гирифтаанд. Ин гуна созишномаҳо одатан ба камшавии истеҳсолот ва тағйирёбии нарх оварда мерасонанд, бинобар ҳамин одатан ин созишномаҳо қонунан манъ карда шуда, ҳамчун созишномаи пинҳонӣ амал мекунад. Картели кушоду равшан ва пинҳонӣ, моҳиятан ба сохтори монополӣ мубаддал мегардад, ки бо қоидаҳои бозори монополӣ бо таъинотҳои стратегии он амал мекунад:

$$P > MC = MR > AC \tag{13.1}$$

Созишномаҳои картелӣ аз сабаби муборизаи рақибона байни иштирокчиёни он ноустуворанд. Бо мурури замон ин иштирокчиён метвонанд дидабаромадани шартҳои созишномаро барои дастрас намудани мавқеъҳои нисбатан фоидовар талаб кунанд: дидабаромадани квотаҳо ва ё ҳиссаҳои бозор. Инчунин пайдошавии иштирокчиёни нави бозор имконпазир аст, ки шартҳои нави фаъолиятро талаб мекунанд.

**Моделҳои пешвогии нарх, каҷхаттаи талаботи шикаста ва модели А. Курно**. Дар боло қайд шуда буд, ки яке аз ҷиҳатҳои намунавии бозори олигополӣ ин устувории нархҳо мебошад. Ба саволи, барои чӣ чуни наст, ҷавоби аниқ дар моделҳои пешвогии нарх, каҷхаттаи талаботи шикаста ва дар модели А. Курно дода шудааст.

**Модели пешвогии нархҳо** амал намудани фирмаҳои дар созишномаи пинҳонӣ шомил набуда ва мустақилона амалкунандаро нишон медиҳад. Нархро дар бозор пешво, яъне фирмаи аз ҳама калон муайян мекунад. Ин гуна фирма сатҳи нархро муайян мекунад, ки натанҳо ба худи ӯ, балки ба дигар иштирокчиёни бозор низ мувофиқ аст. Дар акси ҳол

мубоизаҳои шиддатноки нархӣ имконпазиранд, ки аз он ҳама зарар мебинанд.

Модели каҷхаттаи талаботи шикаста аз он бар меояд, ки равиши муборизаи рақибона аз афзоиши ҳисса дар бозор вобаста аст: чи қадаре, ки ҳиссаи фирма дар бозори калон бошад, ҳамон қадар фирма бойтар аст. Баландшавии нарх харидоронро маҷбур мекунад, ки ба рақиб рӯ оваранд, ки дар натиҷа ҳиссаи фирмаҳои рақиб дар бозор ба таври автоматӣ зиёдтар мешавад. Бинобар ҳамин агар рақиб нархро баланд кунад, он гоҳ фурӯшандагони боқимонда амали ӯро такрор намекунанд, дар натиҷа рақиб харидорони худро аз даст медиҳад.

Дар ҳолати паст шудани нарх ба фурӯшандагони боқимонда зарур мешавад, ки барои нигоҳдории ҳиссаи бозор чунин рафтор кунад, лекин ҳамаи онҳо қисми даромадро аз даст медиҳанд. Фирмаҳо маҷбуранд тарзи ғанигардонии даромадро бе тағйирдиҳии нарх истифода баранд.

**Модели А. Курно** устувории нархҳоро дар бозори дуополия (ду фурӯшанда) бо воситаи таҳлили чандири каҷхаттаи талабот маънидод мекунад. Ин модел аз он бармеояд, ки фирма нархро барои зиёд намудани ҳаҷми фурӯш танҳо то он даме паст мекунад, ки даромад аз зиёд намудани ҳисса хароҷотҳои бо пастшавии нарх алоқаманд бударо рӯйпӯш намояд. Ҳангоми дастрас шудани нуқтаи чандирнокии нархии ягона пастшавии нарх бефоида мешавад. Чунин ҳолат дар рақиб низ ба миён меояд. Дар натиҷа ҳар ду иштирокчии бозор ҳам ҳаҷми истеҳсолот ва ҳам сатҳи нархро нигоҳ медоранд.

**Рафтори фирма дар шароитҳои монополияи соф**. Дар назарияи иқтисодии муосир монополияи соф гуфта чунин ҳолати рақобатии бозор фаҳмида мешавад, ки он ба чунин ҷиҳатҳо ҷавобгӯ мебошад:

1) дар соҳа танҳо як фирма амал мекунад, бинобар ҳамин мафҳуми «фирма» ва «соҳа» ҳаммаъноанд;

2) фирма аз болои нарх назорати пурра ва мутлақ дорад, ва ё ҳокимияти пурраи бозориро дорад, чунки маҳсулоти аз тарафи фирма истеҳсолшуда бо худ ҳама моли дар соҳа пешниҳод шударо ифода мекунад. Ин маънои онро дорад, ки фирма метавонад нархи маҳсулоти худро баланд

намуда, ҳамзамон талабот ба маҳсулотро аз даст надиҳад. Ин гуна фирма нархдиҳанда ҳисобида мешавад;

3) воридшавии фирмаҳои дигар ба соҳа ғайриимкон аст;

4) маҳсулоти фирма/соҳа ивазшавандагии наздик надорад;

5) каҷхаттаи талаботи фирма/соҳа хамшавии манфӣ дорад.

**Моҳияти ҳокимияти монополӣ**. Ҳокимияти монополӣ – хусусияти бозори ғайрирақобатист. Ҳокимияти монополӣ дар ҷорӣ намудани шартҳои фурӯш ба харидоро аз ҳисоби кам намудани ҳаҷми фурӯш, таъсисдиҳии норасогии сунъии маҳсулот бо мақсади баланд намудани нарх, боздоштани пешравии илмӣ – техникӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулот барои сарфа намудани инвеститсияҳо. Ба ҳокимияти бозорӣ, бозори барои воридшавии капиталҳои нав пӯшида мусоидат мекунад.

Ҳокимияти монополӣ дар ҳолати чандирнокии пасти мол аз рӯи нарх он гоҳ ба миён меояд, ки агар харидорон молро бо нархҳои баланд шуда харидорӣ намоянд. Ченаки ҳокимияти бозорӣ индекси Лернер мебошад, ки айнан чунин вобастагиро ифода мекунад: $L = \frac{I}{E}$, ки дар ин ҷо L – индекси Лернер, E – чандирии талабот аз рӯи нарх.

Ҳокимияти монополӣ на танҳо дар бозорҳои молҳои ғайричандир аз рӯи нарх, балки дар дигар бозорҳо низ ба назар мерасад. Дар ин гуна бозорҳо ҳокимияти бозорӣ бо баробари афзоишёбии вазни қиёсии маҳсулоти соҳа зиёд мешавад. Дар мамлакатҳои бо бозори инкишофёфта гумон карда мешавад, ки ҳокимияти бозорӣ ҳамон вақт дастрасшаванда мебошад, ки агар ҳиссаи маҳсулоти фирма дар бозори соҳавӣ аз 35% зиёд бошад.

**Таъиноти монополист дар ҳолати интихоби стратегияи нархӣ ва ҳаҷмҳои фоидаовари истеҳсолот**. Агар дар бозори рақобати мукаммал фирма ба нархҳои пойдоршуда мутобиқ шавад, дар бозори монополӣ бошад ӯ худаш стаҳи нисбатан фоидаовари нархро интихоб мекунад. Дар ҳар ду бозор фирмаҳо ҳаҷмҳои нисбатан фоидаовари истеҳсолотро

дар асоси баробарии даромади интиҳоӣ (MR) ва хароҷотҳои интиҳоӣ (MC) интихоб мекунанд.

**Хусусиятҳои таъсисёбии талабот дар бозори монополӣ**. Дар бозори пуррашуда фаъолият намуда, монополист метавонад миқдори иловагии молҳоро танҳо дар ҳалотати паст намудани нарх фурӯшад (дар бозори озод, ки акнун азхудшуда истодааст, моли иловагиро бо нархҳои пештара низ фурӯхтан мумкин аст). Ин ҳолатро каҷхаттаи бапоён ҳаракаткунандаи талабот ва хамшавии он, инчунин суръати пасшавии даромади нтиҳоӣ, ки аз суръати пастшавии нарх зиёдтра аст ифода мекунанд, яъне P>MR. Ҳамин хел натиҷа аз ҳисоби он ба миён меояд, ки пастшавии нарх дар ҳар як афзоишёбии фурӯш ба назар мерасад. Нархҳои нави нисбатан паст на танҳо ба нархи воҳиди иловагии моли ба фурӯш рафта, балки барои ҳамаи молҳо паҳн мегардад. Бинобар ҳамин пастшавии нарх аз ҳисоби афзоишёбии ҳаҷми фурӯш ба камшавии даромад аз фурӯши ҳама молҳои пештара оварда мерасонад.

Стратегияи афзоиши фурӯш барои монополист то он даме имконпазир аст, ки агар даромади умумӣ аз фурӯши иловагӣ хароҷотҳои аз сабаби пастшавии нарх ба миён омадаро рӯйпӯш накунад. Агар зарари пастшавии нарх аз даромади иловагии аз ҳисоби фурӯши иловагӣ ба миён меомада зиёд бошад, он гоҳ монополист маҷбур мешавад, ки аз васеъшавии истеҳсолот даст кашад. Ҳамаи ин маънои онро дорад, ки монополист манфиатдор аст, ки танҳо дар қисмати чандирии каҷхаттаи талабот қарор дошта бошад.

**Аҳамияти муқоиса намудани нишондиҳандаҳои MC ва MR ҳангоми таъсисёбии стратегияи фирма**. Стратегияи фирма дар асоси муқоиса намудани MR ва MC таъсис меёбад. Чунин муқоисакунӣ пеш аз ҳама имконият медиҳад, ки варианти ғайрисамараноки инкишофи фирма муайян карда шавад, яъне ҳолати зиёд будани MC аз MR. Дар чунин ҳолат суръати афзоиши хароҷотҳо аз суръати афзоиши даромадҳо зиёд аст, ки дар натиҷа метавонад фирмаро ба муфлисшавӣ оварда расонад. Лекин варианте, ки дар он даромади интиҳоӣ аз хароҷоти интиҳоӣ зиёд аст (MR>MC), новобаста аз афзоишёбии фоиданокии воҳиди маҳсулот беҳтарин ба ҳисоб

намеравад. Дар ин ҳолати номбурда монополичт фоидаи ҳадди аксарро барои воҳиди маҳсулот дастрас карда, воридшавии зиёди фоидаро таъмин намекунад.

**Формулаи васеъкардашудаи стратегияи монополист дар интихоби нарх ва ҳаҷми истеҳсолоти нисбатан фоидаовар**. Чи хеле, ки маълум аст, нархи монополист аз даромади интиҳоӣ колонтар аст, зеро каҷхаттаи талабот дар ин бозор ба поён ҳаракаткунанда аст. Бо баробари ин фирма ба стратегияе майл мекунад, ки ба дастрасии мувозинатии даромади интиҳоӣ ва хароҷоти интиҳоӣ таъинот дорад (MR=MC). Аз ин лиҳоз, нарх на танҳо аз даромади интиҳоӣ, балки аз хароҷоти интиҳоӣ низ калонтар аст. Инчунин нархи монополист аз хароҷотҳои миёна низ (AC) калонтар мебошад, чунки монополист имконияти ба даст овардани фоидаи монополиро дорад, ки барои бозори рақобати мукаммал дастнорас аст. Бо баробари ин хароҷотҳои интиҳоӣ аз хароҷотҳои миёна зиёд шуда наметавонад, дар акси ҳол афзоиши истеҳсолот ғайрисамаранок мегардад. Самаранокӣ дар ҳолате имконпазир аст, ки агар хароҷотҳои интиҳоӣ нисбат ба хароҷотҳои миёна андозаи хурд дошта бошанд, яъне MC<AC. Бинобар ҳамин формулаи васеъкардашудаи шароитҳои беҳтарини бозори монополияи соф чуни наст: P>MR=MC<AC.

**Оид ба хатогиҳои намунавӣ нисбати рафтори монополист**.

1. Монополият ҳамавақт дар баланд намудани нарх манфиатдор аст. Дар чунин нуқтаи назар ҳолате аз назар дур мешавад, ки дар маҷмӯи стратегияи монополист нақши намоёнро ба даст овардани даромади иловагӣ аз зиёд намудани ҳаҷми фурӯш мебозад. Дар бозори пуррашуда амалигардонии чунин стратегия дар ҳолати паст намудани нарх имконпазир аст.

2. Монополист ҳамавақт ба фоиданокии баланди воҳиди маҳсулот кӯшиш мекунад. Чунин рафтор ба принсипи даромади ҳадди аксар зиддият мекунад, ки он дигар стратегияро дар назар дорад – афзоиши зиёди миқдори умумии фоида.

3. Монополисти соф ҳамавақт фоидаи монополиро ба даст меорад. Дар ҳақиқат ӯ метавонад ғайрисамаранок фаъолият кунад ва то ҳатто муфлис шавад.

**Монополист ва дискриминатсияи нархӣ**. Дискриминатсияи нархӣ фурӯши молҳо ва хизматҳои якхеларо ба харидорони гуногун бо нархҳои ҳархела дар назар дорад. Якчанд намудҳои дискриминатсияи нархиро фарқ мекунанд. Намуди якуми дискриминатсияи нархӣ фурӯши молро бо нархи талаботи он дар назар дорад. Агар ин намуди дискриминатсия амалӣ карда шавад, он гоҳ каҷхаттаи даромади интиҳоӣ бо каҷхаттаи талабот мувофиқ мешавад (MR=D). Мувофиқан, зери таъсири қоидаи MR=MC барориши маҳсулот дар чунин монополия бо сатҳи рақобати баробар мешавад. Фоида бошад дар ҳаҷмҳои додашуда ба миён намеояд, чунки якум, ҳар як харидор нархи ҳадди аксарро пардохт намудааст, кипардохти он барои ӯ имконпазир буд ва дуюм, миқдори харидорон зиёд мешавад, ба ин миқдор ҳама шахсони қобилияти рӯйпӯшкунии хароҷоти интиҳоиро дошта ва фоидаи ҳадди ақалро барои фурӯшанда таъмин мекарда дохил мешаванд. Лекин чунин намуди дискриминатсияи нархӣ абстраксия мебошад, чунки монополист имконияти аниқ муайян намудани маблағи интиҳоии пардохт мекардаи харидорро барои воҳиди мол надорад. Ба ғайр аз ин монополист барои маҷбур сохтани харидорон барои пардохти нархи муқарраршуда имконият надорад.

Амалигардонии аслии дискримитнасияи нархӣ одатан ба ду намуд ҷудо мешавад. Намуди якум: монополист, молҳоро бо нархҳои гуногун мефурӯшад, лекин ҳар як харидори миқдори якхелаи молро харидорӣ мекарда барои он нархи якхеларо пардохт мекунад. Дар ҳолати намуди дуюми дискриминатсияи нархӣ монополист молҳоро ба шахсони гуногун бо нархҳои ҳархела мефурӯшад, лекин ҳар як воҳиди маҳсулоти ба ин шахсон фурӯхта шуда, ҳамавақт нархи якхеларо дорад.

Масъалаи ин намудҳои дискриминатсияи дар ҳаёт мушоҳида шаванда ягона аст – муайян намудани мизоҷоне, ки қобилияти зиёдтар пардохт карданро доранд. Вале онҳо ин вазифаро бо усулҳои гуногун ба ҷо меоранд. Ҳангоми амалигардонии намуди якуми дискриминатсияи нархӣ ба

принсипи бисёртар мехарӣ – камтар пардохт мекунӣ хос аст. Ҳангоми дискриминатсияи нархии намуди дуюм дигар принсип амал мекунад: камбизоатон камтар пардохт мекунанд.

**X – ғайрисамаранокӣ**. Яке аз хусусиятҳои рафтори бозории монополист x – ғайрисамаранокӣ мебошад. Ин истиллоҳ аз адабиёти рус ибтидо мегирад. Имконияти артиши руссия ва франсияро тасвир намуда Л.Толстой дар китоби «Ҷанг ва сулҳ» ба ғайр аз омилҳои моддӣ ва шахсӣ (миқори ҷангиён, ва силоҳбадастии онҳо) омили X-ро ҷудо мекунад, яъне тайёрии маънавии артишро. Мавҷудият ва ё мавҷуд набудани омили X самаранокиро муайян мекунад, ки бо он қувваҳои моддӣ ва инсонӣ истифода мешаванд. Дар натиҷа артиши хурд бо яроқҳои камтар метавонад қувваи барзиёди душманро сикаст бидиҳад.

Бо шарофати иқтисодчии америкоӣ Х.Либенстайн ин истиллоҳ нисбат ба монополия васеъ истифода шуд. Дар дигар намудҳои бозор қобилияти ҷангии «артиши иқтисодӣ»-ро дар сатҳи боло рақибон нигоҳ медоранд. Масалан, агар фирма хароҷотҳои худро то сатҳи ҳадди ақали имконпазир паст накунад, он гоҳ маҳсулоти ӯ нисбат ба маҳсулоти рақибон қиматтар мешавад.

Дар ҳолати монополия ин маҳдудкунандаи муқаррарӣ аз байн меравад, зеро монополист рақиб надорад. Айанан барои ҳамин барои фирма – монополистон пастшавии самаранокии истифодабарии захираҳо хос аст. Ҳама хароҷотҳои нодаркор – аз музди меҳнати коргари танбал, то утоқҳои кори менеҷерони болоӣ, бо осонӣ ба хароҷотҳои дохил шуданашон мумкин аст. Умуман X-ғайрисамаранокӣ гуфта хоҷагидории ноақилонаро дар назар доранд, ки ба зиёдшавии хароҷотҳо аз сатҳи объективонаи бозор баландтар оварда мерасонад.

# ҚИСМИ IV. НАЗАРИЯИ МАКРОИҚТИСОД

Мавзӯи 14. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ. Низоми ҳисобгирии миллӣ (НҲМ).
Мавзӯи 15. Маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод.
Мавзӯи 16. Истеъмолот, пасандоз, инвеститсияҳо ва таъсири онҳо ба ҳаҷми МУД.
Мавзӯи 17. Мувозинатии макроиқтисодӣ.
Мавзӯи 18. Рушди иқтисодӣ.
Мавзӯи 19. Тараққиёти сиклии иқтисодиёт.
Мавзӯи 20. Шуғл ва бекорӣ. Назарияи капитали инсонӣ.
Мавзӯи 21. Сиёсати иқтисодии давлат.
Мавзӯи 22. Низоми пулию – қарзӣ.
Мавзӯи 23. Бозори қоғазҳои қимматнок.
Мавзӯи 24. Таваррум ва танзими зиддитаваррумӣ.
Мавзӯи 25. Низоми молиявӣ ва танзими молиявӣ.
Мавзӯи 26. Маҷмӯи даромадҳои аҳолӣ ва сиёсати иҷтимоии давлат.
Мавзӯи 27. Сиёсати макроиқтисодӣ умуман: муносибатҳои алтернативӣ.

# МАВЗӮИ 14. НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ МАКРОИҚТИСОДӢ. НИЗОМИ ҲИСОБГИРИИ МИЛЛӢ (НҲМ).

*14.1. Мафҳуми такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ*
*14.2. Гирдгардиши маҳсулот, даромадҳо ва хароҷотҳо дар иқтисодиёти миллӣ*
*14.3. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва усулҳои ҳисоб намудани онҳо*
*14.4. МУД – нишондиҳандаи марказии НҲМ*

## 14.1. МАФҲУМИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛОТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Макроиқтисод ҳамчун қисми назарияи иқтисодӣ**. Макроиқтисод қонуниятҳои амал намудани умуман иқтисодиётро омӯхта, амали якҷояи агентҳои иқтисодиро байни ҳамдигар дар бозорҳои иқтисодӣ тадқиқ мекунад. Бо баробари ин иқтисодиёт ҳамчун маҷмӯи ҷараёнҳои иқтисодӣ ва ҳодисаҳо бо нишондиҳандаҳои онҳо баромад мекунад.

Аввалин маротиба истиллоҳи «макроиқтисод»-ро дар мақолаи худ соли 1933 олим – иқтисодчӣ – математики норвегӣ Рагнар Фриш истифода бурдааст. Лекин ба таври муфассал назарияи макроиқтисоди муосир аз кори фундаменталии Ҷ. М. Кейнс ибтидо мегирад. Соли 1936 китоби ӯ «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» ба чоп расид. Дар китоби худ Кейнс асосҳои таҳлили макроиқтисодӣ гузошт ва дар натиҷа, модели макроиқтисодии кейнсӣ ба миён омад.

Зарурати омӯзиши макроиқтисод дар инҳо мебошад:

- он на танҳо ҳодисаҳо ва ҷараёнҳои макроиқтисодиро нишон медиҳад, балки қонуният ва вобастагии байни онҳоро муайян намуда, алоқаҳои сабабӣ – оқибатиро дар иқтисодиёт тадқиқ мекунад;
- дониши вобастагиҳо ва алоқаҳои макроиқтисодӣ имконият медиҳад, ки ба ҳолати мавҷуд будаи иқтисодӣ баҳо дода шуда, барои беҳтар намудани он аз тарафи ҳукумат чи бояд кардро муайян менамояд, яъне

макроиқтисод имконият медиҳад, ки принсипҳои сиёсати иқтисодӣ коркарда шаванд;
- дониши макроиқтисод пешгӯи намудани дигаргуншавии ҷараёнҳоро дар оянда имконият медиҳад, яъне пешбинӣ кардани муаммоҳои иқтисодиро амалӣ мегардонад.

Дар таҳлили ҷараёнҳои иқтисодӣ, макроиқтисод ҳамон принсипҳоро (усулҳоро) истифода мебарад, ки оиди онҳо ҳангоми омӯзиши усулҳои назарияи иқтисодӣ гуфта шуда буданд.

Бояд қайд намуд, ки принсипи асосии таҳлили макроиқтисодӣ агрегиронӣ баромад мекунад, чунки омӯзиши вобастагиҳо ва қонуниятҳои иқтисодӣ дар сатҳи иқтисодиёт умуман танҳо дар ҳолати мушоҳида намудани маҷмӯъ ва ё агрегат имконпазир аст.

**Агрегиронӣ** бо худ муттаҳид намудани унсурҳои алоҳидаро ба умумӣ, ба агрегат, ба маҷмӯъа дар назар дорад. Агрегиронӣ имконият медиҳад, ки агентҳои макроиқтисодӣ (субъектон), бозорҳои макроиқтисодӣ, вобастагиҳои макроиқтисодӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ҷудо карда шаванд.

**Субъектони (агентҳои) макроиқтисодӣ** – хоҷагиҳои хонавода, фирмаҳо, давлат, сектори хориҷӣ.

**Хоҷагиҳои хонавода** соҳибони захираҳои иқтисодӣ (меҳнат, замин, капитал ва қобилиятҳои соҳибкорӣ) буда, харидорони асосии мол ва хизматҳо, пасандозкунандагони асосӣ ва бинобар ҳамин қарздиҳандагони асосӣ баромад мекунанд.

**Фирмаҳо** – агенти иқтисодие, ки мақсади фаъолияти иқтисодии онҳо таъмини фоидаи ҳадди аксар мебошад. Онҳо ҳамчун истеҳсолкунандагони асосии мол ва хизматҳо, харидорони захираҳои иқтисодӣ, яъне молҳои инвеститсионӣ, қарзгирандагони асосӣ дар иқтисодиёт баромад мекунанд.

**Давлат** – маҷмӯи муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, ки дорои ҳуқуқи сиёсӣ ва қонунии таъсиррасонӣ ба ҷараёнҳои иқтисодӣ ва танзими иқтисодиёт мебошанд. Давлат ҳамчун истеҳсолкунандаи неъматҳои ҷамъиятӣ, харидори мол ва

хизматҳо, азнавтақсимкунандаи даромади миллӣ баромад мекунад.

**Сектори хориҷӣ** – агенти маҷмӯавӣ, ки ҳама мамлакатҳои боқимондаи ҷаҳонро муттаҳид мекунад, ки бо онҳо мамлакати мазкур бо воситаи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ҳамкорӣ мекунад. Илова намудани сектори хориҷӣ иқтисодиёти кушодро тавлид мекунад.

**Бозорҳои макроиқтисодӣ** – бозори мол ва хизматҳо; бозори молиявӣ (бозори активҳои молиявӣ); бозори захираҳои иқтисодӣ; бозори асъор.

**Муаммоҳои макроиқтисод**. Макроиқтисод муаммоҳои барои тамоми иқтисодиёт дахл доштаро тадқиқ карда, бо нишондиҳандаҳои маҷмӯавӣ ба монанди маҳсулоти умумии дохилӣ, даромади миллӣ, маҷмӯаи талабот, маҷмӯаи пешниҳод, истемолоти умумӣ, инвеститсияҳо, сатҳи умумии нархҳо, стаҳи бекорӣ, қарзи давлатӣ ва ғайраҳо сару кор дорад.

Муаммоҳои асосие, ки макроиқтисод меомӯзад инҳо мебошанд:

- рушди иқтисодӣ, омилҳои ва суръатҳои он;
- сикли иқтисодӣ ва сабабҳои он;
- шуғл ва бекорӣ;
- сатҳи умумии нархҳо ва таваррум;
- сатҳи мизони фоиз ва муомилоти пулӣ;
- ҳолати буҷети давлатӣ ва молиягузории касрати буҷет;
- ҳолати тавозуни пардохт ва қурби асъор.

**Моҳият ва бисёрҷабҳагии такрористеҳсоли ҷамъиятӣ**. Хусусияти фарқкунандаи иқтисодиёт дар он аст, ки он хислати мутассил амалкуниро дорад. Бо вуҷуди ин таркиби муносибатҳои иқтисодӣ низ тағйиротҳои куллиро аз сар мегузаронад. Лекин худи амал намудани иқтисодиёт, ба тағйиротҳо нигоҳ накарда, ба ягон дақиқа боз дошта намешавад: инсоният истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмоли неъматҳои иқтисодиро давом медиҳад. Тадқиқоти ин ҷараён дар илми иқтисодӣ ҳамчун тадқиқоти муаммои такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ маълум аст.

Аз ин ҷо бармеояд, ки такрористеҳсолот – ҷараёни мутасили худнигоҳдорӣ ва худтакрорёбии фаъолнокии иқтисодиро дар чаҳочӯбаи мамлакатҳои алоҳида ва ё хоҷагии

ҷаҳонӣ умуман ифода мекунад. Бо ибораи дигар, барои мавҷудоти низоми иқтисодӣ он бояд воситаҳои меҳнат, предмети меҳнат ва қувваи кориро на танҳо ҳамчун унсури истеҳсолот, балки ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ такрористеҳсол кунад.

Дар иқтисодиёти бозорие, ки дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва махсусгардонии иқтисодии истеҳсолкунандагон асосёфта, такрористеҳсолот дар ҳолате имконпазир аст, ки дар он ҳама молҳо фурӯхта шаванда, ҳама воситаҳои истеҳсолот ва ашёҳои истеъмолот барқарор карда шаванд. Ин шарт риоя намудани мутаносибиҳои муайяни хоҷагии халқро дар назар дорад.

Аввалин маротиба ба чунин хулоса иқтисодчии франсуз Ф. Кенэ омад. Модели такрористеҳсоли ӯ бо назарияи синфҳо алоқаи зич дорад, ки вобаста аз иштироки онҳо дар офаридан ва азхудкардани маҳсулоти соф ҷудо карда мешаванд. Саҳми Кенэ дар он аст, ки такрористеҳсолотро ӯ на танҳо ҳамчун такрористеҳсоли неъматҳои моддӣ, балки ҳамчун такрористеҳсоли синфҳо, яъне такрористеҳсоли муносибатҳои пешбини карда буд. Назарияи такрористеҳсоли Кенэ аввалин кӯшиши мушоҳида намудани ҷараёни истеҳсолот дар масштаби ҷамъият буд.

**Қисматҳои асосии назарияи такрористеҳсоли капитали ҷамъиятии К. Маркс**. Ҷараёни такрористеҳсолот дар масштаби ҷамъият мавқеъи заруриро дар назарияи иқтисоди К. Маркс ишғол мекунад. Ӯ назарияи такрористеҳсоли капитали ҷамъиятиро таҳия намуд, ки он се назарияи баҳамалоқамандро дар бар мегирад:

- назарияи абстрактии фурӯш;
- назарияи даромади миллӣ;
- назарияи бӯҳронҳои иқтисодӣ.

Ҷабҳаҳои асосии назарияи капитали ҷамъиятии К. Маркс аз инҳо иборат аст:

1) истеҳсоли неъматҳои моддӣ дар ҳама ҷамъият ҷараёни мутасили такрорёбанда ва ё такрористеҳсолшаванда аст;

2) такрористеҳсоли капитали ҷамъиятӣ ҳамчун ҳаракати он дар соҳаи истеҳсолот ва дар соҳаи муомилот

баромад мекунад. натиҷаи чунин ҳаракат дар маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ ифода ёфта, худи капитали ҷамъиятӣ бошад – ин маҷмӯи капитали инфиродӣ, ки бо ҳамдигар бо воситаи механизми бозорӣ алоқаманд мебошад.

3) ҷараёни такрористеҳсолот – ягонагии се ҷараёнҳо: такрористеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ, қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ;

4) такрористеҳсол ҳама чор фазаҳои истеҳсолоти ҷамъиятиро дар бар мегирад: худи истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот. Ҳамаи ин фазаҳо дар алоқамандӣ қарор доранд;

5) шарти инкишофи прогрессивии ҷамъият такрористеҳсоли васеъ мебошад, ки дар техникаи мошинӣ асос ёфтааст. Сарчашмаи васеъшавӣ (ғункунӣ) арзиши иловашуда мебошад;

6) шарти мутасилии истеҳсолоти ҷамъияти офаридан ва мавҷудияти захираҳои моддӣ, инчунин захираҳои ҷамъиятӣ дар ҳаҷми солонаи маҳсулот мебошад;

7) такрористеҳсолот таносуби байни сохтори истеҳсолот ва сохтори эҳтиёҷотҳои ҷамъиятиро, яъне мутаносибии муайянро дар назар дорад;

8) тамоми такрористеҳсоли ҷамъиятӣ ба ду ҷузъ ҷудо мешавад: I – истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот; II – истеҳсоли ашёҳои истеъмолӣ. Инкишофи ҷузъи якум афзалияти зиёдтар дорад.

Такрористеҳсолоти васеъ дар назар дорад, ки қисми маҳсулоти офарида шуда ва маҳсулоти иловашуда ба афзоишёбии захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ бо мақсади васеъ намудани ҳаҷми истеҳсолот ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ равона карда мешавад. Дар чунин ҳолат маҳсулоти иловашуда ба фонди истеъмолӣ ва фонди андӯхт ҷудо мешавад.

Ҳамин тавр, агар ҳангоми такрористеҳсоли оддӣ тамоми маҳсулоти иловашуда ба мақсадҳои истеъмолӣ истифода шавад, яъне пурра истеъмол карда шавад, ҳангоми такрористеҳсоли васеъ қисми маҳсулоти иловашуда барои истеъмолот равона шуда, қисми боқимондааш барои зиёд

намудани захираҳо (воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ) равона карда мешавад.

**Шартҳои фурӯш дар ҳолати такрористеҳсоли васеъ**. Фурӯши маҳсулотҳои ҷузъҳои I ва II – уми истеҳсолоти ҷамъиятӣ аз он бар меояд, ки:

- ҷузъи I –ум барои эҳтиёҷотҳои худ қисми воситаҳои истеҳсолотро нигоҳ медорад. Қисми боқимондаи маҳсулот, ки бо худ воситаҳои истеҳсолотро ифода мекунад дар ҷузъи I – ум фурӯхта намешавад. Ин қисми маҳсулоти ҷузъи I – ум барои мубодила бо маҳсулоти ҷузъи II– ум бо мақсади ба даст овардани ашёҳои барои ӯ зарур пешбинӣ шудааст;
- ҷузъи II – ум барои истеъмолоти худ қисми ашёҳои истеъмолиро нигоҳ медорад. Қисми боқимонади маҳсулот дар шакли натуралии аз ашёҳои истеъмолӣ иборат буда дар ин ҷузъ фурӯхта нашуда, балки барои мубодила бар ивази воситаҳои истеҳсолоти дар ӯҳдадории ҷузъи I – ум мавҷуд буда ва барои ӯ зарур буда, равона карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, барои фурӯхта тавонистани маҳсулоти худ ва харидорӣ намудани воситаҳои истеҳсолоти зарур ва қувваи корӣ аз тарафи ҳама соҳибкорон ва барои харидорӣ карда тавонистани молҳои истеъмолӣ аз тарафи худи соҳибкорон ва коргарон, риоя намудани чунин таносубҳои байни ду ҷузъи истеҳсолоти ҷамъиятӣ зарур аст:

1) **I (v + m)>II c;**
2) **I (c + v + m)>I c + II c;**
3) **II (c + v +m)<I (v + m) + II (v + m).**

**Намуд, нишонаҳо ва нишондиҳандаҳои такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ**. Намудҳои такрористеҳсолот гуногун буда, бо нишонаҳои зиёд тавсиф карда мешавад. Асосан чунин ду нишонаҳо маълуманд:

1) хислати истифодабарии захира ва даромади дастрасшуда. Мувофиқи ин нишона чунин намудҳои такрористеҳсолот ҷудо карда мешаванд: **оддӣ, васеъ, ва камшаванда**;

2) тавсифи сифатии омилҳои истеҳсолот ва амал намудани онҳо. Мувофиқи ин нишона, такрористеҳсоли **экстенсивӣ, интенсивӣ ва омехтаро** аз ҳам ҷудо мекунанд.

**Такрористеҳсоли васеъи экстенсивӣ** бо худ шакли ибтидоии такрористеҳсоли намуди васеъро ифода мекунад, ки маънои афзоиши ҳаҷми истеҳсолотро аз ҳисоби ҷалб намудани омилҳои истеҳсолоти иловагӣ дар асоси техникаи пешина ва дар ҳолати сатҳи мавҷудбудаи тахасуснокии коргарон дар назар дорад.

**Такрористеҳсоли васеъи намуди интенсивӣ** васеъшавии истеҳсолотро бо роҳи истифодаи беҳтар ва нисбатан пурраи омилҳои истеҳсолот дар асоси дастовардҳои илм ва техника, тағйирёбии сифатии онҳо дар назар дорад.

**Такрористеҳсоли васеъи намуди омехта** васеъшавии иқтидорҳои истеҳсолиро дар натиҷаи афзоишёбии миқдори омилҳои истеҳсолоти истифодашаванда ва мукаммалгардонии хама унсурҳои қувваҳои истеҳсолкунанда (воситаи меҳнат, ашёи меҳнат ва қувваи корӣ) дар назар дорад.

Лекин, бояд қайд намуд, ки барои мақсадҳои баланд намудани самаранокии иқтисодиёт намуди интенсивии такрористеҳсолоти васеъ афзалиятҳои дурнамоӣ дорад. Барои таъмин намудани роҳи интенсивии инкишофёбии истеҳсолот чунин чорабиниҳо заруранд:

- азнавнамудани техника ва модернизатсияи истеҳсолот;
- истифодабарии беҳтари ҳама захираҳо;
- пешравиҳои афзалиятнок дар сохтори соҳавии истеҳсолот;
- баланд намудани тахассуснокии кадрҳо;
- устувор намудани интизоми меҳнатӣ, пурзӯр намудани ҳавасмандӣ ба меҳнат;
- мукаммалгардонии идоракунӣ;
- оқилона ташкил намудани фаъолияти беруниииқтисодӣ.

Ҳама чорабиниҳои номбурда ҳангоми амалигардонӣ, омилҳои баланд намудани самаранокии иқтисодии иқтисодиёти миллиро ифода мекунанд.

Самаранокии иқтисодӣ натиҷаи тамоми такрористеҳсоли ҷамъиятиро тавсиф мекунад. Аз нуқтаи назари иқтисодиёти

миллӣ, чунин ҳолати иқтисодиёт самаранок ба ҳисоб меравад, ки дар он эҳтиёҷотҳои ҳама аъзоёни ҷамъият дар ҳолати захираҳои маҳдуди додашуда пурра қонеъ гардонида шавад.

Бо ибораи дигар самаранокии иқтисодиёти миллӣ – чунин ҳолати иқтисодиёт, ки дар он баланд намудани дараҷаи қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои ақалан як шахс бе бад намудани ҳолати дигар аъзои ҷамъият имконнопазир аст. Чунин ҳолат самаранокии – Паретто номида мешавад.

## 14.2. ГИРДГАРДИШИ МАҲСУЛОТ, ДАРОМАДҲО ВА ХАРОҶОТҲО ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Агрегиронии агентҳои иқтисодӣ ва агрегиронии бозорҳо ба агрегиронии алоқамандиҳои макроиқтисодӣ имконият медиҳад, яъне омӯзиши қонуниятҳои рафтори агентҳои макроиқтисодӣ дар бозорҳои макроиқтисодӣ. Ин ҷараён бо воситаи модели гирдгардиши маҳсулот, хароҷотҳо ва даромадҳо амалӣ мегардад.

Дар аввал модели дусектораро дида мебароем, ки дар он иқтисодиёт танҳо аз хоҷагиҳои хонавода ва фирмаҳо ва ду бозор – бозори мол ва хизматҳо ва бозори захираҳои иқтисодӣ иборат аст.

**Хоҷагиҳои хонавода**, мол ва хизматҳоро харидорӣ мекунанд (талаботро ба мол ва хизматҳо баён мекунанд), ки ин мол ва хизматҳоро фирмаҳо истеҳсол карда, ба бозори мол ва хизматҳо пешкаш мекунанд (пешниҳоди мол ва хизматҳоро, яъне маҳсулоти умумиро таъмин мекунанд). Барои истеҳсол намудани мол ва хизматҳо, фирмаҳо захираҳои иқтисодиро харидорӣ мекунанд – меҳнат, замин, капитал ва қобилияти соҳибкорӣ (ба захираҳои иқтисодӣ талаботро баён мекунанд), ки соҳибони онҳо хоҷагиҳои хонавода мебошанд (пешниҳоди захираҳои иқтисодиро таъмин мекунанд). Ҷоришавиҳои моддӣ бо ҷоришавиҳои пулӣ алоқаманд мешаванд. Мол ва хизматҳоро ҳаридорӣ карда, хоҷагиҳои хонавода барои онҳо пардохтҳоро ба ҷо меоранд. Бо ин амалиёт онҳо барои фирмаҳо даромад аз фурӯшро таъмин мекунанд, ки дар навбати худ ин даромадҳоро

фирмаҳо ба хоҷагиҳои хонавода ба сифати даромадҳои омилӣ махсусан барои музди меҳнат, рента, фоиз ва фоида барои омили қобилияти соҳибкорӣ пардохт мекунад, ки дар маҷмӯъ даромади миллиро ташкил мекунад. Даромадҳои ба дастовардаро хоҷагиҳои хонавода барои хариди мол ва хизматҳо (маҳсулоти умумӣ) сарф мекунанд.

Ҳамин тавр, даромад ва хароҷотҳо ба таври даврагӣ ҳаракат мекунанд. Даромади ҳар як агенти иқтисодӣ харҷ карда шуда, ба даромади дигар агенти иқтисодӣ мубаддал мешавад, ки асоси хароҷоти он мебошад. Афзоишёбии хароҷотҳо ба афзоиши даромадҳо сабаб шуда, афзоишёбии даромадҳо бошад зиёдшавии минбаъдаи хароҷотҳоро ба миён меорад. Бинобар ҳамин ин модел, модели гирдгардиш ном гирифтааст. Ҷоришавиҳои моддӣ муқобили ақрабаки соат ҳаракат карда, ҷоришавиҳои пулӣ бошад мувофиқи ақрабаки соат ҳаракат мекунад. Талабот ба мол ва хизматҳо ва захираҳои иқтисодӣ мувофиқи ақрабаки соат ҳаракат карда, пешниҳод бошад муқобили ақрабаки соат ҳаракат мекунад.

Аз таҳлили модели дусектораи иқтисодиёт чунин хулосаҳо бармеоянд:

- арзиши ҳар як ҷоришавии моддӣ ба андозаи ҷоришавии пулӣ баробар аст;
- арзиши маҳсулоти умумӣ (ҳаҷми барориш) ба андозаи даромади умумӣ (миллӣ) баробар аст;
- хароҷотҳои умумӣ (маҷмӯи талабот) ба маҷмӯи барориш (маҷмӯи пешниҳод) баробар аст;
- даромади умумӣ ба хароҷотҳои умумӣ баробар аст.

Маълум аст, ки хоҷагиҳои хонавода оқилона рафтор мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо барои хариди мол ва хизматҳо наҳама даромади худро сарф мекунанд. Қисми даромади худро хоҷагиҳои хонавода пасандоз мекунанд, бо баробари ин пасандозҳо бояд даромад оваранд. Фирмаҳо бошанд ба воситаҳои иловагӣ барои васеъшавии истеҳсолот, яъне ба воситаҳои қарзӣ эҳтиёҷот доранд. Ин ҳолат зарурияти пайдошавии бозори молиявиро ба миён меорад, ки дар он пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода ба захираҳои инвеститсионии фирмаҳо мубаддал мешавад. Мубаддалшавии пасандозҳои

хоҷагиҳои хонавода ба захираҳои инвеститсионии фирмаҳо бо ду роҳ ба миён меоянд:

- хоҷагиҳои хонавода пасандозҳои худро ба миёнаравҳои молиявӣ (пеш аз ҳама ба бонкҳо) месупорад, ки фирмаҳо дар навбати худ аз онҳо қарз мегиранд;
- хоҷагиҳои хонавода пасандозҳои худро барои хариди қоғазҳои қимматноке, ки фимаҳо мебароранд сарф намуда, ҳамзамон фирмҳоро бо захираҳои инвеститсионӣ таъмин мекунанд.

Дар ҳолати якум алоқаи байни хоҷагиҳои хонавода ва фирмаҳо бо воситаи бозори пулӣ амалӣ гардида, дар ҳолати дуюм бошад бовоситаи бозори қоғазҳои қимматнок амалӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки хароҷоти хоҷагиҳои хонавода барои хариди мол ва хизматҳо – хароҷотҳои истеъмолӣ (C – consumption spending) бо хароҷотҳои инвеститсионии фирмаҳо (I – investment spending) пурра карда мешавад. Баробарии даромади умумӣ ва маҳсулоти умумӣ барои он нигоҳ дошта мешавад, ки дар макроиқтисод даромади умумӣ (миллӣ) ва маҳсулоти умумӣ (барориш) бо як ҳарф ишора карда мешаванд – Y (yield). Андозаи маҳсулоти умумӣ айниятан ба андозаи хароҷотҳои умумӣ (E - expenditures) баробар аст:

$$E = Y \qquad (14.1)$$

Хароҷотҳои умумӣ дар модели иқтисодиёти дусектора аз хароҷотҳои истеъмолии хоҷагиҳои хонавода (C) ва хароҷотҳои инвеститсионии фирмаҳо (I) иборат аст:

$$E = C + I \qquad (14.2)$$

Даромади умумӣ бошад аз истеъмолот (C) ва пасандозҳо (S) иборат мебошад:

$$Y = C + S \qquad (14.3)$$

Азбаски хароҷотҳои умумӣ (E) айниятан ба даромади умумӣ (Y) баробар аст, он гоҳ:

$$C + I = C + S \qquad (14.4)$$

ва мувофиқан, инвеститсияҳо айниятан ба пасандозҳо баробаранд:

$$I = S \qquad (14.5)$$

Инвеститсияҳо ва пасандозҳо дар иқтисодиёт нақшҳои гуногунро мебозанд. Инвеститсияҳо бо худ инексияҳоро ба иқтисодиёт ифода карда, пасандозҳо бошад мусдодираро аз иқтисодиёт дар назар доранд. Инексияҳо – ин ҳама воситаҳое, ки ҷоришавии хароҷотҳоро зиёд мекунанд, дар навбати худ хароҷотҳо на ба инексия ва на ба мусодира дохил мешаванд. Мусодираҳо – ин воситаҳое, ки ҷараёни хароҷотҳоро кам мекунад ва мувофиқан даромадҳоро низ кам мекунад. Афзоиши инвеститсияҳо хароҷотҳои умумиро (маҷмӯи талаботро) зиёд намуда, даромадҳои иловагиро барои истеҳсолкунандагон таъмин менамояд ва афзоиши маҳсулоти умумиро (бароришро) ҳавасманд мегардонад. Афзоиши пасандозҳо хароҷотҳои умумиро кам карда, метавонад ба камшавии истеҳсолот сабаб шавад. Дар иқтисодиёти мувозинат инексияҳо айниятан ба мусодираҳо баробаранд.

Ба таҳлил дохил намудани давлат модели дусектораи иқтисодиётро ба сесектора мубаддал мекунад, ки пайдоиши алоқамандиҳои нави макроиқтисодӣ дорад.

**Якум,** давлат хариди мол ва хизматҳоро амалӣ мегардонад (G – government spending), ки барои нигоҳдории сектори давлатии иқтисодиёт, таъмини истеҳсолоти неъматҳои ҷамъиятӣ, иҷро намудани вазифаҳо оид ба танзими иқтисодиёт ва идоракунии мамлакат заруранд.

Бо вуҷуди ин музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ ҳамчун пардохт барои захираи иқтисодӣ дар бозори захираҳо мушоҳида нашуда, балки ҳамчун пардохт дар бозори мол ва хизматҳо мушоҳида карда мешавад.

Харди давлатии мол ва хизматҳо маҷмӯи талаботро ба маҳсулоти дар иқтисодиёт истеҳсолшуда зиёд мекунад.

**Дуюм**, давлат ҳамагонро барои андозсупорӣ (T-taxes ) маҷбур мекунад, ки сарчашмаи асосии даромади буҷети давлатӣ мебошад. Лекин азнавтақсимкунандаи даромад баромад карда, давлат на танҳо андзҳоро ғун мекунад, балки трансфертҳоро низ пардохт мекунад (Tr).

Трансфертҳо – пардохте, ки хоҷагиҳои хонавода ва фирмаҳо бебозгашт аз давлат мегиранд. Пардохтҳои тарнсфертии давлат барои хоҷагиҳои хонавода – ин пардохтҳои гуногуни иҷтимоӣ (нафақа, идрорпулӣ, ҷубронпулӣ барои

бекрӣ, ҷубронпулӣ баро корношоямӣ, ҷубронпулӣ барои камбизоатон ва ғайра) мебошанд. Трансфертҳои барои фирмаҳо – ин субсидияҳо мебошанд.

**Сеюм**, вобаста аз ҳолати буҷети давлатӣ, давлат метавонад дар бозори молиявӣ ҳамчун қарздиҳанда ва ё қарзгиранда баромад кунад.

Барои модели сесектораи иқтисодиёт ҳама хулосаҳои барои модели дусектора гуфташуда мувофиқат мекунанд, яъне маҳсулоти умумӣ ба даромади умумӣ баробар буда, хароҷотҳои умумӣ ба даромади умумӣ баробар аст, инчунин инекияҳо ба мусодираҳо баробаранд.

Лекин хароҷотҳои умумӣ акнун аз нишондод иборатанд: итеъмолот (C), инвеститсияҳо (I) ва хариди давлатӣ (G):

$$E = C + I + G \qquad (14.6)$$

Даромади умумӣ ба истеъмолот (C), пасандозҳо (S) ва андозҳои соф (Tn) иборат аст:

$$Y = C + S + Tn \qquad (14.7)$$

Андозҳои соф бо худ фарқи байни андозҳо (T) ва трансфертҳоро (Tr) ифода мекунад:

$$Tn = T - Tr \qquad (14.8)$$

Хариди давлатии мол ва хизматҳо инексия буда, андозҳои соф бошанд мусодира аз ҷараёни хароҷотҳо ва даромадҳо мебошад. Бинобар ҳамин формулаи баробарии инексияҳо ва мусодираҳо чунин намуд дорад:

$$I + G = S + Tn \qquad (14.9)$$

Таҳлили модели сесектораи иқтисодиёт (модели иқтисодиёти пӯшида) нишон медиҳад, ки даромади умумӣ (миллӣ) (Y) ҷамъи даромадҳои омилӣ мебошад, ки аз тарафи соҳибони захираҳои иқтисодӣ (хоҷагиҳои хонавода) дастрас карда шудааст, аз даромади ихтиёрӣ (Yd), ки хоҷагиҳои хонавода бо хоҳиши худ сарф карда метавонад фарқ дорад. Даромади ихтиёрӣ аз даромади шахсӣ ба андозаи андозҳо (T), ки хоҷагиҳои хонавода ба давлат пардохт мекунанд ва андозаи трансфертҳо (Tr), ки давлат ба хоҷагиҳои хонавода пардохт мекунад фарқият дорад. Бинобар ҳамин, барои тарҳ намудани андозҳо бояд дар аввал трансфертҳо ҷамъ карда шаванд:

$$Yd = Y - T + Tr \qquad (14.10)$$

ва ё якбора андозҳои софро тарҳ намудан лозим аст:

$$Yd = Y - Tn \tag{14.11}$$

Даромади ихтиёрии хоҷагиҳои хонавода барои истеъмолот (хароҷотҳои истеъмолӣ) ва пасандозҳо истифода мешаванд:

$$Yd = C + S \tag{14.12}$$

Ҳамроҳ намудани сектори хориҷӣ ба модели гирдгардиш модели иқтисодиёти кушодро медиҳад, ки маънои баҳисобгирии алоқаҳои иқтисодиёти миллиро бо иқтисодиётҳои дигар мамлакатҳо дар назар дорад, ки пеш аз ҳама бо воситаи содирот ва воридоти мол ва хизматҳо ифода меёбад.

Азбаски дар меодели гирдгардиш танҳо ҷоришавиҳои пулӣ ифода ёфтаанд, бинобар ҳамин содирот гуфта даромад аз содирот ва воридот гуфта хароҷотҳо барои воридотро фаҳмидан лозим аст.

Таносуби содирот ва воридот дар тавозуни пардохт ифода меёбад. Агар хароҷотҳо барои воридот аз даромадҳои содиротӣ зиёд бошад (**Im>Ex**), он гоҳ ин ҳолат ба касрати тавозуни пардохт мувофиқ аст. Молигузории кастари тавозуни пардохт аз ҳисоби қарзи беруна рӯйпӯш карда шуда, бо чунин роҳҳо амалӣ шуда метавонад:

1) фурӯши активҳои молиявии хориҷӣ (қоғазҳои қимматноки хусусӣ ва давлатӣ – саҳмияҳо ва вомбаргҳо) ва воридшавии воситаҳои пулӣ ба мамлакат аз ҳисоби пардохти ин қоғазҳои қимматнок;

2) қарзгирии бевосита аз дигар мамлакатҳо ва аз ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ.

Дар натиҷа дар бозори молиявии мамлакат воридшавии воситаҳои пулӣ аз сектори хориҷӣ ба миён меояд, ки он воридшавии капитал номида шуда, мамлакат қарзгирандаи ин капитал баромад мекунад.

Агар даромад аз содирот аз хароҷот барои воридот зиёд бошад (**Ex>Im**), он гоҳ барзиёдии (профитсити) тавозуни пардохт ба назар расида, барориши капитал аз мамлакат ба миён меояд, зеро дар ин ҳолат хориҷиён ба мамлакати мазкур активҳои молиявии худро мефурӯшанд (қарз мегиранд) ва воситаҳои пулии барои пардохт намудани содирот зарур бударо дастрас мекунанд.

$$Xn = Ex + Im \qquad (14.13)$$

Хароҷотҳои умумии ҳама агентҳои макроиқтисодӣ – хоҷагиҳои хонавода, фирмаҳо, давлат ва сектори хориҷро бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст:

$$E = C + I + G + Xn \qquad (14.14)$$

Даромадҳои умумиро бошад бо чунин формула ифода кардан мумкин аст:

$$Y = C + S + Tn \qquad (14.15)$$

Азбаски хароҷотҳои умумӣ айниятан ба даромади умумӣ баробаранд (E=Y), он гоҳ:

$$C + I + G + Xn = C + S + Tn \qquad (14.16)$$

Ин формула айнияти асосии макроиқтисодӣ номида мешавад.

Барои аз айнияти асосии макроиқтисодӣ формулаи айнияти инексияҳо ва мусодираҳоро ҳосил намоем, бояд дар назар дошт, ки дар нишондиҳандаи содироти соф хароҷоти (талаботи) сектори хориҷӣ ба маҳсулоти мамлакати мазкур ифода ёфтааст, ки қисми таркибии хароҷотҳои умумӣ буда, ҷараёни хароҷотҳо ва даромадҳоро зиёд мекунад ва инчунин содироти соф мусодира – воридотро ифода мекунад, ки беруншавии қисми даромади умумиро аз мамлакат дар назар дорад. Бинобар ҳамин барои модели чорсектораи иқтисодиёт ин формула чунин намуд дорад:

$$C + I + G + Ex = C + S + Tn + Im \qquad (14.17)$$

Модели гирдгардиш ҳама намуди алоқамандиҳо ва вобастагиҳоро дар иқтисодиёт нишон медиҳад. Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки макроиқтисод қонуниятҳои рафтори агентҳои макроиқтисодиро дар бозорҳои макроиқтисодӣ меомӯзад.

## 14.3. НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА УСУЛҲОИ ҲИСОБ НАМУДАНИ ОНҲО

Ҳама ҷараёнҳои макроиқтисодӣ дар асоси моделсозӣ омӯхта мешаванд. **Модели макроиқтисодӣ** – ин ифода намудани формалкунонидашудаи (графикӣ ва ё алгебравии) ҷараёнҳо ва ҳодисаҳои иқтисодӣ бо мақсади муайян намудани

алоқаҳои асосии байни онҳо мебошад. Барои моделсозӣ хусусиятҳои асосии ҷараёни тадқиқшавандаро ба эътибор гирифта, аз омилҳои дуюминдараҷаи ба ҷараёни тадқиқшаванда таъсир расонанда фиркран истисно (абстрагиронӣ) карда мешаванд.

Моделҳо ду намуди тағйирёбандаҳоро дар бар мегиранд: экзогенӣ ва эндогенӣ. **Тағйирёбандаҳои экзогенӣ** – ин тағйирёбандаҳое, ки аз берун муайян карда мешаванд. Тағйирёбандаҳои экзогенӣ бузургиҳои мустақил, новобаста номида шуда, тағйирёбии онҳо тағйирёбии автономӣ номида мешаванд. **Тағйирёбандаҳои эндогенӣ** – ин тағйирёбандаҳое, ки дар дохили модел таъсис меёбанд. Тағйирёбандаҳои эндогенӣ тағйирёбандаҳои вобаста мебошанд.

Тағйирёбандаҳои макроиқтисодӣ ба ду гурӯҳ нишондиҳандаҳо ҷудо мешаванд: нишондиҳандаҳои ҷоришавӣ ва захираҳо. **Ҷоришавӣ** – ин нишондиҳандае, ки миқдорро дар давраи муайяни вақт (дар макроиқтисодӣ одатан як сол) тавсиф мекунанд. Ба нишондиҳандаҳои ҷоришавӣ инҳо дохил мешаванд: барориши умумӣ, даромади умумӣ, истеъмолот, инвеститсияҳо, кастар (профитсити) буҷети давлатӣ, содирот ва ғайраҳо. Ҳама нишондиҳандаҳои дар модели гирдгардиш ифода ёфта, нишондиҳандаҳои ҷоришавӣ мебошанд (беҳуда онҳо модели ҷоришавии даврагӣ номида мешавад). **Захира** – ин нишондиҳандае, ки миқдорро дар лаҳзаи муайян тавсиф мекунад. Ба нишондиҳандаҳои захиравӣ инҳо дохил мешаванд: боигарии миллӣ, боигарии шахсӣ, захираи капитал, миқдори бекорон, иқтидори истеҳсолӣ.

Нишондиҳандаҳои натиҷаи фаъолияти иқтисодиёт умуман дар сатҳи хоҷагии халқ, миллӣ, ки дар НҲМ инъикос мегарданд, одатан нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ номида мешаванд. Онҳо ба нишондиҳандаҳои умумӣ ва ниҳоӣ (соф) ҷудо мешаванд. Дар НҲМ нишондиҳандаҳои умумӣ аз нишондиҳандаҳои соф ба андозаи истеъсмоли капитали асосӣ (амортизатсия) фарқ мекунанд.

Низоми нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии истеҳсоли маҳсулот ва хизматҳо, таъсисёбӣ, тақсимот ва истифодабарии даромадҳо, ки дар таҷрибаи омории

байналхалқӣ истифода шуда дар НҲМ коркард мешаванд, чунин нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад:

1) Барориши умумӣ (БУ) (ин нишондиҳанда асоси ҳисоб намудани арзиши умумии иловашуда (АУИ) ба ҳисоб меравад);
2) Маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД);
3) Маҳсулоти софи дохилӣ (МСД);
4) Даромади миллӣ (ДМ);
5) Даромади умумии миллӣ (ДУМ);
6) Даромади софи миллӣ (ДСМ);
7) Даромади умумии миллии ихтиёрӣ (ДУМИ);
8) Даромади софи миллии ихтиёрӣ (ДСМИ);
9) Фоидаи умумии иқтисодиёт (ФУИ);
10) Фоидаи софи иқтисодӣ (ФСИ);
11) Пасандозҳои умумии миллӣ (ПУМ);
12) Пасандозҳои софи миллӣ (ПСМ);
13) Андӯхти умумӣ (АУ);
14) Боигарии миллӣ.

**Барориши умумӣ (БУ)** арзиши умумии маҳсулотҳо ва хизматҳоро ифода мекунад, ки дар давраи ҳисоботи истеҳсол карда шудаанд. Дар таҷрибаи байналхалқӣ БУ нишондиҳандаи баҳодиҳандаи фаъолияти иқтисодӣ набуда, балки ба сифати маълумоти аввалиндараҷа барои ҳисоб намудани АУИ хизмат мекунад. Барориш бо нархҳои ҷорӣ дар асоси маълумотҳо оид ба маҳсулотҳои фурӯхташуда ва арзиши истеҳсолоти баитмом нарасида, инчунин захираҳои маҳсулоти тайёр ҳисоб карда мешавад.

**Маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД)** – арзиши ҳама маҳулотҳо ва хизматҳо, ки дар минтақаҳои иқтисодии мамлакати мазкур дар ин ё он давра истеҳсол карда шудаанд ба ғайр аз арзиши истеъмолоти фосилавӣ (ИФ). МУД бо назардошти савдои беруна бо неъматҳои моддӣ ва хизматҳо бо чунин усулҳо ҳисоб шуданаш мумкин аст: 1) истеҳсолӣ; 2) тақсимотӣ; 3) усули истифодабарии ниҳоӣ.

**Маҳсулоти софи дохилӣ (МСД)** иқтидори истеҳсолии иқтисодиётро ифода мекунад, чунки ин нишондиҳанда танҳо инвеститсияҳои софро дар бар гирифта, арзиши капитали истеъмолшударо, яъне амортизатсияро дар бар намегирад.

Бинобар ҳамин, барои ҳосил намудани МСД, аз ҳаҷми МУД арзиши капитали истеъмолшударо, яъне амортизатсияро тарҳ намудан лозим аст:

$$МСД = МУД - А \tag{14.18}$$

**Даромади миллӣ (ДМ)** – ин даромади умумӣ, ки аз тарафи соҳибони захираҳои иқтисодӣ ба даст оварда шудааст. ДМ – ро бо воситаи аз МСМ тарҳ намудани андозҳои ғайримустақим (ДМ=МСМ-Андозҳои ғайримустақим) ва ё бо роҳи ҷамъ намудани ҳама даромадҳои омилӣ (ДМ=Музди меҳнат+Мизони фоиз+Иҷорапулӣ+Даромад аз моликият+Фоидаи корхонаҳо) ҳисоб намудан мумкин аст.

**Даромади умумии миллӣ (ДУМ)** – нишондиҳандае, ки бар ивази маҳсулоти умумии миллии НҲМ соли 1993 ворид карда шудааст. Ин нишондиҳанда бо худ МУД бо нархҳои бозорӣ ҳисобшуда, ҷамъи даромадҳои меҳнатӣ ва даромадҳои соҳибкорие, ки аз хориҷӣ кишвар ба даст оварда шудааст ва тарҳи ҳамин даромадҳое, ки ба дигар мамлакатҳо пардохт шудаанд, ифода мекунад.

**Даромади софи миллӣ (ДСМ)** бо нархҳои бозорӣ дар натиҷаи тарҳ намудани истеъмоли капитали асосӣ (амортизатсия) аз даромади умумии миллӣ (ДУМ) муайян карда мешавад:

$$МСД = ДУМ - А \tag{14.19}$$

**Даромади умумии миллии ихтиёрӣ (ДУМИ)** даромади аслиро ифода мекунад, ки барои истеъмолоти ниҳоӣ ва пасандозҳои миллат истифода мешавад, яъне сарчашмаи ҳама даромадҳо, истеъмолот ва пасандозҳо мебошад, ки барои тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт ва афзоишёбии боигарии миллӣ заруранд. ДУМИ ба нишондиҳандаи МУД ҷамъи (тарҳи) бақияи софи байни иқтисодиётӣ миллӣ ва сектори хориҷӣ, андозҳо ба истеҳсолот ва воридот, субсидияҳо, пардохти меҳнат, даромадҳои аз моликият ва даромади соҳибкорӣ, амалиётҳои суғуртавӣ аз ҳодисаҳои нохуш ва дигар трансфертҳои ҷорӣ баробар аст.

**Даромади софи миллии ихтиёрӣ (ДСМИ)** ба ДУМИ тарҳи истеъмоли капитали асосӣ, яъне амортизатсия баробар аст:

$$ДСМИ = ДУМИ - А \tag{14.20}$$

**Фоидаи умумии иқтисодиёт (ФУИ)** он қисми арзиши иловашударо ифода мекунад, ки ба истеҳсолкунанда баъд аз тарҳ намудани хароҷотҳои бо пардохти музди меҳнати коргарони кироя алоқаманд буда ва андозҳои соф ба истеҳсолот ва воридот боқи мемонад.

Умуман ФУИ ба ҷамъи фоидаи умумии соҳаҳо (ФУИс) ва ё секторҳои иқтисодиёт (ФУИсектор) баробар аст:

$$ФУИ = \sum ФУИс = \sum ФУИсектор \qquad (14.21)$$

Инчунин ФУИ ба ҷамъи фоидаи софи иқтисодиёт (ФСИ) ва истеъмоли капитали асосӣ (амортизатсия) баробар аст:

$$ФУИ = ФСИ + А \qquad (14.22)$$

**Фоидаи софи иқтисодиёт (ФСИ)** – нишондиҳандаи макроиқтисодие, ки ҳамчун фарқи байни фоидаи умумии иқтисодӣ ва истеъмоли капитали асосӣ (амортизатсия) муайян карда мешавад:

$$ФСИ = ФУИ - А \qquad (14.23)$$

ФСИ ба ғайр аз тарзи қайд шуда, ҳамчун фарқи байни арзишҳои умумии иловашудаи соҳаҳои иқтисодиёт ва ҷамъи пардохти музди меҳнат (ММ) бо назардошти ҳиссаҷудокуниҳо ба суғуртаи иҷтимоӣ, андозҳои соф (АС) ва истеъмоли капитали асосӣ (амортизатсия) муайян шуданаш мумкин аст:

$$ФСИ = (\sum БУ - \sum ИФ - (\sum ММ + \sum АС + \sum А) = \\ = \sum АУИ - (\sum ММ + \sum АС + \sum А) \qquad (14.24)$$

**Пасандозҳои умумии миллӣ (ПУМ)** – қисми ДУМИ, ки барои истеъмолоти ниҳоӣ истифода намешавад. ПУМ ба ҷамъи пасандозҳои умумии ҳама секторҳои иқтисодиёт (ПУс) баробар аст:

$$ПУМ = \sum ПУс \qquad (14.25)$$

**Пасандозҳои софи миллӣ (ПСМ)** ба фарқияти байни ПУМ ва истеъмолоти капитали асосӣ (амортизатсия) баробар аст:

$$ПСМ = ПУМ - А \qquad (14.26)$$

**Андӯхти умумӣ** ҳамчун унсури МУД адӯхти умумии капитали асосӣ, афзоиши капитали гардон ва хароҷотҳо барои дастрас намудани ашёҳои қиматбаҳоро (маҳсулотҳои заргарӣ ва ғайраҳо) дар бар мегирад. Андӯхт метавонад дар намуди соф низ ҳисоб карда шавад, яъне бе назардошти истеъмоли капитали асосӣ (амортизатсия).

**Боигарии миллӣ (БМ)** – ин маҷмӯи захираҳо ва дигар амволҳои мамлакат, ки барои истеҳсоли молҳо, хизматрасониҳо ва таъмини ҳаёти инсон имконият фароҳам меоварад. Дар асл дар ин ҷо сухан оид ба баҳодиҳии арзишии тамоми боигарии мамлакат меравад.

Ба таркиби БМ махсусан инҳо дохил мешаванд:

1. Амволи такрористеҳсол нашаванда:
   - заминҳои кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ;
   - канданиҳои фоиданок;
   - паъйкараҳо ва меъмориҳои таърихӣ;
2. Амволи такрористеҳсолшаванда:
   - активҳои истеҳсолӣ (капитали асосӣ ва гардон);
   - активҳои ғайриистеҳсолӣ (амвол ва захираҳои хоҷагиҳои хонавода ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ);
3. Амволҳои ғайримоддӣ:
   - моликияти зеҳнӣ (патентҳо, тамғаҳои савдоӣ, объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ғайраҳо);
   - капитали инсонӣ (маҳсулоти соҳаи хизматрасонӣ, махсусан маориф, тандурустӣ, ҳуқуқшиносӣ, саломатии аҳолӣ, маҳоратҳои касбӣ ва ғайраҳо).
4. Бақияи уҳдадориҳои амволӣ ва талабҳо ба мамлакатҳои хориҷӣ.

Ба диққатҷалбкунандагии назариявии нишондиҳандаи БМ нигоҳ накарда, ҳисоб намудани амалии пурраи он дар ягон мамлакати дунё ҳоло амалӣ гардонида нашудааст. Чунки баҳодиҳии амволи ғайриистеҳсолӣ ва баҳодиҳии амволи ғайримоддӣ бо мушкилиҳои зиёд алоқаманд аст. Аз ҳамин сабаб, баҳодиҳии БМ одатан танҳо он қисмҳоро дар бар мегирад, ки арзиши онҳо дар асоси таҷрибаи хоҷагидорӣ муайян шуданаш мумкин аст.

Алоқамандии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар зиннаҳои гуногуни сикли такрористеҳсолот бо чунин тарз ифода ёфтанаш мумкин аст:

1. Маҳсулоти умумии дохилӣ.
2. Истеъмоли капитали асосӣ (амортизатсия).
3. Маҳсулоти софи дохилӣ (сатри 1 – сатри 2).
4. Даромадҳои резидентон аз шуғл ва моликият, ки аз хориҷа ба даст омадаанд.

5. Даромадҳои нерезидентон аз шуғл ва моликият, ки дар мамлакати мазкур ба даст оварда шудааст.
6. Даромади софи миллӣ (сатри 3+сатри 4–сатри 5).
7. Даромади умумии миллӣ (сатри 1+сатри 4 – сатри 5).
8. Трансфертҳои ҷорӣ аз хориҷа (бақия).
9. Даромади миллии ихтиёрӣ (сатри 7+сатри 8).
10. Истеъмолоти ниҳоӣ.
11. Пасандозҳои миллӣ (сатри 9 – сатри 10).
12. Трансфертҳои капиталӣ аз хориҷа (бақия).
13. Андӯхти умумии капитали асосӣ ва гардон (инвеститсияҳо).
14. Хариди замин, активҳои ғайримоддӣ (бақия).
15. Қарзҳои соф (сатри 11+сатри 12 – сатри 13 – сатри 14.).

## 14.4. МУД – НИШОНДИҲАНДАИ МАРКАЗИИ НҲМ

Низоми ҳисобҳои маҳсулот ва даромади миллӣ дар охири солҳои 20 – ум аз тарафи гурӯҳи иқтисодчиёни америкоӣ бо роҳбарии Саймон Кузнетс коркард шудааст. Мамлакатҳои ИДМ, НҲМ – ро аз соли 1993 сар карда истифода мебаранд.

**НҲМ** – ин маҷмӯи қоидаҳои ҳисоби фаъолияти иқтисодӣ, ки аз ҷиҳати байналхалкӣ эътироф гашта, ҳама алоқаҳои макроиқтисодиро ифода намуда, ҳамкории иқтисодиётҳои миллиро бо иқтисодиёти байналхалқӣ ифода мекунад.

Агар соддатар гӯем НҲМ – ин маҷмӯи нишондиҳандаҳои омории макроиқтисодиё, ки андозаи маҳсулоти (барориши) умумӣ ва даромади умумиро тавсиф мекунад, ки баҳодиҳии ҳолати иқтисодиёти мамлакатро имконият медиҳад.

Асиси назариявии **НҲМ** модели гирдгардиши маҳсулот, хароҷотҳо ва даромадҳо хизмат мекунад.

**МУД (GDP)** – ин маҷмӯи арзишҳои ҳама мол ва хизматҳои ниҳоие, ки дар иқтисодиёт (дар дохили мамлакат) дар давоми як сол истеҳсол карда шудааст.

Ин маънидодкунӣ МУД – ро ба намуди содда тасвир мекунад, лекин дар асл ҳангоми ҳисоб намудани он

мушкилотҳо ба миён меоянд. Бинобар ҳамин дар аввал қисмҳои алоҳидаи ин муайянкуниро дида мебароем.

**«МУД – ин маҷмӯи…»**

МУД – ин нишондиҳандаи агрегиронӣ мебоша, ки ҳаҷми умумии истеҳсолот, барориши умумиро тавсиф мекунад.

**«МУД – ин арзиши бозории…»**

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар иқтисодиёт нисбат ба арифметика «себҳоро ба афлесун, керосинро бо меххо» ҷамъ намудан мумкин нест. Лекин ҳангоми ҳисоб намудани МУД айнан ҳамин ҳолат ба назар мерасад, яъне ҷамъ намудани молҳои гуногунҷинса ба як нишондиҳандаи иқтисодӣ. Бартараф намудани ин мушкилотро истифодабарии нархҳои бозорӣ имконият медиҳад. Нархи бозори миқдори пулҳоро, ки истеъмолкунанда тайёр аст ба ин ё он мол пардохт намояд ифода мекунад. Масалан, агар як дона себ нисбат ба як дона афлесун ду маротиба арзонтар бошад, он гоҳ саҳми афлесун ба МУД нисбат ба себ ду маротиба зиёд аст.

**«…ҳамаи…»**

МУД бояд то қадри имкон мол ва хизматҳои истеҳсол ва фурӯхташударо ба пуррагӣ дар бар гирад.

**«…ниҳоӣ…»**

Ҳама маҳсулоти дар иқтисодиёт истеҳсол шуда, ба ниҳоӣ ва фосилавӣ ҷудо мешавад. **Маҳсулоти ниҳоӣ** – ин маҳсулоте, ки ба истеъмолоти ниҳоии ҳама агентҳои макроиқтисодӣ равона шуда, барои коркарди минбаъдаи истеҳсолӣ ва ё азнавфурӯхтан таъинот надорад. **Маҳсулоти фосилавӣ** ба ҷараёни минбаъдаи истеҳсолот ва ё азнавфурӯшӣ равона карда мешавад. Ба маҳсулоти фосилавӣ ашё, масолеҳ, маҳсулотҳои нимтайёр ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ҳамроҳ намудани арзиши маҳсулоти ниҳоӣ ба МУД имконият медиҳад, ки ҳисоби дукаррати бартараф карда шавад. Азбаски арзиши маҳсулоти ниҳоӣ бевосита ҳисоб шуданаш мумкин нест, зеро аз рӯи намуди зоҳирӣ муайян намудани ниҳои ва ё фосилавӣ будани ин ё он мол ғайриимкон аст, бинобар ҳамин онро аз рӯи арзиши иловашуда ҳисоб мекунанд.

**Ҷадвали 14.1.**

**Мисоли муайян намудани арзиши иловашуда**

| | Арзиши | Арзиши маҳсулоти | Арзиши |
|---|---|---|---|

| | фурӯш, сомонӣ | фосилавӣ, сомонӣ | иловашуда, сомонӣ |
|---|---|---|---|
| Пахта | 5 | 0 | 5 |
| Нахи пахта | 8 | 5 | 3 |
| Ресмон | 17 | 8 | 9 |
| Матоъ | 25 | 17 | 8 |
| Курта | 30 | 25 | 5 |
| **Ҳамагӣ** | **85** | **55** | **30** |

Ҳамин тавр, арзиши аз тарафи ҳар як истеҳсолкунанда иловашуда ба фарқи байни даромад аз фурӯш ва арзиши ашё ва масолеҳе (маҳсулоти фосилавие), ки аз дигар истеҳсолкунандагон харидорӣ шуда буданд баробар буда, бо худ саҳми софи ҳар як истеҳсолкунандаро дар ҳаҷми умумии барориш ифода мекунад.

***АИ фирма=Даромад аз фурӯш – Арзиши ашё ва масолеҳ.***

Ҳама хароҷотҳои дохилии фирма (барои пардохти музди меҳнат, амортизатсия, иҷораи капитал, иҷораи бино ва ғайраҳо), инчунин фоидаи фирма ба **арзиши иловашуда** дохил карда мешаванд.

Бинобар ҳамин арзиши маҳсулоти ниҳоӣ ҳангоми ҳисоб намудани МУД бо арзиши иловашуда ҳисоб карда шуда, ҳамчун ҷамъи арзишҳои аз тарафи ҳама истеҳсолкунандагони иқтисодиёт иловашуда муайян шуданаш мумкин аст.

***Арзиши умумии маҳсулоти ниҳоӣ=Ҷамъи АИ ҳама фирмаҳо.***

Инчунин арзиши умумии маҳсулоти ниҳоӣ ҳамчун фарқи байни арзиши умумии фурӯшҳо дар иқтисодиёт ва арзиши умумии маҳсулотҳои фосилавӣ муайян шуданаш мумкин аст:

***Арзиши умумии маҳсулоти умумӣ=АИ умумӣ=Арзиши умумии фурӯши умумӣ – Арзиши умумии маҳсулоти фосилавӣ.***

**«…мол ва хизматҳо…»**

МУД ҳам истеҳсоли маҳсулотҳои моддӣ (хӯрокворӣ, либос, автомобилҳо), ҳам хизматрасониҳоро дар бар мегирад. Ҳама пардохтҳо, ки бар ивази мол ва хизматҳо амалӣ намегарданд ба арзиши МУД дохил карда намешаванд. Ба чунин пардохтҳо, пардохтҳои трансфертӣ ва пардохтҳо барои муомилаҳои ғайриистеҳсолӣ дохил мешаванд.

Пардохтҳои трансфертӣ ба хусусӣ ва давлатӣ ҷудо шуда, бо худ тӯҳфаро дар назар доранд. Трансфертҳои хусусӣ – ин пардохтҳо ва ё тӯҳфаҳо, ки шахсони алоҳида ба ҳамдигар

медиҳанд. Трансфертҳои давлатӣ – ин пардохтҳои давлат ба хоҷагиҳои хонавода аз рӯи низоми таъминоти иҷтимоӣ ва ба фирмаҳо дар намуди субсидияҳо. Трансфертҳо ба арзиши МУД дохил карда намешаванд.

**«...истеҳсолшуда...»**

Дар МУД мол ва хизматҳои аз нав истеҳсолшуда дохил карда шуда, молҳое, ки дар солҳои пешина истеҳсолшуда ва соли ҷорӣ фурӯхта шуда ба эътибор гирифта намешаванд.

**«...дар дохили мамлакат...»**

МУД арзиши маҳсулотҳоро дар бар мегирад, ки дар сарҳадҳои мамлакати додашуда истеҳсол карда шудаанд. Агар шаҳрванди Тоҷикистон муваққатан дар Россия кор кунад, натиҷаи меҳнати ӯ қисми МУД –и Россия мегардад. Агар шаҳрванди Россия дар Тоҷикистон соҳиби корхона бошад, он гоҳ маҳсулоти ин корхона ба МУД Тоҷикистон дохил карда шуда, ба МУД –и Россия дохил карда намешавад. Айнан бо ҳамин хусусият МУД аз МУМ фарқ мекунад.

Миқдоран МУД аз МУМ ба андозаи даромади софи омилӣ аз хориҷа – ДСО фарқ мекунад.

***ДСО=Даромад аз омилҳои миллӣ дар дигар мамлакатҳо – Даромад аз омилҳои хориҷӣ дар дохили мамлакати додашуда.***

Вобаста ба гуфтаҳои боло принсипҳое, ки ҳангоми муайян намудани МУД гузошта шудаанд, қайд мекунем:

- роҳ надодан ба ҳисоби дукаррата;
- баҳисобгирии танҳо андозаи бороиши умумиро тағйир медода ва ба эътибор нагирифтани натиҷаҳои азнавтақсимкунии даромадҳо;
- инъикосёбии танҳо маҳсулоти дар соли ҷорӣ истеҳсолшуда.

**Усулҳои ҳисоб намудани МУД**. Барои ҳисоб намудани МУД се усул истифода шуданаша мумкин аст:

- аз рӯи хароҷотҳо (усули истифодабарии ниҳоӣ);
- аз рӯи даромадҳо (усули тақсимотӣ);
- аз рӯи арзиши иловашуда (усули истеҳсолӣ).

Истифодабарии ин усулҳо натиҷаи якхеларо медиҳад, зеро чӣ хеле, ки аз модели гирдгардиш бар меояд, дар иқтисодиёт даромади умумӣ айниятан ба андозаи хароҷотҳои умумӣ баробар буда, андозаи арзиши иловашуда айниятан ба

арзиши маҳсулоти ниҳоӣ баробар аст. Бо баробари ин андозаи арзиши маҳсулоти умумӣ ин ҳамзамон ҷамъи хароҷотҳои истеъмолкунандагони ниҳоӣ барои хариди мол ва хизматҳо (маҳсулоти умумӣ) мебошад.

Ин хулосаро бо воситаи маълумотҳои ҷадвали 14.2 ифода кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 14.2.**

**Мисоли муайян намудани арзиши иловашуда**

| | **Арзиши фурӯш, сомонӣ** | **Арзиши маҳсулоти фосилавӣ, сомонӣ** | **Арзиши иловашуда, сомонӣ** |
|---|---|---|---|
| Пахта | 5 | 0 | 5 |
| Нахи пахта | 8 | 5 | 3 |
| Ресмон | 17 | 8 | 9 |
| Матоъ | 25 | 17 | 8 |
| Курта | 30 | 25 | 5 |
| **Ҳамагӣ** | **85** | **55** | **30** |

Курта ба харидор ба 30 сомонӣ фурӯхта шуд, яъне хароҷот барои хариди маҳсулоти ниҳоӣ ба 30 сомонӣ баробар буда, ҷамъи даромади ҳама агентҳо 30 сомониро ташкил кард (5 сомонии деҳқон+3сомонии заводи пахтатозакунӣ (8-5)+9 сомонии фирма ресмонкашӣ (17-8)+8 сомонии фирмаи бофандагӣ (25-17)+5 сомонии фирма дӯзандагӣ (30-25); арзиши умумии иловашуда низ ба 30 сомонӣ (5+3+9+8+5). Ҳамин тавр ҳама тарзҳои ҳисоб набудани МУД натиҷаи ягонаро, яъне 30 сомониро ҳосил мекунад.

**Усули ҳисоб намудани МУД аз рӯи хароҷотҳо**. МУД – и аз рӯи хароҷтҳо ҳисоб карда шуда, ҷамъи хароҷотҳои ҳама агентҳои макроиқтисодиро ифода мекунад, ки аз чунин унсурҳо иборат мебошад: хароҷоти хоҷагиҳои хонавода (хароҷотҳои истеъмолӣ); хароҷотҳои фирмаҳо (хароҷотҳои инвеститсионӣ); хароҷотҳои давлат (хариди давлатии мол ва хизматҳо); хароҷотҳои сектори хориҷӣ (хароҷотҳо барои содироти соф).

**Хароҷотҳои истеъмолӣ (C – comsuption spending)** – ин хароҷоти хоҷагиҳои хонавода барои хариди мол ва хизматҳо. Хароҷотҳои истеъмолӣ инҳоро дар бар мегирад:

- хароҷот барои истеъмолоти ҷорӣ – барои хариди молҳои истифодабариашон кӯтоҳмуддат, ки камтар аз як сол хизмат мекунанд (лекин либос новобаста аз

мӯҳлати истифодабариаш ба истеъмолоти ҷорӣ дохил мешавад);

- хароҷот барои молҳои истифодабариашон дарозмуддат, ки зиёда аз як сол хизмат мекунанд (мебел, техникаи маишӣ, автомобил ва ғайраҳо), бо вуҷуди ин хароҷотҳо барои хариди хона ба хароҷотҳои истеъмолӣ дохил нашуда, балки ба хароҷотҳои инвеститсионӣ дохил мешаванд;
- хароҷот барои хизматҳо (ҳаёти муосирро бе мавҷудияти хизматрасониҳои гуногун тасаввур кардан номумкин аст, бо баробари ин ҳиссаи хароҷотҳо барои хизматрасониҳо дар ҷамъи хароҷотҳои истеъмолӣ доимо афзоиш меёбад).

**Хароҷотҳои инвеститсионӣ (I – investment spending)** – ин хароҷотҳои фирмаҳо барои хариди молҳои инвеститсионӣ, яъне молҳое, ки захираи капиталро нигоҳ медоранд ва васеъ мегардонанд. Хароҷотҳои инвеститсионӣ инҳоро дар бар мегирад:

- инвеститсияҳо ба капитали асосӣ, ки аз хароҷотҳои фирмаҳо барои хариди таҷҳизотҳо ва барои сохтмони саноатӣ (биноҳои истеҳсолӣ, иншоотҳо ва ғайраҳо) иборат мебошанд;
- инвеститсияҳо барои захираҳои молию – моддӣ, ки захираҳои ашё ва масолеҳро дар бар мегирад, ки барои таъмини ҷараёни мутасили истеҳсолот заруранд; истеҳсолоти тотамом, к ибо технологияи ҷараёни истеҳсолот алоқаманд аст; захираҳои маҳсулоти тайёр вале ба фурӯш нарафта.

Хусусиятҳои инвеститсияҳо ба захираҳо дар он аст, ки дар МУД андозаи захираҳои молию – моддӣ нею, балки андозаи тағйирёбии захираҳо дар давоми сол ба эътибор гирифта мешавад.

Дар НҲМ (мувофиқан дар макроиқтисод) инвеститсия гуфта танҳо хароҷотҳоро барои хариди молҳои инвеститсионӣ ва захираҳои молию – моддиро меноманд. Дигар намуди хароҷотҳо, ки дар оянда даромад оварда метавонанд (масалан, хариди қоғазҳои қимматнок, молҳои қадима, маҳсулотҳои фарҳангӣ ва ғайраҳо) ба инвеститсияҳо дохил намешаванд, зеро

онҳо танҳо гузаронидани ҳуқуқи моликиятиро ба активҳои мавҷуд буда ва ё азнавфурӯхтани онҳоро дар назар дорад.

Мувофиқи ин хусусиятҳои амалигардонии капитали асосӣ, инвеститсияҳо ба умумӣ, соф ва барқароршаванда ҷудо мешаванд.

Дар ҷараёни истифодабарӣ капитали асосӣ хӯрда шуда, ивазшавиро, яъне барқароршавиро талаб мекунад. Қисми инвеститсияҳо, ки барои барқарор намудани хӯрдашавии капитали асосӣ равона карда мешавад, инвеститсияҳои барқароршаванда буда, арзиши истеъмоли капитал ва ё амортизатсия (А) номида мешаванд.

Инвеститсияҳои соф бо худ инвеститсияҳои иловагиро ифода мекунанд, ки ҳаҷми капитали фирмаро зиёд мекунад. Онҳо асоси васеъшавии истеҳсолот, афзоиши ҳаҷми барориш мебошанд.

Инвеститсияҳои соф = инвеститсияҳои соф ба капитали асосӣ+инвеститсияҳои соф барои сохтмони манзил+ инвеститсияҳо барои захираҳо.

Инвеститсияҳои умумӣ = инвеститсияҳои соф+амортизатсия (арзиши капитали истеъмолшуда).

Ҷудо намудани инвеститсияҳо ба инвеститсияҳои соф ва амортизатсия танҳо ба капитали асосӣ хос аст. Инвеститсияҳо барои захираҳо – ин инвеститсияҳои соф мебошанд.

Аз рӯи шакли моликият инвеститсияҳо ба хусусӣ, яъне инвеститсияҳои фирмаҳои хусусӣ ва давлатӣ ҷудо мешаванд. Дар НҲМ ба хароҷотҳои инвеститсионӣ танҳо инвеститсияҳои хусусӣ дохил карда шуда, инвеститсияҳои давлатӣ бошанд ба хариди давлатии мол ва хизматҳо дохил карда мешаванд.

Ба ғайр аз ин ба сифати инвеститсия дар НҲМ танҳо инвеститсияҳои дохилӣ, яъне инвеститсияҳое, ки ба иқтисодиёти миллии мамлакати додашуда амалӣ шудаанд ба эътибор гирифта шуда, инвеститсияҳои хориҷӣ, яъне инвеститсияҳое, ки шахрвандони мамлакат ба иқтисодиёти дигар кишварҳо амалӣ кардаанд дохил карда намешавад.

**Хариди давлатии мол ва хизматҳо (G – government spending)** инҳоро дар бар мегирад:

- истеъмолоти давлатӣ, ки ба он дар аввал хароҷотҳо барои нигоҳдории муассисаҳо ва ташкилотҳои

давлатиро дохил мекунанд, ки танзими иқтисодиёт, бехатарӣ ва тартибот, идоракунии сиёсӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолиро таъмин мекунанд, дуюм ба ин хароҷотҳо барои пардохти хизматрасониҳои коргарони сектори давлатӣ дохил карда мешавад;

- инвеститсияҳои давлатӣ, яъне хароҷотҳои инвеститсионии корхонаҳои давлатӣ.

Бояд мафҳумҳои «хариди давлатии мол ва хизматҳо» ва «хароҷоти давлатӣ» аз ҳам фарқ карда шавад. Мафҳуми хароҷоти давлатӣ пардохтҳои трансфертӣ ва пардохтҳои фоизҳоро барои вомбаргҳои давлатиро дар бар мегирад, ки онҳо дар МУД ба ҳисоб гирифта намешаванд.

**Содироти соф (Xn – net export)** бо худ фарқи байни даромадҳои аз содирот ва хароҷотҳои мамлакат барои воридотро ва мувофиқан бақияи тавозуни савдоро ифода мекунад.

Ҳамин тавр **МУД аз рӯи хароҷот=C+Igross+G+Xn**.

**Усули ҳисоб намудани МУД аз рӯи даромад**. Ҳангоми ин усул МУД ҳамчун ҷамъи даромадҳои соҳибони захираҳои иқтисодӣ мушоҳида карда мешавад, яъне ҷамъи даромадҳо аз омилҳои миллӣ.

Даромадҳои миллии омилӣ – ин:

- **музди меҳнати коргарони ва хизматчиёни фирмаҳо** – даромад аз омили «меҳнат». Музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ ба ин нишондиҳандаи дохил карда намешавад, чунки он аз воситаҳои буҷети давлатӣ пардохт карда шуда, натиҷаи азнавтақсимкунии даромади миллӣ ва қисми хариди давлатӣ буда, даромади омилӣ намебошад;
- **пардохти иҷоравӣ (иҷорапулӣ) ва пардохтҳои рентавӣ** – даромад аз омили замин, ки пардохтхои аз тарафи соҳибони амволи ғайриманқул (қитъаҳои замин, биноҳои истиқоматӣ ва ғайраҳо) ба даст оварда мешавад. Агар соҳиби амволи ғайриманқул қисми биноро ба иҷора диҳад, он гоҳ дар НҲМ даромадҳое, ки ӯ аз пурра ба иҷора додани бино дастрас карда метавонист ба эътибор гирифта мешаванд. Ин

даромадҳоро шартан иҷорапулии ҳисобшуда номида шуда, ба ҷамъи умумии пардохтҳои рентавӣ дохил карда мешаванд;

- **пардохтҳои фоизӣ ва фоиз** – даромад аз омили капитал, ки ҳама пардохтҳои фирмаҳои хусусиро ба хоҷагиҳои хонавода барои истифодабари капитал амалӣ мегардонанд (аз он ҷумла барои вомбаргҳои худ). Фоизҳое, ки барои вомбаргҳои давлатӣ пардохт карда мешаванд, ба ин нишондиҳанда дохил карда намешаванд, зеро ин пардохтҳо натиҷаи азнавтақсимкунӣ буда, барои офаридани даромади милли ягон саҳм намегузоранд;
- **фоида** – ин даромад аз омили қобилиятҳои соҳибкорӣ. Дар НҲМ, мувофиқи фарқият дар шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқии фирмаҳо фоидаи чунин фирмаҳоро аз ҳам фарқ мекунанд**:**
- фоидаи сектори ғайрикорпоративии иқтисодиёт, ки фирмаҳои инфиродро дар бар мегирад, ки дар капитали азонихудӣ асос ёфта, ин намуди фоида даромади моликиятдорон номида мешавад;
- фоидаи сектори корпоративии иқтисодиёт, ки дар шакли саҳоми (капитали саҳомӣ) асос ёфтааст. Ин намуди фоида, фоидаи корпоратсияҳо номида шуда, ба се қисм ҷудо мешавад: андоз аз фоидаи корпоратсияҳо, дивидендҳо, ки корпоратсияҳо ба саҳмиядорони худ пардохт мекунанд ва фоидаи тақсимнашуда, ки яке аз сарчашмаҳои дохилии молиягузории инвеститсияҳои соф буда, асоси васеъшавии истеҳсолот мебошад.

Ҷамъи даромадҳои омилии миллӣ бо худ даромади миллиро ифода мекунад.

Ба ғайр аз даромадҳои омилӣ дар МУД аз рӯи даромадҳо ҳисоб мешуда боз ду унсурро ба эътибор гирифтан лозим аст, ки даромади соҳибони захираҳои иқтисодӣ мебошад (ин унсурҳо ба арзиши ҳама молҳо дохил карда мешавад):

- андозҳои ғайримустақим ба бизнес, ки бо худ қисми нархи мол ва ё хизматро ифода мекунад;

- амортизатсия (арзиши капитали истеъмолшуда), ки онро бояд ҳангоми ҳисоб намудани МУД ба эътибор гирифтан лозим аст, зеро он а арзиши ҳамагуна мол ҷамъ карда мешавад.

Ба даромади миллӣ андозҳои ғайримустақимро ҷамъ карда, мо маҳсулоти софи дохилиро (МСД) ҳосил мекунем. Ба МСД арзиши капитали истеъмолшударо (амортизатсияро) ҷамъ карда, мо маҳсулоти умумии дохилиро (МУД) ҳосил мекунем.

**Усули ҳисоб намудани МУД аз рӯи арзиши иловашуда**. Ҳангоми ин усули ҳисобкунӣ МУД бо роҳи ҷамъкунии арзишҳои иловашудаи ҳамаи соҳаҳо ва намудҳои истеҳсолот муайян карда мешавад. Лекин барои баҳодиҳии МУД бо нархҳои бозорӣ ин амал нокифоя аст. Бояд инчунин андозҳои соф ба эътибор гирифта шаванд, ки ба арзиши иловашудаи соҳаҳои иқтисодиёт дохил карда нашудаанд ва бояд субсидияҳо барои молҳоро тарҳ намуд, ки ба арзиши иловашуда дохил карда шудаанд. Ба чунин андозҳо аз маҳсулот пеш аз ҳама андоз ба воридот ва андоз ба арзиши иловашуда дохил мешаванд. Субсидияҳо ба маҳсулот (ба ғайр аз субсидияҳо ба воридот) баръакс ба арзиши иловашудаи соҳаҳо дозил шудааст, бинобар ҳамин ин нишондиҳанда аз ҷамъи ниҳоӣ тарҳ карда шуданаш лозим аст.

**МУД – и номиналӣ ва аслӣ**. МУД –е ,ки бо нархҳои соли ҷорӣ ифода ёфтааст, МУД номиналӣ номида мешавад. Нишондиҳандаи номиналии МУД барои муқоиса намудани даврагӣ дар дохили мамлакат ва муқоисаи байнимамлакатиро имконият намедиҳад. Ба андозаи МУД номиналӣ тағйирёбии сатҳи нархҳо, яъне ҷараёни таваррум таъсир мерасонад.

Муқоиса намудани МУД дар давраҳои гуногуни вақт дар ҳолате имконпазир мешавад, ки агар МУД бо нархҳои тағйирнаёфта ифода ёбад. МУД бо нархҳои тағйирнаёфта ифода шуда МУД аслӣ номида мешавад.

Аз ин лиҳоз, МУД номиналӣ – ин МУД, ки бо нархҳои соли ҷорӣ ҳисоб карда шудааст.

МУД аслӣ – ин МУД, ки бо нархҳои муқоисавӣ, бон архи соли базавӣ ҳисоб карда шудааст. Формулаи муайян намудани МУД аслӣ:

$$\text{МУДаслӣ} = \frac{\text{МУД номиналӣ}}{\text{Сатҳи умумии нархҳо}} \qquad (14.27)$$

Сатҳи умумии нархҳо – ин нишондиҳандаи агрегиронӣ, ки ҳамчун индекси нархҳо ҳисоб карда мешавад.

**МУД номиналии соли базавӣ ба МУД аслии соли базавӣ баробар аст**.

Сатҳи умумии нархҳо дар соли базавӣ ба як баробар аст (мувофиқан индекси нархҳо ба 100% баробар аст).

Дар формулаҳо бо индекси t соли ҷорӣ ифода карда шуда, бо индекси 0 бошад соли базавӣ ифода карда мешавад. Аз ҳамин лиҳоз $P^t$ – нархи ҳар як намуди моли ба сабати бозории соли ҷорӣ дохил шаванда ифода карда шуда, бо $P^0$ – нархи ҳама намуди молҳои ба сабати бозории соли базавӣ дохил шаванда ифода карда мешавад. Бо ишораи $q^1$ – миқдори ҳама намуди молҳои ба сабати бозории соли ҷорӣ дохил шаванда ва бо $q^0$ – миқдори ин молҳо дар соли базавӣ ифода карда мешаванд.

Агар тағйирёбии фоизии МУД номиналӣ ва аслӣ ва сатҳи умуми нархҳо (яъне таваррум) маълум бошанд, он гоҳ таносуби байни ин нишондиҳандаҳо чунин аст: **тағйирёбии МУД аслӣ бо фоиз айниятан ба тағйирёбии ҳаҷми МУД номиналӣ бо ифодаи фоиз тарҳи тағйирёбии сатҳи умуми нархҳо бо фоиз баробар аст, яъне:**

$$AY^R(\text{бо }\%) = AY^N(\text{бо}\%) - AP(\text{бо}\%) \qquad (14.30)$$

Масалан, агар МУД номиналӣ ба 7% зиёд шуда, суръати таваррум 4% ташкил кунад, он гоҳ МУД аслӣ ба 3% зиёд мешавад. Бояд дар назар дошт, ки ин формула танҳо дар ҳолати паст будани саръати тағйирёбиҳо – то 10% истифодашаванда буда, дар навбати аввал, ҳангоми тағйирёбиҳои наонқадар калони стаҳи умуми нархҳо, яъне таварруми паст истифодашаванда аст.

**Дефлятори МУД** дар асоси арзиши сабати бозори мол ва хизматҳои дар иқтисодиёт дар давоми сол истеҳсол шуда ҳисоб карда мешавад. Аз нуқтаи назари омор, дефлятори МУД ҳамчун индекси Пааше (IP) баромад мекунад.

Дефлятори МУД – ин нисбияти МУД номиналӣ ба МУД аслӣ, ки ба 100 зарб зада мешавад:

$$\textit{Дефлятори МУД} = \frac{\textit{МУД номиналӣ}}{\textit{МУД аслӣ}} \qquad (14.31)$$

Дефлятори МУД соли базавии ҳамчун индекси нархҳо ҳисоб шуда, ба 100% баробар буда, ҳамчун сатҳи нархҳо бошад ба як баробар аст.

Барои муайян намудани сатҳи умумии нархҳо ва суръати таваррум дефлятори МУД ва ИНИ истифода шуданаш мумкин аст, лекин ИНИ инчунин барои ҳисоб намудани суръати тағйирёбии арзиши ҳаёт ва сатҳи камбизоатӣ хизмат мекунад.

Суръати таваррум (π) ба нисбияти фарқи сатҳи нархҳои (масалан дефлятори МУД) соли ҷорӣ ва соли гузашта ба сатҳи нархҳои соли гузашта бо ифодаи фоиз баробар аст:

$$\boldsymbol{\pi} = \frac{\text{Дефлятори МУД}_t - \text{Дефлятори МУД}_{t-1}}{\text{Дефлятори МУД}_{t-1}} \times \mathbf{100\%} \qquad (14.32)$$

ки дар ин ҷо t – соли ҷорӣ, (t-1) – соли гузашта.

Суръати тағйирёбии арзиши зиндагии аҳолӣ (ИАҲ) ба монанди ҳамин ҳисоб карда шуда, лекин бо истифодабарии ИНИ амалӣ мегардад:

$$\textit{ИАҲ} = \frac{\textit{ИНИ}_t - \textit{ИНИ}_{t-1}}{\textit{ИНИ}_{t-1}} \times \mathbf{100\%} \qquad (14.33)$$

Вобаста аз баландшавӣ ва ё пастшавии сатҳи умумии нархҳо (одатан бо воситаи дефлятор муайян карда мешуда) барои давраи вақти аз базавӣ то соли ҷорӣ гузашта, МУД номиналӣ метавонад аз МУД аслӣ кам ва ё зиёд бошад. Агар дар ин давра сатҳи умумии нархҳо баланд шавад, яъне дефлятори МУД>1 шавад, он гоҳ МУД аслӣ аз номиналӣ хурд мешавад. Дар чунин ҳолат амалиёти дефлиронӣ (паст намудани сатҳи нархҳои соли ҷорӣ то сатҳи нархҳои соли базавӣ) гузаронида мешавад. Агар дар давраи аз соли базавӣ то соли ҷорӣ сатҳи нархҳо паст шавад, яъне дефлятори МУД<1 шавад, он гоҳ МУД аслӣ аз номиналӣ калон мешавад. Дар чунин ҳолат амалиёти инфлиронӣ (баланд намудани сатҳи нархҳои соли ҷорӣ то сатҳи нархҳои соли базавӣ) гузаронида мешавад.

Ҳамин тавр, инфлиронӣ ва дефлиронӣ – ин як амалиёт буда, имконият медиҳад, ки МУД аслӣ аз МУД номиналӣ бо воситаи тақсим намудани МУД номиналӣ ба дефлятор ҳосил карда шавад, ки метавонад аз як калон (дефлиронии нархҳои молҳои истеъмолӣ) ва ё як хурд (инфлиронӣ) бошад.

**Индексҳои нархҳои зарурӣ**. Аз намудҳои зиёди нархҳо дар макроиқтисод одатан индекси нархҳои истеъмолӣ (ИНИ) ва индекси нархҳои истеҳсолкунанда (ИНИс) истифода мешаванд.

Ҳам индекси нархҳои истеъмолӣ ва ҳам индекси нархҳои истеҳсолӣ аз нуқтаи назари омор ҳамчун индексҳои бо ҳаҷмҳои соли базавӣ, яъне ҳамчун индекси Ласпейрес (IL) ҳисоб карда мешаванд. Азбаски ҳисоб намудани ин ҳаҷмҳо ҷараёни дуру-дароз ва хароҷоти калонро талаб мекунад, бинобар ҳамин ин индексҳои ҳамасола нею, балки як маротиба барои панҷсола ҳисоб карда мешаванд.

Таъиноти асосии ИНИ ин баҳодиҳии динамикаи нархҳо ба молҳои истеъмолӣ мебошад. Асоси ҳисоб намудани ИНИ индексҳои инфиродии нархҳои чакана ба молҳои истеъмолӣ ва тарифҳо ба хизматҳои пулакии аҳолӣ хизмат мекунанд.

Низоми индекси нархҳои истеҳсолӣ, индекси нархҳоро ба маҳсулотҳои саноатӣ, кишоварзӣ, сохтмон ва ғайраҳо дар бар мегирад.

# МАВЗӮИ 15. МАҶМӮИ ТАЛАБОТ ВА МАҶМӮИ ПЕШНИҲОД

15.1. *Маҷмӯи талабот ва омилҳои он.*
15.2. *Маҷмӯи пешниҳод дар моделҳои классикӣ ва кейнсӣ.*
15.3. *Маҷмӯи пешниҳод дар давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат.*
15.4. *Шокҳои маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод.*

## 15.1. МАҶМӮИ ТАЛАБОТ ВА ОМИЛҲОИ ОН.

**Маҷмӯи талабот ва таркиби он**. Дар макроиқтисод мафҳумҳои асосӣ ин маҷмӯи талабот (AD – aggregate demand) ва маҷмӯи пешниҳод (AS – aggregate supply) мебошанд. Баҳамтаъсиррасонии байни онҳо бо воситаи модели AD – AS

муайян карда мешавад, ки модели асосии ибтидои барои таҳлили мувозинатии макроиқтисодӣ мебошад. Бо воситаи ин модел омӯзиши муаммоҳои ҳаҷми умумии истеҳсолот, таваррум, рушди иқтисод ва муайян намудани таъсири сиёсати иқтисодӣ ба ҳолати иқтисодиёти миллӣ имконпазир аст.

Маҷмӯи талабот (AD) ин ҷамъи талаботҳои ҳама агентҳои макроиқтисодӣ (хоҷагиҳои хонавода, фирмаҳо, давлат ва сектори хориҷӣ) ба мол ва хизматҳои ниҳоӣ мебошад.

Мувофиқан, таркиби маҷмӯи талабот аз инҳо иборат мебошад:

- талаботи хоҷагиҳои хонавода – талаботи истеъмолӣ (consumption demond – C);
- талаботи фирмаҳо – талаботи инвеститсионӣ (investment demond – I);
- талабот аз тарафи давлат – хариди давлатии мол ва хизматҳо (government spending – G);
- талаботи сектори хориҷӣ – содироти соф (demond for net export – Xn).

Вобаста аз ин гуфтаҳо, формулаи маҷмӯи талабот чунин намуд дорад:

$$AD = C + I + G + Xn \qquad (15.1)$$

Формулаи қайд шуда ба формулаи ҳисоб намудани МУД аз рӯи хароҷот монанд аст. Фарқият дар он аст, ки формулаи МУД ҷамъи хароҷотҳои аслии агентҳои макроиқтисодиро ифода мекунад, ки онҳо дар давоми сол амали гардонидаанд, формулаи маҷмӯи талабот бошад хароҷотҳои пешбинишудаи агентҳои макроиқтисодиро ифода мекунад.

**Омилҳое, ки ба маҷмӯи талабот таъсир мерасонанд**. Андозаи маҷмӯи талабот (AD) ҳаҷми МУД аслиро, яъне миқдори мол ва хизматҳоро ифода мекунад, ки ба онҳо аз тарафи ҳама агентҳои макроиқтисодӣ дар ҳамагуна сатҳҳои имконпазири нархҳо талабот баён карда мешавад. Бо ибораи дигар маҷмӯи талабот ҷамъи хароҷотҳоро ба мол ва хизматҳои ниҳоӣ ифода мекунад, ки дар мамлакат истеҳсол карда шудаанд. Чӣ қадаре, ки сатҳи умуми нархҳо баланд бошад, ҳамон қадар андозаи маҷмӯи талабот (AD) кам мешавад, яъне хароҷотҳои пешбинишудаи агентҳои макроиқтисодӣ барои хариди мол ва хизматҳои ниҳоӣ камтар мешавад.

Мувофиқан, вобастагии маҷмӯи талабот (AD) аз сатҳи умумии нархҳо баръакс буда, ба таври графикӣ метавонад дар намуди каҷхаттаи хамшавии манфӣ дошта ифода ёбад.

Бояд дар назар дошт, ки каҷхаттаи маҷмӯи талабот (AD) таносуби бузургиҳои маҷмӯавиро ифода мекунад. Масалан, баландшавии сатҳи умумии нархҳо (дефлятори МУД) баландшавии нархи ҳама молҳоро дар иқтисодиёт дар назар надошта, метавонад дар шароите, ки нархи як қатор молҳо паст шуда, нархи баъзе молҳо бошад баланд шудан ва ё бетағйир мондани нархи дигар молҳо ба миён ояд.

Бинобар ҳамин хамшавии баръакси каҷхаттаи маҷмӯи талабот (AD) наметавонад бо воситаи самараҳои маънидодкунандаи хамшавии манфии каҷхаттаҳои талаботи инфиродӣ ва ё бозорӣ, яъне бо самараҳои ивазшавӣ ва самараи даромад фаҳмонида шавад. Масалан, ивазшавии молҳои нисбатан қиматбаҳо бо молҳои нисбатан арзон ба андозаи маҷмӯи талабот (AD) таъсир расонида наметавонад, чунки маҷмӯи талабот, талаботро ба ҳама мол ва хизматҳои ниҳоии дар иқтисодиёт истеҳсолшуда, яъне ба ҳаҷми МУД аслӣ ифода карда, камшавии ҳаҷми талабот ба як мол бо воситаи зиёдшавии ҳаҷми талаботи моли дигар рӯйпӯш карда мешавад.

**Омилҳои нархии маҷмӯи талабот**. Хамшавии баръакси каҷхаттаи маҷмӯи талабот бо чунин сабабҳои маънидод карда мешавад.

**Якум, амал намудани самараи боигарии аслӣ ва ё самараи захираҳои аслии пулӣ – самараи Пигу**. Айнан Пигу ба илми иқтисодӣ мафҳуми «захираҳои аслии пулиро» ворид намудааст. Боигарии аслӣ ва ё захираҳои аслии пулӣ гуфта, нисбияти боигарии номиналии молиявии шахсро (M) дар назар доранд, ки дар шакли пулӣ ба сатҳи умумии нархҳо (P) ифода меёбад:

$$\text{Захираҳои аслии пулӣ} = \frac{M}{P} \qquad (15.2)$$

Захираи аслии пулӣ қобилияти боигарии номиналии ғуншудаи шахсро ифода мекунад, ки он пулҳои нақд ва қоғазҳои қиматнокро дар бар мегирад.

**Самараи Пигу** дар инҳо зоҳир мегардад: агар сатҳи нархҳо (P) баланд шавад, он гоҳ қобилияти харидории

боигарии номиналӣ (M), яъне андозаи захираҳои аслии пулӣ (M/P) паст мешавад. Ин ҳолат маъни онро дорад, ки ба ҳамон маблағи захираҳои пулӣ миқдори ками мол ва хизматҳоро нисбат ба пештара харидорӣ кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат одамон худро нисбатан камбизоат ҳис карда, хароҷотҳои истеъмолиро (C) кам мекунанд, азбаски талаботи истеъмолӣ қисми маҷмӯи талабот мебошад, он гоҳ андозаи маҷмӯи талабот кам мешавад. Самараи Пигуро бо воситаи занҷири мантиқи тасвир кардан мумкин аст:

$$\mathbf{P}\uparrow \quad \mathbf{M/P}\downarrow \quad \mathbf{C}\downarrow \quad \mathbf{AD}\downarrow \qquad (15.3)$$

**Дуюм, амал намудани самараи мизони фоиз, ва ё самараи Кейнс**. Маънои ин самара чунин аст: агар сатҳи нархҳо (P) баланд шавад, он гоҳ талаботи номиналӣ ба пулҳо ($M_D$) зиёд мешавад, чунки ба одамон барои хариди молҳои қиматгашта пулҳои зиёдтар лозим мешавад. Одамон аз ҳисобҳои бонкии худ пулҳои худро мегиранд, дар натиҷа ҳангоми тағйир наёфтани пешниҳоди пулҳо имкониятҳои бонкҳо барои қарздиҳӣ кам шуда, захираҳои қарзӣ қиматтар мешаванд, нархи пулҳо (нархи қарзҳо), яъне мизони фоиз (R) баланд мешавад. Қиматшавии қарзҳое, ки пеш аз ҳама фирмаҳо барои хариди молҳои инвеститсионӣ мегиранд ба камшавии ҳаҷми талаботи инвеститсионӣ (I) оварда мерасонад, ки қисми маҷмӯи талабот буда, ҳамзамон маҷмӯи талабот низ кам мешавад. Самараи Кейнсро дар намуди занҷири мантиқи ифода кардан мумкин аст:

$$\mathbf{P}\uparrow \quad \mathbf{M_D}\uparrow \quad \mathbf{R}\uparrow \quad \mathbf{I}\downarrow \quad \mathbf{AD}\downarrow \qquad (15.4)$$

Ба ғайр аз ин баландшавии мизони фоиз хароҷотҳои истеъмолиро низ кам мекунад, зеро қарзҳоро на танҳо фирмаҳо, балки хоҷагиҳои хонавода низ (қарзҳои истеъмолӣ) махсусан барои хариди молҳои истифодаашон дарозмуддат мегиранд. Аз ҳамин сабаб баландшавии мизони фоизи қарзӣ ба камшавии талаботи истеъмолӣ оварда мерасонад.

Сеюм, амал намудани самараи харидҳои воридотӣ ва самараи содироти соф – самараи Манделла – Флеминг. Маънои ин самара дар он аст, ки агар сатҳи нархҳо (P) дар мамлакат баланд шаванд, он гоҳ молҳои ин мамлакат барои шаҳрвандони хориҷӣ қиматтар мешаванд ва бинобар ҳамин содирот кам мешавад. Молҳои воридотӣ бошанд нисбатан барои

шаҳрвандони мамлакати додашуда арзонтар мешаванд ва бинобар ҳамин воридот зиёд мешавад. Дар натиҷа содироти соф (Xn) кам мешавад. Азбаски содироти соф қисми маҷмӯи талабот мебошад, бинобар ҳамин ҳаҷми маҷмӯи талабот кам мешавад. Самараи Манделла – Флеминг дар намуди занҷири мантиқӣ ифода шуданаш мумкин аст:

$$\mathbf{P}\uparrow \quad \mathbf{Ex}\downarrow \quad \mathbf{Im}\uparrow \quad \mathbf{Xn}\downarrow \quad \mathbf{AD}\downarrow \qquad (15.5)$$

Ҳамин тавр, вобастагии байни сатҳи нархҳо ва андозаи маҷмӯи талабот баръакс буда, мувофиқан каҷхаттаи маҷмӯи талабот хамшавии баръакс дорад.

Се самараи мушоҳида шуда таъсири омилҳои нархиро (тағйирёбии сатҳи умумии нархҳоро) дар ҳолати тағйир наёфтани омилҳои ғайринархӣ ба маҷмӯи талабот нишон дода, ҳаракатро дар каҷхаттаи талабот (AD) ба миён меоранд.

**Омилҳои ғайринархии маҷмӯи талабот**. Ба маҷмӯи талабот (AD) омилҳои ғайринархӣ низ таъсир мерасонанд. Лекин омилҳои ғайринархӣ ба андозаи маҷмӯи талабот таъсир нарасонида, балки ба худи маҷмӯи талабот таъсир мерасонанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки андозаи маҷмӯи талабот дар ҳар як сатҳи нархҳо тағйир ёфта, ҳаракати худи каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба миён меояд. Агар зери таъсири омилҳои ғайринархӣ маҷмӯи талабот афзоиш ёбад, он гоҳ маҷмӯи талабот ба тарафи рост ва агар кам шавад ба тарафи чап ҳаракат мекунад.

Ба омилҳои ғайринархии маҷмӯи талабот (AD) омилҳое, ки ба ҳар як таркиби хароҷотҳои умумӣ таъсир мерасонад, дохил мешаванд. Онҳо дида мебароем:

Омилҳое, ки ба хароҷотҳои умумии истеъмолӣ таъсир мерасонанд:

***1. Сатҳи некуаҳволӣ ва ё ҳаҷми боигарӣ (Ω)***. Чи қадаре, ки сатҳи некуаҳволӣ баланд бошад, яъне ҳаҷми боигари баланд бошад (тағйирёбии он дар ҳолати додашуда бо тағйирёбии нарх вобастагӣ надорад), ҳамон қадар хароҷотҳои истеъмолӣ ва мувофиқан маҷмӯи талабот зиёд шуда, каҷхаттаи AD ба тарафи рост ҳаракат мекунад. Дар акси ҳол ин каҷхаттаи ба тарафи чап ҳаракат мекунад. Таъсири тағйирёбии сатҳи некуаҳволиро ҳамчун омили ғайринархӣ, ки каҷхаттаи маҷмӯи талаботро (AD) ба миён меорад, бояд аз самараи боигарии аслӣ фарқ

намуд, ки он омили нархӣ ба ҳисоб рафта ҳаракат дар каҷхаттаи маҷмӯи талаботро ба миён меорад.

2. ***Сатҳи даромади ҷорӣ (yield, income – Y)***. Афзоиши сатҳи даромад ба зиёдшавии истеъмолот оварда мерасонад ва бинобар ҳамин ба зиёдшавии маҷмӯи талабот сабаб мешавад (ҳаракати каҷхаттаи AD ба тарафи рост).

3. ***Пешбиниҳои истеъмолкунандагон, ки инҳоро дар бар мегирад:***

***3.1. пешбинии тағйирёбии даромад дар оянда (expected income - $Y^e$)*** – агар шахс афзоишёбии даромадро дар оянда пешбинӣ карда бошад, он гоҳ ӯ истеъмолотро дар лаҳзаи додашудаи вақт зиёд мекунад, ки ба афзоиши маҷмӯи талабот (AD) оварда мерсонад (ҳаракати каҷхаттаи AD ба тарафи рост);

***3.2. пешбнии тағйирёбии сатҳи нархҳо (expected inflation - $\pi^e$)*** – агар одамон баландшавии сатҳи нархҳоро пешбинӣ кунанд, он гоҳ онҳо талаботи худро ба мол ва хизматҳо зиёд мекунад, то ки мол ва хизматҳоро бо нархҳои нисбатан пастар дар ҳолати додашуда дастрас кунанд (дар ин ҳолат психологияи таваррумӣ амал мекунад), ки ба афзоиши маҷмӯи талабот AD сабаб шуда, каҷхаттаи AD – ро ба тарафи рост ҳаракат медиҳад;

***3.3. андозҳо (taxes - Tx).*** Афзоиши андозҳо ба камшавии даромади ихтиёрӣ (Yd) оварда мерасонад, ки қисми он ба истеъмолот равона карда мешавад. Мувофиқан, ин ҳолат ба камшавии маҷмӯи талабот ва ҳаракати каҷхаттаи AD ба тарафи чап оварда мерасонад;

***3.4. трансфертҳо (transfert – Tr).*** Афзоиши трансфертҳо дар ҳолати тағйир наёфтани андозҳо зиёдшавии даромади шахсӣ ва ихтиёриро ба миён меорад, бинобар ҳамин хароҷотҳои истеъмолӣ афзоиш ёфта, маҷмӯи талабот AD зиёд мешавад, ки ҳаракати каҷхаттаи AD – ба тарафи рост ба миён меорад;

***3.5. сатҳи қарздории хоҷагиҳои хонавода (debt - D).*** Чи қадаре, ки дараҷаи қарздорӣ баланд бошад, ҳамон қадар ҳиссаи калони даромадро хоҷагиҳои хонавода маҷбранд барои пардохти қарзҳо дар оянда сарф намоянд, ки ба камшавии истеъмолот ва мувофиқан маҷмӯи талабот AD ва ҳаракати каҷхаттаи AD ба тарафи чап ба миён меояд;

***3.6. мизони фоиз барои қарзҳои истеъмолӣ (interest rate - R).*** Чи қадаре, ки мизони фоиз барои қарзҳои истеъмолие, ки хоҷагиҳои хонавода барои хариди молҳои истифодаашон дарозмуддат дастрас мекунанд, баланд бошад (дар ин ҳолат тағйирёбии мизони фоиз аз сабаби сатҳи нархҳо ба вуҷуд омаданаш ба эътибор гирифта намешавад), ҳамон қадар хароҷотҳои истеъмолӣ кам мешаванд (ҳаракати каҷхаттаи AD ба тарафи чап).

***Функсияи истеъмолот чунин намуд дорад:***

$$C = C\underset{+}{(\Omega}, \underset{+}{Y}, \underset{+}{Y^e}, \underset{+}{\pi^e}, \underset{-}{Tx}, \underset{+}{Tr}, \underset{+}{D}, \underset{-}{R)} \qquad (15.6)$$

ки дар ин ҷо ишораҳои «+» ва «-» вобастагии рост ва ё баръакси хароҷотҳои истеъмолиро аз ҳар як омил нишон медиҳад.

**Омилҳое, ки ба маҷмӯи хароҷотҳои инвеститсионӣ таъсир мерасонанд:**

***1. Пешбинии инвесторон (фирмаҳо), ки пеш аз ҳама бо меъёри дохилии боздеҳ аз инвеститсияҳо (internal rate of return – IRR), яъне меъёри фоидаи пешбинишуда алоқамандананд***. Агар инвесторон меъёри баланди бoздеҳ аз инвеститсияҳоро пешбинӣ кунанд, он гоҳ онҳо лоиҳаҳои инвеститсиониро молиягузорӣ мекунанд. Талаботи инвеститсионӣ зиёд мешавад ва каҷхаттаи маҷмӯи талаботи (AD) ба тарафи рост ҳаракат мекунад. Агар инвесторон нисбат ба даромадҳоиояндаи худ боварӣ надошта бошанд, он гоҳ хароҷотҳои инвеститсионӣ кам мешаванд ва каҷхаттати AD ба тарафи чап ҳаракат мекунад.

***2. Мизони фоиз (interest rate - R)*** – чи қадаре, ки мизони фоиз баланд бошад, ҳамон қадар захираҳои қарзӣ қимат шуда, қарзгирии инвесторон кам шуда, хароҷотҳои инвеститсионӣ низ кам мешавад. Дар натиҷаи каҷхаттаи AD ба тарафи чап ҳаракат мекунад ва баръакс.

Таъсири мизони фоиз ҳамчун омили ғайринархии маҷмӯи талабот, ки каҷхаттаи маҷмӯи талаботро ҳаракат медиҳад, бояд аз самараи мизони фоиз фарқ карда, ки он омили нархӣ буда, ҳаракатро дар каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба миён меорад. Дар ҳолати якум сабаби тағйирёбии мизони фоиз таъсири ҳама омилҳои ба ғайр аз сатҳи нархҳо мебошад (масалан, тағйирёбии пешниҳоди пулҳо ва ё талабот ба пулҳо, ки зери таъсири сатҳи нархҳо ба миён намеояд). Дар ҳолати

дуюм сабаби тағйирёбии мизони фоиз ин тағйирёбии талабот ба пулҳо танҳо дар натиҷаи тағйирёбии сатҳи умумии нархҳо (омили нархӣ) мебошад.

3. ***Ҳаҷми даромад (yield – Y)*** – азбаски қисми даромади худро фирмаҳо барои хариди молҳои инвеститсионӣ бо мақсади васеъкунии истеҳсолот истифода мебаранд, бинобар ҳамин чи қадаре, ки сатҳи даромади фирмаҳо баланд бошад, ҳамон қадар хароҷотҳои инвеститсионии умуми зиёд мешаванд. Инвеститсияҳое, ки аз ҳаҷми даромад вобастаанд, инвеститсияҳои индутсиронӣ (inuduced investment) номида мешаванд.

4. ***Андозҳо (taxes - N)*** – афзоиши андозҳо даромадҳои (фоидаи) инвесторонро кам мекунад, ки сарчашмаи дохилии молиягузории инвеститсияҳои соф мебошанд. Мувофиқан, хароҷотҳои инвеститсионӣ кам шуда, каҷхаттаи маҷмӯи талаботро AD ба тарафи чап ҳракат мекунонад.

5. ***Трансфертҳо ба фирмаҳо (transfers - Tr)*** – онҳо дар намуди субсидияҳо ва қарзи имтиёзноки андозӣ баромад карда, талаботи инвеститсиониро ҳавасманд мекунанд.

6. ***Технологияҳо (technological progress - τ)*** – пайдо шудани технологияҳои ҳосилнокиашон баландтар, камшавии хароҷотҳоро барои воҳиди маҳсулот ва самара аз ҳаҷмро ба миён оварда, фоидаи фирмаҳоро зиёд мекунанд ва ба афзоиши хароҷотҳои инвеститсионӣ мусоидат менамоянд. Дар натиҷа каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба тарафи рост ҳаракат мекунад.

7. ***Иқтидорҳои истеҳсолии барзиёд (Kexcess)*** – ҳаҷми онҳо талаботи инвеститсионии фирмаҳоро кам мекунад, зеро афзоиши захираи капитал дар шароитҳои ноистифодабарии миқдори таҷҳизотҳои мавҷудбудаи фирма ғайрисамаранок аст.

8. ***Ҳаҷми захираи капитали фирмаҳо (Ko)*** – агар фирмаҳо захираҳои оптималии капиталро дошта бошанд, ки дар сатҳи он фоидаи онҳо ҳадди аксар аст, он гоҳ онҳо инвеститсия намекунанд. Чи қадаре, ки захираҳои капитали фирма нисбат ба миқдори оптималӣ зиёд бошад ҳамон қадар хароҷотҳои инвеститсионии онҳо кам шуда, каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба тарафи чап ҳаракат мекунад.

***Функсияи инвеститсияҳо чунин намуд дорад:***

$$I=I\ (IRR,\ R,\ Y,\ Tx,\ \tau,\ Tr,\ K_{excess},\ Ko) \qquad (15.7)$$

\+ - + - - + - -

**Омилҳое, ки ба хариди давлатии мол ва хизматҳо таъсир мерасонанд**. Ҳаҷми хариди давлатии мол ва хизматҳо (G) одатан тағйирёбандаи экзогенӣ, нишондоди идоракунӣ буда, аз тарафи органҳои иқтисодии давлатӣ (аз тарафи Парламент ва ғайраҳо) ҳангоми коркарди буҷети давлатӣ барои соли молиявии оянда муайян карда мешавад.

Афзоиши хариди давлатӣ маҷмӯи талаботро (AD) зиёд карда, ҳаракати каҷхаттаи AD –ро ба тарафи рост ба миён оварда, камшавии он бошад маҷмӯи талабот кам карда, каҷхаттаи онро ба тарафи чап ҳаракат мекунонанд. Тағйирёбии ҳаҷми хариди давлатӣ фишанги зарурии мӯътадилгардонии иқтисодиёт (фишанги сиёсати фискалӣ) баромад мекунад, ки барои таъсиррасонӣ ба маҷмӯи талабот бо мақсади нигоҳдории шуғл ва сатҳи мӯътадили нархҳо истифода мешавад.

**Омилҳое, ки ба содироти соф Xn таъсир мерасонанд:**

1. ***Ҳаҷми маҳсулоти умумии дохилӣ ва даромади миллӣ дар дигар мамлакатҳо (Yf).*** Афзоиши МУД ва ДМ дар сектори хориҷӣ ба афзоиши талабот ба мол ва хизматҳои мамлакати мазкур ва мувофиқан ба зиёдшавии содироти он ва дар натиҷа ба зиёдшавии содироти соф оварда мерасонад, ки дар натиҷа маҷмӯи талаботро зиёд мекунад. Каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба тарафи рост ҳаракат мекунад.
2. ***Ҳаҷми МУД ва ДМ дар мамлакати мазкур (Y).*** Агар МУД ва ДМ дар мамлакат зиёд шавад, он гоҳ агентҳои иқтисодии он талаботи худро ба мол ва хизматҳои дигар мамлакатҳо (сектори хориҷӣ) зиёд мекунанд, ки ба афзоиши воридот, камшавии содироти соф ва мувофиқан ба камшавии маҷмӯи талаботи мамлакати мазкур оварда мерасонад. Каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба тарафи чап ҳаракат мекунад.
3. ***Қурби асъори воҳиди пули миллӣ (excheng rate – e)***. Қурби асъор – ин нархи воҳиди пули миллӣ, ки бо миқдори муайяни воҳиди пули мамлакати дигар ифода ёфтааст, яъне ин миқдори асъори хориҷӣ, ки онро бар ивази як воҳиди пули

мамлакати мазкур дастрас кардан мумкин аст (масалан 1 фунт стерлин = 2 доллар)[3].

Баландшавии қурби асъор (дар мисоли мо 1 фунт стерлинг = 3 доллар) маънои онро дорад, ки америкоиҳои барои иваз намудани асъори худ анаакнун бояд бисёртар долларо барои миқдори додашудаи фунт стерлинг иваз намояд, то ки ҳамон миқдори молҳои англисиро харидорӣ намоянд. Дар натиҷа молҳои англисӣ барои харидорони ИМА нисбатан қиматтар шуда, содироти Англия кам мешавад. Бо баробари ин молҳои америкоӣ барои шаҳрвандони Англия нисбатан арзонтар мешаванд. Воридоти Англия афзоиш ёфта, содироти софи онҳо кам мешавад, ки дар натиҷа ба камшавии маҷмӯи талабот оварда мерасонад. Ҳамин тавр, чӣ қадаре, ки қурби асъори миллӣ баланд шавад, ҳамон қадар содироти соф ва маҷмӯи талабот кам мешавад.

Тағйирёбии содироти соф дар натиҷаи тағйирёбии қурби асъор ҳамчун омили ғайринархии тағйирёбии маҷмӯи талабот, ки каҷхаттаи маҷмӯи талаботро ҳаракат медиҳад, бояд аз самараи харидҳои воридотӣ фарқ карда шавад, ки ҳангоми он тағйирёбии содироти соф дар натиҷаи амал намудани омили нархӣ (яъне тағйирёбии сатҳи нархҳо) ба миён меояд, ки ҳаракат дар каҷхаттаи маҷмӯи талаботро ба миён меорад.

$$Xn = Xn\ (\overset{+}{Yf},\ \overset{-}{Y},\ \overset{-}{e}) \qquad (15.8)$$

Омили ғайринархие, ки ба маҷмӯи талабот таъсир расонида, ба ҳаракати каҷхаттаи маҷмӯи талабот мусоидат менамояд, омилҳои пулӣ низ дохил мешаванд. Каҷхаттаи маҷмӯи талабот аз баробарии назарияи миқдории пулҳо (ё ин ки баробари мубодила) ҳосил шуданаш мумкин аст:

$$MV = PY \qquad (15.9)$$

ки дар ин ҷо: M – миқдори пулҳои дар муомилот буда; V – суръати гардиши пулҳо (нишондиҳандае, ки миқдори гардиши

[3] *Эзоҳ: Ин муайянкунии қурби асъор ба муайянкунии мустақим мувофиқ буда, масалан дар Англия истифода мешавад. Дар аксарияти мамлакатҳои Аврупо ва ИДМ муайякунии баръакси асъорҳо истифода мешавад, ки ҳангоми он қурби асъор бо худ нархи воҳиди асъори хориҷиро ифода мекунад, ки бо миқдори муайяни воҳиди асъори миллӣ ифода карда мешавад (масалан, 1 доллар = 4 сомониву 45 дирам, барои Россия 1 доллар = 30 рубл.).*

воҳиди пулиро дар як сол ва ё миқдори муомилаҳое, ки ба ҳисоби миён як воҳиди пулӣ дар як сол таъмин менамояд, ифода мекунад); P – сатҳи нархҳо дар иқтисодиёт; Y – МУД –и аслӣ.

Аз баробарии назарияи миқдории пулҳо дар ҳолати дода шудани андозаҳои M ва V (яъне фарз мекунем) вобастагии чапи байни МУД ва сатҳи нархҳоро ҳосил мекунем:

$$Y = \frac{MV}{P} \tag{15.10}$$

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки омили нархӣ (тағйирёбии сатҳи нархҳо) ба андозаи маҷмӯи талабот таъсир расонида, ҳаракатро дар каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба миён меорад.

Инчуин аз ин баробари дуо мили ғайринархии маҷмӯи талаботро ҳосил мекунем, ки дар ҳар як сатҳи нархҳо каҷхаттаи маҷмӯи талаботро ҳаракат медиҳад:

**1. *Миқдори пулҳои дар муомилот буда (пешниҳоди пулҳо)*.** Афзоиши пешниҳоди пулҳо дар иқтисодиёт мизони фоизро (нархи пулҳоро) паст карда, ҳамзамон қарзҳои нисбатан арзонтар мекунад, ки хароҷотҳои истеъмолӣ ва инвестиционӣро зиёд мекунад. Дар натиҷаи чунин чорабинӣ маҷмӯи талабот зиёд мешавад. Ва баръакс, камшавии пешниҳоди пулҳо маҷмӯи талаботро кам карда, каҷхаттаи онро ба тарафи чап ҳаракат мекунонанд. Танзимкунии миқдори пулҳо аз тарафи бонки марказии мамлакат (дар ҶТ Бонки Миллии Тоҷикистон) амалӣ мегардонад, ки дар асоси сиёсати монетарӣ хобида, бо воситаи таъсиррасонӣ ба маҷмӯи талабот мӯътадилгардонии иқтисодиёт амалӣ гардонида мешавад.

**2. *Суръати гардиши пулҳо*.** Агар суръати гардиши пулҳо зиёд шавад, он гоҳ маҷмӯи талабот афзоиш меёбад. Ин ҳолат бо он маънидод карда мешавад, ки агар ҳар як воҳиди пулӣ ҳангоми доимӣ будани миқдори он бисёртар гардиш карда, муомилаҳои зиёдеро таъмин намояд, он гоҳ ин ҳолат ба афзоиши ҳаҷми пулҳо эквивалент буда, ба афзоиши маҷмӯи талабот сабаб мешавад.

## 15.2. МАҶМӮИ ПЕШНИҲОД ДАР МОДЕЛҲОИ КЛАССИКӢ ВА КЕЙНСӢ.

**Маҷмӯи пешниҳод (AS)** – ин арзиши ҳамаи мол ва хизматҳои ниҳоӣ, ки дар бозор барои фурӯш ҳама истеҳсолкунандагон (фирмаҳои хусусӣ ва корхонаҳои давлатӣ) пешкаш мекунанд. Ҳаҷми маҷмӯи пешниҳод бо худ ҳаҷми бароришро ифода мекунад, ки ҳама истеҳсолкунандагон тайёранд (пешбинӣ мекунанд) истеҳсол карда, барои фурӯш дар бозор ҳангоми сатҳҳои назарраси нархҳо пешкаш кунанд. Бинобар ҳамин графики маҷмӯи пешниҳодро тасвир кардан мумкин аст, ки вобастагии андозаи маҷмӯи пешниҳодро аз сатҳи нархҳо нишон медиҳад.

Нисбат ба графики маҷмӯи талабот (AD), ки вобастагии баръакси байни ҳаҷми маҷмӯи талабот ва сатҳи нархҳоро нишон дода, ҳамавақт хамшавии баръакс дорад, таносуби байни маҷмӯи пешниҳод (AS) ва сатҳи нархҳо аз давраи вақт вобаста буда, бо суръати мутобиқшавии ҳама нархҳо ба тағйирёбии вазъияти бозор (таносуби талабот ва пешниҳод дар бозор), яъне суръати мӯътадилгардонии бозорҳо вобаста аст. Бинобар ҳамин графики маҷмӯи пешниҳод (AS) дар давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат намуди гуногун дорад. Нишондоди ҷудо намудани давраҳо ба кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат (нисбат ба микроиқтисод, ки дар он чунин нишондод тағйирёбии миқдори захираҳо баромад мекунад), тағйирёбии нархи захираҳо мебошад.

Мувофиқи маънидодкунии масъалаҳо оид ба дараҷаи тағйирёбии нархҳо ва оид ба қобилияти бозор ба барқарор намудани мувозинатӣ (худмувозинатшавӣ), дар макроиқтисод доир ба таҳлили ҷараёнҳои макроиқтисодӣ ду муносибат, ду модели макроиқтисодӣ мавҷуд аст: классикӣ ва кейнсӣ, ки аз ҳамдигар бо заминаҳо, мавқеъҳо, хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ фарқ мекунанд.

**Модели макроиқтисодии классикӣ**. Асосҳои модели классикӣ дар асри XVIII гузошта шуда буданд. Ҷиҳатҳои ин назарияро чунин иқтисодчиён ба монанди А. Смит, Д. Рикардо, Ж-Б. Сей, Дж–С.Мил, А.Маршалл, А. Пигу ва дигарон инкишоф дода буданд.

**Ғояҳои асосии модели классикӣ**:

1. **Иқтисодиёт ба ду сектори мустақил ҷудо мешавад: аслӣ ва пулӣ**. Чунин ҷудо намудани иқтисодиёт принсипи **дихотомияи** классик – низоми амал намудани бозорҳои паралелӣ номида мешавад: якум – **бозори аслӣ**, дуюм – **бозори пулӣ**, ки нисбати якдигар бетараф ҳастанд. Тағйирёбӣ дар сектори пулӣ ба ҳолати сектори аслии иқтисодиёт таъсир нарасонида, балки танҳо ба дигаргуншавии нишондиҳандаҳои номиналӣ аз аслӣ сабаб мешаванд, ки дар макроиқтисод номи «принсипи бетарафии пулҳо»-ро гирифтааст. Бетарафии пулҳо дар назар дорад, ки тағйирёбии пешниҳоди пулҳо ба нишондиҳандаҳои аслӣ (ҳаҷми аслии бароришъ, даромадҳои аслӣ) таъсир намерасонад. Бинобар ҳамин дар модели классикӣ бозори пулӣ мавҷуд набуда, сектори аслӣ аз бозорҳо иборат мебошад: бозори меҳнат, бозори капитал (воситаҳои қарзӣ) ва бозори молӣ.

2. **Дар ҳама бозорҳои сектори аслии иқтисодиёт рақобати мукаммал амал мекунад,** ки ба ҳолати иқтисодии охири асри XVIII ва асри XIX мувофиқат мекард. Аз ҳамин сабаб агентҳои иқтисодӣ нархгиранда буда, ба ҳолати бозорӣ таъсир расонида наметавонанд ва ба он сатҳи нархҳо таъинот мекунанд, ки дар бозор пойдор гаштааст.

3. **Ҳама нархҳо (нишондиҳандаҳои номиналӣ) дар шароитҳои рақобати мукаммал тағйирёбандаанд.** Нархҳо вобаста ба тағйирёбии таносуби талабот ва пешниҳод (вазъияти бозорӣ) мутобиқ шуда, ба таври автоматӣ мувозинатии вайроншудаpo дар ҳама бозорҳо ва иқтисодиёт умуман барқарор мекунанд. Ин ҳолат ба нархи меҳнат – мизони номиналии музди меҳнат ва нархи капитал (воситаҳои карзӣ) – мизони фоиз ва ба нархи мол таалуқ доранд. Дар иқтисодиёт принсипи аз тарафи А. Смит аён гардидаи «дасти ноаён», принсипи худтанзимшавии бозор амал мекунад.

4. **Таъмини автоматии мувозинатӣ бо механизми бозорӣ (механизми тағйирёбии нархҳо)** дар назар дорад, ки қувваи беруна, агенти беруна на бояд ба ҷараёни танзимкунӣ ва фаъолияти иқтисодиёт дахолат кунад. Ҳамин тавр принсипи дахолатнопазирии давлат дар идора кардани иқтисодиёт асоснок карда мешуд, ки номи **«laissez faire»** гирифтааст.

**5. Муаммои асосии иқтисодиёт – маҳдудияти захираҳо.** Аз ин ҷо хулосае бар меояд, ки онҳо бояд пурра истифода шаванд. Бинобар ҳамин ҳаҷми барориш ҳамавақт дар сатҳи имконпазир ва ё муқаррари худ қарор дорад, ки ба ҳаҷми барориши шуғли пурраи захираҳои иқтисодӣ мувофиқат мекунад. Шуғли пурраи захираҳо истифодабарии 100%-и онҳоро дар назар надошта, балки ба истифодабарии нисбатан самаранок ва оқилонаи онҳо мувофиқат мекунад. масалан, шуғли пурраи захираҳои меҳнатӣ дар назар дорад, ки ҳама шахсони дар сатҳи музди меҳнати додашуда хоҳиши кор кардан дошта, бок ор таъмин хоҳанд шуд, лекин шуғли пурра бекории хоҳишмандиро инъикор намекунад. Чи хеле ки аз микроиқтисод маълум аст, ба тақсимот ва истифодаи нисбатан самараноки захираҳо, аз сохторҳои бозорӣ айнан низоми рақобати мукаммал мувофиқат мекунад.

**6. Маҳдудияти захираҳо муаммои истеҳсолотро, яъне маҷмӯи пешниҳодро ба мадди аввал мегузорад**. Бинобар ҳамин модели классикӣ – ин моделе, ки иқтисодиётро аз тарафи маҷмӯи пешниҳод меомӯзад. Маҷмӯи талабот, ба ақидаи намояндагони мактаби классикӣ, ҳамавақт ба маҷмӯи пешниҳод мувофиқат мекунад. Дар иқтисодиёт «**қонуни Сей**» амал мекунад, ки мувофиқи он тасдиқ карда мешавад, ки «пешниҳод талаботи зарурирo тавлид мекунад», зеро ҳар як агенти иқтисодӣ ҳамзамон ба сифати фурӯшанда ва харидор баромад карда, хароҷотҳои он ҳамавақт ба даромадҳои ӯ баробар аст. Мисол, коргар аз як тараф фурӯшандаи захираи иқтисодӣ (меҳнат) баромад карда, аз тарафи дигар харидори мол ва хизматҳо баромад мекунад, ки ба даромади аз фурӯши меҳнат дастрас кардааш харидорӣ мекунад. Маблағе, ки коргар дар намуди музди меҳнат ба даст меорад ба арзиши маҳсулоти истеҳсол кардаи ӯ баробар аст. Фирма низ ҳамзамон фурӯшанда (мол ва хизматҳо) ва харидор (захираҳои иқтисодӣ) баромад мекунад. Даромаде, ки аз фурӯши маҳсулоти худ ба даст меорад (даромад аз фурӯш), фирма барои хариди омилҳои истеҳсолот (пардохти даромадҳои омилӣ ба соҳибони захираҳои иқтисодӣ) сарф мекунад. Бинобар ҳамин бо маҷмӯи талабот ягон мушкилоте шуда наметавонад, зеро агентҳо ба пуррагӣ даромадҳои худро ба хароҷотҳо табдил мекунанд.

**7. Муаммои маҳдудияти захираҳо (афзоиши миқдор ва беҳтар намудани сифат) суст ҳал карда мешавад**. Пешравии технологӣ ва афзоиши имкониятҳои истеҳсолӣ – ин ҷараёни дурру дароз аст. Мӯътадилгардонии тарафайнии бозор ва мутобиқшавии нархҳо ба тағйирёбии таносубҳои байни талабот ва пешниҳод дар давраи дарозмуддати вақт ба миён меояд. Бинобар ҳамин модели классикӣ рафтори иқтисодиётро дар давраи дарозмуддат (**модели «long-run»**) таҳлил мекунад.

Азбаски дар иқтисодиёт бо шарофати нархҳои тағйирёбанда ҳама вақт шуғли пурраи захираҳо мавҷуд буда, ҳаҷми истеҳсолот дар сатҳи ҳаҷми имконпазир (Y*) қарор дорад, аз ҳамин сабаб каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод шакли амудӣ (вертикалӣ) дошта, мувозинатиро дар давраи дарозмуддат ифода мекунад ва ишораи **LRAS** (long-run aggregate suppiy curve) ифода карда мешавад.

То бӯҳрони солҳои 1929 – 1933, ки дар ИМА оғоз ёфта, дигар мамлакатҳои пешсафи дунёро фаро гирифта буд, номукаммалии ақидаҳо ва хулосаҳои модели макроиқтисодии классикиро нишон дод, пеш аз ҳама ақидаро оид ба худтанзимшавии бозор.

**Якум**, бӯҳрон чоруним сол давом карда, онро ҳамчун нуқсони муваққатӣ дар амал намудани худтанзимшавии автоматии бозор маънидод кардан имконпазир набуд.

**Дуюм**, оид ба маҳдудияти захираҳо гуфтан ғайримкон буд, зеро сатҳи бекорӣ, масалан дар ИМА ба 25% расида буд.

Сабабҳои ин бӯҳрон, ки номи «Депрессияи бузургро» гирифта, роҳҳои раҳоӣ аз он ва чораҳо оид ба дар оянда роҳ надодан ба ин ҳолатҳои иқтисодӣ, дар китоби Ҷ.М.Кейнс **«Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул»** (соли нашр 1936) таҳлил ва пешкаш карда шуда буданд.

Бояд дар назар дошт, ки номувофиқияти ақидаҳои мактаби классикӣ дар хулосаҳои нодурусти онҳо иборат набуда, балки дар он иборат буд, ки ин назария дар асри XIX коркард шуда, ақидаҳои асосии он ҳолати иқтисодии ҳамон вақтро, яъне давраи рақобати мукаммалро ифода мекард. Лекин ин ақидаҳо ва хулосаҳо ба ҳолатҳои иқтисодии авали асри XX мувофиқат намекард, ки барои он рақобати номукаммал хос буд.

**Модели макроиқтисодии кейнсӣ**. Ҷ.М. Кейнс коркарди модели худро аз танқиди ақидаҳои асосии модели классикӣ оғоз намуда, нишон дод, ки дар давраи кӯтоҳмуддат ҳама нархҳо (музди меҳнати номиналӣ ва нархи молҳо) устувор буда, ба ҳолати иқтисодиёт хос аст, ки дар он миқдори зиёди бекорон мавҷуд аст, ин гуна ҳолат дар давраи Депрессияи бузург ба назар мерасида, дар тадқиқоти он Кейнс назарияи худро таҳия намуд. Каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳоди кӯтоҳмуддат SRAS (short – run aggregate supply curve) намуди уфуқиро (горизонталиро) дорад.

Айнан ҳамин хусусият муайян мекунад, ки дар шароити бекории зиёд фирмаҳо метавонанд коргарони иловагиро бе баланд намудани музди меҳнат ба кор ҷалб намоянд, яъне хароҷотҳои фирма дар ин ҳолат тағйир намеёбанд ва заминаи баланд намудани нархҳо мавҷуд нест. Нархи молҳо дар сатҳи доимӣ боқӣ мемонада, фирмаҳо тайёранд миқдори гуногуни маҳсулотро истеҳсол карда, дар бозор фурӯшанд. Ҳамин тавр, ҳаҷми барориш дар ин ҳолат танҳо бо қобилияти харидории истеъмолкунанда муайян карда мешавад. Бинобар ҳамин омили асосии ҳаҷми маҷмӯи пешниҳодро муайян мекарда, ба ақидаи Кейнс маҷмӯи талабот, яъне хароҷотҳои умумӣ мебошад. Чи қадаре, ки маҷмӯи талабот зиёд бошад, ҳамон қадар миқдори зиёди маҳсулотро фирмаҳо мехоҳанд истеҳсол кунанд.

**Ғояҳои асосии Кейнс оид ба мустаҳкамии нархҳо дар бозори меҳнат, мол ва капитал**.

1. **Секторҳои аслӣ ва пулӣ байни худ алоқаи зич доранд, лекин классикон онҳо новобаста меҳисобиданд**. Принсипи бетарафии пулҳо ба принсипи ***«пулҳои аҳамият доранд»*** иваз карда шуд. Ин маънои онро дорад, ки пулҳо ба нишондиҳандаҳои аслӣ таъсир мерасонанд. Бозори пулӣ ба бозори макроиқтисодӣ, қисми (сегменти) бозори молиявӣ бо баробари бозори қоғазҳои қиматнок (воситаҳои қарзӣ) мубаддал шуд.

2. **Дар бозорҳои меҳнат ва молҳо рақобати номукаммал амал мекунад.** Чи хеле, ки маълум аст, классикон аз он бар меомаданд, ки дар бозор меҳнат рақобати мукаммал амал мекунад.

**3. Нархҳо (нишондиҳандаҳои номиналӣ) устувор ва ё бо истиллоҳи Кейнс часпон мебошанд.** Классикон гумон доштанд, ки нархҳо (нишондиҳандаҳои номиналӣ) тағйирёбандаанд.

**4. Ба ақидаи Кейнс мизони фоиз дар бозори капитал (воситаҳои қарзӣ) дар натиҷаи таносуби инвеститсияҳо ва пасандозҳо нею, балки дар бозори пулӣ аз рӯи таносуби талабот ва пешниҳоди пулҳо таъсис меёбад**. Ин ҳолатро Кейнс бо он асоснок мекунад, ки ҳангоми мизони фоизи додашуда, амалан инвеститсияҳо ва пасандозҳо баробар шуда наметавонанд, зеро онҳоро агентҳои гуногуни иқтисодӣ амалӣ мегардонанд, ки мақсад ва мароми гуногуни рафтор доранд. Инвеститсияҳоро фирмаҳо амалӣ гардонида, пасандозҳоро бошад хоҷагиҳои хонавода амалӣ мегардонанд.

**5. Омили асосии андозаи хароҷотҳои инвеститсияҳоро муайян мекарда, ба ақидаи Кейнс сатҳи мизони фоиз набуда, балки меъёри боздеҳи дохилӣ аз инвеститсияҳо (IRR – internal rate of return) мебошад,** ки онро Кейнс самаранокии интиҳоии капитал номида, онро ҳамчун баҳодиҳии субъективии даромади ояндаи лоиҳаи инвеститсионӣ аз тарафи инвестор дарк менамуд, ки дар «ҳиссиёти табиии» инвестор асос мегирад. Ба ақидаи Кейнс, андозаи хароҷотҳои умумии инвеститсионӣ дар иқтисодиёт пеш аз ҳама аз ҳолати инвестор, боваринокӣ ва ё нобоварии ӯ нисбат ба даромадҳои оянда муайян карда мешавад.

**6. Ҳангоми қабули қарор инвестор андозаи самаранокии интиҳоии капиталро бо мизони фоиз (R) муқоиса мекунад, ки бо он ӯ барои молиягузории хароҷотҳои инвеститсионии худ қарз мегирад.**

Агар андозаи якум аз андозаи дуюм зиёд бошад, инвесторояндаро мусбӣ баҳо дода, ба даст овардани меъёри баланди боздеҳро аз инвеститсияҳо интизор мешавад, зеро ӯ ин лоиҳаи инвеститсиониро новобаста аз андозаи мутлақи мизони фоиз молиягузорӣ мекунад.

Масалан, агар баҳодиҳии самаранокии интиҳоии капитал аз тарафи инвестор ба 101% баробар бошад, он гоҳ қарз аз тарафи ӯ бо мизони 100% гирифта шуданаш мумкин аст, агар ин гуна баҳодиҳӣ 9% ташкил кунад, он гоҳ ӯ қарзро бо 10%

намегирад. Агар дар иқтисодиёт бӯҳрон бошад, он гоҳ инвесторон нисбат ба даромадҳоиояндаи худ бо нобоварӣ баҳо медиҳанд ва дар натиҷа хароҷотҳои инвеститсионӣ дар ҳолати мизони фоизи паст низ кам мешаванд.

**7. Ба ақидаи Кейнс омилҳои асосие, ки андозаи пасандозҳоро муайян мекунанд ин ҳаҷми даромади ихтиёрӣ мебошад**. Ӯ тасдиқ мекунад, ки пасандозҳо аз мизони фоиз вобаста нестанд (агар даромади инсон кам буда, танҳо барои рӯзгузаронӣ кифоягӣ кунад, ӯ пасандозҳоро дар сатҳи баланд будани мизони фоиз низ амалӣ гардонида наметавонад). Ба ақидаи Кейнс байни пасандозҳо ва мизони фоиз вобастагии чаппа вуҷуд дорад. Масалан, агар шахс хоҳад, ки то нафақа маблағро дар ҳаҷми 10 ҳазор доллар ҷамъ кунад, он гоҳ дар ҳолати мизони фоизи 10% ӯ бояд 100 ҳазор доллар ҷамъ кунад, дар сатҳи 20% (мизони фоиз) ӯ бояд 50 ҳазор ҷамъ намояд.

## 15.3. МАҶМӮИ ПЕШНИҲОД ДАР ДАВРАҲОИ КӮТОҲМУДДАТ ВА ДАРОЗМУДДАТ.

Хислати таъсиррасонии сатҳи нархҳо ба ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ ва мувофиқан намуди каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод бо дараҷаи муайян аз фосилаи вақти мушоҳидашаванда вобаста аст. Бинобар ҳамин каҷхаттаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати маҷмӯи пешниҳодро фарқ намудан лозим аст.

Дар макроиқтисод нисбат ба микроиқтисод нишондоди асосии ҷудо намудани давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат тағйирёбии нархҳо буда, набалки мӯътадилии захираи капитал мебошад. Ҳангоми маънидодкунии макроиқтисодии фосилаҳои вақт дар назар дошта мешавад, ки дар давраи дарозмуддат ҳама нархҳо ҳам нархи молҳо ва ҳам нархи омилҳои истеҳсолот бо таносуби якхелла тағйирёбанда буда,

дар давраи кӯтоҳмуддат бошад ҳама нархҳо ва ё нархи меҳнат чунин тағйирёбандагӣ надоранд.

Ду сабабро ҷудо мекунанд, ки аз рӯи онҳо фирмаҳо дар ҳақиқат ҳам қобилияти муайян намудани тағйирёбии якхеллаи нархи молҳо ва нархи омилҳои истеҳсолотро доранд.

Дар асоси сабаби якум таъсиррасонии нархи молҳо ба ҳаҷми музди меҳнати коргарон ва маошҳои мансабӣ хобидааст.

Агар маҷмӯи талабот ва сатҳи миёнаи нархи молҳо баланд шавад, арзиши ҳаёти ҳама категорияҳои коргарон баланд мешавад. Агар дар ин ҳолат ҳаҷми музди меҳнати номиналӣ тағйир наёбанд, он гоҳ ҳаҷми аслии он пастгаср мешавад.

Дар шароити ба миён омада коргарон барои баланд намудани мизони музди меҳнати номиналӣ дархост мекунанд, то ки сатҳи зиндагонии мавҷудбударо нигоҳ доранд. Ҳамзамон фирмаҳои аз ҳисоби баландшавии нархҳо даромади аз фурӯши маҳсулот зиёдтар гирифтаистода, қобилият доранд музди меҳнати коргаронро танҳо бо он таносубе, ки нархи молҳо баланд шудаанд, баланд карда метавонанд. Агар соҳибкорони алоҳида ин амалро иҷро накунанд, он гоҳ коргарони нисбатан тахассуснок ва чандирро аз даст медиҳанд, ки онҳо ба дигар фирмаҳо барои кор мегузаранд.

Сабаби дуюм дар он аст, ки намудҳои зиёди маҳсулот ҳамзамон молҳои тайёр ва захира мебошанд. Мисоли чунин молҳо на танҳо қувваи барқ, гази табиӣ, балки бисёр молҳои саноатӣ (матоъҳо, қанд, орд ва ғайраҳо) баромад мекунанд, ки на танҳо ба аҳолӣ фурӯхта шуда, балки барои коркарди минбаъда равона карда мешаванд.

Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки дар давраи дарозмуддат ҳам нархи молҳо ва ҳам нархи захираҳо (пеш аз ҳама мизони музди меҳнати номиналӣ) тағйир ёфта, ҳама нархҳо тағйирёбанда буда, нисбати ҳамдигар мутаносибан тағйир меёбанд ва ҳама бозорҳо ба мувозинатии тарафайн меоянд. Бинобар ҳамин андозаи маҷмӯи пешниҳод аз сатҳи нархҳо вобаста нест. Дар ҳар як сатҳи нарх фирмаҳо метавонанд ҳамон миқдор маҳсулот истеҳсол намоянд, ки захираҳои мавҷуд буда имконият медиҳад. Агар фирмаҳо тағйирёбии мутаносибии нархи молҳо ва нархи захираҳоро пешбинӣ кунанд, он гоҳ онҳо барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот дар

ҳолати баландшавии сатҳи нархҳо рағбати худро гум мекунанд, чунки онҳо гумон мекунанд, ки хароҷотҳои онҳо бо таносуби баландшавии нархҳо зиёд мешаванд. Дар ин ҳолат каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳоди дарозмуддат (LRAS – iong-run aggregate suppiy curve) намуди амудиро (вертикалиро) ба монади назарияи классикӣ дорад.

**Омилҳои ба маҷмӯи пешниҳод дар давраҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат таъсиррасонанда**.

**Омилҳои нархӣ** (тағйирёбии сатҳи умумии нархҳо) ба ҳаҷми маҷмӯи пешниҳод (ҳаракат дар каҷхаттаи пешниҳоди дарозмуддат) таъсир намерасонанд. Ҳаҷми барориш дар сатҳи имконпазири худ боқӣ монда, лекин сатҳи нархҳо баланд мешаванд. Ҳамин тавр, ҳаҷми маҷмӯи пешниҳод дар давраи дарозмуддат нисбат ба сатҳи нархҳо мутлақо ғайричандир мебошад.

**Омилҳои ғайринархӣ**, ки ба худи маҷмӯи пешниҳод дар давраи дарозмуддат таъсир расонида, ба ҳаракати каҷхаттаи **LRAS** оварда мерасонанд, бо худ тағйирёбии миқдор ва ё сифати (ҳосилнокии) захираҳои иқтисодиро (меҳнат, капитали ҷисмонӣ, капитали инсонӣ, захираҳои табиӣ, донишҳои технологӣ) дар назар дорад, ки дар асоси тағйирёбии ҳаҷми имконпазири истеҳсолот дар ҳама сатҳҳои нархҳо хобидааст. Афзоиши миқдор ва ё мукаммалгардонии мифати захираҳои иқтисодӣ каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳоди дарозмуддатро ба тарафи рост ҳаракат медиҳад, ки рушди иқтисодиро дар назар дорад. Мувофиқан камшавии миқдор ва ё пастшавии сифати захираҳои иқтисодӣ камшавии имкониятҳои истеҳсолии иқтисодиётро ба миён оварда, каҷхаттаи LRAS –ро ба тарафи чап ҳаркат медиҳад.

Функсияи маҷмӯи пеешниҳоди дарозмуддат чунин намуд дорад:

$$\mathbf{AS=AS}\ (\underset{+}{\mathbf{L}},\ \underset{+}{\mathbf{K}},\ \underset{+}{\mathbf{H}},\ \underset{+}{\mathbf{N}},\ \underset{+}{\boldsymbol{\tau}}) \qquad (15.11)$$

ки дар ин ҷо: **L** – меҳнат; **K** – капитали ҷисмонӣ; H – капитали инсонӣ; N – захираҳои табиӣ; **τ** – донишҳои технологӣ.

Дар давраи кӯтоҳмуддат, нархи молҳо метавонанд тағйир наёбанд ва ё нисбат ба нархи омилҳои истеҳсолот тезтар тағйир ёбанд.

Агар фирмаҳо пешбини кунанд, ки дар тӯли вақти муайян нархи захираҳо (мувофиқан хароҷотҳои истеҳсолот) бетағйир боқи мемонанд, он гоҳ онҳо ҷавобан ба афзоиши маҷмӯи талабот ҳаҷми истеҳсолоти аслиро дар сатҳи нархҳои мавҷуд буда зиёд мекунанд. Дар ин ҳолат каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод дар давраи кӯтоҳмуддат намуди хатти уфуқиро мегирад.

Агар фирмаҳо пешбинӣ кунанд, ки ҳангоми афзоиши маҷмӯи талабот нархи омилҳои истеҳсолот нисбат ба нархи молҳо бо таносуби камтар баланд мешаванд, он гоҳ каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод хамшавии мусбӣ дорад.

Ҳар се ҳолати дидабаромадашударо якҷоя намуда, мумкин аст каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳодро дар намуди умумӣ тасвир намуд. Ин каҷхатта аз се қисм иборат мебошад – уфуқӣ, болоҳаракаткунанда ва амудӣ.

Азбаски фаъолияти иқтисодиёт дар давраи кӯтоҳмуддат ҳангоми нигоҳдории нархҳои мӯътадил дар назарияи кейнсӣ дидаборомада мешавад, бинобар ҳамин қисми уфуқии каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳодро «қисми кейнсӣ» меноманд.

Амал намудани иқтисодиёт дар давраи дарозмуддат дар ҳолати нигоҳдории шуғли пурра дар иқтисодиёт объекти назарияи иқтисодии классикӣ мебошад. Мувофиқан қисми амудии каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳодро «қисми классикӣ» меноманд.

Сабабҳои тағйирёбии нархи молҳо ва захираҳоро дар давраи кӯтоҳмуддат ҳам аз тарафи намояндагони неоклассикӣ ва хам намояндагони неокейнсӣ омӯхта шуда буданд, бинобар ҳамин қисми ба боло ҳаракаткунандаи каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод номи аниқи худро надошта, одатан «қисми фосилавӣ» номида мешавад.

Қисми фосилавӣ маънои онро дорад, ки иқтисодиёт ба ҳолати шуғли пурра наздик шуда, дар он ҷойҳои маҳдуд пайдо мешаванд.

Ҳамин тавр, бояд дар назар дошт, ки омилҳои нархӣ (тағйирёбии сатҳи умумии нархҳо) дар ҳолатҳои муайян (хароҷотҳои тағйирнаёбанда) ба андозаи маҷмӯи пешниҳод дар

давраи кӯтоҳмуддат таъсир расонида, ҳаркатро дар каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳоди давраи кӯтоҳмуддат ба миён меоранд. Ба ғайр аз ин ба ҳаҷми маҷмӯи пешниҳод омилҳои ғайринархӣ таъсир мерасонанд, ки ба онҳо омилҳои ба худи маҷмӯи пешниҳод дар давраи кӯтоҳмуддат таъсиррасонанда ва ҳаракати каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳодро ба миён меоранд, дохил мешаванд. Ба ин омилҳои ҳама омилҳое, ки хароҷотро барои воҳиди маҳсулот (хароҷотҳои миёна) дар ҳама сатҳи нархҳо тағйир медиҳанд, дохил мешаванд. Агар хароҷотҳо зиёд шаванд, он гоҳ маҷмӯи пешниҳод кам шуда, каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод ба боло ҳаркат мекунад. Агар хароҷотҳо кам шаванд, маҷмӯи пешниҳод зиёд шуда, каҷхаттаи он ба поён ҳаракат мекунад.

Ба омилҳои ғайринархӣ дохил мешаванд:

- нархи захираҳо (**$P_{захираҳо}$**);
- миқдори захираҳо (**Q**);
- ҳосилнокии захираҳо (**η**);
- пешравии технологӣ (**τ**);
- андозҳо баро бизнес (**Tx**);
- трансфертҳо (субсидияҳо) ба фирмаҳо (**Tr**);
- танзими давлатии иқтисодиёт (**$G_{menegment}$**).

$$AS=AS\,(\underset{+}{P_{молҳо}},\ \underset{-}{P_{захираҳо}},\ \underset{+}{Q},\ \underset{+}{\eta},\ \underset{+}{\tau}\ \ \underset{-}{Tx}\ \ \underset{+}{Tr}\ \ \underset{-}{G_{menegment}}) \qquad (15.12)$$

## 15.4. ШОКҲОИ МАҶМӮИ ТАЛАБОТ ВА МАҶМӮИ ПЕШНИҲОД.

**Шок** – ин тағйирёбии ногаҳонаи маҷмӯи талабот ва ё маҷмӯи пешниҳод мебошад. Чунин намудҳои шокро аз ҳам фарқ мекунанд:

- **шокҳои мусбӣ** – афзоишёбии ногаҳонаи маҷмӯи талабот (ки дар график бо ҳаракати каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба тарафи рост ифода меёбад) ва ё афзоишёбии ногаҳонаи маҷмӯи пешниҳод (ки бо ҳаракати каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод ба поён агар хатти уфуқи бошад, ба тарафи рост ва ба поён, агар

хатти баболоҳаракаткунанда бошад, ба тарафи рост, агар хатти амудӣ бошад);

- **шокҳои манфӣ** – камшавии ногаҳонаи маҷмӯи талабот (ҳаркати каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба тарафи чап) ва ё маҷмӯи пешниҳод (ҳаракати каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод ба боло агар хатти уфуқи бошад; ба тарафи чап ва ба боло, агар хатти ба боло ҳаракаткунанда бошад; ба тарафи чап агар хатти амудӣ бошад);

**Шокҳои маҷмӯи талабот.**

**Сабабҳои шокҳои мусбии маҷмӯи талабот** инҳо мебошанд:

а) афзоиши пешбининашудаи ногаҳонии пешниҳоди пулҳо (миқдори пулҳо);

б) афзоиши пешбининашудаи ногаҳонии ягон таркиби маҷмӯи хароҷотҳо (истеъмолӣ, инвеститсионӣ, давлатӣ ва ё сектори хориҷӣ).

Оқибатҳои таъсири шоки мусбии маҷмӯи талабот дар давраи кӯтоҳмуддат дар афзоишёбии ҳаҷми имконпазири барориш ($Y_2>Y^*$), ки дар натиҷа ба баландшавии сатҳи умумии нархҳо, яъне таваррум оварда мерасонад ва бинобар ҳамин номи ҷудошавии таваррумиро гирифтааст.

**Сабабҳои шокҳои манфии маҷмӯи талабот** инҳо мебошанд:

а) камшавии ногаҳонии пешниҳоди пулҳо (камшавии миқдори пулҳо);

б) камшавии ногаҳонии маҷмӯи хароҷотҳо.

Камшавии маҷмӯи талабот (маҷмӯи хароҷотҳо) захираҳои молию моддии фирмаҳоро зиёд мекунад, ки онҳо фурӯхта нашуда, сабаби кам намудани ҳаҷми истеҳсолот, бекор мондани коргарон ва баланд шудани сатҳи бекорӣ ба ҳисоб меравад. Сатҳи баланди бекорӣ имконият медиҳад, ки мизони музди меҳнати номиналӣ паст карда шуда, хароҷоти фирмаҳо кам карда шаванд. Аз ҳамин сабаб ин намуди шок аз як тараф ба пастшавии нархҳо ва афзоиши маҷмӯи пешниҳод сабаб шуда, аз тарафи дигар барои афзоиши маҷмӯи пешниҳод сабаб мешавад. Дар натиҷа иқтисодиёт ба нуқтаи мувозинатии

дарозмуддат мегузарад, ки дар он истеҳсолот ба сатҳи имконпазир баробар аст.

**Шокҳои маҷмӯи пешниҳод**.

Шокҳои манфии маҷмӯи пешниҳодро одатан шокҳои нархӣ меноманд, зеро сабаби он тағйиротҳое, ки ба афзоиши хароҷотҳо ва мувофиқан нархҳо оварда мерасонанд, ба ҳисоб мераванд. Ба чунин сабабҳо инҳо дохил мешаванд:

а) баландшавии нархҳо ба захираҳои ашёвӣ, ки яке аз таркибҳои асосии хароҷотҳо мебошанд;

б) муборизаи иттифоқҳои касаба барои баланд намудани мизони музди меҳнати номиналӣ;

в) чораҳои экологии давлат (қонунҳо оид ба ҳимояи муҳити атроф), ки фирмаҳоро барои сохтани иншоотҳои тозакунӣ маҷбур сохта, барои зиёд намудани хароҷотҳо мусоидат мекунад ва дар натиҷа ба камшавии ҳаҷми истеҳсолот таъсир мерасонад;

г) офатҳои табиӣ, ки ба вайрониҳои ҷиддӣ оварда мерасонанд, ки ба иқтисодиёт зарари гарон меоранд.

Сабабҳои шокҳои мусбии маҷмӯи пешниҳод ҳама омилҳои хароҷотҳои фирмаҳоро барои воҳиди маҳсулот кам мекарда баромад мекунанд. Ба ин омилҳо пастшавии нархи захираҳои ашёвӣ, махсусан тағйирёбии технологӣ дохил мешаванд.

# МАВЗӮИ 16. ИСТЕЪМОЛОТ, ПАСАНДОЗ, ИНВЕСТИТСИЯҲО ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ҲАҶМИ МУД

*16.1. Истеъмолот ҳамчун қисми таркибии маҷмӯи хароҷотҳо.*
*16.2. Пасандозҳо ҳамчун қисми таркибии даромадҳо.*
*16.3. Инвеститсияҳо ҳамчун қисми таркибии маҷмӯи хароҷотҳо.*

## 16.1. ИСТЕЪМОЛОТ ҲАМЧУН ҚИСМИ ТАРКИБИИ МАҶМӮИ ХАРОҶОТҲО.

Моҳияти истеъмолот дар зинаҳои ҷараёни такрористеҳсолот дар истифодабарии инфиродӣ ва якҷояи неъматҳои истеъмолӣ аз тарафи аҳолӣ бо мақсадҳои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои моддӣ ва маънавии одамон ифода меёбад.

**Истеъмолот ҳамчун унсури маҷмӯи хароҷотҳо** дар сифати хароҷотҳои пулии аҳолӣ барои харидани мол ва хизматҳо баромад мекунад.

Ҳангоми таҳлили макроиқтисодӣ мушкилоти таъсисёбии хароҷотҳои истеъмолӣ дар давраи ҷорӣ ҳамчун масъалаи инотихоби байнифосилавии истеъмолкунандагон маънидод карда мешавад. Хоҷагиҳои хонавода байни истеъмолоти имрӯза ва афзоиши истеъмолот дар оянда интихоб мекунанд. Лекин имконияти афзоишёбии истеъмолот дар оянда аз пасандозҳо дар давраи ҳозира вобаста аст. Аз ин ҷо бар меояд, ки пасандозҳои дар давраи ҳозира амалигардонидашуда ин кам намудани истеъмолоти имрӯза мебошад, зеро пасандозҳо – ин қисми даромади ихтиёрӣ буда, барои истеъмолот истифода намешавад. Бо ибораи дигар айнияти зерин дуруст аст:

$$ДШИ = C + S \tag{16.1}$$

Аз нуқтаи назари макроиқтисодӣ масъала оид ба кадом омилҳо ба интихоби истеъмолкунандагон таъсир мерасонад, яъне кадом омилҳои функсияи истеъмолот ва пасандозҳоро муайян мекунанд, аҳамияти калон дорад.

Иқтисодчиён – классикон гумон мекарданд, ки ягон шахси оқил барои пасандозкунӣ кӯшиш карда, онро дар дасти худ дар шакли пулҳо нигоҳ намедорад, зеро ӯ мехоҳад аз пасандозҳои худ дар намуди фоиз даромад гирад (бо воситаи амонатҳои бонкӣ ва хариди қоғазҳои қимматнок). Чи қадаре, ки мизони фоизи аслӣ баланд бошад, ҳамон қадар майли одамон барои пасандозкунӣ зиёд шуда, ҳангоми пастшавии мизони фоиз бошад майли одамон барои пасандозкунӣ кам мешавад. Аз ин ҷо классикон хулоса баровper ки мувофиқи он пасандозҳо ин функсияи зиёдшаванда аз мизони фоизи аслӣ мебошанд. Азбаски истеъмолот ва пасандоз дар якҷоягӣ ДШИ ташкил мекунанд, бинобар ҳамин истеъмолот ҳангоми афзоишёбии мизони фоизи аслӣ кам шуда, ҳангоми пастшавии он бошад зиёд мешавад. Бо ибораи дигар, истеъмолот аз нуқтаи назари классикон, функсияи камшаванда аз мизони фоизи аслӣ мебошад.

Муқобили ин ақидаи классикон Ҷ. М. Кейнс баромад намуд. Ӯ тасдиқ мекард, ки ҳангоми амалигардонии интихоби истеъмолии хоҷагиҳои хонавода мизони фоизи аслӣ нақши ҳалкунандаро намебозад, зеро истеъмолоти ҷорӣ барои одамон ҳамавақт нисбат истеъмолоти оянда афзалтар аст. Дархости байнифосилавии истеъмолоти ҳозира таъсири мизони фоизро ба интихоби истеъмолкунандагон ба эътибор намегирад.

**Функсияи истеъмолот ҳамчун фишанги тадқиқоти сатҳ ва динамикаи истеъмолот**. Кейнс ақидаеро пешкаш намуд, ки мувофиқи он омили асосии сатҳи истеъмолотро муайян мекарда, даромади ҷории хоҷагиҳои хонавода мебошад. «Қонуни асосии психологӣ, ки дар мавҷудияти он ягон шубҳае нест ва оиди он Кейнс дар асоси тадқиқотҳои худ қайд карда буд дар назар дорад, ки одамон одатан майл доранд истеъмолоти худро бо баробари афзоишёбии даромад зиёд намоянд, лекин на ба он андзае, ки даромад зиёд мешавад». Дар ин асос Кейнс истеъмолотро ҳамчун фнуксияи афзоишёбандаи даромади хоҷагиҳои хонавода мушоҳида мекунад:

$$C = f(Y) \tag{16.2}$$

Ҳамин тавр, функсияи истеъмолот сатҳи истеъмолоти пешбинишуда ва хароҷотҳои дархостшавандаро барои ҳар як сатҳи даромади шахсии ихтиёрӣ муайян мекунад.

**Тавсири графики функсияи истеъмолот**. Азбаски функсияи истеъмолот вобастагии истеъмолотро аз даромади ихтиёрӣ нишон дода, агар даромад пурра барои истеъмолот харҷ карда шавад, он гоҳ ин ҳолат бо хатти биссектриса аз ибтидои координатҳои «даромадҳо - хароҷотҳо» бо кунҷи $45^0$ ифода карда мешавад. Лекин дар ҳаёти аслӣ ин ҳолат ба назар намерасад. Ба мантиқи рафтори оқилона такя карда, гуфтан мумкин аст, ки истеъмолкунанда даромади ихтиёрии худро ҳамон вақт ба пуррагӣ барои истеъмолот равона месозад, ки агар даромади ӯ ба «ҳадди ақали рӯзгузаронӣ» баробар бошад. Афзоиши даромад аз ҳудудҳои «ҳадди ақали рӯзгузаронӣ» на танҳо барои афзоишдёбии истеъмолот, бакли барои пасандози қисми он имконият медиҳад.

Ба ғайр аз даромад, ба ҳаҷми истеъмолот дигар омилҳои ҳам характери субъективӣ ва ҳам объективӣ дошта таъсир мерасонанд. Ба омилҳои объективӣ ин ҳо дохил мешаванд: сатҳи нархҳо, амволи истеъмолкунандагон, мизони фоизи аслӣ, сатҳи қарзи истеъмолӣ, сатҳи андозбандии истеъмолкунандагон. Ба омилҳои субъективӣ инҳо дохил мешаванд: майли интиҳоӣ ба истеъмолот, пешбиниҳои истеъмолкунандагон нисбат ба тағйирёбии ояндаи нархҳо, андозаи даромадҳои пулӣ, мавҷудияти молҳо ва ғайраҳо.

## 16.2. ПАСАНДОЗҲО ҲАМЧУН ҚИСМИ ТАРКИБИИ ДАРОМАДҲО.

Пасандозҳо бо баробари истеъмолот қисми дуюмини даромадро ташкил мекунанд. Лекин байни онҳо фарқият вуҷуд дорад. Якум, фарқият дар равишҳои онҳо: истеъмолот барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои ҷории аҳолӣ равона шуда, пасандозҳо бошанд барои истеъмолоти оянда аз ҳисоби кам кардани истеъмолоти ҷорӣ таъинот дорад. Дуюм, агар истеъмолот аз тарафи ҳама оилаҳо ва субъектон амалӣ гардад, пасандозҳо бошанд танҳо аз тарафи субъектон ва аҳолие, ки даромади онҳо аз сатҳи миён зиёд аст, амалӣ карда мешавад. Сеюм, фосилаи тағйирёбии пасандозҳо ниҳоят васеъ буда,

ҳаҷми онҳо дар баъзе ҳолатҳои ба нол низ баробар шуда метавонад.

Чи хеле, ки қайд шуда буд, агар намояндагони мактаби классикӣ кӯшишҳои аҳолиро ба пасандозкунӣ бо андозаи мизони фоиз алоқаманд кунанд, Кейнс бошад, гумон дошт, ки майли аҳолӣ барои пасандозкунӣ пеш аз ҳама аз тағйирёбии даромад вобастагӣ доранд.

Ба ғайр аз даромад, майл барои пасандозкунӣ зери таъсири миқдори зиёди сабабҳо таъсис меёбад– хоҳиши таъмин намудани мустақилияти иқтисодӣ, ҷамъ намудани пулҳо барои пиронсолӣ, ҳал намудани мушкилотҳои бачагони ба воя расидаистода ва ғайраҳо.

**Функсияи пасандозҳо ҳамчун фишанги тадқиқоти сатҳ ва динамикаи пасандозҳо**. Фнуксияи пасандозҳо маблағӣ дар ҳар як сатҳи даромад амонат мешударо нишон медиҳад:

$$S = Y - C \text{ ва ё } S = Y - f(Y) \qquad (16.3)$$

**Тавсири графики функсияи пасандозҳо**. Азбаски функсияи пасандозҳо пурра бо функсияи истеъмолот муайян карда мешавад, бинобар ҳамин тавсири графики функсияи пасандозҳо, яъне пасандозҳо аз даромади ихтиёрӣ бо худ ифода оинагии функсияи истеъмолотро нишон медиҳад.

## 16.3. ИНВЕСТИТСИЯҲО ҲАМЧУН ҚИСМИ ТАРКИБИИ МАҶМӮИ ХАРОҶОТҲО.

Дар модели кейнсӣ омили асосии ҳавасмандгардонии маҷмӯи талабот инвеститсия баромад мекунанд. Дар таҳлили иқтисодӣ истиллоҳи «инвеститсияҳо» маънои истифодабарии пасандозҳоро барои офаридани иқтидорҳои истеҳсолии нав ва дигар активҳои ҷисмонӣ дорад. Ба таркиби инвеститсиҳо ҳама харҷҳо барои харидани мошинҳо ва таҷҳизотҳо, амалигардонии корҳои сохтмонию васлкунӣ, тағйирдиҳии захираҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Азбаски инвеститсияҳо яке аз таркиби хароҷотҳои умумӣ мебошанд, бинобар ҳамин нисбат ба пасандозҳо онҳо ба ҳаҷми

талаботи самаранок[4] ба таври баръакс таъсир мерасонанд: агар пасандозҳо талабот кам кунанд, инвеститсияҳо бошанд онро зиёд мекунанд. Бинобар ҳамин кейнсчиён аз имконияти рӯйпӯшшавии майл ба истеъмолоти камшаванда аз ҳисоби захираҳои инвеститсионӣ бар меоянд.

Бояд дар назар дошт, ки инвеститсияҳо ба бозори мол ва хизматҳо дар давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат ба таври гуногун таъсир мерасонанд. Дар давраи кӯтоҳмуддат инвеститсияҳо ҳамчун унсури маҷмӯи талабот баромад карда, ба маҷмӯи пешниҳод таъсир намерасонанд, зеро объектҳои сохташудаистода ҳоло дар намуди мол ва хизматҳои иловагӣ боздеҳ намедиҳанд. Дар давраи дарозмуддат инвеститсияҳо афзоиши захираҳои капиталро ба миён оварда, зиёдшавии маҷмӯи пешниҳодро таъмин мекунанд.

**Мафҳуми хароҷотҳои инвеститсионӣ**. Хароҷотҳои инвеститсионӣ ва ё талаботи инвеститсионӣ бо худ нақшаҳои фирмаҳоро оид ба афзоиши капитали ҷисмонӣ (завод ва мошинҳо) ва инчунин захираҳои молиро ифода мекунад. Бо ибораи дигар, хароҷотҳои инвеститсионӣ – ин маблағгузорӣ, ки ҳаҷми молҳои инвеститсиониро зиёд мекунанд.

Хароҷотҳои инвеститсионӣ метвонанд ҳам барои афзоиши ҳаҷми капитали корхона ва ҳам барои нигоҳдории ин ҳаҷм дар сатҳи пешина равона шуда метавонанд. Одатан инвеститсияҳои соф ва умумиро аз ҳам ҷудо мекунанд. Инвеститсияҳои соф ин маблағгузориҳо барои зиёд намудани ҳаҷми капитал, ки афзоиши истеҳсолотро таъмин менамоянд. Инвеститсияҳои умумӣ ин ҷамъи инвеститсияҳои соф ва амортизатсия мебошад.

**Равияҳои асосии хароҷотҳои инвеститсионӣ**. Дар вобастагӣ аз таъиноти функсионалӣ, се равияи хароҷотҳои инвеститсиониро ҷудо мекунанд:

1) инвеститсияҳо барои капитали асосӣ;
2) инвеститсияҳо барои захираҳо;
3) инвеститсияҳо барои сохтмони манзил.

**Инвеститсияҳо ва мизони фоиз**. Сатҳи банақшагирифташудаи хароҷотҳои инвеститсионӣ аз андозаи

[4] Талаботи самаранок – ин андозаи талабот дар нуқтаи мувозинатӣ мебошад.

мизони фоизи аслӣ вобаста аст, ки онро инвесторон бо меъёри фоидаи пешбинишуда муқоиса мекунанд: **Ре – мизони фоизи аслӣ** – ин мизони фоизи номиналӣ бе назардошти таваррум. Мувофиқан, мизони фоизи аслӣ ва меъёри фоидаи пешбинишавандаро ба омилҳои асосии ба ҳаҷми инвеститсияҳо таъсиррасонанда дохил кардан мумкин аст.

Дар байни омилҳои ба динамикаи инвеститсияҳо таъсиррасонанда (каҷхаттаи талаботи инвеститсиониро ба чап ва ё рост ҳаракат медиҳанд) инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- талаботи пешбинишуда ба маҳсулот;
- андозҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ;
- тағйирёбӣ дар технологияи истеҳсолот;
- динамикаи даромади умумӣ;
- пешбиниҳои таваррумӣ;
- сиёсати ҳукумат.

**Инвеститсияҳои автономӣ ва индутсиронӣ**. Ба ҳаҷм ва динамикаи инвеститсияҳо ду омил таъсири калон мерасонанд – тағйирёбии ҳаҷми даромади миллӣ **(ΔY)** ва мизони фоизи аслӣ **(r)**. Бинобар ҳамин дар аксар ҳолатҳо функсияи инвеститсияҳо – ин функсия аз ду тағйирёбанда мебошад: **I=I(ΔY,r)**. Вобаста аз нақши ин омилҳо дар таъсисёбии талаботи инвеститсионӣ, инвеститсияҳо ба автономӣ ва индутсиронӣ ҷудо мешаванд.

Инвеститсияҳои автономӣ гуфта, хароҷотҳо барои таъсисёбии капитали нав, ки аз тағйирёбии даромади миллӣ вобаста нест дарк карда мешаванд. Худи ин инвеститсияҳо ва тағйирёбии онҳо ба афзоиш ва ё камшавии даромади миллӣ таъсир мерасонанд. Сабабҳои пайдоиши инвеститсияҳои автономӣ омилҳои беруна мебошанд – ПИТ, тағйирёбии дархостҳо, афзоиши аҳолӣ, васеъшавии бозорҳои беруна ва ғайраҳо. Азбаски таҳлили Ҷ. Кейнс характери статикӣ дошта, ба давраи кӯтоҳмуддат хос аст, ки барои он тағйирнопазирии омилҳои дар боло қайдшуда хосанд, бинобар ҳамин сухан оид ба инвеститсияҳои аз буҷети давлатӣ молиягузоришаванда меравад. Ба ғайр аз ин сарчашмаи инвеститсияҳои автономӣ қарзҳои беруна низ баромад карда метавонанд.

Фарқияти калони инвеститсияҳои индутсиронӣ аз автономӣ дар он аст, ки онҳо ба таври функсионалӣ аз ҳаҷми даромади миллӣ, аниқтараш аз афзоиши он вобастаанд:

$$I_{in} = f(\Delta Y) \quad (16.4)$$

Бо баробари ин агар даромади миллӣ ва мувофиқан маҷмӯи талабот (AD) тағйир наёбад, он гоҳ инвеститсияҳои индутсиронӣ амалӣ намегарданд. Ҳангоми такрористеҳсоли оддӣ, чи хеле, ки маълум аст танҳо барқароркунии капитали асосии хӯрдашавӣ амалӣ мегардад. Инвеститсияҳои индутсиронӣ он гоҳ ба миён меоянд, ки агар даромади тағйир ёбад.

# МАВЗӮИ 17. МУВОЗИНАТИИ МАКРОИҚТИСОДӢ.

*17.1. Моҳияти мувозинатии умумии макроиқтисодӣ.*
*17.2. Мувозинатии макроиқтисодӣ дар модели AD – AS.*
*17.3. Таҳлили истеъмолот, пасандозҳо ва инвеститсияҳо.*
*17.4. Назарияи мултипликатор.*
*17.5. Мувозинатии макроиқтисодӣ дар модели IS – LM.*

Муаммои мувозинатии макроиқтисодӣ пай дар пай дар се марҳила коркард шудааст. Дар аввал мувозинатии иқтисодии қисмӣ ҳамчун ҳолати мувозинатии бозорҳои инфиродӣ ба монанди бозори мол ва хизматҳо, омилҳои истеҳсолот ва пулҳо таҳлил карда шуд. Бо вуҷуди ин таркиби механизми бозорӣ кушода дода шуд, ки он ба пойдор намудани мувозинатии бозорӣ ҳамчун ҳолате, ки дар он нақша ва кӯшишҳои харидорон ва фурӯшандагон мувофиқат карда, дар ҳолати нархи додашуда ҳаҷми талабот ба ҳаҷми пешниҳоди мол ва хизматҳо баробар аст.

Марҳилаи навбатӣ дар инкишофи назарияи мувозинатии макроиқтисодӣ бо пайдоиши модели назариявии мувозинатии рақобатноки умумӣ алоқаманд аст, ки аз тарафи Л. Валрас таҳия карда шуд. Ин аввалин модели математики иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки дар нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ асос ёфта, рафтори истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони алоҳидаро тавсиф мекунад. аз мавқеъи мувозинатии умумии иқтисодӣ, талабот ба моли алоҳида (аз он

ҷумла ба хизматҳо ва омилҳои истеҳсолот) на танҳо аз нархи он, балки аз нархи молҳои дигар ва маҳдудиятҳои буҷетии ҳар як истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда вобаста аст.

Минбаъд таҳлили назарияи мувозинатии умумӣ барои муайян намудани сабабҳои ҳолатҳои номувозинатии иқтисодиёти муосир кӯшиш кардааст. Масалан, тарафдорони ин равия ин сабабро дар миқдори афзоишёбии пулҳои қоғазӣ, аз он ҷумла қоғазҳои қиматнок, фючерсҳо, векселҳо ва дигар воситаҳои пардохт медиданд. Ба ақидаи онҳо, дунё ба қиморхонаи калон мубаддал шудааст, ки дар он хариду – фурӯши ҳаво низ имконпазир аст.

## 17.1. МОҲИЯТИ МУВОЗИНАТИИ УМУМИИ МАКРОИҚТИСОДӢ.

**Мафҳуми мувозинатӣ**. Мувозинатӣ – мафҳуми универсалӣ, ки қариб дар ҳама илмҳои дақиқ ва табиӣ истифода мешавад. Ин истиллоҳро ҳангоми таҳлили низомҳои мураккаб истифода мебаранд, ки дар чаҳорчӯбаи онҳо қисмҳои алоҳида бо ҳам алоқаманданд ва аз ҳам вобастаанд. Дар чунин ҳолатҳо муаммои таъминоти фаъолияти устувор ва мувофиқшудаи ҳама қисмҳои низом ба миён меояд. Низоми мураккаби иқтисодиёт низ аз ин хусусиятҳо холис нест. Дар низоми иқтисодӣ унсурҳои гуногуни бо ҳам алоқаманд ва аз ҳам вобаста буда мавҷудияти мувофиқаро байни ҳамдигар дар назар дорад.

Таҳлили шароитҳои пойдор намудани мувофиқакунии ҷараёнҳои аз ҳам вобаста буда, мазмуни назарияе мебошад, ки мувозинатиро дар иқтисодиёт меомӯзад. Мувозинатӣ на танҳо баробарӣ, балки мустаҳкамиро дар назар дорад, ки мавҷудият ва ё мавҷуд набудани механизмҳои барқароркунии вайроншавиҳои мувозинатиро дар бар мегирад. Назарияи мувозинатии макроиқтисодиро дар баъзе ҳолатҳо назарияи статикаи иқтисодӣ меноманд (инчунин назарияи динамикаи иқтисодӣ вуҷуд дорад, ки ба он назарияи рушди иқтисодӣ ва сиклҳо дохил мешаванд). Бо баробари ин таҳлили мувозинатӣ

на танҳо маънои муайян намудани нишондодҳои ҳолатҳои устуворро, балки сабабҳои вайроншавии мувозинатӣ ва механизмҳои барқароршавии онро дар назар дорад.

**Мувозинатии макроиқтисодӣ** – чунин ҳолати иқтисодиёти миллӣ, ки дар он мутаносибӣ байни захираҳои мавҷуд буда ва истифодабарии онҳо, байни ҳаҷми истеҳсолот ва истеъмолот, байни ҷараёнҳои молиявӣ ва моддӣ, байни пасандозҳо ва инвеститсияҳо ва ғайра мебошад. Дар амал ин ҳолат қонеъгардонии пурраи эҳтиёҷотҳои ҷамъиятиро ба мол ва хизматҳо бе захираҳои барзиёд истифодашуда ва маҳсулоти ба фурӯш нарафта дар назар дорад. Ба ҳолати мувозинатӣ афзоиши гипертрофивии як соҳаҳо (масалан муносибатҳои молиявию – қарзӣ ва ё комплекси саноати ҳарбӣ) бар зарари дигар соҳаҳо ғайриимкон аст.

**Мувозинатии умумӣ ва таносубҳои умумӣ дар иқтисодиёт**. Пойдоргардонии мувозинатии макроиқтисодӣ дар ҳолате имконпазир аст, ки дар он мутаносибӣ ва баробарӣ байни ҷараёнҳои алоқаманд ва аз ҳам вобаста буда дастрас карда мешавад. Мувофиқакунонӣ бояд байни чунин нишондодҳои низоми иқтисодӣ бояд таъмин гардад:

- байни истеҳсолот ва истеъмолот;
- маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод;
- маҳсулоти молӣ ва эквиваленти пулии он;
- пасандозҳо ва инвеститсияҳо;
- бозори меҳнат, капитал, неъматҳои истеъмолӣ ва ғайраҳо.

Таъмини мувофиқа байни низомҳои иқтисодии аз ҳам вобаста будаи номбурда маънои мутаносибиҳои умумиро дар иқтисодиёт дар назар дорад. Мавҷуд набудани мувозинатӣ дар чунин муносибат дар назар дорад, ки ягон соҳаҳои иқтисодиёт нобаробаранд. Вайроншавии мутаносибиҳои умумӣ дар чунин ҳодисаҳо ба монанди таваррум, бекорӣ, пастравии истеҳсолот, камшавии ҳаҷми даромади миллӣ ва камшавии даромадҳои аслии аҳолӣ, ифода меёбанд.

Дар илми иқтисодии муосир ду муносибати назариявӣ ба тавсифи мувозинатии макроиқтисодӣ мавҷуд аст. Муносибати якум аз тарафи намояндагони мактаби иқтисоди сиёсии классикӣ дар ниммаи аввали асри XIX ва даҳсолаҳои аввалини

асри XX асос гузошта шуда буданд. Муносибати дуюм аз тарафи Ҷ. М. Кейнс ва пайравони ӯ дар ибтидои солҳои 30-уми асри XX (соли 1936) асос гузошта шуда буд.

**Назарияи классикии мувозинатии макроиқтисодӣ**. Ғояи асосии назарияи классикии мувозинатии макроиқтисодӣ дар он асос меёбад, ки истеҳсолот хароҷотҳоро муайян мекунад. Дар намуди содда ин ҳолат дар принсипи аз тарафи Ж. Б. Сэй таҳия гардида ифода меёбад. «Маҳсулотҳо ба маҳсулотҳо мубодила карда мешаванд». Ин принсип кушод ва ё пинҳонӣ дар назарияҳои ҳама иқтисодчиёни равияи классикӣ мавҷуд буд. Лекин бо дасти сабуки Ҷ. Кейнс ин принсип «қонуни Сэй» ном гирифт.

**Қонуни Сэй**. Мувофики қонуни Сэй **«пешниҳоди молҳо талаботи худиро тавлид мекунад»**. Бо ибораи дигар, маҷмӯи талаботи аслӣ ҳамавақт барои истеъмолоти ҳаҷми мол ва хизматҳо кифоя мебошад, ки онро иқтисодиёти миллӣ бо истифодабарии захираҳои (омилҳои истеҳсолоти) мавҷуд буда истеҳсол карда метавонад. Мувофиқан, байни хароҷотҳои умумӣ ва маҷмӯи пешниҳод ҳамавақт мувозинатӣ пойдор карда шуда, сабаби хавотирӣ аз бӯҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ вуҷуд надорад.

Дар ҳақиқат ҳам, маҷмӯи талабот аз маҷмӯи пешниҳод вобаста аст, зеро афзоишёбии маҷмӯи пешниҳод, яъне афзоиши истеҳсоли мол ва хизматҳо ин ҳамзамон афзоишёбии даромад буда, маънои зиёдшавии маҷмӯи талаботро дорад. Нишондиҳандаҳои ҳисобҳои миллӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки маҳсулоти миллӣ ва даромади миллӣ асосан ба ҳам баробаранд. Агар ҷамъият даромади умумиро ба пуррагӣ сарф кунад, он гоҳ ин маънои онро дорад, ки байни даромадҳои умумӣ ва маҷмӯи пешниҳод ба таври автоматӣ мувозинатӣ таъмин карда мешавад.

Классикон тасдиқ мекарданд, ки дар баъзе мавридҳо, ҳолатҳои фавқулодда ба монанди ҷангҳо, табаддулотҳои сиёсӣ, хушксолиҳо, бӯҳронҳо дар биржаи фондӣ ва ғайраҳо метавонанд иқтисодиётро аз ҳолати шуғли пурра берун кунанд. Лекин ҳангоми ба вуҷуд омадани ин гуна ҳолат, бозор ба таври автоматӣ иқтисодиётро танзим мекунад: камшавии истеҳсолот ва шуғл ба пастшавии нархҳо, музди меҳнат ва мизони фоиз

оварда мерасонад, ки дар натиҷа ба афзоишёбии хароҷотҳои истеъмолӣ, афзоиши шуғл ва васеъшавии инвеститсияҳо сабаб мегарданд. Барзиёдӣ дар ҳамагуна бозорҳо – бозори молӣ, қувваи корӣ, захираҳои инвеститсионӣ аз байн меравад ва дар иқтисодиёт мувозинатӣ дар ҳолати шуғли пурра таъмин мегардад.

Лекин ҳангоми кӯшиши амалигардонии таҳлили муфассали алоқамандиҳои макроиқтисодӣ номукаммалии ҷиддии қонуни Сэй ба назар мерасад.

Ақидаҳои қонуни Сэй дар принсипи муомилаҳои бартерӣ (мубодилаи мустақими як мол ба моли дигар, ки бо формулаи М-М ифода карда мешавад) асос ёфтааст. Дар асл, агар аз он бар оем, ки мубодила дар иқтисодиёт бо формулаи М-М амалӣ нагашта, бо истифодабарии формулаи М-П-М амалӣ гардад, он гоҳ ҷараёни хариду – фурӯш ба ду муомилаи мустақилона ҷудо мешавад: фурӯш (М-П) ва харид (П-М). Дар чунин ҳолат хеҷ касс кафолат дода наметавонад, ки даромадҳои пули аз тарафи фурӯшанда ба даст оварда шуда ҳамзамон барои хариди молҳои мувофиқи интизори фурӯш буда сарф карда намешаванд. Агар чунин қисми пулҳо барои харидҳо сарф карда нашуда, барои пасандозҳо равона карда шаванд, он гоҳ дар иқтисодиёт захираҳои молӣ пайдо мешаванд, ки дар натиҷа ба камшавии истеҳсолот ва таъмини мувозинатӣ ҳангоми шуғли пурра оварда мерасонанд.

Лекин дар назарияи классикии мувозинатии макроиқтисодӣ чунин ҳолат ба эътибор гирифта намешавад, чунки ин назария аз он бар меояд, ки пулҳо танҳо фишанги мубодила буда, субъектони хоҷагидорӣ барои соҳиби кардан ба пулҳо кӯшиш намекунанд. Дар назарияи калссикон аз давраи А. Смит сар карда, пулҳо бар муқобили молҳо ба сифати боигарӣ мушоҳида карда намешавад. Дар назарияи классикӣ ба пулҳо танҳо нақши ченаки арзиши ҳама неъматҳои иқтисодӣ ва нақши миёнаравӣ ҳангоми мубодилаи як неъмат ба неъмати дигар мансуб дониста мешуд. Субъектони хоҷагидорӣ пулҳоро танҳо барои таъмини муомилаҳо нигоҳ дошта, ба сифати нигоҳдории боигарӣ нигоҳ намедоранд. Аз ин ҷо хулоса бар меояд, ки дар модели макроиқтисодии классикӣ мувозинатӣ танҳо дар се бозор: бозори меҳнат, капитал ва молҳо таъмин

карда мешавад. Дар ин бозорҳо ду субъекти макроиқтисодӣ бо ҳам вомехӯранд: хоҷагиҳои хонавода ва фирмаҳо.

Дар натиҷаи чунин муносибат макроиқтисод ба сифати ду секторҳои аз ҳам вобаста набуда ифода меёбад: сектори аслӣ ва пулӣ. Айнан дар ҳамин хусусиятҳо мантиқи дихотомияи классикӣ – низоми фаъолияти ду бозорҳои параллел зоҳир мегардад: бозори аслӣ ва бозори пулӣ, ки нисбат ба якдигар новобастаанд.

Яке аз заминаҳои назарияи макроиқтисодии классикӣ тасдиқи он аст, ки агар пулҳо фоиз оварда тавонанд, он гоҳ одамони оқил пулҳоро дар намуди бозоргир (ликвидность) нигоҳ намедоранд. Пулҳои барои фоиз дода шуда, одатан сарчашмаи инвеститсия мебошанд. Агар ҳаҷми инвеститсияҳо (I) ба ҳаҷми пасандозҳои (S) баробар бошад, он гоҳ яке аз шартҳои ибтидоии мувозинатии макроиқтисодӣ таъмин мегардад: I=S. Риоя намудани ин айният маънои онро дорад, ки мувозинатӣ байни маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод вайрон намешавад. Классикон тасдиқ мекарданд, ки қарорҳо оид ба пасандозҳо ва инвеститсияҳо аз тарафи одамони гуногун қабул карда мешаванд, ки мақсад ва рафтори онҳо мувофиқат намекунанд. Лекин дар бозори пулӣ, мувофиқи ақидаи классикон механизме вуҷуд дорад, ки он барои таъмини мувозинатӣ байни пасандозҳо ва инвеститсияҳо мусоидат мекунад. Ин механизм дар тағйирёбии мизони фоиз асос меёбад. Бо баробари пойдор намудани мизони фоизи мувозинатӣ, мувозинатии байни ҳаҷми пасандозҳо ва ҳаҷми инвеститсияҳо таъмин карда мешавад.

Мувофиқи назарияи классикии мувозинатии макроиқтисодӣ тағйирёбии нархҳо, ки ба нигоҳдории мувозинатӣ дар иқтисодиёт мусоидат мекунанд, на танҳо дар бозорҳои молӣ ва пулӣ, балки дар бозори меҳнат низ ба миён меоянд. Дар бозори меҳнат ҳамавақт мувозинатии устувор аз ҳисоби тағйирёбии мизони музди меҳнати номиналӣ таъмин карда мешавад. Масалан, ҳангоми зиёд шудани пешниҳоди меҳнат аз талаботи он пастшавии мизони музди меҳнат то сатҳе ба миён меояд, ки дар он хоҷагиҳои хонавода пурра нақшаҳои худро оид ба фурӯши қувваи корӣ ва фирмаҳо бошанд, мақсади худро оид ба хариди қувваи корӣ амалӣ мегардонанд. Боз як

ҷиҳати зарурии модели классикии мувозинатии макроиқтисодӣ бо таҳлили таъсири пулҳо алоқаманд аст. Азбаски сатҳи умумии нархҳо ба ҳамон равише, ки миқдори пулҳо дар муомилот дигаргун мешванд, тағйир меёбанд, бинобар ҳамин дар сатҳи маҷмӯи пешниҳоди додашуда афзоишёбии миқдори пулҳо дар муомилот ба афзоиши маҷмӯи талабот оварда мерасонад. Аз ин ҷо масъалаи нигоҳдории мувозинатӣ дар низом назоратро аз болои пешниҳоди пулҳо ҳамчун асоси мӯътадилгардонии нархҳо ва маҷмӯи талабот дар назар дорад.

**Назарияи кейнсии мувозинатии макроиқтисодӣ**. Аввалин тафтиши ҷиддии назарияи классикии мувозинатии макроиқтисодӣ бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929 – 1933 буд, ки одатан «Депрессияи Бузург» номида мешавад. Аввалин иқтисодчие, ки хусусиятҳои нави иқтисодиётро кушода дода, қонуниятҳои фаъолияти онро нишон дода, барои раҳои додани он аз ҳолати бӯҳрони пешниҳодро пешкаш карда буд, иқтисодчии англия Ҷ. Кейнс мебошад, ки яке аз иқтисодчиёни номдори таърихи афкори иқтисодии асри XX ба ҳисоб меравад. Китоби машҳури ӯ «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул», ки соли 1936 баромада буд, ҳақиқатан ҳам табаддулоти ҷиддиро дар афкори иқтисодӣ ба миён овард.

Яке аз хулосаҳои фундаменталии Кейнс дар он зоҳир мегардад, ки механизми бозорӣ худ ба худ қобилияти пойдор намудани мувозинатиро дар сатҳи шуғли пурра надорад. Аз нуқтаи назари ӯ мувозинатии умумӣ дар ҳолати бӯҳронии иқтисодиёт бо назардошти бекорӣ ноил гардиданаш мумкин аст. Бо вуҷуди ин истеҳсолот дар сатҳи имконниятҳои имконпазир барои иқтисоди бозории танзимнашаванда одатӣ набуда, балки тасодуфӣ аст.

Фарқиятҳо дар ақидаҳои Кейнс ва классикон дар баҳодиҳии самаранокии фаъолияти механизми бозорӣ буда, он дар оқибатҳои истифодабарии методологияҳои таҳлили иқтисодии гуногун асос меёбад. Методологияи назарияи кейнсӣ аз назарияи классикӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунад:

- муносибати агрегатӣ ба таҳлили иқтисодӣ;
- такя ба номукаммалиҳо дар амал намудани механизмҳои бозорӣ (ҳокимияти монополӣ, ҷорӣ

намудани маъмурии нархҳо, амалигардонии муомилаҳо дар асоси шартномаҳои дарозмуддат, номуайянӣ дар оянда);

- мушоҳида намудани вазъияти иқтисодӣ, к ибо механизми бозорӣ дар давраи дарозмуддат таъсис дода нашуда (ба монанди классикон), балки дар давраи кӯтоҳмуддат таъсис дода мешавад;
- диққати махсус ба нақши пулҳо дар низоми иқтисодӣ.

Натиҷаи чунин фарқиятҳо хулосаҳои принсипан гуногун оид ба асосҳои рафтори субъектони хоҷагидорӣ ва оид ба алоқамандиҳои асосӣ дар иқтисодиёт гаштанд.

Ҷиҳати зарурии назарияи кейнсии мувозинатии макроиқтисодӣ дар боварӣ оид он буд, ки низоми иқтисодии муосир бе дахолати фаъолнокии органҳои давлатӣ амал карда наметавонад, ки фишангҳои сиёсати иқтисодии дар даст доштаи худро бо мақсади мусоидат намудам ба шуғли пурра истифода мебаранд.

Консепсияи классикон оид ба бетарафии пулҳо аз тарафи Кейнс зери шубҳа гузошта шуд. Дар назарияи худ ӯ тарафдори нуқтаи назар буд, ки пулҳо нисбат ба истеҳсолоти аслӣ бетараф нестанд. Бинобар ҳамин яке аз унсурҳои назарияи иқтисодии кейнсӣ ин муттаҳидшавии пулҳо ва тағйирёбандаҳои аслӣ мебошад. Кейнс нишон дод, ки пулҳоро ба сифати бақияҳои истифода нашуда бароиояндаи номуайян нигоҳ доштан мумкин аст, ки он дар навбати худ ба камшавии талаботи самаранок ба мол ва хизматҳои муайян ва бекорӣ мусоидат карданаш мумкин аст.

Кейнс муайян намуд, ки афзоиши даромадҳо ва пасандозҳо дар иқтисодиёти бозорӣ маънои онро надорад, ки инвеститсияҳо бо ҳамин мутаносибӣ зиёд мешаванд. Ягон кафолат нест, ки агар пасандозҳои аҳолӣ афзоиш ёбанд, фирмаҳо инвеститсияҳоро зиёд мекунанд. Бо баробари ин кӯшиши эҳтиёткорона маънои кам намудани истеъмолотро дорад, ки дар инвеститсияҳои минбаъда таъсири манфи мерасонанд: фирмаҳо наметавонанд истеҳсолотро дар шароитҳои афзоишёбии молҳои ба фурӯш нарафта васеъ намоянд. Ягон кафолат нест, ки ҳама воситаҳои пасандоз шуда аз тарафи аҳолӣ ба бонкҳо гузошта мешаванд. Баръакс, маълум

аст, ки қисми зиёди пасандозҳо дар хазинаҳои хоҷагиҳои хонавода дар шакли нақдина нигоҳ дошта мешаванд. Охирон, новобаста аз сатҳи пасандозҳо ба сатҳи инвеститсияҳо қарзҳои бонкӣ ба инвесторон таъсир расонида метавонанд.

Консепсияи Кейнс бо консепсияи классикон дар масъалаи тавсири асосҳо ва динамикаи пасандозҳо ва инвеститсияҳо фарқият мекунад. Агар классикон ҳаҷми пасандозҳои хоҷагиҳои хонаводаро бо мизони фози вобаста кунанд, Кейнс бошад пасандозҳои хоҷагиҳои хонаводаро бо андозаи ва тағйирёбии даромадҳо алоқаманд мекунад. Дар модели кейнсӣ инвеститсияҳо инчунин аз мизони фоиз вобастагӣ дорад, лекин бо дараҷаи нисбат ба назарияи классикӣ пастар. Агар дар назарияи классикон мизони фоиз ҳосилнокии интиҳоии капиталро ифода кунад, дар консепсияи кейнсӣ бошад инвеститсияҳо бо нархи пулҳо ифода карда мешаванд. Ба ғайр аз ин бояд дар назар дошт, ки дар модели кейнсӣ омили асосии ба ҳаҷми инвеститсияҳо таъсиррасонанда нисбат ба мизони фоиз меъёри фоидаи пешбинишаванда ба капитали гузошта шуда, инчунин боварӣ ва ё нобоварии соҳибкорон ба ҳисоб меравад.

Кейнс гумон дорад, ки дар иқтисоди бозории аслӣ сатҳи истеҳсолот ва шуғл аз сатҳи нархҳо вобаста нестанд. Ӯ нишон дод, ки камшавии талабот ба пастшавии сатҳи нархҳо оварда нарасонида, балки ба камшавии истеҳсолот ва шуғл оварда мерасонад, зеро иқтисодиёти бозорӣ ба таври мукаммал рақобатнок намебошад. Устувории нархҳо дар бозорҳои молӣ ва монополизми иттифоқҳои касаба дар бозори меҳнат ба пастшавии нархҳо ва музди меҳнат бо ҳаҷмҳои барои барқарор намудани мувозинатӣ дар сатҳи шуғли пурра имконият намедиҳанд.

Ҳамин тавр, нодурустии ақидаҳои назарияи классикии мувозинатии макроиқтисодӣ, ки ба қонуни Сэй оид ба таъсисдиҳии даромадҳо ва талабот ба молҳо аз тарафи истеҳсолот такя мекарданд нишон дода шуданд. Кейнс алоқаи байни пешниҳод ва талаботро дигаргун намуд. Ӯ ба хулосаи куллан баръакс омад: ҳаҷми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва шуғл бо омилҳои истеҳсолот нею (ақидаи классикон), бакли бо омилҳои

талаботи пардохтнок муайян карда мешаванд. Бо ин мақсад ӯ ба назарияи худ мафҳуми талаботи самаранокро ворид намуд.

## 17.2. МУВОЗИНАТИИ МАКРОИҚТИСОДӢ ДАР МОДЕЛИ AD – AS.

Мувозинатӣ дар модели AD – AS дар чунин сатҳи нархҳо таъмин карда мешавад, ки дар он ҳаҷми барориши умумии барои фурӯш аз тарафи ҳама истеҳсолкунандагон пешкаш карда мешуда, ба ҳаҷми маҷмӯи талаботи аз тарафи ҳама агентҳои макроиқтисодӣ баён карда мешуда, баробар аст. Бо ибораи дигар мувозинатии макроиқтисодӣ ҳамон вақт таъмин карда мешавад, ки агар маҷмӯи талабот ба маҷмӯи пешниҳод баробар бошад. Ба таври графикӣ ҳолати мувозинатии иқтисодиёт дар нуқтаи бурриши каҷхаттаҳои AD ва AS ифода меёбад. Бо баробари ин механизми таъмини ҳаҷми истеҳсолоти мувозинатӣ дар мамлакат аз қисмати маҷмӯи пешниҳод, ки дар он каҷхаттаи маҷмӯи талабот онро мебурад вобаста аст. Шакли мураккаби каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳодро ба назар гирифта, қайд кардан мумкин аст, ки ҳолати мувозинатӣ дар ҳар се қисмати каҷхаттаи маҷмӯи талабот: қисмати кейнсӣ, фосилавӣ ва классикӣ таъмин шуданаш мумкин аст. Маҷмӯи талабот нисбат ба маҷмӯи пешниҳод тағйирёбандаи динамикӣ дошта, он тағйиротҳои дар иқтисодиёт ба миён меомадаро ба зудӣ ҳис мекунад.

Афзоиши маҷмӯи талабот нуқтаи мувозинатиро тағйир дода, дар ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ифода ёфта, мувофиқан ба шуғли аҳолӣ ва сатҳи нархҳо таъсир мерасонад.

Вариантҳои имконпазирро дида мебароем.

1. Фарз мекунем, ки каҷхаттаи маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод дар қисмати кейнсӣ якдигарро мебуранд. Ҳангоми афзоиши маҷмӯи талабот мувозинатӣ аз як нуқта ба нуқтаи дигар мегузарад. Бо баробари ин ҳаҷми истеҳсолот низ зиёд шуда, нархҳо дар сатҳи пештара боқӣ мемонанд. Ҳаҷми истеҳсолоти афзоишёфта ҷалби қувваи кори иловагиро талаб мекунад, ки дар иқтисодиёт мавҷуд аст. Ҷалб намудани

омилҳои иловагии истеҳсолот дар қисмати кейнсӣ ба баландшавии нархҳо мусоидат намекунад.

2. Афзоишёбии маҷмӯи талабот дар қисмати ба боло ҳаракаткунанда дигар хер тағйиротҳо ба миён меорад. Ҳаҷми истеҳсолот ва шуғли аҳолӣ зиёд мешаванд, лекин ба андозаи камтар нисбат ба қисматӣ кейнсӣ. Баландшавии сатҳи умумии нархҳо ба назар мерасад.

3. Дар қисмати классикӣ дар шароити ҷалб намудани ҳама омилҳои истеҳсолот ҳангоми афзоишёбии маҷмӯи талабот, зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот ва шумораи бо шуғл машғул будагон ба назар намерасад. Дар ин ҷо истеҳсолот ба сатҳи имконпазири худ мерасад. Лекин чунин ҳодиса бо баландшавии сатҳи нархҳо алоқ

Ҳамин тавр, таҳлили модели оддии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод (AD – AS) нишон медиҳад, ки қонунҳои мувозинатии бозорӣ дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат низ амал мекунанд. Бо баробари ин ин модел ба сифати маънидодкунии қувваҳои асосии дар иқтисодиёт амалкунанда ва оқибатҳои он хизмат мекунад.

Лекин модели AD – AS танҳо ҳаҷми мувозинатии истеҳсолотро ифода карда, чи тавр таъмин гардидани мувозинатиро нишон дода наметавонад. Бинобар ҳамин барои тавсифи мувозинатӣ дар иқтисодиёти бо нархҳои устувор бояд графики вобастагии ҳаҷми талабот ва пешниҳодро аз ҳаҷми даромади миллӣ ифода мекарда сохта шавад. Чунин график номи **«салиби кейнсӣ»**-ро дошта, бо худ тавсири модели маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳодро дар шароитҳои нархгузории устувор дар назар дорад.

Азбаски салиби кейнсӣ нархҳои устуворро дар назар дорад, бинобар ҳамин он имконияти тасвир кардани ҷараёни тағйирёбии сатҳи нархҳоро надорад. Салиби Кейнс модели AD – AS –ро барои мақсадҳои таҳлили макроиқтисодии кӯтоҳмуддат бо нархҳои устувор конкретизатсия карда, барои тадқиқоти оқибатҳои дарозмуддати сиёсати макроиқтисодии бо баландшавӣ ва ё пастшавии сатҳи таваррум алоқаманд буда, истифода мешавад.

**Номувозинатӣ дар модели AD – AS**. Талабот ва пешниҳод дар сатҳи макроиқтисодӣ бо тағйирёбиҳо алоқаманд

буда, метавонанд дар ҳолати мувозинатӣ ва ё номувозинатӣ қарор дошта бошанд. Ду намуди номувозинатиро аз ҳам ҷудо кардан мумкин аст – **норасогӣ (дефитсит) ва барзиёдистеҳсолкунӣ**. Норасогӣ – ин талаботи барзиёд ҳангоми норасогии пешниҳод мебошад. Барзиёдистеҳсолкунӣ – ин барзиёдии пешниҳод ҳангоми норасогии талабот мебошад. Норасогӣ барои иқтисодиёти маъмурӣ хос буда, барзиёдӣ бошад барои иқтисодиёти бозорӣ хос аст.

**Оқибатҳои тағирёбии AD – AS**. Оқибатҳои тағйирёбии AD аз давраи вақт, суръати мутобиқшавии нархҳо ба тағйирёбиҳо дар иқтисодиёт ва суръати баробаршавии бозорҳо, яъне аз намуди каҷхаттаи AS вобаста аст. **Дар давраи кӯтоҳмуддат**, агар нархи молҳо ва захираҳо устувор буда, дар иқтисодиёт шумораи зиёди захираҳои машғул набуда мавҷуд бошанд ва каҷхаттаи AS шакли горизонталӣ дошта бошад, он гоҳ тағйирёбии (масалан афзоиши) AD танҳо ба тағйирёбии (афзоиши) ҳаҷми бароришии мувозинатӣ оварда мерасонад. Агар нархи мол тағйирёбанда ва нархи захираҳо доимӣ бошанд, он гоҳ каҷхаттаи AS хамшавии мусбӣ дошта, афзоиши AD ба зиёдшавии ҳаҷми бароришии мувозинатӣ ва сатҳи мувозинатии нархҳо оварда мерасонад. **Дар давраи дарозмуддат**, азбаски ҳама нархҳо тағйирёбандаанд, тағйирёбии AD ба ҳаҷми бароришии мувозинатӣ таъсир нарасонида (иқтисодиёт дар стаҳи МУД-и имконпазир боқи мемонад), балки танҳо ба тағйирёбии сатҳи мувозинатии нархҳо таъсир мерасонад.

Оқибатҳои тағйирёбии AS дар давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат якхелла буда, аз намуди каҷхаттаи AS вобаста нест. Тағйирёбии хароҷотҳо ба воҳиди маҳсулот ва миқдору сифати захираҳои истифодашаванда ҳамавақт ба тағйирёбии AS оварда расонида, барои тағйирёбии сатҳи нархҳо мусоидат менамояд. Афзоиши AS ҳамавақт ба афзоиши сатҳи бароришии мувозинатӣ ва пастшавии сатҳи мувозинатии нархҳо оварда мерасонад. Фарқият танҳо дар он аст, ки дар давраи кӯтоҳмуддат (ҳангоми ҳаракати каҷхаттаи SRAS) бароришии аслӣ афзоиш меёбад, дар давраи дарозмуддат бошад (ҳангоми ҳаракати каҷхаттаи LRAS) бароришии имконпазир, яъне имкониятҳои истеҳсолии иқтисодиёт афзоиш меёбанд.

**Нақши давлат дар моделҳои классикӣ ва кейнсӣ**. Дар модели классикии мувозинатии макроиқтисодӣ нақши давлат чунин тавр муайян карда шудааст. Агар бозор дорои танзимкунандагони қобилияти таъмини истифодабарии захираҳои мавҷударо дошта бошад, он гоҳ дахолати давлат изофагӣ мебошад. Дар чаҳорчӯбаи назарияи классикӣ принсипи бетаравии давлат таҳия карда шуда буд. Давлат бояд аз таъсирот ба субъектони иқтисодие, ки дар шароити рақобат фаъолият мебаранд боздорӣ намуда, барои пешгирӣ намудани натиҷаҳои негативии фаъолияти худ кӯшиш намояд.

Мувофиқи модели кейнсӣ, давлат бояд барои раҳои додани иқтисодиёт аз ҳолати бӯҳронӣ бо роҳи амалигардонии сиёсати фискалӣ ва пулию – қарзии экспансионӣ мусоидат намоянд. Дар давраҳои бӯҳрон на танҳо васеъ намудани хароҷотҳои давлатӣ, балки ҳавасмандгардонии инвеститсияҳои сектори хусусӣ бо воситаи паст намудани андозҳо, мизони фоизи паст ва ғайраҳо пешкаш карда мешаванд. Бо ибораи дигар, амалигардони ҳамагуна чорабиниҳое, ки хароҷотҳои истеъмолӣ, инвеститсионӣ, давлатӣ ва содироти софро ҳавасмандгардонӣ бо мақсадҳои афзоиш додани истеҳсолот ва паст намудани бекорӣ пешкаш карда мешуд.

## 17.3. ТАҲЛИЛИ ИСТЕЪМОЛОТ, ПАСАНДОЗҲО ВА ИНВЕСТИТСИЯҲО.

Мвофиқи консепсияи классикӣ, сатҳи хароҷотҳои умумии бо даромади умумӣ муайян карда мешуда, ҳамавақт барои хариди маҳсулоти дар шароити шуғли пурра истеҳсолшуда кифоя мебошад. Муносибати кейнсӣ чунин ақидаи классиконро зери шубҳа гузошта, аз он бар меояд, ки ҳаҷми хароҷотҳои субъектони алоҳидаи иқтисодӣ зери таъсири асосҳои гуногун, алалхусус омилҳои психологӣ таъсис меёбанд.

Аз давраҳои Кейнс ба фишанги илми иқтисодӣ мафҳумҳои «майл», «пешбинӣ», «дархост» ва ғайраҳо ворид шуда буданд. Ин мафҳумҳо дар намуди нишондиҳандаҳои аниқ имконият медиҳанд, ки омилҳои психологӣ ба эътибор

гирифта шуда, таъсири онҳо ҳангоми таҳлили мувозинатии макроиқтисодӣ муайян карда шаванд.

Рафтори истеъмолӣ зери таъсири омилҳои зиёд тағйир меёбад, ки асоситаринаш даромади софи ихтиёрӣ мебошад. Сатҳи умумӣ ва динамикаи истеъмолот бо ёрии функсияи истеъмолот тадқиқ карда мешавад, ки вобастагии истеъмолотро аз даромади ихтиёрӣ, яъне $C=f(Y)$ нишон медиҳад.

Барои аниқтар намудани вобастагии истеъмолот аз даромад, бояд бо нишондиҳандаҳои тамоюли тағйирёбии истеъмолотро бо баробари афзоишёбии даромад тавсиф мекарда, шинс шудан лозим аст. Ин нишондиҳанда майл ба истеъмолот номида мешавад. Мафҳуми мазкур аз тарафи Кейнс ворид карда шуда, ӯ оид ин мафҳӯм чунин навишта буд: «Қонуни асосии психологӣ, ки на танҳо аз дониши табиати инсон вобаста буда, балки дар асоси омӯзиши дақиқи таҷриба дар он зоҳир мегардад, ки одамон одатан ҳангоми афзоишёбии даромад майл дорад истеъмолоти худро зиёд намоянд, лекни на ба он андозае, ки даромад афзоиш меёбад».

Нишондиҳанде, ки омили психологиро ифода карда, майли аҳолиро ба истеъмолот тавсиф мекунад бо чунин тарз ифода кардан мумкин аст.

Майли миёна ба истеъмолот (*average propensity to consume* - APC) бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$APC = \frac{C}{Y} \qquad (17.1)$$

ки дар ин ҷо: C – хароҷотҳои истеъмолӣ; Y – даромади ихтиёрӣ. Ин формула нишон медиҳад, ки кадом қисми даромади ихтиёрӣ барои истеъмолот истифода мешавад.

Нишондиҳандаи майли миёна ба истеъмолот барои тавсифи тамоюл дар хароҷотҳои истеъмолӣ зарур аст. Бо баробари афзоиши даромад ҳиссаи даромаде, ки барои истеъмолот равона карда мешавад, яъне APC кам мешавад. Лекин саволе ба миён меояд, ки ҳангоми тағйирёбии даромад бо истеъмолот чи ҳолат рӯй медиҳад. Барои ба савол ҷавоб додан нишондиҳандаи ҳиссиёти истеъмолотро ба тағйирёбии даромад истифода мебаранд.

Чунин нишондиҳанда майли интиҳоӣ ба истеъмолот (*marginai propensity consume* - MPC)) мебошад, ки бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$MPC = \frac{\Delta C}{\Delta Y} \quad (17.2)$$

ки дар ин ҷо: Δ - ин афзоиш (тағйирёбӣ).

Майли интиҳоӣ ба истеъмолот (MPC) нишон медиҳад, ки кадом қисми ҳар як воҳиди даромади ихтиёрии иловагии худро хоҷагиҳои хонавода барои зиёд намдуани истеъмолот равона мекунанд.

Азбаски ҳар як воҳиди иловагии даромади ихтиёрӣ байни истеъмолот ва пасандоз ҷудо мешаванд, бинобар ҳамин андозаи ададии MPC дар ҳудудҳои аз 0 то 1 қарор дорад. Агар C=0 бошад, он гоҳ тамоми даромад барои пасандоз равона карда мешавад. Агар MPC=1 бошад, он гоҳ ҳама даромади афзоишёфта истеъмол карда мешавад.

Сатҳи умумӣ ва динамикаи пасандозҳо бо воситаи функсияи пасандозҳо тадқиқ карда мешавад, ки вобастагии пасандозҳоро аз даромади ихтиёрӣ нишон медиҳад: ***S=Y-C*** ва ё ***S=Y-f(Y)***. Ба монанди истеъмолот барои аниқ намудани вобастагии пасандозҳо аз даромад, бояд бо нишондиҳандаи тамоюли тағйирёбандаи пасандозҳоро бо баробари афзоиши даромад тавсиф мекарда шинос шудан лозим аст.

Нишондиҳандае, ки омили психологиро ва майлро барои пасандозкунӣ тавсиф мекунад бо воситаи майли миёна ба пасандозкунӣ (average propensity to save - APS) ифода кардан мумкин аст, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$APS = \frac{S}{Y} \quad (17.3)$$

ки дар ин ҷо: S – ин пасандозҳо.

Бо баробари афзоишёби даромади ихтиёрӣ ҳиссаи даромади барои пасандоз равона мешуда, яъне APS зиёд мешавад. Бояд қайд намуд, ки тамоюли камшавии ҳиссаи истеъмолот ва афзоишёбии ҳиссаи пасандоз дар даромади ихтиёрӣ дар давраи кӯтоҳмуддат ба назар мерасад. Дар давраи дарозмуддат APC ва APS, одатан муътадил мешаванд, зеро онҳо рафтори нисбии устуворро ҳангоми мавҷуд набудани ҳолатҳои

ногувор ифода мекунанд. Айнан ба монанди майли интиҳои ба истеъмолот, майли интиҳои ба пасандозкунӣ (MPS) муайян шуданаш мумкин аст. Миқдоран майли интиҳои ба пасандоз ҳамчун нисбияти тағйирёбии пасандозҳо (ΔS) ба тағйирёбии даромади ихтиёрӣ (ΔY), ки чунин тағйирёбии пасандозро ба миён меорад, муайян карда мешавад:

$$MPS = \frac{\Delta S}{\Delta Y} \tag{17.4}$$

Ин нишондиҳандаҳо оиди кадом ҳиссаи воҳиди иловагии даромадро хоҷагиҳои хонавода барои истеъмол ва кадом ҳиссаи даромади тағйирёфтаро барои пасандоз равона мекунанд, тасаввурот медиҳанд.

Мутаносибии байни майли интиҳоӣ ба истеъмолот ва майли интиҳоӣ ба пасандоз чи гуна аст?

Барои ба ин савол ҷавоб додан ҷараёни иқтисодиро мушоҳида кардан кифоя аст, ки дар таркиби мафҳумҳои майли интиҳоӣ ба истеъмолот ва майли интиҳоӣ ба пасандоз мавҷуд аст.

Агар даромади умумӣ афзоиш ёбад, он гоҳ хоҷагиҳои хонавода қисми даромади зиёдшударо ба истеъмолот равона карда, қисми боқимондаашро барои пасандоз равона мекунанд. Азбаски варианти сеюми истифодабарии даромади афзоишёфта вуҷуд надорад, бинобар ҳамин ҷамъи тағйирёбии истеъмолот ва тағйирёбии пасандозҳо ҳатман бояд ба як баробар бошанд. Яъне:

$$MPC + MPS = \frac{\Delta C}{\Delta Y} + \frac{\Delta S}{\Delta Y} = \frac{\Delta(C+S)}{\Delta Y} = 1$$

Ин баробарӣ имконият медиҳад, ки як нишондиҳанда бо воситаи нишондиҳандаи дигар ифода карда шавад:

$$MPC + MPS = 1, \text{ва ё } MPS = 1 - MPC \tag{17.5}$$

Нишондиҳандаҳои майли интиҳоӣ ба истеъмолот ва майли интиҳоӣ ба пасандоз ҳангоми таҳлили мувозинатии макроиқтисодӣ аҳамияти калон доранд, ба монанди андозаҳои интиҳоӣ дар микроиқтисод, ки дар он маржинализм усули асосии таҳлил гардидааст.

Инак, функсияи истеъмолот ва пасандоз бо истифодабарии нишондиҳандаҳои MPC ва MPS дар намудҳои зерин ифода шуданашон мумкин аст.

**Функсияи истеъмолот**:

$$C = c + MPC(Y - T) \qquad (17.6)$$

ки дар ин ҷо: $c$ – истеъмолоти автономӣ, ки андозаи он аз ҳаҷми даромад вобаста нест; $T$ – пардохтҳои андозӣ.

**Функсияи пасандозҳо**:

$$S = s + MPS(Y - T) \qquad (17.7)$$

ки дар ин ҷо: $s$ – истеъмолоти автономӣ.

Ҳамин тавр, барои тасвири графики функсияи истеъмолот ва функсияи пасандозҳо ҳама маълумотҳо мавҷуданд.

Азбаски ҳаҷми истеъмолот ва пасандозҳо ин қисмҳои як даромад мебошанд, бинобар ҳамин графики пасандозҳо ин тавсири оинагии каҷхаттаи истеъмолот мебошад. Хатти ёрирасоне, ки бо кунҷи $45^0$ гузаронида шудааст, ҳолати гипотетиро ифода мекунад, ки дар он истеъмолот айнан ба даромади ихтиёрӣ дар ҳама сатҳҳои он мувофиқат мекунад (яъне дар иқтисодиёт қарз ва пасандозҳо вуҷуд надоранд).

Дар ҳолати даромади мувозинатӣ истеъмолот аз даромади ихтиёрӣ зиёд аст. Дар графики пасандозҳо ин ҳолат ба пасандозҳои манфӣ мувофиқат мекунад (хоҷагиҳои хонаводаи бо даромадҳои аз сатҳи мувозинатӣ хурд буда, бо қарз зиндагӣ мекунанд). Нуқтаи бурриши хатти $45^0$ андозаи ягонаи функсияи истеъмолотро ифода мекунад, ки ба даромад баробар буда, пасандозҳо бошанд ба нол баробаранд.

Ҳангоми даромади аз сатҳи мувозинатӣ зиёд (дар тарафи рост аз нуқтаи мувозинатӣ), истеъмолот аз даромади ҷорӣ хурд мешавад. Хоҷагиҳои хонавода имконият пайдо мекунанд, ки қисми даромадро пасандоз кунанд.

Вобастагии инвеститсияҳои индутсиронӣ аз афзоиши даромади миллӣ бо майли интиҳоӣ ба инвеститсиякунӣ MPI ифода карда мешавад:

$$MPI = \frac{\Delta I_{in}}{\Delta Y} \qquad (17.8)$$

**Муаммои мувозинатии инвеститсияҳо ва пасандозҳо**. Агар дахолати давлатро ва савдои берунаро ба эътибор нагирем, он гоҳ инвеститсияҳо (**I**) ва пасандозҳоро (**S**) ҳамчун фарқияти байни даромад (**Y**) ва истеъмолот (**C**) мушоҳида кардан мумкин аст. Азбаски **I=Y-C** ва **S=Y-C**, бинобар ҳамин **I=S**.

Дар амал ин ҳолат дар назар дорад, ки барои нигоҳдории фаъолияти мӯътадили иқтисодиёт бояд механизме зарур аст, ки пасандозҳро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро барои мақсадҳои инвеститсионӣ равонакарда, барои таъмини шартҳои зарурии мувозинатии макроиқтисодӣ – баробарии байни инвеститсияҳо ва пасандозҳо **I=S** мусоидат намоянд. Ин вазифаро сохторҳои молиявӣ бояд иҷро намоянд, ки ба низоми пулию – қарзии ҷамъият дохил мешаванд.

**Парадокси эҳтиёткорӣ**. Маънии онро чи хеле, ки Ҷ. Кейнс нишон дода буда, дар он зоҳир мегардад, ки кӯшиши пасандозкунии одамон аз кӯшиши соҳибкорон барои инвестистиякунӣ тезтар мешавад, ки дар натиҷа камшавии афзоиши даромади миллӣ ба миён меояд.

Ин ҳодиса дар ҳолате мушоҳида карда мешавад, ки якум, агар бо баробари афзоиши ғункунии капитал самаранокии интиҳоии фаъолияти он паст шавад, чунки доираи имкониятҳои алтернативии маблағгузории фоидаовар маҳдуд мешавад; дуюм, бо баробари афзоиши даромадҳо ҳиссаи пасандоҳо зиёд мешаванд, чунки ***S=f(Y)*** мебошад. Танҳо ҳолати шиддатёбии таваррумии иқтисодиёт дар сатҳи бароришии имконпазир истисно мебошад. Дар ин ҳолат афзоишёбии пасандозҳои ҷамъият дархостшаванда мебошанд, зеро маҷмӯи талаботро кам карда, барои бартараф намудани таваррум ва мувофиқан ба афзоиши сутҳи зиндагӣ мусоидат менамоянд.

Бо баробари ин маълум аст, ки афзоиши пасандозҳо зери таъсири рушди иқтисодӣ ба миён меояд, ки он дар навбати худ оқибати афзоишёбии хароҷотҳо дар иқтисодиёти шуғли нопурра мебошад.

Ҳамин тавр, занҷири алоқаҳо дар иқтисодиёт бо чунин тарз ифода меёбад: хароҷотҳои автономӣ дар натиҷаи амал намудани мултипликатор ба афзоиши даромади миллӣ, инчунин ба афзоиши пасандозҳо оварда мерасонанд. Пасандозҳои пайдо шуда дар шароитҳои ҷоннокшавии фаъолияти корӣ сарчашмаи инвеститсияҳои иловагӣ мебошанд, ки онҳро одатан инвеститсияҳои ҳосилавӣ ва ё индутсиронӣ меноманд, зеро онҳо аз даромади афзоишёфта вобастаанд. Инвеститсияҳои индутсиронӣ дар навбати худ, бо ҳамроҳии инвеститсияҳои ибтидоӣ, яъне инвеститсияҳои

автономӣ рушди иқтисодиро суръат бахшида, онро афзоиш медиҳанд, ки самараи мултипликатор номида мешавад.

Лекин афзоишёбии инвеститсияҳо ва даромад, мувофиқан майл ба пасандозкунӣ маънои онро дорад, ки майл ба истеъмолот кам мешавад. Хоҷагиҳои хонавода талаботи истеъмолии худро кам мекунанд, ки ба фурӯши молҳои аз тарафи фирмаҳо истеҳсолшуда таъсири манфи мерасонад. Фирмаҳо истеҳсолотро кам карда, коргаронро аз кор озод мекунанд, ки дар натиҷа ба пастшавии даромадҳои категорияҳои гуногуни аҳолӣ ва даромади миллии мамлакат оварда мерасонад.

Ҳамин тавр, «парадокси эҳтиёткорӣ» нишон медиҳад, ки ҳама кӯшишҳои зиёд намудани пасандозҳо ба камшавии инвеститсияҳо ва истеҳсолот, камшавии даромадҳои ва мувофиқан ба камшавии пасандозҳо оварда мерасонад. Ҳаҷми истеҳсолот то он даме кам мешавад, ки агар камшавии даромад ба ҳаҷми пасандозҳои дархостшавандаи ва ҳаҷми инвеститсияҳои зарурӣ мувофиқат кунад.

Зарари махсуси эҳтиёткорӣ дар он аст, ки асосҳои ҷиддии пасандозкунӣ дар одамон ҳамон вақт пайдо мешавад, ки агар онҳо бо хатари сар задании бӯҳрон ва гум кардани ҷои корӣ, барои оянда пасандозҳоро ҷамъоварӣ мекунанд. Лекин афзоишёбии пасандозҳо камшавии истеъмолотро дар назар дорад. Мувофиқан даромадҳои истеҳсолкунандагон кам мешаванд, зеро хароҷоти яке ин даромади дигарон мебошад. Агар ягон субъект пасандозҳои худро нигоҳ дошта тавонад, ин маънои онро дорад, ки субъекти дигар маҷбур буд ба қарз зинадагӣ кунад. Кӯшиши қисми зиёди аҳолӣ барои кам намудани истеъмолот (барои зиёд намудани пасандозҳо) ба камшавии даромади миллӣ сабаб мешавад.

Моҳияти мултипликаторро Ҷ. М. Кейнс аниқтар намуд. Ба ақидаи Кейнс пайдоиши ин самара бо хусусияти алоқаи байни ҳаҷми даромади ихтиёрӣ ва ҳаҷми истеъмолот асос мегирад.

Ҳар як тағйирёбии хароҷотҳо, ки таркиби маҷмӯи талабот мебошанд (хароҷотҳои истеъмолӣ, инвеститсионӣ, давлатӣ), ҷараёни мултипликативро ба миён меоранд, ки дар зиёдатии даромади умумӣ нисбат ба талаботи автономии афзоишёфта ифода меёбад.

Дар намуди содда ин самарaро бо чунин тарз ифода кардан мумкин аст:

## 17.4. НАЗАРИЯИ МУЛТИПЛИКАТОР.

Калимаи «мултипликатор» маънои афзоункунанда, зарбкунандаро дорад. Мафҳуми «мултипликатор» ба назарияи иқтисодӣ аз тарафи Р.Кан соли 1931 ворид карда шуда буд. Р .Кан ба он диққат дод, ки хароҷотҳо барои корҳои ҷамъиятӣ, ки аз тарафи Ф. Рузвелт барои кам намудани бекорӣ ташкил шуда буданд, ба самараи мултипликативии шуғл, яъне ба пайдоиши шуғли дуюмин, сеюмин, чорумин ва ғайра оварда расонид. Дар натиҷа, хароҷотҳои ибтидоӣ ба афзоиши қобилияти харидории дигар табақаҳои аҳолӣ низ сабаб шуданд.

$$\Delta Y = M_p \times \Delta E \qquad (17.9)$$

ки дар ин ҷо: $M_p$ – мултипликатор; $E$ – хароҷотҳои умумӣ.

**Мултипликаторро** ҳамчун коэффитсиенте муайян кардан мумкин аст, ки то кадом андоза афзоишёбии даромади мувоизантиро ҳангоми афзоишёбии хароҷотҳои умумӣ нишон медиҳад.

Механизми амал намудани мултипликатор чунин аст: ҳар як хароҷоти иловагӣ (DE) дар гирдгардиши иқтисодӣ даромади он шахсон мубаддал мегардад, ки мол ва хизматҳоро мефурӯшанд. Дар марҳилаи минбаъдаи гирдгардиши иқтисодӣ ин даромад метвонад ба хароҷот мубаддал гашта, ҳамзамон маҷмӯи талаботро ба мол ва хизматҳо зиёд намояд.

Мултипликаторро (ҷараёни афзоишёбанда ва зарбкунандаро) бо давраҳои дар об ҳангоми партофтани занг муқосиа намудан мумкин аст. Камшавии мавҷҳо ҳангоми амал намудани механизми мултипликатор бо он алоқаманд аст, ки дар ҳар як гардиши иқтисодӣ қисми даромади иловагӣ ба пуррагӣ ба гардиш ворид нашуда, қисми он пасандоз карда мешавад. Ин алоқаи мултипликатор бо рафтори истеъмолӣ, майл ба истеъмолот ва пасандоз дар формулаи мултипликатор ифодаи худро меёбад:

$$M_p = \frac{1}{1 - MPC} = \frac{1}{MPS} \quad (17.10)$$

Аз формулаи оварда шуда бармеояд, ки чи қадаре, ки хароҷотҳои иловагӣ барои истеъмолот равона карда шуда, қисми камтари он барои пасандоз равона карда шавад, ҳамон қадар андозаи мултипликатор зиёд мешавад. Аммо ҳангоми зиёдшавии ҳиссаи пасандозҳо ва камшавии истеъмолот коэффитсиенти додашуда хурд мешавад.

Худи пайдоиши самараи мултипликатор мавҷудияти шароитҳои муайянро дар назар дорад. Пеш аз ҳама он дар иқтисодиёти бӯҳронӣ, бо миқдори зиёди бекорӣ ва ноистифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ ба назар мерасад. Афзоишёбии хароҷотҳо бо воситаи мултипликатор, истифодабарии пурратари захираҳои дар ҷамъият мавҷуд бударо таъмин менамояд. Худ ба худ мултипликатор механизми зиёдкунандаи омилҳои истеҳсолот намебошад. Агар иқтисодиёт дар ҳолати шуғли пурра қарор дошта бошад, он гоҳ афзоиши хароҷотҳо дар баландшавии нархҳо ва таваррум ифода меёфт, зеро зиёдшавии маҷмӯи талабот аз маҷмӯи пешниҳод ба миён меомад.

Хусусияти самараи мултипликатор дар он зоҳир мегардад, ки ин механизми дутарафа мебошад: он метавонад афзоишёби даромади миллиро суръат бахшад, инчунин метавонад даромади миллиро кам кунад. Ҳамчун омили ғайримӯътадилкунанда мултипликатор дар ҳолати зиёдшавии MPS қувваи пайдо мекунад.

Истеъмолот ва пасандоз дар шароитҳои оддӣ мӯътадиланд. Бо ибораи дигар онҳо ба тағйиротҳои сатҳи даромад суст мутобиқ мешаванд. Бинобар ҳамин самараи мултипликатор дар хароҷотҳои инвеститсионӣ ва ё хароҷотҳои давлатӣ аҳамияти махсус дорад. Ин ҳолат бо он асос меёбад, ки ин хароҷотҳо ҳамчун фишангҳои таъсиррасонӣ ба ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ истифода шаванд, ки рушди иқтисодиро таъсин менамоянд.

Ҷ. Кейнс дар назарияи маҷмӯи талаботи худ ба хароҷотҳои давлатӣ нақши махсусро ҷудо мекард. Айнан хароҷотҳои давлатӣ дар модели иқтисодиёти пӯшида

қобилияти таъмин намудани «талаботи самаранокро» барои таъмини шуғли пурра доранд. Муаммои мултипликаторро дар алоқамандӣ бо инвеститсияҳои хусусӣ ва хароҷотҳои давлавтӣ мушоҳида карда, Ҷ. Кейнс маънидодкунии **«талаботи самаранокро»** ҷамъбаст мекунад.

**Мултипликатори хароҷотҳои давлатӣ (Mg)** – ин коэффитсиенте, ки то кадом андоза афзоиши ниҳоии даромади умумӣ (ΔY) аз афзоиши ибтидоии хариди давлатии мол ва хизматҳо (ΔG) зиёд аст, нишон дода, бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$M_g = \frac{\Delta Y}{\Delta G} \qquad (17.11)$$

**Мултипликатори инвеститсияҳо (Mi)** – ин коэффитситенте, ки то кадом андоза афзоишёбии ниҳоии даромади умумиро (ΔY) дар натиҷаи афзошиёбии ибтидоии инвеститсияҳои автономӣ (ΔI) нишон дода, бо формулаи зерин муайян карда мешавад.

$$M_i = \frac{\Delta Y}{\Delta I} \qquad (17.12)$$

Фарз мекунем, ки дар иқтисодиёт инвеститсияҳо ба 10 млн. сомонӣ афзоиш ёфтанд. Агар бо шарофати ин даромади умумии (миллии) мамлакат ба 30 млн. сомонӣ зиёд шавад, он гоҳ дар ин гуна иқтисодиёт мултипликатор ба 3 баробар аст. Агар афзоиши даромади аз ҳисоби инвеститсияҳои иловагӣ ба миён омадад ба 50 млн. сомонӣ баробар шавад, он гоҳ мултипликатор ба 5 баробар мешавад.

Сабаби чунин ҳодиса дар чист? Чӣ тавр онро маънидод кардан мумкин аст? Маълум аст, ки афзоиши инвеститсияҳо барои базаи истеҳсолии ҷамъият дар давраи кӯтоҳмуддат наметавонад боздеҳи зиёдро дар намуди молҳои тайёр ифода кунад.

Ҷ. Кейнс самараи мултипликативиро чунин асоснок намуд: зиёдшавии хариди молҳои инвеститсионӣ маънои зиёдшавии даромадҳои он агентҳои иқтисодиро дар назар дорад, ки аз онҳо ин молҳо харидорӣ карда мешаванд. Дар ин ҷо фирмаҳои дастгоҳҳо, мошинҳо, таҷҳизотҳо, компютерҳо, масолеҳи сохтмонӣ ва ғайра истеҳсол мекарда дар назар дошта

шудааст, ки афзоиши даромади коргарони ин фирмаҳо мувофиқи функсияи истеъмолоти кейнсӣ зиёдшавии истеъмолоти онҳро дар асоси майли интиҳои ба истеъмолотии хусусии онҳо ба миён меорад. Дар навбати худ афзоиши истеъмолот барои зиёдшавии минбаъдаи талаботи самаранок ва даромади мусоидат мекунад. Ҳамаи ин қобилияти харидориро дар иқтисодиёт баланд карда, мувофиқан ҳаҷми умумии талаботро зиёд мекунад. Қобилияти харидории баланд шуда дар натиҷа ба он оварда мерасонад, ки фирмаҳо талаботро пурра қонеъ гардонида наметавонанд ва барои таъмини талаботи бозорӣ онҳо маҷбур мешаванд, ки киро намудани қувваи кориро ва хариди дигар омилҳои истеҳсолотро зиёд намоянд, ки дар натиҷа ба боз ҳам зиёдшавии қобилияти харидорӣ сабаб мешавад. Қобилияти харидории афзоишёфта сарчашмаи нави истеъмолоти иловагӣ ва инвеститсияҳо мебошанд, ки боз ҳам афзоишёбии қобиляти харидориро ба миён меоранд.

Ҳамин тавр, реаксияи занҷирбанди даромад тавлидкунӣ, афзоишёбии хароҷотҳо ва васеъшавии истеҳсолотро дар ҳама соҳаҳо дар бар мегирад. Самараи давраҳои обӣ пайдо мешавад. Бо баробари ин чи қадаре, ки ин ҷараён васеъ шавад, ҳамон қадар самара маҳдудшавӣ шиддат меёбад. Маҳдудшавӣ бо он маънидод карда мешавад, ки наҳама даромади дар ҳар марҳила ба даст оварда шуда барои истеъмолоти нав сарф карда мешавад. Дар ҳар як марҳилаи нав қисми даромади ба даст оварда шуда пасандоз карда шуда, аз ҷараёни минбаъдаи тавлиди даромад берун мешавад. Ин маънои онро дорад, ки қувваи самараи мултипликатор аз он вобаста аст, ки кадом ҳиссаи даромад ба марҳидаи навбатӣ мегузарад, яъне аз майли интиҳоӣ ба истеъмолоти иштирокчиёни ҳодисаҳои навбатӣ.

**То чӣ андоза мултпликатор афзоиш меёбад?** Барои ба ин савол ҷавоб пайдо намудан, ба мисоли шартӣ рӯ меоварем, ки барои чӣ мултипликатор ҳамавақт аз як калон аст. Фарз мекунем, ки ягон соҳибкор ба маблағи 100 ҳазор сомонӣ барои сохтани корхонаи хурди нонбарорӣ қарор қабул мекунад. Бо шарофати амалигардонии ин лоиҳа, коргарони дар сохтмони ин коргоҳ иштирок мекарда дар ҳаҷми 100 ҳазор сомонӣ даромади иловагиро ба даст меоранд.

**Минбаъд чӣ мешавад?** Агар ҳар як шахс дар иқтисодиёт бо майли интиҳоӣ ба истеъмолоти 0,8 тавсиф карда шавад, он гоҳ 80 ҳазор сомониро онҳо барои хариди мол ва хизматҳои нав сарф мекунанд. Айнан ба ҳамин маблағ захираҳои моли фурӯшандагон кам мешавад. Ҳиссиёти истеҳсолкунандагон барои камшавии захираҳо афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ба ҳаҷми 80 ҳазор сомонӣ гардида, коргарони 0,8 ҳиссаи даромадро (64 ҳазор сомонӣ) гирифта барои истеъмолоти худ сарф мекунанд. Ин ҷараён мутасил давом карда, дар ҳар як мархилаи навбатӣ хароҷотҳо 80% хароҷотҳои пешинаро дар бар мегиранд.

Ин занҷири хароҷотҳои дуюмин аз сабаби амалигардонии инвеститсияҳои ибтидоӣ дар ҳаҷми 100 ҳазор сомонӣ ба миён меоянд. Аз ҷиҳати назариявӣ ин занҷир охир надорад, лекин дар асл ин ҷараён ба андозаи ниҳоии худ майл мекунад, ки ба ҳисоби арифметикӣ хос аст:

$$100 \text{ ҳазор сомонӣ} \rightarrow 100 \text{ ҳазор} \times 0,8 \text{ (истеъмолот)};$$
$$80 \text{ ҳазор сомонӣ} \rightarrow 80 \text{ ҳазор} \times 0,8 \text{ (истеъмолот)};$$
$$64 \text{ ҳазор сомонӣ} \rightarrow 64 \text{ ҳазор} \times 0,8 \text{ (истеъмолот)};$$

Ҷамъи даромади афзоишёбанда чунин андозаро ташкил мекунад:

$$100 \text{ ҳазор} + 80 \text{ ҳазор} + 64 \text{ ҳазор} + \cdots = 100\text{ҳазор}\,(1 + 0,8 + 0,8^2 + 0,8^3 + \cdots)$$

Ҳудуди ҷамъи прогрессияи геометрӣ чунин намуд дорад:

$$\Delta Y = 100 \text{ ҳазор сомонӣ} \times \frac{1}{1-0,8} = \frac{100 \text{ ҳазор}}{0,2} = 500 \text{ ҳазор сомонӣ} \qquad (17.13)$$

Дар ин баробарӣ 100 ҳазор сомонӣ ин афзоиши инвеститсияҳо (ΔI), махраҷи каср (1 – 0,8) ин андозае, ки ба (1 - MPC) баробар мебошад.

Ҳамин тавр, ҳисоб нишон медиҳад, ки агар MPC=0,8 бошад, он гоҳ мултипликатор ба 5 баробар аст. Мултипликатор воҳиди инвеститсияҳои ибтидоӣ ва чор воҳиди хароҷотҳои иловагии (дуюмини) истеъмолиро дар бар мегирад. Айнан ҳамин натиҷаро бо воситаи истифодабарии консепсияи майли интиҳоӣ ба пасандозкунӣ MPS дастрас кардан мумкин аст. Агар MPC = 0,8 бошад, он гоҳ MPS = 0,2 мешавад.

$$\Delta Y = \frac{100 \text{ ҳазор}}{MPS} = \frac{100 \text{ ҳазор}}{0,2} = 500 \text{ ҳазор сомонӣ} \qquad (17.14)$$

**Самараи акселератори инвеститсияҳо**. Бо самараи мултипликатор амал намудани самараи акселератор алоқаманд аст. Акселератор нишон медиҳад, ки байни афзоиши талабот ва афзоиши инвеститсияҳо барои васеъшавии иқтидорҳои истеҳсолӣ алоқае вуҷуд дорад.

$$I = h\Delta Y \qquad (17.15)$$

ки дар ин ҷо: h – коэффитсиенти акселератор; I – инвеститсияҳои ҳосилавӣ (индутсиронӣ).

Самараи акселератор дар намуди умумӣ дар назар дорад, ки тағйирёбии ҳаҷми фурӯши маҳсулот ба тағйирёбии талабот ба воситаҳои истеҳсолоти ин маҳсулотро истеҳсол мекарда орварда мерасонад.

Акселератори инвеститсионӣ – ин коэффитсиенте, ки вобастагии тағйирёбии инвеститсияҳоро аз тағйирёби даромад нишон медиҳад. Ба монанди мултипликатор механизми амал намудани акселератор ду тарафа аст, яъне амал намудани он на танҳо дар афзоиши инвеститсияҳо, балки дар камшавии онҳо ифода меёбад. Масалан, камшавии ҳаҷми фурӯш ба камшавии даромад ва камшавии инвеститсияҳо ба n маротибаи ба андозаи акселератор баробар ба назар мерасад.

Алоқаи байни мултипликатор ва акселератор дар чунин хусусият ифода меёбад: инвеститсияҳои автономӣ самараи мултипликаторро ба миён меоранд, ки ба афзоиши даромад мусоидат намуда, афзоиши талабот ва ҳаҷми фурӯш ба пайдоиши инвеститсияҳои индутсиронӣ ва амал намудани самараи акселератор сабаб мешаванд.

Байни мултипликатор ва акселератор фарқият низ вуҷуд дорад. Агар мултипликатор таъсири бевоситаро ба даромад аз тарафи талабот дар соли ҷорӣ тавсиф намояд, самараи акселератор бошад, алоқаи байни инвеститсияҳои соли ҷорӣ ва васеъшавии истеҳсолотро дар соли минбаъда дар назар дорад.

**Ҷудошавии таваррумӣ ва ретсессионӣ**. Вазифаи таҳлили мувозинатии иқтисодӣ на танҳо муайян намудани ҳаҷми мувозинатии истеҳсолот, балки баҳодиҳии он, яъне муқоиса намудани таносубҳои ҳаҷми мувозинатии истеҳсолот бо ҳаҷми истеҳсолоти имконпазир дар ҳолати шуғли пурра ва имкониятҳои васеъи инвеститсионӣ мебошад.

Ба ғайр аз ҳолати баробарии ҳаҷми барориши мувозинатӣ ва имконпазир, инчунин ду ҳолати дигар ба назар расиданаш мумкин аст:

1) ҳаҷми истеҳсолоти мувозинатӣ **($Y_0$)** аз ҳаҷми истеҳсолоти имконпазир **(Y*)** хурд аст; ин ҳолат ҷудошавии ретсессионӣ номида мешавад;

2) ҳаҷми истеҳсолоти мувозинатӣ **($Y_0$)** аз ҳаҷми истеҳсолоти имконпазир **(Y*)** зиёд аст; ин ҳолатро ҷудошавии таваррумӣ меноманд;

**Ҷудошавии ретсессионӣ** – ин ҳолате, ки дар он хароҷотҳои умумӣ барои таъмини ҳаҷми истеҳсолот дар сатҳи шуғли пурра нокифоя буда, мувозинатӣ дар сатҳи дуртар аз имконпазир дастрас карда мешавад. Пастравии минбаъдаи хароҷотҳо ба пастшавии истеҳсолот, то ҳатто бо самараи мултипликативӣ оварда мерасонад.

Раҳои аз ҳолати додашуда ин ҳавасмандгардонии талабот ва пеш аз ҳама таркиби он инвеститсияҳо мебошад.

**Ҷудошавии таваррумӣ** – ин ҳолате, ки дар он талабот ба молҳо аз ҳаҷми истеҳсолоти умумии иқтисодиёт зиёд буда, дар натиҷаи он баландшавии нархҳо ба назар мерасад. Нархҳои баланд ба афзоиши даромадҳои бизнес оварда расонида, талабҳои коргарон оид ба зиёд намудани музди меҳнат аз ҳисоби баландшавии арзиши ҳаёт ба гиргардиши спирали таваррумӣ «музди меҳнат – нархҳо» сабаб шуда метавонад, ки барои иқтисодиёт оқибатҳои негативӣ дорад.

Бо мақсади роҳ надодан ба оқибатҳои негативӣ, бояд ба сабабҳои талаботи баризофагиро ба миён меоварда таъсир расонидан лозим аст. Агар ин гуна ҳолат бо барзиёдии пулҳо дар иқтисодиёт алоқаманд бошад, он гоҳ раҳои аз ин ҳолат дар амалигардонии сиёсати пулию – қарзии боздоранда ифода меёбад. Агар ин гуна ҳолат бо ҷараёнҳои соҳаи буҷетӣ алоқаманд бошад, он гоҳ бояд чорабиниҳои солимгардонии буҷетро амалӣ гардонидан лозим аст.

## 17.5. МУВОЗИНАТИИ МАКРОИҚТИСОДӢ ДАР МОДЕЛИ IS – LM.

**Мақсади таҳлили иқтисодиёт бо воситаи модели IS – LM** дар таҳлили муфассали баҳамтаъсиррасонии сектори аслии иқтисодиёт (бозори молӣ) ва бозори пулӣ мебошад. Зери мафҳуми бозорҳои молӣ на танҳо бозори молҳои истеъмолӣ ва хизматҳо, балки бозори молҳои инвеститсионӣ дар карда мешавад, ки аз бозори молҳои истеъмолӣ фарқияти куллӣ надорад. Фарқияти байни ин категорияҳои молҳо танҳо дар талаботи онҳо иборат мебошад. Талабот ба молҳои истеъмолӣ ва инвеститсионӣ аз тағйирёбандаҳои гуногун вобаста аст. Талабот ба молҳои истеъмолӣ пеш аз ҳама аз даромад ва талабот ба молҳои инвеститсионӣ бошад пеш аз ҳама аз мизони фоиз вобаста аст. Азбаски чунин фарқият хислати рӯякӣ дорад, бинобар ҳамин барои маҳдуд намудани бозорҳои молҳои истеъмолӣ ва инвеститсионӣ нархҳои нисбиро донистан лозим аст, чунки иқтисодчиён бозорҳои ҳамаи молҳоро ба як бозор муттаҳид мекунанд.

Дар модели **IS – LM *(инвеститсияҳо – пасандозҳо – дархост ба бозоргирӣ – пулҳо)*** бозорҳои молӣ ва пулӣҳамчун секторҳои низоми иқтисодии ягона баромад мекунанд. Зиннаи алоқамандкунандаи бозорҳои молӣ ва пулӣ мизони фоиз баромад мекунад. Мизони фоиз на танҳо тавсифи зарурии бозори молӣ набуда, балки барои бозори молӣ низ аҳамят дорад.

Модели **IS – LM** аввалин маротиба соли 1937 аз тарафи Ҷ. Хикс ба сифати тавсири маънои консепсияи макроиқтисодии Кейн пеш карда шуда буда, бинобар ҳамин конкретизатсияи модели **AD – AS** мебошад. Баъд аз ба чоп расидани китоби А. Хансен «Назарияи монетарӣ ва сиёсати фискалӣ» соли 1949 васеъ паҳн гашта, дертар модели **Хикс – Хансен** номида шуд.

**Каҷхаттаи IS**. Тасвири каҷхаттаи **IS** барои дарк намудани мушкилоти мувозинатии макроиқтисодӣ бо назардошти он қонуниятҳое, ки дар бозори пулӣ ба миён меоянд, имкониятмедиҳад, чунки каҷхаттаи **IS** мвозинатиро дар бозори аслӣ нишон медиҳад.

Мизони фоиз – ин хароҷотҳо барои гирифтани қарзҳо барои молиягузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ, яъне андозаи он аз фоиданокии лоиҳаи инвеститсионӣ барои инвестор ифода меунад. Аз ин гуфтаҳо инвеститсияҳоро ҳамчун функсияи мизони фоиз мушоҳида намудан мумкин аст:

$$I = f(r) \tag{17.16}$$

Чӣ қадаре, ки мизони фоиз баланд шавад, ҳамон қадар сатҳи хароҷотҳои инвеститсионӣ кам мешавад ва баръакс. **Бинобар ҳамин качхаттаи IS** хамшавии баръакс дошта, ҳолатеро нишон медиҳад, ки афзоиши мизони фоиз ба камшавии инвеститсияҳои банақшагирифташуда оварда расонида, дар натиҷа ба камшавии даромади умумӣ сабаб мешаванд.

Азбаски сатҳи даромади мувозинатӣ риоя намудани шарти S = I – ро дар назар дорад, бинобар ҳамин қайд кардан мумкин аст, ки качхаттаи IS таносубҳои гуногуни байни мизони фоиз ва даромади умумиро ҳангоми баробарии байни пасандозҳо ва инвеститсияҳо, яъне дар ҳолати мувозинатии бозорҳои молӣ, нишон медиҳад.

**Качхаттаи LM**. Дар ҳамон нишондодҳои мизони фоиз ва даромад, ки качхаттаи IS тасвир карда мешавад, качхаттаи мувозинатии бозори молиро LM тасвир кардан мумкин аст.

Бо баробари ин качхаттаи пешниҳоди пулҳо ($M_d$) намуди амудӣ (вертикалӣ) дорад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ҳаҷми пешниҳоди пулҳо доимӣ аст. Функсия талабот ба пулҳо бошад ба функсияи талаботи дигар неъматҳо монанди дорад. Чи хеле, ки маълум аст, талабот ба молҳо ҳангоми афзоиши нархҳо кам шуда, дар ҳолати пастшавии нархҳо бошад зиёд мешавад. Талабот ба пулҳоро дар намуди умумӣ ҳамчун функсияи даромад (вобастагии мустақим) ва мизони фоизи номиналӣ ифода кардан мумкин аст:

$$M_d = L(Y, r) \tag{17.17}$$

Тасаввуроти додашуда оид ба функсияи талабот ба пулҳо ба назарияи кейнсии мизони фоиз ва ба тавсири соддаи назарияи дархост ба бозоргирӣ (ликвидность) мувофиқат мекунад. Афзоишёбии даромад ҳангоми чунин муносибат ба

афзоиши талабот ба пулҳо ва баландшавии мизони фоиз сабаб мешавад.

Ҳамин тавр, **каҷхаттаи LM** – ин ифодаёбии графикии алоқаи байни мизони фоиз ва даромади умумӣ ҳангоми мувозинатии бозори пулӣ мебошад. Ба монанди каҷхаттаи IS намуди каҷхаттаи LM бо назардошти мувофиқкунии ҳаҷми даромад ва мизони фоиз муайян карда мешавад, ки дар он талабот ба пулҳо (L) ба пешниҳоди он (M) баробар аст.

Каҷхаттаи LM хамшавии мусбӣ дошта, нишон медиҳад, ки мувозинатӣ дар бозори пулӣ ҳамон вақт нигоҳ дошта мешавад, ки агар ба афзоишёбии даромади аслӣ мизони фоизи баланд мувофиқат кунад.

Нуқтаҳои аз каҷхаттаи LM поёнтар ва болотар ҳолати номувозинатии бозори пулиро тавсиф мекунад. Дар ҳама нуқтаҳои аз каҷхаттаи LM поёнтар талабот ба пулҳо аз пешниҳоди онҳо зиёд мебошад (L>M). Дар ҳама нуқтаҳои аз каҷхаттаи LM болотар пешниҳоди пулҳо нисбат ба талабот ба онҳо зиёд мебошад (L<M).

**Сабабҳои ҳаракати каҷхаттаҳои IS – LM**. Ҳаракати каҷхаттаи IS ҳамон вақт ба назар мерасад, ки агар ба ғайр аз мизони фоиз дигар омилҳо тағйир ёбанд. Ба чунин омилҳои дохил мешаванд:

- сатҳи хароҷотҳои истеъмолӣ;
- сатҳи хароҷотҳои давлатӣ;
- андозҳои соф.

**Ҳаракати каҷхаттаи LM** дар ҳолате ба назар мерасад, ки агар пешниҳоди пулҳо ва ё сатҳи нархҳо тағйир ёбанд.

IS – LM. Каҷхаттаҳои IS ва  LM –ро тасвир карда, бурриши онҳоро дидан мумкин аст. Нуқтаи бурриши каҷхаттаиҳои IS ва LM нуқтаи мувозинатии макроиқтисодӣ мебошад, яъне дар ин нуқта мутаносибии мизони фоиз ва сатҳи даромад ба назар мерасад, ки дар он мувозинатӣ ҳам дар бозори молӣ (аслӣ) ва ҳам дар бозори пулӣ таъмин мегардад. Бо ибораи дигар, дар чунин мутаносибии мизони фоиз ва даромад дар бозори молӣ ва пулӣ барзиёдӣ ва ё норасогӣ ба назар нарасида, маҷмӯи талаботи ба ин ҳолат мувофиқ, талаботи самаранок номида мешавад.

# МАВЗӮИ 18. РУШДИ ИҚТИСОДӢ

*18.1. Рушди иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои он.*
*18.2. Омилҳо ва намудҳои рушди иқтисодӣ, аҳамият ва хароҷотҳои он.*
*18.3. Назарияҳои рушди иқтисодӣ.*
*18.4. Сиёсати давлатӣ ва рушди иқтисодӣ.*

## 18.1. РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ ОН.

**Аҳамияти омӯзиши муаммоҳои рушди иқтисодӣ**. Муаммои рушди иқтисодӣ ва суръатҳои он яке аз муаммоҳои зарурии макроиқтисодӣ мебошад. Омӯзиши он имконият медиҳад, ки:

1. сабабҳои фарқият дар сатҳи зиндагонӣ ва суръатҳои рушди иқтисодӣ байни мамлакатҳои гуногун дар як давраи вақти додашуда (фарқияти байнимамлакатӣ) ва дар дохили мамлакат дар давраҳои гуногун (фарқиятҳои даврагӣ) дарк карда шавад;
2. омилҳои рушди иқтисодӣ муайян карда шаванд; шароитҳои нигоҳдории сатҳи баланди зиндагонии дар мамлакат дастрас шуда муайян карда шавад;
3. чорабиниҳои сиёсати давлатӣ оид ба таъмин ва сурътабахшии рушди иқтисодӣ таҳия карда шаванд.

**Мафҳуми рушди иқтисодӣ**. Зери мафҳуми рушди иқтисодӣ одатан тамоюли дарозмуддат афзоишёбӣ ва мукаммалгардонии сифатии маҳсулоти ҷамъиятӣ ва омилҳои онро истеҳсолмекарда фаҳмида мешавад, яъне рушди иқтисодӣ – ин тамоюли дарозмуддат афзоишёбии МУД – и аслӣ ва омилҳои истеҳсолот мебошад.

**Ба таври графикӣ рушди иқтисодӣ** бо се тарз ифода шуданаш мумкин аст:

- бо воситаи каҷхаттаи МУД–и аслӣ – хатти тренд (рушд) тамоюли дарозмуддати афзоиши МУД – и аслиро ифода мекунад;
- бо воситаҳои каҷхаттаи имкониятҳои истеҳсолӣ, ки маҳдудияти захираҳоро дар иқтисодиёт барои давраи муайяни вақт ифода мекунад;
- бо воситаи модели маҷмӯи талабот – маҷмӯи пешниҳод (модели AD – AS).

Азбаски рушди иқтисодӣ азоишёбии МУД –и аслиро дар давраи дарозмуддат дар назар дорад, бинобар ҳамин ба таври графикӣ онро ҳамчун ҳаракати каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод дарозмуддат LRAS ба тарафи рост тасвир кардан мумкин аст.

Моҳияти рушди иқтисодӣ дар ҳал намудан мушкилоти зиддияти асосии иқтисодиёт байни маҳдудияти захираҳо ва номаҳдуди эҳтиёҷотҳои ҷамъият мебошад.

Ин зиддият бо воситаи ду тарз ҳал шуданаш мумкин аст:

**якум**, аз ҳисоби афзоишёбии имкониятҳои истеҳсолӣ;

дуюм, аз ҳисоби истифодабарии самараноки имкониятҳои истеҳсолии мавҷуд буда ва инкишофёбии эҳтиёҷотҳои ҷамъиятӣ.

**Мақсадҳои рушди иқтисодӣ**. Рушди иқтисодиро аз нуқтаи назари манфиатҳои ҷамъият мушоҳида намуда, ду мақсадҳои асосии онро ҷудо кардан мумкин аст: баланд намудани некуаҳволии моддии аҳолӣ ва нигоҳдории бехатарии миллӣ.

Баланд намудани некуаҳволии моддии аҳолӣ, ҳамчун мақсади асосии рушди иқтисодӣ дар чунин хислатҳо аниқтар карда мешавад:

**1. Афзоиши даромад** ба ҳар сари аҳолӣ. Дастрасгардидани ин мақсад дар суръати рушди МУД ба ҳар сари аҳолӣ инъикоси худро меёбад.

**2. Зиёдшавии вақти истироҳат**. Истироҳат яке аз неъматҳои зарурӣ ба ҳисоб рафта, дар нишондиҳандаи МУД –и аслии мамлакат инъикос намеёбад. Бинобар ҳамин ҳангоми баҳо додани дараҷаи ноилгардии ин мақсад бояд ба назар расидани кӯтоҳгардии ҳафтаи корӣ ва ё соли корӣ ба эътибо гирифта шуданаш лозим аст.

**3. Беҳтаргардии** тақсимоти даромади миллӣ байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ. Агар афзоиши оддии МУД –и аслӣ бо бадшавии вазъияти тақсимоти он ба назар расад, он гоҳ қисми зиёди аҳолӣ рушди иқтисодиро манфи меҳисобанд, зеро некуаҳволии онҳо мисли пештара боқи монданаш мумкин буд. Бинобар ҳамин зарур аст, ки дар ҷараёни рушди иқтисодӣ принсипҳои ҳифзи иҷтимоӣ нисбат ба шахсони қобили меҳнат дошта ва бекорон ба эътибор гирифта шаванд.

**4. Баландшавии** сифат ва афзоиши номгӯи мол ва хизматҳои истеҳсолшаванда. Ин таркиб дар МУД –и аслӣ ифодаи бевосита пайдо намекунад. Бо баробари ин гумон кардан мумкин аст, ки сифати нисбатан баланд ва фарқгузории молҳо ба баландшавии қонеъгардонии истеъмолӣ мусоидат намуда, мувофиқан инъикоси худро дар афзоиши хароҷотҳо барои хариди мол ва хизматҳо ифода мекунад, ки ҳаҷми умумии онҳо ҳаҷми МУД –и истеҳсолшударо тавсиф мекунад.

Мафҳуми **«сифати рушди иқтисодӣ»** дар назарияи иқтисодӣ бо шиддатёбии равияи иҷтимои тараққиёти иқтисодии мамлакат алоқаманд аст.

Байни суръатҳои рушди иқтисодӣ, аз як тараф ва баландшавии сифати рушд – аз тарафи дигар зиддияти муайян вуҷуд дорад. Суръатҳои баланди рушди иқтисодӣ аз ҳисоби бадшавии сифати рушд ба миён омаданаш мумкин аст. Бинобар ҳамин аксарияти иқтисодчиён гумон доранд, ки суръатҳои рушди иқисодии наонқадар баланд, вале устувор (2-3 фоизи солона) афзалият доранд.

Бо баробари ин, дар шароитҳои пастравии иқтисодӣ бошиддат, ғайрисамаранокии баланд, ки дар ҳосилнокии пасти меҳнат ва паҳнгардии рафтори фирмаҳои ғайрисамаранок ифода меёбад, барои таъмини тараққиёти самараноки иқтисодиёти мамлакат, рушди иқтисодии ҳадди аксар афзалтар ба ҳисоб меравад.

**Нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ**. Дар назарияи иқтисодӣ барои маънидодкунии шаклҳои ифодаёбии рушди иқтисодӣ ду муносибат пойдор гаштааст.

Маънидодкунии рушди иқтисодӣ ҳамчун тавсифи натиҷавии тараққиёти иқтисодиёти миллӣ барои давраи гузашта васеъ паҳн гаштааст, ки бо суръати афзоиши даромади

умумӣ ва ё ҳаҷми аслии МУД умуман ва ё ба ҳар сари аҳолӣ ҳисоб карда мешавад.

Суръати афзоиши МУД –и аслиро (**g**$_t$) барои давраи t бо формулаи зерин муайян кардан мумкин аст:

$$g_t = \frac{Y_t - Y_{t-1}}{Y_{t-1}} \times 100\% \qquad (18.1)$$

ки дар ин ҷо: $Y_t$ – ҳаҷми МУД барои давраи t; $Y_{t-1}$ – ҳаҷми МУД барои давраи гузашта.

Бояд дар назар дошт, ки то ҳатто фарқиятҳои наонқадар калон дар суръатҳои рушд метавонанд ба фарқиятҳои калон дар сатҳи даромад ва барориши маҳсулот байни мамлакатҳо баъд аз як чанд солҳо ба оварда расонад.

Ин ҷараён бо шарофати рушди андӯхтшаванда, яъне ***самараи кумулятивӣ*** ба миён меояд. Самараи кумулятивӣ бо формулаи фоизи мураккаб ҳисоб карда мешавад, ки дар он фоиз аз фоизи пешина ба эътибор гирифта мешавад. Масалан, агар ҳаҷми МУД дар мамлакат 100 млрд. сомониро ташкил карда, суръати миёнасолаи афзоиши МУД дар ба 10% баробар бошад, он гоҳ ҳаҷми МУД дар охири соли якум 110 млрд. сомониро ташкил карда (100+100×0,1=110), дар охири соли дуюм ба 121 млрд. сомонӣ, дар охири соли суюм ба 133,1 млрд. сомонӣ мерасад ва ғайра. Ҳамин тавр, агар суръати афзоиши миёнасолаи МУД (*a*) маълум бошад, он гоҳ сатҳи ибтидоии МУД- ро ($Y_{t-1}$) дониста ва бо истифодабарии формулаи фоизи мураккаб ҳаҷми МУД – ро баъд аз t сол ($Y_t$) муайян кардан мумкин аст:

$$Y_t = Y_{t-1}(1 + g_t)^t \qquad \textit{(18.2)}$$

ки дар ин ҷо: **g**$_t$ – бо воҳиди ҳиссагӣ чен карда мешавад.

Барои содда намудани ҳисобҳо одатан «Ҷадвали ҳисобҳои суръатҳои миёнасолаи рушд, афзоиш ва пастравӣ» истифода мешавад, ки аз тарафи А.М.Айрапетов таҳия гардидааст. Ба ғайр аз ин, «Қоидаи 70» -ро низ истифода бурдан мумкин аст, ки мувофиқи он агар ҳар як тағйирёбанда бо суръати X% афзоиш ёбад, он гоҳ ҳаҷми он тақрибан баъд аз 70/X сол ду маротиба зиёд мешавад. (Ин қоида танҳо барои андозаҳои наонқадар калони суръати афзоиш – то 10% дуруст аст). Агар МУД ба ҳар сари аҳолӣ ҳамасола ба 1% (**g**$_t$=1) зиёд шавад, он гоҳ

ҳаҷми он баъд аз 70 сол ду маротиба зиёд мешавад. Агар МУД ба ҳар сари аҳолӣ ҳамасола ба 4% (**g**$_t$=4) зиёд шавад, он гоҳ ҳаҷми он тақрибан баъд аз 17,5 сол (70/4) ду маротиба зиёд мешавад.

## 18.2. ОМИЛҲО ВА НАМУДҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ, АҲАМИЯТ ВА ХАРОҶОТҲОИ ОН.

Дар дунё баъзе мамлакатҳо нисбат ба дигар мамлакатҳо тезтар тараққӣ мекунанд. Барои дарк намудани чунин фарқият дар тараққиёт ва муайян намудани афзоишёбии МУД, бояд омилҳо ва намудҳои рушдиро таҳлил намуд.

**Омилҳои рушди иқтисодӣ**. Омилҳои рушди иқтисодӣ гуфта дар назарияи иқтисодӣ он ҳодисаҳо ва ҷараёнҳо дарк карда мешаванд, ки имкониятҳои зиёд намудани ҳаҷми аслии истеҳсолотро, баланд намудани самаранокиро ва сифати рушдро муайян мекунанд.

Мувофиқи тарзи таъсиррасонӣ ба рушди иқтисодӣ омилҳои **мустақим ва ғайримустақимро** фарқ мекунанд.

**Омилҳои мустақим** гуфта, он омилҳоро меноманд, ки қобилияти бевоситаи ҷисмониро барои таъмини рушди иқтисодӣ муайян мекунанд.

**Омилҳои ғайримустақим** ба имкониятҳои истифодабарии омилҳои мустақим таъсир мерасонанд. Онҳо барои амалиградонии иқтидорҳои дар омилҳои мустақим мавҷуд буда ва ё маҳдуд намудани он мусоидат мекунанд.

Ба омилҳои мустақим он омилҳо дохил мешаванд, ки динамикаи истеҳсолоти умумиро ва пешниҳодро бевосита муайян мекунанд:

- афзоиши шумора ва баланд намудани сифати захираҳои меҳнатӣ;
- афзоиши ҳаҷм ва баланд намудани таркиби сифатии капитали асосӣ;
- афзоишёбии миқдор ва баланд намудани сифати захираҳои табиӣ ба гардиши хоҷагидорӣ ҷалб мешуда;

- инкишофи соҳибкорӣ дар мамлакат.

Ба таркиби омилҳои ғайримустақими рушди иқтисодӣ, омилҳои пешниҳод ва ҳам омилҳои талабот ва тақсимотӣ дохил мешавад.

**Омилҳои пешниҳод**. Ба ин омилҳо дохил мешаванд: паст намудани дараҷаи монополизатсияи бозорҳо; паст намудани нархҳо ба захираҳои истеҳсолӣ; паст намудани андозҳо аз фоида; васеъшавии имкониятҳои дастрас намудани қарзҳо.

**Омилҳои талабот** имкониятҳои амалигардонии ҳаҷми истеҳсолоти васеъшудаистодаро муайян мекунанд. **Омилҳои асосии талабот инҳо мебошанд**: афзоиши хароҷотҳои истеъмолӣ, инвеститсионӣ ва давлатӣ; васеъшавии содирот дар натиҷаи азхудкунии бозорҳои нави фурӯш ва ё баланд намудани рақобатпазирии маҳсулоти мамлакат дар бозори ҷаҳонӣ.

**Ба омилҳои тақсимотии** ба рушди иқтисодӣ таъсиррасонанда сохтори пойдоршудаи тақсимоти захираҳои истеҳсолӣ барои соҳаҳо, корхонаҳо ва минтақаҳои мамлакат, инчунин тартиби тақсимоти даромадҳо байни субъектони фаъолияти хоҷагидории дар ҷамъият амалкунанда дохил мешавад. Ин омилҳои ҳам ба қобилияти низоми иқтисодӣ барои рушд ва ҳам ба самаранокии он таъсир мерасонанд.

Агар тағйирёбии омилҳои ғайримустақим дар самти муқобил ба миён ояд, он гоҳ рушди иқтисодӣ боз дошта мешавад.

Қобилиятҳо барои васеъгардонии истеҳсолот, ки аз тарафи омилҳои мустақим таъмин мегарданд, барои мувофиқати суръати васеъшавии ҳаҷми аслии истеҳсолот ба имкониятҳои имконпазири рушд кифоягӣ намекунанд. Чунин тақсимоти захираҳо зарур аст, ки истифодабарии самаранокӣ онҳоро борои мақсадҳои офаридани миқдори зарурии маҳсулот имконият диҳанд. Ин мушкилот асосан бо воситаи бозор ҳал карда шуда, дар соҳаҳое, ки дар он бозор ба нокомӣ (фиаско) дучор мешавад аз тарафи давлат ҳал карда мешавад (истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ, бартараф намудани самараҳои беруна).

Тартиби мавҷудаи тақсимоти даромадҳо тараққиёти иқтисодиётро танҳо дар ҳолате имконият медиҳад, ки агар

ҳавасмандгардонии коргарон барои баланд намудани ҳосилнокии меҳнат таъмин карда шавад.

**Сифати рушди иқтисодӣ**. Мафҳуми «сифати рушди иқтисодӣ» дар адабиёти иқтисодӣ бо шиддатёбии самти иҷтимоии тараққиёти иқтисодии мамлакат алоқаманд аст. Таркиби асосии сифати рушди иқтисодӣ инҳоанд:

- афзоиши некуаҳволии моддии аҳолӣ;
- афзоиши вақти истироҳат ҳамчун асоси инкишофи ҳаматарафаи шахсият;
- баланд намудани сатҳи тараққиёти соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ;
- афзоиши инвеститсияҳои ба капитали инсонӣ;
- таъмини бехатарии шароитҳои меҳнат ва ҳаёти одамон;
- ҳифзи иҷтимоии бекорон ва шахсони корношоям;
- нигоҳдории шуғли пурра дар шароити зиёдшавии ҳаҷми пешниҳод дар бозори меҳнат.

Байни суръати рушди иқтисодӣ ва баланд намудани сифати он зиддияти муайян мавҷуд аст. Суръатҳои баланди рушди иқтисодӣ аз ҳисоби пастшавии сифати рушд ба миён омаданаш мумкин аст.

Яъне, афзоиши имкониятҳои истеҳсолӣ ва афзоиши МУД –и аслӣ бо тағйирёбии миқдори ва ё сифати захираҳо алоқаманд аст.

**Намудҳои рушди иқтисодӣ**. Дараҷаи таъсиррасонии омилҳои рушди иқтисодии дар боло қайд шуда намудҳои рушди иқтисодиро ба миён меоранд. Намуди рушди иқтисодӣ гуфта, дараҷаи таъсиррасонии тағйирёбандаҳои миқдорӣ ва сифатиро ба рушди иқтисодӣ дар назар доранд.

Илми иқтисодӣ ду намуди рушди иқтисодиро ҷудо мекунад, ки аввалин маротиба аз тарафи К. Маркс муайян шуда буданд.

Рушди иқтисодие, ки бо афзоишёбии шумораи захираҳо, бо илова намудани омилҳо ба миён омадааст, намуди ЭКСТЕНСИВИИ рушди иқтисодиро ифода мекунад.

Рушди иқтисодие, ки бо мукаммалгардонии сифати захираҳо, истифодабарии дастовардҳои ПИТ ба миён омадааст, рушди иқтисодии намуди ИНТЕНСИВӢ номида мешавад.

Мувофиқи ин ду намуди рушди иқтисодӣ ду гурӯҳи омилҳоро аз ҳам ҷудо мекунан:

**Омилҳое**, ки ба миқдори захираҳо таъсир мерасонанд: меҳнат, замин, капитал, қобилияти соҳибкорӣ, ки ин омилҳоро одатан омилҳои рушди иқтисодии экстенсивӣ меноманд. Ба ин омилҳои дохил мешаванд: истифодабарии миқдори зиёди қувваи корӣ; сохтмони корхонаҳои нав; истифодабарии миқдори зиёди таҷҳизотҳо; ҷалб намудани заминҳои нав ба гардиши хоҷагидорӣ; дарёфти боигариҳои зеризаминӣ ва зиёд намудани истихроҷи онҳо; савдои беруна, ки истифодабарии захираҳои воридотиро имконият медиҳад ва ғайраҳо. Бояд қайд намуд, ки дар ин ҳолат тахассуснокии коргарон ва ҳосилнокии онҳо, сифати таҷҳизотҳо ва технологияҳо тағйир намеёбанд, бинобар ҳамин боздеҳи маҳсулот ва даромадҳо ба воҳиди меҳнат ва капитал мисли пештара боқӣ мемонад.

Дар чунин намуди рушди иқтисодӣ афзоиши МУД бо воситаи васеъшавии соҳаи истифодабарии меҳнати зинда ва таҷассумёфта бе тағйироти ҳосилнокии меҳнат ба миён меояд.

**Омилҳое**, ки ба сифати (яъне ҳосилнокии) захираҳо таъсир мерасонанд – ин омилҳои намуди интенсивии рушди иқтисодӣ мебошанд. Ба чунин омилҳо дохил мешаванд: афзоиши сатҳи тахассуснокӣ ва тайёрии касбии қувваи корӣ, истифодабарии таҷҳизотҳои нисбатан мукаммал, технологияҳои пешқадам, ташкили илмии меҳнат, усулҳои самаранокӣ танзими давлатии иқтисодиёт ва ғайраҳо. Намуди интенсивии рушди иқтисодӣ ҳамон вақт ҷой дорад, ки агар афзоиши МУД аз афзоиши миқдори захираҳои дар иқтисодиёт машғул буда зиёд бошад. Маълум аст, ки рушди иқтисодии интенсивӣ асоси афзоиши некуаҳволии ҷамъият мебошад.

**Пешравии илмӣ – техникӣ (ПИТ): моҳият, шаклҳо, самтҳо**. Аз сабаби он, ки натиҷаҳои ПИТ, ки дар истеҳсолот ва ҷамъият табаддулотҳоро ба миён меоранд, дар амал ҷорӣ карда мешавад, бинобар ҳамин аҳамияти ПИТ ҳамчун омили рушди иқтисодӣ афзуда истодааст.

ПИТ гуфта ҷорӣ намудани технологияҳои нав, азхудкунии усулҳои нави самараноки ташкил ва идоракуниро дар назар доранд, ки дар натиҷа сифати нави истифодабарии омилҳои истеҳсолот (натиҷаҳои нисбатан баландро) таъмин мекунанд.

Яъне, ПИТ бо воситаи ҳар як омил дар алоҳидагӣ амал намуда, самараи синергетикиро ба миён меорад.

**Модели пешравии техники Хикс**. Ҷ. Хикс ду омили рушди иқтисодӣ (меҳнат ва капитал) ва се намуди пешравии илмӣ – техникиро (бетараф, меҳнатсарфакунанда ва капиталсарфакунанда) мушоҳида мекунад.

ПИТ бетараф дар чунин технологияҳо асос гирифтааст, ки якбора ва баробар ҳам меҳнат ва капиталро сарфа мекунад. Ҳангоми ПИТ меҳнатсарфакунанда ҳосилнокии зиёди капитал нисбат ба меҳнат таъмин карда мешавад. Дар ҳолати ПИТ капиталсарфакунанда бошад, ҳосилнокии меҳнат нисбат ба капитал баланд мешавад.

**Пешравии технологӣ**. Охири асри XX ва ибтидои асри XXI нишон дод, ки дар мамлакатҳои нисбатан тараққикарда марҳилаи нави ПИТ ва ё пешравии технологӣ оғоз ёфт. Пешравии асосии ин марҳилаи ПИТ пеш аз ҳама инкишофи технолгияҳои информатсионӣ – компютерӣ дар ҳама шаклҳои ифодаёбиашон – аз суперкомпютерҳо то микропротсессорҳор ва микрокалкулятоҳо мебошанд. Ҳодисаи инқилобӣ барои марҳилаи муосири истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот ахборот ба ҳисоб меравад. Комплекси ахборотӣ ба фишанге мубаддал шуд, ки тамоми иқтисодиёт, сохтори он, хислат ва таркиби меҳнатро ва инчунин ҳаёти одамонро дигаргун намуд. Ин марҳилаи куллан нав дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мебошад.

**Ҷамъияти ахборотӣ**. Аҳамияти ахборот дар иқтисодиёти муосир ва ҷамъият умуман ниҳоят баланд гардид. Аз нуқтаи назари назарияи ҷамъияти пасаиндустриалӣ ва ахборотӣ, Д. Белл, П. Дракер, З.Бжезинский, А.Тоффлер ва дигарон 25-30 сол пеш, гузариш ба намуди истеҳсолот ва ҷамъияти дар асоси технологияҳои нав (махсусан компютерӣ) асосёфта пешбинӣ карда буданд. Имрӯзҳо ин гузариш дар амал ба миён омад. Дар ибтидои асри XXI таъсисдиҳии низоми ахборотии тамоми олам ба итмом мерасад. Нақши асосии ахборот дар ин ҷараён ниҳоят калон аст. Иқтисодиёти ахборотиро ҳамчун қисми иқтисодиёти пасаиндустриалӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки бо пешравии илм ва техника муайян карда мешавад, ки технологияро ба асоси тараққиёти техникӣ – иқтисодӣ

мубаддал намудааст. Бо баробари ин ядрои чунин намуди иқтисодиёт мубаддалшавии маҳсулотҳо ва хизматҳои ахборотӣ ба объекти истеҳсолот ва истеъмолот мебошад.

**Шабакаи ахборотӣ**. Интернет ва технологияҳои навтарини алоқа аҳамияти махсус доранд. Барои истифодабарӣ системаҳои меҳварии (спутник) алоқаҳои навтарин ҷорӣ карда мешаванд, ки телевизион, телефония ва пайвастшавиро ба Интернет алоқаманд мекунанд.

Интернет асоси навоварии инқилобии савдои электронӣ гардид. Мувофиқи ақидаи экспертон, бизнеси электронӣ байни ширкатҳо нисбат ба хизматрасонии фирмаҳо бо воситаи Интернет ба истеъмолкунандагони алоҳида, тезтар инкишоф меёбад.

**Ахборот ҳамчун захираи нави иқтисодӣ**. Дар ахборот донишҳои муайян инъикос ёфтаанд. Бинобар ҳамин имрӯзҳо ахборот ба яке аз намудҳои захираҳо, шароти зарурии истеҳсолот мубаддал шудааст. Мутахассиси номдор дар соҳаи менеҷмент П. Дракер қайд мекунад, ки: «Омилҳои анъанавии истеҳсолот – замин (яъне захираҳои табиӣ), қувваи корӣ ва капитал аз байн нарафта, балки аҳамияти дуюминдараҷа пайдо кардаанд. Ин захираҳоро дар ҳолати мавҷуд будани дониши зарурӣ, бе кӯшиши махсус дастрас кардан мумкин аст. Дониш бо маънидодкунии муосири он қувваи фоиданоки аслӣ, воситаи ноилгардии натиҷаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар назар дорад».

**Инқилоби нанотехнологӣ**. Дар ҷамъияти инсонӣ пешравии нави технологӣ пешбинӣ мешавад, ки барои дигаргунсозии пурраи низоми иқтисодии мавҷудбуда қобилият дорад. Ин пешравӣ номи «инқилоби нанотехнологияро гирифтааст». Азбаски оиди ин мафҳӯм ба ҳамагон маълумоти кофӣ ҳоло дастрас нест, бинобар ҳамин дар поён қисматҳо аз мақолаи илмии Чумаченко Б., Лавров К. оварда мешаванд, ки дар маҷаллаи «Муаммоҳои назария ва таҷрибаи идоракунӣ» чоп шудааст. – М., 2001. - №5: ***«Нанотехнологияҳо – афзалияти асосии ояндаи наздик мебошад»***.

Муайянкунии мукаммали мафҳуми «нанотехнология» ҳоло вуҷуд надорад. Аз рӯи шабоҳият (аналогия) бо микротехнологияҳо гуфтан мумкин аст, ки нанотехнологияҳо бо

бузургиҳои тартиби нанометр сару кор доранд, яъне бо ҳиссаи миллиардии метр. Ин андозаи ниҳоят хурд ба садҳо маротиба аз дарозии мавҷи рӯшнои дида мешуда хурд буда, бо ҳаҷми атомҳо муқоисашаванда мебошад. Бинобар ҳамин гузариш аз «микро» ба «нано» - ин ҷаҳиши миқдорӣ набуда, балки ҷаҳиши сифатӣ мебошад, ки ҷаҳишро аз манипулятсияҳо бо чизҳо ба манипулятсия бо атомҳои алоҳидаро дар назар дорад.

Соли 1986 микроскопи атомӣ – қуввагӣ сохта шуда буд, ки нисбат ба микроскопи туннелӣ амалигардонии боҳамамалкуниро на танҳо бо гузаронандаҳо, балки бо ҳама гуна масолеҳҳо имконият медиҳад. Бо воситаи ин микроскоп ҷойгиркунии атомҳо ба ҷои зарурӣ, яъне манипулятсия бо атомҳо имконпазир гардида, мувофиқан офаридани ашёҳои лозима бо онҳо низ имконпазир гардид.

Аз соли 1994 истифодабарии нанотехнологияҳо дар саноат оғоз ёфт.

Инкишофи босуръати илм ва техника, ки дар асоси нанотехнологияи тараққикарда амалӣ карда мешавад, инқилоби наноиндустриалӣ меноманд.

Дар натиҷа олам ба таври куллӣ дигаргун мешавад. Амалан ҳама чизҳои барои ҳайти инсон зарур буда, бо воситаи корҳои молекулярӣ бевосита аз атомҳо ва молекулаҳои муҳити атроф истеҳсол шуданаш мумкин аст. Маълум аст, ки чунин истеҳсолот нисбат ба саноат ва хоҷагии қишлоқи имрӯза фоиданок ва аз ҷиҳати экологӣ безарар мебошад.

Оид ба мӯҳлатҳои оғозёбии амалигардонии нанотехнологияҳо дар таҷрибаи ҳамарӯза гуфтан мумкин аст, ки унсурҳои алоҳидаи нанотехнология имрӯза истифода шуда, истифодабарии васеъи он мувофиқи баҳодиҳии мутахассисон аллакай ба чоряки аввалаи асри XXI рост меояд.

**Намуди инноватсионии тараққиёти иқтисодӣ**. Иноватсия ба истеҳсолот ва ё соҳаи хищматрасонӣ ҷорӣ намудани навовариҳоро дар шакли объектҳо, технологияҳо ва маҳсулотҳо дар назар дорад, ки натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ, ихтирокориҳо ва кашфиётҳо мебошад, ки сифатан аз намудҳои пешатар фарқият доранд ва ё умуман монандӣ надоранд.

Мафҳуми инноватсияро аввалин маротиба ба гардиши илмӣ иқтисодчии австрягӣ Й. Шумпетер ворид намудааст.

Маънидодкунии инноватсияи Шумпетер нисбат ба маънидодкунии дар боло қайд шуда васеътар буда, инҳоро дар бар мегирад:

1) офаридани неъмати нави ба истеъмолкунандагон ҳоло маълум набуда ва ё офаридани сифати нави ин ё он неъмат;

2) ҷорӣ намудани усули истеҳсолоти нав ба соҳаи додашудаи саноат, ки дар асоси он кашфиёти илмӣ наистода, балки истифодабарии тарзи нави тиҷоратии моли мавҷуд буда меистад;

3) азхудкунии бозори нави фурӯш, яъне чунин бозоре, ки дар он соҳаи додашудаи саноати ин мамлакат новобаста аз мавҷудияти ин бозор пешкаш нашуда буд;

4) дастрас намудани сарчашмаи нави ашё ва ё маҳсулоти нимтайёр, новобаста аз мавҷудияти ин сарчашма дар давраҳои пешина ва ё дастнорасии онҳо;

5) амалигардонии азнавташкилкунии мувофиқ, масалан таъмини ҳолати монополӣ (бо воситаи таъсисдиҳии трест) ва ё вайрон намудани ҳолати монополии дигар корхона.

**Инсони навоваранда**. Й. Шумпетер гумон мекард, ки қобилияти соҳибкорӣ омили рушди иқтисодӣ буда, ба ақидаи ӯ чунин қобилиятҳо сарчашмаи қарорҳои ғайриоддӣ мешаванд, ки азнавташкилкунии муосири истеҳсолотро таъмин намуда, миқёси онро вобаста аз тағйирёбии талабҳои бозор ислоҳ мекунанд. Бо баробари ин соҳибкор ҳамчун шахси навоваранда баромад карда, тараққиёти иқтисодиро метезонад.

Намуди инноватсионии тараққиёти иқтисодӣ мавҷудияти сифатҳои махсусро дар коргарони сатҳҳои гуногун талаб мекунад. Барои амалигардонии навовариҳо инсони – навоваранда зарур аст. Ҷ. Лондрам дар асоси тадқиқоти фаъолияти як қатор соҳибкорони машҳури навоварандагон бо номи «Си мардоне, ки дунёро тағйир доданд» китоберо чоп намуд. Ӯ чунин хслатҳои ба онҳо хосро ҷудо мекунад:

- кӯшиш ба тағйиротҳо, ба «вайронкуниҳои созанда»;
- шӯриш бар зидди анъанаҳо;
- кунҷкобӣ;
- кор пеш аз ҳама;
- боварии хомӯшнашаванда;

- пешвоии табиӣ, қобилияти ба одамон таъсир кардан;
- кӯшиш ба хавф дар фаъолият ва дар ҳаёт;
- мустақилият;
- рафтори навоварӣ.

**Парадоксҳои навоварӣ**. «Парадоксҳои навоварӣ дар бизнес» мувофиқи ақидаи Ландрам дар инҳо иборат мебошад. Якум, таҳияи навоварие, ки тамоюл ба шахшавӣ дорад эҳтимолияти калон дошта, таҳияи навоварие, ки тамоюл ба инкишофёбӣ ҳаст эҳтимолияти камтар дорад. Дуюм, онҳое, ки барои амалигардонии ихтироотҳо, ҷорӣ намудани навовариҳо муҷаҳҳаз гардонида шудаанд, ки бештар ба тамоюли шахшавӣ хосанд, лекин онҳое, ки имкониятҳои камтарро барои навоварӣ доранд, ихтирокунандагони машҳур дар ҷаҳон мешаванд. Чунин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки ширкатҳои калон барои нигоҳдории маҳсулотҳо, хизматҳо ва тьехнологияҳои мавҷуда манфиатдор буда, барои дигаргуниҳои манфиатдор нестанд.

Идоракунандаҳои анъанавӣ дар роҳи навовариҳо монеъа мебошанд, ки ба онҳо чунин хислатҳои хос аст:

1) худбоварӣ ҳамчун тарафи баръакси боваринокӣ;
2) афкор бо категорияҳои имрӯза;
3) боваринокӣ ба хаёлоти дурустии худ;
4) афкори миқдорӣ ҳамчун натиҷаи фаъолият бо объектҳои калон ва миқдори зиёди одамон;
5) нотоқатӣ нисбати баён намудани индивидуализм, мустақилият;
6) аз хавф тарсидан;
7) нотоқатӣ нисбат ба навовариҳо.

**Рушди иқтисодии устувор**. Рушди иқтисодӣ дар ҳолати пастравии хоҷагидорӣ ва гум кардани қобилияти бартараф намудани таъсири омилҳои ғайримӯтадилкунанда қатъ гардиданаш мумкин аст. Дар ин ҳолат ҷамъият мақсадҳои худро амалӣ карда натавониста, пастшави сатҳи зиндагонии шаҳрвандонро боз дошта наметавонад. Бинобар ҳамин, мансуб донистани хислати устувор ба рушди иқтисодӣ вазифаи зарурии сиёсати иқтисодӣ мебошад.

Бо баробари ин муайян намудани принсипҳои ҷараёни устувори ҳаёти хоҷагидории ҷамъият муҳимии худро пайдо

мекунад. Ба ин ҷараён чунин самтҳои тараққиёти иқтисодӣ хислати устуворро таъмин мекунанд:

1) баланд намудани самаранокии истеҳсолот, ки саривақт ҳал намудани мушкилотҳои ба миён омадаро дар шароитҳои тағйирёбии муҳити беруна имконият медиҳад;

2) гармонизатсияи манфиатҳои субъектони бозор, ки ба нигоҳдории мавқеъи бозории онҳо оварда мерасонад;

3) гармонизатсияи манфиатҳои иҷтимоӣ, ки зиддиятҳои иҷтимоиро бартараф мекунанд;

4) ҳаракат ба мувозинатии иқтисодии умумӣ, ки таъсисёбии шароитҳои рушди иқтисодии мувозинатиро ифода мекунад, ки дар бартараф намудани номутаносибиҳои ба миён омадаи хоҷагии халқ асос мегирад;

5) мутобиқсозии рушди иқтисодӣ бо қонунҳои тараққиёти биосфера, ки имконияти пешгирӣ намудани садамаҳои экологиро фароҳам меоварад.

**Мутаносибӣ ва самаранокии рушди иқтисодӣ**. Рушди иқтисодии мутаносиб – ин чунин ҳолати тараққиёти иқтисодиёти мамлакат мебошад, ки дар он мӯътадилӣ ва саривақт бартараф намудани номутаносибиҳои ба миён омада нигоҳ дошта шуда, афзоиши МУД – и аслӣ таъмин карда мешавад.

Рушди мутаносиб дар комбинатсияи гуногуни захираҳо ва самаранокии гуногуни истеҳсолот таъмин карда мешавад. Рушди иқтисодии мутаносиб ва самаранок – ин мафҳумҳои монанд набуда, лекин ҳамдигарро пурра мекунанд.

Ҷараёни мутаносибии иқтисодиёт, ҷараёни доимӣ ва беохир мебошад. Иқтисодиёт доимо тағйир ва мураккаб шуда, эҳтиёҷотҳо ба истеҳсолотҳои нав, ба васеъшавии номгӯи маҳсулотҳои истеҳсол мешуда ва баландшавии сифати онҳо ба миён меояд. Бинобар ҳамин талабот нисбат ба мутаносибӣ мисли пештара боқӣ мемонанд. Бинобар ҳамин ҳолати муқаррарии иқтисодиёт ҳолати мутаносибии мутлақи дастрас шуда набуда, балки номувозинатии иқтисодӣ мебошад. Онро бартараф намуда, ҷамъият ба ҳолати мувозинатӣ ба мутаносибӣ ҳамчун идеал ҳаракат мекунад.

Иқтисодиёте, ки аз номутаносибиҳо раҳоӣ ёфтааст (ки дастнорас аст) самаранок ба ҳисоб нарафта, балки иқтисодиёте,

ки қобилияти ҷалб намудани иқтидори мавҷудбударо дошта аз ҳолати номутаносибӣ бо тезӣ раҳои меёбад самаранок ба ҳисоб меравад. Воридшавии иқтисодиёт ба траекторияи рушди мутаносиб кафолати тараққиёти устувор ва мӯътадил мебошад. Дар натиҷа мутаносибии дастрас шуда ҳамчун номутаносибӣ мушоҳида карда мешавад. Ҳаракати ҷамъият ба сатҳи нави рушди иқтисодӣ ба миён меояд.

**Мушкилоти сарҳадҳои рушди иқтисодӣ**. Дар мадди аввал ба назар мерасад, ки чи қадаре ки суръати рушд баланд шавад, ҳамон қадар беҳтар аст. Лекин дар ин ҳолат номутаносибӣ байни андӯхт (равона сохтани воситаҳои барои инвеститсияҳо) ва истеъмолот ба миён омаданаш мумкин аст, ки агар истеҳсолот баҳри истеҳсолот инкшоф ёфта истода бошад. Ба ғайр аз ин афзоиши босуръати истеҳсолот ба ифлосшавии муҳити атроф, вайроншавии тавозун байни инсон ва табиат оварда мерасонад. Дар натиҷа консепсияи «суръатҳои нули афзоиши МУД» ба ҳар сари аҳолӣ ба миён омад.

Ақида оид ба таҳияи суръатҳои оптималии рушд нисбат ба хусусиятҳои марҳилаи муайяни тараққиёти ин ё он мамлакат, мақсад ва вазифаҳои аниқи иҷтимоӣ – иқтисодии онҳо нисбатан маҳсултар ба ҳисоб меравад. Масалан, барои мамлакатҳои «расонандаи» сусттараққикарда суръатҳои рушд бояд баланд бошанд (таҷриба нишон медиҳад, ки чунин суръатҳо 7-10-17% дар як сол ташкил мекунанд). Барои мамлакатҳои тараққикарда (пасазиндустриалӣ) суръати рушди иқтисодӣ 2-3% ташкил мекунад. Кадом суръати рушди иқтисодӣ набошад, он бояд барои ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии дар назди мамлакат истода мусоидат намояд.

**Аҳамият ва хароҷотҳои рушди иқтисодӣ**. Аҳамияти рушди иқтисодӣ дар он аст, ки он имкониятҳои баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолиро васеътар мекунад. Дар асоси рушди иқтисодӣ шароитҳои барои амалигардонии барномаҳои иҷтимоӣ, бартараф намудани камбизоатӣ, инкишофи илм ва маориф фароҳам оварда мешаванд. Рушди иқтисодӣ имкониятҳои истеҳсолии иқтисодиро васеъ мегардонад. Бо шарофати он намудҳои нави захираҳо, технологияҳои нави самараноки ҷараёнҳои истеҳсолӣ таъсис меёбанд, ки имконияти зиёд ва васеъ намудани намуди молҳои

истеҳсол мешуда ва инчунин баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолиро фароҳам оварда мешавад. Лекин худ ба худ рушди иқтисодӣ барои ҳалли як қатор мушкилотҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва дигарҳо қобилият надорад.

Бо баробари ин рушди иқтисодӣ хароҷотҳои муайян дорад, ба монанди:

1. **Хароҷотҳои алтернативӣ** – зарурати даст кашидан аз истеъмолоти имрӯза барои таъмини рушди иқтисодӣ ва ба даст овардани имконияти зиёд намудани истеъмолот (некуаҳволӣ) дар оянда. Асоси рушди иқтисодӣ инвеститсияҳо мебошанд, ки афзоиши захираи капиталро таъмин менамоянд. Муаммои инвеститсияҳо – ин мушкилоти интихоби байни вақтӣ (байни давраи ҳозира ва давраи оянда) мебошад. Аз як тараф, афзоиши инвеститсияҳо ба истеҳсоли молҳои инвеститсионӣ (таҷҳизотҳо, биноҳо ва иншоотҳо), ки рушди иқтисодиро таъмин мекунанд, ба камшавии захираҳои барои истеҳсоли мол ва хизматҳо равона мешуда сабаб мешаванд. Аз тарафи дигар, асоси инвеститсияҳоро пасандозҳо ташкил мекунанд, ки қисми даромади ихтиёрӣ мебошанд (Yd=C+S). Дар ҳаҷми додашудаи даромади ихтиёрӣ афзоиши пасандозҳо барои таъмини афзоиши инвеститсияҳо ва мувофиқан афзоиши истеъмолот дар оянда, кам намудани истеъмолоти имрӯзаро талаб мекунад.

2. **Хароҷотҳои бо боздеҳи камшавандаи капитал алоқаманд буда**. Бо баробари афзоиши захираи капитал, барориши иловагии бо воситаи воҳиди иловагии капитал истеҳсол мешуда кам мешавад. Аз сабаби камшавии боздеҳ аз капитал, пасандозҳо ва инвеститсияҳои нисбатан зиёд ба афзоиши нисбатан баланд танҳо дар давраҳои аввалин мусоидат намуда, лекин минбаъд афзоишёбӣ бо баробари зиёдшавии андӯхти захираи капитал дар иқтисодиёт ба камшавӣ оғоз мекунад. Ҳамин тавр, афзоиши меъёри пасандозҳо танҳо самараи муваққатии суръатбахшии рушди иқтисодиро ба миён меоранд. Дар давраи дарозмуддат меъёри баланди пасандозҳо ба сатҳи баланди ҳосилнокии меҳнат ва даромадҳои зиёд оварда расонида, шиддатёбии суръатҳои афзоишёби ин нишондиҳандаҳо ба миён намеорад.

Шиддатёбии суръатҳои рушди иқтисодӣ танҳо бо воситаи пешравии технологӣ таъмин карда мешавад.

Айнан боздеҳи камшаванда аз капитал суръатҳои пасти рушди иқтисодии мамлакатҳои тараққикардаро ва суръати бошиддати оғозро дар мамлакатҳои тараққикардаистода, тавсиф мекунад. Афзоиши иловагии капитал дар мамлакати камбизоат ба рушди иқтисодӣ бештар мусоидат мекунад. Дар мамлакатҳои тараққикарда таъиноти техники истеҳсолот ниҳоят дар сатҳи баланд қарор дорад. Дар натиҷа то ҳатто афзоиши зиёди капитали ба ҳар сари коргар ба миён меомада, ба афзоиши наонқадар калони ҳосилнокии меҳнат оварда мерасонад. Бинобар ҳамин дар ҳолати баробар будани ҳиссаи МУД – и барои инвеститсия равона мешуда, мамлакатҳои камбизоат нисбат ба мамлакатҳои тараққикарда ба суръатҳои баланди тараққиёт ноил мегарданд.

**3. Хароҷотҳое, ки бо ифлсшавии муҳити атроф алоқаманданд**. Суръати доимии баланди рушди иқтисодиро танҳо пешрави технологии дар истифодабарии ихтироотҳо ва кашфиётҳои илмӣ асос ёфта, таъмин карда метавонад. Лекин аксарияти ихтироотҳо ва навовариҳо (истифодаи муҳаррики дарунсӯз, муҳаррики реактивӣ, истеҳсоли пластмасса, ресмонҳои синтетикӣ, нуриҳои кимиёвӣ, коркарди энергияи атомӣ ва ғайраҳо) аз як тараф ба рушди иқтисодӣ суръат бахшида, аз тарафи дигар ба ифлосшавии муҳити атроф ва тоҳатто ба садамаҳои экологӣ оварда расониданд. Парадокс дар он аст, ки ҳалли муаммоҳои экологӣ танҳо дар роҳҳои тараққиёти минбаъдаи пешравии технологӣ дарётф шуданаш мумкин аст.

## 18.3. НАЗАРИЯҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ.

Дар назарияҳои рушди иқтисодӣ муаммои мувозинатии макроиқтисодӣ дар намуди статикӣ нею, балки дар намуди динамикӣ ва дар давраи дарозмуддат мушоҳид карда мешавад.

Дар назарияи иқтисодии муосир рушд бо ду маъно дарк карда мешавад: бо маънои муҳдуд ва васеъ. Бо маҳдуд рушд

ҳамчун афзоиши нишондиҳандаҳои маҳсулоти ниҳоӣ (МУД, даромади миллӣ ва ё истеъмолот ба ҳар сари аҳолӣ) дарк карда мешавад. Бо маънои васеъаш рушд ҳамчун ҷараёни тағйирёбӣ дар институтҳои иҷтимоӣ (дар сохтори ҳуқуқи моликият, шаклҳои ташкилии истеҳсолот, тақсимот) дарк карда мешавад, ки гузариш аз як зиннаи рушд ба дигар зиннаро ба миён меоранд.

Мувофиқи ин муносибат се равияи назарияи рушди иқтисодиро ҷудо мекунанд:

- таърихӣ – сотсиологӣ;
- неокейнсӣ;
- неоклассикӣ.

Ду равияи дар охир номбар шуда рушдро бо маънои маҳдудаш тадқиқ карда, равияи дар аввал номбар шуда рушдро бо маънои васъеаш таҳлил мекунад.

**Консепсияи таърихи – сотсиологии У. Ростоу**. Консепсияи У. Ростоу дар китоби «Зиннаҳои рушд» ифода ёфтааст, ки соли 1961 ба чоп расида буд. Дар консепсияи Ростоу асоси рушди иқтисодӣ ва гузариши таърихии ҷамъият аз як зинна ба дигар зинна фарқиятҳои принсипиалии се хислатҳои умумии асосӣ мебошанд:

- сатҳи тараққиёти техника;
- меъёри андӯхт;
- сатҳи истеъмолот.

Мувофиқи фарқияти сифатии ин хислатҳо, инчунин тағйирёбии майли одамон (ба тараққиёти илм ва техника, тавлид ва тарбияи фарзандон, офаридани неъматҳои моддӣ), Ростоу панҷ зиннаи рушдро ҷудо намуд.

1. **Зиннаи ҷамъияти синфӣ (анъанавӣ)** аз як тараф бо мувозинатии статикӣ, илми ва техникаи то нютонӣ, хоҷагидории аграрӣ, имкониятҳои маҳдуди инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, камшавии даромадҳои аз ҳисоби суръатҳои пасти рушди иқтисодӣ тавсиф карда шуда, аз тарафи дигар бо мӯътадилгардонии шумораи аҳолӣ ва даромадҳо мувофиқи қонуни аҳолинишинии Малтус тавсиф карда мешавад. Дар ин зинна барои такрористеҳсоли васеъи маҳсулоти миллӣ ягон шароит мавҷуд нест.

2. **Ҷамъияти гузариш.** Ин зинна дар инкишофи ҷамъият бо тайёрии шароитҳо барои пешравии минбаъда аз ҳолати мувозинатии статикӣ тавсиф карда мешавад. Чунин пешравӣ бо шарофати он ба вуҷуд меояд, ки меъёри солонаи андӯхт дар даромади миллӣ то 5% зиёд мешавад. Мисоли чунин ҷамъият Европаи охири асри XVIII баромад карда метавонад.

3. **Зиннаи «ҷаҳиш» ва гузариш ба тараққиёти индустриалӣ.** Дар ин зинна ҳиссаи инвеститсияҳо то 10% даромади миллии солона зиёд мешавад. Ба ғайр аз рушд, зиннаи сеюм боз ду хусусияти фарққунанда дорад. Ақалан як соҳаи саноат бо суръати баланди рушд, инчунин сохтори сиёсӣ ва ё ҷамъиятии васеъшавии ин соҳаро дастгирӣ мекарда, вуҷуд доштанаш лозим. Ростоу зиннаи «ҷаҳишро» ҳамчун инқилоби саноатӣ муайян карда. Ин зинна фосилаи наонқадар калони вақтро, тақрибан 20 – 30 солро дар бар мегирад.

4. **«Роҳ ба комилӣ (зрелость)».** Ба зинна ҷамъияти индустриалӣ монанд мебошад, ки инкишофи он бо афзоишёбии меъёри андӯхт то 20% даромади миллӣ тавсиф карда мешавад. Одатан ин зинна 60 сол давом мекунад. Ростоу ибтидои ин зиннаро барои Британияи Кабир соли 1850, барои ИМА соли 1900, Олмон соли 1910 сол, Фаронса соли 1910, Шведсия соли 1930, Япония соли 1940, Россия соли 1950, Канада соли 1950 меҳисобид. Дар ин давра ҷараёни урбанизатсия (шаҳришавӣ) инкишоф ёфта, ҳиссаи меҳнати тахассуснок зиёд мешавад ва роҳбарияти саноат дар дасти идоракунандагони тахассуснок – менеҷерон қарор мегирад.

5. **Зиннаи истеъмолоти омма.** Ин зиннаро чунин ҳолати иқтисодиёт тавсиф мекунад, ки дар он иқтидори истеҳсолии миллат барои истеъмолот фаъолият карда, сектори асосии иқтисодиёт соҳаҳои молҳои истифодабарии дарозмуддат истеҳсол мекарда баромад мекунанд. Ин зиннаи аз ҳама ҳам давомёбанда мебошад. Ростоу гумон мекард, ки ба ИМА барои гузариш аз зиннаи комил ба зиннаи истеъмолоти оммавӣ 100 сол лозим буд.

Дар кори дертари худ «Сиёсат ва зиннаҳои рушд» Ростоу бо консепсияи зиннаи шашум, яъне зиннаи ҷустуҷӯи сифати ҳаёт баромад кард, ки дар он соҳаи хизматрасонӣ ба сектори асосии иқтисодиёт мубаддал шуда, дар мадди аввали

тараққиёти ҷамъиятӣ инкишофи маънавии инсон вогузор карда мешавад.

Назарияи зиннаҳои рушди Ростоу дар илми ҷамъиятии давраи худ ҳодисаи назаррас ба ҳисоб меравад. Ин консепсия нигоҳи навро ба таҳаввули таърихии ҷамъият ифода мекунад, ки аз бисёр ҷиҳатҳо аз консепсияи марксистии форматсияҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ фарқ мекунад. Ростоу нақши асосии истеҳсолоти моддиро дар инкишофи ҷамъиятӣ дастгирӣ карда, онро бо пешравии қувваҳои истеҳсолкунанда ва таъсири муҳити иҷтимоӣ тағйирёбиҳои дар он ба миён меомада, алоқаманд мекунад. Бо баробари ин Ростоу кӯшиш кард, ки ба итмом нарасидани тараққиёти иқтисодиро вобаста аз баҳамтаъсиррасонии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, мубаддалшавии пасандозҳо ба инвеститсияҳо ва инвеститсияҳо ба маҳсулот нишон диҳад ва аз тарафи дигар барои таҳияи назарияи таҳаввули таърихии нисбат ба назарияи марксистии бо алоқамандии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои иқтисодӣ, шаклҳои моликият ба воситаҳои истеҳсолот ва мубориза синфӣ тавсиф шаванда, алоқаманд набуда кӯшиш намояд.

Бо вуҷуди ин назарияи Ростоу хислати ниҳоят умумӣ дошта, бештар ба масъалаи оид ба рушд дар ҷодаи марҳилавӣ таъинот дорад, ки оид ба механизм ва сарчашмаҳои худи рушди иқтисодӣ тасаввурот намедиҳад.

Барои намояндагони равияҳои неокейнси ва неоклассики рушди иқтисодӣ маънои тадқиқот рушди иқтисодӣ бо маънои маҳдудаш мебошад.

**Моделҳои неокейнсии рушди иқтисодӣ**. Ин моделҳо дар натиҷаи инкишоф ва коркарди танқидии назарияи кейнсии мувозинатии макроиқтисодӣ ба миён омаданд.

Маънои моделҳои неокейнсии рушди иқтисодӣ дар инҳо иборат мебошанд:

1. Ин моделҳо дар заминаи асосии Кейнс оид ба маҷмӯи талабот асос мегиранд. Ҳангоми таҳияи моделҳо муаллифони онҳо аз он бар меомаданд, ки шарти асосии рушди иқтисодии мувозинат афзоиши маҷмӯи талабот мебошад.

2. Омили асосии рушди иқтисодӣ инвеститсияҳо ба ҳисоб мераванд, ки бо воситаи мултипликатор фоидаро ба миён оварда, дар навбати худ худи онҳо дар натиҷаи афзоишёбии фоида (зери таъсири акселератор) ба миён омадаанд. Омилҳои истеҳсолоти боқимонда (афзоиши шуғл, дараҷаи истифодабарии таҷҳизот, беҳтаргардии ташкили истеҳсолот) ба эътибор гирифта намешаванд, яъне дар модел ба назар гирифта намешаванд.

Ҳамин тавр, моделҳои неокейнсии рушди иқтисодӣ бо ду хусусияти намунавӣ тавсиф карда мешаванд:

1) ба рушди иқтисодӣ аз тарафи талабот муносибат кардан, ки бо сатҳи даромад муайян карда мешаванд;
2) нақши асосии инвеститсияҳо дар рушди иқтисодӣ, зеро аз андӯхти капитал сатҳи даромад ва ҳаҷми маҷмӯи талабот вобастаанд.

**Модели неокейнсии рушди иқтисодии Харрод – Домар**. Модели додашуда аз тарафи иқтисодчиёни америкоии зодаи Полша Е. Домар ва иқтисодчии англия Р. Харрод таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои ба даст овардаи онҳо чунон наздик буданд, ки онро минбаъд ҳамчун модели Харрод – Домар номгузорӣ намуданд, ки он механизми иқтисодии рушди иқтисодиро бо воситаи инвеститсияҳо тасвир мекунад.

Дар намуди содда модели рушди иқтисодии Харрод – Домарро чунин ифода кардан мумкин аст: дар ҳар як иқтисодиёт қисми муайяни даромади миллӣ бояд бо мақсадҳои барқарор намудани неъматҳои капитали хӯрдашуда ва за кор баромада, (бино, таҷҳизотҳо ва масолеҳҳо) пасандоз карда шавад. Лекин барои рушди иқтисодӣ инвеститсияҳои соф, яъне афзоиши капитали асосӣ ва гардон заруранд.

Фарз мекунем, ки афзоиши капитали асосӣ ва капитали гардон (K) ва МУД (Y) бо таносуби муайян алоқаманд мебошанд. Фарз мекунем, ки барои истеҳсоли 10 сомонии МУД бояд 3 сомонӣ инвеститсияҳо сарф карда шаванд. Ин ё он ҳаҷми инвеститсияҳои соф чи қадар афзоишёбии ҳаҷми МУД ба миён меорад, ҳисоб кардан мумкин аст.

Дар модели рушди иқтисодии Харрод – Домар дар назар дошта мешавад, ки суръати афзоиши МУД ҳамзамон бо меъёри пасандозҳо ва коэффитсиенти капиталғунҷоиши маҳсулот

муайян карда мешавад. Аз ин ҷо бар меояд, ки суръати афзоиши МУД аз меъёри пасандозҳо вобастагии мустақим дорад (дар ҳаҷми МУД дода шуда, чи қадаре, ки дар иқтисодиёт ҳаҷми пасандозҳо зиёд бошанд, ҳамон қадар инвеститсияҳо зиёд шуда, суръати афзоиши МУД низ калон мешавад). Бо баробари ин афзоиши МУД дар вобастагии баръакс аз коэффитсиенти капиталғунҷоиши маҳсулот (k) қарор дорад, яъне ҳаҷми МУД дар ҳолати зиёдшавии k кам мешавад.

Аз маълумотҳои оморӣ истифода бурда пасандозҳо (S) ва коэффитсиенти капиталғунҷоишро (k) ҳисоб кардан мумкин аст. Мувофиқан, модели Харрод – Домарро истифода бурда, бо ҳиссаи муайяни эҳтимолият суръатҳои минбаъдаи рушди иқтисодиро пешгӯи кардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин чунин пешгӯикунӣ дараҷаи ниҳоят баланди агрегиронии нишондиҳандаҳоро дорад, то ки ба сифати фишанги аниқ баромад кунад. Пеш аз ҳама ин фишанги фоидаовари таҳлили назариявӣ барои коркарди сиёсати иқтисодӣ мебошад.

Тадқиқотчиён норасогиҳои дигари ин моделро қайд карданд. Мувофиқи фарзиятҳои ин модел, суръати рушд, ки истифодабарии пурраи иқтидороҳоро таъмин менамояд, бо як гурӯҳ омилҳо муайян карда шуда, суръати рушди шуғли пурраро таъмин мекарда бо гурӯҳи омилҳои дигар муайян карда мешаванд. Мувофиқияти ин омилҳо ҳодисаи тасодуфӣ буда, модели додашуда чунин мувофиқиятро дар назар надорад. Ивазшавии омилҳои «меҳнат» ва «капитал» ба назар гирифта намешавад. Вазифаи таъсисдиҳии суръатҳои устувори рушд берун аз ин модел қарор доранд.

**Моделҳои рушди иқтисодии неокласикӣ**. Моделҳои неокласики рушди иқтисодии аввалин дар ибтидои солҳои 1950 – 1960 ба миён омаданд, ки дар он диққат ба муаммоҳои мувозинатии динамикӣ сустар шуда, ба мадди аввал муаммои таъмини суръатҳои имконпазири рушд аз ҳисоби иқтидорҳои истифода нашаванда нею, балки аз ҳисоби ҷорӣ намудани техникаҳои нав, баланд намудани ҳосилнокии меҳнат ва беҳтар намудани ташкили истеҳсолот қарор дода шуданд.

Намояндагони модели неокласикии рушд муқобили дахолати давлат ба иқтисодиёт баромад карданд, то ки ба фирмаҳои калон имконияти истифодабарии захираҳо барои

таъмини рушди имконпазир дар шароити рақобати бозорӣ муҳайё карда шаванд.

Назариячиёни мактаби неоклассикӣ назарияи рушди кейнсиро аз се ҷиҳат танқид карданд:

якум, барои он, ки кейнсчиён диққати худро танҳо ба як омили рушд – андӯхти капитал (афзоиши инвеститсияҳо) ҷалб карда, омилҳои боқимондаро инъикор мекарданд (махсусан он омилҳое, ки бо пешравии техникӣ алоқаманд буданд, ба монанди баландшавии тахассуснокӣ, беҳтаргардонии ташкили истеҳсолот ва ғайраҳо). Неоклассикон гумон мекарданд, ки афзоиши истеҳсолот инчунин аз ҳисоби ҷалб намудани коргарони нав барои истифодабарии иқтидорҳои мавҷудбудаи истифода намешуда имконпазир аст;

дуюм, барои он, ки кейнсчиён аз тағйирнопазирии коэффитсиенти капиталӣ (k) бар меомаданд. Моделҳои неоклассикӣ бошанд, ду омили истеҳсолиро назар гирифта, имконияти тағйирёбии ин коэффитсиентро дар назар доранд. Аз ин ҷо маълум мегардид, ки дар ҳолати таъминоти техникии додашудаи истеҳсолот, ҳаҷми муайяни бароришро бо воситаи комбинатсияҳои гуногуни захираҳо ба даст овардан мумкин аст;

сеюм, барои он, ки кейнсчиён қобилияти механизми бозироро оид ба барқароркунии автоматии мувозинатӣ ба эътибор намегирифтанд. Нисбат ба неокейнсчиён, неоклассикон гумон мекарданд, ки танҳо низоми бозории рақобатнок қобилияти таъмини рушди иқтисодии мувозинатро дорад. Ба ғайр аз механизми рақобатӣ, ба сифати чунин механизм низоми пулии устувор баромад мекунад. Бинобар ҳамин неоклассикон муқобили хароҷотҳои таваррумии давлатӣ баромад карда, дахолати давлатро ба иқтисодиёт ҳамчун омили вайроншавии мӯътадилӣ мушоҳида мекунанд.

**Модели неоклассикии рушди иқтисодии Р.Солоу**. Аввалин маротиба ин модел дар заминаи неоклассики ҳукмронии рақобати мукаммал дар бозори омилҳои истеҳсолот, ки шуғли пурраи захираҳоро таъмин мекард, таҳия карда шуда буд. Дар аввал ин модел мувозинатии низоми иқтисодиро ҳангоми бетарафии пешравии техникӣ ва боздеҳи доимӣ аз ҳаҷм ифода карда, минбаъд ба он дигаргуниҳои

технологӣ бо воситаи тағйирдиҳии меъёрҳои андӯхт ва боздеҳи камшаванда аз ҳаҷм ҳамроҳ карда шуданд.

Р. Солоу аз он бар меояд, ки шароити зарурии мувозинатии низоми иқтисодӣ баробарии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод мебошад. Бо баробари ин маҷмӯи пешниҳод дар модели ӯ дар асоси функсияи Кобб – Дуглас муайян карда мешавад, ки нисбияти вобастагии функсионалии байни ҳаҷми истеҳсолот ва омилҳои истифодашаванда, инчунин комбинатсияи дутарафаи онҳоро дар бар мегирад, ифода карда мешавад. Функсияи истеҳсолии Кобб – Дуглас дорои чунин хусусият мебошад, ки ҳиссаи ҳар як омил дар арзиши маҳсулот доимӣ мебошад, новобаста аз он, ки бо ифодаиёбии мутлақ хароҷотҳои меҳнат ва капитал метавонанд тағйир ёбанд.

Дар намуди умумӣ ҳаҷми бароришии миллӣ (Y) функсияи се омилҳои истеҳсолот мебошад: меҳнат (L), капитал (K) ваз амин (N):

$$\boldsymbol{Y} = f(\boldsymbol{L}, \boldsymbol{K}, \boldsymbol{N}) \qquad (18.3)$$

Лекин омили замин дар модели Р. Солоу аз сабаби дар низомҳои иқтисодии бо сатҳи техники баланд тавсифшаванда аҳамияти хурд доштанаш ба эътибор гирифта нашудааст ва бинобар ҳамин ҳаҷми барориш танҳо аз истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва иқтидорҳои истеҳсолӣ вобаста аст:

$$\boldsymbol{Y} = f(\boldsymbol{L}, \boldsymbol{K}) \qquad (18.4)$$

Дар намуди васеъ ин функсия чунин намуд дорад:

$$\boldsymbol{Y} = \left(\frac{\Delta \boldsymbol{Y}}{\Delta \boldsymbol{L}}\right)\boldsymbol{L} + \left(\frac{\Delta \boldsymbol{Y}}{\Delta \boldsymbol{K}}\right)\boldsymbol{K}, \qquad (18.5)$$

ки дар ин ҷо $\frac{\Delta Y}{\Delta L}$ – маҳсулоти интиҳоии меҳнат MPL; $\frac{\Delta Y}{\Delta K}$ – маҳсулоти интиҳоии капитал MPK.

Аз ин ҷо бар меояд, ки маҳсулоти (бароришии) умумӣ ба ҷамъи ҳосили зарбҳои миқдори меҳнат ва капитал ба маҳсулотҳои интиҳоии онҳо баробар аст.

Модели оддии яксектораи рушди иқтисодии Р. Солоу бо худ ҷараён ва натиҷаи рушди иқтисодиро дар намуди низоми баробариҳо бо панҷ тағйирёбандаҳо ифода мекунад: Y – ҳаҷми МУД; C – фонди истеъмолот; S – ҳаҷми андӯхти умумӣ (фонди андӯхт); L – ҳаҷми захираҳои меҳнатии мавҷудбуда; K – ҳаҷми капитали асосӣ.

Модели Р. Солоу бо чунин баробариҳои тавсиф карда мешавад:

1) $Y = F(KL)$;
2) $Y = C + S$;
3) $S = sY$; ки дар ин ҷо $0 < s < 1; s = const$;
4) $S = K + \mu' \times K'$, ки дар ин ҷо $0 < \mu < 1;\ \mu = const$;
5) $L = g \times L',\ g = const$.

ки дар ин ҷо: s – меъёри пасандоз (андӯхт); $\mu$- коэффитсиенти доимии баромади унсурҳои капитали асосӣ (меъёри амортизатсия); K′ – афзоиши софи капитал; L′ – афзоиши қувваи корӣ; **g** – коэффитсиенти афзоиши қувваи корӣ.

Маҷмӯи талабот дар модели Солоу бо хароҷотҳои инвеститсионӣ ва истеъмолӣ муайян карда мешаванд. Дар асоси модел «қоидаи тиллоии андӯхти капитал» хобидааст, ки мувофиқи он баромади капитал набояд аз маҳсулоти интиҳоии он калон бошад.

Ба ақидаи Солоу, дар ҳолати мувозинатии устувор капитал, меҳнат ва сатҳи даромади миллӣ бо суръатҳои якхелла зиёд мешаванд, ки ба суръати афзоиши аҳолӣ баробар аст.

Суръати афзоиши нисбатан босуръати аҳолӣ ба шиддатёбии суръатҳои рушди иқтисодиёт таъсир расонида, лекин барориш ба ҳар сари аҳолӣ дар ҳолати устуворӣ паст мешавад.

Дар навбати худ, афзоишёбии меъёри пасандозҳо ба даромади зиёди ба ҳар сари аҳолӣ оварда расонида, коэффитсиенти капиталтаъминиро (капиталовооруженность) зиёд намуда, ба суръатҳои рушд дар ҳолати устуворӣ таъсир намерасонад.

Бинобар ҳамин шароти ягонаи рушди иқтисодӣ дар ҳолати устувор суръати афзоиши пешравии техникӣ мебошад.

Мувофиқан, модели Р. Солоу имконият медиҳад, ки алоқамандии се сарчашмаҳои рушди иқтисодӣ муайян карда

шаванд – инвеститсияҳо, шумораи қувваи корӣ ва пешравии техникӣ. Таъсиррасонии давлат ба рушди иқтисодӣ бо воситаи таъсиррасонии он ба меъёри пасандозҳо ва суръати пешравии техникӣ имконпазир аст.

**«Қоидаи тиллоии андӯхти капитал» -и Фелпс**.

Иқтисодчии америкоӣ Э. Фелпс кӯшиш намуд, ки ба саволи: рушди иқтисодии оптималӣ чи гуна бояд бошад? ҷавоб пайдо кунад. Дар кори худ «Ривоят барои онҳое, ки бо рушди иқтисодӣ машғул аст» Фелпс муаммоҳои иқтисодии шоҳияти Соловияи хаёлиро (бо номи Солоу) мушоҳида карда, «қоидаи тиллоии андӯхти капиталро» таҳия намуд. Маънои ин қонун дар он аст, ки ҳар як насл бояд барои наслҳои оянда чунин ҳиссаи даромадро пасандоз намуданаш лозим аст, ки дар ҳамин ҳаҷм аз наслҳои пешина дастрас карда буд. Бо ибораи дигар, мизони фоиз бояд ба суръати афзоиши аҳолӣ баробар бошад. Дар ин ҳолат траекторияи рушди иқтисодӣ оптималӣ мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо «қоидаи тиллоиро» қоидаи «мизони фоизи биологӣ» меноманд.

**Модели рушди иқтисодии Ҷ. Мид**. Ин модел низ асоси неоклассикӣ дошта, рушди иқтисодиро бо муносибати маржиналистӣ маънидод мекунад, ки дар он қонуни ҳосилнокии интиҳоӣ истифода мешавад, яъне ҳолате, ки ҳар як омилҳои истеҳсолот ҳиссаи худро дар афзоиши барориш дорад.

Варианти мукаммалгардонидашудаи функсияи Кобб – Дугласро истифода бурда, Ҷ. Мид баробарии имкониятҳои мувозинатии устувори динамикиро ҳосил намуд:

$$y = \alpha K + \beta L + \gamma \qquad (18.6)$$

ки дар ин ҷо у – суръати миёнасолаи афзоиши даромади миллӣ; K – суръати миёнасолаи афзоиши капитал; L – суръати миёнасолаи афзоиши меҳнат; $\alpha$ – ҳиссаи капитал дар даромади миллӣ; $\beta$ – ҳиссаи меҳнат дар даромади меҳнат; $\gamma$ – суръати пешравии техникӣ.

Баробарӣ нишон медиҳад, ки суръати афзоиши даромади миллӣ ба ҷамъи суръати афзоиши меҳнат ва капитал бо вазни ҳиссагии онҳо дар хароҷотҳои даромади миллӣ ҷамъи суръати пешравии техникӣ баробар аст.

Доимии суръатҳои афзоиши меҳнат ва пешравии техникиро ба назар гирифта, Ҷ. Мид хулоса баровард, ки мувофиқи он суръати устувори рушди иқтисодӣ ҳангоми устувории суръати афзоиши капитал ва баробар будани он бо суръатҳои афзоиши даромади миллӣ дастрас карда мешавад.

Ҷ. Мид ба зарурати риоя намудани мувофиқияти байни суръатҳои афзоиши меҳнат ва андӯхти капитал диққат медод. Дар акси ҳол, агар афзоиши меҳнат бо афзоишёбии мувофиқи капитал ҳамрадиф намбошад, он гоҳ афзоиши истеҳсолот ба миён намеояд, зеро тамоми афзоиши қувваи корӣ барзиёд ба ҳисоб рафта, бекорӣ ба миён меояд. Баръакс, агар капитал нисбат ба суръатҳои афзоиши меҳнат ба миён ояд, он гоҳ иқтидорҳои истеҳсолии барзиёд ба вуҷуд меоянд. Лекин дар ҳар ду ҳолат мувозинатии динамикӣ дар натиҷа бо воситаи механизми бозори рақобатнок таъмин мегардад.

**Модели рушди иқтисодии А. Люис** захираи қувваи кориро ҳамчун асоси рушди иқтисодӣ мушоҳида мекунад. Бинобар ҳамин муаллифи он гумон дорад, ки ин модел барои он мамлакатҳо истифодашаванда аст, ки дар онҳо «зиччии аҳолӣ баланд, капитал камёфт ва захираҳои муқаррарӣ маҳдуданд». Ба ин мамлакатҳо А. Люис Ҳиндустон, Покистон, Миср ва дигаронро дохил мекард.

Вазифаи модели Люис дар он зоҳир мегардад, ки қисми захираҳои меҳнатиро аз хоҷагии қишлоқ ба саноат азнавтақсим намудан лозим аст, ки ба шиддатёбии суръати рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд. Ба сифати механизми асосии ин ҷараён бозори байнисоҳавӣ баромад мекунад. азбаски саноат барои ҷалби аҳолии аграрӣ таъинот дорад, бинобар ҳамин дар ин соҳа бояд технологияҳо ва захираҳои меҳнатталаб истифода шаванд. Ин ҷараён ба шиддатёбии гузариши қувваи корӣ аз хоҷагии қишлоқ ба саноат ва дар натиҷа ба бартараф намудани барзиёдии аҳолии аграрӣ мусоидат менамояд. Дар навбати худ саноат, ҳаҷми истеҳсолоти худро васеъ гардонида, ба коргарони худ афзоиши даромадҳоро таъмин мекунад, ки ба афзоиши маҷмӯи талаботи дохилӣ мусоидат менамояд. Спирал гардиш карда, соҳибкорон фоидаҳои зиёдшавандаи худро барои васеъшавии истеҳсолот равона месозанд. Ин фоидаҳо дар оянда ба рушди иқтисодӣ бо самараи динамикӣ таъсир мерасонанд.

Худи рушди иқтисодиро *Люис* ба ду намуд ҷудо мекунад: дар саноат сарчашмаи он истифодабарии қувваи кории иловагӣ ҳизмат мекунад (намуди экстенсивӣ), дар хоҷагии қишлоқ сарчашмаи рушди иқтисодӣ афзоишёбии ҳосилнокии интиҳои меҳнат баромад мекунад (намуди интенсивӣ). Ин ду намуди рушди иқтисодӣ ба ду функсияҳои инвеститсиякунии гуногун мувофиқат мекунанд. Дар саноат сухан пеш аз ҳама оид ба васеъгардонии капитал меравад. Бинобар ҳамин ин функсияи инвеститсияҳо, ба муносибати кейнсӣ хос аст, аз талабот ба маҳсулоти саноатии ниҳоӣ вобаста аст. Дар хоҷагии қишлоқ, баръакс инвеститсияҳо дар натиҷаи камшавии фоидаҳо васеъ мешаванд: афзоиши хароҷотҳо барои музди меҳнат фермеронро водор месозад, ки меҳнати дастиро бо меҳнати мошинӣ иваз намуда, хароҷотҳои кам кунанд ва фоидаро зиёдтар кунанд.

## 18.4. СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДӢ.

Ба рушди иқтидори иқтисодӣ ва сатҳи зиндагонии аҳолӣ сиёсати иқтисодии давлат таъсири назаррас расонида метавонад. Пеш аз ҳама бо воситаи сиёсати иқтисодӣ давлат метавонад ба андозаи капитали ҷисмонӣ ва инсонӣ таъсир расонад. Агар захираи капитал дар иқтисодиёт зиёд шавад, он гоҳ иқтидори иқтисодии мамлакат зиёд мешавад ва иқтисодиёт дар оянда метавонад зиёдтар мол ва хизматҳоро истеҳсол намояд. Бинобар ҳамин, агар ҳукумат хоҳад, ки ҳосилнокии захираҳоро зиёд намояд, рушди иқтисодиро шиддат диҳад ва сатҳи зиндагонии аҳолиро баланд намоянд, он гоҳ давлат бояд чунин сиёсатро амалӣ гардонад.

**1. Инвеститсияҳо ва пасандозҳои дохилиро ҳавасманд гардонад**. Афзоиши захираи капитал дар иқтисодиёт бо воситаи инвеститсияҳо ба миён меояд. Чи қадаре, ки ҳиссаи инвеститсияҳо ба иқтисодиёт зиёд бошад, ҳамон қадар суръатҳои рушди иқтисодӣ баланд мешаванд. Азбаски афзоиши захираи капитал бевосита ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат таъсир мерасонад, бинобар ҳамин шарти асосии рушди иқтисодӣ ин зиёд намудани инвеститсияҳо

мебошад. Асоси инвеститсияҳоро пасандозҳо ташкил мекунанд. Агар ҷамъият камтар истеъмол карда, бисёртар пасандоз намояд, он гоҳ ин ҷамъият барои инвеститсиякунӣ захираҳои зиёдтар дорад.

**2. Ҳавасманд намудани инвеститсияҳо аз хориҷа.** Афзоиши капитал метавонад на танҳо аз ҳисоби инвеститсияҳои дохилӣ, балки аз ҳисоби инвеститсияҳои хориҷӣ ба вуҷуд ояд. Ду намуди инвеститсияҳои хориҷиро аз ҳам фарқ мекунанд: мустақим ва портфелӣ. Инвеститсиҳои мустақими хориҷӣ – ин инвеститсияҳо ба капитал, ки бо он шаҳрвандони хориҷӣ (нерезидентон) соҳибӣ ва идора мекунанд. Мисоли инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ таъсисдиҳии филиали фирмаи хориҷӣ дар мамлакати мазкур мебошад. Инвеститсияҳои портфелии хориҷӣ – ин инвеститсияҳо ба капитал, ки аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ молиягузорӣ карда шуда, зери идоракунии истеҳсолкунандагони мамлакати мазкур қарор доранд. Ба инвеститсияҳои портфелии хориҷӣ хариди саҳмияҳо ва вомбаргҳои фирмаҳои мамлакати додашуда, ки аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ харидорӣ карда мешаванд мисол шуда метавонад. Инвеститсияҳои хориҷӣ ба рушди иқтисодии мамлакат мусоидат мекунанд. Ба барориши қисми фоидаи фирмаҳо ба хориҷа нигоҳ накарда, сарчашмаҳои молиягузорӣ иқтидорҳои иқтисодии мамлакатро зиёд менамоянд ва сатҳи ҳосилнокӣ ва музди меҳнатро баланд мекунанд. Ба ғайр аз ин инвеститсияҳои хориҷӣ ба мамлакатҳои тараққикардаистода имконият медиҳанд, ки технологияҳои пешқадами дар мамлакатҳои мутараққӣ ихтироъ ва истифода шавандаро азхуд намоянд.

**3. Ҳавасамандгардонии маориф**. Маориф – ин инвеститсия ба капитали инсонӣ мебошад. Дар ИМА мувофиқи маълумотҳои оморӣ, ҳамасола маблағи барои таҳсил сарфшуда, музди меҳнати коргарро ба ҳисоби миёна ба 10% баланд мекунад. Маориф на танҳо ҳосилнокии меҳнати инсонро баланд мекунад, ба ғайр аз ин маориф самарии мусбии беруна низ дорад. Самараи беруна ҳамон вақт ҷой дорад, ки агар амали як шахс дар некуаҳволии шахси дигар ва ё дигар одамон инъикос ёбад. Шахси маълумотнок ақидаҳоро пешкаш карда метавонад, ки барои дигарон низ фоидаовар буда, барои

ҳамагон дастрас мегардад. Ин асосноккунӣ нисбати маорифи давлатӣ мебошад. Бо баробари ин ҳодисаи «фирори ақлҳо», яъне муҳоҷирати мутахассисони нисбатан маълумотнок ва тахассуснок аз мамлакатҳои камбизоат ва мамлакатҳои бо иқтисодиёти гузариш буда ба мамлакатҳои тараққикарда таъсири негативӣ дорад.

**4. Ҳавасмандгардонии тадқиқотҳо ва ихтироотҳо**. Тадқиқотҳо ва ихтироотҳои илмӣ асоси дониши технологӣ буда, омили асосии суръатбахшии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Бо мурури замон дониш ба неъмати ҷамъиятӣ мубаддал мегардад, ки бо он ҳама истифода бурда метавонанд. Бинобар ҳамин донишҳои технологӣ, ҳамчун инвеститсия ба капитали инсонӣ дорои самараи берунӣ мебошанд. Тадқиқотҳо ва ихтироотҳо бо воситаи грантҳо, паст намудани андозҳо ва патентҳо барои ҷорӣ намудани ҳуқуқҳои муваққатии моликиятӣ ба ихтироотҳо ҳавасаманд карда шуданашон мумкин аст.

**5. Ҳимоя намудани ҳуқуқҳои моликият ва таъмини мӯътадилии сиёсӣ.** Ҳуқуқи моликият гуфта, имконияти одамонро барои истифодабарии захираҳои ба онҳо таалуқ дошта дарк карда мешавад. Барои меҳнат, пасандозкунӣ, инвеститсиякунӣ, савдо, ихтироъ кардан, одамон бояд боварӣ дошта бошанд, ки натиҷаи меҳнати онҳо ва моликияти ба онҳо таалуқ дошта дуздида намешаванд ва ҳама созишномаҳо иҷро карда мешаванд. То ҳатто имконияти хурди номӯътадилии сиёсӣ нисбат ба ҳуқуқҳои моликият номӯътадилиро ба миён меоранд, зеро ҳокимияти инқилобӣ метавонад моликият ва махсусан капиталҳро мусодира намояд. Ин равияи сиёсат дар аввал ҳамчун асоси институтсионалӣ барои зиёд намудани инвеститсияҳои дохилӣ зарур буда, барои ҳифзи моликияти ақлӣ низ аҳамияти калон дорад, ки барои пешравии технологӣ мусоидат менамояд.

**6. Ҳавасмандгардонии савдои озод.** Савдои озод ба монанди дастовардҳои технологӣ мебошад. Савдои озод ба мамлакат имконият медиҳад, ки тамоми маҳсулотҳоро мустақилона истеҳсол накарда, балки қисме аз онҳоро аз дигар мамлакатҳои нисбатан самараноктар истеҳсол мекарда дастрас кунанд. Одатан барои мамлакатҳои тараққикардаистода

ҳимояи соҳаҳои ҷавон аз рақобати хориҷӣ ва амалигардонии сиёсати протексионизм зарур аст. Лекин чунин амал нисбатан ғайрисамаранок аст, зеро васеъшавии савдо бо мамлакатҳои тараққикарда ба мамлакатҳои тараққикардаистода имконият медиҳад, ки дар хароҷотҳои истеҳсолӣ сарфа намоянд, маҳсулотҳои ғайрисамаранокро истеҳсол накунанд ва аз дасовардҳои техникӣ ва технологии ҷаҳонӣ бархурдор бошанд.

7. **Назорат намудани афзоиши аҳолӣ.** Барои таъмини рушди некуаҳволӣ суръати афзоиши истеҳсолот бояд аз суръати афзоиши аҳолӣ зиёд бошад. Суръатҳои баланди афзоиши аҳолӣ омилҳои истеҳсолоти боқимондаро «нозук» карда, имкониятҳои рушди иқтисодиро паст мекунанд. Афзоиши босуръатаи аҳолӣ таъминоти капиталро паст карда, ба пастшавии ҳосилнокии меҳнат ва сатҳи некуаҳволӣ сабаб мешавад.

# МАВЗӮИ 19. ТАРАҚҚИЁТИ СИКЛИИ ИҚТИСОДИЁТ

*19.1.Моҳият ва сабабҳои сикли иқтисодӣ.*
*19.2.Давраҳои сикли иқтисодӣ.*
*19.3.Шаклҳои асосии бӯҳронҳо.*

Ифодаёбии аёни вайроншавии мувозинатии макроиқтисодӣ тараққиёти сиклӣ мебошад. Тараққиёти сиклӣ – ин шакли тараққиёти иқтисодиёт ҳамчун чизи яклухт буда, ҳаракат аз як ҳолати мувозинатии макроиқтисодӣ ба дигар ҳолати мувозинатии макроиқтисодиро ифода мекунад. Бинобар ҳамин тараққиёти сиклӣ ҳамчун яке аз тарзҳои ҳудтанзимкунии иқтисодиёти бозорӣ мебошад. Азбаски хусусияти хоси тараққиёти сиклӣ ин ҳаракати давравӣ набуда, балки ҳаракати спиралӣ мебошад, бинобар ҳамин он шакли тараққиёти пешраванда мебошад.

## 19.1. МОҲИЯТ ВА САБАБҲОИ СИКЛИ ИҚТИСОДӢ.

Назарияи сиклҳои иқтисодӣ бо баробари назарияи рушди иқтисодӣ ба назарияҳои динамикаи иқтисодӣ шомил аст, ки ҳаракати хоҷагии халқро маънидод мекунад. Агар назарияи рушди иқтисодӣ омилҳо ва шароитҳои рушдро ҳамчун тамоюли дарозмуддат тадқиқ кунад, назарияи сиклӣ бошад сабабҳои тағйирёбии фаъолнокиро дар фосилаи вақт тадқиқ мекунад.

**Ду намуди динамикаи иқтисодиро фарқ мекунанд: терндӣ ва сиклӣ**. Дар назарияи сикли иқтисодӣ одатан сикл ва трендро аз ҳам фарқ мекунанд. (Сикл (аз калимаи юнонии cyklos – давра гирифта шудааст) бозгашти низоми иқтисодиро ба як ҳолати додашуда дар назар дошта, Тренд бошад ин тамоюл мебошад).

Хатти тренд чунин сохта мешавад, ки тағйиротҳои кӯтоҳмуддатро дар фосилаи вақти дарозмуддат мӯътадил мегардонад. Агар ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ягон мамлакат дар тӯли вақти кӯтоҳ ва ё дарозмуддат назар кунем, он гоҳ мебинем, ки новобаста аз тағйиротҳои пастравиҳо ва болоравиҳои бонавбат дар фосилаи вақти муайян, иқтисодиёти мамлакат ба тараққиёти муайян ноил мегардад. Ҳамин тавр, бояд динамикаи дарозмуддатро (трендро) аз тағйиротҳои кӯтоҳмуддати фаъолнокии иқтисодӣ фарқ намуд.

**Мафҳуми сикли иқтисодӣ**. Сикли иқтисодӣ (ва ё сикли корӣ) бо худ пастравиҳо ва болоравиҳои даврагиро дар иқтисодиёт, тағйирёбии фаъолияти кориро ифода мекунад. Ин тағйиротҳо доимӣ набуда, пешбининашавандаанд, бинобар ҳамин истиллоҳи «сикл» ин мафҳуми шартӣ мебошад.

**Сабабҳои тараққиёти сиклии иқтисодиёт**. Омӯзиши қонуниятҳои тараққиёти иқтисодӣ, яке аз қисмҳои таркибии таҳлили макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Наслҳои зиёди тадқиқотчиён кӯшиш намуданд, ки сиру асрори тағйиротҳои сиклии иқтисодиёти бозориро муайян кунанд.

Дар назарияи иқтисодӣ сабабҳои сиклҳои иқтисодӣ ҳодисаҳои гуногун баён карда мешуданд: сатҳи фаъолнокии офтоб; ҷангҳо ва инқилобҳо; сатҳи нокифоягии истеъмолот; суръатҳои баланди афзоиши аҳолӣ; боваринокӣ ва нобоварии

инвесторон; тағйирёбии пешниҳоди пулҳо; навовариҳои техникӣ ва технологӣ; шокҳои нархӣ ва ғайраҳо.

Дар асл ҳама ин сабабҳо ба як сабаби асосӣ муттаҳид шуданашон мумкин аст. Сабаби асосии сиклҳои иқтисодӣ – номувофиқати маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод, номувофиқати хароҷотҳои умумӣ ва истеҳсолоти умумӣ. Бинобар ҳамин хислати сиклии тараққиёти иқтисодиётро бо тағйирёбии маҷмӯи талабот дар ҳолати тағйирнаёфтани маҷмӯи пешниҳод (афзоиши хароҷотҳои умумӣ ба зиёдшавии маҷмӯи пешниҳод сабаб шуда, камшавии онҳо бошад ретсессияро ба минё меорад) ва ё тағйирёбии маҷмӯи пешниҳод ҳангоми тағйирнаёфтани маҷмӯи талабот (камшавии маҷмӯи пешниҳод маънои пастравиро дошта, афзоиши он маънои болоравиро дорад).

**Самтҳои асосии омӯзиши тараққиёти сиклӣ**. Тараққиёти сиклӣ бо худ ҷараёни бисёромиларо дар назар дошта, тадқиқоти он ногузир бисёр консепсияҳои назариявиро ба миён меорад. Масалан, иқтисодчии немис Г. Шмелдерс 200 омилҳои гуногунро муайян карда, ки бӯҳронҳоро ба миён меоранд.

Лекин мавқеъҳои зарурии назариявӣ, ки дар онҳо омӯзиши сабабҳои сиклҳо ва бӯҳронҳо асос мегирад, бо се самтҳои асосӣ алоқаманданд.

1. **Тараққиёти сиклӣ ва пешравии илмӣ – техникӣ**. Дар ин самт бо дараҷаи муайян таҳаввули омилҳои асосии истеҳсолот маънидод карда мешаванд, ки зери таъсири шаклҳои гуногуни ПИТ қарор доранд.

К. Маркс яке аз аввалин шуда дар солҳои 60-уми асри XIX ба мубаддалшавии (трансформатсияи) капитал ба сабаби бевоситаи даврагии бӯҳронҳо диққат дод, ки бо ҷараёни азнавкунии оммавии капитали асосӣ алоқаманд аст. Ин ҷараёни азнавкуние, ки бо шарофати пешравии илм ва техника ба тавлид меёбад, Маркс «асоси моддии» сикли иқтисодӣ номид. Бо баробари ин худи бӯҳронҳоро К. Маркс ҳамчун натиҷаи муваққатӣ ва тасодуфии ҳалли зиддияти асосии капитализм, яъне зиддияти байни характери ҷамъиятии истеҳсолот ва шакли хусусии азонихудкунии натиҷаҳои он мушоҳида мекард. Ӯ гумон мекард, ки ин зиддият метвонад ба

пурраги танҳо дар ҳолати ивазшавии капитализм бо сотсиолизм ҳалли худро ёбад, зеро сотсиолизм ба моликияти ҷамъиятӣ ба воситаҳои истеҳсолот такя мекунад.

Лекин дар марҳилаи муосири иқтисодиёти бозории дар шакли омехта инкишофёбанда бо танзими давлатӣ, ҷараёни шиддатёбии бӯҳронҳо ба назар мерасанд, ки характери иҷтимоии онро пурзӯр намуда, бо васеъшавии моликияти коллективӣ ва хусусӣ ва демократизатсияи капитал дар ҳолати мавҷудияти моликияти давлатӣ тавсиф карда мешаванд.

Дар асри XX иқтисодчиён даврагии бӯҳронҳоро бо азнавкунии на танҳо капитали асосӣ, балки бо навсозии капитали гардон (махсусан захираҳои молӣ) алоқаманд мекунанд.

Дар чаҳорчӯбаи ин равия назарияи «мавҷҳои дарози фаъолнокии иқтисодӣ»-и аз тарафи Н.Д.Кондратев таҳия гардида аҳамияти хоса дорад. Давомнокии миёнаи «сиклҳои Кондратев» аз 50 – 60 сол иборат буда, ба асоси онҳо муаллиф хислати ҷаҳишкунандаи ПИТ, инқилобҳои даврагӣ дар техника ва технологияи истеҳсолотро гузоштааст.

Дар охири солҳои 30-ум асри XX иқтисодчии австрягӣ Й. Шумпетер назарияи умумии сиклҳои давомнокиашон гуногунро пешкаш намуд, ки онҳо дар мувофиқати худ амплитудаи муайяни тағйиротҳои макроиқтисодиро таъмин мекарданд. Ин назария инчунин ба омилҳои илмӣ – техники пешравии иқтисодиёт такя мекарданд.

**2. Тараққиёти сиклӣ ва омилҳои пулию – қарзӣ**. Ба ин хусусият консепсияи иқтисодчии америкои И. Фишеро мансуб ҳисобидан мумкин аст, ки бӯҳронро ҳамчун натиҷаи вайроншавии мувозинатии байни талабот ба пулҳо ва пешниҳоди онҳо мушоҳида карда, худи танзими муомилоти пулиро механизми асосии таъсиррасонӣ ба тағйирёбии вазъияти бозорӣ меҳисобид. Омилҳои пулию – қарзӣ мутамаркази назарияи монетарии сикли Ф. Хаек ба ҳисоб меравад. Мавқеъи асосиро дар ин назария муаммои барзиёдӣ ва ё норасогии инвеститсияҳо ишғол карда, ба сифати сабаби ҳалкунандаи пастравӣ экспансияи пулию – қарзии аз тарафи низоми бонкӣ амалӣ мегардида ба ҳисоб мерафт. Мувофиқан,

омили новобастаи гузариш аз бум ба бӯҳрон ин норозигии бонкҳо барои васеъ намудани қарзҳо мебошад.

Аз соли 70 –уми асри XX оғоз карда, консепсияи сиклии М. Фридмен васеъ паҳн мегардад. Мувофиқи ин консепсия, дар динамикаи сиклҳо нақши асосиро номӯътадилии пешниҳоди пулҳо мебозанд, ки сабабгори асосии он худи давлат мебошад. Бар ивази сиёсати зиддисиклии давлат, ки ба тағйирёбии миқдори пулҳои дар муомилот буда, танзими сахти он бо афзоиши имконпазири 3 – 4% дар як сол пешбинӣ карда мешавад.

**3. Тараққиёти сиклӣ ва сохтори биополярии бозор**. Самти додашудаи асосие, ки тағйиротҳои аслии сиклиро кушода медиҳанд, назарияҳои гуногунро ҳисобидан мумкин аст, ки дар таҳлили тағйиротҳо дар сохтори биополярии бозор, яъне таносуби байни талабот ва пешниҳод дар сатҳи макроиқтисодӣ такя мекунанд. Дар ин назарияҳо сухан оид ба мушоҳида намудани динамикаи маҷмӯи талабот ва аз тарафи дигар динамикаи маҷмӯи пешниҳод меравад. Одатан, дар ин назарияҳо ба муайян намудани омилҳои ба сохтор ва тағйирёбии ҳаҷми талабот ва ҳам ба ҳаҷми пешниҳод бо шиддатнокии гуногун таъсир мерасонида диққати махсус дода мешавад.

Барои иқтисодиёти бозории муосир дахолати фаъоли давлат хос аст. Бинобар ҳамин як қатор назарияҳои нави сикл (дар чаҳорчӯбаи равияҳои кейнсӣ, монетарӣ ва институтсионалӣ) кӯшиш мекунад, ки тағйиротҳои иқтисодиро бо натиҷаҳои сиёсати макроиқтисодии худи давлат муайян намоянд.

Хулосаи умумие, ки аз назарияҳои бисёри сиклҳои ва бӯҳронҳо бар меояд чунин аст. Аз нуқтаи назари вайрошавӣ ва барқароршавии минбаъдаи мувозинатии макроиқтисодӣ (васеъшавӣ ва ё маҳдудшавии такрористеҳсоли ҷамъиятӣ) ҳамагуна сикли конкретӣ (миллӣ ва ё ҷахонӣ) ва ҳамагуна бӯҳрони конкретӣ таҳлили фарққунандаи омилҳои дохилӣ ва берунаи онҳоро талаб мекунад.

## 19.2. ДАВРАҲОИ СИКЛИ ИҚТИСОДӢ.

Сикли иқтисодиро одатан ба давраҳои (фазаҳои) алоҳида ҷудо мекунанд. Ду таснифоти асосии сиклҳо вуҷуд дорад: модели чордаврагӣ ва модели дудаврагӣ.

**Модели чордаврагии сикли иқтисодиро** одатан классикӣ меноманд. Ин модел давраҳои бӯҳрон, депрессия, ҷоннокшавӣ ва болравиро дар бар мегирад. Ба ҳар яки онҳо тавсифоти миқдории муайян ва хусусиятҳои сифатӣ хосанд.

***Дар давраи якум*** (бӯҳрон) камшавии истеҳсолот то сатҳи ҳадди ақал ба миён меояд. ***Дар давраи дуюм*** (депрессия) пастравӣ боздошта шуда, лекин ҳоло афзоиш ба назар намерасад. ***Дар давраи сеюм*** (ҷоннокшавӣ) афзоиши истеҳсолот то сатҳи то бӯҳронии онҳо мерасад. ***Дар давраи чорум*** (болоравӣ) афзоиши истеҳсолот аз ҳудудҳои сатҳи пешазбӯҳронӣ зиёд гашта, ба буми иқтисодӣ мубаддал мегардад. Маълум аст, ки ҳамагуна сикл ва ҳар як давраи он давомнокии муайянро дорад. Мувофиқан, тавсифи миқдории сикл бо назардошти давраҳои ба он дохилшаванда имконият медиҳад, ки динамикаи ҷаҳишкунандаи иқтисодиёт муайян карда шаванд.

Бо баробари ин ҳар яки за ин чор давраҳо бо хусусиятҳои хос аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

**Бӯҳрон** пеш аз ҳама дар барзиёдистеҳсолкунии молҳо, камшавии қарзҳо ва баланд шудани мизони фоизи қарзӣ ифода меёбад. Ҳамаи ин ба камшавии фоидаҳо ва камшавии истеҳсолот, афзоиши қарзҳои бонкӣ ва муфлисшавии корхонаҳо сабаб мешавад.

Баъд аз бӯҳрон **депрессия** ба миён меояд. Дар ин давра истеҳсолот кам ва ё зиёд намешавад. Баризофагии молӣ оҳиста – оҳиста ҷаббида шуда, лекин савдо суст мегардад. Мизони фоизи қарзӣ то ҳадди ақал кам мешаванд. Лекин, оҳиста – оҳиста дар иқтисодиёт «нуқтаи рушд» пайдо шуда, гузариш ба **ҷоннокшавӣ** ба миён меояд.

Корхонаҳое, ки ба шароитҳои нави бозор мутобиқ гаштаанд, барориши маҳсулотро зиёд карда, сохтмонҳои нави саноатиро амалӣ мегардонанд, дар натиҷа меъёри фоида,

мизони фоизи қарзӣ ва сатҳи музди меҳнат баланд шуда, давраи болоравӣ оғоз меёбад.

Сатҳи МУД аз сатҳи тобӯҳронӣ зиёд шуда, афзоишёбии истеҳсолот давом меёбад, ки ба афзоиши шуғл мусоидат намуда ба афзоишёбии талаботи молӣ ва баландшавии сатҳи нархҳо сабаб мешавад.

Лекин оҳиста – оҳиста ҳаҷми истеҳсолот боз аз чаҳорчӯбаи талаботи пардохтнок зиёд гардида, бозор бо молҳои ба фурӯшнарафта пур мегардад, дар натиҷа сикли нави саноатӣ оғоз меёбад.

Чунин аст тавсифи мухтасари сикли саноатии К.Маркс.

Бояд қайд намуд, дигар таснифотҳои сикл низ вуҷуд доранд. Олимон – иқтисодчиёни муосир танҳо ду давраи сиклро ҷудо мекунанд:

1) **давраи пастравӣ ва ё ретсессия**, ки аз пик то нуқтаи поён давом мекунад. Пастравии махсусан давомнок депрессия номида мешавад. Аз ҳамин сабаб бӯҳрони солҳои 1929 – 1932 номи Депрессияи Бузургро гирифтааст;

2) **давраи болоравӣ ва ё ҷоннокшавӣ**, ки аз нуқтаи поён то пик давом мекунад.

**Намудҳои сиклҳои иқтисодӣ**. Ба илми ҷамъиятии муосир 1380 намуди сиклҳо маълуманд. Дар назарияи иқтисодӣ одатан чунин намудҳои сиклҳои иқтисодӣ мушоҳида карда мешаванд.

**Сиклҳои Жугляр**. Пеш аз ҳама илми иқтисодӣ сикли 7 – 12 соларо ҷудо мекард, ки дертар номи сиклҳои Жуглярро гирифтааст. Ин сикл номи дигар низ дорад «бизнес – сикл», сикли марксистии «сикли саноатӣ».

**Сиклҳои Китчин (сиклҳои захираҳо)**. Китчин диққати худро дар асоси омӯзиши ҳисобҳои молиявӣ ва нархҳои фурӯш ҳангоми ҳаракати захираҳои молӣ ба тадқиқоти мавҷҳои 2 – 4 сола ҷалб намуд.

**Сиклҳои Кузнетс**. Кузнетс дар кори худ «Даромади миллӣ» ба хулосае омад, ки нишондиҳандаҳои даромади миллӣ, хароҷотҳои истеъмолӣ, инвеститсияҳои умумӣ барои таҷҳизотҳои таъиноти истеҳсолӣ дошта, инчуни барои биноҳо ва иншоотҳо тағйирёбии 20 – сола доранд.

**Сиклҳои Кондратев**. Сиклҳое, ки давомнокии онҳо 40 – 60 солро ташкил карда, онҳо бо номи иқтисодчии рус Николай Дмитриевич Кондратев номгузорӣ карда шудааст, ки назарияи «мавҷҳои дарози вазъияти иқтисодиро» таҳия намудааст. Кондратев муайян намуд, ки бӯҳронҳои нисбатан вайроншаванда дар ҳолате ба назар мерасанд, ки агар нуқтаҳои пастравии фаъолнокии кории сиклҳои мавҷҳои дароз дошта бо сикли классикӣ мувофиқат кунанд.

Дар иқтисодиёт муосир давомнокии давраҳои сикл ва амплитудаи тағйирёбиҳо гуногун шуда метавонанд. Пеш аз ҳама ин аз сабабҳои бӯҳрон ва инчунин аз хусусиятҳои иқтисодиёт дар мамлакатҳои гуногун вобастаанд: дараҷаи дахолати давлат ба иқтисодиёт; характери танзими давлатии иқтисодиёт; ҳисса ва сатҳи тараққиёти соҳаи хизматрасонӣ; шароитҳои инкишоф ва истифодабарии ПИТ.

**Рафтори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давоми сикл**. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давраҳои гуногуни сикл ба таври гуногун рафтор мекунанд.

Агар сабаби сикл тағйирёбии маҷмӯи талабот (хароҷотҳои умумӣ) бошанд, он гоҳ дар давраи бум лаҳзае мерасад, ки дар он ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда ба пуррагӣ фурӯхта намешавад, яъне хароҷотҳои умумӣ нисбат ба ҳаҷми барориш кам мебошанд. Дар натиҷа баризофагии молҳо ба миён омада, фирмаҳо маҷбуранд захираҳои маҳсулотҳои фурӯхта нашударо (захираҳои молиро) зиёд намоянд, ки ба қатъгардонии истеҳсолот сабаб шуда, ба афзоиши бекорӣ оварда мерасонад, зеро фирмаҳо коргаронро аз кор озод мекунанд.

Дар натиҷа даромадҳои умумӣ кам мешаванд (даромадҳои хоҷагиҳои хонавода дар натиҷаи бекорӣ кам мешаванд, даромадҳои фирмаҳо дар натиҷаи фурӯхта натавонистани маҳсулоти истеҳсолшуда кам мешавад), мувофиқан хароҷотҳои умумӣ низ кам мешаванд. Хоҷагиҳои хонавода талаботро ба молҳои дарозмуддат кам мекунад. Фирмаҳо талаботи инвеститсиониро аз ҳисоби васеъгардонии бемаънои истеҳсолот дар шароитҳои кам шудани маҷмӯи талабот кам мекунанд.

Камшавии даромадҳои умумӣ (базаи андозбандӣ) воридоти андозҳоро ба буҷети давлатӣ кам мекунад. Маблағи

умумии пардохтҳои трансфертии давлатӣ (ҷубронпулиҳо барои бекорӣ, камбизоатӣ) зиёд мешаванд. Касрати буҷети давлатӣ зиёд мешавад.

Дар натиҷаи камшавии даромадҳои умумӣ воридот кам мешавад, ки ба афзоиши содироти соф ва ба миён омадани барзиёдии тавозуни савдо мусоидат менамояд.

Барои фурӯхтани маҳсулоти худ кӯшиш карда, фирмаҳо метавонанд нархи онҳоро паст кунад, ки ба пастшавии сатҳи умумии нархҳо, яъне ба дефлятсия оварда мерасонад. Бо ноимконпазирии фурӯши маҳсулоти худ дар сатҳи нархҳои пастар дучор шуда, фимраҳо (ҳамчун агентҳои оқилона амалкунанда) метавонанд:

- таҷҳизоти истеҳсолии иловагиро харидорӣ намуда, истеҳсоли моли додашударо (агар талаботи онҳо ба пуррагӣ қонеъ нагардида бошад) бо хароҷотҳои камтар давом диҳанд, ки барои пастшавии нархи маҳсулот бе кам намудани ҳаҷми фоида мусоидат намуда, барои зиёд намудани ҳаҷми фурӯш имконият медиҳад;
- агар талабот ба молҳои аз тарафи фирма истеҳсолшуда ба пуррагӣ таъмин бошаду, то ҳатто паст намудани нархҳо ба зиёдшавии ҳаҷми фурӯш оварда нарасонад, фирма метавонад ба истеҳсоли моли нав шурӯъ намояд, ки азнавтаҷҳизонидани техникиро талаб мекунад;

Дар ҳар ду ҳолат талабот ба молҳои инвеститсионӣ зиёд мешавад. Дар соҳаҳои молҳои инвеститсионӣ истеҳсол мекарда ҷоннокшавӣ оғоз ёфта, шӯғл афзоиш меёбад ва фоидаи фирмаҳо низ зиёд мешаванд.

Даромадҳои умумӣ зиёд мешаванд, ки ба афзоиши талабот ва васеъшавии истеҳсолот дар соҳаҳои молҳои истеъмолӣ истеҳсол мекарда оварда мерасонад.

Ҷоннокшавӣ, афзоиши шуғл (камшавии бекорӣ) ва зиёдшавии даромадҳо тамоми иқтисодиётро фаро мегирад. Дар иқтисодиёт болоравӣ оғоз меёбад.

Сатҳи нархҳо баланд мешаванд. Воридоти андозҳо зиёд мешаванд. Касрати буҷети давлатӣ кам шуда, барзиёдии даромадҳои давлатӣ ба миён омаданаш мумкин аст.

Афзоиши даромадҳо ба зиёдшавии воридот, пастшавии содироти соф ва ба миён омадани кастари тавозуни пардохт сабаб шуданаш мумкин аст.

Болоравии иқтисодиёт, афзоиши фаъолнокии корӣ ба бум ба «тасфонии» иқтисодиёт мусоидат менамояд, ки баъд аз он пастравии минбаъда оғоз меёбад.

Асоси сикли иқтисодиро тағйирёбии хароҷотҳои инвеститсионӣ ташкил мекунанд. Инвеститсияҳо қисми нисбатан номӯътадили маҷмӯи талабот (хароҷотҳои умумӣ) мебошанд.

Дар шароитҳое, ки пастравии иқтисодиёт бо камшавии маҷмӯи талабот ба миён наомада, балки бо камшавии маҷмӯи пешниҳод ба миён оянд, аксарияти нишондиҳандаҳо (МУД –и аслӣ, сатҳи бекорӣ, ҳаҷми даромади умумӣ, захираи фирмаҳо, ҳаҷми фурӯш, фоидаи фирмаҳо, воридоти андозҳо, ҳаҷми пардохтҳои трансфертӣ ва ғайраҳо) ба монанди маҷмӯи пешниҳод рафтор мекунанд. Ба таври истисно сатҳи умумии нархҳо бо баробари пастравӣ баланд мешаванд.

Асоси раҳоиро аз чунин пастравӣ инвеститсияҳо ташкил мекунанд, зеро онҳо захираи капиталро дар иқтисодиёт зиёд карда, барои афзоиши маҷмӯи пешниҳод шароитҳоро муҳайё мекунад.

**Нишондиҳандаҳои сикли иқтисодӣ**. Нишондоди асосии давраи сикл нишондиҳандаи суръати афзоиши солонаи МУД баромад мекунад. Ин нишондиҳанда тағйирёбии фоизии МУД – и аслиро дар ҳар соли оянда нисбат ба соли гузашта тавсиф мекунад.

Агар суръати афзоиш андозаи мусбӣ бошад, он гоҳ иқтисодиёт дар давраи болоравӣ қарор дорад, агар суръати афзоиш андозаи манфӣ бошад, он гоҳ иқтисодиёт дар давраи пастравӣ қарор дорад. Ин нишондиҳанда барои як сол ҳисоб карда шуда, суръати тараққиёти кӯтоҳмуддати (ҳамасолаи) иқтисодиётро, яъне тағйирёбии МУД – и аслиро ифода мекунад.

Дар вобастагӣ аз рафтори нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар давраҳои гуногуни сикл чунин нишондиҳандаҳоро аз ҳам фарқ мекунанд:

- **нишондиҳандаҳои просиклӣ**, ки дар давраҳои болоравӣ зиёд шуда, дар давраи пастравӣ бошад кам мешаванд (МУД – и аслӣ, андозаи даромадҳои умумӣ, ҳаҷми фурӯш, фоидаи фирмаҳо, андозаи воридоти андозҳо, миқёси қоғазҳои қимматнок, ҳаҷми воридот);
- **нишондиҳандаҳои контрасиклӣ**, ки дар давраи пастравӣ зиёд шуда, дар давраи болравӣ кам мешаванд (сатҳи бекорӣ, ҳаҷми пардохтҳои трансфертӣ, андозаи содироти соф, касрати буҷети давлатӣ ва ғайраҳо);
- нишондиҳандаҳои асиклӣ, ки характери сиклӣ надошта, ҳаҷми онҳо бо давраҳои сикл алоқаманд нест (ҳаҷми содирот).

## 19.3. ШАКЛҲОИ АСОСИИ БӮҲРОНҲО.

Давраи асосии ҳаракати сиклии иқтисодиёт худи бӯҳрон мебошад. Бинобар ҳамин бояд қайд намуд, ки айнан ба ҳамин давра шаклҳои зиёди гуногун хосанд. Ба сифати шакли асосии он бевосита бӯҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ баромад мекунад.

Лекин бо баробари ин намуди бӯҳрон дар иқтисодиёти бозорӣ чунин намудҳои бӯҳронҳо вуҷуд доранд, ба монанди бӯҳрони фосилавӣ, соҳавӣ ва сохторӣ.

**Бӯҳрони фосилавӣ** танҳо равиши давраи ҷоннокшавӣ ва ё болоравиро қатъ гардонида, сикли навро ба миён намеорад. Ин сикл бо давомнокии дарозтар нисбат ба бӯҳрони сиклӣ фарқ карда, одатан характери локалӣ (қисми) дорад.

**Бӯҳрони қисмӣ** тамоми иқтисодиётро фаро нагирифта, танҳо соҳаи муайяни фаъолияти иқтисодиро фаро мегирад. Ба ин шакл масалан, бӯҳронҳои молиявӣ, асъорӣ, бонкӣ ва биржавӣ дохил мешаванд.

**Бӯҳрони соҳавӣ** дар соҳаи муайяни иқтисодиёт ба миён меояд: саноат, хоҷагии қишлоқ, сохтмон, нақлиёт ва ғайраҳо.

Бӯҳрони сохторӣ ба соҳаҳои алоҳидаи сохтори иқтисодиёти миллӣ паҳн гардида, давомнокии он наҳама вақт бо як сикл маҳдуд карда мешавад. Ба бӯҳронҳои сохторӣ чунин

бӯҳронҳо ба монанди энергетикӣ, озуқаворӣ, ашёвӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

# МАВЗӮИ 20. ШУҒЛ ВА БЕКОРӢ. НАЗАРИЯИ КАПИТАЛИ ИНСОНӢ.

*20.1. Аҳолии қобили меҳнат ва қувваи корӣ.*
*20.2. Назарияҳои бекорӣ.*
*20.3. Мафҳум, нишондиҳандаҳо ва шаклҳои бекорӣ.*
*20.4. Оқибатҳои бекорӣ.*
*20.5. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғл.*
*20.6. Назарияи капитали инсонӣ.*

*20.7. Назарияи нави кейнсӣ.*

## 20.1. АҲОЛИИ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ ВА ҚУВВАИ КОРӢ.

Аҳолии қобили меҳнатдошта – ин аҳолие, ки қобилияти кориро дар хоҷагии халқ доранд. Шартан ҳамаи аҳолиро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) **аз 0 то 16 сола;**
2) **аз 16 то 64 сола;**
3) **аз 65 ва боло**.

Гурӯҳи дуюми шаҳрвандон дар синни аз 16 то 64 сола аҳолии дар синни қобили меҳнатбуда ҳисобида мешаванд.

**Аҳолии қобилияти меҳнат дошта ва қувваи корӣ**. Аҳолии қобили меҳнат дошта ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, ки ба шумораи қувваи корӣ дохил карда мешаванд ва аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол, ки ба шумораи қувваи корӣ дохил карда намешаванд.

Ба категорияи шумораи коргарон дохил мешуда, шахсонеро дохил мекунанд, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷои кор доранд ва ё чои кор надоранду вале хоҳиши кор карданро доранд ва фаъолона бо ҷустуҷӯи кор машғуланд. Бинобар ҳамин миқдори умумии қувваи корӣ ба ду қисм ҷудо мешавад:

**Шахсони бо шуғл машғул буда (amployed - E)** – ин шахсоне, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ бо кор машғуланд, дар ин ҳолат машғулияти бапуррагӣ ва нопурраи шахс бо кор ба эътибор гирифта намешавад. Агар шахс ҳафтаи пурра бо кор машғул набошад, он гоҳ ӯ шуғли нопурра дошта ба ҳисоб меравад. Инчунин шахс бо шуғл машғул буда ба ҳисоб меравад, ки агар ӯ дар рухсатии меҳнатӣ қарор дошта бошад. Ба ин категория одамоне, ки дар иқтисодиёти пинҳонӣ машғуланд дохил намешаванд, зеро онҳо расман ба қайд гирифта нашудаанд ва дар мақомоти оморӣ ба ҳисоб гирифта нашудаанд.

**Бекорон (unemployed - U)** – ин одамони дар синни меҳнатӣ, ки бо ҷои кор таъмин набуда, бо ҷустуҷӯи фаъолонаи он машғуланд ва тайёранд, ки ҳатман ҳангоми дарёфти ҷои корӣ ба кор шурӯъ намоянд. Ҷустуҷӯи кор – нишондоди асосии

бекорон мебошад, ки онро аз бекорони ба қувваи корӣ дохил мешуда фарқ мекунонад.

Ба категорияи ба шумораи қувваи корӣ дохил намешуда (аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол) одамоне дохил мешаванд, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ машғул набуда, бо ҷустуҷӯи ҷои корӣ машғул нестанд. Ба ин категория чунин одамон дохил карда мешаванд:

**якум**, одамоне, ки дар таъминоти институтҳои давлатӣ қарор дошта ва бинобар ҳамин аҳолии институтсионалӣ номида шаванда, ки аз шумораи қувваи корӣ ба таври автоматӣ истисно карда мешаванд, чунки онҳо барои қувваи корӣ бесалоҳият ҳисобида мешаванд:

- одамони дар маҳбасҳо қарор дошта;
- одамони дар беморхонаҳои руҳӣ буда;
- маъюбон.

**дуюм**, одамоне, ки қобилияти корӣ доранд, лекин бо сабабҳои гуногун намехоҳанд ва ё наметавонанд кор кунанд:

- донишҷӯёни шӯъбаи рӯзона (онҳо бояд таҳсил кунанд);
- шахсони ба нафақа баромада (ҳам аз рӯи синну сол ва ҳам аз сабаби саломатӣ, зеро онҳо барои меҳнати минбаъда қобилияти кофӣ надоранд);
- хонашинҳо (зеро онҳо ба пуррагӣ бо кори хонагӣ машғул буда, дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ машғул намебошанд ва барои меҳнати худ музд намегиранд);
- оворагардон (зеро онҳо хоҳиши кор кардан надоранд);
- одамоне, ки бо ҷустуҷӯи кор машғул шуда аз дарёфт накардани он хоҳиши ҷустуҷӯи онро қатъ карда.

Аз ин лиҳоз, агар шумораи умумии қувваи корӣ ба ҷамъи аҳолии бо шуғл машғул буда ва бекорон баробар бошад, он гоҳ ин гуфтаҳоро бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст:

$$L = E + U \qquad (20.1)$$

ки дар ин ҷо: L – шумораи қувваи корӣ (labour force); E – шахсони бо шуғл машғул буда (employed); U – бекорон (unemployed).

Бояд қайд намуд, ки хизматчиёни ҳарбӣ, ки ба таври формалӣ ба шумораи бо шуғл машғул будагон дохил шаванд ҳам, лекин ҳангои ҳисоб намудани сатҳи бекорӣ ба шумораи умумии қувваи корӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд. Ин

нишондиҳанда одатан танҳо барои сектори шаҳрвандии иқтисодиёт ҳисоб карда мешавад. Мувофиқан, қувваи кории умумӣ – ин аҳолии фаъоли иқтисодии шаҳрвандӣ ҷамъи хизматчиёни ҳарбӣ буда, аҳолии фаъоли иқтисодии шаҳрвандӣ бошад ин қувваи кори умумӣ тарҳи хизматчиёни ҳарбӣ мебошад.

Пешниҳоди қувваи корӣ дар ҳама мамлакатҳо зери таъсири чунин гурӯҳи омилҳо қарор дорад:

1) **афзоиши муқаррарии аҳолӣ** – оқибатҳои таваллудшавӣ ва фавти одамон. Дар вобастагӣ аз он, ки кадом ҷараён афзалият дорад, афзоиши муқаррарӣ ва ё камшавии аҳолӣ ба назар мерасад;

2) **муҳоҷират** – ҳаркати одамон аз сарҳадҳо (муҳоҷират аз як мамлакат ба мамлакати дигар эмигратсия номида шуда, воридшавӣ ба мамлакати мазкур бошад иммигратсия номида мешавад);

3) **сохтори иҷтимоии коргарон**, ки сатҳи маълумотнокӣ ва тайёрии касбии онҳро, яъне сифати қувваи кориро тавсиф мекунад.

**Таъсири ПИТ ба мукаммалгардонии қувваи корӣ**. Пешравии илмӣ – техникӣ доимо ба қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият тағйирот ворид мекунад: ба воситаҳои истеҳсолот, ашёи меҳнат ва меҳнати зинда. Онҳо натиҷаи дониш мегарданд, ки аҳамияти он то рафт афзуда истодааст. Илм ба қувваи истеҳсолкунандаи бевосита мубаддалшуда истодааст. Агар дар воситаҳои меҳнат он ҳамчун дониши тачассумёфта баромад кунад, дар қувваи корӣ бошад он ҳамчун дониши зинда ба назар мерасад, ки фаъолияти илмӣ – техникӣ ва иқтисодии коргарро муайян мекунад. Агар қувваи корӣ ба талабҳои техника ва технологияи нав ҷавобгӯ набошад, он гоҳ ногузир ба истифода накардани техника ва технологияи муосир оварда мерасонад. Бинобар ҳамин зарур аст, ки инкишофи якҷояи воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ ба миён ояд.

**Сатҳи шуғли аҳолӣ** дараҷаи (бо ифодаи фоиз) истифодабарии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро нишон дода, ҳамчун нисбияти аҳолии бо шӯғл машғул буда ба

шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол муайян карда мешавад.

**Шаклҳои шуғли аҳолӣ**. Аҳолии дар иқтисодиёт бо шуғл машғул буда ба низоми муносибатҳои бо киро кор мекарда ва бекиро кор мекарда таснифот мешаванд. Ба гурӯҳи **бо киро кор** мекарда шахсони бо роҳбарияти корхона шартномаи хаттӣ ва ё созишномаи даҳонӣ бастаанд ва аз рӯи ин шарномаҳо музди меҳнат мегиранд дохил мешаванд. **Коргарони бекиро** кор мекарда – ин шахсоне, ки худро мустақилона бо кор таъмин мекунанд.

## 20.2. НАЗАРИЯҲОИ БЕКОРӢ.

**Консепсияи классики шуғл**. Мувофиқи ақидаи асосгузори иқтисоди сиёсии классикӣ А. Смит, ҳаҷми шуғл дар иқтисодиёт дар асоси мизони музди меҳнати миёнаи як коргар муайян карда мешавад. Бо баробари ин, музди меҳнати баланд истифодабарии нопурраи захираҳои меҳнатиро дар назар дорад. Амал намудани «дасти ноаён» дар бозори меҳнат ҳамавақт барои ҷорӣ намудани мизони бозории музди мехнат мусоидат мекунад.

Дар корҳои Д. Рикардо мафҳуми «меъёри муқаррарии музди меҳнат» дода мешавад, ки ба ҳадди ақали физиологии такрористеҳсоли мӯътадили қувваи корӣ мувофиқат мекунад. Бинобар ҳамин дар бозори меҳнат мувозинатии байни пешниҳод ва талаботи меҳнат бо осонӣ таъмин карда мешавад.

Намояндагони мактаби классикӣ тасдиқ мекарданд, ки ҳангоми шуғли пурра ҳолате ғайриимкон аст, ки дар он сатҳи хароҷотҳо барои дастрас намудани маҳсулот нокифоя мебошад. Дар ҳолати норасогии сатҳи умумии хароҷотҳо танзимкунандагони автоматӣ ба амал шурӯъ мекунанд: нарх, музди меҳнат, мизони фоиз, ки дар натиҷаи таъсири онҳо пастшавии хароҷотҳои умуми ба камшавии ҳаҷми аслии истеҳсолот, шуғл ва даромадҳои аҳолӣ оварда намерасонад.

**Консепсияи марксистии шуғл**. Хусусияти хоси капитализм мувофиқи таълимоти Маркс, мавҷудияти

пешниҳоди барзиёдии пешниҳоди қувваи корӣ нисбат ба талаботи қувваи корӣ мебошад. Барзиёдии қувваи корӣ аз тарафи Маркс аз сабаби иқтисодӣ маънидод карда мешавад. Ҳодисаи бекорӣ бо ҷараёни андӯхти капиталистӣ ва аз афзоиши сохтори органики капитали аз он бармеомада муайян карда мешавад.

Барои капиталист меҳнат – ҳамчун дигар омилҳои истеҳсолот мебошад. Меҳнат мувофиқи принсипи ивазшавӣ бо дигар омилҳо дарк карда мешавад. Тамоюли ивазшавии меҳнати зинда бо меҳнати гузашта (афзоиши сохтори органики капитал) вуҷуд дорад.

Агар сатҳи музди меҳнат аз арзиши қувваи корӣ баланд шавад, он гоҳ ба капиталист иваз намудани коргарон бо мошинҳо фоидаовар аст.

Бо баробари афзоиши сохтори органики капитал, бо баробари инкишофи ПИТ эҳтиёҷот ба қувваи корӣ (капитали тағйирёбанда) нисбат ба воситаҳои истеҳсолот (капитали доимӣ) сустар афзоиш меёбад. Бо баробари камшавии талаботи капиталистон ба қувваи корӣ иқтидори коргарони машғул набуда, яъне бекорон ба миён меоянд.

**Консепсияҳои неоклассикии шуғл**. Мувофиқи афкори мактаби неоклассикӣ, бозори меҳнат ба монанди дигар бозорҳо дар асоси мувозинатии нархӣ амал мекунад. Танзимкунандаи асосии бозори меҳнат музди меҳнат мебошад. Айнан нархи қувваи корӣ ба талабот ва пешниҳоди он таъсир мерасонад. Нархи қувваи корӣ бояд базуддӣ ба тағйиротҳои вазъияти бозорӣ мутобиқ шавад. Вобаста аз эҳтиёҷоти аслӣ нархи қувваи корӣ метавонад баланд ва ё паст шавад.

Таъсири иттифоқҳои касаба, аз тарафи давлат зиёд намудани ҳаҷми музди меҳнати ҳадди ақал, мавҷуд набудани ахборот оид ба бозори меҳнат аз тарафи неоклассикон ҳамчун «номукаммалии» бозор мушоҳида карда мешавад.

**Консепсияи кейнсии шуғл**. Ақидаҳои асосии назарияи кейнсии шуғлро дар намуди мухтасар чунин тасвир кардан мумкин аст:

- дар ҳолати пойдор шудаи сатҳи инвеститсияҳо ва музди меҳнати номиналӣ низоми иқтисодӣ дар давраи кӯтоҳмуддат метавонад дар ҳолати мувозинатии

устувор бо шуғли нопурра ҷойгир шуда метавонад, ки маънои мавҷудияти бекории маҷбуриро дорад;

- нишондодҳои асосии шуғл (сатҳи аслӣ, талабот ба меҳнат ва андозаи музди меҳнати аслӣ) дар бозори меҳнат таъсис наёфта, балки бо ҳаҷми талаботи самаранок дар бозори мол ва хизматҳо таъсис меёбад. Дар бозори меҳнат сатҳи музди меҳнати номиналӣ (пулӣ) таъсис ёфта, пешниҳоди меҳнати аз он вобаста буда низ таъсис меёбад. Пешниҳоди меҳнат стаҳи ҳадди аксари имконпазирри шуғлро дар ҳаҷми додашудаи музди меҳнат нишон медиҳад;
- дар асоси механизми сатҳи шуғл ҳодисаи психологӣ меистад: майл ба истеъмолот, пасандоз, инвеститсияҳо ва дархост ба бозоргирӣ (ликвидность). Сатҳи шуғл аз рафтори инвесторон, ҳолати пешниҳоди дарозмуддати онҳо, рафтори ҳама индивидҳои иқтисодӣ ба сифати истеъмолкунандагон вобаста аст;
- омили асосии ҳалкунандаи таъсисёбии шуғл – ин ҳаҷми инвеститсияҳо мебошад;
- сиёсати тағйирёбандаи музди меҳнат (пастшавии музди меҳнат ҷавобан ба афзоиши бекорӣ) дар шароитҳои низоми иқтисодие, ки дар он созишномаҳои гуногун оид ба музди меҳнат амал мекунанд, ғайриимкон аст. Дар чунин низом сиёсати пули тағйирёбанда бо воситаи афзоишдиҳии маҷмӯи талаботи самаранок афзалтар мебошад.

Ҳамин тавр, кейнсчиён оид ба фаъолияти бозори меҳнат кулан ба маънидодкуниҳои фарққунанда такя мекунанд. Мувофиқи таълимоти Кейнс бозори меҳнат дар ҳолати номувозинатии доимӣ ва фундаменталӣ қарор дорад. Дар иқтисодиёт механизми шуғли пурраро кафолат медода мавҷуд нест. Шуғли пурра ин ҳодисаи тасодуфӣ буда, қонуният намебошад.

**Консепсияи шуғли назарияи «синтези неоклассикӣ».** «Синтези неоклассикӣ» бо худ синтези ақидаҳои классикӣ ва кейнсиро ифода мекунад. Ин консепсия аз он бармеояд, ки дар сатҳи микроиқтисод ҳар як субъекти иқтисодӣ қарори оқилонаро қабул мекунад ва бозор самаранок аст. Лекин дар

сатҳи макроиқтисод маҷмӯи қарорҳои мутақобилаи субъектони микроиқтисодӣ фаъолияти ғайриоптималии тамоми иқтисодиётро ба миён оварданаш мумкин аст. Мувофиқан дар шароитҳои пастравии иқтисодӣ бозгашти автоматӣ ба шуғли пурра дастрас шуданаш ғайриимкон аст. Лекин баъд аз таъмин шуғли пурра бо чораҳои давлатӣ, ғояҳои модели классикӣ боз ба қувва медароянд.

Бо ибораи дигар, синтези неоклассикӣ дуруст будани модели кейнсиро дар давраи кӯтоҳмуддат ва дуруст будани модели классикиро дар давраи дарозмуддат тасдиқ мекунад.

**Консепсияи монетаристии шуғл**. Бо ақидаи намояндагони мактаби монетаристӣ, хоҷагии бозорӣ бо шарофати тамоюлҳои дохилӣ ба мӯътадилият кӯшиш мекунад. Агар дар ҷамъият номутаносибиҳо ба миён оянд, он гоҳ ин номутаносибиҳо пеш аз ҳама аз сабаби дахолати давлат, масалан аз ҳисоби ҷори намудани музди меҳнати ҳадди ақал, таъсири иттифоқҳои касаба ва фаъолияти соҳибкорон ва ё мавҷуд набудани ахбороти объективӣ оиди мавҷудияти ҷойҳои холи корӣ ва ғайраҳо ба миён меоянд. Бинобар ҳамин шумораи танзимкунандагони давлатиро бояд маҳдуд кард. Барои мувозинатгардонии бозори меҳнат истифодабарии чунин фишангҳо ба монанди мизони ҳисобии фоизи бонки марказӣ ва ҳаҷми меъёри захираи ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳисобҳои бонки марказӣ, мақсаднок мебошанд. Ин фишангҳо барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инвеститсионӣ ва корӣ муосибат намуда, ҳамин тавр барои зиёд намудани шуғл дар мамлакат хизмат мекунанд.

## 20.3. МАФҲУМ, НИШОНДИҲАНДАҲО ВА ШАКЛҲОИ БЕКОРӢ.

**Бекорӣ ва сатҳи он**. Бекорӣ – ин ҳодисае, ки ба таври органикӣ бо бозори меҳнат алоқаманд аст. Бекорӣ аз сабаби номукаммалии фаъолияти механизми бозорӣ ба миён меояд. Бекорӣ бо барзиёдии одамони хоҳиши дарёфти кор дошта (пешниҳоди қувваи корӣ) аз миқдори ҷойҳои кори мавҷуд

будаи ба тахассуси корчӯяндагон (талабот ба қувваи корӣ) тавсиф карда мешавад.

Чи хеле, ки дар боло қайд карда шуд, одамони бо шуғл мавҷуд буда якҷоя бо бекорон қувваи кори мамлакатро ташкил мекунанд. Мувофиқан, қувваи корӣ бо ду гурӯҳи аҳолӣ пешкаш карда мешавад: яке аз онҳо дар офаридани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ иштирок мекунад, қисми дигараш бошад бо кор машғул намебошад.

Сатҳи бекорӣ бо ифодаёбии фоиз бо роҳи тақсимкунии шумораи бекорон ба шумораи қувваи корӣ (шахсони бо шуғл машғул буда ва бекорон) муайян карда мешавад:

$$\boldsymbol{u} = \frac{\boldsymbol{U}}{\boldsymbol{L}} \times 100\% \text{ ва ё } \boldsymbol{u} = \frac{\boldsymbol{U}}{\boldsymbol{E} + \boldsymbol{U}} \times 100\% \qquad (20.2)$$

Боз як нишондиҳандаи омори меҳнат нишондиҳандаи сатҳи иштироки қувваи корӣ **(Сқ.к.)** мебошад, ки ҳамчун нисбияти шумораи қувваи корӣ ба шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дошта бо ифодаи фоиз муайян карда мешавад:

$$\text{Сқ. к.} = \frac{\boldsymbol{E}}{\boldsymbol{L}} \times 100\% \qquad (20.3)$$

Ин нишондиҳанда ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат доштаро ифода мекунад, ки дар бозори меҳнат мавҷуданд.

**Шаклҳои бекорӣ**. Вобаста аз фарқияти давомнокии бо шуғл мавҷуд набуда се шакли бекориро аз ҳам фарқ мекунанд: фрикционӣ, сохторӣ ва сиклӣ.

**Бекории фрикционӣ** бо шахсони меҳнати кироя алокаманд аст, ки онҳо ҷои кори пештара тарк намуда, дар ҷараёни гузариш ба ҷои нави корӣ қарор доранд. Ба бекории фрикционӣ бекорони зерин дохил мешаванд:

- бо фармони маъмурият аз кор озод шудагон;
- бо хоҳиши худ аз кор озод шуда;
- ба ҷои кори пештара барқароршавиро интизор будагон;
- шахсони ҷои кор ёфта, лекин ҳоло ба кор шурӯъ накарда;
- коргарони мавсимӣ (ғайр аз мавсим);
- шахсони бори аввал ба бозори меҳнат бо тахассусҳои барои иқтисодиёт зарур ворид гашта.

Бекории фриксионӣ бо худ ҳодисаи на танҳо ногузирро ифода мекунад, зеро он бо тамоюлҳои муқарраpӣ дар ҳаракати қувваи корӣ алоқаманд буда, барои ҷойгир намудани оқилонаи қувваи корӣ ва ҳосилнокии нисбатан баланди меҳнат мусоидат мекунад.

Сатҳи бекории фриксионӣ бо ифодаи фоиз ба нисбияти шумораи бекорони фриксионӣ ва шумораи умумии қувваи корӣ баробар аст:

$$u_{фриксионӣ} = \frac{U_{фриксионӣ}}{L} \times 100\% \qquad (20.4)$$

**Бекории сохторӣ**. Бекории сохторӣ бо дигаргуниҳо дар иқтисодиёт асоснок шуда, бо чунин хусусиятҳо алқаманд аст:

- бо тағйирётҳои сохтории талабот ба маҳсулоти соҳаҳои гуногун;
- бо тағйиротҳои сохтори соҳавии иқтисодиёт, ки сабаби он ПИТ мебошад.

Сабабҳои мавҷудияти бекории сохторӣ – номувофиқияти сохтори қувваи кори ба ҷойҳои корӣ мебошад. Бекории сохторӣ нисбат ба бекории фриксионӣ давомнокии тӯлони дорад.

Ба монанди бекории фриксионӣ, бекории сохторӣ ҳодисаи ногузир ва муқарраpиро то ҳатто дар иқтисодиётҳои тараққикарда ифода мекунад.

Сатҳи бекории сохторӣ хамчун нисбияти шумораи бекорони сохторӣ ба шумораи умумии қувваи корӣ муайян карда мешавад:

$$u_{сохторӣ} = \frac{U_{сохторӣ}}{L} \times 100\% \qquad (20.5)$$

Агар дар иқтисодиёт танҳо бекории фриксионӣ ва сохторӣ мавҷуд бошад, он гоҳ ин ҳолат ба шуғли пурраи қувваи кори мувофиқ буда, истифодабарии самаранок ва оқилонаи қувваи кориро дар назар дорад.

**Сатҳи муқарраpии бекорӣ**. Сатҳи бекорӣ ҳангоми шуғли пурраи қувваи корӣ сатҳи бекории аслӣ номида мешавад (u*). Ин ҳолат маънои онро дорад, ки хама одамони хоҳиши кор кардан доранд ва бо ҷустуҷӯи фаъолонаи ҷои кор машғуланд албатта бок ор таъмин мегарданд. Ҳаҷми аслии барориш, ки ба

сатҳи бекории муқаррарӣ мувофиқ аст, сатҳи муқаррарии барориш ва ё барориши имконпазир (Y*) номида мешавад.

Азбаски шуғли пурраи қувваи корӣ дар назар дорад, ки дар иқтисодиёт танҳо бекории фриксиони ва сохторӣ мавҷуд аст, бинобар ҳамин сатҳи бекории мукаррариро ҳамчун ҷамъи сатҳи бекории фриксионӣ ва сохторӣ муайян кардан мумкин аст:

$$u_{\text{муқаррарӣ}} = u_{\text{фриксионӣ}} + u_{\text{сохторӣ}} \qquad (20.6)$$

Номи муосири ин нишондиҳанда (сатҳи бекории муқаррарӣ) – сатҳи бекории шиддатнамедодаи таваррум (NAIRU -поп accelerating inflathion rate of uneployment)мебошад. Чунин номгузорӣ ба назарияи иқтисодӣ аз тарафи М. Фридмен соли 1968 ворид карда шуда, новобаста аз ӯ аз тарафи дигар иқтисодчии америкоӣ Э.Фэлпс таҳия гардидааст.

Барои муайян намудани сатҳи бекории муқаррарӣ иқтисодчиён андозаи миёнаи бекории аслиро дар тӯли давраи дарозмуддат ба эътибор мегиранд. Андозаи миёна дар тӯли 40 – 50 сол тағйиротҳои сиклиро мӯътадил мекунад.

Бекорӣ дар сатҳи муқаррарӣ барои боздории таваррум зарур аст. Дар иқтисодиёти шуғли пурра ҳар як тағйирёбии маҷмӯи талабот ба афзоиши сатҳи нархҳо оварда мерасонад, зеро истеҳсолот ба талаботи афзоишёфта аз сабаби норасогии захираҳо ба пурргӣ мувофиқат карда наметавонад.

Андозаи сатҳи бекории муқаррарӣ бо мурури замон афзоиш меёбад. Агар дар ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта сатҳи он ба 4%-и қувваи корӣ баробар бошад, дар замони ҳозира сатҳи он ба 5-6% расидааст. Сабабҳои афзоиши сатҳи бекории муқаррарӣ – ин афзоишёбии давомнокии дарёфти ҷои корӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки сатҳи бекории муқаррарӣ – ин сатҳи бекорӣ ҳангоми ҳолати мӯътадили устувори иқтисодӣ мебошад, ки дар атрофи он сатҳи аслии бекорӣ тағйир меёбад.

Сатҳи аслии бекорӣ дар давраи бум аз сатҳи муқаррарӣ паст буда, дар давраи пастравӣ бошад аз сатҳи бекории муқаррарӣ зиёд аст.

Андозаи бекорие, ки ба фарқи байни бекории аслӣ ва муқаррарӣ баробар аст, бекории сиклӣ номида мешавад.

Бекории сиклӣ ин бекорие, ки аз сатҳи бекории муқаррарӣ зиёд буда, дар давраи кӯтоҳмуддат бо тағйиротҳои фаъолнокии иқтисодӣ алоқаманд мебошад. Бекории сиклӣ – ин бекорие, ки аз сабаби пастравии иқтисодиёт ҳангоми кам будани МУД- и аслӣ аз МУД – и имконпазир ба миён меояд. Мавҷудияти бекории сиклӣ дар назар дорад, ки дар иқтисодиёт шуғли нопурраи захираҳо ҷой дошта, сатҳи бекории аслӣ аз сатҳи муқаррарии он зиёд мебошад.

Сатҳи аслии бекорӣ ҳамчун нисбияти фоизии шумораи умумии бекорон (фрикмионӣ+сохторӣ+сиклӣ) ба шумораи умумии қувваи корӣ ва ё ҷамъи сатҳи ҳама шаклҳои бекорӣ ва ё ҷамъи сатҳи бекории муқаррарӣ ва сиклӣ ҳисоб карда мешавад.

$$u_{аслӣ} = \frac{U}{L} \times 100\%;$$

$$u_{аслӣ} = \frac{U_{муқаррарӣ} + U_{фриксионӣ} + U_{сохторӣ}}{L} \times 100\% == u_{муқаррарӣ} + u_{фриксионӣ} + u_{сохторӣ} \qquad (20.7)$$

Азбаски ҷамъи сатҳи бекории фриксиони ва сохторӣ ба сатҳи бекории муқаррарӣ баробар аст, бинобар ҳамин сатҳи бекории аслӣ чунин ифода шуданаш мумкин аст:

$$u_{аслӣ} = u * + u_{сохторӣ} \qquad (20.8)$$

Сатҳи бекории сиклӣ дар ҳолати пастравӣ (ретсессия) мусбӣ мешавад, ки дар чунин ҳолат сатҳи бекории аслӣ аз сатҳи муқаррарӣ зиёд буда ($u_{сиклӣ}>0$), шуғли нопурраи захираҳо ба назар мерасад. Инчунин сатҳи бекории сиклӣ ҳангоми хурд будани сатҳи бекории аслӣ аз сатҳи муқаррарӣ ($u_{сиклӣ}<0$), манфӣ шуда метавонад, ин гуна ҳолат шуғли баризофагии захираҳоро дар назар дорад.

**Шуғли пурра**. Шуғли пурра мавҷуд набудани бекориро умуман дар назар надорад. Чи хеле, ки дар боло нишон дода шуда буд, бекории фриксионӣ ва сохторӣ ҳодисаҳои ногузиранд. Бинобар ҳамин сатҳи бекорӣ ҳангоми шуғли пурра ба ҷамъи шаклҳои бекории фриксионӣ ва сохторӣ баробар аст. Бо ибораи дигар шуғли пурра дар ҳолате ба назар мерасад, ки агар сатҳи бекории сиклӣ ба нол баробар бошад.

**Дигар шаклҳои бекорӣ**.

***Бекории институтсионалӣ***. Бекории институтсионалӣ дар натиҷаи ташкил ғайрисамараноки бозори меҳнат ба миён меояд. Масалан, ҳангоми амал намудани Қонун оид ба қайдгирии ҳатмии ҷойҳои кори озод. Ин ҳолат ба ахбороти нодуруст сабаб шуда, ба баланд намудани сунъии сатҳи бекори оварда мерасонад.

***Бекории ихтиёрӣ***. Бекории ихтиёриро бо хоҳиши кор накардани як қатор одамон тавсиф кардан мумкин аст. Масалан, ба дараҷаи кофӣ нигоҳу бинӣ аз тарафи шавҳар, зарурияти иҷро намудани корҳои хонагӣ ва тарбияи фарзандон, дар баъзе занҳо майли интихоби бекории ихтиёриро тавлид мекунад.

***Бекори пӯшида***. Бекории пӯшида шахсони ҳафтаи нопурра ва ё рӯзи нопурра бо кор машғул будагонро дар назар дорад, ки онҳо расман бо кор таъмин ҳастанд. Ба ин категория коргароне дохил мешаванд, ки дар рухсатии маҷбурии бе нигоҳдории музди меҳнат қарор доранд.

***Бекории шахшуда***. Бекории шахшуда одамонеро дар бар мегирад, ки муддати дароз бок ор таъмин шуда наметавонанд.

## 20.4. ОҚИБАТҲОИ БЕКОРӢ.

Мавҷудияти бекории сиклӣ мушкилоти ҷиддии макроиқтисодиро дар назар дорад. Бекорӣ ба одамон таъсири бевоситаи ҷиддӣ мерасонад. Бо баробари ин нисбат ба таваррум, ки ҳамагонро фаро мегирад, бекорӣ мушкилоти инфиродӣ мебошад.

Оқибатҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодии бекориро аз ҳам ҷудо мекунанд, ки ҳам дар стаҳи инфиродӣ ва ҳам дар сатҳи ҷамъиятӣ ифода меёбад.

Оқибатҳои иқтисодии бекорӣ дар сатҳи инфиродӣ дар чунин хусусиятҳо ифода меёбад:

- аз даст додани даромад ва ё қисми даромад дар давраи ҷорӣ;
- пастшавии имконпазири даромадҳо дар оянда дар натиҷаи гум кардани тахассуснокӣ;

Дар сатҳи ҷамъиятӣ оқибатҳои бекорӣ дар ноистеҳсолкунии МУД, тағйирёбии (оқибмонии) МУД – и аслӣ аз МУД – и имконпазир (МУД дар сатҳи шуғли пурра) ифода меёбад.

Тағйирёбии (ҷудошавии) МУД (GDP gap) ҳамчун нисбияти фоизии фарқи байни МУД – и аслӣ (Y) ва МУД – и имконпазир (Y*) ба андозаи МУД – и имконпазир ҳисоб карда мешавад:

$$GDP_{gap} = \frac{Y - Y^*}{Y} \times 100\% \qquad (20.9)$$

Вобастагии байни тағйиротҳои аслии барориш аз барориши имконпазир ва сатҳи бекории сиклӣ ба таври эмпирикӣ, дар асоси омӯзиши маълумотҳои омории ИМА барои даҳсолаҳо, иқтисодчии америкоӣ Артур Оукен муайян намуд.

Формулае, ки ин вобастагиро ифода мекунад, қонуни Оукен номида мешавад.

$$\frac{Y - Y^*}{Y} \times 100\% = -\beta(u - u^*), \qquad (20.10)$$

ки дар ин ҷо: ***u*** – сатҳи бекории аслӣ; ***u**** - сатҳи бекории муқаррарӣ; (***u*** - ***u****) – сатҳи бекории сиклӣ; ***β*** – коэффитсиенти Оукен, яъне коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии МУД ба тағйирёбии сатҳи бекории сиклӣ (***β*>1**), ки ба чанд фоиз камшавии ҳаҷми барориши аслиро нисбат барориши имконпазир дар ҳолати зиёд шудани сатҳи бекории аслӣ аз сатҳи муқаррарӣ ба як фоиз нишон медиҳад.

Ишораи ( **-** ) пеш аз ***β*** истода, вобастагии баръакси байни МУД – аслӣ ва сатҳи бекории сиклиро нишон медиҳад: чи қадаре, ки сатҳи бекорӣ баланд шавад, ҳамон қадар андозаи МУД – и аслӣ нисбат ба имконпазир кам мешавад.

Тағйирёбии МУД – и аслии ҳамагуна солро ($Y_t$) бо нисбияти МУД – и аслии соли гузашта ($Y_{t-1}$) ҳисоб кардан мумкин аст. Формулаи чунин ҳисобро низ А. Оукен пешкаш намуд:

$$\frac{Y_t - Y_{t-1}}{Y_{t-1}} \times 100\% = 3\% - 2(u_t - u_{t-1}), \qquad (20.11)$$

ки дар ин ҷо: $u_t$ – сатҳи бекории аслии соли ҷорӣ; $u_{t-1}$ – сатҳи бекории аслии соли гузашта; 3% - суръати миёнасолаи афзоиши МУД – и имконпазир дар мамлакатҳои тараққикарда, ки бо зиёдшавии миқдори захираҳо (меҳнат ва капитал) ва пешравии техникӣ асос ёфтааст; 2 – коэффитсиенте, ки ба кадом фоиз камшавии МУД – и аслиро дар ҳолати зиёд шудани бекорӣ ба як фоиз ҳангоми мавҷуд набудани рушди иқтисодӣ нишон медиҳад ва бинобар ҳамин коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии МУД – ро ба тағйирёбии сатҳи бекории аслӣ нишон медиҳад. Яъне агар сатҳи бекорӣ ба як фоиз зиёд шавад, он гоҳ дар ҳолати мавҷуд набудани рушди иқтисодӣ МУД – и аслӣ ба 2% кам мешавад.

Дар асоси ин формула на танҳо андозаи тағйирёбии МУД – ро, ки бо баробари зиёдшавии бекорӣ ба миён омадааст, балки баръакс андозаи зиёдшавии сатҳи бекории аслиро нишон медиҳад, ки бо пастравӣ дар иқтисодиёт алоқаманд аст[5]:

$$(u_t - u_{t-1}) = \frac{1}{2}\left(\frac{Y_t - Y_{t-1}}{Y_{t-1}} \times 100\% - 3\right) \qquad (20.12)$$

Барои иқтисодиёт ҳолате хатарнок аст, ки дар он сатҳи бекории аслӣ дар муддат дароз пойдор мегардад. Ин ҳодисаро иқтисодчиён гистерезис номидаанд, ки мушкилоти ҷиддиро ифода мекунад.

Истиллоҳи «гистерезис» аз тарафи иқтисодчиён аз физикон гирифта шудааст. Гистерезис ҳамон вақт ба назар мерасад, ки агар тағйирёбанда ба таъсири вақтии беруна дучор шуда, ба андозаи пешинаи худ бар намегардад, то ҳатто дар ҳолати қатъ гардидани таъсироти беруна. Нисбат ба бекорӣ гистерезис маънои онро дорад, ки агар сатҳи бекорӣ зиёд шавад, он гоҳ бекорӣ ба андозаи пешинааш то ҳатто баъд аз қатъ гардидани омилҳои онро ба миён оварда баргашта наметавонад. Дар ин ҳолат зиёдшавии бекории муқаррарӣ ба назар мерасад.

Оқибатҳои ғайриикқтисодии бекорӣ – ин оқибатҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва сиёсии аз гум кардани ҷои корӣ.

[5] Бояд дар назар дошт, ки ин формула баръакс аст, зеро асоси он функсияи истеҳсолӣ, яъне вобастагии ҳаҷми барориш аз сатҳи шуғл мебошад.

Дар сатҳи инфиродӣ ин гуна оқибатҳо дар он зоҳир мегарданд, ки имконияти дарёфт карда натавонистани ҷои кор дар тӯли давраи дарозмуддат дар мафкури одамон ҳиссиёти нопуррагро пайдо кунонида, одамонро ба шиддатёбии ҳолати психологӣ, касалиҳои асаб, вайроншавии оилаҳо ва ғайраҳо оварда мерасонад. Аз даст додани сарчашмаи мӯътадили даромад одамонро ба ҷиноятҳо равона сохтанаш мумкин аст.

Дар сатҳи ҷамъият оқибатҳои ғайрииқтисодии бекорӣ дар чунин шаклҳо ифода меёбад:

- шиддатёбии иҷтимоӣ, то ҳатто то табаддулотҳои сиёсӣ;
- афзоиши касалиҳо ва сатҳи фавт дар мамлакат, инчунин афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ. Аз рӯи ҳисобҳои олмиони америкоӣ, баландшавии сатҳи бекорӣ ба 1%, ки дар тӯли 6 сол давом мекунад, ба чунин оқибатҳои оварда мерасонад[6]:
  - ✓ сатҳи умумии фавт ба 2,0%;
  - ✓ шумораи худкушиҳо ба 4,1%;
  - ✓ шумораи кушторҳо ба 5,7%;
  - ✓ шумораи ба маҳбасҳо нишастагон ба 4,0%;
  - ✓ шумораи ба касалиҳои руҳи гирифтор шуда ба 4,0,

ба зарарҳое оварда мерасонад, ки ҷамъият дар натиҷаи хароҷотҳо барои маориф, тайёрии касбӣ ва таъмини стаҳи муайяни тахассуснокии одамон алоқаманд аст.

Ҳамаи ин ва дигар оқибатҳо ҳама иқтисодчиён ва сиёсатмадоронро водор месозад, ки ба бекорӣ бо диққати махсус назар карда, бахри баҳодиҳии манфии он ҳамовоз бошанд. Дар охирҳои солҳои 1930 – ум Ҷ. Кейнс бекориро «ҳодисаи ногузири ҷамъият» номид, зеро бекорӣ дигар мушкилотҳоро ба миён меорад. Аз он давра вақти бисёр сипари гашт, лекин П. Самуэлсон ва У. Нордхаус гумон доранд, ки «бекории зиёд мисли пештара мавҷудияти иқтисодиёти омехтаро заҳролуд мекунад»[7]. Бинобар ҳамин мубориза бар зидди бекорӣ – яке аз масъалаҳои зарурии сиёсаит макроиқтисодии давлат мебошад.

---

[6] Курс общей экономической теории. – СПб., 1996. – С. 316 – 317. Самуэльсон П., Нордхаус У. Экономика. 15-е изд. – М., 1997: С. 597.

[7] Курс общей экономической теории. – СПб., 1996. – С. 316 – 317. Самуэльсон П., Нордхаус У. Экономика. 15-е изд. – М., 1997: С. 597.

## 20.5. СИЁСАТИ ДАВЛАТӣ ДАР СОҲАИ ШУҒЛ.

Бозори қувваи корӣ – сектори махсуси иқтисодиёт аст. Ин бозор аз дигар намуди бозорҳо бо он фарқ мекунад, ки дар он молҳо аз металл, пластмасса, чӯб, пахта ва ғайра истеҳсолшуда гардиш накарда, балки одамон зинда гардиш мекунанд. Бинобар ҳамин танзими он аҳамияти ниҳоят калони иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта, нисбати он аз тарафи давлат диққати махсус зоҳир карда мешавад.

Лекин давлат барои таъмини ҷои корӣ уҳдадор нест, чунки ин чорабинӣ таваррумро афзоиш медиҳад. Аммо давлат бояд бекориро дар сатҳи муқарарӣ нигоҳ дорад, яъне ӯ бояд барои таъмини шуғли пурра кӯшиш намояд.

Азбаски бекорӣ бо худ мушкилоти ҷиддии макроиқтисодиро ифода мекунад, бинобар ҳамин давлат барои мубориза бар зидди он мубориза мебарад. Бо баробари ин барои намудҳои гуногуни бекорӣ чораҳои гуногун андешида мешаванд.

Чораи умумӣ барои ҳама намудҳои бекорӣ ин ташкили хизматрасониҳои шуғл (марказҳои бо кор таъминкунӣ) ба ҳисоб меравад. Чораҳои махсус барои мубориза бар зидди бекории фриксионӣ чунин чорабиниҳои баромад мекунанд: мукаммалгардонии низоми ҷамъкунӣ ва пешкаш намудани ахборот оид ба мавҷудияти ҷойҳои кории холӣ (на танҳо дар шаҳри додашуда, балки дар дигар шаҳрҳо ва минтақаҳо); таъсисдиҳии хизматҳои махсус барои ин мақсадҳо.

Барои мубориза бо бекории сохторӣ чунин чораҳои истифода мешаванд: таъсисдиҳии хизматҳо ва муассисаҳои давлатӣ оид ба тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо; кӯмак ба ба чунин муассисаҳо.

Воситаҳои асосии мубориза бо бекории сиклӣ чунин чорабиниҳои ба ҳисоб мераванд: амалигардонии сиёсати зиддибӯҳронӣ; роҳ надодан ба пастравиҳои истеҳсолот ва мувофиқан ҷойҳои холи иловагӣ; таъсисдиҳии ҷойҳои корӣ дар сектори давлатии иқтисодиёт. Лекин бояд дар назар дошт, ки

кӯшиши давлат барои кам намудани бекорӣ бо афзоиши таваррум дар иқтисодиёт алоқаманд аст.

Барои омӯзиши алоқамандии таваррум ва бекорӣ качхаттаи Филлипс истифода мешавад. Мантиқи ин качхаттаи дар мавҷудияти вобастагии баръакс байни ҳаракати нархҳо (аз он ҷумла музди меҳнат) ва сатҳи таваррум мебошад.

Филлипс ба пастшавии нархҳо ва афзоиши бекорӣ, ки ба шароитҳои ретсессия хосанд аҳамият дод. Бо баробари оғозёбии болоравӣ афзоиши нархҳо (зиёдшавии талабот ба молҳо) ва пастшавии сатҳи бекорӣ ба назар мерасад.

Ин вобастагиро бо чунин тарз ифода кардан мумкин аст. Чи хеле, ки маълум аст, сатҳи музди меҳнат ва сатҳи шуғл бо ҳам алоқаманданд. Бо баробари баландшавии музди меҳнат шуғл афзоиш ёфта, бекорӣ бошад (тарафи баръакси шуғл) кам мешавад. Лекин зиёдшавии музди меҳнати пулӣ маънои афзоиши хароҷотҳо ва мувофиқан нархҳоро дар назар дорад. Баландшавии нархҳо бошанд, одатан маънои пастшавии бекориро дорад. Бинобар ҳамин ҳангоми коркарди сиёсати иқтисодӣ бояд интихоб намуд: ё таваррум ва ё бекорӣ. Дар асл дар ин ҷо ҷустуҷӯи ҳамзистии имконпазири ду ҳодисаи негативӣ дар назар дошта мешавад.

Муносибатҳо доир ба ҳалли мушкилоти ҳамзистии таваррум ва бекорӣ дар таълимоти Кейнс ва Фридмен якхела нестанд. Кейнс аз он бар меояд, ки ҳавасмандгардонии талаботи пулӣ (таварруми хурд) ба афзоиши шуғл мусоидат менамояд. Фридмен тасдиқ мекунад, ки афзоиши баробари пешниҳоди пулӣ ва афзоиши мӯътадил ва шуғли «муқаррарии» Кейнс ба сиёсати пулӣ ва фискалии тағйирёбанда такя мекунад.

Аз тарафи аксарияти иқтисодчиён, качхаттаи Филлипс дар солҳои 60-ум ҳамчун воситаи идеалии интихоби вариантҳои алтернативӣ байни таваррум ва бекорӣ мушоҳида карда мешуд. Лекин монетаристон бо роҳбарии Фридмен ба хулосае омаданд, ки мувофиқи он качхаттаи Филлипс дар давраи нисбатан кӯтоҳмуддат, давраи афзоишёбии бекорӣ ва камшавии истеҳсолот амал мекунад. Дар шароитҳои давраи дарозмуддат, качхаттаи Филлипс ба боло ҳаракат карда, кунҷи тез пайдо мекунад. Бо ибораи дигар, ҳолати стагфлятсия – нигоҳдории

бекории зиёд ҳангоми афзоиши таваррумии нархҳо ба назар мерасад.

## 20.6. НАЗАРИЯИ КАПИТАЛИ ИНСОНӢ.

Ч. Кобб ва П. Дуглас дар асоси таҳлили маълумотҳои омории истеҳсоли гандумро дар ИМА ба хулоса омаданд, ки 1% афзоиши хароҷоти меҳнат нисбат ба афзоишёбии капитал ба 1%, баборишро се маротиба зиёд мекунад. Натиҷаҳои тадқиқоти эмпирики Кобб – Дуглас ба соҳибкорон бо мақсади мукаммалгардонӣ дар соҳаи истифодабарии омилҳои истеҳсолот ҳолатеро ифшо намуданд, ки меҳнат нисбат ба ҷалби иловагии капитал афзалтар мебошад. Бо боробари ин дар мамлкатҳои бо иқтисодиёти бозории тараққикарда таҳияҳои баландкунандаи самаранокии ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатиро истифода мебурдагӣ шуданд. Дар натиҷа назарияҳои муносибатҳои инсонӣ ва ҳамкориҳои иҷтимоӣ ба миён омаданд, ки мақсади онҳо таъмини боздеҳи зиёд аз истифодабарии омили инсонӣ мегардад.

Дар охири асри XX чунин тасаввурот доимо мустаҳкам мешуд. Рақобат дар шароитҳои бозори пурра зарурати баланд намудани доимии сифат, азнавкунии номгӯи маҳсулот ва истеҳсолотро талаб мекард. Бо баробари ин қобилияти қарордодҳои ғайриоддии коргар, ҷустуҷӯи навовариҳои, мутобиқшавӣ ба шароитҳои доимо дигаргуншавандаи истеҳсолот аз тарафи коргар аризиш пайдо менамоянд.

Дар мамлкатҳои индустриалии муосир тахассуснокии коргар ба омили ҳалкунандаи мубориза рақибона мубаддал гардидааст. Дар шароитҳои муосир маблағгузориҳо ба қувваи корӣ (маълумотнокӣ, барномаҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо) ва ё бо ибораи мамлакатҳои ғарб ба капитали инсонӣ афзалият пайдо мекунад. Айнан чунин хароҷотҳо барои ҷалб намудани омилҳои дарозмуддати рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд, ки ба ПИТ такя мекунад, чунки қувваи кории тахассуснок барои мукаммалгардӣ қобилияти бештар дорад.

Иқтисодчиён ба тадқиқи муаммои «капитали инсонӣ» дар ибтидои солҳои 60-уми асри XX оғоз намуданд. Дар илми иқтисодӣ мавҳуми инвеститсияҳо ба капитали инсонӣ пайдо шуд, ки маҷмӯи хароҷотҳои пулии мустақимро барои маориф дар назар дорад.

Иқтисодчиён исбот намуданд, ки маориф барои шахс фоидаовар мешавад, агар арзиши аслии хароҷотҳо барои маориф ва фоида андозаи мусбиро ташкил кунанд. Аз рӯи ҳисобҳо, дар ИМА аз се ҳисса ду ҳиссаи капитали ғуншуда ба «капитали инсонӣ» маблағгузорӣ карда шуда, айнан барои муассисаҳои таълимӣ, илмӣ, барномаҳо ва марказҳои тадқиқотӣ, омӯзиши мутахассион равона шудаанд.

Асосгузори назарияи капитали инсонӣ Г. Беккер ба ҳисоб меравад. Кори ӯ бо номи «Капитали инсонӣ: таҳлили назариявӣ ва эмпирикӣ» соли 1964 нашр шуда, мувофиқи баҳодиҳии академияи шоҳии Шведӣ, барои илми иқтисодии муосир саҳми босазое гузоштааст.

Истифодабарии фишангҳои назарияи капитали инсонӣ имконият дод, ки ба ҳалли муаммои бо омилҳои рушди иқтисодӣ алоқаманд буда, тақсимоти даромадҳо, нақши иқтисодии маориф ва ғайраҳо муносибати куллан нав пойдор карда шавад.

Капитали инсонӣ гуфта, одатан захираҳои тандурустӣ, дониш, қобилиятҳо, ҳавасмандгардониҳои инсонӣ фаҳмида мешаванд, ки барои афзоиши ҳосилнокии меҳнати мусоидат намуда, ба афзоиши даромадҳо таъсир мерасонанд.

Ҳама намуди хароҷотҳо характери мақсаднок дошта, даромади пулииояндаи инсонро муайян карда, ҳамчун инвеститсия ба капитали инсонӣ тавсиф карда мешавад. Шахсони алоҳида оид ба инвеститсияҳо барои маълумотнокии худ, тайёрии касбӣ қарорҳои муайянро қабул мекунанд. Дар ин ҳолат фоида дар намуди даромадҳои зиёди дар оянда дастрас мешуда, дарёфти ҷои кории мувофиқ, баланд намудани обрӯи иҷтимоӣ ва ғайраҳо ифода меёбад. Хароҷотҳо бо баҳодиҳии хароҷотҳои барои омӯзиш ва тайёрӣ амалӣ шуда, инчунин бо арзиши алтернативии ин инвеститсияҳо муайян карда мешаванд.

# МАВЗӮИ 21. СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ

*21.1.Сиёсати иқтисодӣ: сарчашмаҳои таъсисёбӣ.*
*21.2.Консепсияи сиёсати иқтисодии давлат ва унсурҳои таркибии он.*
*21.3.Низоми мақсадҳои сиёсати иқтисодӣ.*
*21.4.Сиёсати вазъиятии давлат.*

## 21.1. СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ: САРЧАШМАҲОИ ТАЪСИСЁБӢ.

**Мураккабшавии низоми бозорӣ**. Барои иқтисодиёти бозории инкишофёфта қонунияти тамоюл ба мураккабшавии доимӣ хос аст. Дар иқтисодиёти миллӣ баҳамтаъсиррасонии шумораи зиёди объект ва субъектони муносибатҳои иқтисодӣ ба миён меояд. Натиҷаи баҳамтаъсиррасонии қувваҳои бозорӣ ва табаддулоти илмӣ – техникӣ низоми бозориро ба сатҳи сифатан нав баровард.

**Марҳилаҳои мураккабгардии низоми бозорӣ.** Дар низоми бозории мураккабгашта тадқиқотчиён ду марҳиларо аз ҳам ҷудо мекунанд. Марҳилаи аввал бо табаддулоти саноатии охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX алоқаманд буд. Асоси болоравии шаклҳои ифодаёбии бозории иқтисодиёт ин ба таври оммавӣ ҷорӣ намудани истеҳсолоти мошинӣ буд. Омили иловагие, ки ҷараёни иқтисодиро мараккаб гардонид, афзоиши аҳолӣ дар минтақаҳои нисбатан маҳдуд ва маскун дар Европаи

асрҳои XVIII – XIX ба ҳисоб меравад. Дар натиҷа фазои иқтисодӣ маҳдуд гашт.

Болоравии техникӣ тасодуфӣ ба миён наомад. Маънидодкунии онро танҳо бо дониши инсонии ҷамъшуда фаҳмонидан номумкин аст. Кашфиётҳои илмӣ – техникӣ дар сатҳи муайян ҳамавақт бо дигаргуншавии ҳолати иқтисодӣ алоқаманд аст. Мубориза, кӯшиш ба дастрас намудани натиҷаҳои иқтисодии беҳтарини босуръат, нигоҳдории мавкеъи истеҳсолии худ, аксарияти намояндагони олами тиҷоратро ба ҷустуҷӯи навовариҳои нави техникӣ ва технологӣ водор месохт. Мархилаи дуюм, ки дар охири асри XIX оғоз ёфта то имрӯзҳо давом мекунад, дар дигар алоқамандии ҷараёнҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ асос мегирад, байни механизмҳои бозорӣ ва давлатӣ. Инкишофи низоми иқтисодӣ дар марҳилаи муайян ба шиддатёбии чораҳои дастгирикунанда ва танзимкунандаи давлат мӯҳтоҷ гардид. Давлат дар нақи нави иқтисодӣ баромад карда, ҳудудҳои сиёсати иқтисодӣ муайян карда шуданд.

**Афзоишёбии нақши танзимкунии давлат**. Дахолати давлат ба иқтисодиёт бо номукаммалии механизми бозорӣ, алалхусус бо бозори рақобати мукаммал алоқаманд аст, ки минбаъд ба ҳукмронии монополияҳо мубаддал гашт. Дар чунин шароитҳо механизми бозорӣ, ки бисёр афзалиятҳо дошт, барои ҳал намудани мушкилотҳои зиёд ва таъмини рушди иқтисодӣ қобилияти кофӣ надошт.

Ҳамаи ин дахолати систематикии давлатро ба ҷараёнҳои иқтисодӣ талаб намуд, лекин ҳудудҳои чунин дахолат дар низомҳои гуногуни иқтисодӣ якхелла набуданд.

Дар шароитҳое, ки моликияти хусусии инфиродӣ ва рақобати мукаммал ҳукмрон буданд, ҳудудҳои дахолати давлат ба ҷараёнҳои иқтисодӣ то ҳадди ақал буда, бо ташкили муомилоти пулӣ, истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ, бартараф намудани оқибатҳои манфии самараҳои беруна муайян шуда буданд.

Дар шароитҳои иқтисодиёти омехта, ҳангоме, ки рақобат хислати номукаммал дорад, иштирокчии асосии бозор монополияҳои калон ва олигополияҳо буда, ҳудудҳои танзими давлатии иқтисодиёт васеътар шуданд.

**Низоми ислоҳ намудани механизми бозорӣ**. Дар чаҳорчӯбаи стратегияи нав давлат низоми чораҳои хислати инфрасохторӣ доштаро васеъ намуд. Ҳамзамон ҳолати сифатан нави механизми истеҳсолии бозорӣ ислоҳ намудани берунаро аз тарафи давлат талаб намуд.

Дар низоми ислоҳкунӣ чораҳо оид ба нигоҳдории мувозинатии макроиқтисодӣ дар шароитҳои инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти бозорӣ дохил мешаванд.

**Неъматҳои ҷамъиятӣ ва нокомии (фиаскои) бозор**. Сабаби зарурии дахолати давлат ба иқтисодиёт, мавҷудияти (бо баробари неъматҳои хусусӣ) неъматҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Ба онҳо мудофиаи миллӣ, ҳифзи муҳити атроф ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ин неъматҳо бо худ мол ва хизматҳоро ифода мекунанд, ки онҳо барои ҳамагон бе хароҷотҳои иловагӣ дастрас мебошанд. Дастрас намудани ин неъматҳо аз тарафи ягон аъзои ҷамъият онҳоро барои дигарон дастнорас намекунад.

Неъматҳои ҷамъиятӣ, одатан аз тарафи давлат аз ҳисоби воситаҳои андозбандӣ пешкаш карда мешаванд. Агар ин неъматҳо бо воситаи бозор пешкаш карда шаванд, он гоҳ афзоишёбии сатҳи истеҳсолот ба миён намеояд, чунки дар ҳолати истисно накардан механизми бозорӣ амал намекунад ва бозор дар чунин ҳолат ба нокомӣ (фиаско) дучор мешавад. Дар асл неъматҳои соф ҷамъиятӣ кам ба назар мерасанд. Одатан онҳо хислати хусусӣ – ҷамъиятӣ дошта, қисман дар бозор фурӯхта мешаванд (масалан, маориф).

**Миқёси (масштаби) дахолати давлат**. Нишондиҳандаи нисбатан паҳнгашта, ки бо воситаи он миқёси дахолати давлат ба ҷараёнҳои иқтисодӣ баҳо дода мешаванд, ҳиссаи хариди давлатӣ дар МУД, яъне квотаи давлатӣ мебошад. Ин нишондиҳанда фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои давлатиро пурра тавсиф карда, тамоми соҳаи фаъолияти давлатиро ба пуррагӣ тавсиф намекунад.

**Мафҳуми сиёсати иқтисодӣ**. Сиёсати иқтисодии давлат маҷмӯи чораҳоро ифода мекунад, ки барои мӯътадилгардонии ҷараёнҳои иқтисодӣ равона карда шуда, ба натиҷаҳои онҳо таъсири бавосита ва ё бевосита мерасонанд. Сиёсати иқтисодии кӯтоҳмуддат барои давраҳои ҷорӣ таҳия гардида, барои давраи

миёнамӯҳлат одатан барои 5 сол ва барои давраи дарозмуддат ба 10 – 15 сол таҳия карда мешавад.

Сиёсати иқтисодии давлат ба чунин ҳолатҳои принсипиалӣ такя мекунад:

1) сиёсати иқтисодӣ таъсири ду омилҳоро дар назар дорад: тағйирёбии низоми хоҷагидорӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар тағйиротҳо дар тафаккури иқтисодӣ. Ҳар ду лаҳзаи номбурда бо ҳам алоқаманд буда, дар навбати худ дорои мустақилияти нисбӣ мебошанд. Бо баробари инкишофёбии ҷамъият тафаккури иқтисодӣ ногузир дигаргун мешавад, зеро тасаввуроти одамон оид ба арзишҳои ҳақиқӣ ва нодуруст дигаргун мешаванд. Бо баробари ин то ҳатто масъалаҳои анъанавӣ аз мавқеъҳои нав ҳал карда мешаванд;

2) таҷрибаи дар мамлакатҳои тараққикарда пойдор карда шуда, нишон медиҳад, ки самараи сиёсати иқтисодӣ ҳамон вақт баланд мешавад, ки агар таъинотҳо ба ҳолатҳои мамлакати мазкур мавҷуд буда пурзӯр карда шаванд (қувваҳои сиёсӣ, сатҳи тараққиёти мамлакат, имкониятҳои истеҳсолӣ – техники он, ҳолати сохтори иҷтимоӣ, тартиби институтсионалии органҳои идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ);

3) сиёсати иқтисодӣ воситаи асосии дасгирикунандаи самтҳои ҳокимияти давлатӣ.

Сиёсати иқтисодӣ – ҳодисаи бисёрҷабҳа мебошад, ки як қатор параметрҳоро дар бар мегирад:

- **таркиби сиёсати иқтисодӣ** – маҷмӯи чораҳо, ки барои мӯътадил намудани амали ҷараёнҳои иқтисодӣ равона карда шуда, ба онҳо таъсири бевосита ва ё бавосита расонида натиҷаҳои онҳро муайян мекунад;
- **параметрҳо**: ***субъектон*** – давлат ва институтҳои он, субъектони ғайридавлатӣ (иттифоқҳо, ВАО); ***мақсадҳо*** – «пирамидаи мақсадҳо»; ***механизмҳо*** – сиёсатӣ молиявӣ (сиёсати фискалӣ, аз он ҷумла сиёсати андозӣ); ***самтҳо*** – сиёсати вазъитӣ, сиёсати сохторӣ, сиёсати минтақавӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва ғайраҳо.

## 21.2. КОНСЕПСИЯИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ ВА УНСУРҲОИ ТАРКИБИИ ОН.

Сиёсати иқтисодии давлат таҳияи консепсияи танзими давлатии иқтисодиётро дар назар дорад, ки ба мушкилотҳо, шароитҳо, мақсадҳо ва имкониятҳои дар иқтисодиёт мавҷуд буда мувофиқат мекунад. Одатан консепсия дар доираҳои илмӣ ҳамчун ҳиссиёт ба эҳтиёҷоти зарурӣ оид ба тағйиротҳои ҳолатҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ таҳия гардида, баъдан аз тарафи ҳукумат ҳамчун доктринаи иҷтимоӣ – иқтисодӣ қабул ва истифода бурда мешавад.

Сиёсати иқтисодии давлат дар чор унсурҳо асос мегирад.

1. Таҳлили ҳолати иқтисодиёт,ки айнан аз ҳамин сиёсати оқилонаи давлат оғоз меёбад. Таҳлил дар сатҳи аниқи хоҷагидорӣ амалӣ карда шуда, «нуқтаҳои дардманд»-и иқтисодиёти мамлакат, соҳа, минтақа ҷудо карда шуда, ҳалли фаврии мушкилотҳо, оқибатҳои алтернативии бартараф намудани ҳодисаҳои манфӣ баҳо дода мешаванд. Баҳодиҳии ҳолат бояд на танҳо тасдиқи абстрактии мушкилотҳо ва норасогиҳо дар бар гирад, балки тавсифи аниқи ҳолатро бо муайян намудани сабабҳо ба эътибор гирифтанаш лозим аст. Чунин таҳлил барои таҳияи пешгӯикунӣ имконият медиҳад. Ин гуна таҳлил омӯзиши имкониятҳои иқтисодиёти миллиро аз нуқтаи назари омилҳои истеҳсолоти мавҷуд буда ва дараҷаи истифодабарии онҳо, инчунин алоқаҳои беруниииқтисодӣ ва низоми иқтисодии умуман дар назар дорад.

2. Таҳлили мақсадҳо аз муайян намудани ҳама мақсадҳои имконпазири ҷамъият оғоз меёбад. Баъдан тавсифи ҳар яки онҳо муайян карда мешавад. Таҳлил бо тартиб додани «дарахти» мақсадҳо ба итмом мерасад.

3. Таҳлил мутобиқат ба манфиатҳои низом. Саволи аввалин, ки ҷавоби он ба таври принсипиалӣ ба таъсисёбии консепсияи сиёсати иқтисодии давлат таъсир мерасонад, чуни наст: то кадом андоза принсипҳои иқтисодиёти бозорӣ қимати дахлнопазирӣ дошта, то кадом андоза онҳоро ҳангоми нигоҳдории ҳукмронии ин принсипҳо барои наҷотдиҳии худи онҳо вайрон кардан мумкин аст? Ҷавоб ба ин савол ниҳоят аҳамияти калон дорад, зеро аз он имкониятҳои истифодабарии

воситаҳои маъмурии танзимкунӣ, барномаҳои давлатӣ, милликунонӣ ва тараққиёти сектори давлатӣ вобастагӣ доранд.

4. Таҳлили истифодашавандагии фишангҳои танзими давлатӣ – ин муайян намудани шароитҳои истифодашавандагии воситаҳои танзимкунии алоҳида, мутобиқати онҳо ба мақсадҳо, дараҷаи мутобиқати воситаҳои алоҳидаи танзимкунӣ ва кифоягии асосноккунии зарурияти истифодабарии онҳо мебошад.

## 21.3. НИЗОМИ МАҚСАДҲОИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ.

Сиёсати иқтисодӣ бо худ ҷараёни амалигардонии мақсадҳои муайянро дар назар дорад. Ошкор аст, ки дар ҷараёни инкишофи ҷамъият ҳал намудани максадҳои зиёд зарураст. Барои дарки пурра, ишоракунӣ ва иҷроиши дуруст тасаввуроти аниқи тамоми сохтори вазифаҳои ҷамъият талаб карда мешавад.

Вазъи сохтории нисбатан мукаммал чунин намуд дорад: дар сатҳи глобалӣ бояд мақсади асосии сиёсати иқтисодӣ муайян шуданаш лозим аст.

**Мақсади асосии сиёсати иқтисодӣ** дар дастрас намудани некуаҳволии ҳадди аксари тамоми ҷамъият ифода меёбад. Лекин таҷриба нишон дод, ки то кадом андоза ин мафҳум аз нуқтаи назари илмӣ мураккаб аст. Сабаб дар он, ки оид ба некуаҳволӣ сухан ронда, миқдоран муайян намудани он душвор аст. Дар сиёсати иқтисодии аслӣ мақсади таъмини некуаҳволӣ ба назар мерасад. Бинобар ҳамин дар ин ҷо оид ба низоми мақсадҳои асосии сиёсати иқтисодӣ сухан рондан дуруст аст.

Мақсадҳои асосии сиёсати иқтисодӣ:

**1. Рушди иқтисодии доимӣ ҳангоми нархҳои мӯътадил**. Кӯшиш ба рушди иқтисодӣ ба кӯшиши инсоният барои инкишофёбӣ ва мақсади асосии танзими давлатии иқтисодиёт, яъне барои нигоҳдорӣ ва мустаҳкамгардонии сохтори мавҷуд буда мувофиқат мекунанд. Танҳо дар шароитҳои рушди иқтисодӣ шуғли мӯътадил, афзоиши стаҳи зиндагонӣ, инкишофи инфрасохтор, афзоиши даромадҳои

буҷети давлатӣ, таъмини шароитҳои мусоид барои тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт имконпазир аст. Лекин рушди иқтисодӣ бе ба эътибор нагирифтани оқибатҳои манфӣ хатарнок аст. Бинобар ҳамин яке аз вазифаҳои аниқи сиёсати иқтисодии давлат – ин муайян намудани суръатҳои имконпазир ва дархостшавандаи рушд, ҳамчун мақсади барномавии иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад.

2. **Рушди иқтисодии мӯътадил** – ин суръатҳои устувори афзоиш дар ҳолати нархҳои мӯътадил мебошад. Мӯътадилии нархҳо ҳаммаънои тағйирнопазирии онҳо намебошад. Мақсади танзими давлатии иқтисодиёт дар соҳаи нархҳо – ин мӯътадилии нисбӣ мебошад. Барои ин муайян намудани ҳудудҳои имконпазири афзоиши нархҳо ва назорат аз болои омилҳои сатҳи онҳоро муайян мекарда заруранд.

3. **Дастгирии шуғл**, ки мавҷудияти бекориро дар ҳудудҳои имконпазир дар назар дорад. Воситаи асосии мубориза бо бекорӣ ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ мебошад. Дар маҷмӯи фишангҳои сиёсати иқтисодии давлатӣ, бо мақсадҳои афзоишдиҳии шуғл, чунин чораҳои намунавӣ ба монанди ташкили корҳои ҷамъиятӣ, азнавтайёркунии бекорон, кӯмак барои кӯчидан ба минтақаҳои дигар, равона сохтани коргарон ба хориҷа ва ғайраҳо мавҷуданд.

4. **Мукаммалгардонии сохтори хоҷагидорӣ**. Мукаммалгардонии секторӣ, соҳавӣ ва минтақавии сохтори иқтисодиёт бо воситаи баланд намудани ҳаракатнокии омилҳои истеҳсолот амалӣ гардонида мешавад.

Дастгирӣ намудани рақобат. Сиёсати иқтисодии давлатӣ оид ба дастгирии рақобат танҳо дар ҳолати мавҷудияти чунин заминаҳо имконпазир аст:

- фаъолияти озодонаи соҳибкорон, ки қонунан кафолат дода шуда, дар амал истифода мешавад;
- озодии созишномабандӣ;
- шаффофияти бозор;
- озодона воридшавӣ ба бозор;
- тайёрии аҳолӣ барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ.

5. **Тақсимоти баробари даромад ва моликият**. Консентратсияи афзоишёбандаи моликият ва даромад,

ҷудошавӣ байни сарватмандон ва камбизоатон, дар қисми аҳоли нисбат ба низоми мавҷуд буда нобовариро ба миён оварда, ҳолати иҷтимоиро шиддатнок мегардонанд. Бо баробари ин сиёсати иқтисодии давлат мақсади худро дар тақсимоти баробари даромадҳо ва моликият мебинад.

Барои ноилгардӣ ба ин мақсад чунин фишангҳо истифода мешаванд:

- дастгирии давлатии ғункуниҳои шахсони бо кирок ор мекарда;
- инвеститсиякунии қисми музди меҳнат;
- иштироки коргарони корхона дар тақсимоти фоида он;
- барориши саҳмияҳои халқӣ барои объектҳои давлатии хусусигардонида мешуда.

**6. Мувозинатии беруниқтисодӣ ҳамчун мақсади сиёсати иқтисодии давлат**. Мувозинатии беруниқтисодӣ танҳо бо механизмҳои бозорӣ таъмин нагардида, танзими доимии давлатиро талаб мекунад.

Мақсадҳои танзими беруниқтисодӣ бо ҳамзистӣ бо фишангҳо ва механизмҳои амалигардонии онҳо, ки барои инкишофи алоқаҳои беруниқтисодӣ равона карда шудаанд, самти сиёсати беруниқтисодии давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Унсурҳои таркибии сиёсати беруниқтисодӣ – сиёсати савдои беруна, сиёсати баланд намудани самаранокии фаъолияти беруниқтисодии ғайрисавдоӣ ва инкишофи ҳамкориҳои иқтисодии дарозмуддат.

**Ихтилофи мақсадҳо ва усулҳои ҳалли онҳо**. Дар ҷараёни амалигардонии аслии сиёсати иқтисодӣ таъсисдиҳии низом аз маҷмӯи маълумотҳои аниқ ниҳоят душвор аст. Ин ҳолат бо ду хусусият алоқаманд аст.

Дар аввал, худи таҳия намудани мақсади аниқ бо худ ҷараёни мураккабро дар назар дорад, зеро дар ҷамъият ҳамавақт тасаввуротҳои гуногун оид ба мақсадҳо вуҷуд дорад. Айнан дар хислатҳо асоси ҳолати ихтилофӣ аён мегардад.

Дуюм, таҷрибаи танзими ҷараёнҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки иҷро намудани як мақсад метавонад иҷроиши дигар мақсадҳоро боз дорад ва ё дастрас намудани онро ғайриимкон гардонад.

Аз як тараф байни мақсадҳои давлат алоқаи диалектикӣ вуҷуд дошта, аз тарафи дигар имконнопазирии дастрасии якҷояи онҳо вуҷуд дорад. Масалан, А. Эйнштейн менависад, ки: «Давраи мо бо воситаҳои мукаммал ва мақсадҳои бетартиб тавсиф карда мешавад».

**Ихтилофи «шуғл ва нархҳо»**. Чи қадаре, ки дараҷаи шуғли аҳолии қобили меҳнат дошта баланд шавад, ҳамон қадар сатҳи музди меҳнати маҷмӯи қувваи корӣ ва мувофиқан ҳаҷми маҷмӯи талабот баланд мешаванд. Дар натиҷа нархҳо ногузир баланд мешаванд. Истеҳсоли маҳсулот ва хизматҳо низ афзоиш меёбанд. Лекин дар зиннаи рушди иқтисодӣ (ҳангоми зиёдшавии шуғл) суръати афзоиши музди меҳнат аз суръати ҳосилнокии он зиёдтар шуда метавонад. Ин ҳолат бо алоқаманд аст, ки дар зиннаи рушди иқтисодӣ иттифоқҳои касаба фишори худро ба иттифоқҳои кордиҳандагон пурзӯр намуда, баланд намудани мизони афзоиши ҳармоҳинаи музди меҳнатро талаб мекунанд. Иттифокҳои соҳибкорон ба талабҳои коргарон дар давраҳои пастравӣ ва ретсессия итоат накарда, дар ҳолати номбурда талабҳои онҳоро қонеъ мегардонанд.

Дар навбати худ, шиддатёбии таваррум пастравии вазъиятии истеҳсолотро ба миён оварданаш мумкин аст, ки ба камшавии шуғл сабаб шуда метавонад. Мувофиқан, сиёсати иқтисодиро барои зиёд намудани шуғл равона сохта, ҳатман бояд арзиши ин амалро, яъне шиддатёбии таваррумро дар назар дошт. Ҳангоми қабули қарор бояд муайян намуд, ки кадом вазифа бо худ хатари иҷтимоӣ – иқтисодиро ифода мекунад.

**Ихтилофи «шуғл ва мувозинатии берунииқтисодӣ»**. Чи хеле, ки маълум аст, аз сатҳи қимати асъори миллӣ (яъне қурби он) таносуби ҳисобҳои байналхалқӣ, ки дар тавозуни пардохт ифода меёбанд, вобастаанд. Агар қимати асъори миллӣ паст шавад, яъне қурби он паст шавад, он гоҳ пардохти музди меҳнати коргарони мамлакати мазкур дар муқоисаи байналхалқӣ паст мешавад. Меҳнат дар чаҳорчӯбаи тавсифоти байналхалқӣ арзонтар мешавад. Дар натиҷа, мамлакат аз содироти маҳсулоти худ бурд мекунад, зеро бо хароҷотҳои меҳнатии пештара нархи байналхалқии он пасттар мешавад, яне рақобатпазирии он баландтар мегардад. Лекин ҳамзамон

мамлакат дар соҳаи воридот ба мағлубият дучор мешавад. Маҳсулоте, ки дар хориҷи кишвар истеҳсол карда шуда барои мамлакати мазкур қиматтар мешавад, чунки асъори ин мамлакатҳо нисбат ба асъори миллӣ қиматтар шудааст. Дар натиҷа мутаносибии тавозуни пардохт вайрон мешавад.

**Ихтилофи «рушди иқтисодӣ ва муҳити атроф»**. Ҳар ду мақсадҳо бевосита дар зиддият қарор доранд. Ҳалли ин мухолифат аз ду ҷиҳат мушоҳида карда мешавад: 1) баъд аз дастрас намудани некуаҳволии оқилона масъалаи суръатҳои рушди иқтисодиро эҳтиёткорона ҳал намудан лозим аст; 2) истифодабарии пешравиии иқтисоди барои таҳия намудани технологияҳои нави ба табиат зарар намерасонида.

Варианти аз ҳама беҳтарин ҳангоми иҷро намудани мақсадҳои ихтилофӣ, истифодабарии усусли зиннагии тағйиротҳои мавҷшакл ба ҳисоб меравад.

## 21.4. СИЁСАТИ ВАЗЪИЯТИИ ДАВЛАТ.

Коркард ва амалигардонии сиёсати иқтисодии давлат муайян намудани самтҳои асосии онро дар назар дорад. Бо баробари ин бояд дар назар дошт, ки самтҳо метавонанд ба ҳамдигар мувофиқ ва ё муқобил бошанд. Вазифаи ҳукумат вобаста аз ҳолат интихоб намудани афзалиятҳо мебошад.

Дар поён як қатор самтҳои сиёсати иқтисодии давлат дида мешаванд.

**Сиёсати вазъиятӣ**. Сиёсати вазъиятӣ бо худ маҷмӯи чораҳои давлатиро оид ба таъмини ҳолати динамикӣ ва мвозинатии иқтисодиёти бозорӣ дар назар дорад. Аниқтараш сухан оид ба амалҳои бартарафкунандаи дараҷаи ҷаҳишҳои нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, дар ҷараёни инкишофи вазъиятӣ меравад.

Сабабҳое, ки давлатро барои амалигардонии сиёсати вазъиятӣ водор месозанд дар инҳо зоҳир мегарданд.

Тағйирёбии фаъолнокии иқтисодӣ дар низоми иқтисодӣ ҳодисаи муқаррарӣ ва қонунӣ мебошад. Ба монанди дигар ҷараёнҳо дар иқтисодиёт, ноустувории динамикӣ ҷиҳатҳои

мусбӣ ва манфии худро доранд. Ҷихати мусбӣ бо он алоқаманд аст, ки бо шарофати тағйирёбии вазъият, зиннаҳои нисбатан суст ва ғайрисамараноки иқтисодиёт дарёфт ва бартараф карда мешаванд.

Ҷиҳатҳои манфӣ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки қатъгардонии босуръати истеҳсолотҳои ғайрисамаранок мушкилотҳои иловагиро бо шуғл ба миён меоранд. Рақобатпазирии тамоми истеҳсолот муваққатан пасттар мешавад. Бо вуҷуди ин таҷриба гувоҳӣ медиҳад, ки муваққатан аз даст додани мавқеъ дар бозори ҷаҳонӣ хароҷотҳои зиёдро барои баргардонидани он ба сатҳи пештара талаб мекунад.

Барои таъмини ҳолати устувор ва мувозинатӣ кӯшиш карда, давлат барои истифодабарии иқтидори истеҳсолӣ мусоидат мекунад. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки хавфи соҳибкорон оид ба инвеститсиякунӣ ва фурӯш пасттар карда шуда, имкониятҳои сар задании бӯҳрони бо шуғл алоқманд буда низ паст карда шаванд.

**Усулҳои сиёсати вазъиятӣ**. Сиёсати вазъиятӣ бо воситаи усулҳои гуногун амалӣ гардонида мешавад. Онҳоро ба усулҳои молиявӣ ва пулию – қарзи ҷудо кардан мумкин аст.

Механизми амал намудани усулҳои молиявӣ одатан дар тӯли тамоми сикли вазъиятӣ мушоҳид карда нашуда, балки дар лаҳзаҳои асосии он, яъне дар нуқтаҳои болоӣ ва поёнии тараққиёти сиклӣ мушоҳида карда мешаванд. Амали механизмҳои пулию – қарзӣ одатан дар нуқтаи болоии сикл мушоҳида карда мешаванд, ки дар он гардиш аз нуқтаи болоӣ ба поён ба назар мерасад. Принсипи амали давлат чуни наст: дар ҳолатҳои гардишкунандаи сикл ин амалҳо дар равишҳои муқобил ҳаракат мекунанд.

**Фаъолгардонии молиявии инвеститсияҳо**. Барои ба болоравии вазъиятӣ ноил гардидан, дар навбати аввал инвеститсияҳои давлатӣ ва хусусиро фаъол гардонидан зарур аст. Бо ин мақсад давлат чунин чораҳоро меандешад:

- зиёд намудани хароҷотҳои инвеститсионӣ бо истифодабарии захираҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, инчунин бо қарзҳои иловагӣ. Дар ин ҳолат давлат дар чаҳорчӯбаи хароҷотҳои буҷетии нақшавии худ қарор

дошта метавонад ва ё аз сарҳадҳои имкониятҳои буҷетӣ берун шавад;

- нақшаи молиявиро ба фоидаи молиягузории чораҳои вазъиятӣ тағйир диҳад;
- афзоиши инвеститсияҳои хусусиро бо роҳи ҷорӣ намудани имтиёзҳои иловагии андозӣ дастгирӣ кунад. Масалан, роҳ додан ба ҳиссаҷудокуниҳои муайян аз даромад пеш аз андозбандӣ. Инчунин усули истифодабарии амортизатсияи босуръат васеъ истифода мешавад;
- кам намудани мизонҳои андозӣ барои даромадҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ;
- ба сектори хусусӣ пешкаш намудани субсидияҳо. Масалан, барои баланд намудани ҳаракатнокии қувваи корӣ дар иқтисодиёт ва ё дастгирии мустақими соҳаи алоҳида.

Ҳамин тавр, усулҳои молиявии давлат ба ҳаракати тамоюли вазъиятӣ муқобилмебошад, яъне давлат сиёсати зиддисиклии молиявиро амалӣ мегардонад. Дар ҳолати сатҳи пасти инвеститсияҳо ва истеъмолот давлат андозҳоро кам карда, хароҷотҳои буҷетии худро зиёд мекунад. Дар зиннаи вазъияти болоравӣ давлат баръакс, андозҳоро зиёд карда, хароҷотҳои худро кам мекунад, ки дар натиҷа имкониятҳои истеъмолӣ ва инвеститсиониро дар сектори хусусӣ паст мекунад.

**Мӯътадилкунандаи сохташуда**. Хусусияти усули молиявии танзими вазъият дар он аст, ки онҳо бе таъсиротҳои махсуси сохташуда барои мақсадҳои зиддисиклӣ, қобилият доранд, ки ба иқтисодиёт таъсири мӯътадилкунанда расонанд. Чунин самара бо он маънидод карда мешавад, ки молия дорои вазифаи таъсири автоматӣ мебошад. Масалан, дар ҳолати шахшавӣ (стагнатсия) амалҳои таъсири автоматӣ ба иқтисодиёт, ки ба ҷоннокшавӣ оварда мерасонанд инҳо мебошанд:

- хароҷотҳои давлатӣ ба таври автоматӣ барои дастгирии сектори хусусӣ афзоиш меёбанд (масалан, дар чаҳорчӯбаи суғуртакунӣ аз бекорӣ);
- мусодираҳои андозӣ аз сектори хусусӣ нисбат ба камшавии маблағи даромадҳои он бо шарофати

мизони фоизи прогрессивӣ тезтар кам мешаванд. Дар натиҷа соҳибкорон ва хоҷагиҳои хонавода барои истеъмолот ва инвеститсияҳо воситаҳои нисбатан зиёдро равона месозанд.

**Механизми мултипликатор – акселератор**. Дар ҷараёни истифодабарии механизми молиявӣ боз як хусусият ба назар мерасад, ки принсипи «самараи пеш рафтан» номида мешавад. Ин принсип дар амал намудани механизми маъмули назарияи иқтисодӣ мултипликатор – акселератор ифода меёбад.

Барои таъмини гузариши иқтисодиёт аз ҳолати шахшуда ба ҷоннокшавӣ ва рушд бо ду роҳ рафтор кардан мумкин аст:

- ба механизми мултипликатор такя карда, афзоишёбии хароҷотҳои давлатӣ ба афзоишёбии зиёдтари даромади миллӣ сабаб мешаванд;
- талаботи иловагиро ба молҳои истеъмолӣ таъмин карда, ҳамзамон механизми акселератор истифода бурдан мумкин аст, ки афзоиши босуръати инвеститсияҳоро ба хоҷагии халқ таъмин мекунанд.

**Чораҳои қарзии дахолат**. Чораҳои таъсиррасониро амалӣ гардонида, бонки марказии мамлакат ба ҳаҷми маҷмӯи талабот таъсири ғайримустақим мерасонад. Дар ин ҳолат пулҳои нақд ва захираҳои қарзӣ танзим карда мешаванд. Одатан, дар чунин ҳолат ду роҳ истифода мешавад.

**Роҳи якум**: бонки марказӣ бонкҳои тиҷоратиро бо воситаҳои қарзӣ таъмин мекунад, ки имкониятҳои фаъолияти мустақилонаи онҳоро васеъ мегардонад. Фишангҳои аниқ дар ин ҳолат, таъсисёбии захираҳо, сиёсати бозори кушод, инчунин ҷорӣ намудани меъёрҳои хариди векселҳо дар бонки марказӣ.

**Роҳи дуюми** таъсиррасонӣ бо таъсиррасонӣ ба нархи воситаҳои қарзии ба секторҳои ғайримолиявии иқтисодиёт пешкаш мешуда алоқаманд мебошад. Ин амалҳо бо воситаи тағйирдиҳии мизони фоиз амалӣ гардонида мешавад. Агар бонки марказӣ мизони ҳисобии фоизро баланд кунад, он гоҳ бонкҳои тиҷоратӣ ба мизоҷони худ қарзҳоро бо мизонҳои баланд пешкаш мекунанд. Арзоншавии воситаҳои аз тарафи бонки марказӣ пешкаш карда мешуда ба арзоншавии қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ оварда мерасонад.

# МАВЗӮИ 22. НИЗОМИ ПУЛИЮ – ҚАРЗӢ

*22.1. Консепсияҳои асосии сиёсати пулию – қарзӣ.*
*22.2. Массаи пулӣ ва унсурҳои (агрегатҳои) пулӣ.*
*22.3. Пешниҳоди пулҳо ва талабот ба пулҳо.*
*22.4. Бозори пулӣ ва мувозинатии он.*
*22.5. Қарз: зарурият, моҳият ва шаклҳо.*
*22.6. Низоми бонкӣ ва сохтори он.*
*22.7. Фишангҳои сиёсати пулию – қарзӣ.*

## 22.1. КОНСЕПСИЯҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ – ҚАРЗӢ.

Дар асоси сиёсати пулию – қарзӣ назарияи пулҳо хобидааст, ки тадқиқи ҷараёнҳои таъсири пулҳо ва сиёсати пулию – қарзиро ба ҳолати иқтисодиёт дар ба мегирад.

Дар муддати дароз байни иқтисодчиён оид ба муаммои аҳамият ва нақши сиёсати пулию – қарзӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ баҳсҳо ба назар мерасанд. Ин ҳолат бо ду муносибати гуногун ба назарияи пулҳо асос меёбад: назарияи нави кейнсӣ, аз як тараф ва тарафи дигар монетаризми муосир.

Ҳам кейнсчиён ва ҳам монетаристон тасдиқ мекунанд, ки ҳолати соҳаи пулӣ ва тағйиротҳои дар он бо воситаи сиёсати пулию – қарзӣ ба миён меомада ба ҳолати иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонанд. Лекин онҳо аҳамияти чунин таъсирот ва

механизмҳои онро ба таври гуногун баҳо медиҳанд. Аз нуқтаи назари кейнсӣ дар асоси сиёсати пулию – қарзӣ бояд сатҳи муайяни мизони фоиз гузошта шудааст. Аз нуқтаи назари монетаристон бошад, дар асоси сиёсати пулию – қарзӣ талабот ва пешниҳод пулҳо гузошта шудааст.

**Муносибати кейнсӣ**. Тарафдорони равияи кейнсӣ тасдиқ мекунанд, ки иқтисодиёти бозорӣ бо худ низоми ноустуворро бо камбудиҳои зиёди дохилӣ ифода мекунад. Бинобар ҳамин давлат бояд фишангҳои гуногуни танзими иқтисодиро фаъолона истифода барад, аз он ҷумла фишангҳои молиявӣ ва пулию – қарзӣ. Механизми танзими пулию – қарзӣ бо чунин тарз амал мекунад. Тағйирёбии пешниҳоди пулӣ сабаби баландшавӣ ва ё пастшавии мизони фоиз мегардад, ки дар навбати худ ба тағйирёбии талаботи инвеститсионӣ оварда расонида, инвеститсияҳо ба тағйирёбии сатҳи истеҳсолоти миллӣ бо воситаи самараи мултипликатсионӣ таъсир мерасонанд.

Кейнсчиён гумон доранд, ки танзими пулию – қарзӣ нисбат ба фишангҳои фискалӣ ва ё сиёсати буҷетӣ, воситаи наонқадар самараноки мӯътадилгардонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

**Муносибати монетарӣ**. Хусусияти монетаризм дар он аст, ки монетаризм ба соҳаи пулию – қарзӣ аҳамияти махсус зоҳир мекунанд. Ба ақидаи онҳо «пулҳо – қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёти бозорӣ мебошанд». Намояндаи машҳури монетаризм М. Фридмен ба ҳисоб меравад. Дар корҳои ӯ ҳолатҳои асосии назарияи монетаризм баён карда мешаванд, алалхусус:

- муносибати монетарӣ дар ақидае асос меёбад, ки иқтисодиёти бозорӣ низоми устувори дохилӣ дорад. Ҳама лаҳзаҳои негативие, ки дар иқтисодиёти бозорӣ ба миён меоянд, натиҷаи дахолати бесалоҳияти давлат ба иқтисодиёт мебошанд;
- монетаристон маҳдудкунии дахолати давлатро ба иқтисодиёт бо танзими пулию – қарзӣ дар назар доранд, ки бо ҳамроҳии бонки марказӣ амалӣ карда мешавад, зеро «ягон ҳукумат аз бозор дида оқилтар намебошад»;

- барои ҳавасамандгардонии фаъолияти корӣ, мӯътадилгардонии низоми иқтисодӣ бояд сатҳи устувор ва асосноки пешбиниҳои таваррумро таъмин намуд. Бо ибораи дигар, афзалият ба афзоиши массаи пулии танзимшаванда дода мешавад;
- монетаристон гумон доранд, ки коррелятсияи байни омили пулӣ ва ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ нисбат байни инвеститсияҳо ва маҳсулоти умумии дохилӣ зичтар мебошад.

Ҳамин тавр, динамикаи МУД бевосита аз қафои динамикаи пулҳои ба миён меояд. Алоқамандии муайян байни миқдори пулҳои дар муомилотбуда ва ҳаҷми умумии мол ва хизматҳои дар чаҳорчӯбаи иқтисодиёти миллӣ фурӯхта шуда мавҷуд аст. Ин алоқа бо баробарии мубодилавии И. Фишер ва ё баробарии назарияи миқдории пулҳо ифода меёбад. Баробарии назарияи миқдории пулҳо ин айнияте, ки мувофиқи он ҳосили зарби пешниҳоди пулҳо ва суръати гардиши онҳо ба ҳаҷми умумии даромади миллӣ баробар аст.

**Баробари мубодила**. Иқтисодчӣ - математики америкоӣ Ирвинг Фишер, алоқамандиҳои номбурдаро формализатсия намуда, чунин баробарии мубодиларо ҳосил кард:

$$MV = PQ, \qquad (22.1)$$

ки дар ин ҷо: M – массаи пулҳои дар муомилотбуда; V – суръати гардиши пулҳо; P – нархи миёнаи мол ва хизматҳо; Q – миқдори мол ва хизматҳои фурӯхта шуда.

Бо ибораи дигар, ҳосили зарби миқдори пулҳои дар муомилотбуда ва шумораи гардиши онҳо дар муомилаҳои хариду – фурӯш дар як сол ба ҳаҷми МУД баробар аст.

Алоқаи байни пешниҳоди пулҳо ва истеҳсолоти миллӣ (ҳаҷми номиналии МУД) бо воситаи мизони фоиз амалӣ наградида, балки бевосита ба миён меояд.

**«Қоидаи пулии» М. Фридмен** афзоиши назоратшавандаи массаи пули дар муомилотбударо дар ҳудудҳои 3 – 5% дар як сол дар назар дорад. Айнан чунин афзоиши массаи пулӣ фаъолнокии кориро дар иқтисодиёт ифода мекунад. Дар ҳолати афзоиши назоратнашавандаи пешниҳоди пулҳо зиёдтар аз 3 – 5% дар як сол гардиши таваррум ба миён меояд, агар суръати афзоиши массаи пулҳо

аз 3 – 5% камтар бошад, он гоҳ суръати афзоиши МУД кам мешавад.

**Мақсадҳои сиёсати пулию – қарзӣ**. Мақсади олии сиёсати пулию – қарзӣ дар таъмини мӯътадилии нархҳо, шуғли самаранок ва афзоиши ҳаҷми аслии МУД ифода меёбад. Ин мақсад бо воситаи чорабиниҳо дар чаҳорчӯбаи сиёсати пулию – қарзӣ амалӣ гардида, нисбатан сустар ба миён меояд, зеро барои солҳо пешбинӣ шуда, ҳиссиёти босуръатро ба тағйирёбии вазъияти бозорӣ ифода намекунанд. Вобаста ба ин сиёсати пулию – қарзии ҷорӣ ба мақсадҳои нисбатан конкретӣ ва дастрас таъинот доранд, ба монанди муайян намудани миқдори пулҳои дар гардиш буда, барои муайян намудани сатҳи захираҳои ҳатмӣ, тағирёбии мизони бозтамвилии (мизони ҳисобии фоизи) бонкҳои тиҷоратӣ ва ғайраҳо.

**Интихоби мақсадҳои сиёсати пулию – қарзӣ**. Вобаста аз сабабҳое, ки тағйирёбии талабот ба пулҳоро ба миён меоранд, мақсадҳои сиёсати пулию – қарзӣ тағйир ёфта метавонанд. Ин сиёсати пулию – қарзии устувор ва ё тағйирёбанда, инчунин интихоби чунин варианти сиёсати монетарӣ мебошад, ки дар он тағйирёбии миқдори пулҳои дар муомилотбуда ва мизони фоиз имконпазир аст.

**Вариантҳои мақсадҳои сиёсати пулию – қарзӣ:**

1. Тағйирёбӣ дар талаботи пулӣ бо тағйиротҳои сиклӣ ба миён меояд. Бо воситаи сиёсати пулию – қарзӣ ин тағйиротҳоро ислоҳ кардан мумкин аст. Дар ҳолати иқтисодиёти тасфони сиклӣ баланд намудани мизони фоиз имконпазир аст. Оқибати афзоиши меъёри фоиз пастшавии фаъолияти корӣ ба миён меояд. Дар ҳолати пастравии сиклӣ бошад, бояд ба пастшавии мизони фоиз кӯшиш намуд, то ки фаъолияти корӣ баланд шуда, дар натиҷа афзоиши талаботи инвеститсионӣ ба миён ояд. Ба таври графикӣ пешниҳоди пулӣ бо хатти амудӣ (вертикалӣ) ифода карда мешавад.

2. Тағйирёбии суръати гардиши пулҳо ба меъёри фоиз ва ҳам ба ҳаҷми истеҳсолот ва нархҳо таъсир мерасонад (баробарии мубодилавии И. Фишерро ба хотир меорем). Агар бонки марказӣ бартараф намудани таъсири тағйирёбии суръати муомилоти пулҳоро ба иқтисодиёти миллӣ масъалагузорӣ намояд, он гоҳ бонки марказӣ сиёсати пулию –

қарзии тағйирёбандаро истифода мебарад: массаи пулҳои дар гардишбуда зиёд мешавад (ва ё кам мешавад) ва ба ҳамин таносуб суръати гардиши пулҳо кам мешавад (ва ё зиёд мешавад).

**Объектҳо ва субъектони сиёсати пулию – қарзӣ**. Объектҳои сиёсати пулию – қарзӣ талабот ва пешниҳод дар бозори пулӣ мебошад. Ба сифати субъектони сиёсати пулию – қарзӣ пеш аз ҳама бонки марказӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ баромад мекунанд.

## 22.2. МАССАИ ПУЛӢ ВА УНСУРҲОИ (АГРЕГАТҲОИ) ПУЛӢ.

Истиллоҳи паҳнгашта барои ишора намудани маҷмӯи пулҳо дар иқтисодиёт массаи пулҳо баромад мекунад. Массаи пулӣ бо худ ҳаҷми умумии воситаҳои харидорӣ ва пардохтиро дар назар дорад, ки гардиши хоагидориро таъмин мекунанд ва ба шахсони алоҳида, корхонаҳо ва давлат таалуқ доранд.

Намудҳои алоҳидаи воситаҳои пулӣ, ки қисми массаи пулиро ташкил карда, дар мамлакат гардиш мекунанд, мувофиқи сатҳи бозоргирии ба он мувофиқ дар унсурҳои (агрегатҳои) пулӣ муттаҳид карда мешаванд.

Дар намуди умумӣ унсурҳои намунавии пулҳоро тавсиф мекунем.

**Унсури пулии М0** бо худ пулҳои нақдро, яъне воситаҳои бозоргирро ифода мекунанд.

**Унсури пулии М1** унсури М0 –ро дар бар гирифта, ҷамъ пулҳои дар ҳисобҳои тоталабии бонкӣ мавҷуд буда ва дигар амонатҳои чекӣ ва чекҳои роҳиро дар бар мегирад.

**Унсури пулии М2** аз унсури М1 иборат буда, боз пулҳои дар амонатҳо мавҷуд буда, маблағҳои амонатии ғайричекӣ ва маблағҳои дар ҳисобҳои фондҳои дутарафаи бозори пулӣ мавҷуд бударо дар бар мегирад.

**Унсури пулии М3** аз унсури М2 ва амонатҳои калони мӯҳлатӣ иборат мебошад, ки ба ташкилотҳои хусусӣ ва фирмаҳо таалуқ доранд.

Аз ҳама унсури васеъи пулӣ ин **унсури L** ба ҳисоб рафта, ҳама воситаҳои пулии дар унсури М3 қарор дошта ва қоғазҳои қимматноки гуногунро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, вақте ки мо оид ба миқдори пулҳои дар муомилотбуда сухан меронем, дар ин ҳолат сухан оид ба ҳама намудҳои унсурҳои пулӣ, оид ба базаи монетарии иқтисодиёт меравад.

## 22.3. ПЕШНИҲОДИ ПУЛҲО ВА ТАЛАБОТ БА ПУЛҲО.

Устувории пулҳо ва муомилоти пулӣ бо ду нишондиҳандаҳои алоқаманд асоснок карда мешавад: бо миқдори воситаҳои пулии дар муомилот мавҷуд буда, яъне бо пешниҳоди пулӣ ва зарурият ба воситаҳои пулӣ, яъне талабот ба пулҳо аз тарафи агентҳои гуногуни муносибатҳои пулӣ.

**Пешниҳоди пулҳо (money suppiy - MS)** дар мамлакат аз сиёсати пулии давлат ва бонки марказӣ (миллӣ) вобаста аст. Онҳо дар сиёсати худ бо эҳтиёҷотҳои мавҷудбудаи объективии иқтисодиёт, соҳаи муомилот, савдо ва пулҳо, инчунин бо кӯшишҳои муқаррарии боздории массаи пулҳо дар ҳудудҳои муайян, барои роҳ надодан ба таваррум ва беқурбшавии пулҳо итсифода мебаранд.

Зери пешниҳоди пулҳо массаи пулӣ фаҳмида мешавад, ки дар муомилот гардиш мекунад ва дар унсурҳои муайяни пулӣ ифода меёбанд.

Ба таври графикӣ пешниҳоди пулҳо одатан бо хатти амудӣ ифода карда мешавад, зеро дар ҳар як лаҳзаи додашуда миқдори пули муайян офарида шудааст, ки аз андозаи мизони фоиз вобаста нест.

Дар асл пешниҳоди пулҳо аз мақсадҳои сиёсати пулию – қарзии мамлакати конкретӣ вобаста аст.

1. Агар мақсади сиёсати пулию – қарзӣ нигоҳдории миқдори пулҳои дар муомилот буда дар сатҳи тағйирнопазир бошад, он гоҳ каҷхаттаи пешниҳоди пулҳо дар ҳақиқат ҳам намуди амудӣ дорад.

2. Агар мақсади сиёсати пулию – қарзӣ нигоҳдории мизони фоизи устувор, яъне сиёсати пулию – қарзии тағйирёбанда бошад, он гоҳ ифодаёбии графики пешниҳоди пулӣ бо хатти горизонталӣ ифода меёбад.

3. Агар сиёсати пулию – қарзӣ тағйирёбии массаи пулӣ ва меъёри фоизро имконият диҳад, он гоҳ ифодаёбии графики пешниҳоди пулӣ шакли хаттаи хамшавандаро мегирад.

**Талабот ба пулҳо (money demand – MD)**. Омилҳои асосии муайянкунандаи талабот ба пулҳо, сатҳи нархҳо барои мол ва хизматҳои харидоришаванда, мизонҳои фоиз, даромадҳои аслии аҳолӣ мебошанд. Ҳаҷми даромадҳои аслӣ ба хароҷотҳо таъсир мерасонад, ки ба афзоиши талабот сабаб мешавад. Лекин ҳамзамон омили якум дар намуди нархҳо амал мекунад, ки бо он хароҷотҳои алоқаманданд. Бо баробари ин талабот ба пулҳоро одатан ба ду категорияи калон ҷудо мекунанд.

1) талабот ба пулҳо аз тарафи муомилаҳо ва ё талаботи амалиётӣ ба пулҳо;
2) талабот ба пулҳо аз тарафи активҳои молиявӣ.

**Талабот ба пулҳо аз тарафи муомилаҳо** ва ё талаботи амалиётӣ бо эҳтиёҷот ба пулҳо барои амалигардонии муомилаҳо, харидани мол ва хизматҳо алоқаманд аст. Пулҳои ба корхонаҳо ба сифати воситаи пардохти музди меҳнати коргарон, хариди масолеҳҳо ва таҷҳизотҳо заруранд. Барои хоҷагиҳои хонавода пулҳо барои хариди молҳои истеъмолӣ ва пардохти хизматҳо заруранд.

Пулҳои барои ин мақсадҳо зарурбуда бо худ талабот ба пулҳоро барои муомилаҳо ифода мекунад. Ҳаҷми талабот ба пулҳо барои ин мақсадҳо аз даромадҳо ва нархҳо вобаста буда, дар намуди умумӣ аз арзиши пули мол ва хизматҳо дар соҳаи муомилот вобастагӣ дорад.

Миқдори пулҳои барои амалигардонии муомилаҳо зарурбуда ва ё талаботи амалиётӣ бо сатҳи МУД – и номиналӣ муайян карда мешавад. Чи қадаре, ки даромад дар ҷамъият зиёд бошад, ҳамон қадар бисёртар амалиётҳо амалӣ карда мешавад ва барои иқтисодиёти миллӣ пулҳои зиёдтар лозим мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки талаботи амалиётӣ аз мизони фоиз вобастагӣ надорад, бинобар ҳамин ифодаи графики талабот ба пулҳо барои муомилаҳо шакли амудиро мегирад.

**Талабот ба пулҳо аз тарафи активҳои молиявӣ** аз вазифаи пулҳои ҳамчун воситаи пасандозҳо бармеояд. Ба одамон ва корхонаҳо пулҳо на танҳо барои хариди мол ва хизматҳо, балки барои дастрас намудани активҳои молиявӣ дар намуди саҳмияҳо, вомбаргҳо, инчунин барои нигоҳдории пулҳо дар намуди пасандозҳои пулӣ заруранд.

Ҳаҷми талабот аз тарафи активҳои молиявӣ аз сатҳи мизони фоизи бонкӣ барои амонатҳо вобаста аст. Аз ҳамин лиҳоз ифодаёбии графикии талабот ба пулҳо аз тарафи активҳои молиявӣ шакли каҷхаттаи хамшавии баръаксдоштаро мегирад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки талаботи умумӣ ба пулҳо аз мизони фоизи номиналӣ ва ҳаҷми номиналии МУД вобаста аст.

## 22.4. БОЗОРИ ПУЛӢ ВА МУВОЗИНАТИИ ОН.

**Бозори пулӣ** – бозори муомилаҳои кӯтоҳмуддат барои қарздиҳии пулҳо, ки муассисаҳои молиявиро (масалан бонкҳои тиҷоратиро), фирмаҳоро ва ҳукуматро бо ҳамдигар алоқаманд мекунад.

**Мувозинатӣ дар бозори пулӣ** дар нуқтаи бурриши каҷхаттаҳои талабот ва пешниҳоди пулҳо таъмин карда мешавад, ки дар ин нуқта нархи мувозинатӣ муайян карда мешавад. Мизони фоиз – ин арзиши алтернативии нигоҳдории пулҳои фоиз наоваранда мебошад.

Мувозинатӣ дар бозори пулӣ ҳаракатнок аст, яъне зери таъсири як қатор омилҳо тағйир меёбад. Фарз мекунем, ки пешниҳоди пулҳо тағйир ёфта, талабот ба пулҳо ба пулҳо бошад доимӣ боқӣ мемонанд.

Ҳангоми афзоишёбии пешниҳоди пулҳо баризофагии онҳо ба миён меояд. Одамон кӯшиш мекунанд, ки миқдори захираҳои пулии фоиз наоварандаи худро бо воситаи хариди дигар активҳои молиявӣ (масалан, вомбаргҳо) кам кунанд. Талабот ба онҳо зиёд шуда, мувофиқат нархҳо баланд мешаванд. Мизонҳои фоиз ва ё арзишҳои алтернативии нигоҳдории пулҳои фоиз наоваранда паст мешавад. Азбаски

бозоргирӣ (ликвиднокӣ) нисбатан қимат шуда, аҳолӣ ва фирмаҳо доимо миқдори пулҳои барои нигоҳдорӣ таъинот доштаи худро зиёд мекунанд ва мувозинатӣ дар бозори пулӣ дар ҳолати пешниҳоди зиёди пулҳо ва мизони фоизи камтар дастрас мешавад.

Агар пешниҳоди пулҳо зиёд шавад, он гоҳ графики пешниҳоди пулҳо ба тарафи рост гузашта, дар ҳолати талаботи тағйирнопазири пулҳо мизони фоизи мувозинат пасттар мешавад.

Ҳангоми камшавии пешниҳоди пулҳо ҷараёнҳои баръакс ба миён меояд. Агар пешниҳоди пулҳо кам шавад, он гоҳ мувозинатӣ дар бозори пулӣ дар ҳолати миқдори камтари пулҳо нисбат ба пештара ва мизони фоизи баландтар нисбат ба пештара таъмин карда мешавад.

Фарз мекунем, ки талабот ба пулҳо тағйир ёфта, пешниҳоди пулҳо бошад бетағйир мемонад. Маласан, талабот ба пулҳо дар натиҷаи афзоиши МУД – и номиналӣ зиёд мешавад. Афзоиши МУД миқдори зиёдтари пулҳоро барои таъмин намудани гардиши молҳо дар чаҳорчӯбаи иқтисодиёти миллӣ талаб мекунад, ҳамзамон аҳолӣ ва фирмаҳо нигоҳдории активҳои худро дар шакли пулӣ афзалтар меҳисобанд. Лекин ҳангоми тағйир наёфтани пешниҳоди пулҳо мувозинатӣ метавонад, танҳо дар ҳолати афзоиши нархи пулҳо (мизони фоизи номиналӣ) таъмин гардад.

Агар талабот ба пулҳо зиёд шавад, он гоҳ каҷхаттаи талабот ба пулҳо ба тарафи рост ва ба боло ҳаракат мекунад, чунки дар ҳолати пешниҳоди тағйирнопазири пулҳо мизони фоиз баланд мешавад. Дар ҳолати камшавии талабот ба пулҳо ва тағйирнопазирии пешниҳоди пулҳо ҳодисаи баръакс ба миён меояд, яъне мувозинатӣ дар бозори пулӣ дар ҳолати мизони фоизи нисбат ба пештара пастар пойдор мешавад.

Мултипликатори пулӣ (Mm) – ин нисбияти пешниҳоди пулҳо ба базаи пулӣ:

$$M_m = \frac{M_S}{M_B}, \qquad (22.2)$$

ки дар ин ҷо $M_B$ – базаи пулӣ.

Базаи пулӣ – ин пулҳои нақд берун аз низоми бонкӣ ва захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар бонки марказӣ.

Мултипликатори пулиро бо воситаи инсбияти нақдина – депозитҳо (cr) ва захираҳо – депозитҳо (rr) ифода кардан мумкин аст:

$$M_m = \frac{C + D}{C + R}, \tag{22.3}$$

ки дар ин ҷо C – пулҳои нақд; D – депозитҳо; R – захираҳо.

Ҳар як қиммати формулаи додашударо, ҳам суръат ва махраҷро ба D тақсим намуда формулаи зеринро ҳосил мекунем:

$$M_m = \frac{cr + 1}{cr + rr}, \text{ки дар ин ҷо } cr = \frac{C}{D}, rr = \frac{R}{D} \tag{22.4}$$

Мултипликатори пулӣ нишон медиҳанд, ки чи тавр пешниҳоди пулҳо ҳангоми афзоишёбии базаи пулӣ ба як воҳид тағйир меёбад. Афзоишёбии коэффитсиенти депонироӣ ва меъёри захираҳо мултипликатори пулҳо кам мешавад.

## 22.5. ҚАРЗ: ЗАРУРИЯТ, МОҲИЯТ ВА ШАКЛҲО.

**Зарурияти қарз**. Зарурияти қарз ҳамчун муносибатҳои махсус байни субъектони хоҷагидорӣ бо чунин ҳолат ба миён меояд. Аз як тараф дар иқтисодиёт доимо воситаҳои пулии муваққатан озод мавҷуданд. Дар корхонаҳо ба сифати чунин воситаҳои муваққатан озод фондҳои амортизатсионӣ, воситаҳои барои васеъшавии истеҳсолот ҷамъоварӣ шуда, воситаҳои аз сабаби номувофиқати вақти фурӯши молҳои тайёр ва вақти хариди ашё, масолеҳҳо ва ғайраҳо баромад мекунанд. Дар аҳолӣ ва ташкилотҳои ғайритҷоратӣ ба сифати чунин воситаҳо пасандозҳо баромад мекунанд. Аз тарафи дигар дар иқтисодиёт ҳамавақт эҳтиёҷотҳо барои воситаҳои иловагӣ ҷой дорад, ки бо васеъгардонӣ ва азнавсозии истеҳсолот, саривақт пардохт намудани музди меҳнат, барои харидҳои калонҳаҷми аҳолӣ, оғоз намудани кори нав ва ғайраҳо

алоқаманданд. Раҳои аз чунин зиддият дар пешкаш намудани қарз мебошад.

**Моҳияти қарз**. Қарз (аз калимаи kreditum – қарз гирифта шудааст) – ин пешкаш намудани пулҳо барои қарз бо шартҳои кафолатноки бозгашт, мӯҳлатнокӣ ва пардохтнокӣ мебошад. Шахси пулҳоро ба қарз медода, қарздиҳандаи шахси қарзгиранда ба ҳисоб меравад. Пулгиранда бошад ба қарз гиранда мубаддал мешавад. Барои истифодабарии қарз фоиз пардохт карда мешавад.

Муомилаи қарзӣ бо ду ҷиҳатҳои асосӣ тавсиф карда мешавад. Якум, байни пешкаш намудан ва баргашта гирифтани он фосилаи вақти муайян сипарӣ мегардад. Дуюм, дар асоси муомила боварии як иштирокчии муомила ба дигар иштирокчии он оид ба қобилияти баргардонидани қарз хобидааст. Бинобар ҳамин дар худи истиллоҳи «қарз» алоқаи калимаи лотинӣ «credere» - боварӣ ба назар мерасад.

Пеш аз пешкаш намудани қарз, қарздиҳанда қобилияти қарзгирандаро муайян мекунад. Ҳуқуқҳои қарзгиранда оид ба амалигардонии муомилаҳои қарзӣ, обрӯ ӯ, устувории молиявӣ, қобилияти ба даст овардани даромад, мавҷудияти таъминоти қарзӣ, кафолат, инчунин сарчашмаи рӯйпӯш намудани қарз муайян карда мешавад.

**Шаклҳои қарз**. Ду шакли асосии қарзро фарқ мекунанд: тиҷоратӣ ва бонкӣ. Қарзи тиҷоратӣ (молӣ) аз тарафи як корхонаи ғайрибонкӣ ба дигар корхонаи ғайрибонкӣ дар намуди фурӯши молҳо бо пардохти минбаъда пешкаш карда мешавад. Одатан, қарзи тиҷоратӣ бо воситаи вексел ба расмият дороварда мешавад. Фоиз барои чунин қарз ба нархи мол ва маблағи вексел ҳамроҳ карда мешавад. **Қарзи бонкӣ** аз тарафи институтҳои қарзию – молиявӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ дар намуди қарзҳои пулӣ пешкаш карда мешавад. Ин шакли қарз аз ҳудудҳои қарзи тиҷоратӣ аз рӯи ҳаҷм, мӯҳлат, самтҳо ва соҳаҳои истифодабарӣ фарқият дорад, зеро қарзи бонкӣ натанҳо гардиши молҳо, балки андӯхти капиталро таъмин мекунад.

Шаклҳои дигари паҳнгаштаи қарз ин қарзи истеъмолӣ, қарзи давлатӣ, қарзи байналхалқӣ, қарзи байнихоҷагӣ, қарзи ипотекӣ мебошанд.

**Фоиз ҳамчун пардохт барои қарз**. Фоиз бо маънои маҳдуд ва васеъ маънидод карда мешавад. Бо маънои маҳдудаш фоиз ҳамчун пардохт барои қарз дарк карда мешавад. Бо маънои васъеаш фоиз бо даромадҳое, ки дар натиҷаи истифодабарии омили истеҳсолоти капитал ба даст оварда мешавад, дарк карда мешавад. Агар қарз дар шакли пулӣ пешкаш карда шавад, он гоҳ фоиз шартан ҳамчун нархи пулҳо баромад мекунад.

**Мизони (меъёри) фоиз** – ин нисбияти даромад ба капитали ба қарз пешкаш шуда бо ифодаи фоиз мебошад. Бояд мизони фоизи номиналӣ ва аслиро аз ҳамдигар фарқ кард.

**Мизони фоизи номиналӣ** – ин мизони бозории ҷорӣ, ки суръати таваррумро ба назар намегирад.

**Мизони фоизи аслӣ** суръати таварруморо ба назар мегирад.

Иқтисодчӣ – математики америкоӣ И. Фишер ақидаеро пешкаш карда, ки дертар самараи Фишер номида шудааст. Мувофиқи ин ақида, мизони фоизи номиналӣ дар ҳолати тағйирёбии сатҳи нархҳо чунон тағйир меёбад, ки мизони фоизи аслӣ тағйир намеёбад. Самараи Фишерро бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст:

$$I = r + \pi^*, \tag{22.5}$$

ки дар ин ҷо: I – мизони фоизи номиналӣ; r – мизони фоизи аслӣ; π* - суръати пешбинишавандаи таваррум.

Ҳамин тавр, мизони фоизи аслӣ бо воситаи кам намудани мизони фоизи номиналӣ ба суръати пешбинишавандаи таваррум ҳосил карда мешавад.

## 22.6. НИЗОМИ БОНКӢ ВА СОХТОРИ ОН.

Аз нуқтаи назари институтсионалӣ, низоми пулию – қарзӣ бо худ маҷмӯи муассисаҳои асъорӣ–молиявиро ифода мекунад, ки аз тарафи давлат ба мақсадҳо танзими иқтисодиёт фаъолона истифода мешаванд.

**Намудҳои низоми бонкӣ**. Таърихан якчанд намуди низоми бонкии мамлакатҳои гуногун маълуманд:

- низоми бонкии дусатҳа (бонки марказӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ);
- низоми марказонидашудаи монобонкӣ;
- низоми бонкии уникалии ғайримарказонидашуда (НХФ ИМА).

**Низоми бонкии дусатҳа**. Дар аксарияти мамлакатҳо низоми бонкии дусатҳа амал мекунад. Сатҳи якумро бонки марказӣ, яъне бонки бонкҳо ташкил мекунад. Сатҳи дуюм ин бонкҳои тиҷоратӣ.

Бонки марказӣ як қатор вазифаҳои заруриро иҷро мекунад, ки аз байни онҳо чунин вазифаҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1) эмиссияи пулҳо;
2) нигоҳдории захираҳои тиллоӣ – асъории давлат;
3) нигоҳдории фондҳои захиравии дигар муассисаҳои қарзӣ;
4) танзими пулию – қарзии иқтисодиёт;
5) дастгирӣ намудани қурби мубодилавии асъори миллӣ;
6) қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ ва амалигардонии хизматрасонии кассавии муассисаҳои давлатӣ;
7) амалигардонии ҳисобҳо ва амалиётҳои интиқолӣ;
8) назорат аз болои фаъолияти муассисаҳои қарзӣ.

**Бонкҳои тиҷоратӣ** бо худ марказҳои асосии «нобаробари» низоми пулию – қарзиро ифода мекунанд. Бонки тиҷоратии муосир муассисаи қарзӣ – молиявии характери универсалӣ дошта мебошад. Дар давраи муосир бонкҳои тиҷоратӣ натанҳо бо таъмини амалиётҳои бо мубодилаи молӣ алоқамандбуда сару кор дорад, балки ба мизоҷони худ як қатор хизматҳои бонкиро пешкаш мекунад.

**Амалиётҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ**. Бонкҳои тиҷоратӣ ду намуди асосии амалиётҳоро иҷро мекунанд: **пассивӣ** – ин ҷалб намудани депозитҳо ва **активӣ** – амалиётҳо оид ба пешкаш намудани қарзҳо. Ба ғайр аз ин бонкҳои тиҷоратӣ чунин амалиётҳоро низ амалӣ мегардонанд: амалиётҳои ҳисобӣ – хазинагӣ; амалиётҳои боваринокӣ (трастӣ); амалиётҳои байнибонкӣ; амалиётҳои бо қоғазҳои қимматнок; амалиётҳо бо асъори хориҷӣ.

Сарчашмаи асосии фондҳои бонкӣ, ки барои қарздиҳӣ пешкаш шуда метавонанд депозитҳои то талабӣ (воситаҳои дар ҳисобҳои ҷорӣ мавҷудбуда) мебошанд. Дар тамоми дунё бонкдорон дарк намуданд, ки фондҳои ҳамарӯзаи бозоргир бояд тақрибан 10% маблағи умумии воситаҳои дар бонк гузоштащударо ташкил карданашон зарур аст, чунки шумораи мизоҷони пулҳоро аз ҳисобҳои худ мегирифта одатан ба шумораи мизоҷони пул гузошта баробаранд.

Бонкҳо ба қарздиҳӣ шурӯъ карда ба низоми захиракунии қисмӣ гузаштанд. Захиракунии қисмӣ дар назар дорад, ки танҳо қисми амонатҳо дар намуди захираҳо нигоҳ дошта шуда, қисми боқимондаи он бошад, барои қарздиҳӣ истифода мешавад.

**Меъёри захиракунӣ (rr)** – ин ҳиссаи амонатҳо, ки онро барои қарздиҳӣ истифода бурдан мумкин нест.

$$rr = \frac{R}{D} \tag{22.6}$$

Дар ибтидои асри XX аз сабаби номӯтадилии низоми бонкӣ, бӯҳронҳои зиёди бонкӣ ва муфлисшавии бонкҳои тиҷоратӣ, вазифаи ҷорӣ намудани меъёри захираи бонкиро бонки марказӣ ба зиммаи худ гирифт, ки ба ӯ имконияти назоратро аз болои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ фароҳам меоварад (дар ИМА ин ҷараён соли 1914 ба миён омада буд). Меъёри захираҳои бонкӣ **«меъёри захираҳои ҳатмӣ»** номида шуд.

Меъёри захираҳои ҳатмӣ бо худ ҳиссаи бо фоиз ифода ёфтаи депозитҳоро ифода мекунад, ки онро бонкҳои тиҷоратӣ барои қарздиҳӣ истифода бурданашон номумкин аст. Захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ дар намуди амонатҳои бефоиз нигоҳ дошта мешаванд.

Агар бонк ҳама ин воситаҳоро ба қарз пешкаш кунад, он гоҳ ин ҳолат дар назар дорад, ки бонк имкониятҳои қарзии худро пурра истифода мебарад. Лекин бонк метавонад қисми воситаҳои ба қарз пешкаш карда метавонистаро бо хоҳиши худ дар намуди захираҳо нигоҳ дорад. Чунин захираро, одатан захираҳои баризофагӣ (**R**баризофагӣ)меноманд. Ҷамъи захираҳои ҳатмӣ ва баризофагии бонк захираҳои аслии бонкро ташкил мекунанд.

**Нақши бонкҳои тиҷоратӣ дар эмиссияи пулҳо**. Эмиссия гуфта, одатан барориши миқдори иловагии пулҳоро барои муомилот дар назар доранд. Эмиссияи пулҳои нақдро бонкӣ марказӣ амалӣ мегардонад. Лекин қисми зиёди массаи пулӣ бо воситаи васеъшавии қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ амал мекунад. Ҷараёни таъсисёбии пулҳо аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ васъешавии қарзӣ ва ё мултипликатсияи қарзӣ номида мешавад.

Ҷараёни номбурда дар ҳолате ба миён меояд, ки агар ба соҳаи бонкӣ пулҳои нақд ворид шуда, депозитҳои бонкҳои тиҷоратӣ зиёд шаванд, яъне агар пулҳои нақд ба пулҳои ғайринақд мубаддал шаванд. Агар андозаи депозитҳо кам шавад (мизоҷон пулҳои худро аз ҳисобҳои худ бозгашта гиранд), он гоҳ ҷараёни баръакс, яъне маҳдудшавии қарзӣ ба миён меояд.

**Мултипликатори бонкӣ**. Бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд пулҳоро танҳо дар шароити низоми захиракунии қисмӣ ба вуҷуд оваранд. Ҷараёни васеъшавии депозитӣ аз лаҳзаи қарз додани бонк оғоз меёбад.

Зиёдшавии ҳадди аксари пешниҳоди пулҳо дар ҳолатҳои зерин ба миён меоянд:

- **агар бонкҳои тиҷоратӣ** захираҳои баризофагии худро нигоҳ надошта, онҳоро ба пуррагӣ барои қарздиҳӣ истифода баранд, яъне агар имкониятҳои қарзии худро ба пуррагӣ истифода баранд ва меъёри захиракунӣ ба меъёри захиракунии ҳатмӣ баробар бошад;
- агар пулҳо ба соҳаи бонкӣ ворид шуда, онро тарк накунанд, яъне пулҳои ба қарз додашуда дар намуди нақдӣ нигоҳ дошта нашуда, ба низоми бонкӣ баргарданд (ба ҳисоби бонкӣ гузаронида шаванд). Фарз мекунем, ки меъёри захираи ҳатмӣ ба 20% баробар буда, бонкҳо ба пуррагӣ имкониятҳои қарзии худро истифода мебаранд, бинобар ҳамин меъёри захиракунӣ ба меъёри захиракунии ҳатмӣ баробар аст. Агар ба бонки I депозит дар ҳаҷми 1000 сомонӣ ворид шавад, он гоҳ ин бонк бояд 200 сомониро ба захираи ҳатмӣ мегузорад ва имкониятҳои қарзии ӯ 800 сомониро ташкил мекунад. Агар бонки I тамоми ин маблағро барои қарздиҳӣ истифода барад, он гоҳ тавозуни бонк дар натиҷа чунин намудро мегирад:

**Тавозуни бонки I**

| Активҳо | Пассивҳо (ӯҳдадориҳо) |
|---|---|
| Захираҳо: $R_{ҳатмӣ}$ = 200 сомонӣ<br>Қарзҳо: K = 800 сомонӣ | Депозитҳо: D = 1000 |

Массаи пулӣ, ки бо формулаи M = C+D ҳисоб карда мешавад, 1800 сомониро ташкил мекунад (1000 сомонии ба депозит гузошта шуда ва 800 сомонии нақдинае, ки аз тарафи бонк ба қарз дода шудааст). Ҳамин тавр асоси зиёдшавии массаи пулӣ ин қарздиҳӣ аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ мебошад.

Воситаҳои ба даст овардаро (800 сомониро) мизоҷ барои хариди молҳои зарурӣ истифода мебарад (фирма барои молҳои инвеститсионӣ, хоҷагиҳои хонавода барои хариди хонаи истиқоматӣ ва дигар молҳои истеъмолӣ), ки барои фурӯшанда даромадро ба вуҷуд меоранд, ки дар навбати худ ин даромад ба суратҳисоби фурӯшанда (масалан ба бонки II) мегузарад. Бонки II депозитро дар ҳаҷми 800 сомонӣ ба даст оварда ба захираи ҳатмӣ 160 сомониро итиқол мекунад ва имкониятҳои қарзии ӯ 640 сомониро ташкил мекунанд. Агар бонки II ин маблағро барои қарздиҳӣ иситфода барад, дар натиҷа тавозуни он чунин намудро мегирад:

**Тавозуни бонки II**

| Активҳо | Пассивҳо (ӯҳдадориҳо) |
|---|---|
| Захираҳо: $R_{ҳатмӣ}$ = 160 сомонӣ<br>Қарзҳо: K = 640 сомонӣ | Депозитҳо: D = 800 |

Ин маблағро ба қарз дода, бонк массаи пулиро боз ба 640 сомонӣ зиёд мекунад ва дар натиҷа массаи пулӣ 2440 сомониро ташкил мекунад (1000 сомонии депозити бонки I + 800 сомонӣ, 800 сомонии депозит дар бонки II+640 сомонии аз тарафи бонки II ба қарз дода шуда). Қарзи гирифташуда ба мизоҷи бонки II имконият медиҳад, ки ба маблағи 640 сомонӣ харидро амалӣ гардонад ва ҳамзамон фурӯшанда дар ҳаҷми 640 сомонӣ даромад мегирад. Даромади фурӯшанда дар ҳаҷми 640 сомонӣ дар намуди депозит ба суратҳисоби ин фурӯшанда дар бонки III ворид мешавад. Захираҳои ҳатмии бонки III 128 сомониро ташкил карда, имкониятҳои қарзии он бошад ба 512 сомонӣ баробар мешавад. Тавозуни бонки III чунин намуд дорад:

**Тавозуни бонки III**

| Активҳо | Пассивҳо (ӯҳдадориҳо) |
|---|---|
| Захираҳо: $R_{ҳатмӣ}$ = 128 сомонӣ<br>Қарзҳо: K = 512 сомонӣ | Депозитҳо: D = 640 |

Ба ин маблағ қарзро пешкаш намуда, бонки III – ум барои зиёд намудани имкониятҳои қарзии бонки IV дар ҳаҷми 409,6 сомонӣ, бонки V дар ҳаҷми 327,68 сомонӣ ва ғайра замина мегузорад.

Маблағи умумии пулҳои (ҷамъи депозитҳои бонкҳои I, II, III, IV, V ва ғайраҳо) дар низоми бонкӣ мавҷуд буда чунин муайян шуданаш мумкин аст:

**M=1000+800+640+512+409,6+327,68+…**

Аз ин ҷо ҷамъи беохири прогрессияи геометрии камшавандаро бо махраҷи (1 – rr <1) ҳосил мекунем, ки бо баробари зерин ифода карда мешавад:

$$M = D \times \frac{1}{1-(-rr} = D \times \frac{1}{rr} \qquad (22.7)$$

Дар мисоли мо M=1000×1/0,2=1000×5=5000 мебошад. Ҳамин тавр, агар депозитҳои бонкҳои тиҷоратӣ зиёд шаванд, он гоҳ массаи пулӣ бо дараҷаи зиёдтар афзоиш меёбад, яъне самараи мултипликатор амал мекунад.

Бузургии $\frac{1}{rr}$ мултипликатори бонкӣ (қарзӣ) ва ё васеъшавии мултипликативии депозитӣ номида мешавад:

$$mult_{бонк} = \frac{1}{rr} \qquad (22.8)$$

Мултипликатори бонкӣ маблағи умумии депозитҳоро нишон медиҳад, ки низоми бонкӣ аз ҳар як воҳиди пулии дар ҳисоби бонкӣ тиҷоратӣ гузошта шуда таъсис дода метавонад:

$$mult_{бонк} = \frac{M}{D} \qquad (22.9)$$

Дар мисоли мо ҳар як сомонии депозити ибтидоӣ дар ҳисобҳои бонкӣ5 сомониро таъмин мекунад:

$$M = D \times mult_{бонк} \qquad (22.10)$$

Мултипликатор ба ҳар ду тараф амал мекунад: агар пулҳо ба низоми бонкӣ ворид шаванд массаи пулӣ (депозитҳо) зиёд шуда, дар ҳолати берун шудани пулҳо аз низоми бонкӣ массаи пулӣ кам мешавад. Азбаски одатан дар иқтисодиёт пулҳо якбора ба бонкҳо гузошта шуда, аз ҳисобҳо гирифта мешаванд,

бинобар ҳамин массаи пулӣ ба таври куллӣ тағйир ёфтанаш номумкин аст.

Чунин тағйирёбӣ танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки агар бонки марказӣ меъёри захираи ҳатмиро тағйир диҳад, ин амал ба имкониятҳои қарзии бонкҳо ва андозаи мултипликатори бонкӣ таъсир мерасонад.

Бо воситаи мултипликатори бонкӣ натанҳо ҳаҷми массаи пулӣ (M), балки тағйироти онро (ΔM) ҳисоб кардан мумкин аст. Азбаски ҳаҷми массаи пулӣ аз пулҳои нақд ва воситаҳои дар ҳисобҳои ҷории бонкҳои тиҷоратӣ мавҷуд буда иборат мебошанд (M=C+D), бинобар ҳамин ба депозити бонки I пулҳо (1000 сомонӣ) аз соҳаи муомилот ворид мешаванд, яъне ин пулҳо қисми массаи пулиро ташкил карда, танҳо азнавтақсимкунии воситаҳо байни C ва D ба миён омад.

Мувофиқан, массаи пулӣ дар натиҷаи ҷараёни васеъшавии депозитии (мултипликатсия) ба 4000 сомонӣ зиёд шуданд ($\Delta M = M - D_1 = 5000 - 1000 = 4000$), яъне бонкҳои тиҷоратӣ пулҳоро айнан ба ҳамин маблағ бо шарофати қарздиҳӣ таъсис доданд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки тағйирёбии пешниҳоди пулҳо аз ду омилҳо вобаста аст:

- ҳаҷми захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва қарзҳои додашуда;
- ҳаҷми мултипликатори бонкӣ.

Ба яке аз омилҳои номбурда ва ҳардуи онҳо таъсир расонида, бонки марказӣ бо воситаи сиёсати пулию–қарзӣ (монетарӣ) метавонад ҳаҷми пешниҳоди пулҳоро тағйир диҳад.

## 22.7. ФИШАНГҲОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ – ҚАРЗӢ.

**Моҳият ва мақсадҳои сиёсати монетарӣ**. Сиёсати монетарӣ маҷмӯи чораҳоро оид ба танзими бозори пулӣ бо мақсади мӯътадилгардонии иқтисодиёт дар назар дорад. Бинобар ҳамин сиёсати монетарӣ намуди сиёсати мӯътадилгардонӣ (зиддисиклӣ) ба ҳисоб меравад. Ин сиёсат ба мӯътадилгардонии тағйиротҳои сиклии иқтисодиёт равона карда шуда, барои таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт пеш аз ҳама дар давраи кӯтоҳмуддат пешбинӣ шудааст.

**Мақсади сиёсати монетарӣ дар ин иборат аст:**

- таъмини сатҳи мӯътадили барориши умумии МУД;
- таъмини шуғли пурраи захираҳо;
- нигоҳдории мувозинатии тавозуни пардохт.

Сиёсати монетариро бонки миллӣ муайян ва амалӣ мегардонад.

**Мақсадҳои тактикии (самтҳои мақсадҳои) сиёсати монетарии бонки марказӣ инҳо баромад мекунанд:**

- назорат аз болои пешниҳоди пулҳо (массаи пулӣ);
- назорат аз болои мизони фоиз;
- назорат аз болои қурби воҳиди асъори миллӣ.

Тағйирёбии пешниҳоди пулҳоро (ΔМ) бонки марказӣ метавонад бо воситаи таъсиррасонӣ ба захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ (R) ва мувофиқан ба имкониятҳои қарзии онҳо (К) ва мултипликатори бонкӣ ($mult_{бонк}$) амалӣ гардонад.

$$\Delta M = K \times mult_{бонк} \quad (22.11)$$

**Фишангҳои сиёсати пулию – қарзӣ**. Ба фишангҳои сиёсати монетарӣ, ки ба бонки марказӣ имконияти назорати ҳаҷми массаи пулиро фароҳам меоварад инҳо дохил мешаванд:

- тағйирёбии меъёри захираҳои ҳатмӣ;
- тағйирёбии мизони ҳисобии фоиз;
- амалиёт дар бозори кушод.

**Тағйирёбии меъёри захираҳои ҳатмӣ**. Захираҳои ҳатмӣ – ин қисми депозитҳои бонкҳои тиҷоратӣ, ки онҳоро бонкҳо барои қарздиҳӣ истифода бурдан ҳуқуқ надоранд ва ин захираҳо бояд ҳатман дар намуди амонатҳои бефоиз дар бонки марказӣ нигоҳ дошта шаванд.

Ҳаҷми захираҳои ҳатмӣ мувофиқи меъёри захираҳои ҳатмӣ муайян карда мешаванд, ки аз тарафи бонки марказӣ дар намуди фоиз аз маблағи умумии депозитҳои бонкҳои тиҷоратӣ муқаррар карда мешавад:

$$R_{ҳатмӣ} = D \times rr_{ҳатмӣ} \quad (22.12)$$

Барои ҳар як намуди депозит (тоталабӣ, пасандозӣ, мӯҳлатнок) меъёри захираи ҳатмии алоҳида ҷорӣ карда мешавад. Ҳамзамон чи қадаре, ки дараҷаи бозоргирии депозит баланд бошад, ҳамон қадар меъёри захираи ҳатмӣ зиёд мешавад. Масалан, барои депозитҳои тоталабӣ меъёри захираҳои ҳатмӣ нисбат барои депозитҳои мӯҳлатнок баландтар мебошад.

Агар бонки марказӣ меъёри захираҳои ҳатмиро баланд кунанд, он гоҳ пешниҳоди пулҳо аз ду сабаб кам мешавад:

**якум**, захираҳо ва мувофиқан имкониятҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ кам мешаванд, чунки дар ҳолати афзоишёбии меъёри захираи ҳатмӣ маблағи захираҳои ҳатмие, ки бонки тиҷоратӣ барои қарз додан ҳуқуқ надорад зиёд мешаванд;

**дуюм**, меъёри захираи ҳатмӣ андозаи мултипликатори бонкиро муайян мекунад.

Дар натиҷа, то ҳатто тағйирёбии наонқадар назаррасӣ меъёри захираҳои ҳатмӣ метавонад ба тағйирёбии назаррас ва пешбининашавандаи массаи пулӣ оварда расонад. Масалан, агар маблағи депозитҳо дар бонки тиҷоратӣ 1000 сомониро ташкил кунад, он гоҳ ҳалоти меъёри захираҳои ҳатмӣ ба 10% баробар будан ($rr_{ҳатмӣ}$ = 0,1) тағйирёбии пешниҳоди пулҳо чунин мешавад:

$$\Delta M = K \times \text{mult}_{\text{бонк}} = 900 \times 10 = 9000,$$

Ҳангоми меъёри захираҳои ҳатмӣ ба 12,5 ($rr_{ҳатмӣ}$=0,125) баробар будан, тағйирёбии пешниҳоди пулҳо чунин мешавад:

$$\Delta M = K \times \text{mult}_{\text{бонк}} = 875 \times 8 = 7000$$

Тағйирёбии меъёри захираҳои ҳатмӣ танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки агар бонки марказӣ барои васъекунӣ ва ё маҳдудкунии массаи пулӣ дар мамлакат кӯшиш намояд.

**Тағйирёбии мизони ҳисобии фоиз**[8]. Мизони ҳисобии фоиз – ин мизони фоизе, ки бо он бонки марказӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳоро пешкаш мекунад.

Бонкҳои тиҷоратӣ аз бонки марказӣ дар ҳолате қарз мегиранд, ки агар бо пурра намудани фаврии захираҳо ва ё барои аз ҳолати душвори молиявӣ раҳоӣ ёфтан даст мезананд.

Воситаҳои пулие, ки бо воситаи қарзи бонки марказӣ бо мизони ҳисобии фоиз дастрас карда мешаванд, асоси афзоишёбии мултипликативии массаи пулиро ташкил мекунанд.

Бонкҳои тиҷоратӣ мизони ҳисобии фоизро ҳамчун хароҷотҳои бо дастрас намудани захираҳо мушоҳида мекунанд.

---

[8] Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои ИДМ мизони ҳисобии фоиз, мизони бозтамвилӣ номида мешавад.

Чи қадаре, ки мизони ҳисобии фоиз баланд бошад, ҳамон қадар бонкҳои тиҷоратӣ аз бонки марказӣ камтар қарз мегиранд, бинобар ҳамин ҳаҷми захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ кам мешавад. Чи қадаре, ки имкониятҳои қарзии бонкҳо хурд бошад, ҳамон бонкҳо камтар қарз медиҳанд ва мувофиқан массаи пулӣ кам мешавад.

Агар мизони ҳисобии фоиз паст шавад, он гоҳ бонкҳои тиҷоратӣ аз бонки марказӣ барои захираҳои худӣ бисёрат қарз мегиранд. Дар натиҷа имкониятҳои қарзӣ васеъ шуда, ҷараёни афзоишёбии мултипликативии массаи пулӣ ба миён меояд, ки тағйирёбии он бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\Delta M = K \times mult_{\text{бонкӣ}} = K \times \frac{1}{rr} \qquad (22.13)$$

Нисбат ба таъсиррасонӣ ба пешниҳоди пулҳо, тағйирёбии меъёри захираи ҳатмӣ, тағйирёбии мизони ҳисобии фоиз танҳо ба ҳаҷми захираҳо ва мувофиқан ба имкониятҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонад, бо вуҷуди ин мултипликатори бонкӣ тағйир намеёбад.

Мизони фоиз ҳамчун нархи пулҳо баромад карда, дар бозори пулӣ нисбат ба талабот ба пулҳо ва пешниҳоди пулҳо таъсис меёбад.

Мизони фоизи мувозинат – ин мизони фоизе, ки дар он талабот ба пулҳо ба пешниҳоди пулҳо баробар аст. Вақте, ки бонки марказӣ мизони ҳисобии фоизро паст мекунад, дар ин ҳолат массаи пулӣ зиёд шуда, дар натиҷа мизони фоизи бозорӣ паст мешавад.

Бинобар ҳамин тоҳатто агар бонки маркази танҳо оид ба имконияти баланд намудани мизони ҳисобии фоиз қарор қабул кунад, он гоҳ агентҳои иқтисодӣ дарк мекунанд, ки ин ҷорабинӣ ҳатман ба камшавии массаи пулӣ оварда мерасонад. Дар натиҷа иқтисодиёт ба ин ҳодиса ҳиссиёт зоҳир карда, бонкҳои тиҷоратӣ мизони фоизро барои қарзҳои худ баланд мекунанд ва пулҳо «қиммат» шуда, массаи пулӣ кам мешавад.

**Амалиётҳо дар бозори кушод**. Ин фишанги сиёсати монетарӣ нисбатан воситаи зарурӣ ва фаврии назорат аз болои массаи пулӣ дар мамлакатҳои тараққикарда ба ҳисоб меравад.

Амалиётҳо дар бозори кушод хариду – фурӯши қоғазҳои қиматнокро аз тарафи бонки марказӣ дар бозори

дуюминдараҷаи қоғазҳои қиматнок дар назар дорад (фаъолияти бонки марказӣ дар бозорҳои аввалиндараҷаи қоғазҳои қиматнок одатан аз тарафи қонун манъ карда шудааст).

Объекти амалиётҳо дар бозори кушод асосан векселҳои хазинагӣ ва вомбаргҳои давлатии кӯтоҳмуддат баромад мекунанд.

Бонки марказӣ қоғазҳои қиматноки давлатиро ба бонкҳои тиҷоратӣ, аҳолӣ, хоҷагиҳои хонавода ва фирмаҳо мефурӯшад ва мехарад.

Хариди вомбаргҳои давлатӣ аз тарафи бонки марказӣ аз бонкҳои тиҷоратӣ, аҳолӣ ва фирмаҳо захираҳои бонкҳои тиҷоратиро зиёд карда, ба афзоишёбии пешниҳоди пулҳо сабаб мешавад.

Лекин амалиётҳо дар бозори кушод, ба монанди тағйирёбии мизони ҳисобии фоиз ба тағйирёбии пешниҳоди пулҳо бо воситаи таъсиррасонӣ ба ҳаҷми захираҳо ва имкониятҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонад. Тағйирёбии андозаи мултипликатори бонкӣ ба миён намеояд.

Хариди қоғазҳои киматнок аз тарафи бонки марказӣ ҳамчун воситаи таъсиррасонии фаврӣ ба ҳолати иқтисодӣ дар давраи пастравӣ истифода мешавад. Агар иқтисодиёт «тасфон» бошад, он гоҳ бо мақсадҳои мубориза бо таваррум бонки марказӣ қоғазҳои киматноки давлатиро дар бозори кушод мефурӯшад. Ин ҳолат имкониятҳои қарзии бонкҳои тиҷоратиро маҳдуд мекунад, зеро захираҳои онҳо кам шуда, ба камшавии мултипликативии массаи пулӣ сабаб мешавад.

Имконияти амалигардонии амалиётҳо дар бозори кушод бо он асоснок карда мешавад, ки хариду – фурӯши қоғазҳои қиматноки давлатӣ аз тарафи бонки марказӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ ва аҳолӣ фоидаовар мебошад.

Агар бонки марказӣ мақсади кам намудани пешниҳоди пулҳоро дошта бошад, он гоҳ ӯ қоғазхои қиматноки давлатиро мефурӯшад. Пешниҳоди қоғазҳои қиматнок зиёд шуда, нархи онҳо паст мешавад. Нархҳои паст ба вомбаргҳои давлатӣ хариди онҳоро барои бонкҳои тиҷоратӣ ва аҳолӣ манфиатбахш мекунанд. Ва баръакс, агар бонки маркази оид ба зиёд намудани пешниҳоди пулҳо қарор қабул кунад, он гоҳ хариди қоғазҳои

қиматноки давлатиро оғоз мекунад. Талабот ба қоғазҳои қиматнок зиёд мешавад, бинобар ҳамин нархи онҳо баланд мешаванд. Соҳибони вомбаргҳои давлатӣ ин қоғазҳоро ба бонки марказӣ мефурӯшанд, чунки ин амалиёт барои ба даст овардани даромад аз ҳисоби фарқи байни нархи нисбатан пасттари хариди вомбаргҳо ва нархи баландтари ҷоришудаи онҳо имконият медиҳад.

Аз ин гуфта бар меояд, ки воридшавиҳо (инексияҳо) ба захираҳои бонкӣ, ҳамчун натиҷаи харид ва ҷоришавиҳо аз захираҳои бонкӣ ҳамчун натиҷаи фурӯши қоғазҳои қиматнок аз тарафи бонки марказӣ ба ҳиссиёти фаврии низоми бонкӣ оварда мерасонад, ки нисбат ба дигар фишангҳои сиёсати монетарӣ амали аниқтар дорад, бинобар ҳамин амалиётҳои дар бозори кушод тарзи самаранок, фаврӣ ва чандири таъсиррасонӣ ба ҳаҷми пешниҳоди пулҳо ба ҳисоб меравад.

**Танзими асъорӣ**. Танзими асъорӣ, ҳамчун фишанги сиёсати пулию – қарзӣ аз тарафи бонки марказӣ аз солҳои 30-уми асри XX ҳамчун ҳиссиёт ба «фирори капитал» аз мамлакат дар шароитҳои бӯҳронҳои иқтисодӣ ва депрессияи Бузург истифодабарии худро оғоз кард.

Танзими асъорӣ гуфта, идоракунии ҷараёнҳои асъорӣ, пардохтҳои беруна ва таъсисёбии қурби воҳиди асъори миллиро дар назар доранд.

Ба қурби асъор омилҳои зиёде таъсир мерасонанд: ҳолати тавозуни пардохт, содирот ва воридот, ҳиссаи савдои беруна дар МУД, касрати буҷет ва сарчашмаҳои рӯйпӯшкунии он, ҳолати иқтисодӣ ва сиёсӣ.

Қурби асъори аслӣ дар шароитҳои конкретӣ дар натиҷаи пешниҳоди озод оид ба хариду – фурӯши асъор дар биржаҳои асъорӣ муайян шуданаш мумкин аст.

Низоми самараноки танзими асъорӣ интервенсияи асъорӣ мебошад. Интервенсия дар назар дорад, ки бонки марказӣ ба амалиётҳои бозори асъорӣ бо мақсади таъсиррасонӣ ба қурби асъори миллӣ бо роҳи хариду – фурӯши асъори хориҷӣ дахолат мекунад.

Барои баланд намудани қурби асъори миллӣ бонки марказӣ асъори хъориҷиро мефурӯшад ва барои паст намудани

қурби асъори миллӣ бошад бонки марказӣ асъори хориҷиро бар ивази асъори миллӣ мехарад.

Бонки марказӣ интервенсияҳои асъориро барои он амалӣ мегардонад, ки қурби асъори миллиро ба қобилияти харидории он наздик кунад ва ҳамзамон байни манфиатҳои содиркунандагон ва воридкунандагон тафовутҳоро аз байн барад.

Дар паст намудани қурби асъори миллӣ фирмаҳои содиркунанда манфиатдор буда, онҳо қисми асосии баромадҳои асъориро таъмин мекунанд. Дар баланд намудани қурби асъори миллӣ корхонаҳое, ки ашё, масолеҳ ва дигар лавозимотҳои истеҳсолиро аз хориҷа дастрас мекунанд манфиатдор мебошанд, ки маҳсулотҳои онҳо нисбат ба маҳсулотҳои хориҷӣ рақобатпазир нестанд.

**Намудҳои сиёсати монетарӣ**. Ду намуди сиёсати монетариро фарқ мекунанд: ҳавасмандгардонӣ ва боздоранда.

Сиёсати монетарии ҳавасмандгардонанда дар давраи пастравӣ амалӣ карда шуда, мақсади солимгардонии иқтисодиё, ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти корӣ, мубориза бар зидди бекорӣ ва ғайраҳоро дорад.

**Сиёсати монетарии ҳавасмандгардонӣ** маҷмӯи чораҳоро барои зиёд намудани пешниҳоди пулҳо дар назар дорад, ба монанди:

- паст намудани меъёри захираи ҳатмӣ;
- паст намудани мизони ҳисобии фоиз;
- хариди қоғазҳои қиматноки давлатӣ аз тарафи бонки марказӣ.

Сиёсати монетарии боздоранда дар давраи болоравӣ, яъне ҳолати тасфони иқтисодиёт истифода шуда, ба паст намудани фаъолияти корӣ бо мақсади мубориза ба зидди таваррум амалӣ карда мешавад.

**Сиёсати монетарии боздоранда** дар истифодабарии чораҳои бонки марказӣ асос меёбад, ки барои кам намудани пешниҳоди пулҳо равона карда мешаванд, алалхусус:

- баланд намудани меъёри захираи ҳатмӣ;
- баланд намудани мизони ҳисобии фоиз;
- фурӯши қоғазҳои қиматноки давлатӣ аз тарафи бонки марказӣ.

Афзоиши пешниҳоди пулҳо ба зиёдшавии маҷмӯи талабот оварда мерасонад. Ин ҷараён афзоиши бароришро то ҳаҷми имконпазир таъмин мекунад ва мувофиқан ҳамчун воситаи бартараф намудани ретсессия ва истифодабарии захираҳо дар сатҳи шуғли пурраи онҳо хизмат мекунад.

Камшавии пешниҳоди пулҳо маҷмӯи талаботро кам мекунад, ки пастшавии сатҳи нархҳо (бинобар ҳамин ҳамчун чораи зиддитаваррумӣ хизмат мекунад) ва бозгашти ҳаҷми бароришро ба сатҳи имконпазири худ таъмин мекунад.

**Таъсири сиёсати монетарӣ ба иқтисодиёт**. Механизми таъсиррасонии тағйирёбии пешниҳоди пулҳо ба иқтисодиёт механизми трансмиссияи пулӣ номида мешавад. Ин механизм нишон медиҳад, ки бо кадом тарз тағйирёбии ҳолат дар бозори пулӣ ба тағйирёбии ҳолати бозори молӣ таъсир мерасонад.

Зиннаи алоқамандкунандаи байни бозори пулӣ ва молӣ мизони фоиз баромад мекунад. азбаски мизони фоизи мувозинат дар бозори пулӣ аз рӯи таносуби талабот ва пешниҳоди пулҳо таъсис меёбад, бинобар ҳамин пешниҳоид пулҳоро тағйир дода, бонки марказӣ метавонад ба мизони фоиз таъсир расонад.

Вобастагии байни мизони фоиз ва пешниҳоди пулҳо баръакс мебошад. Агар пешниҳоди пулҳо кам шавад, он гоҳ мизони фоиз баланд мешавад. Мувофиқан, агар пешниҳоид пулҳо зиёд шавад, он гоҳ мизони фоиз паст мешавад.

Ҳамчун нархи воситаҳои қарзӣ баромад карда, мизони фоиз ба хароҷотҳои инвеститсионии фирмаҳо таъсир мерасонад. Чи қадаре, ки мизони фоиз баланд шавад, ҳамон қадар ҳаҷми хароҷотҳои инвеститсионӣ кам мешавад ва бинобар ҳамин маҷмӯи талабот ва ҳаҷми барориш кам мешаванд.

Механизми трансмиссияи пулӣ дар давраи пастравӣ бо воситаи чунин алоқаи занҷири тавсиф шуданаш мумкин аст: дар иқтисодиёт ҳолати ретсессия вуҷуд дорад ⇒ бонки марказӣ қоғазҳои қиматноки давлатиро мехарад ⇒ захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ зиёд мешаванд ⇒ бонкҳои тиҷоратӣ бисёртар қарз медиҳанд ⇒ пешниҳоди пулҳо ба таври мултипликативӣ зиёд мешавад ⇒ мизони фоиз (нархи қарз) паст мешавад ⇒ фирмаҳо қарзҳои арзоншударо бисёрат мегиранд ⇒ ҳаҷми хароҷотҳои

инвеститсионӣ зиёд мешавад ⇒ маҷмӯи талабот зиёд мешавад ⇒ ҳаҷми бароориш афзоиш меёбад.

Сиёсате, ки дар давраи пастравӣ амалӣ карда мешавад, сиёсати «пулҳои арзон» номида шуда, ба сиёсати монетарии ҳавасмандагрдонӣ мувофиқат мекунад.

Сиёсате, ки дар давраи иқтисодиёти тасфон амалӣ карда шуда, ба пастшавии фаъолнокии корӣ бо мақсадҳои мубориза бар зидди таваррум амалӣ карда мешавад, сиёсати «пулҳои қимат» номида шуда, ба сиёсати монетарии боздоранда мувофиқат мекунад.

Сиёсати монетарие, ки дар давраи болоравии иқтисодиёт (ҳолати тасфон) амалӣ карда мешавад, бо чунин тарз ифода шуданаш мумкин аст: иқтисодиёт «тасфон» аст ⇒ бонки марказӣ қоғазҳои қиматнокро мефурӯшад ⇒ захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ кам мешаванд ⇒ имкониятҳои қарзии бонкҳо паст мешавад ⇒ пешниҳоди пулҳо ба таври мултипликативӣ кам мешавад ⇒ мизони фоиз баланд мешавад ⇒ талабот ба пулҳои қимат аз тарафи фирмаҳо кам мешавад ⇒ ҳаҷми хароҷотҳои инвеститсионӣ кам мешаванд ⇒ маҷмӯи талабот кам мешавад ⇒ ҳаҷми бароориш кам шуда, ба сатҳи имконпазири худ баробар мешавад.

# МАВЗӮИ 23. БОЗОРИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК

*23.1. Моҳият ва вазифаҳои бозори қоғазҳои қиматнок.*
*23.2. Тавсифи умумии намудҳои асосии қоғазҳои қиматнок.*
*23.3. Танзими бозори қоғазҳои қиматнок.*

## 23.1. МОҲИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ БОЗОРИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК.

Яке аз бозорҳои зарурии иқтисодиёти бозорӣ бозори молиявӣ мебошад. Бозори молиявӣ – ин бозоре, ки тақсимоти воситаҳои пулиро байни иштирокчиёни муносибатҳои

иқтисодӣ миёнаравӣ мекунад. Бо воситаи ин бозор захираҳои молиявии озод ҷамъоварӣ карда шуда, ба субъектоне, ки онҳоро нисбатан самаранок истифода мебаранд равона месозад. Одатан, айнан дар бозори молиявӣ воситаҳо барои тараққиёти сектори аслии иқтисодиёт дарёфт карда мешаванд.

**Капитали сохта**. Шакли махсуси гузоштани капитали қарзӣ, капитали сохат мебошад, ки дар қоғазҳои қиматнок ифода меёбад, ки нисбат ба капиталӣ аслӣ мустақилона амал намуда, ба соҳиби худ даромадро дар намуди фоиз таъмин мекунад. Фарқияти капитали сохта аз капитали қарзӣ дар он аст, ки капитали сохта аз капитали қарзӣ зиёд буда, ҳаракати онҳо мувофиқат намекунанд.

**Мафҳуми «қоғази қиматнок» ва «бозори қоғазҳои қиматнок»**. Яке аз қисматҳои бозори молиявӣ бозори қоғазҳои қиматнок ва ё биржаи фондӣ ба ҳисоб меравад. **Бозори қоғазҳои қиматнок** – ин бозоре, ки муносибатҳои бозорӣ ва муносибатҳои ҳамсоҳибиро бо воситаи қоғазҳои қиматнок миёнаравӣ мекунад. имконияти хариду – фурӯши қоғазҳои қиматнок имконият медиҳад, ки амонатгузоранда вақти ҷойгиркунии қоғазҳоро ва ё ин ё он лоиҳаро муайян намояд.

Объекти муомилаҳо дар бозори қоғазҳои қиматнок қоғази қиматнок ба ҳисоб меравад. **Қоғази қиматнок** – ин ҳуҷҷати пулие, ки муносибати ҳамсоҳибиро ва ё қарзро байни соҳиби он ва эмитенти он шаҳодат медиҳад. Қоғазҳои қиматнок бо тартиби инфиродӣ ба монанди вексел ва ҳам бо серияҳо ба монанди саҳмияҳо бароварда мешаванд. Дар ҳолати барориши саҳмияҳо қонунгузории мамлакат оид ба эмиссияи қоғази қиматнок шаҳодат медиҳад. Қоғази қиматноки эмиссионӣ – ин қоғазе, ки бо ҷиҳатҳои зерин тавсиф карда мешавад:

- маҷмӯи ҳуқуқҳои амволӣ ва ғайриамволиро мустаҳкам мекунад;
- бо воситаи бароришҳо паҳн карда шуда, ҳаҷм ва мӯҳлатҳои амалигардонии ҳуқуқҳо дар дохили як барориш новобаста аз вақти хариди қоғази қиматнок баробар мебошанд.

**Бозори пулӣ ва бозори капитал**. Дар таркиби бозори қоғазҳои қиматнок бозори пулӣ ва бозори капиталро ҷудо мекунанд. **Бозори пулӣ** – ин бозоре, ки дар он қоғазҳои

қиматноки кӯтоҳмуддат гардиш мекунанд. Бозори пулӣ барои таъмини эҳтиёҷотҳои субъектони хоҷагидорӣ дар молиягузории кӯтоҳмуддат хизмат мекунад. **Бозори капитал** – ин бозоре, ки дар он қоғазҳои қиматноки бемӯҳлат ва қоғазҳои қимматноки мӯхлати пардохташон зиёда аз як солро ташкил мекунад, гардиш мекунанд. Бозори капитал барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти субъектони хоҷагидорӣ бо молиягузории дарозмуддат хизмат мекунад.

**Бозори якуминдараҷа ва дуюминдараҷаи қоғазҳои қиматнок**. Аз рӯи сохтори ташкилӣ бозори қоғазҳои қиматнокро ба бозори якуминдарҷа ва дуюминдараҷа ҷудо мекунанд. Истиллоҳи «аввалиндараҷа» ба фурӯши қоғазҳои қиматноки барориши нав таалуқ дорад. Дар натиҷаи фурӯши қоғазҳо дар бозори аввалиндараҷа шахсони онҳоро мебароварда захираҳои молиявии заруриро ҷамъ оварда, қоғазҳо ба дасти соҳибони аввалин равона мешаванд. Ҳамин тавр, вазифаи бозори аввалиндараҷа дар ҷамъоварии капиталҳои нав ифода меёбад. Қоғазҳои қиматнок асосан аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ бароварда мешаванд. Бо вуҷуди ин чунин қоғаз ба монанди вексел ба шахсони воқеъи пешкаш шуданаш мумкин аст. Шахсе, ки қоғазҳои қиматнокро мебарорад, эмитент номида шуда, барориши қоғазҳои қиматнок эмиссия номида мешавад. Шахси қоғазҳои қиматнокро мехарида, инвестор номида мешавад.

Дар бозори фондӣ харидори асосии қоғазҳои қиматнок шахсони ҳуқуқӣ баромад мекунад. Пеш аз ҳама ба сифати харидорони қоғазҳои қиматнок бонкҳо, ташкилтҳои суғуртавӣ, фондҳои инвеститсионӣ ва фондҳои нафақавӣ баромад мекунанд, чунки айнан онҳо бо маблағҳои нисбатан зиёд соҳибӣ мекунанд. Дар бозори фондӣ «инвестори институтсионалӣ» амал мекунанд. Ин истиллоҳ ба мутахассисон ва ташкилотҳо таалуқ дорад, ки бо активҳои дигарон идора карда, фаъолияти асосии онҳо ин хариди активҳои молиявӣ аз ҳисоби воситаҳои ҷалбшуда ба ҳисоб меравад.

Баъд аз харидорӣ намудани қоғазҳои қиматнок аз тарафи инвесторон, онҳо ҳуқуқ дорад онҳоро ба шахсони дигар аз фурӯшанд, дар навбати худ харидорони минбаъда оид ба фурӯши ин қоғазҳо озодона қарор қабул мекунанд. **Бозори**

**қоғазҳои қиматноки дуюминдараҷа** – ин бозоре, ки дар он гардиши қоғазҳои қиматнок ба миён меояд. Ҳамин тавр, ҳама муомилаҳои минбаъда бо қоғазҳои қиматнок дар бозори дуюминдараҷа амалӣ карда мешаванд.

Бозори дуюминдараҷа нақши зарурииро мебозад. Механизми азнавфурӯхтани қоғазҳои қиматнок баромад карда, бозори дуюминдараҷа ба инвесторон имконият медиҳад, ки қоғазҳоро озодона хариду – фурӯш кунанд. Ҳангоми мавҷуд набудани бозори дуюминдараҷа ва ё ташкили сусти он, фурӯши минбаъдаи қоғазҳои қиматнок ғайриимкон ва ё мушкил мегардад, ки инвесторонро аз хариди қоғазҳои қиматнок маҳрум мекунад. Дар натиҷа, ҷамъият аз ин ҳодиса зарар мебинад, зеро фирмаҳои навташкил дастгирии молиявии заруриро аз даст медиҳанд.

**Биржаи фондӣ**. Бо баробари афзоиши систематикии амалиётҳо бо қоғазҳои қиматнок зарурият дар ташкили савдои ба тартибдаровардашудаи қоғазҳои қиматнок ба миён омад. Дар натиҷа, биржаи фондӣ таъсис ёфт. Биржаи фондиро ҳамчун бозори муташаккили қоғазҳои қиматнок тавсиф кардан мумкин аст. Мавҷудияти биржаи фондӣ мавҷудияти ҷой ва қоидаҳои муайяни савдои қоғазҳои қиматнокро дар назар дорад.

Биржаи фондии классикӣ бо худ биноро бо толори фаъол ифода мекунад, ки дар он муомилаҳо бо қоғазҳои қиматнок амалӣ карда мешаванд. Пешравии технологияҳои компютерӣ ва информатсионӣ ба пайдоиши биржаҳои электронӣ сабаб гардид. Биржаи электронӣ шабакаи компютериро ифода мекунад, ки ба он терминалҳо ширкатҳои аъзоёни биржа пайваст карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки наҳама қоғазҳои қиматнок дар биржа гардиш мекунанд. Ба биржа танҳо қоғазҳои қиматноки он эмитентҳо роҳ дода мешаванд, ки онҳо ба талаботҳои биржа ҷавобгӯ ҳастанд. Одатан, ин қоғазҳои ширкатҳои калон, аз ҷиҳати молиявӣ пурқувват мебошанд. Қоғазҳои қиматноки ширкатҳои ҷавон ва аз ҷиҳати молиявӣ наонқадар пурзӯр одатан дар бозори ғайрибиржавӣ гардиш мекунанд.

Аз рӯи хислатҳои эмитентон бозори фондиро ба бозори қоғазҳои қиматноки давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷудо кардан

мумкин аст. Бозори қоғазҳои қиматноки давлатӣ барои ҳал намудани ду масъалаи асосӣ имконият медиҳад. Якум, ба давлат имконият медиҳад, ки захираҳои пулии зарурииро ҷамъ намояд ва касрати буҷети давлатиро молиягузорӣ намояд. Дуюм, ин бозор майдони танзимкунии мизони фоизи кӯтоҳмуддат мебошад. Бозори қоғазҳои қиматноки ғайридавлатӣ ба сектори соҳибкорӣ барои ҷамъоварии захираҳои молиявӣ кӯмак мерасонад.

**Вазифаҳои бозори фондӣ**. Вазифаи якуми бозори фондӣ дар ҷамъоварии воситаҳои амонатгузорон барои мақсадҳои ташкил ва васеъ намудани миқёси фаъолияти хоҷагидорӣ ифода меёбад. Вазифаи дуюми бозори фондӣ ин ахборотӣ мебошад. Ин вазифаи бозорӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳолати бозори фондӣ ба амонатгузорон оид ба вазъияти иқтисодӣ ахборотро таъмин карда, ба онҳо барои ҷойгиркунии пасандозҳои худ роҳ нишон медиҳад.

## 23.2. ТАВСИФИ УМУМИИ НАМУДҲОИ АСОСИИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК.

**Саҳмия** – ин қоғази қиматноке, ки оид ба гузоштани саҳм ба фонди оинномавии ширкат аз тарафи соҳиби он шаҳодат медиҳад. Саҳмия барои гирифтани даромад (дивиденд) дар давоми соли хоҷагидорӣ ҳуқуқ медиҳад. Маблағи пулие, ки дар саҳмия қайд карда шудааст, номинал ва ё арзиши номиналӣ номида мешавад.

Арзиши номиналии ҳама саҳмияҳои бароварда шуда капитали оинномавии ҷамъияти саҳомиро ташкил мекунад. Арзиши номиналии ҳама саҳмияҳои имтиёзнок набояд аз 25% капитали оинномавии ҷамъияти саҳомӣ зиёд бошад. Арзиши номиналии ҳама саҳмияҳои оддӣ бояд якхела бошад. Арзиши номиналии саҳмияҳои имтиёзнок низ бояд якхела бошанд.

Арзиши номиналии саҳмияҳо, одатан бо арзиши бозории он мувофиқат намекунанд. Дар ҷамъияти саҳомии худ фаъолиятбаранда арзиши бозории саҳмия аз арзиши номиналии он одатан калонтар буда, дар корхонаи

мушкилотҳои молиявӣ ва истеҳсолиро аз сар мегузаронида пастар мебошад.

Маблағи ҳама арзишҳои номиналии саҳмияҳо фонди оинномавии ҷамъиятро ташкил мекунад. Аз фонди оинномавӣ мафҳуми «капитализатсияро» бояд фарқ кард. **Капитализатсия** – ин нишондиҳандае, ки ҳаҷми капитали ширкатро бо баҳодиҳии бозорӣ тавсиф карда, дар саҳмияҳо ифода меёбад. Капитализатсия ҳамчун ҳосили зарби нархи ҷории саҳмияҳои паҳн карда шуда ба миқдори онҳо муайн карда мешавад.

Тавсифи навбатии саҳмияҳо даромад мебошад, ки саҳмиядор ба даст меорад. Даромад аз саҳмияҳо дар ду шакл ифода ёфтанаш мумкин аст – дар намуди афзоиши арзиши бозорӣ ва дар сифати пардохтҳои даврагӣ ба саҳмияҳо. Афзоиши арзиши бозории саҳмияҳо қисми назарраси даромадҳои инвесторонро ташкил карда метавонад. Барои амалигардонии ин ҷараён саҳмияҳо бояд фурӯхта шаванд. Дар акси ҳол хатари пастшавии арзиши бозории саҳмия вуҷуд дорад. Афзоиши арзиши бозории саҳмияҳо бо ду сабаб ба миён меояд. Якум, ин болоравии спекулятивии имконпазир дар бозор. Ин ҳолат асосҳои объективии дарозмуддатро надорад. Сababи дуюми афзоиши арзиши бозории саҳмия ин зиёдшавии активҳои корхона мебошад. Фоидаи ба даст овардаро ҷамъияти саҳомӣ ба ду қисм ҷудо мекунад. Як қисми он ба сифати дивиденд пардохт карда шуда, қисми дигари он барои нигоҳдорӣ ва васеъшавии истеҳсолот азнав инвеститсия (реинвеститсия) карда мешавад. Ҳамин тавр фоидаи реинвеститсия карда шуда шакли капитали асосӣ ва гардонро гирифта, саҳмияро ба таври аслӣ «пурра» мекунад, ва одатан ба баландшавии арзиши бозории саҳмия оварда мерасонад. Даромади барои саҳмия давра ба давра пардохт карда мешуда, дивиденд номида мешавад.

Саҳмия инвесторро ба яке аз соҳибони ҷамъияти саҳомӣ мубаддал мекунад. Бо баробари ин барои аксарияти саҳмиядорон тасдиқи чунин амал танҳо характери декларативӣ дорад, зеро дар асл ҷамъияти саҳомиро шахс ва гурӯҳе назорат мекунад, ки дар дасти онҳо пакети назоратии саҳмияҳо мавҷуд аст. Пакети назоратии саҳмияҳоро ҳамчун миқдори саҳмияҳо

(ва ё фоизи саҳмияҳо аз шумораи умумии онҳо) муайян кардан мумкин аст, ки ба соҳиби худ имконияти пешбарӣ намудани қарорҳои худро дар ҷамъомади саҳмиядорон ҳуқуқ медиҳад. Пакети назоратии саҳмияҳо 51% онро дар назар надорад.

Саҳмияҳо оддӣ, имтиёзнок ва номӣ мешаванд. Саҳмияҳои оддӣ – намуди асосии саҳмия мебошанд. Саҳмияи оддӣ ба соҳиби худ аз рӯи принсипи «як саҳмия – як овоз» ҳуқуқи овозро медиҳад. Мувофиқан, соҳибони саҳмияҳои оддӣ дар идоракунии ҷамъияти саҳомӣ (ҶС) иштирок карда метавонанд.

Саҳмияҳои оддии ҶС дар бозори қоғазҳои қиматнок (биржаи фондӣ) хариду – фурӯш карда мешаванд. Нуқтаи ибтидоии нархи саҳмияҳо дивиденд ба ҳисоб меравад. Фарз мекунем, ки дивиденди саҳмия бо номинали 1000 сомонӣ ба 20% баробар аст. 20% дивиденди қайд шуда, асоси тағйирёбии нархи бозории саҳмияҳо дар тамоми мӯҳлати гардиши онҳо ба ҳисоб меравад.

Нархи бозории саҳмия чунин муайян карда мешавад:

$$H_C = \frac{D\%}{Bank\%} \times N \qquad 23.1$$

ки дар ин ҷо: **Нс** – нархи бозории саҳмия; **D%**–дивиденд; Bank% - фоиз ба капитали ба бонк гузошта; N – нархи номиналии саҳмия.

Нархи бозории саҳмия дар ҳолати фоизи бонки ба 5% баробар будан чунин бузургиро ташкил мекунад:

$$\text{Н}_\text{С} = \frac{20\%}{5\%} \times 1000 = 4000 \text{ сомонӣ}$$

Нархи бозории саҳмияҳоро бо воситаи формулаи зерин низ ҳисоб намудан мумкин аст:

$$H_C = \frac{D}{Bank\%} \times 100\% \qquad 23.2$$

ки дар ин ҷо: **D** – маблағи дивиденд.

Нархи бозории саҳмия дар натиҷаи тағйирёбии талабот ва пешниҳод баланд ва паст шуда метавонад, лекин ҳама тағйирёбиҳои нархи бозории саҳмия ба боло ва ба поён дар атрофии 4000 сомонии қайд шуда ба миён меояд.

**Вомбаргҳо (облигатсияҳо)** – намуди қоғази қиматноке, ки асосан аз тарафи ҳукумат бароварда шуда, онҳо қоғази

қиматноки давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Вомбаргҳо – ин ӯҳдадории қарзии давлат барои пардхот намудани даромади муайян дар мӯҳлати муқарраршуда ба соҳиби он мебошад. Одатан вомбаргҳо барои рӯйпӯш намудани қарзи давлатӣ ва ё ҷалб намудани воситаҳо барои ҳалли муаммои аниқи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бароварда мешаванд.

Вомбаргҳо се намуд доранд: вомбаргҳои давлатии дарозмуддат (ВДД - ГДО), вомбаргҳои давлатии кӯтоҳмуддат (ВДК - ГКО) ва ӯҳдадориҳои хазинагӣ (ӮХ - КО).

Хусусияти қоғазҳои қиматноки давлатӣ боэътимоднокӣ ва бозоргирии баланди онҳо ба ҳисоб рафта, ин гуна қоғазҳои қиматнок ба соҳибони он имтиёзҳои андозии муайянро таъмин мекунад. Ба ғайр аз ин афзалияти ҷиддии ин намуди қоғазҳои қиматнок имконияти бо онҳо пардохт намудани андозҳо мебошад. Ҳамаи ин гуфтаҳо дар маҷмӯъ вомбаргҳоро ҳамчун қоғазҳои қиматноки диққатҷалбкунанда тавсиф мекунанд, ки барои мубаддал намудани пасандозҳо ба ин намуди қоғазҳои қиматнок ҳамагонро водор месозад. Ин қоғазҳои қиматнок аз тарафи давлат кафолат дода мешаванд.

Ҳама намуди вомбаргҳо дар бозори қоғазҳои қиматнок бо нархҳои гуногун гардиш карда метавонанд. Нархи номиналӣ – ин нархе, ки дар худи вомбарг қайд карда шудааст. Нархи фурӯши он – ин нархе, ки бо он вомбарг фурӯхта мешавад. Бо мақсади ҳавасмандгардонии талабот ба вомбаргҳо, нархи фурӯши онҳо, одатан аз арзиши номиналӣ пасттар мебошад. Ҳавасмандӣ бо воситаи пардохт намудани вомбаргҳо бо арзиши номиналии он ва ё аз он зиёдтар таъмин карда мешавад. Харидор вомбаргро бон архи фурӯш харидорӣ карда, онро баъд аз мӯҳлати муайян бон архи харидшаванда ва ё рӯйпӯш шаванда бармегардонад. Фарқи байни нархи фурӯш ва нархи рӯйпӯшкунии вомбарг даромади онро ташкил мекунад. Нархи бозории он бошад, дар натиҷаи мутаносибии талабот ва пешниҳоди вомбаргҳо ҷорӣ карда мешавад.

**Вексел** – ӯҳдадории қарзӣ, намуди қоғази қиматноке, ки дар шакли муқарраршуда ӯҳдадориҳои векселдиҳандаро дар мӯҳлати муайян пардохт намудани маблағи муайяни пулҳоро шаҳодат медиҳад. Дар асл вексел, ваъдаи боягон гарав мустаҳкам нашуда мебошад. Лекин соҳиби вексел ҳуқуқи аз

тарафи қонун мустаҳкам шударо оид ба талаб намудани маблағи қайдшуда дар мӯхлати додашуа дорад.

Векселҳо ба оддӣ, нитқолӣ, асъорӣ, амволӣ, истиқоматӣ ва ғайраҳо ҷудо мешаванд. Дар аксар вақт векселҳои оддӣ ва интиқолӣ истифода мешаванд.

Сертификати депозитӣ – ин шаҳодатномаи муассия оид ба амонатгузории (депозити) он ба бонк мебошад, ки муассия дар мӯҳлати муқаррашуда бо фоизи муаяйн гирифта метавонад. Сертификатҳои депозитӣ ба мӯҳлатнок ва тоталабӣ ҷудо мешаванд. Сертификатҳои депозитӣ танҳо ба шахсони ҳуқуқӣ фурӯхта мешаванд.

Сертификатҳои амонатӣ ба монанди сертификатҳои депозитӣ буда, танҳо дар байни соҳибкорон ва амонатгузорандаҳои хурд гардиш мекунад. сертификати амонатӣ метвонад номӣ ва ба пешниҳодкунанда бошад. Нисбат ба сертификатҳои депозитӣ, сертификатҳои амонатӣ танҳо ба шахсони воқеъи фурӯхта мешаванд.

Сертификатҳои депозитӣ ва амонатӣ дар байни инвесторон хеле паҳн гаштаанд, чунки онҳо сарфа намудани воситаҳоро имконият медиҳанд. Сабаб дар он, ки даромадҳо аз амонатҳои оддӣ ба бонк ба монанди андоз аз фоида андозбандӣ карда шуда, даромад аз сертификатҳои депозитӣ ва амонатӣ ҳамчун даромад аз қоғазҳои қиматнок андозбандӣ карда мешаванд, ки нисбатан пастар мебошад.

## 23.3. ТАНЗИМИ БОЗОРИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК.

Барои самаранок иҷро намудани вазифаҳои бозори қоғазҳои қиматнок, давлат фаъолияти эмитентон ва инвесторонро танзим мекунад. Танзими давлатӣ бо воситаи чунин чораҳо таъмин карда мешавад: а) ҷорӣ намудани талаботҳои ҳатмӣ ба фаъолияти эмитентон ва иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қиматнок; б) бақайдгирии барориши қоғазҳои қиматнок ва назорат аз болои риоя намудани шартҳои эмиссия; в) литсентзиякунии фаъолияти иштирокчиёни бозори қоғазҳои қиматнок; г) таъсисдиҳии низоми ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибони қоғазҳои қиматнок.

# МАВЗӮИ 24. ТАВАРРУМ ВА ТАНЗИМИ ТАВАРРУМӢ

*24.1. Таваррум ҳамчун омил ва монеаи тараққиёти иқтисодӣ.*
*24.2. Шаклҳои зоҳиргардӣ ва сарчашмаҳои таваррум.*
*24.3. Нишондодҳо ва намудҳои таваррум.*
*24.4. Оқибатҳои иҷтимоӣ иқтисодии таваррум.*
*24.5. Каҷхаттаи Филлипс ва стагфлятсия.*
*24.6. Сиёсати сиддитаваррумӣ.*

## 24.1. ТАВАРРУМ ҲАМЧУН ОМИЛ ВА МОНЕАИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДӢ.

Таваррум – ин ҳодисаи мураккаби бисёромилаест, ки вайроншавии ҷараёни такрористеҳсолотро тавсиф намуда, ба иқтисодиёте хос аст, ки дар он муомилоти пулии қоғазӣ истифода мешавад. Таваррум пеш аз ҳама дар шакли баландшавии сатҳи нархҳо ва дар шакли қиматшавии нисбии тилло ва асъори хориҷӣ ифода меёбад.

Дар ҳолатиҳои алоҳида афзоиши нархҳо имконпазир аст, ки бо ҷараёни таваррумӣ алоқамандӣ надорад. Ин ҷараён дар ҳолате ба миён меояд, ки дар он шароитҳои умумии такрористеҳсолот тағйир ёфта, дар натиҷаи он афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ ба миён меояд. Масалан, қиматшавии ашёи хом аз сабаби бадшавии шароитҳои истихроҷи он; афзоиши сифати маҳсулот, ки хароҷотҳои иловагии меҳнатро талаб менамояд.

Ҷараёни таваррумӣ бо чунин афзоишёбиҳои нархҳо алоқаманд аст, к ибо афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ алоқаманд нест. Таваррум ин натиҷаи номӯътадилии макроиқтисодӣ мебошад, ки дар он маҷмӯи талабот аз маҷмӯи пешниҳод зиёд аст.

Дар шароитҳои муомилоти тангаҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ, таваррум ғайриимкон аст, зеро ин гуна пулҳо боигарии аслиро ифода карда, на балки нишони онро ифода мекунанд. Миқдори зарурии пулҳо бо чунин вазифаи боигарии онҳо танзим карда мешавад. Агар тангаҳо аз миқдори барои харидҳо зарур буда зиёд бошанд, он гоҳ пулҳо ҳамчун боигарӣ захира карда мешаванд. Бо баробари ин онҳо беқурб намешаванд. Ҳангоми таъминоти барзиёдии бозор бо молҳо, тангаҳо аз муомилот мусодира карда шуда, дар муомилаҳои савдоӣ иштирок намекунанд. Беқурбшавии пулҳо дар ин шароитҳои ба миён намеояд.

Вале дар ҳолати мавҷудияти пулҳои қоғази шароит дигархел аст. Дар ин ҷо пулҳои танҳо нишона буда, боигарии аслиро ифода намекунанд. Иҷроиши вазифаи боигариро онҳо иҷро карда наметавонанд. Пулҳои қоғазӣ дар бо дараҷаи муайян ба сифати пасандозҳо нигоҳ дошта мешаванд. Миқдори зиёди изофагии пулҳои қоғазӣ дар муомилот боқӣ мемонанд. Мавҷудияти ин пулҳо дар аҳолӣ маҷмӯи талаботро зиёд карда, дар навбати худ ба нархҳо ба сӯи баландшавӣ фишор меоварад.

Таваррумни мӯътадили то 10% дар як сол, дар адабиёти ғарб ҳамчун зарароваранди иҷтимоӣ мушоҳида карда намешавад. Баръакс, гумон карда мешавад, ки чунин таваррум иқтисодиётро барои тараққиёт равона сохта, ба он такони мусбӣ мебахшад.

Дар асл, ҳангоми афзоиши нархҳо аҳолӣ харидҳои худро зиёд мекунад, чунки дар оянда чунин харидҳои боз ҳам қимат мешаванд. Ин ҷараён истеҳсолкунандагонро барои зиёд намудани пешниҳод водор месозад, дар натиҷа бозор тез пур карда мешавад. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми таваррум нархҳо дар соҳаҳо бо суръатҳои гуногун афзоиш меёбанд. Ҳолати фоидаоварии гуногуни истеҳсолот нигоҳ дошта мешавад. Бинобар ҳамин дар ин ҷо механизме зарур аст, ки номувозинатиҳои (диспропортсияҳои) иқтисодиро баробар намуда, хоҷагидории бозориро солим гардонад.

Лекин ҳангоми сатҳи таврруми аз 10% зиёд ҳолати хатарнок ба миён меояд. Махсусан иқтисодиёт дар ҳолати таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия) вайрон мешавад, ки дар он нархҳо бо фоиз не, балки ба маротибаҳо баланд мешаванд. Дар чунин ҳолат пулҳо бо суръати тез беқурб мешаванд. Аҳолӣ пасандозҳои худро аз даст медиҳанд, зеро капитали гузошта шуда беқурб мешавад. Бинобар ҳамин рағбати инвеститсиякунӣ ба истеҳсолот аз байн меравад, чунки онҳо даромадро бо тезӣ таъмин намекунад ва дар ин муддати дароз қимати ин инвеститсияҳо гумм шуданаш мумкин аст. Дар ин гуна шароитҳо танҳо бизнеси спекулятивӣ (савдогарӣ) афзоиш меёбад, ки ба азнавфурӯхтан равона карда шуда, маҷмӯаи пешниҳодро зиёд намегардонад. Агар пешниҳод дар давраи дуру – дароз афзоиш наёбад, он гоҳ мамлакат бо хатари стагнатсия дучор мешавад. Стагнатсияе, ки бо баробари таваррум ба миён меояд, иқтисодиётро вайрон карда, ба афзоиши пешниҳод оварда наметавонад.

**Мафҳуми таваррум**. Истилоҳи «таваррум»-ро аввалин маротиба дар Америкаи Шимолӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1861 – 1865 барои ишора намудани ҷараёни варамшавии муомилоти пулии қоғазӣ истифода бурда буданд. Таваррум аз калима лотинӣ гирфта шуда, маънои «варамшавиро» дорад. Маънои таваррум ба афзоиши аз ҳад зиёди пулҳои қоғазӣ нисбат ба пешниҳоди аслии молҳо мустаҳкам карда мешуд. Таваррум ҳамчун ҳодисаи иқтисодӣ, он гоҳ пайдо шуд, ки дар он пуршавии каналҳои муомилоти пулҳои қоғазӣ ба миён омад, ки дар натиҷа қобилияти харидории онҳо паст шуд.

Мувофиқи маънидодкунии марксистӣ, бо назардошти формулаи миқдори пулҳои барои муомилот зарур буда, таваррум пеш аз ҳама ҳамчун барзиёдии воситаҳои пардохт, афзоиши миқдори пулҳо нисбат ба ҷамъи нархҳои молҳо ба миён меояд.

$$МП = \frac{ҶН - Қ + П + ПД}{Г} \qquad (24.1)$$

ки дар ин ҷо: МП – миқдори пулҳои барои муомилот зарур буда; ҶН – ҷамъи нархҳои молҳои фурӯхта шуда; Қ – молҳои ба қарз фурӯхта шуда; П – пардохтҳое, ки мӯҳлати рӯйпӯшкунии онҳо расидааст; ПД – пардохтҳои муовинати ҳамдигарӣ (взаимопогашение); Г – суръати гардиши пулҳо.

Дар шароитҳои идеалии абстрактӣ формулаи додашуда, метавонад миқдори пулҳои барои муомилот зарурро муайян намояд. Вале ин тавсифи таваррум нокифоя буда, сабабҳои таваррумро муайян намекунад.

Пайдоиши пулҳои бо молҳо таъмин набуда ҳамчун таваррум муайян шуда буд. Дар асл кӯшиши пулҳо за қафои молҳо маънои вайроншавии мувозинатии байни миқдори пулҳо ва рӯйӯшкунии молиро дар назар дорад. Бо ибораи дигар, таваррум ҳамчун шакли вайроншавии қонунҳои муомилоти пулӣ, вайроншавии мувозинатии макроиқтисодиро дорад, яъне номувозинат (дисбаланс)и талабот ва пешниҳод.

## 24.2. ШАКЛҲОИ ЗОҲИРГАРДӢ ВА САРЧАШМАҲОИ ТАВАРРУМ.

Одатанд таваррум дар афзоишёбии нархи молҳо ва хизматҳо ифода меёбад. Дар ин ҷо сухан оид ба баландшавии сатҳи умумии нархҳо меравад. Агар нархи баъзе молҳо гоҳ – гоҳ баланд шаванд, ин ҳолат ҳоло таваррум намебошад, зеро чунин баландшавии нархҳо аз сабаби баландшавии сифат ба миён омаданаш мумкин аст. Танҳо баландшавии сатҳи умуми нархҳо маънои фишори миқдори пулиро ба миқдори молӣ дар назар дорад, яъне пулҳо беқурбшуда даромади аҳолӣ паст мешавад. Номувофиқати талаботи пардохтнок ва миқдори молҳо дар он ифода меёбад, ки талабот ба мол ва хизматҳо аз захираҳои гардиши мол зиёд гардида, шароитро барои баланд намудани

нархҳо аз тарафи истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони молҳо новобаста аз сатҳи хароҷоти истеҳсолӣ ва муомилот, мусоидат мекунанд.

Номутаносибии байни талабот ва пешниҳод,барзиёдии даромадҳо аз хароҷотҳои истеъмолӣ бо сабабҳои гуногун ба миён омаданаш мумкин аст. Ба ин сабаб пеш аз ҳама, касрати (дефитсити) буҷетӣ давлатӣ (барзидёии хароҷоти давлатӣ аз даромадҳои давлатӣ) дохил мешавад. Ба ин сабаб инвеститсияҳои аз ҳад зиёд дохил шуда метавонад, ки барзиёдии ҳаҷми хароҷотҳои инвеститсиониро аз эҳтиёҷотҳо ва имкониятҳои иқтисодиёти миллӣ дар назар дорад, инчунин ба ин гурӯҳи сабабҳои кам намудани молҳои воридотиро ҳангоми вобастагии бозори истеъмолӣ аз савдои беруна, дохил кардан мумкин аст.

**Таваррум ҳамчун номувозинат (дисбаланс)и талабот ва пешниҳод**. Сабабҳои асосии таваррум вайроншавии мувозинатии макроиқтисодӣ ва вайроншавии таносубҳои иқтисодиёт баромад мекунанд. Бо баробари ин ба ғайр аз вайроншавии мувозинатии молию – пулӣ, инчунин вайроншавии мувозинатии талабот ва пешниҳод қайд карда мешавад. Мактабҳои гуногуни иқтисодӣ сабабҳои чунин номувозинат (дисбаланс)ро ба таври гуногун маънидод мекунанд.

**Муносибати кейнсӣ** дар он зоҳир мегардад, ки сабаби номувозинат (дисбаланс) бо талаботи аз ҳад зиёд дар шароити шуғли пурра муайян карда мешавад. Бинобар ҳамин тарафдорони ин равия гумон доранд, ки агар сатҳи истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ аз қобилиятҳои харидорӣ паст буда, бо воситаи касрати буҷет ва барориши пулҳо васеъ карда шавад, метавонад ба таваррум оварда расонад.

Тарафдорони **муносибати неоклассикӣ** сарчашмаи таваррумро дар афзоиши аз ҳад зиёди истеҳсолот, афзоиши хароҷотҳои истеҳсолот ҷустуҷӯ мекунанд.

Ҳамин тавр, кейнсчиён таваррумро аз тарафи талабот ва неоклассикон аз тарафи пешниҳод мушоҳида мекунанд. Дар шароитҳои муосири иқтисодӣ кӯшишҳои омезиши ин ду муносибат ва мушоҳида намудани тарафҳои гуногуни ин

ҷараён ба харҷ дода мешаванд. Таҳлили таваррум аз мавқеъи мувозинатии макроиқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҳолати мӯътадили иқтисодиёт дар лаҳзаи муайяни вақт бо мувозинатии талаботи пардохтнок ва ҷамъи умумии арзишҳои ҳама молҳо (пешниҳод) тавсиф карда мешавад. Барои чӣ сухан танҳо оиди молҳои истеъмолӣ нарафта, инчунин оид ба молҳои инвеститсионӣ (воситаҳои истеҳсолот) меравад. Агар танҳо талабот афзоиш ёбад, он гоҳ ҳолати мувозинатӣ вайрон мешавад, зеро ба талаботи афзоишёфта миқдори молҳо низ муқобилият нишон медиҳанд. Бартараф намудани ин ҷараён танҳо бо воситаи баланд намудани нархҳо имконпазир аст, ки дар навбати худ ба пастшавии қобилияти харидории воҳиди пулӣ ва эҳтиёҷотҳои иқтисодиёти миллӣ ба миқдори иловагии пулҳо оварда мерасонад.

Бояд дар назар дошт, ки тағйирёбии (динамикаи) ҷараёнҳои иқтисодӣ ва алоқамандии онҳо ҳолати ба миён омададро мушкил мекунанд. Самараҳои ҷараёнҳои таваррумӣ метавонанд ба зудӣ, то ҳатто ҳангоми сатҳи пасти истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ ба миён оянд. Яъне давраи ночорӣ (порочный круг) ба миён меояд: беқурбшавии пулҳо ба афзоиши касрати буҷетӣ давлатӣ ва молиягузории он аз ҳисоби қарзҳо оварда мерасонад ва миқдори пулҳо аз нав афзоиш меёбанд.

**Пешбиниҳои таваррумӣ**. Агар одамон ба пешгӯикунии афзоиши нархҳо одат карда ин хусусиятро дар нақшаҳои ояндаи хуб ба эътибор гирифта бошанд, он гоҳ таваррум ба пешбиниҳои мувофиқ гашта, худ – худро ба миён меоварад. Истеъмолкунандагон молҳоро барои захира дастрас карда, фишорро ба бозорро пурзӯр мекунанд, истеҳсолкунандагон бошанд, баландшавии нархи маҳсулоти истеҳсолмешударо пешбинӣ мекунанд, яъне реаксия занҷирбанд ба миён меояд. Албатта, дар ин ҷо сиёсати аниқи ҳукумат лозим аст, ки бо мӯътадилгардонии суръати афзоиши миқдори пулҳо, бақияи мусбии буҷети давлатӣ ва тавозуни пардохт, қурби мубодилавии асъор алоқаманд буда, бояд ҳолати аслии иқтисодиётро ифода намояд. Таваррум метавонад на танҳо бо омилҳои объективӣ, балки бо омилҳои субъективӣ низ ба оянд: таъсири аз ҳад зиёди ҳокимияти давлатӣ, сиёсати иқтисодии

номусоид. Аз рӯи гуфтаҳои Л.Эрхард «таваррум ба мо ҳамчун офат ва ё ҳодисаи ногаҳони фалокатоварона дучор намешавад».

**Шаклҳои таваррум**. Таваррум – ин на танҳо вайроншавии муомилоти пулӣ, балки бемории тамои механизми такрористеҳсол, натиҷаи вайроншавиҳои макроиқтисодӣ мебошад. Бо вуҷуди ин афзоиши нархҳо ҳамчун натиҷаи нишонаҳои берунаи таваррум баромад мекунанд, ки бо онҳо таваррумро муайян менамоянд.

Лекин дигар нишонаҳои пайдоиши таваррум вуҷуд доранд:

1) пастшавии қобилияти харидории воҳиди пулӣ;
2) тағйирёбии қурби асъор;
3) тағйирёбии шароитҳои пешкаш намудани қарзҳо;
4) афзоиши арзиши сабати истеъмолии молҳои аввалиндараҷа.

**Суръатҳои таваррум**. Ба мушкилиҳои таваррум ҳамчун ҳодиса иқтисодӣ нигоҳ накарда, он ба муайянкунии миқдорӣ мувофиқ аст. Нишондиҳандаи паҳнгашта ва расмии таварум, индекси нархҳои истеъмолӣ мебошад. Суръати таваррум чунин ҳисоб карда мешавад: аз индекси нархҳои истеъмолии соли ҷорӣ индекси нархҳои истеъмолии соли гузаштаро тарҳ мекунем, баъд ба индекси нархҳои истеъмолии соли гузашта тақсим намуда, натиҷаро ба 100% зарб мекунем, яъне бо формулаи зерин:

$$\pi = \frac{P_t - P_{t-1}}{P_{t-1}} \times 100\% \qquad (24.2)$$

## 24.3. НИШОНДОДҲО ВА НАМУДҲОИ ТАВАРРУМ.

Нишондодҳои асосии таваррум инҳо мебошанд: суръати афзоиши нархҳ; дараҷаи фарқияти афзоиши нархҳо барои гурӯҳҳои гуногуни молҳо (таносубии афзоиши нархҳо барои молҳои гуногун); таваррумӣ пешбинишаванда ва пешгӯишаванда.

Намудҳои таваррум аз мавқеъи суръати афзоиши таваррум (тавсифи миқдорӣ) чунин мешаванд:

1) ***таварруми мӯътадил (хазанда)***, вақте ки нархҳо бо суръати аз 20% пастар дар як сол афзоиш меёбанд (арзиши пулҳо нигоҳ дошта мешавад);
2) ***таварруми ҷаҳишкунанда (галопиронӣ)***, вақте ки нархҳо дар як сол аз 20 то 200% афзоиш меёбанд (пулҳо бо суръати тез ба молҳо мубаддал карда мешаванд);
3) ***таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия)***, вақте ки нархҳо бо суръати ниҳоят баланд афзоиш ёфта, фарқияти байни нарх ва музди меҳнат ба андозаи ниҳоят калон ба миён омада, некуаҳволии аҳолии сарватманд низ вайрон мешавад.

**Таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия)**. Чӣ қадаре, ки суръати таваррум баланд бошад, ҳамон қадар одамон кӯшиш мекунанд пулҳои худро сарф намоянд. Дж.Кейнс ҳолати Англияро баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон тасвир мекунад, ки дар он одамон якбора ду пиво мегирифтанд, чунки нархҳо нисбат ба суръати пешкаш намудани пиво тезтар баланд мешуданд.

Милтон Фридмен таварруми шиддатнокро дар Германия дар моҳи октябри соли 1923 таҳлил намуда, фарқияти онро аз таварруми бо чунин тарз тавсир намуд:

***«Агар инсоне, ки аробаи пур аз халтаи пулдоштаро бурда истода бошаду аробаи худро назди мағоза мегузорад ва бахд аз мағоза баромадан мебинад, ки арроба дар ҷояш вале халтаҳои пул дошта нестанд, он гоҳ ин ҳолат таваррум мебошад, ва агар соҳиби арроба бинад, ки ароба мавҷуд несту халтаҳои пулдошта дар ҷояш бошад, он гоҳ ин ҳолат гиперинфлятсия мебошад»***.

Гумон карда мешавад, ки таваррумро бо воситаи чораҳои мустаҳками молиявӣ, инчунин бо роҳи қатъгардонии эмиссияи пулӣ боздоштан мумкин аст. Ин ҷараён ба таври мустақим таваррумро паст мекунад ва суръати гардиши пулро кам мекунад. Чунин роҳи ҳал аз он бармеояд, ки таварруми шиддатнокро бӯҳрони буҷети давлатӣ, камшавии даромадҳои аслии ҳукумат ба миён меорад. Баъд аз он, ки таваррум ба сатҳи муайян мерасад, он танзимнашаванда мегардад ва ба афзоиши минбаъдаи касрати буҷет оварда мерасонад. Ҳамин тавр аз сабаби касрати буҷет ба миён омада, таварруми шиддатнок ин касратро пурзӯр мекунад. Бо баробари ин тамоюли камшавии

даромадҳои аслии давлат аз ҳисоби андозҳо ба назар мерасад. Боздошташавии пардохтҳои андозӣ ба миён меояд. Дар ҳолати афзоиши нархҳо ба 50% дар як моҳ боздоштшавии пардохтҳо ба як моҳ ба аз даст додани 1/3 ҳиссаи даромади аслӣ оварда мерасонад. Дар ин давра интизоми андозӣ вайрон шуда, корхонаҳо дар тӯли моҳҳо ба буҷет пардохтҳоро амалӣ намегардонанд. Хароҷотҳои давлатии аслӣ кам намешаванд ва касрати буҷет афзоиш меёбад.

**Таварруми мувозинат ва номувозинат**. Аз нуқтаи назари нишондоди таносуби афзоиши нархҳо барои гурӯҳои гуногуни молҳо, яъне аз рӯи дараҷаи мувозинатии афзоиши нархҳо, таварруми мувозинат ва номувозинатро фарқ мекунанд.

Ҳангоми таварруми мувозинат нархи молҳои гуногун нисбати якдигар бетағйир боқӣ монда, ҳангоми таварруми номувозинат бошад нархи молҳои гуногун нисбати якдигар бо таносубҳои гуногун доимо тағйир меёбанд, ки барои дуруст муқоиса намудани хароҷотҳои истеҳсолот халал мерасонад. Истеҳсолкунандагон нишонаи муайян намудани хароҷоти истеҳсолотро аз даст медиҳанд.

**Таварруми пешбинишуда ва пешбининашуда**. Аз рӯи нишондоди пешбинишавӣ ва пешгӯишавандаи таваррум, таварруми пешбинишаванда ва пешбининашавандро фарқ мекунанд. Таварруми пешбинишаванда дар назар дорад, ки он пешаки пешгӯикарда мешавад. Дар аксарияти ҳолатҳо таварруми мувозинат ва пешбинишаванда якҷоя ба назар мерасанд, инчунин ҳолатҳои якҷоя ба миён омадани таварруми пешбининашаванда ва мувозинат низ ба назар мерасанд.

**Намудҳои таваррум аз рӯи шаклҳои зоҳиргардӣ**. Аз рӯи шаклҳои зоҳиргардӣ се намуди таваррумро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

1) **таварруми фушурдашуда** – нархҳо ҳангоми афзоиши якбораи талаботи қонеънагашта баланд намешаванд. Норасогӣ (дефитсит) ба миён омада, молҳо ба бозори пинҳонӣ равона шуда, номгӯи молҳо кам мешавад. Ин намудани таваррум барои иқтисодиёти маъмурӣ – фармондеҳӣ хос аст;

2) **таварруми пӯшида** – сафати мол ва хизматҳоро ҳангоми сатҳи мӯътадили нархҳо паст карда, таваррум соҳаи инвеститсиониро фаро мегирад, яъне арзиши сметавии

фондҳои асосии истеҳсолӣ афзоиш меёбад. Чунин ҳолат барои собиқ ИҶШС, Булғория ва Руминия дар солҳои 80-уми асри XX хос буд.

3) **таварруми кушод** – афзоиши сатҳи нархҳо, пастшавии қобилияти харидории воҳиди пулӣ, афзоиши арзиши сабати истеъмолӣ.

**Моҳият ва сабабҳои таварруми талабот.** Таварруми талабот бо барзиёдии пулҳо нисбат ба миқдори молҳои пешниҳодшаванда алоқаман буда, дар натиҷаи он сатҳи нархҳо баланд мешаванд. Дар чунин ҳолат шуғли пурра таъмин аст, зеро истеҳсолоти саноатӣ бо нархҳои баланд ҳавасманд карда шуда, иқтидорҳои истеҳсолӣ пурра машғуланд. Лекин афзоиши талабот ҳангоми истифодабари пурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва шуғли пурра бо пешниҳоди чандирнок мустаҳкам карда намешаванд, бинобар ҳамин нархҳо баланд мешаванд. Давлат хароҷотҳоро барои ҳарбӣ ва барномаҳои иҷтимоӣ дар давраи шуғли пурра зиёд намуда, ногулир ба қабқони таваррумӣ дучор мешавад.

Соҳибкорон талаботҳро ба захираҳои инвеститсионӣ зиёд намуда, бо баробари ин ба ҳаракати таваррумии иқтисодиёт мусоидат мекунанд. Иттифоқҳои касаба, ки афзоиши музди меҳнатро дар иқтисодиёт талаб мекунанд, дар ҳолати маҳдудиятҳои бо шуғли пурраи алоқаманд буда ба натиҷаҳои дар боло қайд шуда мусоидат менамоянд.

**Таварруми пешниҳод (хароҷот).** Барои иқтисодиёти муосир мавҷуд набудани шуғли пурра, бозорҳои озод ва нархҳои мӯътадил хос аст. Нархҳо доимо, то ҳатто дар давраи пастравӣ (ҳангоми истифодаи иқтидори истеҳсолӣ ба 30%) афзоиш меёбанд.

Вақте ки нархҳо дар натиҷаи афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ дар шароитҳои ноистифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ баланд мешаванд, он гоҳ дар иқтисодиёт таварруми пешниҳод (хароҷотҳо) ба назар мерасад.

Таварруми хароҷотҳо (пешниҳод) афзоиши арзиши омилҳои истеҳсолотро ба миён меорад. Дар ин ҳолат хароҷотҳои зиёд мешаванд, ки нархи маҳсулоти истеҳсол мешударо баланд мекунанд. Ин мол метавонад барои истеҳсолкунандаи дигар ба сифати захира баромад кунад.

Бинобар ҳамин барои дигар истеҳсолкунандагон низ мавҷи хароҷотҳои афзоишёбанда таъсир мерасонад. Дар натиҷа хароҷотҳо дар истеҳсолотҳои бо ҳам алоқаманд якбора бон архи молҳои истеҳсол мешуда афзоиш меёбанд.

Таварруми хароҷотҳо метавонад афзоиши нархи ҳама гуна омилҳои истеҳсолотро (замин, капитал, қувваи корӣ) ба миён орад. Хароҷотҳои истеҳсолот зиёд мешаванд ва баъдан онҳо ба маҳсулоти истеҳсол мешуда гузаронида мешаванд. Моли қиматшуда аз тарафи харидор пардохт карда мешавад. Агар барои харидор ин мол ҳамчун омили истеҳсолот баромад кунад, он гоҳ хароҷоти истеҳсолоти ӯ низ зиёд мешавад, ки истеҳсолкунандагонро барои рӯйпӯш намудани зарарҳо бо воситаи нархи баланд маҷбур месозад. Механизми гузарандаи таваррумӣ ба миён меояд. Таварруми хароҷотҳо дар мамлакат ба монанди вабо паҳн мегардад.

Инчунин дигар варинат низ имконпазир аст, ки дар он хароҷотҳо зиёд мешаванд, вале дар шароити бозори пуррагашта соҳибкор наметавонад афзоиши хароҷотҳоро бо нархи баландтар рӯйпӯш кунад. Дар ин ҳолат фоида кам шуда, қисми капитал аз истеҳсолоти даромаднокиаш камшудаистода ба пасандозҳо мегузарад. Маҷмӯаи пешниҳод кам мешавад, ки ногузир ба баландшавии сатҳи умумии нархҳо сабаб мешавад.

**Сарчашмаҳои таварруми пешниҳод (хароҷотҳо).** Сарчашмаҳои таварруми пешниҳод бо се шакл ифода меёбад – дар амалҳои давлат, иттифоқҳои касаба ва худи корхонаҳо (фирмаҳо).

Давлат метавонад ба таварруми пешниҳод бо воситаи механизмҳои молию – қарзӣ мусоидат намояд. Масалан, мизони фоизро баланд намуда, давлат дар шахсияти бонки марказӣ ба қиматшавии қарз мусоидат менамояд. Корхонаҳо аз қарз даст намекашанд, лекин барои пардохт намудани фоизи баландшуда онҳо нархи молҳоро баланд мекунанд ва аз ҳисоби харидорон хароҷоти азударо рӯйпӯш мекунанд. Сатҳи баланди мизони андозҳо бо чунин равиш амал мекунад.

Иттифоқҳои касаба ба афзоиши хароҷотҳои истеҳсолӣ бо воситаи музди меҳнат таъсир мерасонанд. Бинобар ҳамин талаби иттифоқҳои касаба оид ба баланд намудани музди

меҳнат дар аксари ҳолатҳо сарчашмаи асосии таварруми талабот ва пешниҳод баромад мекунад.

Сарчашмаи сеюми таварруми пешниҳод – монополияи корхонаҳо (фирмаҳо) барои ҷорӣ намудани нархҳо. Назарияи иқтисодии марксистӣ монополияи корхонаҳоро ҳамчун сабаби асосии таваррум мушоҳида мекунад.

***Механизми инкишофи таваррум***. Таваррум дар намуди спирали таваррумӣ инкишоф меёбад. Спирали таваррумӣ дар натиҷаи якҷояшавии таварруми пешбиннашудаи талабот ва таварруми хароҷотҳо ба миён меояд.

Механизми спирали таваррумӣ бо чунин тарз амал мекунад:

- агар бонки марказӣ пешниҳоди пулҳоро зиёд намояд, он гоҳ ин ҷараён ба афзоиши маҷмӯаи талабот оварда мерасонад ва мувофиқан таварруми талаботро ба миён оварда, ба баландшавии сатҳи нархҳо сабаб мешавад;
- азбаски мизони музди меҳнат дар сатҳи пештара боқӣ мемонад, аз ин лиҳоз даромадҳои аслӣ паст мешаванд. Коргарон баландкунии мизони музди меҳнатро мувофиқи афзоиши сатҳи нархҳо талаб мекунанд;
- ҳолати дар боло қайд шуда хароҷотҳои фирмаҳоро зиёд карда, ба камшавии пешниҳод оварда мерасонад, ки дар натиҷа таварруми хароҷотҳо ба миён омада, сатҳи нархҳо боз ҳам баландтар мешаванд;
- коргарон боз баланд намудани музди меҳнати номиналиро талаб менамоянд. Афзоиши онро дар аввал ҳамчун зиёдшавии музди меҳнати аслӣ қабул карда, хароҷотҳои истеъмолиро зиёд мекунанд, дар натиҷа таварруми талабот ба миён меояд, ки дар навбати худ бо таварруми хароҷотҳо якҷоя мешавад;
- ҳамаи ин афзоиши боз ҳам баландтари нархҳоро ба миён меорад. Камшавии даромадҳои аслӣ боз ба талаботҳо оид ба баланд намудани музди меҳнат сабаб шуда, спирал давом меёбад. Ҳаракат бо спирал ба миён омада, ҳар як давраи он ба сатҳи баландтари нархҳо мувофиқат мекунад, яъне ба сатҳи баландтари таваррум. Ин ҷараёни мултипликативии номи спирали таваррумӣ ва ё спирали «музди меҳнат – нархҳоро» гирифтааст.

Афзоиши сатҳи нархҳо ба баландшавии музди меҳнат мусоидат карда, афзоиши музди меҳнат бошад барои баландшавии минбаъдаи сатҳи нархҳо ҳамчун асос баромад мекунад.

## 24.4. ОҚИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ – ИҚТИСОДИИ ТАВАРРУМ.

Оқибатҳои таваррум аз хусусияти пешбинишавандагӣ ва ё ногаҳонии он вобастаанд. Оқибати умумии таварруми пешбнишаванда ва ногаҳонӣ пастшавии қобилияти харидории пулҳо мебошад.

Қобилияти харидории пулҳо – ин миқдори мол ва хизматҳое, ки ба як воҳиди пулӣ харидан мумкин аст. Агар нарх мол ва химатҳо баланд шаванд, он гоҳ ба маблағӣ пулии додашуда миқдори ками мол ва хизматҳоро харидан мумкин аст.

Мувофиқа, чӣ қадаре, ки сатҳи нархи мол ва хизматҳо баланд шавад, чӣ қадаре ки суръати таваррум баланд бошад, ҳамон қадар миқдори ками мол ва хизматҳоро одамон ба даромади номиналии худ харидорӣ карда метавонанд, аз ҳамин сабаб даромади аслӣ кам мешавад. Махсусан оқибатҳои ногуворро дар ин хусус таварруми шиддатнок ба миён меоварад, ки на танҳо ба камшавии даромадҳои аслӣ, балки ба вайроншавии некуаҳволӣ оварда мерасонад.

Дар шароити **таварруми пешбинишаванда** агентҳои иқтисодӣ ҳамин тавр метавонанд рафтори худро мувофиқ кунанд, то ки андозаи камшавии даромадҳои аслиро то ҳадди ақал расонанд. Масалан, коргарон метавонанд пешакӣ баланд намудани мизони номиналии музди меҳнатро талаб кунанд, фирмаҳо бошанд метвонанд баландшавии нархи маҳсулоти худро бо мутаносибии суръати пешбинишаванда таваррум пешбинӣ кунанд.

Лекин дар шароити таварруми ногаҳонӣ (пешбининашаванда) пастшавии даромадҳои аслиро барои ҳама агентҳои иқтисодӣ бартараф намудан ғайриимкон аст. Бинобар ҳамин оқибати махсуси таварруми ногаҳонӣ

азнавтақсимкунии даромадҳо ва боигарӣ баромад мекунад. Таварруми ногаҳонӣ баъзе агентҳои иқтисодиро аз ҳисоби дигарон бой мегардонад. Даромадҳо ва боигарӣ аз як агент ба агенти дигар мегузаранд:

- ***аз қарздиҳандагон ва қарзгирандагон***. Қарздиҳанда қарзро бо мизони фоизи номиналӣ (R) вобаста аз андозаи даромади аслии дастрасшаванда (мизони фоизи аслӣ ва суръати таварруми пешбинишаванда) пешкаш мекунад. Масалан, бо мақсади ба даст овардани даромади аслӣ дар андозаи 5% ва боназардошти таварруми пешбинишаванда дар сатҳи 3%, қарздиҳанда мизони фоизи номиналиро дар сатҳи 8% (5+3) ҷорӣ мекунад. Агар сатҳи аслии таваррум ба ҷои 3% пешбинишуда, 8% ташкил кунад, он гоҳ қарздиҳанда даромади аслиро ба даст намеорад (r=8-8=0). Агар суръати таваррум 10 фоизро ташкил кунад, он гоҳ даромади аслӣ дар ҳаҷми 2% аз қарздиҳанда ба қарзгиранда мегузарад (r=8-10=-2). Бинобар ҳамин дар давраҳои таварруми ногаҳонӣ (пешбининашаванда) қарз гирифтан нисбат ба қарз пешкаш намудан фоидаовар аст;
- ***аз коргарон ба фирмаҳо.*** Вақте ки таваррум аз сатҳи пешбинишудааш баландтар мешавад, шахсони пул мегирифта (коргарон) зара дида, шахсони пардохт мекарда (фирмаҳо) бурд мекунанд. Фирмаҳо дар он ҳолат аз ҳисоби коргарон бурд мекунанд, ки агар таваррум аз сатҳи пешбинишудааш баландтар бошад. Агар сатҳи таваррум аз сатҳи пешбинишудааш паст бошад, он гоҳ коргарон бурд карда, фирмаҳо зарар мебинанд;
- ***аз одамони даромади устувор дошта ба одамони даромади тағйирёбанда дошта***. Одамони даромади устувор дошта, пеш аз ҳама хизматчиёни давлатӣ ва одамони аз ҳисоби трансфертҳо зиндагӣ мекарда буда, доир ба афзоиши даромадҳои худ чораҳоро андешида наметавонанд, бинобар ҳамин дар давраҳои таварруми ногаҳонӣ, агар индексатсияи пурраи даромадҳо гузаронида нашавад, даромадҳои аслии онҳо бо суръатаи тез кам мешаванд. Одамони даромади тағйирёбанда дошта, афзоиш додани даромади номиналии худро вобаста аз суръати таваррум имконият доранд, бинобар ҳамин даромадҳои аслии онҳо на танҳо кам намешавад, балки афзоиш ёфтанаш мумкин аст;

- ***аз одамони пасандозҳои дар шакли пулӣ дошта ба одамони паснѓдоз надошта.*** Қимати аслии пасандозҳо бо баробари афзоишёбии суръати таваррум паст мешаванд, бинобар ҳамин боигарии аслии одамони пасандозҳои пулӣ дошта кам мешавад;
- ***аз калонсолон ба ҷавонон.*** Калонсолон аз таварруми ногаҳонӣ бештар зарар мебинанд, чунки аз як тараф онҳо даромадҳои устувор (нафақа) мегиранд ва аз тарафи дигар одатан онҳо пасандозҳои пулӣ доранд. Ҷавонон имконияти зиёд намудани даромадҳои номиналии худро дошта, пасандозҳои пулӣ надоран ва аз ҳамин сабаб камтар зарар мебинанд.
- ***аз ҳама агентҳои иқтисодии пулҳои нақд дошта ба давлат.*** Аз таварруми ногаҳонӣ бо дараҷаи муайян тамоми аҳолӣ зарар мебинад. Танҳо як субъекти иқтисодӣ бурд карда метавонад, яъне давлат. Ба муомилот пулҳои иловагиро бароварда (амалӣ гардонии эмиссияи пулҳо), давлат бо баробари ин ба пулҳои нақд андозро, яъне андози таваррумиро ҷорӣ мекунад. Даромади давлат аз эмиссияи пулҳо **сенораж** номида мешавад. Давлат мол ва хизматҳоро (қиматҳои аслиро) харидорӣ намуда, бо пулҳои беқурбшуда пардохт мекунад. Лекин хароҷоти таваррум барои давлат низ вуҷуд дорад. Зарари давлат дар он аст, ки дар шароитҳои таваррум аҳолӣ кӯшиш мекунад, ки пардохтҳои андозҳоро кашол диҳад, дар натиҷа қимати аслии воридшавии андозҳо (даромади давлат) кам мешавад. Ин ҳодиса дар адабиёти иқтисодӣ самараи Оливер – Танзӣ номида шуда, аввалин маротиба дар миёна солҳои 1980-ум дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ба назар расида буд.

Оқибатҳои нисбатан ҷиддӣ ва шадидро таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия) дорад, ки сабаби он афзоиши аз ҳад зиёди миқдори пулҳо барои молиягузории хароҷоти буҷети давлатӣ аз ҳисоби сенораж мебошад, ки бо ҷангҳо ва ё молиягузорӣ карда натавонистани касрати калони буҷети давлатӣ бо дигар роҳҳо (тарзҳои ғайритаваррумӣ ва ё гайриэмиссионӣ) алоқаманд аст.

Яъне таваррум дар бозори пулӣ пайдо шуда, шохаҳои он ба бозорҳои молӣ, бозори капитал ва ба бозори қувваи корӣ ворид мешавад ва дар натиҷа тамоми организми иқтисодиро

фаро мегирад. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми таваррæуми оғозёфта мӯътадилкунии танҳо бозори пулӣ кифоя нест, барои ин мақсад амалҳои зарурӣ дар соҳаҳои инвеститсионӣ, истеҳсолот, муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайраҳо лозиманд.

Хуллас, таваррум дар асоси дисбаланси талабот ва пешниҳод дар иқтисодиёти пулӣ пайдо шуда, дар афзоишёбии сатҳи умумии нархҳо ҳангоми пастшавии қобилияти харидории пулҳо зоҳир гардида, аз формулаи мубодилаи назарияи миқдории пулҳо бармеояд:

$$MV = PY \tag{24.3}$$

Аз ин формула маълум мегардад, ки сатҳи нархҳо ба маҷмӯаи хароҷотҳои харидорон барои дастрас намудани нематҳои истеҳсолшуда MV мутаносибии рост дошта, аз ҳаҷми истеҳсолот Y вобастагии чаппа дорад:

$$P = \frac{MV}{Y} \tag{24.4}$$

Аз ин ҷо се сабабҳои зерини таваррумро муайян намудан мумкин аст:

а) афзоиши миқдори пулҳо;

б) баландшавии суръати гардиши пулҳо;

в) камшавии ҳаҷми бароришии маҳсулот;

Таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия) ба чунин оқибатҳо оварда мерасонад:

- **шикасти низоми молиявӣ** (пулҳо аҳамияти худро гум мекунанд, чунки қобилияти харидории онҳо бо суръати тез паст шуда, пулҳо вазифаи ченаки қимати молро аз даст медиҳанд, бинобар ҳамин гузариш ба иқтисодиёти бартерӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он молҳо ба пул не, балки ба молҳои дигар мубодила карда мешаванд);
- **вайроншавии некуаҳволӣ** (даромадҳои аслии аксарияти аҳолӣ ба таври офҷиавӣ кам мешавад);
- **вайроншавии механизми инвеститсионӣ** (инвеститсияҳо ба истеҳсолот мӯҳлати дарози рӯйпӯшшавӣ дошта, дар шароити беқурбшавии босуръатонаи пулҳо ғайрисамаранок мегарданд);

- **афзоиши шиддатнокии иҷтимоӣ,** ки дар натиҷаи он нофаҳмиҳои сиёсӣ, табаддулотҳои ҳарбӣ, ҷангҳои шаҳрвандӣ, инқилобҳои ва ғайраҳо сар заданаш мумкин аст.

Азбаски сабаби таварруми шиддатнок дар шароитҳои ҳозира касрати буҷети давлатӣ ва зарурияти сенораж мебошад, барои боздоштани таварруми шиддатнок, ҳукумат бо баробари қатъгардонидани эмиссияи пулҳо бояд ислоҳоти соҳаи буҷетиро амлӣ гардонад, яъне кам намудани хароҷотҳои давлатӣ ва баланд намудани андозҳо.

Ҳамин тавр новобаста аз он, ки таварруми шиддатнок ҳамавақт ҳодисаи софи пулӣ аст, бартараф намудани он ҳамавақт, ба гуфти М.Фридмен, ҳодисаи фискалӣ мебошад.

Таваррум новобаста аз пешбинишаванда ва ё ногаҳонӣ харочотҳои зиёде дорад. Андозаи онҳо бо суръати таваррум муайян карда мешавад: чӣ қадаре, ки суръати таваррум баланд бошад, ҳамон қадар хароҷотҳои он зиёд мешавад.

## 24.5. КАҶХАТТАИ ФИЛЛИПС ВА СТАГФЛЯТСИЯ.

Иқтисодчии англис Филлипс дар охири молҳои 50-ум вобастагии байни меъёри бекорӣ ва афзоиши музди меҳнатро муайян намуд. Маълумотҳои зиёда аз садсоларо таҳлил намуда ӯ ба хулосае омад, ки мувофиқи он сатҳи бекорие мавҷуд аст (6-7%), ки дар он сатҳи музди меҳнат доимӣ буда, афзоиши он ба нол баробар аст. Ҳангоми пастшавии бекорӣ аз ин сатҳи муқаррарӣ афзоиши босуръатонаи музди меҳнат ба назар мерасад ва баръакс. Дар оянда мувофиқи вобастагии пурқуввати коррелятсионии байни афзоиши музди меҳнат ва нархҳо, қонунияти мазкур ба вобастагии бекорӣ ва суръати афзоиши нархҳо (таваррум) мубаддал карда шуд.

Каҷхаттаи Филлипс бо тадқиқотҳои эмпирики нишондиҳандаҳои омории мамлакатҳои тараққикардаи дунё дар солҳои 50-60-ум тасдиқ карда шуд. Дар ин давра дар аксарияти иқтисодиёти онҳо шуғли пурра пойдор шуда буд. Бо баробари амалигардонии чорабиниҳои ба афзоиши минбаъдаи истеҳсолот ва кам намудани бекорӣ равона шуда, афзоиши

нархҳо вусъат меёфт ва баръакс – пастшавии суръати таваррум бо афзоиши бекорӣ алоқаманд буд.

Моҳияти каҷхаттаи Филлипс бо воситаи таҳлили таносубҳои маҷмӯаи талабот ва маҷмӯаи пешниҳод кушода дода мешавад. Афзоиши маҷмӯаи талабот номутаносибии мавҷудбударо вусъат дода, номутаносибиҳои навро ба миён меорад ва ба таври психологӣ маҳдудияти захираҳоро зиёд мегардонад. Дар натиҷаи афзоиши талабот таваррум вусъат меёбад. Чӣ қадаре, ки афзоиши маҷмӯаи талабот зиёд бошад, ҳамон қадар иқтисодиёт ба сатҳи шуғли пурра наздик буда, нархҳо низ тезтар баланд мешаванд.

Муносибати духела ба кахаттаи Филлипс вуҷуд дорад. Дар чаҳорчӯбаи муносибати якум, каҷхаттаи Филлипс ҳамчун қонуни иқтисодӣ мушоҳида карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки якбора дар мамлакат таварруми пурқувват ва бекории зиёд шуда наметавонад. Муносибати дуюм ба каҷхаттаи Филлипс доимӣ ва устувории вобастагии байни таваррум ва бекориро инъикор мекунад. Дар иқтисодиёт сатҳи баланди шуғлро ҳангоми суръати додашудаи таварруми мӯътадил дастрас кардан мумкин аст. Таҳлили тағйирёбии (динамикаи) таваррум вабекорӣ дар солҳои 70-80-ум нишон дод, ки алоқаи байни онҳо номӯътадил аст. Дар давраҳои бӯҳронҳои иқтисодӣ якбора ҳам нархҳо ва ҳам бекорӣ афзоиш ёфтанд. Чунин ҳолати иқтисодӣ номи ***стагфлятсияро*** (шахшавии (шикасти) иқтисодиёт ҳангоми таваррум) ва ё ***слампфлятсияро*** (мувофиқати таваррум ва пастравии шадиди иқтисодӣ) гирифтааст.

## 24.6. СИЁСАТИ СИДДИТАВАРРУМӢ.

Азбаски таваррум ба монанди бекорӣ ба ҳодисаҳои макроиқтисодӣ дохил мешаванд, бинобар ҳамин мубориза бо онҳо танҳо дар масштаби тамоми иқтисодиёт бо қувваи давлат имконпазир аст. Лекин ба амалҳои давлат, ки ба сабабҳои таваррум дахл надоранду, балки ба оқибатҳои он (индексатсияи даромадҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ, назорати маъмурӣ аз болои

нархҳо ва ғайраҳоро) таалуқ доранд ба чорабиниҳои зиддитаваррумӣ дохил кардан мумкин нест.

Чунин чораҳо муаммои таваррумро ҳал накарда, балки онро ба оянда мегузоранд.

Чорабиниҳои зиддитаваррумиро танҳо дар ҳолати таварруми кушод амалигардонидан мумкин аст, чунки таварруми фушурдашуда ба бартарафкунӣ мутодиқ нест, зеро он чен нашванда аст. Таварруми фушурдашударо дар аввал бояд ба таварруми кушод мубаддал намуд ва баъд барои мубориза бар зидди он чораҷӯи кардан лозим аст.

Мубориза бурдан бо таваррум, маънои маҳдудкуниро дар сатҳи мӯътадил дар назар дошта, пурра аз байн бурдани онро дар назар надорад. Таваррумро пурра нест кардан ғайриимкон аст, зеро асоси мавҷудияти он характери сиклии тараққиёти иқтисоди бозорӣ мебошад.

Барои ҳамин ҳам таваррум ва бекорӣ – ҳамрадифони доимии хоҷагидории бозорӣ буда, сиёсати давлатии нигоҳдории шуғли пурра ва мӯътадилии нархҳо мақсади асосии танзими макроиқтисодӣ мебошад.

Барои ҳақиқӣ будани сиёсати зиддитаваррумӣ, пеш аз ҳама муайян намудани сабаби таваррум зарур аст. Дар боло қайд шуда буд, ки таваррум ин натиҷаи дисбалanси байни маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод буда, дар ҳолате ба назар мерасад, ки талабот аз пешниҳод зиёд аст. Вале ин дисбаланс метавонад ҳам аз таъсири омилҳои пулӣ ва ё монетарӣ (афзоиши миқдори пулҳо, баландшавии суръати гардиши пулҳо) ва ҳам аз сабабҳои ғайримонетарӣ (монополизатсияи иқтисодиёт, афзоиши хароҷотҳо) ба миён ояд.

Лекин новобаста аз он, ки кадом омилҳо ба вусъатёбии таваррум сабаб шудаанд, маҳдудкунии он танҳо дар ҳолати паст намудани суръати афзоиши миқдори пулҳо имконпазир аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ҳама мамлакатҳои дунё таваррум ва суръати афзоиши пешниҳоди пулҳо вобастагии зиччи коррелятсионӣ вуҷуд дорад. Дар навбати худ ин маънои онро дорад, ки «таваррум ҳамавақт ва дар ҳама ҷо бо худ ҳодисаи пулиро ифода мекунад».

Бо баробари ин афзоиши миқдори пул нисбат ба эҳтиёҷоти гардиши молӣ бо сабабҳои гуногун ба миён омаданаш мумкин аст:

- бо барориши (эмиссияи) иловагии пулҳо;
- касрати буҷет;
- сиёсати қарзии бонки марказӣ;
- низоми андози номукаммал.

Бинобар ҳамин чораҳои аввалиндараҷаи ҳукумат бар зидди таваррум бояд ба чунин чорабиниҳо равона шуданаш лозим аст:

- кам намудани миқдори пулҳо;
- баланд намудани мизони ҳисобии фоиз (меъёри бозтамвилӣ);
- баланд намудани меъёри захираҳои ҳатмӣ;
- кам кардани хароҷоти давлатӣ;
- мукаммалгардонии низоми андозӣ ва зиёд намудани даромадҳои андозии буҷети давлатӣ.

Лекин дар ҳаёти аслӣ амалӣ намудани ин чорабиниҳо на ҳамавақт натиҷаҳои хуб медиҳад. Пеш аз ҳама ин ба кам намудани пешниҳоди пул таалуқ дорад. Натиҷаҳои ногузири камшавии пешниҳоди пул, ин пастшавии сатҳи истеҳсолот ва шуғл мебошад.

Бинобар ҳамин ҳукумат имконият дорад, ки танҳо барои чи тавр кам намудани суръати афзоиши пулҳо муносибат кунад – якбора (шоковая терапия) ва ё оҳиста – оҳиста (градуирование).

# МАВЗӮИ 25. НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ВА ТАНЗИМИ МОЛИЯВӢ

*25.1. Низоми молиявӣ ҳамчун асоси танзими давлатӣ.*

*25.2. Буҷети давлатӣ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ.*

*25.3. Даромадҳо ва хароҷотҳои буҷети давлатӣ.*

*25.4. Касрати буҷети давлатӣ ва тарзҳои молиягузории он.*

*25.5. Қарзи давлатӣ, намудҳои он ва оқибатҳо.*

*25.6. Андозҳо ҳамчун базаи иқтисодӣ ва фишанги сиёсати молиявии давлат.*
*25.7. Сиёсати фискалии давлат.*

## 25.1. НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН АСОСИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ.

**Моҳияти молия**. Молия яке аз категорияҳои мураккаби иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Умуман молия – ин маҷмӯи ҷараёнҳои арзишӣ, к ибо ҷамъоварӣ, тақсимот ва истифодабарии захираҳои пулӣ алоқаманд мебошад. Ҳаракати захираҳои молиявӣ байни давлат, корхонаҳо ва аҳолӣ ба миён меоянд. Чи хеле, ки маълум аст, байни ин се субъектон алоқаи иқтисодии зиёд ба назар расида, қисми зиёди онҳо бо ҷараёнҳои молиявӣ таъмин карда мешаванд.

Дар адабиёти иқтисодии муосир маънидодкунии маҳдуд ва васеъи «молия» дода мешавад. Бо маънои васеъаш молия бо худ ҳаракати ҳама намудҳои бузургиҳои арзиширо дар ҷараёни хоҷагидорӣ ифода мекунад. Дар ин маънидодкунӣ сухан оиди ҳама шаклҳои арзишӣ, алалхусус пулию – қарзӣ меравад. Ҳангоми таҳлили муаммоҳои буҷетӣ асосан маънидодкунии маҳдуди истиллоҳи «молия» истифода мешавад.

Дар назария дигар мафҳумҳои низ истифода мешаванд, ба монанди «хоҷагии молиявӣ» ва «низоми молиявӣ». Лекин истиллоҳи «хоҷагии молиявӣ» дар таҷрибаи муосир қариб ки истифода намешавад. Истиллоҳи «низоми молиявӣ» бошад васеъ паҳн гардидааст.

**Мафҳӯми низоми молиявӣ**. Низоми молиявӣ маҷмӯи унсурҳои сохтории молиявии боҳамалоқамандро ифода мекунад. Низоми молиявиро ба таври гуногун таснифот кардан мумкин аст. Масалан, низоми молиявиро ҳамчун алоқамандии чунин унсурҳо муайян намудан мумкин аст:

- маҷмӯи беҷетҳои ҳама сатҳҳо;
- фондҳои ғайрибуҷетӣ (фондҳои суғуртавии иҷтимоӣ, амволӣ ва шахсӣ);
- захираҳои асъории давлат;

- фондҳои пулии корхонаҳои ва ташкилотҳо.

Инчунин бо воситаи алоқамандии чунин унсурҳои низоми молиявӣ таснифот кардан мумкин аст:

- молияи давлатӣ;
- молияи субъектони хоҷагидорӣ;
- молияи аҳолӣ.

**Сиёсати молиявӣ** ин ҷараёни фаъолияти низоми молиявӣ барои иҷроиши мақсадҳои муайян дар сатҳи давлат мебошад. Агар ин маънидодкуниро аниқтар кунем, он гоҳ қайд кардан мумкин аст, ки сифати молиявӣ – ин маҷмӯи шаклҳо, усулҳо ва фишангҳои танзимкунандаи таъсиррасонӣ ба ҷараёнҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки бо муомилоти аслии пулӣ алоқаманд мебошад. Чунин самтҳои сиёсати молиявӣ мавҷуданд: андозӣ, буҷетӣ, иҷтимоӣ, инвеститсионӣ, дар соҳаи молияи байналхалқӣ.

**Вазифаҳои молия**. Моҳияти молия ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар вазифаҳои он зоҳир мегардад. Молия се вазифаи асосиро иҷро мекунад: такрористеҳсолӣ, тақсимотӣ ва назоратӣ.

***Вазифаи такрористеҳсолии*** молия мувозинатии воситаҳои моддӣ, меҳнатӣ ва пулиро дар ҳама зинаҳои гирдгардиши капитал дар ҷараёни такрористеҳсоли оддӣ ва васеъ таъмин мекунад. Вазифаи такрористеҳсолии молия бо нишондиҳандаҳои фоиданокӣ ва бозоргирии активҳо тавсиф карда мешавад. Вазифаи такрористеҳсолӣ андӯхти захираҳои молияviро ҳавасманд гардонида, истифодабарии самаранокӣ онҳоро таъмин менамояд.

***Вазифаи тақсимотии молия*** бо вазифаи такрористеҳсолӣ алоқаи зич дорад, зеро МУД ва даромади миллии мамлакат байни иштирокчиёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ, соҳаҳои иқтисодиёт, минтақаҳо ва байни ҳама аъзоёни ҷамъият, инчунин байни соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ тақсим ва азнавтақсим карда мешаванд. Бо воситаи вазифаи тақсимотии молия, тақсимоти ибтидоии арзиши маҳсулоти офаридашуда ва таъсисёбии даромадҳои ибтидоӣ, воридотҳои пулӣ ба соҳаҳо ва секторҳои гуногуни иқтисодиёт, соҳибони омилҳои истеҳсолот, иштирокчиёни ҷараёни истеҳсолот, ба фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ба амал меояд.

Ба ин гуфтаҳо таъсисёбӣ ва тақсимоти фоидаи фирмаҳоро дохил кардан мумкин аст.

***Вазифаи назоратӣ ва ё ҳисобӣ – назоратии молия*** дар он зоҳир мегардад, ки онҳо олоти универсалии ҳисоббарӣ ва назорати ҷамъият аз болои истеҳсолот, тақсимот ва муомилоти маҳсулоти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравcovering. Ҳисоб ва назорати молиявӣ имконият медиҳад, ки номутаносибиҳои ба тақсимоти воситаҳои пулӣ таъсиррасонанда муайян карда шаванд.

## 25.2. БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ВА ФОНДҲОИ ҒАЙРИБУҶЕТӢ.

**Буҷети давлатӣ** зиннаи асосии низоми молиявиро ифода карда, чунин категорияҳоро ба монанди андозҳо, хароҷотҳои давлат ва қарзи давлатиро алоқаманд мекунад. Бо воситаи буҷети давлатӣ ҷамъоварии доимии захираҳо ва тақсимоти онҳо ба миён меояд.

**Буҷети давлатӣ** – ин нақшаи асосии молиявии давлат мебошад, ки аз рӯи таркиби моддӣ фонди мутамаркази воситаҳои пулӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯи характери иҷтимоӣ – иқтисодӣ бошад, фишанги азнавтақсимкунии даромади миллӣ мебошад.

Одатан буҷети давлатӣ барои як сол тартиб дода мешавад. Лоиҳаи буҷети давлатӣ органи ваколатдори ҳокимияти давлатии мамлакат (парламент) муҳокима ва қабул карда шуда, аз тарафи сардори давлат тасдиқ карда мешавад ва дар шакли қонуни буҷет нашр карда мешавад.

Буҷети давлатӣ ду ҷараёни алоқамандро ифода мекунад – ҷамъоварии даромадҳо дар дасти давлат ва истифодабарии онҳо барои иҷро намудани вазифаҳои давлатӣ, бинобар ҳамин буҷети давлатӣ бо мафҳумҳои «даромадҳои давлатӣ» ва «хароҷотҳои давлатӣ» алоқаманд аст, ки асоси онҳоро даромад ва хароҷотҳои буҷетӣ ташкил мекунанд. Даромадҳои ва хароҷотҳои буҷети давлатӣ ин ду тарафи тавсифи сифатии фонди мутамарказонидашуди захираҳои молиявии давлат мебошанд.

**Вазифаҳои буҷет**. Буҷети давлатӣ чунин вазифаҳои асосиро иҷро мекунад:

- азнавтақсимкунии даромади миллӣ;
- танзими давлатӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисодиёт;
- ҳавасмандгардонии пешравии илмӣ – техникӣ;
- таъмини молиявии сиёсати иҷтимоӣ;
- назорат аз болоти таъсисёбӣ ва истифодабарии фонди воситаҳои пулии мутамарказ.

**Буҷети ҳукумати марказӣ** – ин фонди мутамарказонидашудаи воситаҳои пулии ҳукумат барои нигоҳдории аппарати давлатӣ, қувваҳои мусаллаҳ, тандурустӣ, маориф, илм, пардохти ҷубронҳои иҷтимоӣ.

**Буҷети маҳаллӣ** – ин буҷети иёлотҳо, субъектони федератсия, ноҳияҳо ва вилоятҳо.

Буҷетиҳои ҳукуматҳои марказӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ байни ҳамдигар ҳам аз рӯи сарчашмаҳои воридшавии воситаҳои пулӣ ва ҳам хароҷоти онҳо зич алоқаманданд.

**Фондҳои ғайрибуҷетӣ**. Ба буҷет фондҳои ғайрибуҷетии гуногун ва ё воситаҳои пулии таъиноти мақсаднок дошта, дохил мешаванд. Ба фондҳои ғайрибуҷетӣ, фондҳои нафақа ва дигар фондҳо дохил мешаванд, ки аз ҳисоби андозҳои махсус, қарзҳо ва субсидияҳо аз буҷет таъсис меёбанд. Фондҳои ғайрибуҷетӣ имкониятҳои танзим ва дахолати давлатро ба иқтисодиёт бидуни буҷет ва назорати ҳукумат васеътар мегардонад.

**Консепсияҳои буҷети давлатӣ**. Таърихан нисбат ба ҳолати буҷети давлатӣ се консепсия пешбарӣ карда шудаанд:

- консепсияи буҷети мувозинатии ҳамасола;
- консепсияи буҷети мувофиқи давраҳои сикли иқтисодӣ мувозинат (дар асоси сиклӣ);
- консепсияи мувозинатии иқтисодиёт, набалки буҷет (ҳамчун молияи функсионалӣ).

Консепсияи буҷети мувозинати ҳамасола дар он аст, ки новобаста аз давраҳои сикли иқтисодӣ ва ҳолати ҳамасолаи иқтисодиёт ҳар сол хароҷотҳои буҷет бояд ба даромадҳо он баробар шаванд. Дар ҳаёти аслӣ ин ҳолат дар назар дорад, ки даромадҳои буҷкт (воридотҳои андозӣ) ҳадди ақал буда, давлат барои таъмини мувозинатии буҷет бояд хароҷотҳои давлатиро (хариди давлатӣ ва трансфертҳоро) кам намояд. Азбаски

камшавии харидҳо ва трансфертои давлатӣ ба камшавии маҷмӯи талабот ва мувофиқан ба камшавии ҳаҷми истеҳсолот сабаб мешавад, бинобар ҳамин ин гуна чорабинӣ пастравии боз ҳам шиддатнокро ба миён меорад. Баръакс агар дар иқтисодиёт ҳолати тасфон ҳукмрон бошаду воридоти андозҳои ҳадди аксарро ташкил мекунанд, он гоҳ барои мувозинатгардонии хароҷотҳои буҷет бо даромадҳо, ҳукумат бояд хароҷотҳои давлатиро зиёд гардониданаш лозим аст, ки ҳолати тасфонии иқтисодиётро боз ҳам шиддатнок карда, таварруми баландро ба миён меорад.

Ҳамин тавр, амалигардонии консепсияи мувозинатии ҳамасолаи буҷет ба шиддатёбии тағйиротҳои сиклии иқтисодиёт сабаб шуда, имконияти аз тарафи ҳукумат амалигардонии сиёсатро оид ба мӯътадилгардонии иқтисодиёт аз байн мебарад.

Консепсияи буҷети давлатии дар асоси сиклӣ мувозинатгашта дар он зоҳир мегардад, ки таъмини буҷети мувозинатгашта ҳамасола шарт нест. Дар ин консепсия, зарурияти мувозинатии буҷет дар давоми сикл пешбарӣ карда мешавад: барзиёдии даромади (профитсити) буҷет дар давраи болоравӣ (сатҳи баланди фаъолнокии корӣ), ки дар он даромадҳои буҷет ҳадди аксар мебошанд, бояд барои молиягузории касрати буҷети дар давраи пастравӣ ба миён меомада истифода шавад. Бо баробари ин барои муқовимат ба пастравӣ, ҳукумат бояд андозҳоро пасттар намуда, хароҷотҳои ҳукуматиро кам намояд, то ки барзиёдии даромадҳои буҷетро таъмин куна два онро барои рӯйпӯш намудани касрати буҷети дар давраи пастравӣ ба миён омада равона созад. Ҳамин тавр, фаъолияти ҳукумат бояд қувваи позитивии зиддисиклиро таъсис доданаш лозим аст.

Норасогии назарраси ин консепсия дар он аст, ки давраҳои болоравӣ ва пастравӣ аз ҳамдигар бо давомнокӣ ва ҳам фарқ мекунанд (пастравӣ нисбат ба болоравӣ давомнокии дарозтар дорад), бинобар ҳамин ҷамъи касратҳои дар давраи пастравӣ ғуншуда бо барзиёдии даромадҳои давраи болоравӣ мувофиқат намекунанд. Дар натиҷа масъалаи мӯътадилгардонӣ бо масъалаи мувозинатии буҷетӣ дар ҷараёни сикл ба зиддият шурӯъ мекунад.

Консепсияи мӯътадилгардонии иқтисодиёт ҳамчун «молияи функсионалӣ» васеъ паҳн гаштааст. Мувофиқи ин консепсия, мақсади давлат натанҳо таъмини мувозинатии буҷет, балки мӯътадилгардонии иқтисодиёт мебошад. Ин ақида аз тарафи Ҷ.М. Кейнс дар кори ӯ «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» пешбарӣ шуда, дар иқтисодиёти мамлакатҳои тараққикарда то миёнаи солҳои 1970- ум васеъ истифода шудааст.

Мувофиқи ақидаҳои Кейнс, фишангҳои буҷети давлатӣ (харидҳои давлатӣ, андозҳо ва трансфертҳо) бояд ба сифати танзимкунандагони зиддисиклӣ истифода шаванд, ки иқтисодиётро дар давраҳои гуногуни сикл мӯътадил мегардонанд. Агар дар иқтисодиёт пастравӣ бошад, он гоҳ давлат бо мақсадҳои ҳавасмандгардонии фаъолнокии корӣ ва таъмини болоравии иқтисодӣ бояд хароҷотҳои худро (харидиҳои давлатӣ ва трансфертҳоро) зиёд намуда, андозҳоро паст карданаш лозим аст, ки дар натиҷа афзоиши маҷмӯи талаботро ба миён меояд. Агар иқтисодиёт дар давраи бум қарор дошта бошад, он гоҳ давлат бояд хароҷотҳои худро кам карда, андозҳоро бояд баланд кунад, ки дар натиҷа фаъолнокии кориро боз дошта, иқтисодиётро мӯътадил мегардонад. Буҷет бояд ҳамчун фишанги ноилгардии мӯътадилии макроиқтисодӣ ва нигоҳдории он баромад кунад.

Азбаски назарияи Кейнс барои коркарди тавсияҳои мубориза бар зидди пастравии иқтисодиёт равона шуда буд, бинобар ҳамин амалигардонӣ ва истифодабарии фишангҳои танзими буҷетиро (зиёд намудани харидҳои давлатӣ ва трансфертҳо, паст намудани андозҳо) дар назар дошта, номи сиёсати «молиягузории касратиро (дефитситиро)» гирифтааст.

Дар натиҷаи истифодабарии консепсияи кейнсӣ дар аксарияти мамлакатҳои тараққикарда дар солҳои 1950 – 1960 – ум муаммои касрати буҷети давлатӣ дар миёнаи солҳои 1970-ум ба муаммои ҷиддии макроиқтисодӣ мубаддал гашт. Ин муаммо ба яке аз сабабҳои шиддатёбии ҷараёнҳои таваррум гардид.

## 25.3. ДАРОМАДҲО ВА ХАРОҶОТҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ.

**Буҷети давлатӣ** – ин баланси даромадҳо ва хароҷотҳои давлат барои давраи муайяни вақт (одатан як сол) мебошад, ки баъд аз аз тарафи органҳои қонунбарор (Парламент) қабул гаштанаш, қувваи қонуниро пайдо карда, барои иҷроиши ҳамтӣ мебошад.

Ҳангоми иҷроиши вазифаҳои худ давлат хароҷотҳои зиёдеро амалӣ мегардонад. Хароҷотҳои давлат аз рӯи мақсадҳо ҷудо шуданаш мумкин аст:

- **хароҷотҳо барои мақсадҳои сиёсӣ** – таъмини мудофиа ва амнияти миллӣ (таъмини артиш, милитсия, судҳо ва ғайраҳо), инчунин нигоҳдории аппарати идоракунии давлатӣ;
- **хароҷотҳо барои мақсадҳои иқтисодӣ** – нигоҳдорӣ ва таъмини фаъолияти сектори давлатии иқтисодиёт, кӯмак ба сектори хусусӣ (пеш аз ҳама бо воситаи субсидиякунӣ);
- **хароҷотҳо барои мақсадҳои иҷтимоӣ** – таъмини иҷтимоӣ (пардохти нафақаҳо, идрорпулиҳо (стипендияҳо), ҷубронпулиҳо), хароҷот барои маориф, тандурустӣ, инкишофи илми фундаменталӣ, ҳифзи муҳити атроф.

Аз нуқтаи назари макроиқтисодӣ, ҳама хароҷотҳои давлатӣ ба инҳо ҷудо мешаванд:

- хариди давлатии мол ва хизматҳо (арзиши онҳо ба МУД дохил карда мешаванд);
- трансфертҳо (азиши онҳо ба МУД дохил карда намешаванд, зеро онҳо натиҷаи азнавтақсимкунии даромади миллӣ мебошанд);
- пардохти фоизҳо барои вомбаргҳои (облигатсияҳои) давлатӣ (ин хароҷотҳо низ ба МУД дохил намешаванд, зеро аз даромадҳои буҷети давлатӣ пардохт карда мешаванд).

Бо вуҷуди ин хариди давлатии мол ва хизматҳо аз инҳо иборат мебошанд:

- хароҷотҳо барои истеъмолоти давлатӣ, ки аз чунин хароҷотҳо иборат мебошанд: хариди молҳои

истеъмолӣ аз тарафи давлат, пардохти хизматҳои хизматчиёни давлатӣ (музди меҳнати коркунони давлатӣ, муаллимон, духтурон ва коркунони илмӣ);
- инвеститсияҳои давлатӣ – хариди давлатии молҳои инвеститсионӣ барои таъмини ҷараёни истеҳсолот дар сектори давлатии иқтисодиёт, яъне хароҷотҳо барои сохтмони роҳҳо, мактабҳо, беморхонаҳо ва ғайраҳо.

Сарчашмаҳои асосии даромади давлатӣ инҳо мебошанд:

- андозҳо (бо назардошти пардохтҳо ба суғуртаи иҷтимоӣ);
- пардохтҳои ҳатмӣ (литсензияҳо, иҷозатномаҳо ва ғайраҳо);
- фоидаи корхонаҳои давлатӣ;
- сенораж (даромад аз эмиссияи пулҳо);
- даромадҳо аз фурӯши қоғазҳои қиматноки давлатӣ;
- даромадҳо аз хусусигардонӣ;
- ҷаримаҳои гуногун.

Фарқи байни даромадҳо ва хароҷотҳои давлатӣ бақияи буҷети давлатиро ифода мекунад. вобаста аз таносуби хароҷотҳои ва даромадҳо, буҷети давлатӣ дар се ҳолат қарор дошта метавонад:

- агар даромадҳои буҷет аз хароҷотҳои он зиёд бошад, он гоҳ бақияи буҷет мусбӣ буда, оид ба барзиёдии даромадҳои буҷет нисбат ба хароҷотҳои он шаҳодат медиҳад;
- агар даромадҳои ба хароҷотҳо баробар бошанд, он гоҳ бақияи буҷет ба нол баробар буда, оид ба мувозинатии буҷет шаҳодат медиҳад;
- агар даромадҳои буҷет аз хароҷотҳои он кам бошад, он гоҳ бақияи буҷет манфӣ буда, оид ба касрати буҷет шаҳодат медиҳад.

Дар давраҳои гуногуни сикли иқтисодӣ ҳолати буҷети давлатӣ гуногун мебошад. Ҳангоми пастравӣ даромадҳои буҷет кам мешаванд (зеро фаъолнокии корӣ паст шуда, мувофиқан базаи андозбандӣ хурд мешавад) ва мувофиқан касрати буҷет (агар ҷой дошта бошад) зиёд шуда, барзиёдии даромадҳои буҷетӣ (агар мавҷуд бошад) кам мешавад. Ҳангоми бум касрати

буҷет кам шуда, барзиёдии даромадҳои он зиёд мешавад (зеро воридоти андозҳо зиёд мешаванд).

## 25.4. КАСРАТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАРЗҲОИ МОЛИЯГУЗОРИИ ОН.

Касрати буҷет ҳамон вақт ба назар мерасад, ки агар хароҷотҳои ҳукумат аз даромадҳои буҷет зиёд бошад. Касрати буҷетӣ бо воситаи се тарз молиягузорӣ шуданаш мумкин аст:

- аз ҳисоби эмиссияи пулҳо (монетизатсияи касрат);
- аз ҳисоби қарз аз аҳолии мамлакат (қарзи дохилӣ);
- аз ҳисоби қарз аз дигар мамлакатҳо ва ё ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ (қарзи беруна).

Тарзи авали молиягузории касрати буҷет эмиссионӣ ва ё пулӣ номида шуда, тарзҳои дуюм ва сеюм тарзҳои қарзӣ номида мешаванд.

Афзалиятҳо ва норасогиҳои ҳар як тарзҳоро дида мебароем.

***Тарзи эмиссионии молиягузории касрати буҷети давлатӣ***. Чунин тарзи молиягузорӣ дар он зоҳир мегардад, ки бонки марказӣ массаи пулиро бо воситаи барориши пулҳои иловагӣ ба муомилот зиёд мекунад ва ҳукумат бо воситаи пулҳои зиёдгашта барзиёдии хароҷотҳоро нисбат ба даромадҳо рӯйпӯш мекунад. Чунин ҷараён монетизатсияи касрати буҷет номида мешавад.

**Афзалиятҳои тарзи номбурдаи молиягузорӣ**. Афзоиши массаи пулӣ омили маҷмӯи талабот ва мувофиқан омили ҳаҷми истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Афзоиши пешниҳоди пулҳо ба пастшавии мизони фоиз (пастшавии нархи қарз) дар бозори пулӣ мусоидат мекунад, ки инвеститсияҳоро ҳавасманд гардонида, афзоиши хароҷотҳои умумӣ ва маҷмӯи талаботро таъмин мекунад.

Чунин чорабиниро батезӣ амалӣ гардонидан мумкин аст. Афзоиши массаи пулӣ ҳамон вақт ба миён меояд, ки агар бонки

марказӣ қоғазҳои қиматноки давлатиро харидорӣ карда, ба фурӯшандагон (хоҷагиҳои хонавода ва фирмаҳо) арзиши ин қоғазҳои қиматнокро пардохт намуда, ба муомилот пулҳои иловагиро мебарорад. Чунин харидро бонки марказӣ дар ҳама лаҳза ва дар ҳаҷми гуногун амалӣ карда метавонад.

***Норасогии асосии тарзи эмиссионии милиягузории касрати буҷети давлатӣ*** дар он аст, ки афзоиши массаи пулӣ ба таваррум оварда мерсонад, яъне ин тарзи таваррумии молиягузорӣ мебошад.

**Молиягузории касрати буҷети давлатӣ аз ҳисоби қарзи дохилӣ**. Чунин тарз дар он зоҳир мегардад, ки давлат қоғазҳои қиматнокро (вомбаргҳои давлатӣ ва векселҳои хазинагиро) бароварда, онҳоро ба хоҷагиҳои хонавода ва фирмаҳо мефурӯшад ва воситаҳои бадастовардаро барои молиягузории хароҷотҳои барзиёди давлатӣ истифода мебарад.

**Афзалиятҳои** ин тарзи молиягузорӣ:

- ***ин тарз таваррумро ба миён намеоварад***, зеро массаи пулӣ зиёд намешавад (қисми пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода дар намуди пардохт барои вомбаргҳои давлатии харидорӣ шуда ба ҳукумат мегузаранд, яъне пулҳо танҳо аз як агенти иқтисодӣ ба агенти дигари иқтисодӣ мегузаранд), бинобар ҳамин дар давраи кӯтоҳмуддат – ин тарзи ғайритаваррумии молиягузорӣ ба ҳисоб меравад;
- ***ин тарзи молиягузории нисбатан оперативӣ*** ба ҳисоб меравад, зеро бароириш ва фурӯши қоғазҳои қиматноки давлатиро батезӣ амалӣ кардан мумкин аст. Дар мамлакатҳои тараққикарда, аҳолӣ қоғазҳои қиматноки давлатиро бо хоҳиши зиёд харидорӣ мекунанд, чунки онҳо бозоргирии ниҳоят калон дошта (онҳоро бемушкилӣ ва тез фурӯхтан мумкин аст), боваринокии баланд (яъне аз тарафи давлат кафолат дода мешаванд) бехавф ва даромаднокии баланд доранд

**Норасогиҳои ин тарз**:

- ***қарзҳоро баргардонидан лозим аст***. Маълум аст, агар вомбаргҳои давлатӣ даромади муайянро таъмин накунанд, аҳолӣ онҳоро харидорӣ намекунад. Пардохти фоизҳо барои вомбаргҳои давлатӣ

таъминоти қарз номида мешавад. Чи қадаре қарзи давлатӣ зиёд бошад (чи қадаре, ки вомбаргҳои давлатӣ зиёд бароварда шуда бошанд), ҳамон қадар маблағҳои зиёд бояд барои таъмини қарз равона шуданаш лозим аст. Пардохти фоизҳо барои вомбаргҳои давлатӣ бошад, қисми хароҷоти буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҳаҷми онҳо чи қадаре зиёд бошанд, ҳамон қадар касрати буҷет зиёд мешавад. Як давраи сарбаста ба миён меояд: давлат барои рӯйпӯш намудани касрати буҷет вомбаргҳоро мебарорад, ки пардохти фоизҳо барои ин вомбаргҳо касрати боз ҳам зиёдтарро ба миён оварадаш мумкин аст.

Ду иқтисодчиёни америкоӣ Томас Сарджент ва Нейл Уоллис исбот карданд, ки молиягузории қарзии касрати буҷети давлатӣ метавонад ба таварруми боз ҳам зиёдтар нисбат ба тарзи эмиссионӣ оварда расонад. Ин ақида дар адабиёти иқтисодӣ теоремаи Сарджент – Уоллис ном гирифтааст;

- ***тарзи номбурда танҳо дар давраи кӯтоҳмуддат ғайритаварруми ба ҳисоб рафта,*** дар давраи дарозмуддат метавонад таварруми зиёдро ба миён оварад;
- ***норасогии назарраси тарзи қарзии молиягузории касрати буҷети давлатӣ*** самараи маҳдудкунии инвеститсияҳои хусусӣ мебошад.

***Молиягузории касрати буҷети давлатӣ бо воситаи қарзи беруна,*** яъне қарз аз дигар мамлакатҳо (одатан ин қарз бо воситаи фурӯши қоғазҳои қиматноки хусусӣ ва давлатӣ, яъне активҳои молиявӣ амалӣ мегардад) ва ё ташкилотҳои байналхалқӣ.

**Афзалиятҳои ин тарз** дар имконияти ба даст овардани маблағҳои калон дар шароитҳои ғайримконпазирӣ ва ё ғайримақсаднокии қарзҳои дохилӣ ифода ёфта, молиягузории касрати буҷети давлатӣ бо воситаи тарзи эмиссионӣ хатари таварруми баландро ба миён меорад.

**Норасогиҳои** ин тарзи молиягузорӣ:

- зарурияти баргардонидани қарз ва таъмини қарз (пардохти маблағи худи қарз ва ҳам фоизҳо барои қарз);
- ғайриимконпазирии таъсисёбии пирамидаи молиявӣ барои пардохти қарзи беруна;
- зарурияти ҷудо намудани захираҳо аз иқтисодиёти мамлакат барои пардохти қарзи беруна ва таъмини он, ки ба камшавии ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ ва пастравии иқтисодиёт сабаб мешавад;
- ҳангоми касрати тавозуни пардохт имконияти камшавии захираҳои тиллоӣ – асъории мамлакат пайдо мешавад.

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки ҳар се тарзи молиягузории касрати буҷети давлатӣ афзалиятҳо ва норасогиҳои худро доранд.

Дар натиҷаи истифодабарии тарзҳои дуюм ва сеюми молиягузории касрати буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ таъсис меёбад.

## 25.5. ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ, НАМУДҲОИ ОН ВА ОҚИБАТҲО.

Қарзи давлатӣ ҷамъи маблағҳои касратҳои буҷетиро ба истиснои маблағҳои барзиёдии даромадҳои буҷет дар назар дорад, ки дар мамлакат ҷой доштанд.

Ҳамин тавр маълум мегардад, ки қарзи давлатӣ низондиҳандаи захиравӣ мебошад, зеро барои лаҳзаи вақти муайян ҳисоб карда мешавад.

Сабаби пайдошавӣ ва афзоиши қарзи давлатӣ, молиягузории касрати буҷети давлатӣ аз ҳисоби қарзҳои беруна мебошад. Мувофиқи ин гуфтаҳо ду намуди қарзи давлатиро аз ҳам ҷудо мекунанд: дохилӣ ва берунӣ.

***Қарзи давлатии дохилӣ*** – ин маҷмӯи қарзҳои ҳукумат ба шаҳрвандони мамлакат, ки ба ҷамъи арзишҳои ҳама вомбаргҳои давлатии дар доштаи онҳо баробар мебошад.

***Қарзи давлатии беруна*** – ин ҷамъи қарзҳои мамлакат ба шаҳрвандони хориҷи, дигар мамлакатҳо ва ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ мебошад.

Аз рӯи ҳаҷми мутлақи қарз оид ба то кадом дараҷа муаммои иқтисодӣ будани он баҳо додан номумкин аст. Агар маблағи қарз ҳиссаи ками МУД –ро ташкил карда, иқтисодиёт мӯътадил тараққи карда истода бошад, он гоҳ пардохти худи қарз ва фоизи он барои иқтисодӣ вазнинии зиёд надорад. Бинобар ҳамин нишондиҳандаи вазнинии қарзи давлатӣ барои иқтисодиёт нисбияти андозаи қарз (D) ба ҳаҷми МУД (Y), яъне ҳиссаи қарз дар МУД ба ҳисоб меравад:

$$d = \frac{D}{Y} \tag{25.1}$$

Ба сифати нишондиҳандаи вазнинии қарзи давлатӣ аксар вақт нисбияти суръати афзоишёбии қарз ба суръати афзоиши МУД истифода мешавад:

$$\mathcal{E} = \frac{gD}{gY} \tag{25.2}$$

Ҳангоми паст будани суръатҳои афзоишёбии МУД ва суръатҳои пасти рушди иқтисодӣ қарзи давлатӣ ба муаммои ҷиддии макроиқтисодӣ мубаддал мешавад.

Хатари қарзи дохилии давлатӣ бо он алоқаманд аст, ки ҳукумат метавонад муфлис шавад, зеро одатан он қарзҳоро рӯйпӯш накарда, балки бо воситаи барориши вомбаргҳои нави давлатӣ азнавмолиягузорӣ (рефинансирование) мекунад ва дар натиҷа қарзҳои нав барои рӯйпӯш намудани қарзҳои пешина пайдо мешаванд, яъне пирамидаи молиявӣ сохта мешавад. Ба ғайр аз ин барои молиягузории хароҷотҳои худ давлат метавонад андозҳоро баланд намуда, барои муомилот пулҳои иловагиро эмиссия карда метавонад.

Муаммои қарзи зиёди дохилии давлатӣ дар инҳо зоҳир мегардад:

- ***самаранокии иқтисодиёт паст мешавад***, зеро воситаҳо аз сектори истеҳсолии иқтисодиёт ҷудо карда мешаванд, алалхусус барои таъмини қарз ва барои баргардонидани худи маблағи қарз;

- ***даромад*** аз сектори хусусӣ ба сектори давлатӣ азнавтақсим карда мешавад;
- ***нобаробарии даромадҳо шиддат меёбанд;***
- ***азнавмолиягузории қарз ба баландшавии мизони фоиз оварда мерасонад,*** ки маҳдудшавии инвеститсияҳоро дар давраи кӯтоҳмуддат ба миён оварда, дар давраи дарозмуддат бошад метавонад ба камшавии захираи капитал ва пастшавии иқтидори истеҳсолии мамлакат сабаб шавад;
- ***хатари*** таварруми баланд дар оянда ба миён меояд;
- ***зарурияти пардохти фоизҳо барои қарз*** баланд намудани андозҳоро талаб карданаш мумкин аст, ки ба вайрон шудани ҳавасмандгардонии амалҳои иқтисодӣ оварда мерасонад;
- ***касрати буҷети давлатӣ*** ҳодисаи доимӣ шуданаш мумкин аст;
- ***касрати дукаррата пайдо шуданаш мумкин аст,*** ки дар он касрати буҷети давлатӣ бо касрати тавозуни пардохт мувофиқат мекунад. Ин ду намуди касрат бо ҳам алоқаманданд. Аз айнияти инексияҳо ва мусодираҳо I+G+X=S+T+Im бар меояд, ки (G-T)=(S-I)+(Im-X) аст. Ҳангоми ғайриимконпазир будани молиягузории афзоиши касрати буҷети давлатӣ аз ҳисоби пасандозҳои дохилӣ зарурати молиягузории он аз ҳисоби қарзи беруна ва зиёдшавии касрати тавозуни пардохт ба миён меояд.

Оқибатҳои негативии қарзи берунаи зиёди давлатӣ бо зарурияти баргардонидани қарз ва таъмини он дар чунин хусусиятҳо зоҳир меёбад:

- ***пардохти фоизҳо ва маблағи асосии қарз*** интиқоли қисми МУД – ро ба хориҷа ба миён меоварад, ки дар натиҷа имкониятҳои истеҳсолӣ ва самаранокии иқтисодиёти миллӣ паст мешаванд;
- ***вазнинии пардохти қарз*** ба наслҳои оянда мегузарад, ки ба пастшавии сатҳи некӯаҳволии онҳо сабаб шуданаш мумкин аст;
- ***ҳангоми касрати доимии тавозуни савдо*** (тавозуни пардохт, махсусан дар ҳолати қурби асъори устувор)

хатари коҳишёбии захираҳои тиллоӣ – асъории мамлакат ба миён меояд, ки ба бӯҳрони асъорӣ овярданаш мумкин аст;
- ***хатари буҳрони қарзӣ*** ба миён меояд.

## 25.6. АНДОЗҲО ҲАМЧУН БАЗАИ ИҚТИСОДӢ ВА ФИШАНГИ СИЁСАТИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТ.

**Андоз** – ин мусодираи маҷбурии маблағи муайяни пулӣ аз хоҷагиҳои хонавода ва фирмаҳо аз тарафи давлат. Азбаски бо хизматрасониҳои давлатӣ ҳама аъзоёни ҷамъият истифода мебаранд, бинобар ҳамин давлат барои ин гуна хизматҳо пардохти муайянро аз ҳама шаҳрвандон меситонад.

Андозҳо фишанги азнавтақсимкунии даромади миллӣ байни аъзоёни ҷамъият ба ҳисоб рафта, мақсади кам намудани нобаробариро дар даромадҳо дорад.

**Низоми андоз** чунин унсурҳоро дар бар мегирад: субъекти андозбандӣ (кӣ бояд андозҳоро пардохт кунад); объекти андозбандӣ (чӣ андозбандӣ карда мешавад); мизони андоз (фоизе, ки бо он маблағи андоз ҳисоб карда мешавад).

Андозае, ки аз он андоз пардохт карда мешавад, **базаи андозбандӣ** номида мешавад. Барои иқтисодиёт ба сифати базаи андозбандӣ, ҳаҷми даромади умумӣ (миллӣ) (Y) ба ҳисоб меравад. Барои ҳисоб намудани маблағи андоз (Tx) бояд андозаи базаи андозбандиро (Y) ба мизони андоз (t) зарб задан лозим аст:

$$Tx = Y \times t \qquad (25.3)$$

**Низоми андозӣ** – ин маҷмӯи андозҳо, пардохтҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои аз тарафи давлат ситонида мешуда ва инчунин шаклу усулҳои сохти онҳо мебошад. Дар низоми андозӣ усулҳои аниқи сохт ва ситонидани андозҳо ҷорӣ карда мешавад. Низоми андозии ҳар як давлат бо маънои томаш хизлати статикӣ надошта, балки хислати динамикӣ дорад. Ин хусусият бо тағйирёбии вазъияти иқтисодӣ, мақсад ва вазифаҳои рушди иқтисодӣ алоқаманд мебошад. Лекин

норасогии ҷиддии аксарияти низомҳои андози амалкунанда мушҳида намудани боздеҳ аз ҳар андозҳо дар низоми статикӣ мебошад, ки инкишофи муносибатҳои ҷамъиятиро ба эътибор намегирад.

**Принсипҳои сохти низоми андозӣ**. Принсипҳои андозбандӣ аз тарафи А. Смит муайян шуда буданд. Ба ақидаи А. Смит, низоми андозӣ бояд дорои чунин принсипҳо бошад: ***адолатнок*** (он набояд сарватмандонро боз ҳам сарватмандтар гардонида, камбизоатонро боз ҳам кашоқтар кунад); ***фаҳмо*** (андозсупоранда бояд донад, ки барои чӣ ӯ ин ё он намуди андозро пардохт мекунад); ***қулай*** (андозҳо бояд ҳамон вақт ситонида шаванд, ки барои андозсупоранда, набалки ба андозситонанда қулай бошад); ***сарфапазирӣ*** (маблағи воридоти андозҳо аз хароҷотҳои барои ҷамъоварии он сарф мешуда бояд кам бошанд).

Дар асоси низоми андози муосир принсипҳои самаранокӣ ва адолтанокӣ меистанд. Низоми андозӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ бояд самаранокиро таъмин намуда, ба ҷойгиркунӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳо мусоидат намояд. **Адолатнокӣ** бояд амудӣ (вертикалӣ) (ин принсип дар назар дорад, ки одамони даромадҳои гуногун мегирифта, бояд андозҳои гуногун пардохт намоянд) ва уфуқӣ (горизонталӣ) (дар назар дошта мешавад, ки одамони даромадҳои якхела бошта, бояд андозҳои баробар пардохт намоянд) бошад.

**Кодекси андоз** – ин унсури асосии қонунгузории андозии малакат ба ҳисоб рафта, дар он принсипҳои сохторӣ ва амал намудани низоми андозӣ муқаррар карда мешаванд.

**Намудҳои андозҳо**. Ду намуди андозҳоро аз ҳам фарқ мекунанд.

**Андозҳои мустақим** – ин андозҳо ба даромадҳо аз омилҳои истеҳсолот ва амвол мебошанд. Ин андозҳо аз маблағҳои пулии аз тарафи агентҳои иқтисодӣ ба дастоварда (пеш аз ҳама ба сифати даромадҳои омилӣ) ва ё баҳодиҳии амволи ба онҳо таалуқ дошта ситонида мешавад.

**Ба андозҳои мустақим инҳо дохил мешавад:** андоз аз даромадҳои шахсӣ; андоз аз фоида; андоз аз мерос; андоз аз амвол; андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт ва ғайраҳо.

Хусусияти андозҳои мустақим дар он зоҳир мегардад, ки пардохткунандаи андоз (шахсе, ки андозро пардохт мекунад) ва барандаи андоз (шахсе, ки андозро ба давлат месупорад) ҳаммаъно буда, як агентро ифода мекунад.

**Андозҳои ғайримустақим** – ин андозҳо ба мол ва хизматҳо ва намудҳои фаъолият мебошад. Андозҳои ғайримустақим қисми нархи мол ва ё хизматро ифода мекунанд. Азбаски ин андозҳо ба арзиши харидҳо (дар шакли маблағи муқарраршуда ва фоизи муқарраршуда) дохил мешаванд, онҳо хислати дохилӣ дошта, ҳамчун андоз барои истеъмолот баромад мекунанд.

**Ба андозҳои ғайримустақим инҳо дохил мешаванд:** андоз аз арзиши иловашуда (ААИ (НДС); андоз аз гардиш; андоз аз фурӯш; андози аксизӣ (ба молҳои зераксизӣ инҳо дохил мешаванд: сигор, нӯшокиҳои спиртӣ, автомобилҳо, ҷавоҳирот, мӯинаҳо); боҷи гумрукӣ (ба нархи молҳои воридотӣ ҷамъ карда мешавад).

Хусусияти андозҳои ғайримустақим дар он аст, ки пардохткунандаи андоз ва барандаи андоз – ин агентҳои гуногун мебошанд. Пардохткунандаи андоз харидорӣ мол ва ё хизмат баромад карда (зеро дар асл харидор ин гуна андозро пардохт мекунад), барандаи андоз бошад фирма баромад мекунад, ки ин мол ва ё хизматро истеҳсол кардааст (зеро фирмаи истеҳсолкунанда ин андозро ба давлат пардохт мекунад). Дар СҲМ ин намуди андоз андоз барои бизнес номида мешавад.

Дар макроиқтисод андозҳо ба автономӣ (аккордӣ) ва аз даромад вобаста буда ҷудо мешаванд.

**Андозҳои автономӣ (ва ё аккордӣ)** – ин андозҳое, ки аз сатҳи даромад вобаста нестанд. Андози аккордӣ бо худ андозеро ифода мекунад, ки пардохти маблағи ягонаи андозҳоро дар ҳамагуна ҳаҷми даромади умумӣ таъмин менамояд.

**Андозҳои аз даромад вобастабуда** – ин андозҳое, ки аз сатҳи даромади умумӣ вобаста буда, маблағи воридоти андозҳо бо формулаи $t \times Y$ муайян карда мешавад, ки дар ин ҷо: $t$ – мизони андоз, $Y$ – даромади умумӣ (даромади миллӣ ва ё МУД).

Мизони андози миёна ва интиҳоиро аз ҳам фарқ мекунанд.

**Мизони миёнаи андоз** – ин нисбияти маблағи андозҳо ба ҳаҷми даромад бо ифодаёбии фоиз мебошад:

$$t_{\text{миёна}} = \frac{T_X}{Y} \times 100\% \qquad (25.4)$$

**Мизони интиҳоии андоз** – ин нисбияти ҳаҷми маблағи афзоишёфтаи андоз ба ҳаҷми афзоиши даромад бо ифодаёбии фоиз. Мизони интиҳоии андоз нишон медиҳад, ки то кадом андоза маблағи андоз ҳангоми афзоишёбии даромад ба як воҳид тағйир меёбад:

$$t_{\text{интиҳоӣ}} = \frac{\Delta T_X}{\Delta Y} \times 100\% \qquad (25.5)$$

Фарз мекунем, ки дар иқтисодиёт чунин низоми андозбандӣ амал мекунад, ки дар он даромад то 10000 сомонӣ бо мизони 20% андозбандӣ карда шуда, даромади аз 10000 сомонӣ зиёдтар аз рӯи мизони 30% андозбандӣ карда мешавад. Агар ягон шахс дар ҳаҷми 15000 сомонӣ даромад гирад, он гоҳ ӯ ба маблағи 3500 сомонӣ андоз месупорад (10000×0,2+5000×0,3=3500), яъне 2000 сомонӣ аз маблағи 10000 сомонӣ ва 1500 сомонӣ аз маблағи аз 10000 сомонӣ зиёд, яъне 5000 сомонӣ ситонида мешавад. Мизони миёнаи андоз дар ин ҳолат ба 3500/15000=0,233 ва ё 23,3% баробар буда, мизони интиҳоии андоз бошад ба 500/5000=0,1 ва ё ба 10% баробар аст.

***Намудҳои андоз аз рӯи усули андозситонӣ***. Андозситонӣ дар истифодабарии мизонҳои гуногун асос мегирад. Вобаста аз тарзи муқарраршавии мизони миёнаи андоз чор намуди андозҳоро (андозбандиро) аз ҳам фарқ мекунанд: устувор, мутаносиб, прогрессивӣ ва регрессивӣ.

***Мизони устувори андозҳо*** бо маблағӣ мутлақ ба воҳиди андозбандӣ новобаста аз ҳаҷми даромад ҷорӣ карда мешавад (тонна, воҳид ва ғайраҳо).

***Андозҳои мутаносиб*** дар назар дорад, ки мизони миёнаи андоз новобаста аз ҳаҷми даромад бетағйир боқӣ мемонад. Бинобар ҳамин маблағи андоз ба ҳаҷм даромад мутаносиб мебошад. Андозҳои мустақим (ба ғайр аз андоз аз даромадҳои шахсӣ ва дар баъзе мамлакатҳо андоз ба фоида) мутаносиб мебошанд.

***Андозҳои прогрессивӣ*** – ин андозҳое, ки мизони миёнаи онҳо бо баробари камшавии ҳаҷми даромад кам мешаванд. Чунин андозҳо натанҳо маблағи зиёди мутлақ, балки ҳиссаи зиёди даромадро ҳангоми зиёдшавии он дар назар дорад. Мисоли андози прогрессивӣ дар аксарияти мамлакатҳо андоз аз даромадҳои шахсӣ баромад мекунад. Чунин низоми андозбандӣ бо дараҷаи ҳадди аксар ба азнавтақсимкунии даромадҳо мусоидат карда, лекин баландшавии самаранокии истеҳсолотро таъмин карда наметавонад.

***Андозҳои регрессивӣ*** – ин андозҳое, ки мизони миёнаи онҳо бо баробари камшавии даромад зиёд шуда, бо баробари зиёдшавии даромад кам мешаванд. Бо ибораи дигар андози регрессивӣ – ин андозе, ки бо ифодаёбии пулӣ барои ҳама андозсупорандагон баробар мебошад, яъне қисми зиёди даромади пасттарро ва қисми зиёди даромади калонро ташкил мекунад. Ин хусусият бо он асоснок карда мешавад, ки андози ғайримустақим бо худ қисми нархи молро ифода мекунад. Бинобар ҳамин вобаста аз ҳаҷми даромади харидор ҳиссаи ин маблағ дар даромади ӯ бо баробари кам будани даромад зиёд шуда, ҳангоми зиёд будани даромад камтар мешавад. Андози регрессивӣ маблағи мутлақи зиёдро таъмин карда метавонад(ба монанди мисоли мо) ва ё афзоиши ҳаҷми мутлақи андозро ҳангоми зиёдшавии даромадҳо таъмин карда наметавонад.

Аз рӯи усули истифодабарӣ андозҳо ба умумӣ ва махсус ҷудо мешаванд. Андозҳои умумӣ ба қисми умумии даромадҳои буҷет ворид гашта, андозҳои махсус бошанд мақсаднок истифода мешаванд (масалан, андоз барои фурӯши бензин, сӯзишворӣ, равғанҳои молидани ва ғайраҳо).

***Таъсири андозҳои ба иқтисодиёт***. Андозҳо ҳам ба маҷмӯи талабот ва ҳам ба маҷмӯи пешниҳод таъсир мерасонанд.

***Таъсири андозҳо ба маҷмӯи талабот***. Андозҳо ба ду унсури маҷмӯи талабот таъсир мерасонанд – хароҷотҳои истеъмолӣ ва инвеститсионӣ ва бинобар ҳамин ба таъсири андозҳо ба маҷмӯи талабот таъсири ғайримустақим мерасонанд.

***Пастшавии андозҳо маҷмӯи талаботро зиёд мекунанд***. Пастшавии андозҳо ба афзоиши хароҷотҳои истеъмолӣ (зеро даромади ихтиёрӣ афзоиш меёбад) ва хароҷотҳои

инвеститсионӣ оварда мерсонанд (зеро фоидаи фирмаҳо баъд аз пардохти андозҳо зиёд мешавад) аз ҳамин сабаб ҳаракати худи каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба тарафи рост ба миён меояд. Бинобар ҳамин сиёсати паст намудани андозҳо дар давраи пастравӣ истифода шуданаш мумкин аст, ки фаъолнокии кориро ҳавасманд гардонида сатҳи шуғло баландтар мегардонад. Лекин бо баробари афзоиши МУД, пастшавии андозҳо ба баландшавии сатҳи нархҳо мусоидат мекунад ва аз ҳамин сабаб чораи таваррумӣ ба ҳисоб меравад.

Баландшавии андозҳо ба пастшавии хароҷотҳои истеъмолӣ ва инвеститсионӣ оварда расонида, мувофиқан ба камшавии маҷмӯи талабот сабаб мешавад ва бинобар ҳамин ба ҳаракати каҷхаттаи маҷмӯи талабот ба тарафи чап сабаб мегардад. Бинобар ҳамин дар давраи таваррум, дар ҳолати иқтисодиёти «тасфон» ба сифати чораҳои зиддитаваррумӣ, фишангҳои паст намудани фаъолнокии корӣ ва мӯътадилгардонии иқтисодиёт баландшавии андозҳо истифода шуданаш мумкин аст.

***Таъсири андозҳои ба маҷмӯи пешниҳод***. Фирмаҳо андозҳоро ҳамчун хароҷотҳо мушоҳида мекунанд ва бинобар ҳамин баландшавии андозҳо ба камшавии пешниҳод сабаб шуда, пастшавии андозҳо бошад ба афзоиши фаъолнокии корӣ ва ҳаҷми бароriш мусоидат мекунанд.

Таъсири андозҳоро ба маҷмӯи пешниҳод иқтисодчии америкоӣ, яке аз асосгузорони консепсияи «иқтисодиёти пешниҳод» Артур Лаффер васеъ тадқиқ кардааст. Ӯ ақидаеро оид ба таъсири мизони андоз аз даромад ба ҳаҷми воридоти умумии андозҳо ба буҷети давлатӣ пешкаш карда, каҷхаттаи ин вобастагиро ифода мекардаро тасвир намуд. Дар таҳлили худ А.Лаффер аз функсияи зерин андоз бар омада буд:

$$T_X = t \times Y \tag{25.6}$$

ки дар ин ҷо: Tx – маблағи воридоти андозҳо ба буҷет; t–мизони андоз; Y – сатҳи фаъолнокии корӣ (ҳаҷми даромади умумӣ), яъне Лаффер таъсири мизони андоз аз даромадро ба сатҳи фаъолнокии корӣ ва ҳаҷми воридотҳои андозӣ мушоҳида кард.

Лаффер нишон дод, ки мизони андози оптималӣ мавҷуд аст, ки дар сатҳи он воридотҳои андозӣ ба ҳадди аксари худ мерасанд. Агар мизони андозро баланд кунем, он гоҳ сатҳи фаъолнокии корӣ паст шуда, воридотҳои андозӣ кам мешаванд, зеро базаи андозбандишаванда, яъне даромади умумӣ хурдтар мешавад. Бинобар ҳамин бо мақсадҳои мубориза бар зиддӣ стагфлятсия (пастравӣ ва таваррум дар якҷоягӣ), Лаффер дар ибтидои солҳои 1980-ум паст кардани мизони андозро ба даромадҳои хоҷагиҳои хонавода ва андози фоидаи ширкатҳоро пешкаш карда буд. Ӯ гумон карда, ки мизони андоз аз даромад, ки дар иқтисодиёти америко мавҷуд буд, аз ҳаҷми оптималӣ зиёдтар мебошад ва бинобар ҳамин иқтисодиёт дар тарафи манфии каҷхатта қарор дорад.

Паст намудани мизони андоз аз даромад, ба ақидаи Лаффер бояд рағбати баланд намудани фаъолнокии корӣ (афзоиши маҷмӯи пешниҳод) хизмат карда, ҳамзамон барои ҳалли ду муаммо имкониятҳоро фароҳам меоварад: якум, бартараф намудани стагфлятсия ва дуюм, баланд намудани базаи андозбандӣ, яъне воридоти андозҳо ба буҷет, ки дар ҳолати касрати доимӣ қарор дошт.

Бо баробари ин Лаффер аз тасаввуроте бар меомад, ки нисбат ба таъсири пастшавии андозҳо ба маҷмӯи талабот, ки ба афзоишёбии ҳаҷми истеҳсолот ва сабаби пайдоиши таваррум мегардад, таъсири пастшавии андозҳо ба маҷмӯи пешниҳод хислати зиддитаваррумӣ дорад. Афзоиши истеҳсолот дар ин ҳолат бо пастшавии сатҳи нархҳо ҳамрадиф буда, бинобар ҳамин ба сифати воситаи мубориза бар зидди стагфлятсия хизмат мекунад.

Ҳамин тавр, андозҳо натанҳо сарчашмаи асосии даромадҳои давлат ва воситаи азнавтақсимкунии даромади миллӣ баромад карда, инчунин фишанги зарурии мӯътадилгардонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз ин, пастшавии андозҳо, афзоишёбии ҳаҷми маҷмӯи пешниҳодро ҳавасмандгардонида, ба фаъолнокии инвеститсионӣ таъсир мерасонад ва ба рушди иқтидори иқтисодӣ мусоидат мекунад. Яъне андозҳо ба иқтисодиёт натанҳо дар давраи кӯтоҳмуддат, балки дар давраи дарозмуддат низ таъсир мерасонад.

Мултипликатори андозҳо – ин коэффитсиенте, ки то кадом андоза афзоишёбии (камшавии) даромади умумиро ҳангоми камшавии (зиёдшавии) андозҳо ба як воҳид нишон медиҳад:

$$mult_{Txi} = \frac{\Delta Y}{\Delta T_{Xi}} \qquad (25.7)$$

ки дар ин ҷо: Txi – андозҳои инфиродӣ.

Бояд ба он диққат дод, ки мултипликатори андозҳо ҳамавақт бузургии манфӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки таъсири андозҳо ба маҷмӯи талабот баръакс мебошад. Афзоиши андозҳо ба пастшавии даромади умумӣ оварда расонида, камшавии андозҳо бошад ба афзоиши даромади умумӣ оварда мерасонад.

Андозҳо ба маҷмӯи талабот бо самараи мултипликатор таъсир мерасонанд. Лекин самараи мултипликативии андозҳо нисбат ба самараи мултипликативии хариди давлатҳо хурдтар мебошад. Ин ҳолат бо он маънидод карда мешавад, ки тағйирёбии харидҳои давлатӣ ба маҷмӯи талабот бевосита таъсир расонида (онҳо ба формулаи хароҷотҳои умумӣ дохил карда шудаанд), тағйирёбии андозҳо ба даромади умумӣ ба таври ғайримустақим, бо воситаи тағйирёбии хароҷотҳои истеъмолӣ таъсир мерасонад.

## 25.7. СИЁСАТИ ФИСКАЛИИ ДАВЛАТ.

**Сиёсати фискалӣ** бо худ маҷмӯи чораҳоро ифода мекунад, ки ҳукумат барои таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт бо воситаи тағйирдиҳии ҳаҷми даромадҳо ва (ва ё) хароҷотҳои буҷети давлатӣ амалӣ мегардонад.

**Мақсадҳо ва фишангҳои сиёсати фискалӣ**. Мақсадҳои сиёсати фискалӣ, ки ба таъсиррасонии тағйиротҳои сиклӣ ва мӯътадилгардонии иқтисодиёт дар давраи кӯтоҳмуддат равона карда мешаванд, дар нигоҳдории чунин ҳолатҳо ифода меёбад:

а) сатҳи мӯътадили ҳаҷми умумии барориш (МУД);

б) шуғли пурраи захираҳо;

в) сатҳи мӯътадили нархҳо.

Сиёсати фискалиро ҳукумат амалӣ мегардонад. Фишангҳои ин сиёсат ҳам ба маҷмӯи талабот (ҳаҷми хароҷотҳои умумӣ) ва ҳам ба маҷмӯи пешниҳод (ҳаҷми хароҷотҳои фирмаҳо ва фаъолнокии корӣ) таъсир мерасонад.

Фишангҳои сиёсати фискалӣ хароҷот ва даромадҳои буҷети давлатӣ баромад мекунанд:

а) хариди давлатӣ;

б) андозҳо;

в) трансфертҳо.

Сиёсати фискалиро инчунин сиёсати буҷетӣ–андозӣ меноманд.

Тағйирёбии ҳаҷми харидҳои давлатии мол ва хизматҳо дар давраи кӯтоҳмуддат ба маҷмӯи талабот таъсир расонида, таъсиррасонии андозҳо ва трансфертҳо ба фирмаҳо (субсидияҳо) ба маҷмӯи талабот ва ҳамзамон ба маҷмӯи пешниҳод таъсир мерасонанд. Пастшавии андозҳо маҷмӯи пешниҳодро зиёд намуда, фаъолнокии кориро ҳавасманд мегардонад. Баландшавии андозҳо бошад истеҳсолотро боз медорад. Кам намудани субсидияҳо, баръакс маҷмӯи пешниҳодро кам карда, зиёдшавии онҳо ба камшавии хароҷотҳои фирмаҳо барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот мусоидат менамояд, ки ба зиёдшавии маҷмӯи пешниҳод оварда мерасонад.

Таъсиррасонии фишангҳои сиёсати фискалӣ ба маҷмӯи талабот. Истифодабарии фишангҳои сиёсати фискалӣ барои танзим намудани маҷмӯи талабот таъсири онҳоро ба ҳаҷми хароҷотҳои умумӣ дар назар дорад.

Таъсири ин фишангҳо ба маҷмӯи талабот гуногун мебошад. Формулаи маҷмӯи талаботро ба хотир меорем:

$$AD = C + I + G + Xn \qquad (25.8)$$

Хариди давлатӣ қисми маҷмӯи талабот мебошад, бинобар ҳамин тағйирёбии онҳо ба ҳаҷми хароҷотҳои умумӣ таъсири бевосита мерасонад. Тағйирёбии андозҳо ва трансфертҳо танҳо азнавтақсимкунии даромади умумиро дар назар дошта, таъсири онҳо ба маҷмӯи талабот ғайримустақим ба ҳисоб меравад, яъне бо воситаи тағйирдиҳии ҳаҷми хароҷотҳои

истеъмолӣ ва инвеститсионӣ (зеро ҳаҷми даромади ихтиёрӣ ва фоидаи фирмаҳо тағйир меёбанд).

Тадқиқоти таъсиррасонии фишангҳои сиёсати фискалӣ ба маҷмӯи талабот аз тарафи Ҷ. М. Кейнс ва пайравони ӯ амалӣ карда шуда буд. Кейнс ва пайравони ӯ кӯшиш карданд, ки самараноктар будани сиёсати фискалиро нисбат ба сиёсати монетарӣ барои мӯътадилгардонии иқтисодиёт ва пеш аз ҳама барои бартараф намудани пастравӣ дар иқтисодиёт асоснок намоянд. Ин қушиши онҳо дар ақидае асос меёфт, ки мувофиқи он ҳама фишангҳои сиёсати фискалӣ ба иқтисодиёт бо самараи мултипликативӣ таъсир мерасонанд.

Механизми амал намудани мултипликатор дар он асос меёбад, ки хароҷоти як агенти иқтисодӣ ба даромади иловагии дигар агенти иқтисодӣ мубаддал шуда, мувофиқан барои зиёд намудани хароҷотҳои он хизмат мекунанд, ки дар натиҷа ба агенти иқтисодии сеюм ва ғайраҳо даромади иловагиро таъмин мекунад. Дар натиҷа даромади умумӣ нисбат ба тағйирёбии ибтидоии хароҷот ба бузургии зиёдтар афзоиш меёбад.

**Механизми таъсиррасонии харидҳои давлатӣ ба маҷмӯи талабот**. Фарз мекунем, ки давлат мол ва хизматҳоро ба 100 сомонӣ изофа карда (музди меҳнати коркунони давлатӣ, муаллимонва ё барои корхонаи давлатӣ таҷҳизоти иловагӣ харид), яъне $\Delta G=100$ сомонӣ. Фурӯшандаи мол даромади иловагиро ба ин маблағ ба даст овард. Ин маънои онро дорад, ки даромади ихтиёрии ӯ зиёд шуда, аз сабаби ҷудошавии даромади ихтиёрӣ ба истеъмолот (C) ва пасандоз (S), агенти оқилона амалкунанда ҳаҷми даромади иловагиро ба пуррагӣ барои истеъмолот сарф накарда, балки қисми онро барои зиёд намудани пасандозҳо равона месозад. Ин ақидаро Кейнс қонуни асосии психологӣ номидааст. Нисбияти афзоиши истеъмолот ба афзоиши даромадро Кейнс **майли интиҳоӣ ба истеъмолот номида,** нисбияти афзоиши пасандозҳоро ба афзоиши даромад **майли интиҳои ба пасандоз** номидааст.

Фарз мекунем, ки агентҳои иқтисодӣ барои зиёд намудани истеъмолот 80% афзоиши даромади афзоишёфтаро сарф карда, 20% онро пасандоз мекунанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки MPC=0,8 ва MPS=0,2 мебошад.

Вақте, ки давлат харидҳои худро ба 100 сомонӣ зиёд карда, он гоҳ ӯ ба ягон агенти иқтисодӣ даромади иловагиро дар ҳаҷми 100 сомонӣ таъмин менамояд, ки 80 сомонии онро ин агент барои зиёд намудани истеъмолот сарф карда, 20 сомонии боқимондаро пасандоз мекунад. Ин ҷараён аз рӯи ин қонун амал мекунад.

Афзоиши умумии даромади умумӣ (ΔY) дар натиҷаи зиёдшавии хариди давлатӣ ба ҷамъи афзоишёи даромадҳои ҳама агентҳои иқтисодӣ баробар мешавад:

$$\Delta Y_1 + \Delta Y_2 + \Delta Y_3 + \Delta Y_4 + \cdots \quad (25.9)$$

Азбаски афзоиши даромади ҳар як агенти минбаъдаи иқтисодӣ ба даромади иловагии агенти пештара зарби майли интиҳои ба истеъмолот (MPC) баробар аст, бинобар ҳамин тағйирёбии даромади умумӣ бо чунин формула ифода шуданаш мумкин аст:

$$\Delta Y = \Delta G \times \frac{1}{1 - MPC} \quad (25.10)$$

Ба ин формула ададҳоро гузошта чунин баробариро ҳосил мекунем:

$$\Delta Y = 100 \times \frac{1}{1 - 0,8} = 100 \times 5 = 500 \quad (25.11)$$

Ҳамин тавр, дар натиҷаи зиёдшавии хариди давлатӣ ба 100 сомонӣ даромади умумӣ панҷ маротиба зиёд гардид.

**Механизми таъсиррасонии андозҳо ба маҷмӯи талабот**. Дар модели кейнсӣ андозҳо ба маҷмӯи талабот бо самараи мултипликатор таъсир мерасонанд. Лекин самараи мултипликативии андозҳо нисбат ба самараи мултипликативии харидҳои давлатӣ хурдтар аст. Ин ҳолат бо он маънидод карда мешавад, ки тағйирёбии харидҳои давлатӣ ба маҷмӯи талабот бевосита таъсир расонида (онҳо ба формулаи маҷмӯи талабот дохил мешаванд), тағйирёбии андозҳо бошад ба маҷмӯи талабот таъсири ғайримустақим бо воситаи тағйирёбии хароҷотҳои истеъмолӣ таъсир мерасонанд.

Мултипликатори андозҳо – ин коэффитсиенте, ки то кадом андоза афзоишёбӣ (камшавии) даромади умумиро

ҳангоми камшавӣ (афзоиши) андозҳо ба як воҳид нишон медиҳад:

$$multTx = \frac{\Delta Y}{\Delta T_{Xi}} \quad (25.12)$$

Ба ду ҳолат бояд аҳамият дод:

- мултипликатори андозҳо ҳамавақт бузургии манфӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки таъсиррасонии он ба даромади умумӣ баръакс мебошад. Афзоиши андозҳо ба камшавии даромади умумӣ сабаб шуда, камшавии онҳо бошад баръакс ба зидшавии даромади умумӣ оварда мерасонад;
- бо андозаи мутлақи худ мултипликатори андозҳо ҳамавақт аз мултипликатори хароҷотҳо хурд аст. Масалан, агар андозҳои автономӣ ба 100 сомонӣ зиёд шуда, MPC=0,8 бошад, он гоҳ афзоиши даромади умумӣ дар натиҷаи тағйирёбии андозҳо ба 100 сомонӣ мисли пештара 500 сомониро ташкил накарда, балки 400 сомониро ташкил мекунад (ΔY=ΔC×1/(1-MPC)=80×5=400). Ин ҳодиса бо он маънидод карда мешавад, ки мултипликатори андозҳо аз зиннаи дуюм амал мекунад (яъне аъзои ибтидоии прогрессияи геометрӣ 100 нею, балки 80 мебошад). Бинобар ҳамин, агар харидҳои давлатӣ ва андозҳои автономӣ ба як андоза зиёд шаванд, он гоҳ афзоиши даромади умумӣ ба миён меояд, лекин ин тағйирот ба ҳаҷми тағйирёфтаи харидҳои давлатӣ ва андозҳо баробар мешавад. Масалан, агар ҳангоми MPC=0,8 будан, харидҳои давлатӣ ва андозҳо ба 100 сомонӣ зиёд шаванд, он гоҳ зиёдшавии харидҳои давлатӣ даромади умумӣ ба 500 сомонӣ зиёд карда, афзоиши андозҳо даромади умумиро ба 400 сомонӣ кам мекунад. дар натиҷа даромади умумӣ ба 100 сомонӣ, яъне ба андозаи тағйирёбии харидҳои давлатӣ ва андозҳо зиёд мешавад.

**Механизми таъсиррасонии трансфертҳо ба маҷмӯи талабот**. Трансфертҳо ба монанди андозҳо ба маҷмӯи талабот таъсири ғайримустақим (бо воситаи тағйирёбии хароҷотҳои истеъмолӣ) таъсир мерасонанд. Зиёдшавии трансфертҳо ба афзоиши даромади ихтиёрӣ сабаб шуда, камшавии онҳо бошад даромади ихтиёририро кам мекунад. Агар трансфертҳо ба 100 сомонӣ зиёд шаванд, он гоҳ даромади ихтиёрӣ ба 100 сомонӣ зиёд мешавад. Ҳангоми MPC=0,8 будан, истеъмолот ба 80

сомонӣ зиёд мешавад. Азбаски мултипликатор дар ин ҳолат ба 5 баробар аст, бинобар ҳамин даромади умумӣ дар натиҷаи камшавии андозҳо ба 400 сомонӣ зиёд мешавад. Дар ин ҳолат низ мултипликатор аз зиннаи дуюм амал мекунад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки трансфертҳо ба даромади умумӣ таъсири ғайримустақим мерасонанд.

Мултипликатори трансфертҳо – ин коэффитсиенте, ки то кадом андоза афзоишёбӣ (камшавии) даромади умумиро ҳангоми зиёдшавии (камшавии) трансфертҳо ба як воҳид нишон медиҳад:

$$multTr = \frac{\Delta Y}{\Delta T_r} \qquad (25.13)$$

Андозаи мутлақи мултипликатори трансфертҳо ба мултпликатори андозҳои автономӣ баробар аст.

Пардохтҳои трансфертҳои иҷтимоӣ (трансфертҳо ба хоҷагиҳои хонавода) ба маҷмӯи талабот таъсир расонида, трансфертҳо барои фирмаҳо (субсидияҳо) ба маҷмӯи пешниҳод таъсир мерасонад. Афзоиши субсидияҳо, субвенсияҳо, ҷорӣ намудани қарзҳои имтиёзноки инвеститсионӣ ва ғайраҳо имкониятҳои молиягузории дохилии фирмаҳоро васеъ намуда, истеҳсолотро зиёд мегардонанд, ки дар натиҷа натанҳо ба афзоиши хароҷотҳои инвеститсионӣ, инчунин ба камшавии хароҷотҳои фирмаҳо барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот оварда мерасонад. Дар навбати худ васеъшавии имкониятҳои истеҳсолӣ ва паст шудани хароҷотҳои истеҳсолӣ барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот, афзоиши маҷмӯи пешниҳодро ба миён меорад. Камшавии трансфертҳо ба камшавии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод сабаб мешавад.

**Намудҳои сиёсати фискалӣ**. Фишангҳои сиёсати фискалӣ пеш аз ҳама барои мӯътадлигардонии тамоми иқтисодиёт ва мӯътадилгардонии тағйиротҳои сиклӣ истифода мешавад.

Вобаста аз давраҳои сикл, ки дар он иқтисодиёт қарор дорад, ду намуди сиёсати фискалиро аз ҳам ҷудо мекунанд: **ҳавасмандгардонанда ва боздоранда**.

***Сиёсати фискалии ҳавасмандгардонанда*** ҳангоми пастравӣ истифода шуда барои баланд намудани фаъолнокии

корӣ равона карда мешавад ва ҳамчун мубориза барои бекорӣ истифода мешавад.

**Чораҳои сиёсати фискалии ҳавасмандгардонанда инҳо мебошанд**:

- афзоиши харидҳои давлатӣ;
- паст намудани андозҳо;
- афзоиши трансфертҳо.

Бо баробари ин кам намудани андозҳо ва зиёд намудани трансфертҳо (субсидияҳо) барои фирмаҳо ба афзоиши маҷмӯи пешниҳод оварда мерасонанд. Дар ин ҳолат натанҳо афзоиши бароириши умумӣ, балки пастшавии сатҳи нархҳо ба миён меояд, бинобар ҳамин ин фишангҳо ҳамчун воситаи мубориза бо бекорӣ ва таваррум баромад мекунанд.

***Сиёсати фискалии боздоранда*** ҳангоми бум (иқтисодиёти тасфон) истифода шуда, барои паст намудани фаъолнокии корӣ бо мақсадҳои мубориза бо таваррум равона карда мешавад.

**Чораҳои сиёсати фискалии боздоранда инҳо мебошанд**:

- кам намудани хароҷотҳои давлатӣ;
- зиёд намудани андозҳо;
- кам намудани трансфертҳо.

Вобаста аз тарзи таъсиррасонии фишангҳои сиёсати фискалӣ ба иқтисодиёт, сиёсати фискалии дискретсионӣ ва автоматиро аз ҳам ҷудо мекунанд.

***Сиёсати фискалии дискретсионӣ*** бо худ тағйирдиҳии қонунии ҳаҷми харидҳои давлатӣ, андозҳо ва трансфертҳоро аз тарафи ҳукумат дар назар дорад, ки бо мақсади мӯътадилгардонии иқтисодиёт амалӣ карда мешаванд. Ин тағйиротҳо асосан дар нақшаи молиявии мамлакат, яъне буҷети давлатӣ ифода меёбанд.

***Сиёсати фискалии автоматӣ (ғайридискретсионӣ)*** дар амал намудани мӯътадилкунандагони сохташуда (автоматӣ) асос мегирад.

Мӯътадилкунандаҳои сохташуда – ин фишангҳое, ки андозаи онҳо тағйир намеёбад, лекин мавҷудияти онҳо (ба низоми иқтисодӣ сохатшудани онҳо) иқтисодиётро ба таври автоматӣ мӯътадил мегардонад.

**Ба мӯътадилкунандагони автоматӣ инҳо дохил мешаванд:**

- ***андоз аз даромадҳо*** (бо назардошти ҳамагуна андозҳо ба даромадҳо, аз он ҷумла андоз аз фоидаи корхонаҳо);
- ***андозҳои ғайримустақим*** (пеш аз ҳама, андоз аз арзиши иловашуда);
- ***ҷубронпулиҳо барои бекорӣ***;
- ***ҷубронпулиҳо барои камбизоатӣ***.

Ҳамин тавр, мӯътадилкунандагони автоматӣ танҳо он намуди андозҳо ва трансфертҳо ба ҳисоб мераванд, ки андозаи онҳо вобаста аз давраи сикли иқтисодӣ тағйир меёбанд.

# МАВЗӮИ 26. ДАРОМАДИ УМУМИИ АҲОЛӢ ВА СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ

*26.1. Мафҳум, нақш ва аҳамияти даромадҳои аҳолӣ.*
*26.2. Тақсимоти даромадҳо ва ҳисоб намудани дараҷаи нобаробарии онҳо.*
*26.3. Муаммоҳои камбизоатӣ ва роҳҳои бартараф намудани он.*
*26.4. Сиёсати иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.*

## 26.1. МАФҲУМ, НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ.

**Сиёсати иҷтимоии давлат дар шароитҳои амал намудани механизми бозории таъсисёбии даромад**. Муаммои «барои кӣ истеҳсол кардан» муаммои тақсимоти даромади миллии дар мамлакат истеҳсолшуда мебошад. Тақсимоти бозории даромадҳо дар асоси механизми рақобатии

талабот ва пешниҳоди омилҳои истеҳсолот ба он оварда мерасонад, ки таъмини даромади ҳар як омил мувофиқи маҳсулоти интиҳоии он ба миён меояд. Муқаррарист, ки чунин механизми тақсимоти даромадҳо баробариро дар тақсимоти даромадҳо кафолат намедиҳад. Бинобар ҳамин дар шароитҳои иқтисоди бозорӣ нобаробарии тақсимоти он ба назар мерасад. Механизми бозории тақсимоти даромадҳо талабҳо ва хусусиятҳои истеъмолкунандагонро ба эътибор намегирад. Аз ин лиҳоз бозор нисбат ба истеъмолкунанда беэътиноӣ зоҳир мекунад: мол ба шахсе мансуб мегардад, ки барои он пардохт карда метавонад, дар ин ҷо манфиати эҳтиёҷмандон ба ҳисоб гирифта намешавад. Ба муаммои «барои кӣ истеҳсол кардан» бозор ҷавоби аниқ медиҳад: барои онҳое, ки ин молҳоро хирдорӣ карда метавонанд.

Маълум аст, ки аз нуқтаи назари гуманитарӣ чунин принсипи тақсимоти маҳсулот ва ҳамчунин тақсимоти даромади дар иқтисодиёти бозорӣ ба даст оварда мешуда ба тағйиротҳ ва ислоҳкуниҳо ниёз дорад. Ҳамин тавр масъалаи азнавтақсимкунии адолатноки даромад ба миён меояд, ки шакл ва андозаҳои онро давлат муайян мекунад. Аниқтараш, бояд қайд намуд, ки давлат масъалаи азнавтақсимкунии даромадҳоро дар асоси амалигардонии сиёсати иҷтимоии худ ҳал мекунад. Аз ин лиҳоз сиёсати иҷтимоии давлат – ин фаъолияти ҳукумат буда, ба тақсимот ва азнавтақсимкунии даромадҳои аъзоён ва гурӯҳҳои гуногуни ҷамъият равона карда шудааст.

Бо баробари барномаи азнавтақсимкунии даромадҳо, интихоби самаранокӣ ва адолатнокӣ мушоҳида карда мешавад. Маънои ин гуфтаҳо дар он ифода меёбад, ки кӯшиши ба баробарии ҳадди аксар барои ҷамъият метавонад ба пастшавии самаранокии иқтисодӣ оварда расонад. Айнан барои ҳамин А. Смит қайд мекард, ки «иқтисодиёт набояд адолатнок бошад, балки он бояд самаранок боша два бо воситаи самаранокӣ самаранокиро таъмин намояд».

Барои сарфаҳм рафтан дар масъалаҳои тақсимоти даромадҳо, бояд муайян намуд, ки аҳолӣ чи гуна даромадҳо дорад, дар асоси кадом сарчашмаҳо онҳо таъсис меёбанд ва чи тавр онҳо тақсим карда мешаванд.

**Мафҳуми даромад**. Даромад ин маблағи умумии пулӣ, ки дар фосилаи давраи муайян (одатан як сол) ба даст оварда шудаанд. Даромад дар шакли пулӣ маънои даромади номиналиро дорад. Дар иқтисодиёти бозорӣ ба даромади номиналӣ музди меҳнат, дивидендҳо, даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ, пардохтҳои гуногуни трансфертӣ (чубронпулиҳо барои таъмини иҷтимоӣ, барои бекорӣ, нафақа) ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ба даромад пешкаш намудани мол ва хизматҳо аз рӯи барномаҳои ҳукуматӣ, субсидияҳо барои пардохти хонаи истиқоматӣ, кӯмаки озуқаворӣ, чубронпулиҳо барои таҳсилот, даромадҳо аз баланд шудани арзиши саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигарҳо низ дохил мешаванд.

Ду намуди даромадро фарқ мекунанд: **номиналӣ** ва **аслӣ**. Ҳаҷми даромадҳое, ки бо воситаи пул ҳисоб карда мешавад, даромади номиналиро ифода мекунад. Даромади пулӣ бо назардошти тағйирёбии сатҳи нархҳо даромади аслӣ номида мешавад.

Даромади аслиро бо роҳи тақсим намудани даромади номиналӣ (пулӣ) ба сатҳи умумии нархҳои мол ва хизматҳои харидорӣ мешуда ҳисоб кардан мумкин аст.

**Сатҳи зиндагӣ**. Сатҳи зиндагӣ гуфта, маҷмӯи неъматҳои моддӣ ва маънавӣ дарк карда мешавад, ки ба шаҳрвандони мамлакат бар ивази даромадҳои пулии онҳо ва инчунин бо воситаи фондҳои ҷамъиятӣ (давлатӣ) дастрас шудаанд.

Нишондиҳандаи паҳн гаштаи сатҳи зиндагонӣ даромад ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Низоми нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагонӣ, ки аз тарафи СММ (ООН) пешкаш карда мешаванд, тавсифҳои васеъро дар бар мегиранд, ки шароитҳои ҳаёти одамонро ифода мекунанд. Чунин гурӯҳҳои нишондиҳандаҳоро аз ҳам фарқ мекунанд:

1. *Ҳолати демографӣ дар мамлакат: сатҳи таваллуд, фавт ва дигар тавсифотҳо.*
2. *Шароитҳои санитарию – гиении ҳаёт.*
3. *Истеъмоли молҳои хӯрокворӣ.*
4. *Шароитҳои манзилӣ.*
5. *Маориф ва фарҳанг.*
6. *Шароитҳои меҳнат ва шугл.*
7. *Даромад ва хароҷотҳои аҳолӣ.*

8. *Арзиши ҳаёт ва нархҳои истеъмолӣ.*
9. *Мавҷудияти воситаҳои нақлиёт.*
10. *Ташкили истироҳат.*
11. *Таъминоти иҷтимоӣ.*
12. *Ҳуқуқҳои инсон.*

Назарияи иқтисодии муосир сатҳи зиндагониро дар сатҳи макроиқтисодӣ, яъне дар миқёси тамоми аҳолии мамлакат ва дар сатҳи микроиқтисод, яъне дар чаҳорчӯбаи гурӯҳои алоҳидаи аҳолӣ мушоҳида мекунад. Дар сатҳи макроиқтисодӣ таҳлили муқоисавии сатҳи зиндагонии мамлакатҳои гуногунро аз рӯи нишондиҳандаи МУД ба ҳар сари аҳолӣ амалӣ кардан мумкин аст.

Даромади ба ҳар сари аҳолӣ истеҳсолшуда сатҳи зиндагониро ба пуррагӣ тавсиф намекунад. Бинобар ҳамин одатан даромадҳои пулӣ ва хароҷотҳои аҳолӣ, муайян намудани динамикаи даромадҳои номиналӣ ва аслӣ, сатҳи фарқгузории (дифферентсиатсияи) онҳо, истеъмоли маҳсулотҳои хӯрокворӣ, таносуби дастрас намудани молҳои хӯрокворӣ ва саноатӣ, вазни қиёсии молҳои истифодаашон дарозмуддат ва манзил, сатҳи бекорӣ, давомнокии ҳаёт, сатҳи саводнокии аҳолӣ, миқдори одамони маълумоти олӣ дошта ва ғайраҳо муқоиса карда мешаванд.

СММ нишондиҳандаи комбинировии индекси сифати ҳаётро пешкаш намуд, ки бо чунин нишондодҳо ба монанди вазъи тандурустӣ, сатҳи таълимгирӣ, давомнокии миёнаи ҳаёт, дараҷаи шуғли аҳолӣ, қобилияти пардохт доштани аҳолӣ ва дастрасии ҳаёти сиёсӣ ҳисоб карда мешавад. Бо назардошти талабҳои афзоишёфта ба муайян намудани сатҳ ва сифати ҳаёт соли 1990 дар омори СММ нишондиҳандаи индекси тараққиёти имкониятҳои инсонӣ (ИТИИ; ИРЧП) ва бо ибораи кӯтоҳ – индекси тараққиёти инсон (ИТИ; ИЧР) ҷорӣ карда шуд. Нишондиҳандаҳои асосие, ки ИТИ муайян мекунанд инҳо мебошанд: давомнокии пешбинишавандаи ҳаёт, сатҳи маълумотнокӣ, МУД – и аслӣ ба ҳар сари аҳолӣ. Агар ИТИ аз 0 то 1 муайян карда шавад, он гоҳ бо ИТИ аз сатҳи 0,5 пасттар сатҳи пасти тараққиёти инсониро тавсиф мекунад.

## 26.2. ТАҚСИМОТИ ДАРОМАДҲО ВА ҲИСОБ НАМУДАНИ ДАРАҶАИ НОБАРОБАРИИ ОНҲО.

Одатан тақсимоти функсионалӣ ва инфиродии (персоналии) даромадҳоро аз ҳам фарқ мекунанд.

***Тақсимоти функсионалии даромадҳо*** маънои тақсимоти даромадро байни соҳибони омилҳои истеҳсолоти гуногуни дар назар дорад. Дар ин ҳолат майян карда мешавад, ки кадом ҳиссаи «даромади миллӣ» ба музди меҳнат, фоиз, даромадҳои рентавӣ ва фоида рост меояд.

***Тақсимоти инфиродӣ (персоналӣ)*** – ин тақсимоти даромади миллӣ байни шаҳрвандони мамлакат, новобаста аз он ки онҳо соҳибони кадом омилҳои истеҳсолот мебошанд. Дар ин ҳолат тақсимоти даромад аз рӯи ҳаҷми он байни оилаҳо муайян карда мешавад. Бо баробари ин гумон карда мешавад, ки оила аз як шахс иборат буда метавонад. Ҳангоми тақсимоти инфиродии даромад муайян карда мешавад, ки кадом ҳиссаи даромади миллиро (бо ифодаи пулӣ) масалан 10% аҳолии аз ҳама ҳам камбизоат ва 10% аҳолии аз ҳама ҳам сарвантманд ба даст меоранд.

**Даромади миёна**. Даромад ба ҳар сари аҳолӣ ҳамчун нишондиҳандаи миёна баромад карда, тақсимоти нобаробарро байни аъзоёни ҷамъият ифода намекунад. Барои муайян намудани тақсимоти нобаробар бояд нишондиҳандаҳои даромади миёна дар ҷамъият ва ҳадди ақали рӯзгузаронӣ барои давраи додашуда истифода карда шаванд.

**Нақши давлат дар амалигардонии сиёсати даромадҳо**. Дар шароитҳои нобаробарӣ дар тақсимоти даромадҳо нақши танзими давлатӣ зиёд мегардад. Сиёсати даромадҳо ҳамчун воситаи таъсиррасонии мутамарказ ба ҳаҷми умумии арзиши нави офаридашуда ва тақсимоти он, яъне даромади миллӣ баромад мекунад. Моҳияти сиёсати даромадҳо дар муайян намудани бевоситаи ҳудуди болоии зиёд намудани музди меҳнати номиналӣ инъикос меёбад. Сиёсати даромадҳо бояд барои иҷро намудани вазифаҳои асосӣ ва амалигардонии афзалиятҳо дар назди иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд.

Объекти асосии сиёсати даромадҳо даромади меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми даромади меҳнатӣ ба ҳосили зарби миқдори меҳнат (шумораи бок ор машғул будагон) ва сатҳи музди меҳнат баробар аст.

Одатан, сиёсати даромадҳои меҳнатӣ бевосита ба танзими маҳдуди ҳама категорияҳои даромадҳои аҳолӣ равона карда мешавад.

**Дараҷаи нобаробарии даромадҳо**. Дараҷаи нобаробарӣ дар тақсимоти даромадҳо дар асоси методологияи Парето – Лоренс – Джинӣ муайян карда мешавад.

В. Парето, дар асоси маълумотҳои аслӣ оид ба тақсимоти даромадҳо ба хулосае омад, ки новобаста аз шароитҳои сиёсӣ ва андозӣ даромад дар ҳама мамлакатҳо якхела тақсим карда мешавад. Минбаъд ин хулосаи В. Парето номи қонуни **Пареторо** гирифт. Мувофиқи ин қонун байни сатҳи даромадҳо ва миқдори даромадгирандагон вобастагии баръакси муайян вуҷуд дорад: 80% МУД ба 20% аҳолӣ мансуб буда, қисми боқимондаи 20% он байни 80% аҳолӣ тақсим карда мешавад. Барои ҳамин ҳам қонуни Пареторо, қонуни 80/20 меноманд.

Аз тақсимоти даромад бар омада, аз рӯи андозаи он каҷхаттаеро тасвир кардан мумкин аст, ки онро каҷхаттаи консентратсия ва каҷхаттаи Лоренс меноманд, ки оид ба сатҳи нобаробарӣ маълумот медиҳад.

Агар аҳолии мамлакатро ба 5 қисм (квинтилҳо), яъне ба 20% -ӣ тақсим карда, даромадҳои ҷамъиятро низ ба 5 ҳиссаи баробари 20% тақсим кунем, он гоҳ мушоҳида карда метавонем, ки хаттӣ аз ибтидои координатаҳо кашида шуда (биссектриса) оид ба тақсимоти баробари даромадҳо шаҳодат медиҳад.

Каҷхаттаи Лоренс дар ҳисоби ҳиссаҳои кумулятивӣ (ҳиссаҳои ғуншуда) ва мувофиқан каҷхаттаи кумулятивӣ асос ёфтааст. Ба тири абстсисс (уфуқӣ) 20% аввалини аҳолиро мегузорем, баъд гурӯҳи дуюмро илова мекунем, дар натиҷа 40% аҳолиро ҳосил мекунем, баъдан 60% ва ғайра. Ба тири ординат (амудӣ) андозаи кумулятивии даромадҳоро мегузорем: 20%, баъдан 40%, 60% ва ғайра. Агар 20% аҳолӣ 20% даромадҳои умумии шахсиро ба даст ораду 40% аҳолӣ, 40% даромадҳо, 60% аҳолӣ – 60% даромадҳо, 80% аҳолӣ – 80% даромадро ва 100%

аҳолӣ – 100% даромадҳоро, он гоҳ биссекриса ҳосил мешавад, ки хатти тақсимоти баробари мутлақ номида мешавад.

Ҳар як нуқтаи каҷхаттаи Лоренс нишон медиҳад, кадом ҳиссаи даромадро ин ё он миқдори оилаҳо дар сатҳи даромади додашуда ба даст меоранд. Масалан, ба ҳиссаи 60% аҳолӣ 35% даромадҳо рост меояд.

Дараҷаи миқдории нобаробарӣ дар тақсимоти даромадҳо бо воситаи коэффитсиенти Джини ($К_{дж}$) ифода шуданаш мумкин аст. Коэффитсиенти Джини индекси консентратсияи даромадҳоро нишон дода, аз 0 то 1 бо баробари баробарии пурра (0) то ҳолати нобаробарии мутлақ (1) тағйир меёбад.

Тарзи дигари ҳисоб намудани нобаробарӣ дар тақсимоти даромадҳо мавҷуд аст, ки коэффитсиенти детсилиро дар назар дорад. Ҳангоми истифодабарии ин тарз аҳолии мамлакат ба 10 гурӯҳи баробар, яъне бо 10% ҷудо карда шуда, даромадҳои 10% гурӯҳи бо даромадҳои зиёдтар ва 10% гурӯҳи бо даромадҳои камтарин муқоиса карда мешаванд.

Барои чӣ нобаробарӣ дар даромадҳои мавҷуд аст? **Сабабҳои нисбатан асосиро номбар мекунем**.

**Якум**, аз рӯзи таваллуд одамон дорои қобилиятҳои гуногун ҳастанд, ба монанди фикронӣ ва ҷисмонӣ. Бо назардошти фарзиятҳо (ин заминаро ҳамавақт ба эътибор гирифтан мумкин аст) инсони дорои қувваи зиёди ҷисмонӣ метавонад варзишгари номдор ва даромади зиёд ба даст оваранда гардад.

**Дуюм**, фарқият дар соҳибӣ бо моликият, махсусан моликияти ба мерос гирифта шуда. Одамон дар кадом оила ба дунё омадани худро имконияти интихоб кардан надорад (дар оилаи сарватмандон ва коргарони оддӣ).

**Сеюм**, фарқият дар сатҳи маълумотнокӣ.

**Чорум**, фарқият дар меҳнатдӯстӣ.

**Панҷум**, омади кор.

Ҳамин тавр, бо назардошти сабабҳои номбаршуда, тақсимоти баробарӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайриимкон буда, наҳамавақт риоя карда мешавад. Камбизоатон ва сарватмандон мисли пештара дар ҳама мамлакатҳои дунё, аз он ҷумла дар мамлакатҳои тараққикарда мавҷуданд.

## 26.3. МУАММОҲОИ КАМБИЗОАТӢ ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОН.

Бо муаммои нобаробарии даромадҳо масъалаи камбизоатӣ алоқаманд аст. Лекин камбизоатӣ ба монанди хушбахтӣ ва некӯаҳволӣ аниқ муайян карда намешавад.

Барои муайян намудани камбизоатӣ нишондиҳандаи **ҳудуди камбизоатӣ** истифода мешавад. Ин нишондиҳанда сатҳи даромадро ифода мекунад, ки барои нигоҳдории сатҳи ҳадди ақали зиндагонӣ кифоягӣ мекунад.

Одатан ҳудуди камбизоатӣ аз тарафи органҳои дахлдори давлатӣ вобаста аз эҳтиёҷотҳои объективии инсон ва сатҳи дастрасшудаи сатҳи тараққиёти иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Ҳудуди камбизоатӣ (ҳадди ақали рӯзгузаронӣ) дар асоси ҳаҷми ҳадди ақали истеъмоли маҳсулотҳои хӯрокворӣ, хароҷотҳои барои молҳои саноатӣ ва хизматрасониҳо, пардохти андозҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ва ғайраҳо муайян карда мешавад.

Ду муайянкунии камбизоатӣ вуҷуд дорад: **камбизоатии мутлақ** ва **камбизоатии нисбӣ**.

**Камбизоатии мутлақ** бо худ чунин сатҳи даромадро ифода мекунад, ки дар сатҳи он оила барои нигоҳдории ҳолати истеъмоли хӯрокворӣ ва дигар ашёҳои аввалиндараҷаро дар сатҳи ҳадди ақали зарурӣ таъмин карда наметавонад.

**Камбизоатии нисбӣ ба** чунин мафҳум такя мекунад, ки мувофиқи он сифати зиндагонӣ ба ғайр аз неъматҳои моддӣ, ҳолати маънавии инсонро низ дар бар мегирад.

Буҷети истеъмолӣ. Ҳангоми муайян намудани ҳадди ақали истеъмолӣ як қатор буҷетҳои истеъмолии оқилона ҳисоб карда мешаванд:

- барои оилаҳои миёна;
- барои нафақахӯрон;
- буҷети таъминоти зиёд;
- буҷети таъминоти моддии ҳадди ақал.

**Назарияҳои иқтисодии алтернативӣ оид ба таъсисёбӣ ва динамикаи даромадҳо**. Фарқияти асосии маънидодкунии

сарчашмаҳои даромадҳо назарияи алтернативии арзиш хизмат мекунанд.

Мувофиқи назарияи меҳнатии арзиш (А. Смит, Д.Рикардо, К. Маркс), сарчашмаи ягонаи арзиш меҳнати зинда дар истеҳсолоти моддӣ мебошад, ки арзиши навро ба вуҷуд меорад. Назарияи марксистии даромадҳо дар назарияи арзиши иловашуда асос мегирад. Арзиши иловшуда ҳамчун қисми арзиши нави аз тарафи коргарони кироя офаридашаванда ва аз тарафи капиталист азхуд шаванда дарк карда мешавад. Назарияи марксистии арзиши изофа ба сифати фишанги таҳлил таносуби байни ҳиссаҳои капитал ва меҳнат дар арзиши нав истифода бурда, онро меъёри арзиши иловашуда меномад. Назарияи иқтисодии муосир тамоюли ҳиссаи даромадҳои капитал ва меҳнатро таҳлил мекунад.

Дар назарияи иқтисодии муосир маънидодкунии асосии сарчашмаҳо ва принсипҳои таъсисёбии даромадҳо дар назарияи омилҳои истеҳсолот ва ҳосилнокии интиҳоии онҳо асос мегирад. Назарияи ҳосилнокии интиҳоӣ дар таҳлили алоқаҳои функсионалӣ байни қисмҳои гуногуни даромадҳо асос меёбад.

Равияҳои гуногуни назарияи иқтисодӣ сарчашмаҳои даромадҳоро ба таври гуногун маънидод карда, лекин дар алоқамандии омили истеҳсолӣ ва даромади муайян ҳамфикранд. Ҳамаи ин гуфтаҳо имконияти муттаҳид намудани тасаввуротҳои гуногунро фароҳам меоварад.

## 26.4. СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ.

Сиёсати иҷтимоӣ аз аввал барои танзимкунии муносибатҳои иҷтимоӣ дар чаҳорчӯбаи низоми капиталистӣ барои нигоҳдории аъзоёни ҷамъият, ки мутақилона сарчашмаҳои мавҷудияти худро таъмин карда наметавонистанд, таъсис ёфтааст.

Дар давраи муосир дар таркиб ва васеъшавии объектҳои таъсири сиёсати иҷтимоӣ тағйиротҳои ҷиддӣ ба миён омада истодаанд. Амал намудани сиёсати иҷтимоӣ бо категорияҳои

алоҳидаи аҳолӣ (меҳнаткашон ва қобили меҳнат надоштагон) маҳдуд карда намешавад. Ба сифати объекти мустақими таъсири сиёсати иҷтимоӣ қариб ҳама категорияҳои демографӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунанд. Сиёсати иҷтимоӣ аз ҳудудҳои ислоҳ намудани оқибатҳои тараққиёти иқтисодӣ берун баромадааст. Дар сиёсати иҷтимоӣ натанҳо азнавтақсимкунии даромадҳо, балки амалигардонии равияҳои нави таъминоти аҳолӣ бо хизматҳои иҷтимоӣ, танзими шуғл ва ғайраҳо мақеъи хосаро ишғол мекунанд.

**Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва сиёсати иҷтимоӣ**. Равияи зарурии сиёсати иҷтимоӣ барои аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, яъне аҳолии даромадро дар шакли музди меҳнат ба даст меоварда, таъинот дорад. Дар ин ҷода сиёсати иҷтимоӣ ба таъсисдиҳии шароитҳо барои истифодабарии оптималии меҳнат дар истеҳсолот, бартараф намудани сӯистемъмоли истифодабарии коргарон муосиадт менамояд.

Ин ҷиҳати сиёсати иҷтимоӣ дар муайян намудани музди меҳнати ҳадди ақал дар тамоми иқтисодиёт ва муайян намудани нишондодҳои пардохти меҳнат дар корхонаҳои давлатӣ ифода меёбад. Вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ инчунин нигоҳдории сатҳ ва сохтори шуғл, муайянкунии қонунии шароитҳои меҳнат дар истеҳсолот ва ҳифзи меҳнат ба ҳисоб мераванд.

**Таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ**. Азбаски бозор ҳуқуқ ба меҳнат, даромад, маориф, ҳифзи иҷтимоии маъюбон, камбизоатон, нафақахӯрон ва дигар категорияҳои аҳолиро таъмин намекунад, бинобар ҳамин зарурияти дахолати давлат ба соҳаи тақсимоти даромадҳо ва таъсисдиҳии низоми муайяни таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ба миён меояд.

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ низоми чораҳоро дар бар мегирад, ки ҳар як шаҳрванди мамлакатро аз мушкилотҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ натанҳо дар натиҷаи бекорӣ, балки ҳангоми аз даст додани даромадҳо ва ё камшавии онҳо, дар ҳолати беморӣ, тавлиди кӯдакон, маъюбӣ, ҳангоми калонсолӣ ва ғайраҳо эмин медорад.

Тақсимоти инфиродии даромадҳо, ки оиди он дар боло сухан рафта буд, натиҷаи азнавтақсимкунӣ буда, дар навбати худ аз тарафи давлат амалӣ карда мешавад.

Фишанги асосии азнавтақсимкунии даромадҳо, ин буҷети давлатӣ ва иҷроиши он ба ҳисоб меравад.

Дар чаҳорчӯбаи сиёсати иҷтимоӣ барномаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва бaрономаҳои кӯмаки давлатӣ коркард мешаванд.

Воситаҳои суғуртаи иҷтимоӣ дар шакли пардохтҳои пулӣ (нафақа ва ҷубронҳо), молиягузории хизматҳо (пардохти кӯмаки муолиҷавӣ – профилактикӣ, нигоҳдории хона – интернатҳо ва гайраҳо) тақсим карда, имтиёзҳоро пешкаш мекунад. Барномаи кӯмаки давлатӣ онҳо бо ҷубронпулиҳо таъмин мекунад, ки онҳо аз сабаби нобарории корҳо ва ё нигоҳу бини кӯдакони хурдсол даромадҳои заруририро надоранд.

## МАВЗӮИ 27. СИЁСАТИ МАКРОИҚТИСОДӢ: МУНОСИБАТҲОИ АЛТЕРНАТИВӢ.

27.1. *Моделҳои кейнсӣ ва неоклассики мувозинатии умумии иқтисодӣ (МУИ).*
27.2. *Баҳодиҳии нақши пулҳо дар моделҳои неоклассикӣ ва кейнсӣ.*
27.3. *Сиёсати иқтисодии фаъол ва гайрифаъол дар моделҳои алтернативии мувозинатии умумии иқтисодӣ.*
27.4. *Кейнсчиён ва неоклассикон оид ба афзалиятҳо ва натиҷаҳои сиёсати андозӣ – буҷетӣ ва пулию – қарзӣ.*
27.5. *Кейнсчиён ва неоклассикон оид ба муаммоҳои сиёсати иқтисодии дискретсионӣ ва автоматӣ.*
27.6. *Омезиши (синтези) неоклассикӣ.*
27.7. *Назарияи интизориҳои оқилона. Макроиқтисоди нави классикӣ (классикони анв).*
27.8. *Назарияи сикли иқтисодии аслӣ.*
27.9. *Назарияи нави кейнсӣ.*

## 27.1. МОДЕЛҲОИ КЕЙНСӢ ВА НЕОКЛАССИКИ МУВОЗИНАТИИ УМУМИИ ИҚТИСОДӢ (МУИ).

Фарқияти асосии байни назарияҳои кейнсӣ ва неоклассикӣ ҳалли масъала оиди мӯътадилгардонии мувозинатии умумии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Мӯътадилии мувозинатии умумии иқтисодӣ гуфта, қобилияти барқарор намудани ҳолати мувозинатӣ бо воситаҳои механизмҳои бозории иқтисодиёти бозорӣ фаҳмида мешавад. Агар МУИ қобилияти мӯътадилӣ дошта бошад, он гоҳ дахолати танзими давлатӣ ба чараёни иқтисодӣ зарурият надорад. Агар МУИ мӯътадил набошад, он гоҳ дахолати давлат қисмати зарурии иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

**Муносибати кейнсӣ ба муаммои МУИ**. Кейнсчиён имконияти таъмини МУИ мӯътадилро дар асоси чараёни бозорӣ рад мекунанд. Ин мавқеъи кейнсӣ дар заминаҳои назариявӣ ва фактҳои эмпирикии тасдиқшуда оид ба вайёроншавии амал намудани механизми нархҳои тағйирёбанда ва характери ғайрирақобатии аксарияти бозорҳои молӣ асос мегирад. Дар ҳақиқат, дар натичаи таъсисёбии бозорҳои рақобати номукаммал, нархи аксарияти мол ва хизматҳо қобиляти тағйирёбии худро гум кардаанд, яъне ин нархҳо танҳо ба болоравӣ майл мекунанд.

Ба ғайр аз ин қисмати асосии хароҷоти истеҳсолӣ, мизони музди меҳнат тамоюл ба тағйирёбиро надоранд, ки монеъаи иловагӣ барои тағйирёбии нархҳо хизмат мекунад. Дар соҳаҳои иқтисодиёт, ки иттифоқҳои касаба амал мекунанд, музди меҳнат дар давраи то се сол муайян карда мешавад. Дар аксарияти соҳаҳо, ки дар онҳо иттифоқҳои касаба амал намекунанд, мизони музди меҳнат дар ҳар ду-се сол аз нав дида мешавад. Мавчуд набудани музди меҳнати тағйирёбанда, бекории доимиро тавлид мекунад.

**Муносибати неоклассикӣ ба муаммои МУИ**. Неоклассикон дар шахсияти монетаристон гумон доранд, ки механизми бозорӣ қобилияти таъмин намудани мувозинатии умумии иқтисодии дарозмуддатро доранд. Муносибати монетаристӣ ба ин муаммо дар тасаввуротҳои мактаби классикӣ оид ба тағйирёбии нархҳо, мизони фоиз ва мизони

музди меҳнат асос мегирад. Дар шароитҳои тағйирёбии ин унсурҳо тағйиротҳо ба хароҷотҳои умумӣ бо воситаи таъсиррасонӣ ба сатҳи нархи мол, хизматҳо ва омилҳои истеҳсолот таъсир расонида, ба ҳаҷми истеҳсолот ва сатҳи шуғл таъсир намерасонад. Исботи онҳо чи гуна аст?

Мувофиқи ақидаи неоклассикон, музди меҳнати чандир мавҷудияти бекории маҷбурии дарозмуддатро ғайриимкон мегардонад. Рақобат байни бекорон барои ҷои корӣ ба ҷорӣ намудани чунин музди меҳнат муосибат менамояд, ки дар сатҳи он ба соҳибкорон киро намудани шахсони барои кор кардан хоҳиш доштаро фоидаовар мекунад. Ҳамин тавр мизони мувозинатии музди меҳнат, ки дар мубоpизаи рақобати барои ҷои корӣ муайян карда мешавад, дар сатҳе ҷорӣ карда мешавад, ки дар он шуғли пурра таъмин карда мешавад. Бинобар ҳамин неоклассикон гумон доранд, ки иқтисодиёти бозорӣ мустақилона мӯътадилии макроиқтисодиро дастгирӣ карда, дахолати давлатро талаб намекунад.

**Кейнсчиён ва неоклассикон оид ба таҳлили кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат**. Фарқияти асосӣ ҳангоми таҳлили иқтисодиёт дар давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат ба баҳодиҳии динамикаи нархҳо мансуб аст.

**Назарияи кейнсӣ** ба тағйирнопазирӣ ва мутаҳкамии нархҳо дар давраи кӯтоҳмуддат такя карда, тасдиқ мекунад, ки МУД – и аслӣ ва имконпазир наҳамавақт мувофиқат мекунанд, бо вуҷуди ин МУД – и аслӣ аз маҷмӯи талабот вобаста буда, сиёсати буҷетӣ – андозӣ ва пулию – қарзӣ, ки ба маҷмӯи талабот таъсир мерасонанд, барои тағйирёбии ҳаҷми МУД – и мувозинат истифода шуданаш мумкин аст.

**Назарияи неоклассикӣ** мавҷудияти тамоюли муайянро дар ҷорӣ намудани нархҳо ва музди меҳнат дар давраи кӯтоҳмуддат рад намекунад. Лекин дар давраи дарозмуддат нархҳо ва музди меҳнат қобили тағйирёбӣ дошта, ба тағйиротҳои вазъиятӣ ҳиссиёт дошта, мувозинатии умумии иқтисодиро дар ҳолати шуғли пурра таъмин мекунанд.

Мушоҳида намудани иқтисодиёт дар давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат дар ақидаи сатҳи муқаррарӣ асос меёбад. Маънои ин ақида дар чунин гуфтаҳо ифода меёбад: тағйирёбии ҳаҷми маҷмӯи талабот ба ҳаҷми МУД ва шуғл танҳо

дар давраи кӯтоҳмуддат таъсир мерсонад. Дар давраи дарозмуддат иқтисодиёт ба сатҳи муқаррарии барориш, шуғл ва бекорӣ бармегардад.

Кейнсчиёни нав (ақидаҳои онҳо аниқтар дар поён дида мешаванд) бар муқобили ақидаи сатҳи муқаррарӣ норозигӣ баён намуданд. Онҳо гумон доранд, ки тағйирёбӣ дар ҳаҷми маҷмӯи талабот метавонад ба ҳаҷми МУД ва шуғл натанҳо дар давраи кӯтоҳмуддат балки дар давраи дарозмуддат низ таъсир расонад. Таъсири ҳодисаҳои гузашта ба андозаи муқаррарии тағйирёбандаҳои иқтисодӣ, ба монанди МУД, бекорӣ ва шуғл дар давраи дарозмуддат номи ***гистерезисро***[9] гирифтааст.

Ҳамин тариқ, бекорие, ки натиҷаи пастравӣ дар иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, метвонад ба тағйирёбии мақсадҳо, рағбатҳои рафтори бекорон ва имонияти дарёфти ҷои корӣ аз тарафи онҳо сабаб мегардад. Якум, маълум аст, ки давомнокии бекорӣ, ки зиёда аз ним сол давом мекунад, ба гумм кардани тахассуснокӣ, аз даст додани капитали инсонӣ оvард мерасонад ва фирмаҳо чунин бекоронро бо хоҳиши наонқадар зиёд то ҳатто дар ҳолати болоравии иқтисодиёт ба кор қабул мекунанд. Дуюм, бекорӣ метавонад мақсадгузориҳои шахсони алоҳидаро кулан тағйир диҳад, қисми бекорон бо ҳолати мавҷуда розӣ гашта, ҷустуҷӯи ҷои кориро қатъ мегардонанд. Дар натиҷа, дар ҳолати болоравии иқтисодӣ, шуғл ба сатҳи муқаррарии худ бар нагардида, бекории фриксионӣ зиёд мешавад.

**Неолклассикон ва кейнсчиён оид ба тағйирёбии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод**. Маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод, омилҳои ҳаҷми онҳоро муайян мекарда ва инчунин омилҳои каҷхаттаҳои AD ва AS –ро ҳаракат медода, дар мавзӯи дахлдор дида баромада шуданд. Дар ин ҷо фарқиятҳо дар маънидодкуниҳои тағйирёбиҳои маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод дар назарияҳои неоклассикӣ ва кейнсӣ дида баромада мешаванд.

---

[9] Истиллоҳи «гистерезис»-ро иқтисодчиён аз физикон нусхабардорӣ кардаанд. Гистерезис ҳамон вақт ҷой дорад, ки агар тағйирёбанда муваққатан ба таъсири беруна дучор шуда, ба андозаи ибтидоии худ то ҳатто ҳангоми аз байн рафтани чунин таъсирот барнамегардад.

***Назарияи неоклассикӣ гумон дорад***, ки тағйирёбӣ дар динамикаи пешниҳоди пулҳо, омили асосии муайянкунандаи маҷмӯи талабот ва сатҳи нархҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки неоклассикон ва пеш аз ҳама монетаристон ба мӯътадилии пешниҳоди пулҳо аҳамияти махсус зоҳир мекунанд.

***Назарияи кейнсӣ*** таъсири пешниҳоди пулҳоро ба маҷмӯи талабот инъикор намекунад. Лекин кейнсчиён гумон доранд, ки ба ғайр аз тағйирёбии массаи пулӣ, сабаби тағйирёбии маҷмӯи талабот метавонанд сиёсати буҷетӣ – андозии ҳавасмандгардонанда ва ё тағйирдиҳии суръати гардиши пулҳо бароамад кунанд.

Фарқияти нисбатан калонтар байни неоклассикон ва кейнсчиён ин маънидодкунии шаклҳои каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод ба ҳисоб меравад, ки оид ба он дар мавзӯи 15 сухан рафта буд.

Мувофиқи назарияи неоклассикӣ, каҷхаттаи маҷмӯи пешниҳод бо хатти амудӣ ифода карда шуда, ҳолати он бо сатҳи бекории муқаррарӣ, хароҷотҳои капитал муайян карда шуда, аз сатҳи нархҳо вобастагӣ надорад. Каҷхаттаи классикии амудии маҷмӯи пешниҳод, каҷхаттаи дарозмуддати маҷмӯи пешниҳод мебошад.

Мувофиқи назарияи кейнсӣ, музди меҳнат низ дар давраи кӯтоҳмуддат тағйир намеёбад. Дар натиҷаи тағйирнопазирии нархҳо, каҷхаттаи кӯтоҳмуддати маҷмӯи пешниҳод бо хатти уфуқӣ ифода карда мешавад. Дар чунин ҳолат тағйирёбӣ дар маҷмӯи талабот ба ҳаҷми умумии МУД таъсир мерасонад.

Дар шароитҳои зиёдшавии маҷмӯи талабот соҳибкорон метавонанд бисёртар молҳоро фурӯшанд. Аз ҳамин сабаб сатҳи шуғл зиёд шуда, истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ афзоиш меёбанд, дар натиҷа ҳаҷми истеҳсолот умуман зиёд мешавад.

***Назарияи иқтисодиёти пешниҳод***. Дар охири солҳои 1970 ва охири солҳои 1980-ум мактабҳои иқтисодии асосии муқовиматдошта, мактаби неокейнсӣ ва монетаризм буданд. Бо баробари онҳо дар ибтидои солҳои 1980-ум боз як гурӯҳ иқтисодчиён оид ба ақидаҳои худ бароамад карданд, ки ин

иқтисодчиён худро тарафдорони иқтисодиёти пешниҳод муаррифӣ карданд.

Намояндагони ин мактаб иқтисодчиёни америкоӣ А. Лаффер, М. Фелдстай, Н. Боскин, П. Робертс ва дигарон мебошанд. Ақидаҳои асосии тарафдорони назарияи иқтисодиёти пешниҳод, тадқиқоти маҷмӯи пешниҳод, ҷустуҷӯи рағбатҳои иқтисодии самаранок ва паст намудани андозҳо мебошад. Рағбатҳои иқтисодӣ, ба монанди мукофот барои меҳнат, пасандозҳо, инвеститсияҳо ва соҳибкорӣ, ба он тағйирёбандаҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд, ки ба ақидаи тарафдорони назарияи иқтисодиёти пешниҳод асоси рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Амал намудани ин рағбатҳо бо мизони андозҳо дар вобастагии баръакс қарор доранд. Андозҳои баланд пешниҳоди меҳнатро, капитро паст карда, фаъолнокии соҳибкориро боз медоранд. Бинобар ҳамин кам намудани андозҳо ба зиёдшавии пешниҳоди меҳнат, капитал ва баланд намудани рағбати соҳибкорӣ ва суръатгирии рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Низоми андозӣ, мувофиқи ақидаи тарафдорони назарияи иқтисодиёти пешниҳод, бояд фишанги идоракунии маҷмӯи пешниҳод, на балки маҷмӯи талабот гардад.

## 27.2. БАҲОДИҲИИ НАҚШИ ПУЛҲО ДАР МОДЕЛҲОИ НЕОКЛАССИКӢ ВА КЕЙНСӢ.

**Назарияи неоклассикӣ дар варианти монетарии он** ҳангоми таҳлили мувозинатии умумии иқтисодӣ формулаи миқдории ҳисоб намудани мубодиларо истифода мебаранд:

$$MV = PY \qquad (27.1)$$

**Баробарии асосии кейнсии мувозинатии умумии иқтисодӣ** чунин намуд дорад:

$$Y = C + I + G + Xn \qquad (27.2)$$

Ҳамин тавр, баробарии «хароҷотҳои умумӣ – даромади миллӣ» ва баробарии миқдории мубодила ду муносибати

таҳлилро ба як муаммои додашуда, яъне мувозинатии умумии иқтисодӣ ифода мекунанд.

Дар назарияҳои неоклассикӣ ва кейнсӣ пулҳо қисми таркибии амвол баромад мекунанд, бинобар ҳамин тағйиротҳо дар сиёсати пулию – қарзӣ ба вазъияти иқтисодӣ бо воситаи сектори амволӣ таъсир мерасонад. Лекин сектори амволӣ дар моделҳои неоклассикӣ ва кейнсӣ гуногун маънидод карда мешаванд, ки бо тасаввуротҳои гуногун оид ба механизми трансмиссияи пулӣ алоқамандаанд. Бо ибораи дигар дар ин назарияҳо сухан оиди баҳодиҳии гуногуни тасири пулҳо ба ҳаҷми МУД – и номиналӣ меравад.

Дар модели кейнсӣ, ба ғайр аз пулҳо ба таркиби амвол қоғазҳои қиматнок (вомбаргҳо) низ дохил мешаванд, бинобар ҳамин яке аз зиннаҳои таъсироти импулсҳои монетарӣ мизони фоиз ба ҳисоб меравад.

Дар модели неоклассикӣ, ба ғайр аз пулҳо ва вомбаргҳо ба таркиби амвол капитали аслӣ низ дохил мешавад, бинобар ҳамин тағйирёбии пешниҳоди пулӣ ба маҷмӯи талабот ва МУД – и номиналӣ бо воситаи самараи ивазшавӣ ва самараи амволӣ таъсир мерасонанд.

Аз ин лиҳоз, афзоиши пешниҳоди пулҳо мизони фоизро паст карда, афзоиши захираҳои аслии пулиро ба миён меорад. Дар ин ҳолат самараи ивазшавӣ амал мекунад, зеро пастшавии даромаднокӣ аз вомбаргҳо ба афзоиши талаботи ба капитали аслӣ ва инвеститсияҳо оварда мерасонад. Ба ғайр аз ин, афзоиши захираҳои аслии пулӣ талаботро ба активҳои молиявӣ ва аслӣ, инчунин ба молҳои истеъмолӣ зиёд мекунад, ки айнан дар ҳамин самарии амволӣ ифода меёбад. Ҳамин тавр, ҳар ду самара зиёдшавии маҷмӯи талботро ба миён меоранд.

Дар модели кейнсӣ тағйирёбии пешниҳоди пулӣ ба мизони фоиз таъсир расонида, бо воситаи мизони фоиз ба сатҳи инвеститсияҳо ва МУД – и номиналӣ таъсир мерасонад. Бо баробари ин назарияи кейнсӣ қайд мекунад, ки тағйирёбии пешниҳоди пулҳо наҳама вақт ба мақсадҳои гузошта шуда ноил мегардад. Масалан, сиёсати пулҳои арзон, ки дар шароитҳои номӯътадилиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – сиёсӣ амалӣ карда мешавад, самаранокии паст доштанаш мумкин аст, чунки бонкҳои тиҷоратӣ барои хавф кардан хоҳиш надоранд ва

бинобар ҳамин барои инвеститсияҳо қарзҳоро пешкаш намекунанд, соҳибкорон низ дар чунин ҳолат талаботи инвеститсиониро кам мекунанд.

Баръакс, монетаристон гумон доранд, ки сиёсати пулию қарзӣ ба иқтисодиёт таъсири пешгӯишаванда мерасонанд. Якум, тағйирёбии пешниҳоди пулӣ ба маҷмӯи талабот бо воситаи тағйирёбии талабот ба активҳои молиявӣ ва аслӣ таъсир мерасонад. Дуюм, дар ҳолати шуғли нопурра, тағйирёбии пешниҳоди пулӣ дар давраи кӯтоҳмуддат ба МУД-и аслӣ, ҳаҷми истеҳсолот ва шуғл таъсир мерасонад. Дар давраи дарозмуддат тағйирёбии пешниҳоди пулӣ танҳо ба МУД-и номиналӣ таъсир мерасонад.

Чунин маънидодкунии нақши пулҳо иқтисодиётро ба ду сектор ҷудо мекунад: сектори пулӣ ва аслӣ, ки ҳар яки онҳо бо тағйирёбандаҳои мустақил тавсиф карда мешавад.

Ба тағйирёбандаҳои аслӣ чунин нишондиҳандаҳои миқдорӣ дохил мешаванд, ба монанди ҳаҷми МУД-и аслӣ ва капитали андӯхтшуда. Ба ғайр аз тағйирёбандаҳои миқдорӣ, сектори аслиро нархҳои нисбӣ, музди меҳнати аслӣ ва мизони фоизи аслӣ тавсиф мекунанд.

Сектори пулиро тағйирёбандаҳои номиналӣ ба монанди сатҳи нархҳо, суръати таваррум ва музди меҳнати номиналӣ тавсиф мекунанд.

Маҳдудкунии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба номиналӣ ва аслӣ барои омӯзиши нишондиҳандаҳои номиналӣ ба воситаи истиснои нишондиҳандаҳои аслӣ имконият медиҳад. Назарияи макроиқтисодии неоклассикӣ аз ***тасаввуроти бетарафии пулҳо*** бармеояд, ки мувофиқи он тағйирёбии миқдори пулҳо ба тағйирёбандаҳои аслӣ (ҳаҷм ва сохтори бароriш, шуғл ва нархҳои нисбӣ) таъсир намерасонад.

Ақидаи неоклассикон оид ба таъсири пулҳо ба нишондиҳандаҳои номиналии МУД дар заминаи мӯътадилии суръати гардиши пулҳо асос мегирад[10]. Дар асл, агар дар баробарии миқдории мубодила MV=PY, V доимӣ бошад, он гоҳ M ба PY, яъне ба МУД номиналӣ таъсуроти мутаносиб

[10] Мӯътадилии нисбияти 1/V=k, яъне коэффитсиенти монетизатсияе, ки ба талаботи зарурӣ ба захираҳои пулӣ (M/P) мувофиқат мекунад.

мерасонад. Васеъшавии пешниҳоди пулӣ маҷмӯи талабот ва МУД-и номиналиро ба андозаи мутаносиби ба пешниҳоди пулӣ баробар зиёд мекунад. Дар натиҷа нисбияти PY/M, ки суръати гардиши пулҳоро нишон медиҳад, тағйир намеёбад.

Масалан, агар андозаи Y-ро дар давраи майян ҳангоми M=200 млрд. сомонӣ будан ҳамчун тағйирнаёбанда қабул карда, PY=400 млрд. сомонӣ баробар бошад, он гоҳ V=2 буда, M=400 мешавад. Дар ҳолати тағйир наёфтани Y фишор ба нархҳо ба тарафи болоравии ба назар мерасад, чунки аҳолӣ кӯшиш мекунанд андозаи захираҳои пулии аслиро бетағйир нигоҳ доранд. Андозаи PY=800 млрд. сомонӣ. Ҳамин тавр, V мисли пештара ба 2 (800/400=2) баробар мешавад. Исботи мӯътадилии гардиши пулҳо дар таълимоти монетаристон дар консепсияи механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ асос меёбад.

Равияи кейнсӣ гумон дорад, ки суръати гардиши пулҳо доимӣ набуда, сиёсати пулию қарзӣ пешбининашаванда мебошад. Исботи номӯътадилии суръати гардиши пулҳо дар консепсияи кейнсии талабот ба пулҳо асос меёбад. Талаботи трансаксионӣ ба пулҳо ва талаботи эҳтиётӣ ба пулҳо дар иқтисодиёт пулҳоро зиёд карда, ҳамчун «ҷоришавӣ – хароҷот» гардиш мекунанд ва суръати мусбии гардиш дорад. Талабот ба пулҳо аз ҷиҳати активҳо (талаботи спекулятивӣ) пулҳоро ба ҷараёни «даромад - хароҷот» ҳамроҳ намекунанд, ин пулҳо гардиш намекунанд, яъне суръати гардиши онҳо ба сифр баробар аст[11]. Бинобар ҳамин суръати гардиши пулҳо аз таносубе вобаста аст, ки дар он пешниҳоди пулӣ байни пулҳо барои муомилаҳо ва пулҳо ба сифати активҳо ҷудо мешаванд. Афзоиши нисбии талаботи спекулятивӣ ба пулҳо суръати гардиши пулҳоро кам карда, афзоиши талаботи трансаксионӣ ба пулҳо ва талаботи эҳтиётии пулҳо бошад, суръати гардиши пулҳоро зиёд мекунанд.

[11] Дар ҳақиқат пулҳое, ки барои хариди вомбаргҳо харҷ карда мешаванд, ба гирдгардиши «даромад - хароҷот» дохил намешаванд, ба ин пулҳо мол ва хизматҳои аз тарафи фирмаҳо истеҳсол кардашуда харидорӣ карда намешаванд.

## 27.3. СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ФАЪОЛ ВА ҒАЙРИФАЪОЛ ДАР МОДЕЛҲОИ АЛТЕРНАТИВИИ МУВОЗИНАТИИ УМУМИИ ИҚТИСОДӢ.

Мавқеи муқобили неоклассикон ва кейнсчиён дар ҳалли муаммои мӯътадилии мувозинатии умумии иқтисодӣ барои интихоби намудҳои гуногуни сиёсати иқтисодиро мусоидат мекунад.

Неоклассиконе, ки оид ба мӯътадилии МУИ ақида доранд, гумон мекунанд, ки давлат набояд чорабиниҳои зиддисиклиро амалӣ гардонад, зеро дар ҷараёни тағйирёбиҳои сиклӣ, иқтисодиёт қобилият дорад, ки ба мувозинатӣ бо воситаи механизмҳои бозорӣ гузарад.

Мувофиқи ақидаи неоклассикон, вазифаи давлат дар таъмини суръати доимии афзоиши пешниҳоди пулӣ мувофиқи қоидаи монетарӣ ва таъминоти мӯътадилии нархҳо иборат мебошад. Чунин намуди сиёсати иқтисодӣ сиёсати ғайрифаъол номида мешавад.

Сиёсати иқтисодӣ, ки ҳам ба ҳолати ҷорӣ ва пешбинишавандаи иқтисодиёт ҳиссиёт дорад, сиёсати фаъол номида мешавад. Кейнсчиёне, ки мӯътадилии МУИ рад мекунанд, сиёсати фаъоли давлатиро тарафдорӣ менамоянд.

Ду намуди сиёсати иқтисодии фаъолро ҷудо мекунанд. Сиёсати иқтисодии фаъоли намуди якум маҷмӯи чораҳоро дар соҳаҳои андозӣ – буҷетӣ ва пулию қарзӣ дар бар мегирад, ки ҷавобан ба пайдоиши тағйиротҳо ва дигаргуниҳои ҷиддӣ дар иқтисодиёт амалӣ карда мешаванд. Ҳамин тавр, сиёсати иқтисодии фаъол таъиноти зиддисиклӣ дорад. Чунин намуди сиёсати иқтисодӣ чандинбора аз тарафи ҳукуматҳои мамлакатҳои гуногун дар davраҳои пастравиҳои иқтисодӣ ва бекории зиёд истифода шуда буданд.

Намуди дуюми сиёсати иқтисодии фаъол ислоҳоти амиқ (тонкая настройка) номида мешавад, ки дар он фишангҳои андозӣ – буҷетӣ ва пулию қарзӣ барои ислоҳ намудани тағйирёбандаҳои аслӣ ҷавобан ба дигаргуниҳо дар иқтисодиёт истифода мешаванд. Дар ҳолати ислоҳоти амиқ мӯътадилкунандагони автоматӣ (сохташуда), ба монанди андозҳои прогрессивӣ ва ҷубронпулиҳои барои бекорӣ ва

ғайраҳо амал мекунанд. Масалан, бо баробари камшавии даромадҳои аҳолӣ ва корхонаҳо дар давраи пастравии иқтисодиёт вазнинии андозҳо бе дохил намудани тағйиротҳо ба қонунгузории андозӣ паст мешавад, ки маҳдудшавии маҷмӯи талаботро бартараф мекунад. Монанди ҳамин афзоиши пардохти ҷубронпулиҳо барои бекорӣ дар давраи пастравӣ амал мекунанд. Истифодабарии дигар фишангҳои сиёсати андозӣ – буҷетӣ дар сифати унсурҳои ислоҳоти амиқ, дар натиҷаи танзимкуниҳои дарозмуддат душвортар мегарданд.

Дар ин ҷода фишангҳои пулию қарзӣ нисбатан фаврӣ ба ҳисоб мераванд, ки давомнокии наонқадар дарозмуддат дошта, ба вазъияти ҷории иқтисодӣ бо зудӣ ҳиссиёти худро иброз менамояд.

## 27.4. КЕЙНСЧИЁН ВА НЕОКЛАССИКОН ОИД БА АФЗАЛИЯТҲО ВА НАТИҶАҲОИ СИЁСАТИ АНДОЗӢ– БУҶЕТӢ ВА ПУЛИЮ ҚАРЗӢ.

Назарияи кейнсӣ ва неоклассикӣ самаранокии сиёсати андозӣ – буҷетӣ ва пулию қарзиро ба таври гуногун баҳогузорӣ мекунанд. Самаранокии сиёсати иқтисодиро бо воситаи дараҷаи таъсиррасонии ин ё он фишангҳо ба тағйирёбии ҳаҷми умумии бороиш баҳогузорӣ кардан мумкин аст.

Натиҷаи сиёсати андозӣ – буҷетӣ ва пулию қарзӣ бо дараҷаи муайян аз ҳаҷми мултипликаторҳои мувофиқ вобаста аст: мултипликатори хароҷоти давлатӣ, мултипликатори андозӣ ва мултипликатори пулӣ, инчунин аз ҳиссиёти талабот ба пулҳо ба мизони фоиз.

Назарияи кейнсӣ сиёсати андозӣ – буҷетиро нисбатан самаранок мешуморад. Чунин афзалияти кейнсчиён дар ақидаи беҳиссиётии инвеститсияҳо ба мизони фоиз ва ҳиссиёти талабот ба пулҳо нисбат ба мизони фоиз бармеояд. Дар чунин замина амали сиёсати монетарӣ самаранокии пасттар дорад. Масалан, дар ҳолати зиёд намудани пешниҳоди номиналии пулҳо каҷхаттаи LM ба тарафи рост ва ба поён ҳаракат мекунанд ва иқтисодиёт ба ҳолати нави мувозинатӣ мегузарад, ки ба он

мизони фоизи нисбатан пасттар ва ҳаҷми барориши наонқадар афзоишёфта хос аст.

Неоклассикон баръакс, афзалиятро ба сиёсати пулию – қарзӣ медиҳанд. Ба ақидаи неоклассикон, афзоиши пешниҳоди номиналии пулҳо дар давраи кӯтоҳмуддат каҷхаттаи LM-ро ба тарафи рост ва ба поён ҳаракат медиҳанд ва мувозинатии кӯтоҳмуддат дар ҳолати ҳаҷми барориши афзоишёфта ва мизони фоизи пасттар қарор мегирад.

## 27.5. КЕЙНСЧИЁН ВА НЕОКЛАССИКОН ОИД БА МУАММОҲОИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ДИСКРЕТСИОНӢ ВА АВТОМАТӢ.

Кейнсчиён ва неоклассикон на танҳо таркиб ва самаранокии сиёсати андозӣ – буҷетӣ ва пулию қарзиро гуногун баҳогузорӣ мекунанд, балки тарзҳои амалигардонии онҳоро низ гуногун баҳо медиҳанд.

Назарияи кейнсӣ афзалиятро ба тарзи дискретсионии таъсиррасонӣ ба вазъияти иқтисодӣ медиҳад. Ин назария гумон дорад, ки номӯътадилӣ хусусияти хоси иқтисодиёти бозорӣ мебошад. Азбаски иқтисодиёт доимо шокҳои маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳодро ҳис мекунад, бинобар ҳамин амалигардонии сиёсати зиддисиклии (дискретсионии) андозӣ – буҷетӣ ва пулию қарзии ба мӯътадилкунии тағйиротҳои сиклӣ равонашуда, шарти зарурии бартараф намудани пастравиҳои иқтисодӣ ва ё ҳолати «иқтисодиёти тасфон» ба ҳисоб меравад.

Лекин дар ҳолати амалигардонии сиёсати иқтисодии дискретсионӣ як қатор муаммоҳо ба миён меоянд, ки самаранокии онро паст мекунанд. Яке аз ин муаммоҳо, ба ақидаи неоклассикон дар таъсироти ақибмондаи сиёсат (аз давраи қабулкунии тағйиротҳо то лаҳзаи амалигардонии онҳо)ба вазъияти иқтисодӣ мебошад. Мантиқи муаммо дар мураккабии муайянкунии дурусти нишондодҳои муваққатии тағйиротҳо мебошад.

Агар тағйирот характери кӯтоҳмуддат дошта бошад, он гоҳ истифодабарии фишангҳои андозӣ – буҷетӣ, ки давраи

муайяни вақтро талаб мекунанд, хислати дермонӣ пайдо карда, метавонад вазъияти иқтисодиро номӯътадил гардонад. Сиёсати пулию қарзӣ мӯҳлати амалигардии нисбатан кӯтоҳ дорад, бинобар ҳамин барои танзими кӯтоҳмуддати иқтисодиёт мутобиқати бештар дорад. Бо баробари ин дар консепсияи кейнсӣ сиёсати пулию қарзӣ нисбатан фаъолтар аст, зеро ҳолати тасфони иқтисодиётро дар давраи болоравии шиддатнок боз медорад. Лекин давомнокии тағйиротҳои сиклиро пешбинӣ кардан мушки ласт. Дар чунин шароит вақти амалигардонии сиёсати иқтисодии мӯътадилкунандаро муайян намудан ғайриимкон аст.

Бо вуҷуди ин назарияи кейнсӣ афзалиятро ба сиёсати иқтисодии дискретсионӣ медиҳад ва гумон дорад, ки бе амалиградонии чораҳои мувофиқ тағйиротҳои сиклӣ метавонанд ба тағйиротҳои назаррраси ҳаҷми истеҳсолот, сатҳи шуғл ва нархҳо сабаб шаванд, ки онҳоро иқтисодиёти бозорӣ мустақилона бартараф карда наметавонад.

Неоклассикон тасдиқ мекунанд, ки номуайянии давомнокии тағйиротҳо ғайрисамаранокиро муайян карда, ҳатто характери номӯътадилии сиёсати иқтисодии дискретсиониро қайд мекунанд. Бинобар ҳамин назарияи неоклассикӣ гумон дорад, ки сиёсати автоматӣ нисбатан афзалтар мебошад. Азбаски омили ҳалкунандаи фаъолнокии иқтисодӣ ва сатҳи нархҳо, ба ақидаи неоклассикон пешниҳоди пулӣ ба ҳисоб меравад, бинобар ҳамин неоклассикон ба сиёсати пулию қарзии автоматӣ афзалият медиҳанд. Маънои чунин муносибат дар муайян намудани нишондиҳандаҳои мақсадноки агрегатҳои пулии М1 ва М2 дар асоси қоидаи монетарӣ ифода меёбад.

## 27.6. ОМЕЗИШИ (СИНТЕЗИ) НЕОКЛАССИКӢ.

Дар давраи баъди ҷангӣ як қатор иқтисодчиён кӯшиш карданд, ки назарияҳои неоклассикӣ ва кейнсиро пурра кунанд ва назарияи нави омезиши (синтези) неоклассикиро таҳия

намоянд. Ба тарафдорони ин назария инҳо дохил мешаванд: П.Самуэлсон, Ҷ.Хикс, В.Леонтев, Э.Хансен, Л.Клейн ва дигарон.

Барои назарияи омезиши неоклассикӣ муносибати дуалистӣ, кӯшиши якҷоя намудани микротаҳлили неоклассикӣ бо принсипҳои макротаҳлили кейнсӣ хос аст.

Тарафдорони омезиши неоклассикӣ гумон доранд, ки дар иқтисодиёт тамоюл ба барқароршавии мувозинатии вайроншуда мавҷуд аст, ки ба муносибати неоклассикӣ хос аст. Бо баробари ин, онҳо қайд мекунанд, ки бо назардошти як қатор сабабҳо, ҳам тағйирнопазирии музди меҳнат, «қабқони бозоргирӣ», талаботи инвеститсионии ғайричандир нисбат ба фоиз, танзими давлатӣ зарур аст, ки ба назарияи кейнсӣ хос аст.

Дар микроиқтисод омезиши неоклассикӣ мавҷудияти бозори аниқро дар назар дорад, ки дар он нақши ҳалкунандаро истеъмолкунанда мебозад. Бо баробари ин дар макроиқтиод тағйирнопазирии нархҳо ба назар гирифта мешавад. Масалан, дар микроиқтисод аз тарафи омезиши неоклассикӣ мавқеи неоклассикон оид ба таъминоти пурраи агентҳои иқтисодӣ бо ахборот, мувофиқкунии бузургиҳои пешбинишаванда ва аслӣ ва рафтори оқилонаи мукаммал дастгирӣ карда мешавад. Бо баробари ин дар макротаҳлил номукаммалии ахборот, нодурустии пешгӯикуниҳо ва ғайриимконпазирии рафтори оқилонаи мукаммал ба назар гирифта мешавад.

Аз нуқтаи назари неоклассикон, соҳибкори ахборот дошта хароҷот, нархи оянда ва музди меҳнати ояндаро медонад ва захираҳоро ба таври оптималӣ тақсимот карда, фоидаи ҳадди аксарро ба даст меорад. Лекин дар чунин ҳолат сиёсати пулию қарзии кейнсӣ ғайриимкон мегардад. Мувофиқи омезиши неоклассикӣ, сабаби шуғли нопурра тағйирнопазирии музди меҳнат мебошад. Барои таъмини шуғли пурра бояд мизони музди меҳнат то сатҳе паст карда шавад, ки дар он соҳибкорон метавонанд ҳама шахсони хоҳишдши кор кардан доштаро киро намоянд. Ин ҳолатро бо воситаи баланд намудани нархҳо, баланд намудани музди меҳнати номиналӣ ва паст намудани музди меҳнати аслӣ дастрас кардан мумкин аст. Лекин амалигардонии чунин чорабинҳо танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар агентҳои иқтисодӣ бузургиҳои номиналӣ ва

аслиро фарқ накунанд, ки ба принсипи оқилона ва таъминот бо ахборот зиддият мекунад.

Ҳамин тавр ақидаи асосии омезиши неоклассикӣ ин истисно накардан ва ба зиддият намондан буда, балки муттаҳид кардани муносибатҳои неоклассикӣ дар соҳаи микроиқтисод бо принсипҳои кейнсӣ дар соҳаи макроиқтисод ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки солҳои инкишофёбии омезиши неоклассикӣ ба солҳои 1950-1960 мувофиқат мекунанд. Ин давраи иқтисодиёти нисбатан мӯътадил дар мамлакатҳои ғарб ба ҳисоб меравад, ки аз тарафи намояндагони омезиши неоклассикӣ аз як тараф ҳамчун тасдиқи самаранокии модели кейнсии танзими давлатии иқтисодиёт ва аз тарафи дигар ҳамчун исботи принсипи иқтисодӣ оид ба мӯътадилии мувозинатии макроиқтисодӣ дарк карда мешавад.

## 27.7. НАЗАРИЯИ ИНТИЗОРИҲОИ ОҚИЛОНА. МАКРОИҚТИСОДИ НАВИ КЛАССИКӢ (КЛАССИКОНИ НАВ).

Назарияи пешбиниҳои оқилона равияи нисбатан нави назарияи иқтисодӣ мебошад. Аввалин ақидаҳое, ки ин назарияро асоснок мекарданд, аз тарафи иқтисодчиёни америкоӣ Р.Лукас, Р.Барр ва Т.Сарджент соли 1976 баён шуда буданд. Лекин аввалин маротиба ақидаро оид ба пешбиниҳои оқилона соли 1961 Ҷ.Мут пешкаш карда буд, ки ба саволи «барои чӣ пешбиниҳо оид ба тағйирёбии нархҳо дар бозорҳои молиявӣ одатан бо тағйирёбии аслии нархҳо мувофиқат намекунанд» кӯшиш дарёфти ҷавобро карда буд. Чавоб ба ин савол ақидаи марказии назарияи пешбиниҳои оқилона гардид. Ҷ.Мут қайд мекард, ки пешгӯикуниҳои назариявӣ дар экстрополятсияи тамоюлҳои пешина ба оянда, яъне дар пешбиниҳои мутобиқшавӣ сохта шудаанд, бо баробари ин субъектони бозори молиявӣ вобаста аз тамоюлҳои пешина ва пешбиниҳои шароитҳои оянда қарор қабул карда, амал мекунанд.

Ҳамин тавр тарзҳои гуногуни таъсисёбии пешбиниҳо мавҷуданд. Дар назарияи иқтисодӣ пешбиниҳои статикӣ, мутобиқшавӣ ва оқилонаро аз ҳам фарқ мекунанд. Пешбиниҳои мутобиқшавӣ танҳо ахборотҳои давраҳои гузаштаро ба назар гирифта шароитҳои ояндаи хоҷагидориро ба эътибор намегиранд. Нисбат ба консепсияи пешбиниҳои мутобиқшавӣ, дар назарияи пешбиниҳои оқилона шахсони алоҳида қарорҳоро на танҳо дар асоси ахборотҳои гузашта, балки аз пешбиниҳои шароитҳои фаъолияти иқтисодӣ дар оянда бармеоянд.

Аз ин ҷо якум фарзияти назарияи пешбиниҳои оқилона дар он иборат мебошад, ки шахсони алоҳида бо назардошти ҳама ахборотҳои солҳои гузашта ва ҳам дар асоси тасаввуроти ояндаи сиёсати иқтисодӣ ва инчунин таъсири онҳо ба ҳолати иқтисодиёт амал мекунанд.

Фарзияти дуюми назарияи пешбиниҳои оқилона дар ақидаи мактаби классикӣ оид ба тағйирёбии нархҳо ва музди меҳнат асос меёбад. Мувофиқи ин ақида, нархҳо ва музди меҳнат бо назардошти мувозинатии талабот ва пешниҳод ислоҳ карда мешаванд. бинобар ҳамин назарияи пешбиниҳои оқилонаро макроиқтисодӣ нави классикӣ меноманд.

Мувофиқи ақидаи тарафдорони назарияи пешбиниҳои оқилона, тағйиротҳои пешбининашудаи пешниҳоди пулҳо ба нишондиҳандаҳои аслӣ танҳо дар давраи кӯтоҳмуттад таъсир расонида, дар давраи дарозмуддат бошад, танҳо нишондиҳандаҳои номиналӣ тағйир меёбанд.

Вобаста ба ин заминаҳо ва принсипҳо классикони нав оид ба ғайрисамаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва андозӣ буҷетии пешбинишаванда хулоса карда, қайд мекунанд, ки сиёсати иқтисодии дискретсионии давлат ба мақсадҳои худ намерасад ва ба нишондиҳандаҳои аслии иқтисодӣ таъсир намерасонанд. Бо вуҷуди ин классикони нав гумон мекунанд, ки сиёсати дискертсионӣ на танҳо ғайрисамаранок аст, балки метавонад номӯътадилии иқтисодиро пурзӯр намояд.

Яке аз муаммоҳои ҷиддии сиёсати макроиқтисодӣ, аз нуқтаи назари пешбиниҳои оқилона мавҷудияти боваринокӣ ба ҳукумат аз тарафи агентҳои иқтисодӣ мебошад, зеро дар ҳолати

мавҷуд набудани боварӣ ҳукумат ба мақсадҳои худ расида наметавонад.

Лекин як қатор ақидаҳои назарияи пешбиниҳои оқилона бе баҳс нестанд.

Якум, ин тағйирёбӣ чандирнокии баланди нархҳо. Дар бозорҳои рақобати номукаммал нархҳо чандирнокии баланд надоранд.

Дуюм, ҳангоми қабули қарор субъектони хоҷагидорӣ на ҳама вақт бо пешбиниҳои оқилона амал мекунанд.

Сеюм, ҳатто ҳолате оид ба эҳтимолияти хатогии хоҷагиҳои хонавода дар пешбиниҳои худ, набояд ҳолатеро аз назар дур кунанд, ки фирмаҳо ва коргарон низ вазъияти ба миён омадаро нодуруст баҳо дода, қарорҳои нодуруст қабул карданашон мумкин аст. Аз ҳамин сабаб бозорҳо на ҳама вақт дар ҳолати мувоизантӣ қарор мегиранд.

## 27.8. НАЗАРИЯИ СИКЛИ ИҚТИСОДИИ АСЛӢ.

Назарияи сикли иқтисодии аслӣ як қатор хусусиятҳои назарияи пешбиниҳои оқилонаро нисбат ба сиёсати макроиқтисодии давлат тарафдорӣ мекунад. Назарияи сикли иқтисодии аслӣ аз заминаҳои тағйирёбии нархҳо ва музди меҳнат ҳам дар давраи кӯтоҳмуддат ва ҳам дар давраи дарозмуддат, инчунин аз новобастагии нишондиҳандаҳои аслӣ аз номиналӣ бармеояд.

Тарафдорони назарияи сикли иқтисодии аслӣ қайд мекунанд, ки дар натиҷаи шокҳои ҳосилнокӣ дар иқтисодиёт тағйирёбиҳои сиклӣ ба миён меоянд. Сарчашмаҳои тағйирёбӣ тағиротҳои технологӣ, кашфиётҳои нави технологӣ, пайдоиши маҳсулоти нав ва мукаммалгардонии ҷараёнҳои истеҳсолӣ мебошанд. Тағйиротҳои мазкур ба афзоиши ҳосилнокии интиҳоии меҳнат ва капитал, васеъшавии пешниҳоди молу хизматҳо ва афзоиши фоида оварда мерасонад.

Боз як омиле, ки ваёроншавии мувозинатии макроиқтисодиро ба миён меорад, ба фикри тарафдорони назарияи сикли иқтисодии аслӣ, шокҳои хароҷоти давлатӣ ба

ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин механизмҳои таъсиррасонии шокҳои хароҷоти давлатӣ дар назарияи сикли иқтисодии аслӣ ва назарияи кейнсӣ гуногун мебошанд.

Чӣ хеле ки маълум аст, дар назарияи кейнсӣ зиёдшавии хароҷоти давлат ба афзоиши маҷмӯи талабот сабаб мешавад. дар назарияи сикли иқтисодии аслӣ афзоиши хароҷоти давлатӣ ба баландшавии мизони фоиз ва пешниҳоди меҳнат оварда мерасонад, зеро мизони фоизи баланд майл ба пасандозро зиёд карда, меҳнати иловагӣ дар навбати худ барои зиёд намудани пасандозҳо мусоидат менамояд. Ҳамин тавр афзоиши хароҷоти давлатӣ пешниҳоди меҳнатро зиёд мекунад, ки ҳаҷми зиёдтари барориш ро таъмин мекунад.

Тарафдорони назарияи сикли иқтисодии аслӣ қайд мекунанд, ки ба ҳаҷми барориш тағйирёбии массаи пулӣ таъсир нарасонида, балки баръакс тағйирёбии ҳаҷми барориш бо воситаи шокҳои пешниҳод ва шокҳои хароҷоти давлатӣ ба миён омада, ба тағйиротҳои соҳаи пулӣ таъсир мерасонанд. Тарафдорони назарияи сикли иқтисодии аслӣ гумон доранд, ки тараққиёти сиклӣ ин ҳиссиёти объективии иқтисодиёт ба шокҳои ҳосилнокӣ ва хароҷоти давлатӣ мебошад, ки дахолати давлатро ба ҷараёни бозорӣ талаб намекунад.

## 27.9. НАЗАРИЯИ НАВИ КЕЙНСӢ.

Ҷавобан ба танқиди назарияи кейнсӣ классикони нав ва дигар мактабҳои иқтисодӣ дар миёнаи солҳои 1980-ум назарияи нави кейнсиро таҳия намуданд. Намояндагони ин равия иқтисодчиёни америкоӣ Ҷ.Акерлоф, О.Бланчард, Н.Менкю ва дигарон мебошанд.

Назарияи нави кйенсӣ як қатор принсипҳои назарияи классикии навро рад карда, ҳамзамон намояндагони он кӯшиш мекунанд, ки як қатор мавқеҳои «назарияи кейнсии пештараро» ба таври дигар дарк намоянд.

Ба фикри кейнсчиёни нав, ақидаҳои назарияи классикии навро оид ба озодии интихоби пешниҳоди меҳнат аз тарафи коргарон дар сатҳи додашудаи мизони фоиз ва музди меҳнати

аслӣ, нодуруст аст. Онҳо қайд мекунанд, ки дар ҳолатҳои фавқулоддаи шахшавии иқтисодӣ ва пастравӣ коргарон имконияти интихоб надоранд. Дар чунин ҳолат коргарон маҷбуранд ба ҳаҷми муайяни пешниҳоди меҳнат, аз он ҷумла бар хилофи хоҳишҳои худ розӣ шаванд.

Кейнсчиёни нав фарзиятҳои классикони навро оид ба тағйирёбии нархҳо ва музди меҳнат рад мекунанд, ки бо ақидаи классикони нав ҳолати мӯътадилии иқтисодиётро нигоҳ медоранд. Кейнсчиёни нав ақидаро оид ба мутобиқшавии оҳистаи нархҳои бозори молӣ ва махсусан мизони музди меҳнат дар бозори меҳнат дастгирӣ мекунанд. Бинобар ҳамин кейнсчиёни нав гумон доранд, ки омилҳои маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод оҳиста-оҳиста ба ҳолати мувозинатӣ мегузаранд.

Азбаски иқтисодиёт оҳиста-оҳиста ба ҳолати мувозинатӣ мегузарад, бинобар ҳамин кейнсчиёни нав гумон доранд, ки бекорӣ ва ноистифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ дар фосилаи вақти муайян мавҷуд буда метавонанд. Дар назарияи классикии нав истифодабарии нопурраи захираҳои иқтисодӣ танҳо дар тӯли давраи кӯтоҳмуддат ваҷуд буда метавонад.

Дар ҳолати мавҷудияти фарқиятҳои принсипиалӣ назарияи кейнсии нав ва назарияи классикии нав як чанд ақидаҳои умумӣ доранд. Ба ин истифодабарии қарорҳои микроиқтисодии аз тарафи агентҳои иқтисодӣ барои маънидодкунии сиклҳои макроиқтисодӣ дохил мешаванд. Ба ғайр аз ин назарияи кейнсии нав ба монанди назарияи классикии нав аппарати мураккаби математикиро барои маънидодкунии қонуниятҳои иқтисодӣ истифода мебарад.

**Монандӣ ва фарқият дар фарзиятҳои назарияҳои кейнсии нав ва «пешнина»**. Якум, алоқаи байни мизони номиналии музди меҳнат дар бозори меҳнат ва нархҳо дар бозори молу хизматҳо. Назарияи кейнсии «пештара» тағйирёбии оҳистаи нархҳоро пеш аз ҳама бо тағйирнопазирӣ ва устувории музди меҳнат алоқаманд мекунанд, ки қисми зиёди хароҷоти истеҳсолиро ташкил мекунанд. Кейнсчиёни нав гумон доранд, ки тағйирёбии оҳистаи нархҳо барои манъидодкунии худ фарзиятро оид ба устувории мизони номиналии музди меҳнат дар назар надорад. Дуюм, назарияи

кейнсии нав ба пешбиниҳои агентҳои иқтисодӣ дар қабули қарорҳо нақши ҷиддиро манзур медорад. Кейнсчиёни нав ба монанди классикони нав гумон доранд, ки агентҳои иқтисодие, ки функсияи фоиданокиро дар сатҳи микроиқтисодӣ ба ҳадди аксар таъмин мекунанд, дар амалҳои худ бо пешбиниҳои оқилона истифода мебаранд. Сеюм, фарқият дар муайян намудани афзалиятҳо дар интихоби фишангҳои танзими макроиқтисодӣ зоҳир мегардад. Назарияи кейнсии «пешина» ба фишангҳои фискалии танзими зиддисиклӣ афзалият медиҳанд. Кейнсчиёни нав бошад, гумон доранд, ки фишангҳои фискалӣ ва ё пулию қарзӣ асосӣ ба ҳисоб мераванд. Ба ақидаи онҳо афзалияти ин ё он фишангҳои сиёсати мӯътадилгардонанда аз сабабҳои номувозинатии макроиқтисдӣ вобаста аст.

Ҳамин тавр, муносибатҳои гуногуни мактабҳои аосии иқтисодӣ оид ба муаммоҳои гуногуни макроиқтисодӣ ва сиёсати макроиқтисодӣ мураккабии маънои тадқиқотро ифода мекунад. Ба ғайр аз ин ба миён омадани муносибатҳо ва мактабҳои нав оид ба таҳаввули доимии назарияи макроиқтисодӣ, аз он ҷумла зери таъсир ва инкишофи худи иқтисодиёт ба пайдоиши муаммоҳои нав сабаб шуданд, ки ҳалли худро дар асоси донишҳои илмӣ талаб мекунад.

# ҚИСМИ V. НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Мавзӯи 28. Назарияи савдои байналхалқӣ.
Мавзӯи 29. Низоми байналхалқии асъорӣ – молиявӣ.
Мавзӯи 30. Тавозуни пардохт.

# МАВЗӮИ 28. НАЗАРИЯИ САВДОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ.

*28.1.Хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ.*
*28.2.Назарияҳои савдои байналхалқӣ.*
*28.3.Назарияҳои муосири савдои байналхалқӣ.*

Иқтисодиёти байналхалқӣ қисми махсуси назарияи иқтисодиро ифода мекунад. Мазмуни омӯзиши иқтисодиёти байналхалқӣ мубодила байни мамлакатҳо дар соҳаи мол ва хизматҳо, ҷараёнҳои молиявӣ ва ҳаракати омилҳои истеҳсолот мебошад. Ба инкишофи алоқаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ як қатор омилҳои махсус таъсир мерасонанд. Якум, дар хоҷагии ҷаҳонӣ алоқаҳои иқтисодӣ байни давлатҳои соҳибистиқлол ба миён меоянд, бинобар ҳамин ин алоқаҳо одатан ба назорати ҳаматарафаи давлатӣ қарор доранд. Бо баробари ин дар ҳар як мамлакат низоми махсуси танзими иқтисодӣ пойдор мешавад. Дуюм, дар чаҳорчӯбаи хоҷагии ҷаҳонӣ низоми пулии ягона мавҷуд нест. Дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ асъорҳои мамлакатҳои гуногун истифода мешаванд. Сеюм, захираҳо дар сатҳи байналхалқӣ нисбат ба дохили мамлакат ҳаракатнокии камтар доранд, ки механизми рақобат, принсипҳои нархгузорӣ ва ғайраҳоро куллан дигаргун менамояд.

Дар шароитҳои муосир ба тараққиёти ҳар як мамлакати алоҳида шиддатёбии баҳам вобастагии иқтисодиётҳои миллӣ таъсир мерасонанд. Ба эътибор гирифтани ин хусусият барои амалигардонии сиёсати давлатии самаранок шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад.

## 28.1. ХОҶАГИИ ҶАҲОНӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ.

**Хоҷагии ҷаҳонӣ**. Хоҷагии ҷахонӣ ин маҷмӯи ҳама иқтисодиётҳои миллии дунё мебошад. Хоҷагии ҷаҳонӣ низоми мураккаб мебошад. Тамоми маҷмӯи иқтисодиётҳои миллӣ бо ҳаракати молу хизматҳо ва омилҳои истеҳсолот мустаҳкам карда шудааст. Дар ҳамин асос байни мамлакатҳо алоқаҳои иқтисодии байналхалқӣ ба миён меоянд.

**Марҳилаҳои таъсисёбии хоҷагии ҷаҳонӣ**. Аксарияти тадқиқотчиён ақидаеро дастгирӣ мекунанд, ки мувофиқи он хоҷагии ҷаҳонӣ дар давраҳои пеш поёдор шуда, лекин танҳо сад сол пеш пурра таъсис ёфтааст.

Дар чарчашмаи таъсисёбии хоҷагии ҷаҳонӣ савдои байналхалқӣ, яъне ҳаракати байнимамлакатии мол ва хизматҳо қарор дорад. Дар натиҷаи инкишофи савдои байналхалқӣ дар охири асри XIX бозори ҷаҳонии мол ва хизматҳо, яъне маҷмӯи бозорҳои молии миллӣ пойдор шуд.

Ҳамзамон дар дунё ҳаракати омилҳои истеҳсолот, махсусан капитал, қувваи корӣ, қобилияти соҳибкорӣ, технология ва ғайраҳо шиддат ёфтанд.

Хоҷагии ҷаҳонӣ дар натиҷаи гузариши як чанд марҳилаҳо (давраҳо) тағйиротҳои куллиро аз сар гузаронидааст.

Дар давраи аз оғози ҷанги якуми ҷаҳонӣ то ибтидои солҳои 1950-ум хоҷагии ҷахонӣ бо маҳдудшавии алоқаҳои байналхалқӣ (дар ҳолати ду ҷангҳои ҷаҳонӣ, инқилоб ва ҷангҳои шаҳрвандӣ, бӯҳрони иқтисодии солҳои 1930-ум) ва барқароршавии онҳо дар солҳои 1920-ум ва баъд аз ҷанги дуюми ҷахонӣ ба вуҷуд омад.

Давраи солҳои 1950-1970 даврае буд, ки дар он гурӯҳҳои ҳамгирой (интегратсионӣ) ба миён омада, ҷараёни байналхалқишавӣ шиддат ёфт. Дар ин асос байни мамлакатҳо технологияҳо, қобилиятҳои соҳибкорӣ ва капитали соҳибкорӣ фаъолона ҳаракат карда, бозори ҷахонии капитали қарзӣ барқарор шуд.

Давраи солҳои 1980-1990 пеш аз ҳама бо он тавсиф карда мешавад, ки барои мамлакатҳои нисбатан тараққикарда ин давраи гузариш ба марҳилаи пасаиндустриалӣ гардида, барои аксарияти мамлакатҳои оқибмонда марҳилаи барҳамдиҳии оқибмонии иқтисодӣ ва барои мамлакатҳои собиқ сотсиалистӣ марҳилаи барқароркунии иқтисодиёти бозорӣ гардида, барои ҳама мамлакатҳои дунё бошад, давраи либерализатсияи ҳаёти хоҷагидории беруна ва глобализатсияшавӣ ба ҳисоб меравад.

**Сабабҳои инкишофи алоқаҳои иқтисодӣ байни мамлакатҳо**. Сабаби асосии таъсисёбӣ ва инкишофи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ин таъминоти мамлакатҳо бо омилҳои истеҳсолот ва тараққиёбии онҳо

мебошад, ки аз як тараф ба тақсимоти байналхалқии меҳнат ва аз тарафи дигар ба ҳаракати ин омилҳо байни мамлакатҳо сабаб шуд.

**Тақсимоти байналхалқии меҳнат**. Дар натиҷаи таъминоти гуногун бо омилҳои истеҳсолот, субъектони хоҷагидорӣ ба истеҳсолӣ номгӯи маҳдуди молҳо махсусгардонида мешаванд. Бо баробари ин субъектони хоҷагидорӣ ҳосилнокии баланди меҳнатро барои истеҳсоли номгӯи молҳои интихоб кардаи худ дастрас мешаванд, лекин ҳамзамон онҳо маҷбуранд барои қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои худ бо маҳсулоти истеҳсолкардаи худ мубодила намоянд. Дар аввал тақсимоти меҳнат дар дохили мамлакат пайдо шуда, баъдан мамлакатҳои ҳамсояро ва дар натиҷа тамоми дунёро фаро мегирад. Тақсимоти байналхалқии меҳнат махсусгардонии мамлакатҳои алоҳидаро барои истеҳсоли молу хизматҳои байни ҳамдигар мубодила мекарда, ифода мекунад. Аз ин ҷо бармеояд, ки муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ дар тақсимоти байналхалқии меҳнат асос мегиранд.

Се шакли тақсимоти байналхалқии меҳнат мавҷуд аст: махсусгардонӣ аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт **(тақсимоти байналхалқии меҳнати шакли умумӣ)**; махсусгардонӣ барои истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулотҳои тайёр ва хизматҳо (**тақсимоти байналхалқии меҳнати шакли хусусӣ**); махсусгардонӣ барои истеҳсолӣ қисмҳои алоҳида ва ҷараёнҳои алоҳида технологӣ (**тақсимоти байналхалқии меҳнати шакли воҳидӣ**).

Дар тӯли 30-35 соли охир тақсимоти байналхалқии меҳнат пурра дигаргун гаштааст. Модели дузинагии пештари тақсимоти байналхалқии меҳнат: тақсимоти индустриалӣ ва аграрӣ – ашёвӣ, ҳам мамлакатҳои тараққикарда ва ҳам мамлакатҳои тараққикардаистодаро қонеъ нагардонид. Ҳаракати як қатор истеҳсолотҳо аз мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ ба мамлакатҳои тараққикардаистода оғоз ёфт, ки номи «технология партоӣ»- ро гирифтааст. Дар натиҷа дар тӯли 10-15 сол, ки барои миқёси иқтисодиёти ҷаҳонӣ давраи ниҳоят кӯтоҳ ба ҳисоб меравад, тақсимоти байналхалқии меҳнат куллан тағйир ёфт.

Дар солҳои 1990-ум модели сезинагии тақсимоти байналхалқии меҳнат пойдор гашт. Мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ, ки дар қуллаи болои пирамидаи ҷаҳонии тақсимоти байналхалқии меҳнат қарор дорад, технологияҳои пешрафтаро монополизатсия карданд. Як қатор мамлакатҳои тараққикарда мисли пештара нақши анъанавии дастраскунандагони ашёи минералро бозиданд.

Инчунин гурӯҳи махсуси мамлакатҳо ба миён омаданд, ки дар натиҷаи «технологияи партоӣ»-и технологияҳои анъанавии индустриалӣ истеҳсолотҳои масолеҳталаб ва меҳнатталабро (аз ҷиҳати экологӣ зарароварро) ба даст оварданд. Ҳамаи ин ҳодисаҳо дар натиҷаи транснатсионализатсияшавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба миён омаданд.

**Қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ**. Дар чаҳорчӯбаи хоҷагии ҷаҳонӣ як қатор қонун ва қонуниятҳо амал мекунанд.

*I. Тараққиёти нобаробарӣ иқтисодӣ*. Иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо шарофати маразҳои хуб инкишофёфта тараққӣ мекунад, ки боқимондаҳоро то сатҳи худ кашол медиҳад, ки ба оқибатҳои зерин оварда мерасонад: тақсимоти нобаробари боигарӣ, фарқгузории мамлакатҳо, дараҷаи гуногуни таъсири иқтисодӣ ва сиёсии онҳо дар ҷамъияти ҷаҳонӣ.

Нобаробарии тараққиёти иқтисодиро бо воситаи муқоиса намудани мамлакатҳо аз рӯи чунин нишондиҳандаҳои асосӣ баҳо медиҳанд:

- нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии иқтисодиёти миллӣ (МУД, ДУМ умуман ва ба ҳар сари аҳолӣ) дар лаҳзаи додашуда ва дар тағйирёбӣ;
- ҳосилнокии меҳнат;
- тараққиёти соҳаҳо (ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолмешуда умуман ва ба ҳар сари аҳолӣ);
- нақши мамлакат дар савдои ҷаҳонӣ (ва ё нишондодҳои содиротию воридотӣ дар истеҳсолоти миллӣ);
- ҳолати инвеститсионӣ (муҳити инвеститсионӣ, маҷмӯи шароитҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки фаъолияти инвеститсиониро ҳам барои инвесторони ватанӣ ва хориҷӣ таъмин менамоянд);

- сатҳи тараққиёти ПИТ (хароҷот барои КИТТК (НИОКР), шумораи патентҳои бақайдгирифташуда, харидуфурӯши литсензияҳо ва ғайраҳо);
- сатҳи зиндагонии аҳолӣ;
- рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, яъне қобилияти бо маҳсулоти худ ба бозори ҷаҳонӣ баромадан, нигоҳдорӣ ва афзун намудани афзалиятҳои рақобатпазирии худ.

***II. Интернатсионализатсияшавии истеҳсолот ва капитал***, ки дар айни ҳол дар навбати аввал дар фаъолияти ширкатҳо ва бонкҳои трансмиллӣ, ҳамгироии байналхалқии иқтисодӣ ва асъорӣ ифода меёбад.

Таркиби асосии намуди муосири интернатсионализатсияи ҳаёти хоҷагидорӣ транснатсионализатсия, яъне мубаддалшавии истеҳсолот ба зиннаҳои алоҳидаи амалиётҳои истеҳсолӣ-техникӣ гардидааст, ки аз чаҳорчӯбаи миллӣ берун шудаанд. Бо баробари ин назорати стратегӣ дар шабакаи истеҳсолӣ аз даст додани хислати миллии ширкатро дар назар надорад.

***III. Глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ***. Дар шароитҳои муосир, хоҷагии ҷаҳонӣ хислатҳои навро гирифта истодааст. Асоси ин ҷараён глобализатсияшавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Аз нуқтаи назари функсионалӣ иқтисодиёти глобалӣ дар чунин ҷиҳатҳо ифода меёбад:

- низоми глобалии молиявӣ, ки ба шарофати воситаҳои алоқаи электронӣ ва истифодабарии технологияҳои копютерӣ ба миён омада истодааст;
- низоми глобалии мубодила бо натиҷаҳои фаъолияти интеллектуалӣ, ки аз савдои анъанавӣ бо литсензияҳо барои истифодабарии технологияҳо сар карда, то технолгияҳои информатсионии компютериро дар бар мегирад;
- низоми глобалии ҳаракати молу хизматҳо, ки кашонидан, нигоҳдорӣ, суғуртакунӣ, маркетинг, реклама ва ташкили ҷараёнҳои савдоӣ ва дигар амалиётҳои заруриро дар бар мегирад.

**Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ**. Иқтисодиётҳои миллӣ байни худ бо муносибатҳои берунииқтисодӣ ва ё бо муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ алоқаманд мебошанд.

Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ дар чунин шаклҳо баромад мекунанд:

I. Савдои байналхалқӣ бо молҳо ин соҳаи муносибатҳои молию пулии байналхалқӣ ва ё маҷмӯи савдои берунаи ҳама мамлакатҳои дунё мебошад. Дар навбати худ савдои байналхалқӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешавад:

- савдо бо молҳои ашёвӣ;
- савдо бо мошинҳо ва таҷҳизотҳо;
- савдо бо молҳои истеъмолӣ.

II. Савдо бо хизматҳо ин савдо бо арзишҳои истеъмолӣ, ки шакли ашёвӣ надошта, инҳоро дар бар мегирад:

- нақлиёт;
- савдо бо литсензияҳо ва донишҳо;
- сайёҳӣ (туризм);
- хизматҳои миёнаравӣ дар савдои байналхалқӣ;
- хизматрасониҳои молиявӣ;
- хизматҳои ахборотӣ, рекламавӣ ва ғайраҳо.

III. Барориши капитал – ҳаркати капитал берун аз сарҳадҳои миллӣ.

IV. Муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ – ҳаракати аҳолии қобили меҳнатдошта аз сабҳои хислати иқтисодӣ дошта.

V. Ҳамгироии иқтисодӣ – марҳилаи сифатан нави наздикшавӣ, алоқамандшавии хоҷагиҳои алоҳидаи миллӣ, ки дар дурнамой ба таъсисёбии хоҷагии ягонаи интернатсионалӣ сабаб мешавад.

VI. Муносибатҳои асъорӣ – қарзии байналхалқӣ дигар шаклҳои муносибатҳои иқтисодии байналхалқиро миёнаравӣ мекунанд.

## 28.2. НАЗАРИЯҲОИ САВДОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ.

**Назарияи меркантилистии савдои байналхалқӣ** яке аз аввалин назарияҳои савдои байналхалқӣ гардид. Ин назарияи асри XVI-XVII пайдо шуда, фаъолона амал намудааст. Тарафдорони ин назария он фоидае, ки мамлакатҳо дар

ҷараёни тақсимоти байналхалқии меҳнат аз воридоти молу хизматҳои хориҷӣ ба даст меорад, ба эътибор намегирифтанд. Меркантилистон танҳо содиротро аз нуқтаи назари иқтисодӣ афзалнок меҳисобиданд. Ба ақидаи онҳо дар мамлакат бояд воридот маҳдуд кардашуда (ба ғайр аз воридоти ашё), кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки молҳои дар дохили мамлакат истеҳсол карда шаванд ва ҳамзамон бояд содирот ҳаматарафа дастгирӣ карда шавад, зеро зиёд намудани содирот воридшавии асъорро (тиллоро) зиёд мекунад. Воридшавии тилло ба мамлакат дар натиҷаи бақияи мусбии тавозуни пардохт имкониятҳои андӯхти капиталро зиёд намуда, ҳамзамон ба рушди иқтисодӣ, шуғл ва пешравии мамлакат мусоидат менамояд.

Норасогии асосии назарияи меркантилистии савдои байналхалқӣ тасаввуроти муаллифони он мебошад, ки фоидаи иқтисодии як иштирокчиёни муомилаи савдоӣ (дар мисоли додашуда мамлакатҳои содиркунанда) ба зарари иқтисодии дигарон (мамлакатҳои воридкунанда) мубаддал мегардад. Ба афзалияти асосии меркантилизм сиёсатеро қайд кардан мумкин аст, ки аз тарафи намояндагони он барои дастгирии содидор таҳия шуда буд, ки он протексионизмро бо дастгирии монополияҳои ватанӣ алоқаманд мекард.

Назарияи афзалиятҳои мутлақ. Нисбат ба меркантилизм назарияи афзалиятҳои мутлақ аз заминаҳои дигар бар меояд. Асосгузори ин назарияи А.Смит дар китоби машҳури худ «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии ҳалқҳо» менависад, ки «агар ягон мамлакати бегона мор обо ягон моли нисбатан аз истеҳсолкунандагони дохилӣ арзонтар таъмин намоянд, беҳтар мешавад, ки мо ин молро аз онҳо харидорӣ карда, қисми маҳсулоти худамонро, ки нисбат ба дигарон бо афзалиятҳо истеҳсол мекунем ба онҳо фурӯшем».

Назарияи афзалиятҳои мутлақ қайд мекунад, ки ба мамлакат воридоти он молҳо самаранок мебошад, ки барои истеҳсоли онҳо хароҷоти истеҳсолӣ нисбат ба мамлакатҳои хориҷӣ зиёдтар буда, содироти он молҳо самаранок мебошад, ки истеҳсоли онҳо бо хароҷотҳои нисбат ба мамлакатҳои хориҷӣ пасттар истеҳсол карда мешаванд.

Ҳамин тавр А.Смит нисбат ба меркантилистон тарафдори рақобати озодона дар дохили мамлакат ва дар бозори ҷаҳонӣ

баромад карда, принсипи **«laissez-faire»** - дахолат накардани давлатро тарафдорӣ мекард.

Тарафи пурқуввати назарияи афзалиятҳои мутлақ дар он зоҳир мегардад, ки он афзалиятҳои савдои байналхалқиро барои ҳама иштирокчиёни он нишон медиҳад. Камбудии ин назарияи дар он аст, ки он ба мамлакатҳое, ки дар онҳо молҳо бе афзалиятҳои мутлақ истеҳсол карда мешаванд, иштирок дар савдои байналхалқро ба назар намегирад.

**Назарияи афзалиятҳои муқоисавӣ**. Норасогиҳои дар боло қайд шудаи назарияи афзалияти мутлақ ба пайдоиши назарияи афзалиятҳои муқоисавӣ сабаб шуд. Д.Рикардо дар китоби худ «Принсипҳои иқтисоди сиёсӣ ва андозбандӣ» исбот намуд, ки дар савдои байналхалқӣ ҳама мамлакатҳои фоида гирифта метавонанд. Дар мисоли намунавии машҳури худ оид ба истеҳсоли шароб ва моҳут дар Португалия ва Англия, Д.Рикардо ба таври математикӣ исбот намуд, ки новобаста аз он ки дар Португалия истеҳсоли ин ду мол нисбат ба Англия арзонтар амалӣ карда мешавад (яъне Португалия дорои афзалиятҳои мутлақ барои истеҳсоли ҳар ду мол мебошад) барои Португалия беҳтар мешавад, ки агар он барои истеҳсолӣ шароб махсусгардонида шавад, зеро барои истеҳсоли ин мол Португалия нисбат ба истеҳсоли моҳут хароҷоти камтар дорад. Дар навбати худ барои Англия хуб мешавад, ки агар ӯ барои истеҳсоли моҳут махсусгардонида шавад, чунки барои Англия хароҷоти истеҳсолии моҳут нисбат ба истеҳсоли шароб арзонтар мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, барои Португалия хуб мешавад, ки моҳутро аз Англия харидорӣ карда, шаробро ба Англия содирот намояд.

Ҳамин тавр, назарияи афзалияти муқоисавӣ ба мамлакатҳо пешкаш мекунад, ки онҳо он молҳоро воридот кунанд, ки хароҷоти онҳо дар мамлакат нисбат ба молҳои содиршаванда баландтар мебошанд. Дертар иқтисодчиён исбот намуданд, ки ин хусусият на танҳо ба ду мамлакат ва ду мол таалуқ дорад, балки барои ҳама мамлакатҳо ва молҳо мувофиқат мекунад.

Бартарии асосии назарияи афзалиятҳои муқоисавӣ исботи аниқ оид ба он мебошад, ки савдои байналхалқӣ барои ҳама иштирокчиён фоидаовар (барои яке фоида зиёд ва барои

дигаре фоидаи камтарро таъмин мекунад) мебошад. Айнан дар ҳамин аст кашфиёти бузурги назарияи Д.Рикардо, ки бори дигар ақидаи А.Смитро оид ба фоиданокии тақсимоти меҳнат барои ҳама иштирокчиёни он тасдиқ мекунад. Норасогии асосии назарияи Д.Рикардо дар он зоҳир мегардад, ки он чӣ тавр ва барои чӣ афзалиятҳои муқоисавӣ ба миён меоянд муайян карда наметавонад.

**Назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот**. Ба саволи дар боло гузошташуда (барои чӣ афзалиятҳои муқоисавӣ ба миён меоянд?) аз бисёр ҷиҳатҳо назарияи таносуби омилҳои истеҳсолот ҷавоб медиҳад, ки аз тарафи Э.Хекшер ва Б.Олин таҳия шуда, ба таври васеъ дар китоби Б.Олин таҳти «Савдои байниминатқавӣ ва байналхалқӣ» (соли 1933) баён карда шудааст.

Консепсияи омилҳои истеҳсолоти (захираҳои иқтисодии) аз тарафи соҳибкор ва иқтисодчии француз Ж.Б.Сэй таҳия гардидаро истифода бурда, назарияи Хекшер – Олин ба таъминоти гуногунии мамлакатҳо бо ин омилҳо (алалхусус меҳнат ва капитал, зеро ҳа Хекшер ва ҳам Олин танҳо ба ду омил такя мекарданд) диққат доданд. Барзиёдии як омилҳо дар мамлакат онҳоро нисбат ба дигар омилҳои камёфт арзонтар мекунад. Истеҳсоли ҳама гуна маҳсулот конмбинатсияи омилҳоро талаб мекунад. Ҳамзамон арзиши моле, ки бо ин омилҳо истеҳсол карда мешаванд дар бозори дохилӣ ва беруна нисбатан арзонтар шуда, бо баробари ин дорои афзалиятҳои муқоисавӣ мегардад. Мувофиқи назарияи Хекшер – Олин мамлакат он молҳоро содирот мекунад, ки истеҳсоли онҳоро бо омилҳои барзиёдии мавҷудбуда амалӣ мегардонад ва он молҳоро воридот мекунад, ки барои истеҳсоли онҳо омилҳои зарурӣ камёфт мебошанд.

**Парадокси Леонтев**. Назарияи Хекшер – Олин аз тарафи аксарияти иқтисодчиёни муосир тарафдорӣ карда мешавад. Лекин ин назария на ҳама вақт ба саволи «барои чӣ айнан ин ё он номгӯи молҳо дар содирот ва воридоти мамлакат аксар вақт ба назар мерасанд?» ҷавоби пурра дода наметавонад. В.Леонтев савдои берунаи ИМА-ро барои солҳои 1947, 1957 ва 1976 тадқиқ карда, муайян намуд, ки ин мамлакат бо капитали нисбатан арзиши пасттар дошта дар тақсимоти байналхалқии меҳнат

мувофиқи назарияи Хекшер – Олин амал намекунад. Муайян гардид, ки содироти ИМА капитал талаб набуда, балки воридоти он капиталталаб баромад мекард. Чунин парадокси Леонтевро ба таври гуногун маънидод мекарданд, алалхусус: барои тайёркунии қувваи кории баландихтисоси америкоӣ хароҷотҳои зиёди капиталро талаб мекунад (яъне капитали америкоӣ бештар ба захираи инсонӣ гузошта мешавад); барои истеҳсоли молҳои содиротии америкоӣ ҳаҷми зиёди ашёи хом ва масолеҳи воридотӣ истифода мешаванд, ки барои истихроҷи онҳо воситаҳои зиёд (махсусан аз худи ИМА) молиягузорӣ карда шудаанд. Лекин парадокси Леонтев ҳамчун огоҳӣ барои истифодаи бевоситаи назарияи Хекшер – Олин мебошад, ки дурустии он дар аксари ҳолатҳо ба назар расида, дар ҳама ҳолатҳо умуман ба назар намерасад.

## 28.3. НАЗАРИЯҲОИ МУОСИРИ САВДОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ.

Дар нимаи дуюми асри XX як қатор назарияҳои савдои байналхалқӣ ба миён омаданд, ки муаллифони он барои хулосабарории ҳодисаҳои нав дар савдои байналхалқӣ кушиш карда, тараққиёти босуръати савдои байни мамлакатҳо, ки дар сатҳи якхелаи тараққиёт қарор доранд ва инчунин байни ширкатҳои модарӣ ва филиалҳои он дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон нуқтаи назар карданд.

**Назарияи ҷудошавии технологӣ**. Ин нзарияро инкишофи минбаъдаи назарияи Хекшер – Олин номидан мумкин аст. Агар ин ё он соҳа навовариҳои технологӣ истифода шаванд, он гоҳ мамлакат дорои афзалиятҳои муқоисавӣ мегардад. Молро бо хароҷотҳои камтарин истеҳсол карда, ин соҳа дар бозори ҷаҳонӣ фоидаи иловагиро ба даст меорад. Бинобар ҳамин содиркунандагон барои зиёд намудани истеҳсоли ин мол ва фурӯши он дар бозори ҷаҳонӣ манфиатдоранд.

Лекин навовариҳои технологӣ аз тарафи ягон мамлакат пурра азонихуд карда намешавад, зеро оҳиста-оҳиста ин навоварӣ барои дигар мамлкатҳо низ дастрас мегардад. Дар

натиҷа ҷудошавии технологии пештар ба миён омада гузаранда буда, афзалияти ибтидоӣ аз даст дода мешавад.

Бо вуҷуди ин, то ҷудошавӣ мавҷуд аст, он ба содироти молҳо таъсир мерасонад, ки дар истеҳсоли онҳо технологияҳои нав истифода мешаванд. Бо баробари ин технологияҳои нав тараққиёти иқтисодиёти мамлакати воридкунандаро ҳавасманд мегардонад. Дар аввал «рентаи технологӣ» мавҷуд буда, баъдан маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ мукаммал дастрас карда мешавад, ки дар натиҷа самаранокии иқтисодиётро баланд менамояд.

Умуман назарияи ҷудошавии технологиро ҳамчун инкишофи минбаъдаи назарияи афзалиятҳои муқоисавӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Лекин чӣ хеле ки таҷриба шаҳодат медиҳад, савдо дар ҳолати баробаршавии имконриятҳои технологии ду мамлакат ба назар мерасад. Бинобар ҳамин майдони истифодабарии ин назария маҳдуд мегардад.

**Назарияи сикли ҳаётии маҳсулот**. Солҳои 1960-ум назарияи сикли ҳаётии маҳсулот васеъ паҳн гашт, ки аз тарафи иқтисодчии англис Р.Вернон пешкаш шуда буд. Дар асоси ин назария, ақида хобидааст, ки мувофиқи он маҳсулоти нав сикли ҳаётии худро дорад. Дар ҳаёти маҳсулоти нав давраҳои ҷоришавӣ, рушди (васеъшавии) босуръат, камолот ва кӯҳнашавӣ ба назар мерасанд.

Дар марҳилаи ҷоришавӣ хароҷоти истеҳсолии моли нав нисбатан баландтар буда, он танҳо ба гурӯҳи маҳдуди одамон дастрас мебошад, ки даромадҳои зиёд доранд. Дар ин давра ҳаҷми содирот наонқадар зиёд аст.

Дар марҳилаи васеъшавӣ (рушди бо суръат), бо баробари зиёдшавии талабот ба маҳсулот, истеҳсоли он оммавӣ гашта, хароҷоти истеҳсолии он камтар мешавад. Ҳаҷми маҳсулоти барои содирот таъинот дошта, зиёд мешавад. Дар аввал талаботи бозори ҷаҳонӣ бо воситаи ҳаракати мол аз мамлакате, ки дар он ин мол офарида шуда буд оғоз ёфта, лекин оҳиста-оҳиста маҳсулоти додашуда дар дигар мамлакатҳо низ истеҳсол карда мешавад. Бо ин мақсад фирмаи пешво метавонад филиалҳо ва корхонаи муштаракро ташкил карда, литсензияҳои гуногунро фурӯхта метавонад.

Дар марҳилаи камолот ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ба андозаи ҳадди аксар мерасад. Лекин азбаски бозор бо ин мол пур гаштааст, фирмаҳои истеҳсоли ин молро ба роҳ монда бо фирмаи пешво рақобат мекунанд.

Дар марҳилаи кӯҳнашавӣ, дар натиҷаи пайдоиши молҳои наве, ки эҳтиёҷотҳои пештарароро қонеъ мегардонанд, талабот ба моли пештара кам мешавад, ки дар натиҷа ба камшавии истеҳсоли он оварда мерасонад.

**Бисёромилии назарияи муосири савдо.** Дар як қатор назарияҳои савдои байналхалқӣ ба дастрас намудан ва нигоҳдории афзалиятҳои рақобатпазирӣ диққати махсус дода мешавад, ки дар айни ҳол ба дараҷаи кофӣ муайян шудаанд. Барои таъмин намудани афзалиятҳои рақобатпазирӣ ширкат бояд ба таври муттасил ба истеҳсолот навовариҳои техникиро ворид намуданаш лозим аст. Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба майдони фаъолияти ширкатҳои калон мубаддал мегардад.

**Мултипликатори савдои беруна (k).** Тағйирёбӣ дар сатҳи даромад (ΔY) дар натиҷаи афзоиши содирот (ΔEx) мултипликатори савдои берунаро ифода мекунад. Азбаски ҷамъи бузургиҳои MPC ва MPS ба 1 баробар аст, бинобар ҳамин мултипликатори савдои берунаро чунин навиштан мумкин аст:

$$k = \frac{\Delta Y}{\Delta Ex} = \frac{1}{(MPS + im)} = \frac{1}{(1 - MPC + im)}, \qquad (28.1)$$

ки дар ин ҷо: im – майли интиҳоӣ ба воридот, ки ҳамчун тағйирёбии воридот (ΔIM) дар натиҷаи тағйирёбии даромад ба як воҳид (ΔY) ба миён меояд:

$$im = \frac{\Delta Im}{\Delta Y} \qquad (28.2)$$

**Тавозуни савдо**. Савдои байналхалқӣ аз ду ҷараёни мутақобили молҳо, яъне содирот ва воридот иборат буда, бо бақияи савдоӣ ва гардиши савдо тавсиф карда мешавад. ***Тавозуни савдо*** ин фарқи байни содироти молӣ ва воридоти молӣ аст. ***Содирот*** ин фурӯши мол, ки ба хориҷа баровардани онро дар назар дорад. ***Воридот*** ин хариди мол, ки аз хориҷа даровардани онро дар назар дорад. ***Гардиши савдо*** ин ҷамъи ҳаҷми арзишии содирот ва воридот аст.

Нишондиҳандаҳои гардиши савдо, содирот ва воридот барои тавсифи дараҷаи кушодии иқтисодиёти мамлакат хизмат мекунанд. Барои ин мақсадҳо квотаҳои (ҳиссаҳои) муайянро ҳисоб мекунанд, ба монанди квотаи савдои беруна, квотаи содиротӣ ва воридотӣ.

Квотаи савдои беруна ($K_T$) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$K_T = \frac{T}{GDP} \times 100\% \tag{28.3}$$

ки дар ин ҷо: T – ҳаҷми гардиши савдо; GDP – маҳсулоти умумии дохилӣ.

Квотаи содиротӣ ($K_{Ex}$) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$K_{Ex} = \frac{Ex}{GDP} \times 100\% \tag{28.4}$$

ки дар ин ҷо: Ex – ҳаҷми содирот.

Квотаи воридотӣ ($K_{Im}$) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$K_{IM} = \frac{Im}{GDP} \times 100\% \tag{28.5}$$

ки дар ин ҷо: Im – ҳаҷми воридот.

Вобаста аз таносуби содирот ва воридоти молу хизматҳо тавозуни савдо метавонад дар ҳолати барзиёдӣ (профитсит) ва ё касрат (дефитсит) қарор гирад. Агар ҷамъи содирот аз ҷамъи воридот зиёд бошад, он гоҳ тавозуни савдо мусбӣ, яъне профитсит мебошад ва баръакс. Одатан касрати тавозуни савдо аз сабаби сохтори ғайрисамаранокии содирот ба миён меояд, яъне агар дар таркиби молҳои содиршаванда захираҳои ашёвӣ нисбат ба маҳсулоти тайёр зиёдтар бошанд, шароитҳои савдо барои мамлакат бад бошад, истеҳсоли ватании молҳо инкишофнаёфта бошад. Ҳамаи ин хусусиятҳои номбурда эҳтиёҷоти иқтисодиёти мамлакатро бо маводҳои истеъмолӣ ва молҳои инвеститсионӣ аз ҳисоби васеъшавии воридоти молҳо қонеъ мегардонад.

Оқибатҳои иқтисодии касрати тавозуни савдо дар он зоҳир мегардад, ки мамлакат бояд ин касратро аз ҳисоби

сарчашмаҳои берунаи молиягузорӣ ва ё кам намудани захираҳои тиллоии мамлакат рӯйпӯш кунад.

**Нархҳои ҷаҳонӣ ва хароҷотҳои муқоисавӣ**. Нархи ҷаҳонӣ гуфта нархеро дар назар доранд, ки бо он муомилаҳои калони содиротию воридотӣ амалӣ гардида, пардохтҳо бо воситаи асъорҳои озодона ивазшаванда амалӣ мегарданд. Барои ҳисоб ва таҳлили вазъияти бозори ҷаҳонӣ чунин намуди нархҳо мавҷуданд:

- ***нархҳои маълумотӣ***. Ин нархҳои дархостшаванда. Дар ҷараёни амалигардонии муомилаҳо ин нархҳо пасттар мешаванд;
- ***нархҳои омори савдои беруна,*** ки муомилаҳои аслииро дар савдои беруна ифода мекунанд. Ин нархҳо нархи моли конкретиро нишон надода, тағйирёбии нархҳои савдои берунаи мамлакатҳои алоҳидаро ва нархҳои ҷаҳониро нишон медиҳанд;
- ***нархҳои биржавӣ,*** ки нархҳои аслии муомилаҳои биржавиро бо назардошти амалиётҳои спекулятивӣ ифода мекунанд;
- ***нархҳои муозоядаҳо,*** ки нархҳои аслии муомилаҳоро нишон медиҳанд;
- ***нархҳои муомилаҳо ва шартномаҳои аслӣ,*** ки нисбатан аниқтар нархи бозории моли конкретиро ифода мекунанд. Азбаски ин нархҳо ниҳоят кам нашр карда мешаванд, бинобар ҳамин онҳо ба сифтаи ахборот оид ба нархҳои ҷаҳонӣ хизмат карда наметавонанд.

Сатҳи нархи ҷаҳонӣ аз тарафи фурӯшанда муайян карда шуда, одатан хислати маълуотӣ дорад.

Ҳангоми муайян намудани нишондодҳои рафтори корхонаҳо дар бозори ҷаҳонӣ хусусияти на танҳо соҳа ва мамлакат, балки шаротиҳои фаъолияти зиннаҳои истеҳсолӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Бояд дар назар дошт, ки ҳаҷми талабот ва пешниҳод на танҳо аз ҳаҷми дохилии истеҳсолот ва сатҳи нархҳо дар чаҳорчӯбаи мамлакати муайян, балки аз истеҳсолоти ҷаҳонӣ ва сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ вобастаанд.

***Протексионизм. Савдои озод ва тарифҳо, квотаҳо, литсензияҳо***. Маҳдудиятҳои савдоӣ шаклҳои гуногунро аз

монеъаҳои ғайритарифӣ то боҷҳои манъкунанда ва квотаҳо гирифта метавонанд. **Тариф** ин андоз ба молҳои воридотӣ. Тариф барои ба даст овардани даромадҳои давлатӣ ва ҳимояи молҳои ватанӣ аз рақобат ҷорӣ карда мешавад. **Тарифҳои фискалӣ** ва ё боҷҳо ба молҳои хориҷии дар дохили мамлакат истеҳсол нашаванда зам карда мешаванд. **Тарифҳои протексионистӣ** истеҳсолкунандагони ватаниро бо воситаи ба ҳолати ногувор гузоштани рақибони хориҷӣ ҳимоя мекунад.

Одатан ***тарифи манъкуниро*** фарқ мекунанд, ки андозаи он чунон зиёд аст, ки он ба пуррагӣ воридотро манъ мекунад. Чунин тариф барои манъ кардани савдо ҷорӣ карда мешавад. ***Тарифи манънакунанда*** нисбатан пасттар буда, савдоро манъ намекунад, зеро баланд намудани нархи моли воридшаванда ҳаҷми воридотро кам намуда, ба афзоиши истеҳсоли миллӣ мусоидат мекунад.

**Квотаҳо** литсензияҳоро барои ворид намудани миқдори муайяни мол дар мӯҳлати муайяни вақт дар назар дорад. Квотаҳо ба монанди тарифҳо савдоро сустар мегардонанд. Лекин агар даромад аз тарифҳо ба буҷети давлатӣ равона шаванд, он гоҳ фарқи нархи баландшудаи молҳои воридшаванда ба содиркунандагон мегузарад.

**Протексионизм** сиёсати давлат, ки мақсади ҳимояи саноати миллиро аз рақобат дар назар дорад. Ба тарафдории сиёсати протексионизм одатан чунин аргументҳо баромад мекунанд:

- зарурияти таъминоти мудофиаи мамлакат, ҳифзи истиқлолият ва мустақилияти он;
- тасаввуротҳои иқтисодӣ.

Мақсади асосии протексионизм зиёд намудани шуғл дар дохили мамлакат мебошад. Ҳангоми камшавии ҳаҷми воридот ва тағйир наёфтани ҳаҷми содирот фарқияти байни содирот ва воридот тағйирё меёбад. Ин фарқият дар ҳолати зиёдшавии содирот ва камшавии воридот калон мешавад. Дар натиҷа ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ афзоиш ёфта, шумораи ҷойҳои корӣ зиёд мешаванд.

# МАВЗӮИ 29. НИЗОМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ АСЪОРӢ – МОЛИЯВӢ.

*29.1.Мафҳуми низоми байналхалқии асъорӣ – молиявӣ ва унсурҳои он.*

*29.2.Низоми асъории ҷаҳонӣ ва марҳилаҳои пойдоршавии он.*

*29.3.Бозори асъор.*

*29.4.Қурби асъор ва мувозинатии макроиқтисодӣ.*

## 29.1. МАФҲУМИ НИЗОМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ АСЪОРӢ – МОЛИЯВӢ ВА УНСУРҲОИ ОН.

**Мафҳуми низоми асъорӣ – молиявии байналхалқӣ**. Дар асоси фаъолияти иқтисодиёти ҷаҳонӣ низоми асъорӣ – молиявӣ хобидааст. Низоми мазкур шакли ташкили муносибатҳои асъорӣ – молиявиро байни субъектони хоҷагии ҷаҳонӣ ифода карда, дар шакли созишномаҳои байналхалқӣ мустаҳкам карда шудааст. Муносибатҳои асъорӣ – молиявӣ на танҳо ҳаракати байналхалқии мол ва хизматҳоро миёнаравӣ мекунанд, балки соҳаи муайяни фаъолиятро доранд.

**Унсурҳои низоми асъорӣ – молиявӣ**. Низоми асъорӣ – молиявии байналхалқӣ аз чунин унсурҳои баҳамалоқаманд иборат мебошад:

- *муносибатҳои асъорӣ оид ба шароитҳои мубодила ва ивазшавии дутарафаи асъорҳои миллӣ, механизмҳои танзими қурби асъорҳо;*
- *муносибатҳои молиявӣ, ки бозорҳои молиявии байналхалқиро ва механизмҳои савдои асъорӣ, қогазҳои қиматнок ва қарзҳоро дар бар мегирад;*
- *муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар ҷараёни ҳисобҳои байналхалқӣ ба миён меоянд, дар тавозуни пардохти мамлакат ифода меёбанд.*

**Таркиби иқтисодии мафҳуми асъор**. Унсури асосии низоми асъорӣ – молиявии байналхалқӣ ин муносибати асъорӣ мебошад. Бо маънои васеъаш асъор ҳамчун мол дарк карда мешавад, ки вазифаи пулҳоро дар хоҷагии ҷаҳонӣ иҷро карда метавонад. Вобаста аз таъинот, асъор ба миллӣ ва хориҷӣ ҷудо

мешавад. **Асъори миллӣ** воситаи пардохти қонунӣ дар миқёси мамлакати мазкур мебошад. **Асъори хориҷӣ** воситаи пардохти қонунӣ, ки дар миқёти дигар мамлакатҳо истифода мешавад. Дар шароитҳои муайяни иқтисодӣ асъори хориҷӣ метавонад қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ дар миқёси мамлакати мазкур истифода бурда шавад.

## 29.2. НИЗОМИ АСЪОРИИ ҶАҲОНӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ ПОЙДОРШАВИИ ОН.

Низоми асъори ҷаҳонӣ аз низомҳои асъори миллии баҳамтаъсиррасонанда ва инчунин аз муассисаҳои (институтҳои) асъории байналхалқӣ иборат мебошад. Ба марҳилаҳои гуногуни инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ чунин низомҳои асъори ҷаҳонӣ хос буданд:

- *стандарти тиллоӣ;*
- *асъорӣ – тиллоӣ (Бреттон - Вудсӣ);*
- *қурби асъорҳои тағйирёбандаи идорашаванда*.

Ҳар як низоми номбаршуда ба марҳилаи муайяни камолоти муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ мувофиқат мекунанд. Бо баробари тағйирёбии шароитҳои иқтисодӣ заминаҳо барои гузариш ба низоми асъори ҷаҳонии нав пойдор мегарданд. Таснифоти низомҳои асъории байналхалқӣ дар он асос меёбад, ки кадом актив барои танзим намудани номутаносибӣ дар ҳисобҳои байналхалқӣ имкониятҳоро фароҳам меоварад. Вобаста аз нишондоди додашуда, низоми асъори байналхалқии тиллоӣ, тиллоӣ – девизӣ ва стандарти пулиро ҷудо мекунанд.

**Низоми стандарти тиллоӣ**. Ин низом қурби устувори тиллоиро дар назар дошт. Барои мавҷудияти ин низоми асъорӣ се шарти асосӣ заруранд:

- *муайян намудани таркиби тиллоии воҳиди пули миллӣ;*
- *нигоҳдории таносуби байни захираҳои тиллоӣ ва пешниҳоди пулӣ дар мамлакат;*
- *содирот ва воридоти озодонаи тилло*.

Дар ҷараёни фаъолияти стандарти тиллоӣ касрати тавозуни пардохт ба воситаи тилло рӯйпӯш карда мешуд, ки ба барориши тилло аз мамлакат оварда мерасонид. Оқибатҳои амал намудани ин низом камшавии миқдори пулҳо дар мамлакат, пастшавии талаботи қобили пардохт дошта ва дар натиҷа пастшавии нархҳо мебошад. Ҳамин тавр, ҳаракати тилло аз як мамлакат ба мамлакати дигар ба таври автоматӣ ҳолати тавозуни пардохтро ислоҳ мекард.

***Афзалиятҳо ва норасогиҳои низоми стандарти тиллоӣ***. Ба афзалиятҳои низоми тиллоӣ мӯътадилии қурби асъорҳоро номбар кардан мумкин аст, ки онҳо ба васеъшавии савдои байналхалқӣ аз ҳисоби паст намудани сатҳи номуайянӣ ва хавф мусоидат намуда, ба таври автоматӣ касратҳои тавозуни пардохтро бартараф мекарданд. Норасогиҳои низоми номбурда дар он зоҳир мегардид, ки тараққиёти дохилии иқтисодиёти мамлакат аз ҳолати тавозуни пардохт дар вобастагӣ қарор дошта, дар натиҷа танзими доимии макроиқтисодии дохилӣ талаб карда мешуд. Ин ҷараёнҳо дар бисёр ҳолатҳо зараровар буда, дар шароитҳои муайян ҳодисаҳои номусодиро ба монанди бекорӣ, камшавии даромадҳо ва таваррум ба миён меоварданд.

Низоми стандарти тиллоӣ то даврае амал кард, ки дар он мамлакатҳо барои таъмини қурби устувори асъорҳо дорои захираҳои тиллоии кифоягӣ буданд. Агар дар мамлакат касрати тилло мушоҳида карда шавад, он гоҳ ӯ дар ин низом иштирок карда наметавонист.

Низоми стандарти тиллоӣ ба марҳилаи рушди иқтисодии мӯътадил ва суръати пасти таваррум дар мамлакатҳои пешрафта, ки барои фаъолияти низоми стандарти тиллоӣ дорои миқдори кифоягии тиллои монетарӣ буданд, мувофиқат мекард. Механизми ислоҳоти асъорӣ бея гон камбудӣ амал мекард. Маркази молиявии ҷаҳонӣ ш. Лондон буда, мӯътадилии фунт стерлинг ба мӯътадилии низоми стандарти тиллоӣ таъсир назаррас мерасонид.

**Стандарти асъорӣ – тиллоӣ**. Заминаҳои ивазшавии низоми стандарти тиллоӣ бо баробари инкишофи ҳаракати байналхалқии капитал ва таҳаввули муомилоти пулӣ пайдо шуданд, ки дар ин марҳила шаклҳои ғайринақдии ҳисобҳо ва

қарзҳо инкишоф ёфтанд. Ивазшавии механизми таъсисёбӣ ва рӯйпӯшкунии бақияи тавозуни пардохт ба миён омада, фишангҳои баробаркунии ҳисобҳои байналхалқӣ мукаммал мегардиданд. Давлат ба қурби асъор ба воситаи девалватсия ва ревалватсияи асъор таъсири мақсаднок мерасонид.

Ҳамин тавр заминаҳо барои ивазшавии низоми стандарти тиллоӣ ба низоме ба вуҷуд омад, ки он афзалиятҳои низоми стандарти тиллоиро (қурби устувори асъорро) нигоҳ дошта, норасогиҳои онро (ҷараёнҳои зараровари мутобиқшавии макроиқтисодиро) қайд намояд ва дар сатҳи муайян ба шароитҳои тағйиротҳои муомилот дар миқёси иқтисодиёти ҷаҳонӣ мусоидат мекарда, пайдо шуданд.

Ҷараёни пойдоршавии низоми нави асъорӣ – молиявии ҷаҳонӣ аз сабаби номӯътадилиҳои муносибатҳои беруниидиқтисодӣ шиддат ёфтанд, ки бо депрессияи солҳои 1930-ум ва ҷанги дуюми ҷаҳонӣ алоқаманд буданд.

Дар конфронси байналхалқии соли 1944 дар ш. Бреттон-Вудс (ИМА) гузаронида шуда буд, созишнома оид ба таъсис додани низоми танзимкунии қурби асъорҳои алоқаманд (созишномаи Бреттон-Вудс) баста шуд. Ин низом инчунин номи низоми «тиллоӣ–девизӣ» гирифт, зеро ҳангоми ин низом вазифаи пулҳои ҷаҳониро пулҳои қоғазӣ, яъне девизаҳо иҷро карда метавонистанд.

Ҳангоми низоми тиллоӣ-девизӣ чунин хусусиятҳо ба назар мерасиданд:

- тилло ба сифати асоси низом боқӣ монда, нархи он дар сатҳи 35 доллар барои 31,1 гр муқаррар карда шуда буд;
- доллари ИМА вазифаи захиравиро бо баробари тилло амалӣ гардонида, ба тилло иваз карда мешуд;
- ҳар як мамлакат таркиби тиллоӣ (долларии) воҳиди пулии худро муқаррар карданаш лозим буд, яъне паритети асъорӣ байни асъори мамлакати мазку рва асъорҳои дигар мамлакатҳои иштирокчиёни ХБА (МВФ) муайян карда мешуд;
- ҳар як мамлакат ӯҳдадор шуда буд, ки қурби асъори худро нисбати асъори дигар мамлакатҳо бетағйир нигоҳ дорад.

Ҳамин тавр низоми стандарти тиллоӣ-асъорӣ ҷорӣ шуда буд.

**Низоми қурби асъорҳои тағйирёбандаи танзимшаванда**. Дертар низоми Бреттон – Вудсӣ (тиллоӣ-асъорӣ) номувофиқиятҳоро ба шароитҳои босуръат дигаргуншавандаи бозори ҷаҳонӣ мушоҳида кард. Афзоиши захираҳои тиллоӣ аз тараққиёти босуръати молия ва савдои байналхалқӣ оқиб монд, бинобар ҳамин нақши доллар ба сифати асъори захиравии ҷаҳонӣ баландтар шуд. Захираҳои тиллоии ИМА кам шуданд. Захираҳои доллар дар захираҳои байналхалқӣ як чанд маротиба аз захираи тиллоии ИМА зиёд гаштанд, бинобар ҳамин нақши доллар ҳамчун асъори захиравии ҷаҳонӣ шубҳанок гашт. Соли 1971 ивазшавии доллар ба тилло манъ карда шуд. Қурби доллар дар бозори асъорӣ таҳти таъсири талабот ва пешниҳод муайян карда мешуд, яъне доллар аз асъори мӯътадил ба асъори тағйирёбанда мубаддал шуд, ки ба дасткашӣ аз низоми стандарти тиллӣ-асъорӣ сабаб шуд.

Соли 1976 дар ҷамъомади намояндагони ХБА (МВФ) дар ш. Кингстон (Ямайка) принсипҳои асосии низоми қурби асъорҳои танзимшаванда гузошта шудаанд.

Мувофиқи ин низом тилло нақши пулҳои ҷаҳониро аз даст дод. Нархи устувори тилло аз байён рафта, нархи он танҳо дар асоси таносуби талабот ва пешниҳод муайян карда шуд.

Бонкҳо маҷбур буданд, ки тиллоро бон архи бозорӣ харидуфурӯш намоянд. Айнан бо ин нарх захираҳои тиллоии давлат ва ташкилотҳои асъорӣ-молиявии байналхалқӣ фурӯхта шуда, асъори аз ин муомилаҳо ба даст омада ҳамчун воситаи пардохт истифода мешуданд.

**Низоми аврупоии асъор**. Мувофиқи Созишнома оид ба Низоми Аврупоии асъор, ки соли 1979 ба имзо расида буд, воҳиди асъори пешво – ЭКЮ ба сифати воҳиди ҳисобии мамлакатҳои аъзоёни ҷамъияти Аврупоӣ ба миён омад. Низоми аврупоии асъор минтақаи махсуси тағйирёбии қурби асъорҳои миллии давлатҳои аврупоро ифода мекунад, ки нисбат ба доллар бо мақсадҳои таъмини мӯътадилии онҳо амал мекунад. Истифодабарии ЭКЮ яке аз заминаҳои ҷорӣ намудани евро гардид.

Марҳилаи нави ҳамгироии асъорӣ-молиявии мамлакатҳои Иттифоқи Аврупо бо гузариш ба сиёсати пулию

қарзии ягона, таъсис додани бонки марказии ягона ва ҷорӣ намудани асъори ягона, яъне евро алоқаманд аст. Ин гузариш оҳиста – оҳиста вале бо наздикшавии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии мамлакатҳои аъзоёни Иттифоқи Аврупо амалӣ гардид.

## 29.3. БОЗОРИ АСЪОР.

**Бозори асъор** ин марказҳои расмие, ки дар онҳо харидуфурӯши асъорҳои хориҷӣ бо қурби миллӣ амалӣ мегардад, ки дар асоси талабот ва пешниҳод таъсис меёбанд. Гардиши байналхалқии пардохте, к ибо пардохти ӯҳдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъии мамлакатҳои гуногун алоқаманд аст, ба воситаи бозори асъор хизматгузорӣ карда мешавад.

Бозори асъори муосир бо хусусиятҳои зерин тавсиф карда мешавад:

- *интернатсионализатсияшавии бозорҳои асъор дар асоси интернатсионализатсияшавии алоқаҳои хоҷагидорӣ, истифодабарии васеъи воситаҳои электронии алоқа ва бо воситаи онҳо амалӣ гардонии ҳисобҳо ва амалиётҳо;*
- *амалиётҳо дар тӯли се шабонарӯз мувофиқи фарқият дар вақти маҳаллӣ дар ҳама гушаи дунё амалӣ гардонида мешаванд;*
- *техникаи амалиётҳои асъорӣ ба як шакл дароварда шуда (унификатсияшуда), ҳисоббаробаркуниҳо бо воситаи ҳисобҳои муросилотии (корреспондентии) бонкҳо амалӣ мегарданд;*
- *инкишофи васеъи амалиётҳои асъорӣ бо мақсади суғуртакунии хавфҳои асъорӣ ва қарзӣ;*
- *амалиётҳои спекулятивӣ ва арбитражи аз амалиётҳои асъории бо муомилаҳои тиҷоратӣ алоқамандбуда зиёдтар мебошанд;*
- *номӯътадилии асъорҳо, ки қурби онҳо ба монанди моли биржавӣ, одатан тамоюли худро дорад, ки аз омилҳои функсионалии иқтисодӣ вобастагӣ надоранд.*

**Вазифаҳои бозори ҷаҳонии асъор**. Аз нуқтаи назари функсионалӣ, бозорҳои асъор барои чунин чорабиниҳо хизмат мекунанд:

- *амалигардонии махсуси ҳисобҳои байналхалқӣ;*
- *сугуртакунии хавфҳои асъорӣ ва қарзӣ;*
- *алоқамандии бозорҳои ҷаҳонии асъор, қарзҳо ва молия;*
- *диверсификатсияи захираҳои асъории бонкҳо, фирмаҳо ва давлат;*
- *танзими қурби асъорҳо (бозорӣ ва давлатӣ);*
- *ба даст овардани фоидаи спекулятивӣ аз тарафи иштирокчиёни он дар намуди фарқият дар қурби асъорҳо;*
- *амалӣ гардонии сиёсати асъорӣ, ки ба танзими давлатии иқтисодиёт равона карда шудаанд*.

**Нархмонии (котировкаи) асъорӣ**. Амалиётҳои асъорӣ бе нархмонии онҳо ғайриимкон аст. Нархмонии асъорҳо ин муайян намудани қурби онҳо мебошад. Таърихан се усули нархмонии асъори хориҷӣ нисбат ба асъори миллӣ мавҷуд аст: ***мустақим, ғайримустақим ва кросс-нархмонӣ***. Нархмонии мустақими асъорӣ нисбатан паҳн гаштааст,ки ҳангоми он қурби воҳиди асъори хориҷӣ дар асъори миллӣ ифода меёбад. Нархмонии ғайримустақим бештар дар Британияи Кабур истифода мешавад, ки дар он ҷо ин анъана дар даврае пойдор шуда буд, ки дар он асъорҳо ба фунт стерлинг баробар карда мешуданд. Кросс-нархмонӣ ин ифодаёбии қурби ду асъор нисбати якдигар бо воситаи қурби ҳар яки онҳо нисбат ба асъори сеюм мебошад.

**Талабот ва пешниҳод ба асъор**. **Талабот ба асъор** аз тарафи воридоткунандагони ватанӣ, инвесторон, содиркунандагони молу хизматҳои ватанӣ таъсис меёбад. **Пешниҳоди асъори** хориҷӣ аз тарафи вридкунандагони молу хизматҳои ватанӣ, инвесторони хориҷӣ ва содиркунандагони ватанӣ таъсис меёбад. Бояд ба он диққат дод, ки тағйирёбии талабот ва пешниҳоди асъор на танҳо аз ҳисоби зарурияти хизматрасонии гардиши байналхалқии мол ва хизматҳо, балки аз ҳисоби ҳаракати байналхалқии омилҳои истеҳсолот низ ба миён меояд.

**Омилҳое, ки ба талабот ва пешниҳоди асъор таъсир мерасонанд**. Ба шумораи омилҳое, ки ба талабот ва пешниҳоди асъор таъсир мерасонанд, инҳо дохил мешаванд:

- ахбороти нав оид ба ҳодисаҳои зарури иқтисодӣ дар мамлакат ва хориҷа;

- пешбиниҳои оқилонаи шумораи зиёди амалиётчиён зери таъсири рафтори иштирокчиёни кадонтарини бозори асъор;
- ҳодисаҳои характери иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта, ки дар натиҷаи онҳо дар бозори асъор маҳдудиятҳо ҷорӣ шуданашон мумкин аст.

Дар асоси талабот ба асъори хориҷӣ ҳам нархи худи асъор ва ҳам таносуби нархи молҳо дар мамлакат ва хориҷа хобидааст. Агар мол дар дигар мамлакат арзонтар бошад, он гоҳ барои хариди он талабот ба асъори ин мамлака зиёд мешавад. Талабот ба асъори хориҷӣ инчунин аз сатҳи нисбии даромадҳо вобаста аст. Дар ҳолати афзоиши даромадҳо дар мамлакат нисбат ба даромадҳои дигар мамлакатҳои ба ин мамлакат содироткунанда, резидентон талаботи худро ба молҳо зиёд карда, мувофиқан талабот ба асъори он мамлакат зиёд мешавад, ки дар натиҷа ба баландшавии қурби он оварда мерасонад. Талабот ба асъори хориҷӣ дар натиҷаи зарурияти пардохт намудани молҳои воридотӣ, активҳои хориҷӣ ба миён омада, пешниҳоди асъор бошад, дар натиҷаи ба даст овардани даромадҳо аз содирот ва хариди активҳои миллӣ аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ афзоиш меёбад.

**Паритети қобилияти харидорӣ (ПҚХ)**. Мувофиқи назарияи паритети қобилияти харидорӣ, нархи мол дар як мамлакат бояд ба нархи чунин мол дар мамлакати дигар бо ҳисоби қурби ҷорӣ мувофиқат кунад. Бо ибораи дигар, як сабати молҳо бояд дар ИМА, Ҷопон, Россия ва Тоҷикистон якхелла бошад.

Паритети қобилияти харидорӣ ҳамчун индикатори ҳолати таносуби қурби асъорҳо мушоҳида мешавад, ки фарқияти байни нархҳоро дар мамлакатҳои гуногун ба назар мегирад. ПҚХ ҳангоми амалигардонии муқоисакуниҳоии сатҳи нархҳо ва даромадҳои аслӣ дар мамлакатҳои бо сатҳи таварруми баланд истифода мешавад (махсусан барои мамлакатҳои бо иқтисодиёти гузариш буда).

**Девалватсия ва револватсия**. Таҳти таъсири таносуби талабот ва пешниҳод қурби асъор тағйир меёбад. Пастшавии қурби асъори миллӣ оид ба таъминоти он шаҳодат дода,

***девалватсия*** номида мешавад. Баландшавии қурби асъори миллӣ бошад, ***ревалватсия*** номида мешавад.

Натиҷаи баландшавии қурби асъори миллӣ (ревалватсия) баландшавии нархи молҳои миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ мебошад, ки дар асъори хориҷӣ ифода ёфта, ба камшавии содироти ва пастшавии рақобатпазирии молҳо дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Бо баробари ин нархи молҳои хориҷӣ пасттар шуда, воридоти молҳои хориҷӣ зиёд мешавад. Баландшавии қурби асъори миллӣ ба қиматшавии активҳои миллии сабаб мегардад. Дар натиҷа ҷоришавии капитал ба хориҷа ба миён меояд.

Ҳангоми пастшавии қурби асъори миллӣ (девалватсия) пастшавии нархи молҳои миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ бо ифодаёбии асъори хориҷи ба миён омада, ки ба афзоиши ҳаҷми содирот ва баландшавии рақобатпазирӣ оварда мерасонад. Ҳамзамон нархи молҳои хориҷӣ бо ифодаёбии асъори миллӣ баландтар шуда, дар натиҷа воридот кам мешавад ва қоғазҳои қиматноки миллии дар асъори миллӣ ифода ёфта арзонтар мешаванд. Ин гуна қоғазҳои қиматнок диққатҷалбкунанда шуда, ба воридшавии инвеститсияҳои хориҷӣ мусоидат мекунад. Талабот ба асъори миллӣ аз тарафи нерезидентон дар ҳолати зиёд будани даромад аз қоғазҳои қиматнок низ афзоиш меёбад. Дар акси ҳол, агар сатҳи даромадҳо аз активҳо дар хориҷа баландтар бошад, талабот ба асъори хориҷӣ зиёд шуда, ба асъори миллӣ бошад кам мешавад ва дар натиҷа қурби он паст мешавад.

## 29.4. ҚУРБИ АСЪОР ВА МУВОЗИНАТИИ МАКРОИҚТИСОДӢ.

Амалиётҳои иқтисодӣ байни иштирокчиёни муносибатҳои байналхалқӣ бе мубодилаи як асъори миллӣ ба дигар асъор ғайриимкон аст. Таносубҳое, ки бо он асъори як мамлакат ба асъори дигар иваз карда мешаванд, қурби асъор номида мешавад. Бо ибораи дигар ҳар як воҳиди пулии хориҷӣ қурби асъор, яъне нарх бо асъори миллии дигар мамлакат

ифода ёфтаро дорад. Асоси обеъктивии қурби асъор қобилияти харидории як асъор нисбат ба асъори дигар мебошад.

**Омилҳои ба қурби асъор таъсиррасонанда**. Ба ҳолати қурби асъор ҳам омилҳои характери сохторӣ доштаи ҳолати иқтисодиёти мамлакати мазкурр ифодакунанда ва ҳам омилҳои вазъиятие, ки зери таъсири тамоюли тараққиёти бозори ҷаҳонӣ доимо тағйир меёбанд, таъсир мерасонанд.

***Ба омилҳои сохторие, ки ба қурби асъор*** тасъсир мерасонанд инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- *нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ;*
- *ҳолати тавозуни пардохт;*
- *дараҷаи вобастагӣ аз сарчашмаҳои берунаи ашё;*
- *афзоиши массаи пулӣ дар бозори дохилӣ;*
- *сатҳи таваррум ва пешбиниҳои таваррумӣ;*
- *сатҳи мизони фоиз;*
- *пардохтпазирии мамлакат ва боварӣ ба асъори миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ.*

***Омилҳои вазъиятӣ*** ба пайдоиши амалиётҳои спекулятивӣ дар бозори асъор оварда мерасонанд. дараҷаи инкишофи дигар соҳаҳои бозори ҷаҳонии молиявӣ, масалан бозори қоғазҳои қиматноке, ки бо бозори асъор рақобат мекунад ба талабот ва пешниҳоди асъор таъсир мерасонад.

***Реҷаи (режими) қурби асъор*** истифодабарии механизми нигоҳдории таносуби байни қурби мубодилавии асъори мамлакати мазкур ба асъори мамлакати дигарро дар назар дорад. Дар вобастагӣ аз ҷоришавии қурби асъор, қурби устувор ва тағйирёбандаи асъорро фарқ мекунан.

***Қурби асъори устувор*** ин таносуби ҷоришудаи байни асъорҳои миллӣ мебошад, ки тағйиротҳои он ба ин ё он тараф дар ҳудудҳои 0,75-1% ба миён омаданаш мумкин аст. Ба афзалиятҳои низоми қурби асъори устувор камшавии хавф ва номуайянӣ дохил мешаванд, ки бо савдо ва молияи байналхалқӣ алоқаманд аст. Лекин имконияти нигоҳдории қурби устувори асъор аз ду шартҳои боҳам алоқаманд вобаста аст:

- *мавҷудияти захираҳои кифоягӣ;*
- *ба миён омадани касратҳои тавозуни пардохти ҳаҷман хурди тасодуфӣ.*

***Қурби асъори тағйирёбанда*** зери таъсири талабот ва пешниҳод озодона тағйир ёфта, давлат ба он дар ҳолати шароитҳои муайян бо воситаи интервенсияҳои асъорӣ таъсир расонида метавонад.

***Ивазшавандагии асъорҳо*** ин категорияи муносибатҳои пулии байналхалқӣ мебошад. Ивазшавандагии асъор гуфта, имконияти кафолатноки мубодилаи асъори миллиро ба асъорҳои хориҷӣ бо қурби дар бозори асъор муайян шуда, дар назар доранд.

Ҳангоми баҳодиҳии хислати ивазшавандагии асъор пирнсипи муайянкунанда дараҷаи маҳдудиятҳои асъорӣ ва ё мавҷуд набудани онҳо ба ҳисоб меравад. Ивазшавандагии асъор барои баланд намудани самаранокӣ ва тағйирпазирии иқтисодиёти миллӣ, кушодшавии иқтисодиёт ва алоқамандии он бо бозори ҷаҳонӣ зарур аст.

Дар адабиёти иқтисодӣ ивазшавандагии асъорро ба ивазшавандагии озод ва ивазшавандагии қисмӣ ҷудо мекунанд. Асъор ҳамон вақт озодона ивазшаванда ба ҳисоб меравад, ки агар соҳибони он (фирмаҳои хориҷӣ ва миллӣ, шаҳрвандон) бе монеъа онро ба асъорҳои дигар иваз карда тавонанд ва ин асъор дар ҳама амалиётҳои асъорӣ истифодабурда шавад. Айнан асъорҳои озодона ивазшаванда дар айни ҳол вазифаи пулҳои ҷаҳониро иҷро мекунанд. Асъорҳои қисман ивазшаванда барои намудҳои амалиётҳо ин ё он монеъаҳо доранд.

Ба сифати воситаи пардохти байналхалқӣ асъори озодона ивазшавандаи оддӣ истифода нашуда, балки асъорҳои устувор, яъне воҳидҳои пулии давлатҳои пурқудрат истифода мешаванд.

Қурби асъор дар ислоҳоти макроиқтисодӣ ва таъмини ҳолати мувозинатии тавозунҳои дохилӣ ва берунаи иқтисодӣ нақши зарурӣро мебозад. Тавозуни дохилӣ гуфта таъмини чунин таносуби сатҳи истеҳолот ва нархҳо дарк карда мешавад, ки дар он шуғли пурра (2-3% бекории фриксионӣ бо назардошти коргарон ва ҷои корӣ) ва сатҳи пасти таварруми устувор (2-3% солона) таъмин карда шавад. Ҳолати тавозуни беруна баробарии тавозуни пардохтро ба сифр ва ё вайроншавии тавозунро бо мақсадҳои ғанигардонидани захираҳои асъорӣ аз ҳисоби бақияи мусбӣ дар назар дорад.

**Қурби асъор ва модели IS-LM-BP**. Модели кейнсии ислоҳоти иқтисодиёти кушод вобаста ба иқтисодиёти байналхалқӣ инкишофи худро дар модели IS-LM-BP ифода ёфтааст, ки аз тарафи иқтисодчии англис Ҷ.Хикс ва иқтисодчии америкоӣ Э.Хансен таҳия гардидааст. Ин модел чунин таносуби сатҳи даромадҳоро ва мизони фоизро дар назар дорад, ки дар он мувозинатӣ дар се секторҳои иқтисодиёт, сектори аслӣ, пулӣ ва беруна таъмин карда мешавад.

Мувозинатӣ дар ҳама секторҳои иқтисодиёт бо воситаи истифодабарии фишангҳои алоҳида ва якҷояи сиёсати давлатӣ ба монади хароҷотҳои буҷетӣ, танзими массаи пулӣ ва қурби асъор таъмин шуданаш мумкин аст.

## МАВЗӮИ 30. ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ.

*30.1.Сохтор ва алоқамандии ҳисобҳои тавозуни пардохт.*
*30.2.Касрати тавозуни пардохт ва тарзҳои молиягузории он.*
*30.3.Нақши макроиқтисодии тавозуни пардохт.*

Интернатсионализатсияи ҳаёти хоҷагидории инкишофёфтаистода, глобализатсияшавии он, васеъшавии ҷараёнҳои ҳамгироӣ, алоқамандӣ ва баҳам вобастагии иқтисодиётҳои миллӣ дар шароитҳои муосир омили зарурии тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин мувозинатии берунаи иқтисодиёт, ҳолати тавозунҳои савдо ва пардохт, сатҳи қурби асъор ба мақсадҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат баромад мекунанд.

Дар шароитҳои муосир ба иқтисодиёти дохилӣ ва сиёсати макроиқтисодӣ омили ҷоришавии байналхалқии капиталҳо таъсир мерасонанд. Имрӯзҳо миқёси муомилаҳо дар бозорҳои асъорӣ, бозорҳои фондии байналхалқӣ ва бозори капитал аз ҳаҷми савдои байналхалқӣ чандинкарат зиёд гаштааст.

Баҳодиҳии объективии муносибатҳои иқтисодиётҳои миллӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар ҳамалоқамандии байни ҳамдигар бо воситаи тавозуни пардохт амалӣ гаштанаш мумкин аст.

## 30.1. СОХТОР ВА АЛОҚАМАНДИИ ҲИСОБҲОИ ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ.

**Муайянкунии тавозуни пардохт**. Тавозуни пардохт гуфта, хулосабароии арзишии ҷамъи алоқаҳои иқтисодиёти миллӣ бо хоҷагии ҷаҳонӣ барои давраи муайян (одатан як сол) дарк карда мешавад. Ҳама пардохтҳо барои молҳои воридшаванда, даромад аз молҳои содиршаванда, қарзгирӣ ва рӯйпӯшкунии қарзҳо дар шакли арзишӣ ифода ёфтанашон мумкин аст. Ин ҷараён имконият медиҳад, ки ҳамаи ин нишондиҳандаҳо ба як махраҷи умумӣ, яъне тавозуни пардохт оварда шаванд.

**Принсипҳои асосии тартиб додани тавозуни пардохт**. Ҳангоми тартиб додани тавозуни пардохт принсипи навишти дутарафа истифода мешавад, яъне ҳар як амалиёт бояд ду маротиба бо ишораҳои гуногун бақайд гирифта шуданаш лозим аст. Аз ҳамин сабаб тавозуни таниҷавӣ бояд дар ҳолати баробарӣ қарор гирифтанаш зарур аст. Лекин дар амал ин талабот дар як қатор ҳолатҳо риоя нашуданаш мумкин аст, пеш аз ҳама барои он ки ҳангоми тартиб додани тавозун маълумотҳо аз сарчашмаҳои гуногун истифода мешаванд. Дар натиҷаи чунин ҳолати мавҷуда дар тавозуни пардохт қисми махсус «хатогӣ ва иштибоҳҳо» ба назар гирифта мешавад.

**Сохтори тавозуни пардохт**. Тавозуни пардохт аз ду қисми асосӣ иборат аст: **ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ва ҳисоби амалиётҳои бо капитал ва фишангҳои молиявӣ**.

Қисми зарурии тавозуни пардохт ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ҳама даромадҳо аз содироти молу хизматҳо ва ҳама хароҷотҳои резидентон барои мол ва хизматҳои воридотӣ, инчунин даромадҳо аз хизматрасониҳои омилӣ ва трансфертҳои ҷорӣ ифода меёбанд.

Фарқи байни содироти молӣ ва воридоти молӣ тавозуни савдоро нишон медиҳад, ки яке аз қисмҳои зарурии тавозуни пардохт ба ҳисоб меравад. Одатан гумон карда мешавад, ки барзиёдии содирот аз воридот, яъне бақияи мусбии тавозуни савдо нишондиҳандаи солимии ҳолати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, зеро талаботи зиёди ҷаҳонӣ ба молҳои мамлакати

мазкур оид ба рақобатпазирии онҳо шаҳодат медиҳад ва ҳамзамон харидорон дар бозори дохилӣ молҳои ватаниро нисбат ба молҳои воридотӣ афзалтар меҳисобанд.

Лекин чунин муносибат ба баҳодиҳии ҳолати тавозуни савдо на ҳама вақт дурус аст. Аз як тараф, агар дар мамлакат рушди иқтисодӣ ба назар рассад, он гоҳ маҷмӯи талабот ва аз он ҷумла талабот ба молҳои воридотӣ зиёд мешавад. Дар чунин ҳолат тавозуни савдо манфӣ шуданаш мумкин аст. Аз тарафи дигар, бақияи мусбии тавозуни савдо оид ба ҳолати бӯҳронии иқтисодиёти миллӣ шаҳодат медиҳад, ки дар чунин ҳолат содирот аз ҳисоби камшавии талабот дар бозори дохилӣ зиёд мешавад.

Дар ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ содирот ва воридоти хизматрасониҳои ғайриомилӣ (пардохтҳои бо нақлиёт, сугуртакунӣ, туризми байналхалқӣ, сохтмон, амалиётҳои молиявӣ, хизматрасониҳои ахборотӣ), даромадҳо аз ҳизматрасониҳои омлиӣ (пардохти меҳнат, даромад аз инвеститсияҳо) ва трансфертҳои ҷорӣ (интиқоли пули муҳоҷирон, ёрии гуманитарӣ дар шакли мол ва хизматҳои истеъмолӣ) ифода карда мешаванд.

Қисми дуюми тавозуни пардохт ҳисоби амалиётҳо бо капитал ва фишангҳои молиявӣ мебошад. Вақте ки оид ба ҳаракати байналхалқии капитал сухан меронанд, он гоҳ ҳаракати капитали ҷисмони нею, балки ҳаракати капиталро дар шакли пулӣ дар миқёси байналхалқӣ дар назар доранд, ки бо худ харакати воситаҳои молиявиро байни қарздиҳандагон ва қарзгирандагони дар мамлакатҳои гуногун қарор доштаро ифода мекунад.

Дар ҳисоби амалиётҳо бо капитал ва фишангҳои молиявӣ трансфертҳои капиталӣ (гузаронидани ҳуқуқҳои моликиятӣ ба активҳои асосӣ, рӯйпӯшкунии қарзҳо ва ғайраҳо) инчунин амалиётҳои бо активҳо ва ӯҳдадориҳои (пассивҳои) резидентон нисбат ба нерезидентон ифода меёбад. Ҳангоми таҳлили қисмҳои таркибии ин ҳисоби тавозуни пардохт муайян намудани равиши ҳаракати капитал, яъне воридшавӣ ва ё баромадани он дар шакли пулӣ аҳамияти калон дорад.

Бақияи мусбии ҳисоби ҳаракати капитал ҳамчун воридшавии софи капитал ба мамлакат муайян карда мешавад.

Чунин воридшавӣ ҳангоми зидшавии активҳои хориҷӣ ба мамлакат (масалан, хариди қоғазҳои қимматноки мамлакати мазкур за тарафи нерезидентон) ва ё камшавии активҳои хориҷии мамлакат (масалан, фурӯши қогазҳои қиматноки мамлакати хориҷӣ аз тарафи резидентони мамлакати мазкур) ба миён омаданаш мумкин аст. Баръакс, содиршавии соф ва ё барориши капитал дар ҳолати касрати хисоби ҳаракати капитал ба назар мерасад, ки дар ин ҳолат хароҷот барои хариди активҳо аз хориҷа аз даромадҳои фурӯши ингуна қогазҳо ба хориҷа зиёдтаранд.

Умуман, хама ҷоришавиҳои байналхалқии капитал, ки дар ҳисоби амалиётҳои бо капитал ва фишангҳои молиявӣ инъикос меёбанд бо ҷоришавиҳои байналхалқии воситаҳои пулии бо ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ алоқаманд буда баробар бошанд. Агар ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ бо бақияи мусбӣ ҳосил шавад, ҳамзамон бояд барориши софи капитал ба миён ояд. Ҳангоми мавҷуд будани касрати ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ бояд воридшавии софи капитал ба миён омаданаш лозим аст. Дарк намудани чунин алоқамандии ҳисобҳо хеле сода мебошад. Мол ва химзатҳоро содирот намуда, мамлакат асъори хориҷиро ба даст оварда, ҳангоми воридот кардани мол ва хизматҳо бошад, асъори хориҷиро аз даст медиҳад. Агар воридот аз содирот зиёд бошад, он гоҳ ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ бақияи манфӣ дошта, мамлакат маҷбур аст дар бозори байналхалқии капитал хамчун қарзгирианда баромад кунад. Дар ҳолати мусбӣ будани бақияи ҳисоби ҷорӣ мамлакат баръакс ба сифати қарздиҳанда ба ҳамкорони хориҷии худ баромад мекунад, то ки онҳо воридоти хуро пардохт карда тавонанд.

## 30.2. КАСРАТИ ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ ВА ТАРЗҲОИ МОЛИЯГУЗОРИИ ОН.

Касрат ва ё бақияи мусбии ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ бояд ба бақияи мусбӣ ва ё касрати хисоби амалиётҳо бо капитал ва фишангҳои молиявӣ мувофиқат кунад. Лекин ҳолате ба миён омаданаш мумкин аст, ки дар давраи муайян резидентони

мамлакат дар натиҷаи амалиётҳои «автономӣ» (ки ба тарзи мустақим амали мегарданд) умуман барои хариди молу хизматҳои хориҷӣ ва активҳо нисбат ба даромади аз фурӯши молу хизматҳо ва активҳои худ ба нерезидентон ба даст меомада зиёдтар маблағ сарф мекунанд. Дар чунин ҳолат тавозуни пардохти умумӣ бо касрат ҷамъбаст карда мешавад.

Барои танзимкунии тавозуни пардохт дар ҳолати номутаносибии ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ, яъне мавҷуд набудани воридшавии воситаҳои лозимӣ барои пардохти воридоти мол ва хизматҳо, ҳукумат чунин чораҳоро амалӣ мегардонад, ба монанди деволватсияи асъори миллӣ барои ҳавасмандгардонии содирот ва ё ҷалб намудани қарзҳои берунаи иловагӣ. Танҳо дар ҳолати вуҷуд надоштани имкониятҳои амал намудани ин чорабиниҳо (пастшавии қурби асъори миллӣ ба таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия) оварда расонида, қарзҳои иловагии беруна дастнорас мебошанд), ҳукумат активҳои захиравиро барои пардохти ҳисобҳои беруна истифода мебарад.

**Активҳои захиравӣ** ин активҳои бозоргирӣ мамлакат, ки таҳти назорати ҳокимияти пулӣ ва ё хукумат қарор дошта, дар ҳама лаҳза аз тарафи онҳо барои молиягузории касрати тавозуни пардохт ва танзими қурби асъори миллӣ истифода шуданашон мумкин аст. Активҳои захиравӣ инҳоро дар бар мегиранд: тиллои монетарӣ[12]; асъори хориҷӣ дар намуди пулҳои нақд, депозитҳо ва қоғазҳои қиматнок; ҳуқуқҳои махсуси қарзгирӣ (СДР); воситаҳои пардохт ва захиравие, ки аз тарафи ХБА (МВФ) баroварда мешаванд ва мавқеи захиравии мамлакат дар ХБА, ки 25% квотаи онро дар бар гирифта, дар ҳудудҳои он мамлакат ҳуқуқ дорад қарзи автоматии ХБА ба даст орад.

Одатан Бонки марказӣ дар бозори асъор, асъори хориҷиро мехарад ва ё мефурӯшад, то ки ба вазъияти макроиқтисодии пойдоргардида, махсусан ба қурби мубодилавии асъори миллӣ таъсир расонад. Чунин муомилаҳо,

[12] Тиллои монетарӣ тиллои навъи 995/1000 дар назар дошта, дар махзанҳои (анборҳои) Бонки марказӣ ва ҳукумат нигоҳ дошта шуда, дар ҳар лаҳза бар ивази асъори хориҷӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва ё ба ташкилотҳои байналхалқӣ фурӯхта шуданаш мумкин аст.

ки аз тарафи бонки марказӣ амалӣ гардонида мешаванд, **интервенсияҳои расмии асъорӣ** номида мешаванд.

Дар ҳолати ба миён омадани номувозинатии тавозуни пардохт, мамлакат бо якчанд роҳҳо метавонад мувозинатии бозориро барқарор намояд. Ба ғайр аз харҷ ва ё зиёд намудани активҳои захиравӣ, давлат метавонад молиягузории мустақими бақияи номувозинатии тавозуни пардохтро бо воситаи зиёд ва ё кам намудани маблағи софи воситаҳои аз мақомотҳои расмӣ дар дигар мамлакатҳо ва ё бозорҳои молиявии қисмӣ қарз гирифташуда амалӣ гардонад.

Ба ғайр аз ин, давлат бо мақсадҳои батанзимдарории тавозуни пардохт метавонад чораҳои маъмурӣ (мисол назорат аз болои ҷоришавии капитал) ва ё интервенсияро дар бозори асъорӣ амалӣ гардонад.

## 30.3. НАҚШИ МАКРОИҚТИСОДИИ ТАВОЗУНИ ПАРДОХТ.

Ҳолати тавозуни пардохт ва қисмҳои алоҳидаи он аз нуқтаи назари мувозинатии макроиқтисодӣ аҳамияти ниҳоят калон дорад, бинобар ҳамин мушохида намудани алоқамандиҳои макроиқтисодӣ бо назардошти нишондодҳои тавозуни пардохт зарур аст.

Чи хеле ки маълум аст дар иқтисодиёти кушод баробарии даромадҳо ва хароҷотҳои умумӣ бо баробарии асосии макроиқтисодӣ ифода меёбад:

$$\boldsymbol{Y = C + I + G + Xn} \qquad (30.1)$$

Айнияти асосии макроиқтисодӣ нишон медиҳад, ки содироти соф нишондиҳандаи зарурии ҳолати иқтисодиёт мебошад. Агар қисми рости айнияти мазкур хароҷотҳои умумиро барои маҳсулоти дар дохили мамлакат истеҳсол шударо ифода кунад, он гоҳ тағйирёбӣ дар содироти соф тағйирёбии ҳаҷми маҷмӯи талаботро дар назар дорад, ки ба тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот ва шуғл оварда мерасонад.

Таносуби мувозинатии макроиқтисодии дохилӣ ва берунаро бо воситаи дигаргун намудани айнияти асосии макроиқтисодӣ ифода кадан мумкин аст:

$$Xn = Y - (C + I + G) \quad (30.2)$$

Содироти соф дар ин баробарӣ ҳамчун фарқи байни даромадҳои умумӣ (МУД) ва хароҷотҳои умумии резидентони мамлакати мазкур бо назардошти сектори давлатӣ нишон дода шудааст.

Содироти софи мусбӣ дар назар дорад, ки МУД-и истеҳсолшуда аз хароҷотҳои умумӣ зиёд аст (яъне мамлакат нисбат истеъмолоти худ зиёдтар истеҳсол мекунад). Дар ин ҳолат сатҳи некуаҳволии миллат нисбат ба имкониятҳои аслии иқтисодиёт пасттар мешавад.

Содироти софи манфӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки хароҷотҳои умумӣ аз даромадҳо зиёд мебошанд (яъне мамлакат нисбат ба ҳаҷми истеҳсолоти худ зиёдтар истеъмол мекунад). Чунин ҳолат ҳамон вақт имконпазир аст, ки агар мамлакат ба қарз зиндагӣ кунад. Лекин қарзҳоро дар оянда бо фоиз баргардонидан лозим аст, бинобар ҳамин имконияти имрӯз аз имкониятҳои аслии иқтисодӣ зиёдтар сарватмандона зиндагӣ кардан дар оянда ба паст шудани некуаҳволии аҳолӣ сабаб мешавад.

Ҳамаи ин гуфтаҳо маънои онро дорад, ки муаммои мувозинатии ҳисобҳои тавозуни пардохт интихоби воситаҳоро дар назар дорад, ки мувозинатии байни даромадҳо ва хароҷотҳои умумиро барқарор намоянд.

Бо баробарии дар боло қайд шуда якчанд дигаргуниҳоро амалӣ мекунем.

Агар ба тарафи рости баробарӣ андозҳои софро TN ҷам кунем, он гоҳ чунин баробариро ҳосил мекунем:

$$Xn = Y - C - TN + TN - G - I \quad (30.3)$$

Фарқи байни даромадҳо ва ҷамъи истеъмолот ва андозҳои соф андозаи пасандозҳои хусусиро ($S_P$)нишон медиҳад.

$$Y - C - TN = S_P \quad (30.4)$$

Фарқи байни андозҳои соф ва хароҷотҳои давлатӣ ба барзиёдии (профитсити) буҷети давлатӣ ва ё пасандозҳои давлатӣ ($S_G$) баробар аст:

$$TN - G = S_G \quad (30.5)$$

Ҷамъи пасандозҳои хусусӣ ва давлатӣ ба андозаи пасандозҳои миллӣ ($S_N$) баробар аст:

$$S_P - S_G = S_N \quad (30.6)$$

Аз ин баробариҳои дар боло қайд шуда ҳаҷми содироти софро чунин қайд намудан мумкин аст:

$$Xn = (Y - C - TN) + (TN - G) - I = S_N - I \qquad (30.7)$$

Аз ин баробарӣ дидан мумкин аст, ки содироти соф ба фарқи байни пасандозҳои миллӣ ва инвеститсияҳои миллӣ баробар аст. Ин баробариро дигаргун намуда, чунин баробариро ҳосил кардан мумкни аст:

$$Xn + (I - S_N) = 0 \qquad (30.8)$$

Ин баробарӣ нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти кушод байни чоришавиҳои беруниқтисодии молу хизматҳо ва чоришавиҳои молиявӣ дар бозори капитал алоқаманди вуҷуд дорад.

Агар инвеститсияҳои дохили аз пасандозҳои миллӣ зиёд бошанд **($I>S_N$)**, он гоҳ барзиёдии инвеститсияҳо бояд аз ҳисоби мамлакатҳои хориҷа бо воситаи воридшавии капитал ва ё қарзгирӣ рӯйпӯш карда мешавад. Дар навбати худ ин қарзҳо ба мамлакат имконият медиҳанд, ки мол ва хизматҳоро нисбат ба содирот зиёдтар ворид мекунанд **(IM>Ex)**, яъне содироти соф дар ин ҳолат бузургии манфиро ташкил мекунад **(Ex<0)**. Дар миқёси ҷаҳонӣ мамлакат ба сифати қарзгиранда баромад мекунад.

Агар пасандозҳои миллӣ аз инвеститсияҳои дохили зиёд бошад, он гоҳ пасандозҳои барзиёд ба хориҷа инвеститсия карда шуда, барои қарздиҳии хамкорони хориҷӣ истифода мешавад. Ба дигар мамлакатҳо ин қарзҳо лозим мешавад, зеро содироти мол ва хизматҳо аз мамлакати мазкур аз ҳаҷми воридоти ӯ зиёд мебошад, яъне содироти соф бузургии мусбӣ аст **(Ex>0)**. Дар миқёси ҷаҳонӣ мамлакат ба сифати қарздиҳанда баромад мекунад.

Ҳамин тавр, айнияти асосии макроиқтисодӣ, ки шароитҳои мувозинатии дохилиро инъикос мекунанд бо ҳисобҳои тавозуни пардохт, яъне бо шароитҳои мувоизантии беруна алоқаи зич доранд.

Таҳлили алоқамандиҳои макроиқтисодӣ дар асоси айнияти даромадҳо ва хароҷотҳои умумӣ бо хулосае тасдиқ карда мешавад, ки мувофиқи он ҳисоби ҳаракати капитал ва хисоби амалиётҳои ҷории тавозуни пардохт якдигарро мувозинат мекунанд. Касрати хисоби амалиётҳои ҷорӣ бо

воридшавии софи капитал молиягузорӣ карда мешавад. Дар навбати худ бақияи мусбии ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ бо барориши софи капитал алоқаманд аст.

# РӮИХАТИ АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА (БО ЗАБОНИ АСЛӢ).


1. Агапова Т.А., Серегина С.Ф.. Макроэкономика (учебник)./Под общей ред. А.В. Сидоровича. М., 2004.
2. Баликоев В.З. Общая экономическая теория ( учебное пособие). - Новосибирск, 2000.
3. Вечканов Г.С., Вечканова Г.Р.. Микро - и макроэкономика (энциклопедический словарь). С.Пб., 2001.
4. Ивашковский С.Н.. Микроэкономика (учебник) М., 2001.
5. Ивашковский С.Н.. Макроэкономика (учебник) М., 2000.
6. Алексей Киреев. Международная экономика. Ч. 1.2 (учебное пособие). М., 1999.
7. Курс экономической теории (учебник) /Под общей ред/ Чепу-рина М.И., Киселевой Е.А. - Киров, 2002.
8. Курс экономической теории ( учебное пособие) /Руководитель авторского коллектива и научный редактор А.В. Сидорович. М.. 2001.
9. Курс экономики (учебник) /Под ред. Б.А. Райзберга, М., 2000.
10. Матвеева Т.Ю. Введение в макроэкономику (учебное пособие). М., 2002.
11. Макроэкономика: теория и российская практика (учебник) / Под ред. А.Г. Грязновой и И.Н. Думной. М., 2005.
12. Микроэкономика: теория и российская практика (учебник) / Под ред. А.Г. Грязновой и И.Н. Думной. М., 2005.
13. Международные валютно-кредитные и финансовые отношения (учебник) /Под ред. Л.Н. Красавиной. М., 2001.
14. Национальное счетоводство ( учебник) / Под ред. Б.И. Башка-това, М., 2002 г.
15. Нуреев Р.М.. Курс микроэкономики (учебник). М., 2001.
16. Ревинский И.А.. Международная экономика и мировые рынки (учебное пособие). - Новосибирск, 1998.
17. Романов В.Н., Романова Г.В. Современная экономика в вопросах и ответах (микроэкономика). С.Пб, 2001.
18. Рузавин Г.М.. Основы рыночной экономики (учебное пособие). М., 1996.
19. Руководство по платежному балансу.5 - е изд. 1993, МВФ.
20. Тарануха Ю.В., Земляков Д.Н.. Микроэкономика (учебник)/Под ред.

А.В. Сидоровича. М., 2002.

21. Экономическая теория ( учебник) /Под ред. А.И. Добрынина, Л.С. Тарасевича, Санкт-Петербург, 2001 г.

22. Экономика ( учебник по курсу " Экономическая теория") /Под ред. А.С. Булатова. М., 1999.

23. Экономическая теория ( учебник) /Под общей ред. В.И. Видя-пина, А.И. Добрынина, Г.П. Журавлевой, Л.С. Тарасевича, М., 2002.
24. Экономическая теория (учебник) /Под ред. А.Г. Грязновой, Т.В.Чечелевой. М., 2003.
25. Экономическая теория. Микроэкономика - 1,2.(учебник)/Под общей ред. Г.В. Журавлевой. М., 2004.
26. Хрестоматия по экономической теории / (составитель .Е.Ф. Борисов/ М., 2000.
27. Ядгаров Я.С.. История экономических учений ( учебник)/ М., 2000.
28. Экономика в вопросах и ответах /Под ред.И. П. Николаевой. М.,2003.
29. Экономическая теория ( политэкономия), (учебник) /Под ред. В. И. Ведяпина, Г.П. Журавлевой. М., 2005.
30. Экономика ( учебник для неэкономических вузов / Под ред. Е. Н. Лобачевой. М., 2004.
31. Елисеев А. С. Современная экономика ( учебное пособие). М., 2005.